34 тин

НАШРИЕТИ „ИРФОН"

ГУЛШАНИ АДАБ

1

# ГУЛШАНИ АДАБ



АКАДЕМИЯИ ФАНҲОИ РСС ТОҶИКИСТОН

# ГУЛШАНИ АДАБ

Намунаи назм иборат
аз панҷ ҷилд

ИНСТИТУТИ ШАРҚШИНОСӢ

ГУЛШАНИ АДАБ

Намунаҳои назми форсу тоҷик
Асрҳои IX — XIII

ҶИЛДИ I

Тоҷик 1+и (форс)
Г 82

Ҳайати таҳририя:

*Мирзо Турсунзода, Муҳаммад Осимӣ, Абдулғанӣ Мирзоев. Аълохон Афсаҳзод, Даврон Ашӯров.*

Тартибдиҳандагон:

*Камол Айнӣ, Баҳром Сирус, Аълохон Афсаҳзод, Ҷобул Додалишоев.*

7—4—2—2
2—73

# ДЕБОЧА

Адабиёти тоҷик, ки маҳсули то аввали асри XVI онро адабиёти тоҷику форс мегӯянд, яке аз адабиётҳои қадимтарин ва бойтарини дуньёст, ки нахустин ёдгориҳои хаттии он ба нимаҳои аввали ҳазорсолаи якуми пеш аз мелод тааллуқ дорад. Ламъаҳои ин адабиёт дар «Авесто» (махсусан дар бахши «Готҳо»), «Бундаҳишн», «Денкард», порчаҳои «Худойномак», «Дарахти ассурик», «Ёдгори зарирон», «Қорномаи Ардашери Бобакон», «Пандномаи Анушервон» ва амсоли инҳо тазоҳур намуда, то ба замони мо омада расидаанд. Вале забони адабиёти то асри IX мелодии тоҷику форс забони қадимии форсӣ, паҳлавӣ, суғдӣ, баъдтар арабӣ ва ғайра буда, мо дар хусуси жанрҳо, намудҳо ва шаклу воситаҳои бадеии адабиёти қадимии худ маълумоти хеле каме дар даст дорем.

Аз асри IX мелодӣ сар карда ба туфайли ташаккули давлатҳои миллии тоҷикон — Тоҳириён (821—873), Саффориҳо (867—910) ва махсусан Сомониён (819—1005) адабиёти нави тоҷикӣ ба майдон омада, инкишофу рушд ёфт, ки адабиёти советии тоҷик қуллаи баландтарини он аст. Адабиёти нави тоҷик дар тӯли ёздаҳ қарни ташаккули худ роҳи дуру дарози бошараферо тай карда, муборизаи қаҳрамононаи халқи тоҷикро барои озодӣ, истиқлол ба тарзи ибратбахше инъикос менамояд. Агар ибтидои он бо муборизаҳои зиддихалифат вобаста бошад, таърихи минбаъдаи он бо таърихи шарафманди халқ мутобиқан ҷараён ёфта, гулшани ҳазору садсолаи адабиёти тоҷикро ашъори самимии Рӯдакӣ, «Шоҳнома»-и безаволи Фирдавсӣ, манзумоти ҳакимонаи Носири Хисрав, рубоиҳои оламгири Умари Хайём, ишқномаҳои Низомӣ, андарзҳои омӯзгори ахлоқ Саъдӣ,

ҳаҷвияҳои намакини Убайди Зоконӣ, ғазалҳои дилошӯби Ҳофиз, таронаҳои шӯрангези Камоли Хуҷандӣ, достону манзумаҳо ва девонҳои хазинаи маънии Ҷомӣ, тавсифҳои шаҳрошӯби Сайидои Насафӣ дар мадҳи косибон, ашъори файласуфонаи Бедил ва амсоли инҳо зеб медиҳад ва анбарогин мегардонад. Адабиёти тоҷик хазинаи хирад, ойинаи гетинамои баҳодурии халқ, корномаи буньёдкории аҳли меҳнат ва оташкадаи ошиқгудози ишқу муҳаббат аст.

Халқи тоҷик адабиёти ғанӣ ва оламшумули худро чун гавҳараки чашм муҳофизат карда, онро аз алангаҳои кишварсӯзи истилогарони аҷнабӣ наҷот дод ва то ба замони мо оварда расонд.

Масъалаи ба оммаи хонандагон бо алифбои нав дастрас намудани осори адабии тоҷику форс дар Тоҷикистон яке аз вазифаҳои бисьёр зарур ва дорои аҳамияти сиёсӣ ва маданӣ ба шумор меравад. Бинобар ин аз рӯзҳои нахустини ғалабаи Инқилоби Кабири Октябрь аҳли адаби тоҷик аз қарорҳои Партияи Коммунистӣ ва Давлати Советӣ рӯҳбаланд гардида, барои дастраси умум кардани ин мероси бузурги фарҳангии халқи худ хидматҳо мекунанд. Ибтидои ин кор «Намунаи адабиёти тоҷик» буд, ки онро сардафтари адабиёти советии тоҷик устод Садриддин Айнӣ соли 1925 тартиб дода, соли 1926 дар Москва ба нашр расонд. Ин китоб ба муқобили ақидаи пантуркистон, ки мавҷудияти халқи тоҷик ва маданияти қадимии онро инкор мекарданд, равона карда шуда буд. Баъдтар осори назмии гузаштагони мо дар китоби «Намунаҳои адабиёти тоҷик», ки соли 1940 дар зери таҳрири умумии С. Айнӣ, С. Улуғзода, А. Деҳотӣ, М. Турсунзода, М. Раҳимӣ ва И. Брагинский ба табъ расид, ба таври нисбатан васеъ ва пурратар гирд оварда шуд. Дар кори ба чоп тайёр намудани ин китоби муфид аксари шоирону нависандагони тоҷик ва мутахассисони адабиёти мо фаъолона иштирок намуда буданд.

Инак, аз он вақт 33 сол гузашта бошад ҳам, бо вуҷуди нашрҳои мутааддиди осори бузургони зиёди адабиёти тоҷику форс, эхтиёҷи хонандагон — донишҷӯён, муаллимон, шогирдони мактаб ва умуман ҳавасмандон ва мухлисони адабиёт ба ин қабил китобҳои ҷомеи адабӣ, ки аз ҷараёни умумии он дарак медиҳанд, рӯз ба рӯз зиёд мешавад. Ҳамин ниёзмандии аҳли завқро ба назар гирифта, бахши матншиносии Институти шарқшиносии



Академияи фанҳои РСС Тоҷикистон барои дар хонандагон роҷеъ ба адабиёти мо тасаввури комилтар ҳосил кунондан дар баробари нашри куллиёту маҷмӯаҳои мунтахаби нависандагону шоирони алоҳидаи асрҳои IX—XX тартибу нашри маҷмӯаи бисьёрҷилдаеро низ таҳия кард, ки намунаи тамоми жанру намудҳои адабиёти форсу тоҷикро тибқи ҷараёни таърихии он фаро мегирад. Инак китобе, ки ҳоло шумо дар даст доред, ҷилди якуми он гулчини панҷҷилда аст, ки «Гулшани адаб» номида шудааст.

Дар панҷ ҷилд асосан намунаи осори адибоне оварда мешавад, ки дар таърихи адабиёти форсу тоҷик мавқеи бузург ё мақоми хурде доштаанд. Намунаи осори онҳо ҳам тақрибан мувофиқи мақоми ҳар адиб каму зиёд интихоб шудааст. Фақат як истисно ҳаст: аз осори Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, Абулқосими Фирдавсӣ, Фахриддини Гурґонӣ, Низомии Ганҷавӣ, Шайх Муслиҳиддин Саъдии Шерозӣ, Амир Хусрави Деҳлавӣ, Шамсиддин Ҳофизи Шерозӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ, Бадриддин Ҳилолӣ ва амсоли инҳо, ки осорашон ба тарзи хеле пурра дар солҳои наздик дастраси хонандагон гардидааст, камтар ҷой дода шуда, баръакс кӯшише шуд, ки дар китоб аз осори адибоне, ки осорашон дар Тоҷикистон ҳанӯз камтар чоп шудааст ва ё чоп нашудааст, бештар ҷой дода шавад. Иқтибосҳо асосан аз нусхаҳои хаттии девону куллиётҳои шоирон, ки дар китобхонаҳои Иттифоқи Советӣ маҳфузанд, асарҳои дар Тоҷикистон ва Эрону Ҳиндустон нашршудаи онҳо ва дар маврилҳое, ки баъзе китобҳо дастрас набуданд, аз маҷмӯаҳои баёзмонанд ва намунаҳои адабиёту тазкираҳо гирифта шудаанд. Ҳангоми интихоби порчаҳои шеърӣ таълимоти В. И. Ленин дар хусуси дар ҳар маданияти миллӣ мавҷуд будани ду маданияти миллӣ раҳнамои тартибдиҳандагон буд.

Дар ин китоб пеш аз овардани намунаҳо доир ба ҳаёти шоир маълумоти кӯтоҳи тарҷимаиҳолӣ ва пеш аз намунаи достонҳо — мазмуни мухтасари онҳо нақл карда мешавад. Дар вақти навишта шудани ин аз «Лубобул-албоб»-и Муҳаммад Авфӣ, «Чаҳор мақола»-и Низомии Арӯзии Самарқандӣ, «Тазкират-уш-шуаро»-и Давлатшоҳи Самарқандӣ, «Маҷолис-ун-нафоис»-и Алишер Навоӣ, «Тӯҳфаи Сомӣ», тазкираҳои Нисорӣ, Малеҳо, Мутрибӣ, Возеҳ, «Таърихи Сиистон», «Таърихи Гардезӣ», «Равзат-ус-сафо», «Ҳабиб-ус-сияр» ва амсоли ин тазки-

раҳо, маҷмӯаҳои гуногун, китобҳои таърихи адабиёти форсу тоҷик, асарҳои монографии олимони советӣ ва хориҷӣ ва мақолаҳои алоҳида истифода шуд.

Дар вақти ба чоп тайёр кардани маҷмӯа тарзи навишти калимаҳои аз истеъмолбаромада ва камистеъмол аз рӯи луғат ва қомусҳо дода шуд. Вале тарзи навишти баъзе калимаҳо, агар барои риоя кардани қофия лозим бошад, мувофиқи равияи илмии умумие, ки дар дигар корҳои бахши матншиносӣ ва нашри осори адабии Институти шарқшиносии АФ РСС Тоҷикистон қабул гардидааст[1], тағьир дода шуд (масалан: худ — х(в)ад, нохуш — нох(в)аш ва ғайра).

Қайд кардан зарур аст, ки ба ғайр аз тартибдиҳандагони асосии ҷилди якум дар тадвини он рафиқони дигар низ иштирок карданд: Мирзо Аҳмадов намунаҳои эҷодиёти Адиб Собири Тирмизӣ, Амрияздон Алимардонов намунаҳои осори Бобо Тоҳири Урьён, Ҳаким Эроншоҳ ва Абдулвосеи Ҷабалӣ, Алиқул Девонақулов порчаҳои достони «Ҳадиқат-ул-ҳақиқат»-и Саноӣ, намунаҳои осори Муиззӣ ва Асириддини Ахсикатӣ ва ӯ бо Шамсиддин Нуриддинов порчае аз «Вис ва Ромин»-ро интихоб ва ба чоп ҳозир кардаанд ва таҳрири аввали ҷилди якум ва дуюми «Гулшани адаб»-ро Қ. Айнӣ, Б. Сирус, З. Аҳрорӣ ва Ҷ. Додалишоев анҷом дода, тамоми матнҳоро санҷида баромаданд. Аз ин ҷиҳат ин кори онҳо барои сифати китоб кӯмаки калон расонд. Хизмати муҳаррири нашриёт Қутбӣ Киромро, ки матнҳоро чандин бор хонда баромад ва бо камоли диққат китобро аз таҳрири охирин баровард, алоҳида қайд кардан зарур аст.

Умедворем, ки ин китоб писанди умум гардад.

*Тартибдиҳандагон*

---

[1] *Абулқосим Фирдавсӣ.* Шоҳнома, иборат аз 9 ҷилд. Ба чоп тайёркунандагон Қ. Айнӣ. З. Аҳрорӣ, Б. Сирус, ҷилди I, сарсухани А. Мирзоев, Душанбе, 1964, саҳ. 8.

# РӮДАКӢ

*Қофиласолори адабиёти тоҷику форс Абӯабдуллоҳ Ҷаъфар бинни Муҳаммади Рӯдакӣ тақрибан соли 858 дар деҳаи Рӯдак (Панҷрӯди имрӯзаи райони Панҷакенти республикаи мо) ба дуньё омадааст. Кӯдакӣ ва ҷавонии шоир дар деҳааш мегузарад. Рафта-рафта ӯ дар шоирӣ ва созандагӣ ном мебарорад. Рӯдакӣ махсусан рӯд ва чангро хуб менавохт. Ҳокимони Сомонӣ овозаи ӯро шунида, вайро ба дарбори худ ҷалб мекунанд. Дар Бухоро истеъдоди ӯ боз ҳам нашъунамо меёбад.*

*Устод Рӯдакӣ осори адабии зиёде боқӣ гузошта будааст, ки онро сад дафтар, як миллиону сесад ҳазор байт низ гуфтаанд. Аммо Асадии Тӯсӣ яксаду ҳаштод ҳазор байт доштани ӯро хабар медиҳад. Аз ин осори бепоёни ӯ то имрӯз қариб ҳазор байт боқӣ мондаасту халос. Мероси боқигузоштаи ӯро қасидаву ғазал, қитъаву рубоӣ ва маснавӣ ташкил мекунад. Порчаҳои боқимондаи маснавиҳо гувоҳӣ медиҳанд, ки ӯ ҳафт маснавӣ суруда будааст, ки дар байни онҳо «Калилаву Димна» ва «Синдбоднома» ҳам ҳаст.*

*Устод Рӯдакиро дар ҳангоми пириаш шоҳ номардона кӯр мекунад. Ӯ боз ба зодгоҳи худ баргашта, соли 941 аз дуньё чашм мепӯшад. Осори боқимондаи устод Рӯдакӣ чандин бор нашр шуда, писанди хонандагони сершумори Ватани мо гардид.*

## ШИКОЯТ АЗ ПИРӢ

Маро бисуду фурӯ рехт ҳар чӣ дандон буд,
Набуд дандон, ло-бал чароғи тобон буд.
Сапеду симзада буд, дурру марҷон буд,
Ситораи саҳарӣ буду қатраборон буд.
Яке намонд кунун з-он, ҳама бисуду бирехт,
Чӣ наҳс буд? — Ҳамоно ки наҳси Кайвон буд.

На наҳси Кайвон буду на рӯзгори дароз,
Чӣ буд ман-т бигӯям, қазои яздон буд.
Ҷаҳон ҳамеша чу чашмест, гирдгардон аст,
Ҳамеша то буд, ойин-ш гирдгардон буд.
Ҳамон, ки дармон бошад, ба ҷои дард шавад
Ва боз дард ҳамон, к-аз нахуст дармон буд.
Куҳан кунад ба замоне ҳамон куҷо нав буд
Ва нав кунад ба замоне ҳамон, ки хулқон буд.
Басо шикастабиёбон, ки боғи хуррам буд
Ва боғи хуррам гашт, он куҷо биёбон буд.
Ҳаме чӣ донӣ, эй моҳрӯи мушкинмӯй,
Ки ҳоли банда аз ин пеш бар чӣ сомон буд?
Ба зулфи чавгон нозаш ҳамекунӣ ту бад-ӯ,
Надидӣ он гаҳ ӯро, ки зулфчавгон буд.
Шуд он замона, ки рӯяш ба сони дебо буд,
Шуд он замона, ки мӯяш ба сони қатрон буд.
Чунон ки хубии меҳмону дӯст буд азиз,
Бишуд ки боз наёмад, азизмеҳмон буд.
Басо нигор, ки ҳайрон будӣ бад-ӯ дар чашм,
Ба рӯи ӯ дари чашмам ҳамеша ҳайрон буд.
Шуд он замона, ки ӯ шод буду хуррам буд,
Нишоти ӯ ба фузун буду бими нуқсон буд.
Ҳамехариду ҳамесохт бешумор дирам,
Ба шаҳр ҳар кӣ яке турки норпистон буд.
Басо канизаки некӯ, ки майл дошт бад-ӯ,
Ба шаб зи ёрии ӯ назди ҷумла пинҳон буд,
Ба рӯз чунки наёрист шуд ба дидани ӯ,
Ниҳеби хоҷаи ӯ буду бими зиндон буд.
Набиди равшану дидори хубу рӯи латиф
Агар гарон буд, зӣ ман ҳамеша арзон буд.
Дилам хизонаи пурганҷ буду ганҷи сухан,
Нишони номаи мо мӯҳру шеър унвон буд.
Ҳамеша шоду надонистаме, ки ғам чӣ бувад,
Дилам нишоту тарабро фарохмайдон буд.
Басо дило, ки ба сони ҳарир карда ба шеър,
Аз он сипас, ки ба кирдори сангу сандон буд.
Ҳамеша чашмам зӣ зулфакони чобук буд,
Ҳамеша гӯшам зӣ мардуми сухандон буд.
Аёл на, зану фарзанд на, маунат на,
Аз ин ситам ҳама осуда буду осон буд.
Ту Рӯдакиро, эй моҳрӯ, ҳамебинӣ,
Бад-он замона надидӣ, ки ин чунинон буд.
Бад-он замона надидӣ, ки дар ҷаҳон рафтӣ



Сурудгӯён, гӯӣ ҳазордастон буд.
Шуд он замон, ки ба ӯ унси родмардон буд,
Шуд он замона, ки ӯ пешкори мирон буд.
Ҳамеша шеъри варо зӣ мулук девон аст,
Ҳамеша шеъри варо зӣ мулук девон буд.
Шуд он замона, ки шеъраш ҳама ҷаҳон бинвашт,
Шуд он замона, ки ӯ шоири Хуросон буд.
Куҷо ба гетӣ будаст номвар деҳқон,
Маро ба хонаи ӯ сим буду ҳамьён буд.
Киро бузургию неъмат зи ину он будӣ,
Варо бузургию неъмат зи оли Сомон буд.
Бидод мири Хуросон-ш чил ҳазор дирам,
Дар ӯ фузунии як панҷ мири Мокон буд.
Зи авлиёш пароканда низ ҳашт ҳазор,
Ба ман расид, бад-он вақт ҳоли хуб он буд.
Чу мир дид сухан, дод доди мардии хеш,
Зи авлиёш чунон, к-аз амир фармон буд.
Кунун замона дигар гашту ман дигар гаштам,
Асо биёр, ки вақти асову анбон буд.

## МОДАРИ МАЙ

Модари майро бикард бояд қурбон,
Баччаи ӯро гирифту кард ба зиндон.
Баччаи ӯро аз ӯ гирифт надонӣ,
То-ш накӯбӣ нахусту з-ӯ накашӣ ҷон.
Ҷуз ки набошад ҳалол дур бикардан,
Баччаи кӯчак зи шири модару пистон.
То нахӯрад шир ҳафт моҳ ба тамомӣ,
Аз сари урдибиҳишт то буни обон.
Он гаҳ шояд зи рӯи дину раҳи дод,
Бачча ба зиндони тангу модар қурбон.
Чун бисупорӣ ба ҳабс баччаи ӯро,
Ҳафт шаборӯз хира монаду ҳайрон,
Боз чу ояд ба ҳушу ҳол бубинад,
Ҷӯш барорад, бинолад аз дили сӯзон.
Гоҳ забар зер гардад аз ғаму гаҳ боз
Зер-забар ҳамчунон з-андӯҳи ҷӯшон.
Зар(р) бар оташ куҷо бихоҳӣ полуд,
Ҷӯшад, лекин зи ғам наҷӯшад чандон.
Боз ба кирдори уштуре, ки бувад маст,
Кафк барорад зи хашму зояд шайтон.

Марди харос кафкҳош пок бигирад,
То бишавад тирагишу гардад рахшон,
Охир, к-ором гираду начаҳад тез,
Дар-ш кунад устувор марди нигаҳбон.
Чун бинишинад тамому софӣ гардад,
Гунаи ёкути сурх гираду марҷон.
Чанд аз ӯ сурх чун ақиқи ямонӣ,
Чанд аз ӯ лаъл чун нигини Бадахшон.
В-ар-ш бибӯӣ гумон барӣ, ки гули сурх
Бӯй бад-ӯ доду мушку анбари бобон.
Ҳам ба хум андар ҳамегудозад чунин,
То ба гаҳи навбаҳору нимаи найсон.
Он гаҳ агар ними шаб дараш бикушой,
Чашмаи хуршедро бубинӣ тобон.
В-ар ба булӯр-андарун бубинӣ, гӯӣ,
Гавҳари сурх аст ба кафи Мӯсии Имрон
Зуфт шавад родмарду суст диловар,
Гар бичашад з-ӯю рӯйзард — гулистон.
В-он ки ба шодӣ яке кадаҳ бихӯрад з-ӯй,
Ранҷ набинад аз он фарозу на аҳзон.
Андӯҳи даҳсоларо ба Танҷа рамонад,
Шодии навро зи Рай биёраду Уммон.
Бо маи чунин, ки солхӯрда бувад чанд,
Ҷом бигардад фарози панҷаи хулқон.
Маҷлис бояд бисохта маликона,
Аз гулу в-аз ёсуману хайрии алвон.
Неъмати фирдавс густурида зи ҳар сӯ,
Сохта коре, ки кас насозад чунон.
Ҷомаи заррину фаршҳои навойин,
Шӯҳра раёҳину тахтҳои фаровон.
Барбати Исову фаршҳои фаводӣ,
Чанги Мудакниру нои чобуки чонон.
Як саф мирону Балъамӣ бинишаста,
Як саф Ҳаррону Пирсолеҳи деҳқон.
Хусрав бар тахти пешгоҳ нишаста,
Шоҳи мулуки чаҳон амири Хуросон.
Турк ҳазорон ба пой пеши саф-андар,
Ҳар як чун моҳи бар ду ҳафта дурафшон.
Ҳар як бар сар басо-к мӯрд ниҳода,
Рӯш маи сурху зулфу чаъдаш райҳон.
Бодадиҳанда буте бадеъ зи хубон,
Баччаи хотуни турку баччаи хоқон.
Чун-ш бигардад набид чанд ба шодӣ,



Шоҳи чаҳон шодмону хурраму хандон.
Аз кафи турке сиёҳчашми парирӯй,
Қомати чун сарву зулфакон-ш чавгон,
З-он маи хушбӯй соғаре биситоріад,
Ёд кунад рӯи шаҳриёри Сачистон.
Худ бихӯрад нӯшу авлиёш ҳамэдун
Гӯяд ҳар як чу май бигирад шодон:
«Шодии Бӯ Ҷаъфар Аҳмад бинни Муҳаммад,
Он маҳи озодагону мафхари Эрон,
Он малики адлу офтоби замона,
Зинда бад-ӯ доду рӯшноии гайҳон,
Он-к набуд аз наҷоди одам, чун ӯ,
Низ набошад, агар нагӯӣ бӯҳтон.
Ҳуҷҷати якто худою сояи ӯяст,
Тоати ӯ карда воҷиб ояти Фурқон.
Халқ зи хоку зи обу оташу боданд,
В-ин малик аз офтоби гавҳари Сосон.
Фар(р) бад-ӯ ёфт мулки тираву торӣ,
Адн бад-ӯ гашт низ гетии вайрон.
Гар ту фасеҳӣ, ҳама маноқиби ӯ гӯй
В-ар ту дабирӣ, ҳама мадоеҳи ӯ хон.
В-ар ту ҳакимию роҳи ҳикмат ҷӯӣ,
Сирати ӯ гиру хуб мазҳаби ӯ дон.
Он-к бад-ӯ бингарӣ ба ҳикмат, гӯӣ
Инак Суқроту ҳам Фалотуни Юнон.
В-ар ту фақеҳию сӯи шаръ гирой,
Шофеи инак ту, Бӯ-Ҳанифаву Суфьён.
Гар бикушояд зуфон ба илму ба ҳикмат,
Гӯш кун инак ба илму ҳикмати Луқмон.
Марди адабро хирад физояду ҳикмат,
Марди хирадро адаб физояду имон.
В-ар ту бихоҳӣ фариштае, ки бубинӣ,
Инак ӯяст ошкоро Ризвон».
Хуб нигаҳ кун бад-он латофату он рӯй,
То ки бубинӣ бар ин, ки гуфтам, бурҳон.
Покии ахлоқи ӯву покнажодӣ
Бо нияти неку бо макорими эҳсон.
В-ар сухани ӯ расад ба гӯши ту як роҳ,
Саъд шавад мар туро нуҳусати Қайвон.
В-ар-ш ба садр-андарун нишаста бубинӣ,
Ҷазм бигӯй, ки зинда гашт Сулаймон.
Сомсаворе, ки то ситора битобад,
Асб набинад, чун ӯ савор ба майдон,

Боз ба рӯзи набарду кину ҳамият,
Гар-ш бубинӣ миёни миғфару хафтон.
Хор намояд-т зиндапил бад-он гоҳ
В-ар чи бувад масту тез гаштаву ғуррон.
В-ар-ш бидидӣ Сифандиёр гаҳи разм,
Пеши синонаш ҷаҳон давидию ларзон.
Гарчи ба ҳангоми ҳилм кӯҳ тани ӯй,
Кӯҳи Сиём аст, ки кас набинад чунбон.
Душман ар аждаҳост, пеши синонаш
Гардад чун мум пеши оташи сӯзон.
В-ар ба набард оядаш ситораи Баҳром,
Тӯшаи шамшери ӯ шавад ба гаравгон.
Боз бад-он гаҳ ки май ба даст бигирад,
Абри баҳорӣ чун ӯ наборад борон.
Абри баҳорӣ ҷуз оби тира наборад,
Ӯ ҳама дебо ба тахту зар(р) ба анбон.
Бо ду каф ӯ зи бас ато, ки бубахшад,
Хор намояд ҳадису қиссаи ҷӯфон.
Лоҷарам, аз ҷуду аз саховати ӯяст,
Нарх гирифта мадеҳу сомити арзон.
Шоир зӣ ӯ равад фақиру тиҳидаст,
Бо зари бисьёр боз гардаду ҳамлон.
Марди суханро аз ӯ навохтану бир(р),
Марди адабро аз ӯ вазифаи девон.
Боз ба ҳангоми доду адл бар халқ
Нест ба гетӣ чун-ӯ набилу мусулмон.
Дод биёбад заиф ҳамчу қавӣ з-ӯй,
Ҷавр набинӣ ба назди ӯву на удвон.
Неъмати ӯ густурида бар ҳама гетӣ,
Он чи кас аз неъматаш набинӣ урьён.
Бастаи гетӣ аз ӯ биёбад роҳат,
Хастаи гетӣ аз ӯ биёбад дармон.
Бо расани афви он муборак хусрав,
Ҳалқаи танг аст ҳар-ч дашту биёбон.
Пӯзиш бипазираду гуноҳ бибахшад,
Хашм наронад, ба афв кӯшаду ғуфрон.
Он малики Нимрӯзу хусрави пирӯз,
Давлати ӯ юзу душман — оҳуи нолон.
Амр-бинн-ал-Лайс зинда гашт бад-ӯ боз,
Бо ҳашами хешу он замонаи эшон.
Рустамро ном агар чи сахт бузург аст,
Зинда бад-ӯяст номи Рустами Дастон.
Рӯдакиё, барнавард мадҳи ҳама халқ,



Мидҳати ӯ гӯю мӯҳри давлат бистон!
В-ар-ч бикӯшӣ ба ҷаҳди хеш бигӯй
В-ар чи кунӣ тез фаҳми хеш ба сӯҳон,
В-ар чи дусад тобеа фаришта дорӣ,
Тезпаре бозу ҳар-ч чинию шайтон.
Гуфт надонӣ сазошу хезу фароз ор,
Он-к гуфтӣ, чунон-к гуфтӣ натвон.
Инак мадҳе чунон, ки тоқати ман буд,
Лафз ҳама хубу ҳам ба маънӣ осон.
Ҷуз ба сазовори мир гуфт надонам,
В-ар чи Ҷарирам ба шеъру Тоию Ҳассон.
Мадҳи амире, ки мадҳ з-ӯст ҷаҳонро,
Зинат ҳам з-ӯю фарру нузҳату сомон.
Сахт шикӯҳам, ки аҷзи ман бинамояд,
В-ар чи Сареам або фасоҳати Саҳбон.
Бар духти мадҳ арза кард замоне
В-ар чи бувад чира бар мадоеҳи шоҳон.
Мадҳи ҳама халқро карона падид аст,
Мидҳати ӯро карона неву на поён.
Нест шигифте ки Рӯдакӣ ба чунин ҷой,
Хира шавад беравону монад ҳайрон.
В-ар на маро Бӯ-Умар диловар кардӣ
В-он гаҳ дастуре гузидаи Аднон.
Заҳра куҷо будаме ба мадҳи амире,
Қ-аз паи ӯ офарид гетӣ яздон.
В-ар-ам заифию бебудам набудӣ
В-он-к набуд аз амири машриқ фармон.
Худ бидавидӣ ба сони пайк мураттаб
Хидмати ӯро гирифта ҷома ба дандон.
Мадҳи расул аст, узри ман бирасонад,
То бишиносад дуруст мири сухандон.
Узри раҳи хешу нотавонию пирӣ,
Қ-ӯ ба тани хеш аз ин наёмад меҳмон.
Давлати мирам ҳамеша бод бар афзун,
Давлати аъдои ӯ ҳамеша ба нуқсон!
Сар-ш расида ба моҳ-бар ба баландӣ
В-они муодӣ ба зери моҳӣ пинҳон.
Талъати тобандатар зи талъати хуршед,
Неъмати поянлатар зи Ҷудию Саҳлон.

* * *

Омад баҳори хуррам бо рангу бӯи тиб,
Бо сад ҳазор нузҳату ороиши аҷиб...

Шояд, ки марди пир бад-ин гаҳ шавад ҷавон,
Гетӣ бадил ёфт шабоб аз паи машиб.
Чархи бузургвор яке лашкаре бикард,
Лашкар-ш абри тираву боди сабо — нақиб.
Наффот — барқи равшану тундур-ш таблзан,
Дидам ҳазор хайлу надидам чунин муҳиб,
Он абр бин, ки гирьяд чун марди сӯгвор,
В-он раъд бин, ки нолад чун ошиқи каиб.
Хуршедро зи абр диҳад рӯй гоҳ-гоҳ,
Чун он ҳисорие, ки гузар дорад аз рақиб,
Якчанд рӯзгор ҷаҳон дардманд буд,
Беҳ шуд, ки ёфт бӯи суман бодро табиб.
Борони мушкбӯй биборид нав ба нав
В-аз барф баркашид яке ҳуллаи қасиб.
Кунҷе, ки барф пеш ҳаме дошт, гул гирифт,
Дар ҷӯяке, ки хушк ҳаме буд, шуд ратиб.

### ДАР МАРСИЯИ АБУЛҲАСАНИ МУРОДИ

Мурд Муродӣ на ҳамоно ки мурд,
Марги чунон хоҷа на корест хурд.
Ҷони кироми ба падар боз дод,
Қолбуди тира ба модар супурд,
Они малак бо малак рафт, боз,
Зинда кунун шуд, ки ту гӯӣ бимурд.
Коҳ набуд ӯ, ки ба боде парид,
Об набуд ӯ, ки ба сармо фусурд.
Шона набуд, ӯ ки ба мӯе шикаст,
Дона набуд ӯ, ки заминаш фушурд.
Ганҷи заре буд дар ин хокдон,
К-ӯ ду ҷаҳонро ба ҷаве мешумурд.
Қолиби хокӣ сӯи хоке фиганд,
Ҷону хирад сӯи самовот бурд.
Ҷони дувумро, ки надонанд халқ,
Мисқалае карду ба ҷонон супурд.
Соф буд омехта бо дурди май,
Бар сари хум рафту ҷудо шуд зи дурд.

### АЗ ОСОРИ ДИГАР

Бӯи ҷӯи Мӯлиён ояд ҳаме,
Ёди ёри меҳрубон ояд ҳаме.



Реги Омӯ бо дуруштиҳои ӯ
Зери по чун парниён ояд ҳаме.
Оби Ҷайҳун бо ҳама паҳноварӣ
Хинги моро то миён ояд ҳаме.
Эй Бухоро, шод бошу дер зӣ,
Мир зӣ ту шодмон ояд ҳаме.
Мир моҳ асту Бухоро осмон,
Моҳ сӯи осмон ояд ҳаме.
Мир сарв асту Бухоро бӯстон,
Сарв сӯи бӯстон ояд ҳаме.
Офарину мадҳ суд ояд ҳаме,
Гар ба ганҷ андар зиён ояд ҳаме.

* * *

Шод зӣ бо сиёҳчашмон шод,
Ки ҷаҳон нест ҷуз фасонаву бод.
З-омада шодмон бибояд буд,
В-аз гузашта накард бояд ёд,
Ману он ҷаъдмӯи ғолиябӯй,
Ману он моҳрӯи хурнажод...
Некбахт он касе, ки доду бихӯрд,
Шӯрбахт он, ки ӯ нахӯрду надод.
Боду абр аст ин ҷаҳон афсӯс,
Бода пеш ор, ҳарчи бодо-бод!

* * *

Чаҳор чиз мар озодаро зи ғам бихарад
Тани дуруcту хӯи неку номи неку хирад.
Ҳар он кӣ эзидаш ин ҳар чаҳор рӯзӣ кард,
Сазад, ки шод зияд ҷовидону ғам нахӯрад.

### ДАР МАДҲИ НАСР БИННИ АҲМАД

Ҳотами Той туӣ андар сахо,
Рустами Дастон туӣ андар набард.
Не, ки Ҳотам нест бо ҷуди ту род,
Не, ки Рустам нест дар ҷанги ту мард.

* * *

Зулфи туро чим кӣ кард, он ки ӯ
Холи туро нуктаи он чим кард.
В-он дахани танги ту, гӯй, касе
Донакаке нор ба ду ним кард.

* * *

Нигорино, шунидастам, ки гоҳи меҳнату роҳат
Се пироҳан салаб будаст Юсуфро ба умр-андар.
Яке аз кайд шуд пурхун, дувум шуд чок аз тӯҳмат,
Савум Яъкубро аз бӯш равшан гашт чашми тар.
Рухам монад бад-он аввал, дилам монад бад-он сонӣ,
Насиби ман шавад дар васл он пироҳани дигар.

* * *

Зиндагонӣ чи кӯтаҳу чи дароз,
На ба охир бимурд бояд боз.
Ҳам ба чанбар гузор хоҳад буд,
Ин расанро, агарчи ҳаст дароз.
Хоҳӣ андар анову шиддат зӣ,
Хоҳӣ андар амон ба неъмату ноз.
Хоҳӣ андактар аз чаҳон бипазир,
Хоҳӣ аз Рай бигир то ба Тароз,
Ин ҳама боду буди ту хоб аст,
Хобро ҳукм не, магар ба маҷоз.
Ин ҳама рӯзи марг яксонанд,
Нашиносӣ зи якдигаршон боз.
Ноз агар хубро сазост ба шарт,
Насазад ҷуз туро карашмаву ноз.

* * *

Рӯй ба меҳроб ниҳодан чӣ суд,
Дил ба Бухорову бутони Тароз!
Эзиди мо васвасаи ошиқӣ
Аз ту пазирад, напазирад намоз.



Морро ҳарчанд беҳтар парварӣ,
Чун яке хашм оварад, кайфар барӣ.
Сифла табъи мор дорад бехилоф,
Ҷаҳд кун, то рӯи сифла нангарӣ!

* * *

Бо он ки дилам аз ғами ҳаҷрат хун аст,
Шодӣ ба ғами туам зи ғам афзун аст;
Андеша кунам ҳар шабу гӯям: «Ё раб,
Ҳиҷрон-ш чунин аст, висолаш чун аст?!»

* * *

Тақдир, ки бар куштанат озарм надошт,
В-аз қатли ту як зарра дили нарм надошт,
Андар аҷабам зи ҷонситон, к-аз чу туе
Ҷон бистаду аз ҷамоли ту шарм надошт.

* * *

Дар раҳгузари бод чароғе, ки турост,
Тарсам, ки бимирад аз фароғе, ки турост,
Бӯи ҷигари сӯхта олам бигрифт, –
Гар нашнидӣ, зиҳӣ димоғе, ки турост!

* * *

Он харпадарат ба дашт хошок задӣ,
Момот дафу дурӯя чолок задӣ;
Он дар сари гӯрҳо таборак хондӣ,
В-ин бар дари хонаҳо табурок задӣ!

* * *

Гар бар сари нафси худ амирӣ, мардӣ,
Бар кӯру кар ар нукта нагирӣ, мардӣ;
Мардӣ набувад фитодаро пс . задан,
Гар дасти фитодае бигирӣ, мардӣ.

# ДАҚИҚӢ

*Абӯ Мансур Муҳаммад бинни Аҳмад Дақиқӣ дар нимаи аввали асри X милодӣ ба дунъё омадааст.*

*Оид ба ҷои таваллуди Дақиқӣ фикрҳои гуногун мавҷуданд. Агар Авфӣ ӯро аз Тӯс гӯяд, муаллифи «Маҷмаъ-ул-Фусаҳо» менависад, ки «баъзе балхӣ ва чанде самарқандӣ донандаш». Самарқандӣ будани Дақиқӣ аз тарафи муаллифи тазкираи «Оташкада» низ таъкид карда шудааст.*

*Соли вафоти Дақиқӣ низ равшан маълум нест. Агар дар ҳудуди солҳои 370—371 ҳиҷрӣ (980—981 милодӣ) ба назми «Шоҳнома» шурӯъ намудани Фирдавсиро, ки кори Дақиқиро давом дода буд, ба назар гирем, қатли Дақиқӣ бояд андак пеш аз ин рӯй дода бошад.*

*Аз осори Дақиқӣ на фақат қасоид, балки порчае аз «Шоҳнома», ашъори ошиқонаи навъи ғазал, қитъа ва абьёти пароканда боқӣ мондааст. Вале ҷовидонтарин асари то давраи мо расидаи вай ҳамон қисмати «Шоҳнома»-и манзуми ӯст, ки шарҳи подшоҳии Гуштосб, пайдоиши Зардушт ва ҷангҳои мазҳабии байни Гуштосб ва Арҷосб дар он тасвир ёфтааст.*

## АЗ ҚАСОИД

Паричеҳра буте айёру дилбар,
Нигоре сарвқадду моҳманзар.
Сияҳчашме, ки то рӯяш бидидам,
Сиришкам хун шудасту бар мушаҷҷар.
Агар на дил ҳамехоҳӣ супурдан,
Бад-он мижгони заҳролуд мангар.
Вагарна бар бало хоҳӣ гузаштан,
Бар оташ бигзару бар дар-ш магзар.
Ба сони оташи тез аст ишқаш,
Чунон чун ду рухаш ҳамранги озар.



Ба сони сарви симин аст қаддаш,
Валекин бар сараш моҳи мунаввар.
Фариш, он рӯй деборанги чинӣ,
Ки рашк орад бар ӯ гулбарги пурбар.
Фариш, он лаб, ки то эдар наёмад,
Зи хулд оини бӯса н-омад эдар.
Аз он шаккарлабон аст ин, ки доим
Гудозонам, чу андар об шаккар.
Аз он лоғармиён аст, ин ки ишқам
Чунин фарбе шудасту сабр лоғар.
Ба чеҳра Юсуфи дигар, валекин
Ба ҳиҷронаш манам Яъқуби дигар.
Агар бутгар чу ӯ пайкар нигорад,
Марезад он хуҷаста дасти бутгар,
В-агар Озар чун ӯ донист кардан,
Дуруд аз ҷони ман бар гӯри Озар.
Санавбар дидаму ҳаргиз надидам
Дарахти сим, к-аз бар сар санавбар.
Чунон, к-аз чашми ӯ тарсам, натарсид
Чуҳуди хайбарӣ аз теғи Ҳайдар.
Чунон-к он чашми ӯ кардаст бо ман,
Накард он номвар Ҳайдар ба Хайбар.
Чунон бар ман кунад ӯ ҷавру бедод,
Накарданд оли Бӯ-Суфьён ба Шаппар.
Чунон чун ман бар ӯ гирьям, нагирьяд
Абар Шаппир Заҳро рӯзи маҳшар.
Маро гӯяд зи чандин шеъри шоҳон
Ва чандин ошиқона шеъри дилбар.
Қ-ам аз шеъре, ки сӯи мо фиристӣ,
Наям андархури гуфтор в-аз дар.
Магар худ шеър бар ман барназебад,
Магар худ нестам, эй дӯст, дарх(в)ар?
Аё нопокдор, ин хориям бас,
Бад-ин андар наёрам сар ба чанбар.
Чаро нанвисиям боре мадеҳе
З-амири номдорон шоҳи меҳтар?
Қадом аст он ки гӯй рӯи гетӣ
Бияфрӯзад ба Бӯ Саъди Музаффар?
Ба ман деҳ то бидорам ёдгоре,
Ба пард(а)и чашм бинвисам ба анбар.
Ба ҳалқ(а)и зулфаки хешаш бубандам,
Чу таъвизе фурӯ овезам аз бар.
Чу номи он нигор омад ба гӯшам,

Фурӯ боридам аз чашм оби аҳмар.
Фироқаш сурате шуд пешам андар,
Хаёле дидамаш макрӯҳу мункар.
Битарсидам, ки ногоҳон канорам
Тиҳӣ гардонад аз бӯстони абҳар.
Чу аз ман бугсилад кай бинамаш боз
Қай ояд ин гузашта ранҷро бар?
Фурӯ борид абр аз дидагонам,
Бар он хуршед, к-аш боло санавбар.
Ҳаме бигристам, то з-оби чашмам
Чу рӯи ёри ман шуд рӯи кишвар.
Чу рӯи ёри ман шуд даҳр, гӯӣ
Ҳама ораз бишӯяд б-оби Кавсар.
Ба кирдори дурафши коваёнӣ,
Ба нақши вашшию кӯфӣ саросар
Бипӯшида либоси фарвадинӣ,
Бияфганда либоси моҳи озар.
Гул андар бӯстонон бишкуфида,
Ба сони гулбунони боғи пурбар.
Ту гӯӣ ҳар яке ҳури биҳиштист,
Ба дасти ҳар як аз ёқут миҷмар.
Ба сад гуна нигор ороста боғ,
Ба нақши вашшию нақши мусаттар.
Ба кохи мири мо монад ба хубӣ,
Кушода бар ҳама озодагон дар.
Саҳаргоҳон, ки боди нарм ҷунбад,
Биҷунбонад дарахти сурху асфар.
Ту пиндорӣ, ки аз гардун ситора
Ҳаме борида бар дебои ахзар.
Нигор андар нигору лавн дар лавн,
Ҳазорон даршуда пайкар ба пайкар.
Ба зери дебаи сабз-андар, инак,
Турунҷи сабзу зард аз бор бингар.
Яке чун ҳуққае аз зар(р) хифч аст,
Яке чун байзае бинӣ зи анбар.
Бунафша зеру зери шохи савсан
Чу бар дебои зангорӣ музаммар.
Ба шодирвони шаҳр озод монад,
Ки Искандар бар ӯ пошид гавҳар.
Дарахти сабзи тоза шому шабгир,
Ки моҳ аз бар ҳаметобад бар ӯ бар,
Дурафши Мир Абӯ Саъд аст, гӯӣ
Фурӯзон аз сараш бар тоҷ гавҳар.



Ба гетӣ з-обу оташ тезтар нест,
Ду ҷонанду ду султони ситамгар.
Туро Симурғу тири газ набояд,
На Рахши ҷодуву Золи фусунгар...
На з-оҳан диръ боистӣ, на Дулдул,
На сарпоён-ш боистӣ, на миғфар.
Яке зардуштворам орзуяст,
Ки пешат «Занд»-ро бархонам аз бар.
Ба оби гарм дармондаст поям,
Чу дар зулфайн дар ангушти Азҳар.
Адӯро аз ту бахра ғулу занҷир,
Валиро аз ту бахра тоҷу паргар.

* * *

Барафганд, эй санам, абри биҳиштӣ,
Заминро хилъати урдибиҳиштӣ.
Биҳишти аднро гулзор монад,
Дарахт ороста-ҳури биҳиштӣ.
Замин бар сони хунолуда дебо,
Ҳаво бар сони ниландуда ваштӣ.
Ба таъми нӯш гашта чашмаи об
Ба ранги дидаи оҳуи даштӣ.
Чунон гардад ҷаҳон ҳазмон, ки гӯӣ
Паланг оҳу нагирад ҷуз ба чуштӣ.
Буте бояд кунун хуршедчеҳра,
Маҳе к-ӯ дорад аз хуршед пуштӣ.
Буте рухсори ӯ ҳамранги ёқут,
Мае бар гунаи ҷома(и) куништӣ.
Ҷаҳон товусгуна гашту дидор
Ба ҷое нармию ҷое дуруштӣ.
Бад-он монад, ки гӯӣ аз маю мушк
Мисоли дӯст бар саҳро навиштӣ.
Зи гил бӯи гулоб ояд бад-он сон,
Ки пиндорӣ гул андар гул сириштӣ.
Дақиқӣ чор хислат баргузидаст
Ба гетӣ аз ҳама хубию зиштӣ:
Лаби ёқутрангу нолаи чанг,
Маи хушрангу дини Зардуштӣ.

* * *

Зи ду чиз карданд мар мамлакатро:
Яке парниёнӣ, яке заъфаронӣ.

Яке зар(р)и номи малик барнавишта,
Дигар оҳани обдода(и) ямонӣ.
Қиро бӯяи вуслати мулк хезад,
Яке чунбише боядаш осмонӣ.
Забоне сухангӯю дасте кушода,
Диле ҳам-ш кина, ҳамаш меҳрубонӣ,
Ки мулкаш шикорест, к-ӯро нагирад
Уқоби паранда, на шери жаёнӣ.
Ду чиз аст, к-ӯро ба банд андар орад:
Яке теғи ҳиндӣ, дигар зар(р)и конӣ.
Ба шамшер бояд гирифтан мар ӯро,
Ба динор бастан-ш пой ар тавонӣ.
Қиро бахту шамшеру динор бошад,
Бибояд тани пиру пушти каёнӣ.
Хирад бояд, он ҷову ҷуду шуҷоат,
Фалак мамлакат кай диҳад ройгонӣ?!

* * *

Аз боғ гул фиристад ҳар ними шаб абир
В-аз шох андалеб бисозад ҳаме сафир.
Рухсори он нигор ба гул-бар ситам кунад,
В-он рӯйро намоз барад моҳи мустанир.
Эй офтоби чеҳраи бутзоди сарвқад,
К-аз зулф мушк борӣ в-аз нӯки ғамза тир.
Бингошта чунин набувад бар бутони Чин,
Тимсоли рӯи Юсуфи Яъқуб бар ҳарир.
Аз барги лола ду лаб дорӣ, фарозӯ рӯй,
Як мушт ҳалқаи зиреҳ аз мушку аз абир.
Гӯӣ ки Озар аз паи Зӯҳра нигор кард,
Симин-ш оразину бар ӯ гесувон чу қир.
Гӯӣ каманди Рустам гашт он каманди зулф,
К-аз бӯстон гирифта гули сурхро асир.
Гӯӣ худой-ш аз маи лаъл офарид лабаш,
Ё доягон-ш дода зи ёқути сурх шир.

* * *

Бархезу барафрӯз, ҳало, қиблаи Зардушт,
Биншину барафган шиками қоқумӣ бар пушт.
Бас кас, ки зи Зардушт бигардиду дигар бор
Ночор кунад рӯ ба сӯи қиблаи Зардушт.



Ман сард наёбам, ки маро з-оташи ҳиҷрон
Оташкада гаштаст дилу дида чу чархушт.
Гар даст ба дил барниҳам, аз сӯхтани дил
Ангишт шавад бе шак дар дасти ман ангушт.
Эй рӯи ту чун боғу ҳама боғ бунафша,
Хоҳам, ки бунафша чинам аз зулфи ту як мушт.
Он кас, ки туро кушт, туро кушту маро зод,
В-он кас, ки туро зод, туро зоду маро кушт.

* * *

Эй абри баҳманӣ, на ба чашми ман андарӣ,
Дам зан замонакеву баросою кам гарӣ.
Ин рӯзу шаб гиристани зор баҳри чист?
Не чун манӣ ғарибу ғами ишқ барсарӣ.
Дардо ҷудо бимондаму дар ғам зи ишқи ёр,
Ман з-ин тавонгарам, ки мабод ин тавонгарӣ.
Ёре гузидам аз ҳама халқон паринажод,
З-он шуд зи пеши чашми ман имрӯз чун парӣ.
Лашкар бирафту он бути лашкаршикан бирафт,
Ҳаргиз мабод кас, ки диҳад дил ба лашкарӣ.

* * *

Қошкӣ андар ҷаҳон шаб нестӣ,
То маро ҳиҷрони он лаб нестӣ.
Захми ақраб нестӣ бар ҷони ман,
Гар варо зулфи муақраб нестӣ.
В-ар набудӣ кавкабаш дар зери лаб,
Мӯнис ар то рӯз кавкаб нестӣ.
В-ар мураққаб нестӣ аз некӯӣ,
Ҷонам аз ишқаш мураккаб нестӣ.
В-ар маро бе ёр бояд зистан,
Зиндагонӣ кош, ё раб, нестӣ!

* * *

Шаби сиёҳ бад-он зулфакони ту монад,
Сапедрӯз ба покии (он) рухони ту монад.
Ақиқро чу бисоянд нек судагарон,
Ки обдор бувад, бо лабони ту монад.
Ба бӯстони мулукон ҳазор гаштам беш,

Гули шукуфта ба рухсорагони ту монад.
Ду чашми оҳуву ду наргиси шукуфта ба бор,
Дурусту рост бад-он чашмакони ту монад.
Ҡамони бобулиён дидаму тарозуи ту,
Ҡи баркашида шавад б-абрӯвони ту монад.
Туро ба сарвани боло ҡиёс натвон кард,
Ҡи сарвро ҡаду боло бад-они ту монад.

# РОБЕАИ БАЛХӢ

*Робеаи Балхӣ, ки духтари Ҡаъб аст, аз шоираҳои номии муосири Рӯдакист, дар Балх таваллуд ва нашъунамо ёфтааст. Ӯ ба забони тоҷикӣ ва арабӣ шеър мегуфтааст. Соли вафоти ӯ маълум нест.*

### АЗ ОСОР

Фишонд аз савсану гул симу зар бод,
Зиҳӣ боде, ки раҳмат бод бар бод.
Бидод аз накши Озар сад нишон об,
Намуд аз сеҳри Монӣ сад асар бод.
Мисоли чашми Одам шуд магар абр,
Далели лутфи Исо шуд магар бод.
Ҡи дур(р) борид ҳар дам дар чаман абр,
Ҡи ҷон афзуд хуш-хуш дар шаҷар бод.
Агар девона абр омад, чаро пас
Ҡунад арза сабӯҳӣ ҷоми зар бод?!
Гули хушбӯй, тарсам, оварад ранг,
Аз ин ғаммози субҳи пардадар бод.
Барои чашми ҳар ноаҳл гӯӣ,
Арӯси боғро шуд ҷилвагар бод.
Аҷаб чун субҳ хуштар мебарад хоб,
Чаро афганд гулро дар саҳар бод?

* * *

Ишҡи ӯ боз андар овардам ба банд,
Кӯшиши бисьёр н-омад судманд.
Тавсанӣ кардам, надонистам ҳаме,
Ҡ-аз кашидан сахттар гардад каманд.
Ишҡ дарьёи каронанопадид,
Ҡай тавон кардан шино, эй хушманд!

Ошиқӣ хоҳӣ, ки то поён барӣ,
Бас бибояд сохт бо ҳар нописанд.
Зишт бояд диду ангорид хуб,
Заҳр бояд хӯрду пиндорид қанд.

* * *

Зи бас гул, ки дар боғ маъво гирифт,
Чаман ранги Арженги Мони гирифт.
Магар чашми Маҷнун ба абр андар аст,
Ки гул ранги рухсори Лайло гирифт.
Ҳаме монад андар ақиқин қадаҳ
Სиришке, ки дар лола маъво гирифт.
Сари наргиси тоза аз зарру сим,
Нишони сари тоҷи Кисро гирифт.
Чу рӯҳбон шуд андар либоси кабуд,
Бунафша магар дини тарсо гирифт?

* * *

Маро ба ишқ ҳаме мӯҳтамил кунӣ ба хиял,
Чӣ ҳуҷҷат орӣ пеши Худои аззаваҷал?
Ба ишқат-андар осӣ ҳаме наёрам шуд,
Ба динам-андар тоғӣ ҳамешавам ба масал.
Наим бе ту нахоҳам, ҷаҳим бо ту равост,
Ки бе ту шакар заҳр асту бо ту заҳр асал.
Ба рӯи некӯ такья макун, ки то якчанд
Ба Сунбул андар ниҳон кунанд наҷми Зуҳал.

# АБУЛҚОСИМ ФИРДАВСӢ

*Устоди назми тоҷику форс яке аз бузургтарин достонсароёни дунъё Абулқосим Мансур бинни Ҳасан Фирдавсӣ дар байни солҳои 932—936 дар деҳаи Божи музофоти Тоброни тобеи Тӯс ба дунъё омадааст. Падару бобои ӯ аз деҳқонон буданд.*

*Айёми тифлӣ, ҷавонӣ ва таҳсили Фирдавсӣ ба давраи Сомониён (875—999) рост меояд. Дар ин давра шоири ҷавон забони модарии худ ва забони арабиро омӯхта, санъати шеърӣ азхуд мекунад. Фирдавсӣ баъд аз қатли Дақиқӣ (соли 980), ки ба навиштани «Шоҳнома» камар баста буд, кори ӯро давом медиҳад ва соли 994 таҳрири аввалини «Шоҳнома»-и худро ба поён мерасонад. Шоир асари худро аз нав кор карда соли 1010 таҳрири дуввуми онро анҷом медиҳад ва баъди меҳнатӣ сӣ-сию панҷсола «Шоҳнома»-ро ба Султон Маҳмуди Ғазнавӣ тақдим мекунад. «Шоҳнома» бо баъзе сабабҳо ба Султон Маҳмуд мақбул нагардид ва ин боиси оворагӣ ва парешонии шоир гардид.*

*Пас Фирдавсӣ аз Ғазнин гурехта ба Ҳирот меравад ва дар он ҷо қариб ним сол дар хонаи падари Азрақӣ — Исмоили Варроқ пинҳон мешавад. Мувофиқи ривоятҳо дар ин ҷо ӯ ҳаҷвияи машҳури худро дар ҳаққи Султон Маҳмуд менависад.*

*Фирдавсӣ аз Ҳирот ба Тӯс бармегардад, аммо аз таҳдид ва ғазаби Султон Маҳмуд хавф бурда, ба Табаристон ҳиҷрат мекунад. Баъд аз Табаристон ба Бағдод рафта, дар он ҷо достони «Юсуф ва Зулайхо»-ро менависад.*

*Фирдавсӣ баъди хеле оворагию машаққат ба зодгоҳи худ баргашта соли 1020 вафот мекунад.*

*Бузургтарин ёдгории аз худ боқӣ гузоштаи Фирдавсӣ «Шоҳнома»-и ӯст, ки ба қавли худаш шаст ҳазор байтро дарбар мегирад. «Шоҳнома» ва достонҳои ҷудогонаи он ба бисьёр забонҳои ҷаҳон тарҷима карда шудааст.*

## АЗ «ШОҲНОМА»

Мазмуни мухтасари «Шоҳнома» чунин аст;

Мувофиқи ривоятҳои зардуштӣ, худованди некӣ Ахура Мазда чун аз муборизаи сахте, ки дар оянда бо кувваи бадӣ (Ангра Маню) пеш хоҳад омад, огоҳ буд, одамро офарид, то ки дар ин мубориза муттафиқ ва ёридиҳандаи вай бошад. Бинобар ин ҳамин ки одам пайдо шуд, ӯ дарҳол мавриди ҳамла ва ҳуҷуми қувваи нопок қарор ёфт. Аҳриман (номи қадимтари он Ангра Маню мебошад), барои ҳуҷум кардан ба худи Каюмарс ҷуръат карда наметавонист, чаро ки Қаюмарс нисбат ба вай хеле қавитар буд. Бинобар ин вай писари худро маҷбур намуд, ки ба фарзанди Қаюмарс — Сиёмак ҳуҷум карда, ӯро бикушад. Бо ҳалокати Сиёмак муборизаи сахти қувваҳои аҳриманӣ бо инсон сар мешавад.

Қаюмарс бо набераи худ Ҳушанг тамоми қувваҳои некӣ ва покро ҷамъ мекунад ва ба қувваи тирагию бадӣ зарбаи сахте расонида, писари Аҳриманро мекушад. Дар айёми ҳукмронии Ҳушанг, дар рӯзҳои гашти зимистонии офтоб чашне ҷорӣ мегардид, ки он ҷашн «Сада» номида мешуд. Дар ин рӯзҳо дар майдонҳо ва дар қуллаи кӯҳсор оташҳо меафрӯхтанд ва инсон ба ин восита кӯшиш мекард, ки ба таваллуд ёфтан — баргаштани офтоб ёрӣ диҳад. Писари Ҳушанг Таҳмурас (шакли қадимиаш Тахма Урупи) тасаллут ва ҳукмрониеро, ки падараш дар мубориза бо қувваҳои бадӣ ба даст оварда буд, нигоҳ дошт. Ӯ муваффақ шуд, ки Аҳриманро ба сифати чорпои саворӣ ба хидмат кардан водор кунад. Ӯ Аҳримансавор дар қаламрави худ сайру гашт мекард. Баъд аз Таҳмурас ҳукмронӣ ба писараш Ҷамшед (шакли қадимиаш Ҷима Хшайта-Йимои нуронӣ) расид. Давраи салтанати вай — асри рифоҳу осоиши афсонавӣ мебошад. Мардум дар ин давра чӣ будани ташвиш ва эҳтиёҷро намедонистанд, дар он айём дарду бемори, пирию афсурдагӣ ва марг вуҷуд надошт. Ҷамшед аз давлату номи баланди худ мағрур шуд ва бо ҳамин ба Аҳриман имкон дод, ки алфози нораво ва бемаъноро ба даҳони вай гузорад. Ҷамшед аз тобеони худ талаб намуд, ки ӯро ҷаҳонофарин хонанд ва ӯро парастиш кунанд.

Ҳамин ки ин алфози нораво аз даҳони вай баромад





ҳамон дам аз ёрмандӣ ва дастгирии Ормуздо маҳрум гашт. Дар рӯи замин низоъ ва ҷанҷолҳо бархост; аз ҳар тараф ба тахти подшоҳӣ муддаиён пайдо шуданд. Истилогари даҳшатангез Заҳҳок ба майдон баромада қаламрави Ҷамшедро ба таҳти итоати худ даровард. Ҷамшед гуреза шуд ва хеле вақт дар ҷаҳон овора гашт, рӯзе ҷосусони Заҳҳок ӯро дар қарибиҳои дарьёи Чин дастгир намуданд ва бо фармони ҳокими нав зинда ба зинда бо арра ду нимааш карданд.

Аҳриман ҳис кард, ки Заҳҳок ба вай ҳамкор ва дастьёри содиқе шуда метавонад. Ӯ оҳиста-оҳиста торҳои худро дар гирди подшоҳи нав танидан гирифт. Заҳҳок аввал бо иғвои Аҳриман падари худро кушт. Пас аз он Аҳриман ҳилаи боз ҳам моҳиронатаре ба роҳ андохт. Ӯ ба шакли ошпазе даромада гӯштхӯриро ба Заҳҳок омӯхт. Ин хӯроки нав ба Заҳҳок ба андозае маъқул афтод, ки ба ошпаз рухсат дод, ҳар чӣ дилхоҳи ӯст, аз подшоҳ талаб намояд. Аҳримани ошпаз талаби зиёде надошт; аз шоҳ фақат ҳаминро илтимос намуд, ки ба бӯсидани ду китфи шоҳ ба вай рухсат дода шавад. Аз ҷои ин ду бӯсаи иблисӣ ду мор сар зада, дарҳол боиси ранҷу озори Заҳҳок гардиданд. Ҳамаи ҷораю тадбирҳо барои халосӣ аз ранҷу озори ин ду мор бенатиҷа монд. Пас аз бисьёрҳо ранҷу озори Заҳҳок Аҳриман аз нав, акнун ба сифати табиб дар ҳузури шоҳ пайдо шуд ва гуфт: ягона илоҷи ороми ин морҳо ҳар рӯз ба онҳо хӯронидани мағзи сари ду одам мебошад. Заҳҳок фармудаи табибро иҷро кард ва ҳар рӯз аз мардуми мамлакат ду нафар, чун хироҷ, барои морҳо гирифта куштанд. Рафта-рафта дар қаламрави собиқи Ҷамшед маргу инқироз ҳукмфармо гардид, ки ин айни муддаои Аҳриман буд. Адади нуфус то рафт кам шуд ва замину замон хароб шуданд.

Подшоҳи золим рӯз ба рӯз бераҳмтар ва саффоктар мешуд ва мардум аз бедодии вай ба дод омаданд. Дар ин байн дар як гӯшаи дурафтодае интиқомгирандаи Заҳҳок таваллуд ёфт. Аз зани ҳомилаи Ҷамшед, ки аз чанголи таъқиб раҳой ёфта буд, Фаридуни диловар ба дуньё омад. Вақте ки Фаридун дар як кӯҳистони дуре ба воя расид, аз ҳар сӯ мардони далере, ки мақсадашон аз дасти ин ҳукмрони ғосиби манфур раҳо гардонидани мамлакат буд, ба гирди вай ҷамъ шудан гирифтанд.

Заҳҳок ба норозигии умумӣ пай бурда фармон дод то ба ин мазмун маҳзаре тартиб дода шавад, ки гӯё Заҳҳок подшоҳи одил аст ва имзокунандагони маҳзар дар тахти шоҳӣ ба ғайр аз вай будани шахси дигареро намехоҳанд.

Коваи оҳангар, ки ба ғайр аз як писар ҳамаи авлоди мардинааш тӯъмаи морҳои китфи Заҳҳок гардида буданд, ба додхоҳӣ ба дарбор омад, ки ин хироҷи мудҳиш ба ҳамаи фуқаро баробар ва одилона тақсим карда шавад. Дарбориён бо ваъдаи холӣ ӯро ором кардани шуданд ва таклиф карданд, ки ин коғазро имзо кунад. Ин таклиф оҳангари нотарсро ба ғазаб овард ва ӯ ин коғази манҳусро пора-пора карда давида аз дарбор баромада, пешгири чармини худро ба нӯги чӯбе андохта чун ливо барафрошт ва мардумро ба сарнагун намудани ин золими бераҳм даъват кард. Шӯришгарон ба дастаҳои Фаридун пайвастанд ва Заҳҳокро дастгир намуда, ба дасту пояш ғулу занҷир зада, дар қуллаи кӯҳи Дамованд ба зиндон андохтанд.

Фаридун ба тахти подшоҳӣ нишаст. Ӯ подшоҳи оқил ва одиле буд. Вале дар замони салтанати Фаридун низои хеле даҳшатоваре сар зад, ки қарнҳо давом намуд.

Фаридун қарор дод, ки мамлакатро дар байни писарони худ тақсим намояд. Ӯ ба Салм мамлакати Рум ва вилоятҳои ғарбӣ, ба Тур Тӯронзамин ва ба фарзанди маҳбубаш Эраҷ ҳукмронии Эронзамин, ба қавли худи Фирдавсӣ, «Дашти гурдон»-ро вогузор намуд. Лекин Салм ва Тур ба ин тақсим розӣ нашуда дар дил ба Эраҷ кина бастанд ва ниҳоят ӯро куштанд. Яке аз канизҳои Эраҷ, ки ҳомила буд, фарзанде ба дунъё овард, ки вайро Манучеҳр номиданд. Фаридун ба набераи худ супурд, ки аз кушандагони падараш интиқом бигирад. Манучеҳр Турро кушт ва бо ҳамин дар байни Эрону Турон душманӣ ва кинае сахт сар зад.

Қисми дигари «Шоҳнома» асосан аз достонҳои қаҳрамонӣ иборат аст.

Дар хонаводаи паҳлавон Сом фарзанде ба дунъё меояд, ки мӯйҳояш «ба сони саман» сафед буданд. Сом аз доштани чунин фарзанд ор кард ва ӯро бурда ба кӯҳи Албурз партофт. Мурғи афсонавӣ — Симурғ ин бачаи афтодаро ёфта дар оғӯши кӯҳҳо тарбия кард. Чун падараш нисбат ба ин бача ноинсофӣ ва ғаддорӣ карда буд, Симурғ ба вай «Дастон» ном дод. Дар ин байн падар



аз кардаи худ пушаймон шуд ва ба ҷустуҷӯи писари худ ба кӯҳистони Албурз рафт ва ӯро дар он ҷо сиҳат ва саломат ёфт. Бача аз мардумон дур зиндагонӣ карда ба воя расида бошад ҳам, лекин Симурғ ба вай забони одамиро омӯхта буд. Сом писарашро гирифта омад ва дар вақти ҷудо шудан Симурғ ба вай якчандто пари худро дод, ки агар сахтӣ ва балое ба сараш афтад ва ба ёрию имдоде эҳтиёҷ пайдо намояд, яке аз он парҳоро сӯзонад, Симурғ дарҳол барои ёрмандӣ ҳозир мешавад. Сом ба фарзанди худ Золи Зар ном дод. Подшоҳ Манучеҳр аз ҷасорат ва диловариҳои Зол хабар ёфта, ҳукмронии вилояти Зобулистон (Систон)-ро ба вай вогузор намуд.

Боре Золи ҷавон ба хаёли сафари Қобул афтод ва ба он ҷо омада хабар ёфт, ки ҳукмрони Қобул Меҳробшоҳ, ки аз насли Заҳҳок буд, духтари расидаи басе зебо ва раъное дорад. Дар Зол ҳаваси дидори ин духтар пайдо гардид ва қарор дод, ки ба хонаи Меҳробшоҳ биравад. Вале дар дил аз падари худ хавф дошт, ки мабодо барои ба хонаи марди бедини бутпараст рафтанаш ӯро коҳишу маломат накунад.

Меҳробшоҳ Золро дида дар хона, дар назди оилааш ин шаҳзодаи ҷавонро тавсиф кард ва духтараш Рудоба нақли падарро шунида ба он ҷавон ошиқи шайдо гардид. Рудоба ба воситаи канизаш ин ҳисси муҳаббати худро ба Зол маълум намуд ва бо вай пинҳонӣ мулоқот кард. Зол қарор дод, ки Рудобаро ба занӣ бигирад ва ин нияти худро ба падараш изҳор намуд. Ин хабар ба гӯши Манучеҳр расида ба Зол фармон дод, ки авлоди Заҳҳок — Меҳробшоҳро кушта мамлакати вайро вайрон ва торумор созад. Аммо Сом ба миёна даромада Манучеҳрро маҷбур намуд, ки аз баҳри ин қарори худ гузашта ба издивоҷи Зол бо Рудоба рухсат диҳад. Дар ин кор ба Сом ситорашиносҳо низ ёрии калон расониданд. Онҳо аз ин издивоҷ ба амал омадани ҷаҳонпаҳлавони бузургеро хабар доданд.

Вазъи ҳавли Рудоба хеле сахт шуд. Зол хатарнок будани ҳаёти арӯси худро ҳис карда, Симурғро ба ёрӣ ҷеғ зад. Симурғ ҳозир шуда фармон дод, ки паҳлӯи модарро дарида фарзандро аз раҳми вай бароранд. Ӯ мардҳаме дода гуфт, ки ба муҷарради молидани он захм сиҳат хоҳад ёфт. Мӯбаде, ки мебоист ин амалиёти ҷарроҳиро ба ҷо меовард, пеш аз сар кардан ба кор ба Рудо-

ба май нўшонд, ки бемор аз он ба беҳушӣ афтод ва азоби амалиёти ҷарроҳиро ҳис накард.

Фарзанди навтаваллудёфтаро Рустам номиданд. Ў ба андозае калон ва бақувват буд, ки шири даҳ доя базўр ба вай кифоя мекард ва дар як нишаст таоми панҷ марди калонсолро танҳо худаш мехўрд. Рустам ҳанўз дар хурдсолиаш фили сафеди дамонро, ки ҳеҷ кас ҷуръати наздик шуданашро надошт, бо зарби як ангушт аз по афтонда кушт.

Манучеҳр мурда ба ҷояш писари вай Нўзар нишаст, ки подшоҳи золиму кинадоре буд. Ҳукмрони Тўрон — Пашанг аз зулми ин шоҳи бедодгар ба дод омадани мардуми Эронро шунида, фарзанди диловари худ Афросиёбро бо лашкари гарон ба сўи Эрон фиристод. Дар аснои ҷанг Нўзаршоҳ бо ду ҳазор нафар бехтарин ҷанговарони худ ба дасти Афросиёб асир афтод. Афросиёб дар тарадуди пеш рафтан ва ҳуҷум кардан ба Меҳробшоҳ буд, ки Зол бо дастаи диловарони худ ба муқобили онҳо баромада, лашкари Тўронро ба даҳшат андохта ба гурехтан водор сохт. Зол ба халос кардани асирон муваффақ гардид, вале Афросиёб дар лаҳзаи охир аз шиддати хашм Нўзаршоҳро кушт.

Дар замони салтанати хеле кўтоҳи ҷонишини Нўзар — Зов Эрон ва Тўрон бо ҳам муоҳида баста тарҳи ҷангу ҷидол карданд ва рўди Ҷайҳун дар байни ин ду мамлакат худуд қарор дода шуд.

Афросиёб пас аз панҷ сол аҳдшиканӣ карда, боз ба Эрон ҳуҷум овард. Ҳоло навбати аз душмани ғаддор мудофиа намудани ватан ба Рустам расида буд. Паҳлавони ҷавон ба ҷустуҷўи аспи ба худ муносибе даромад. Вале пурзўртарин аспҳо низ ба вазнинии вай тоб оварда наметавонистанд. Ниҳоят ў асперо ёфт, ки онро Рахш номид ва ин асп то охирин дами ҳаёти Рустам ба вай бо садоқати комил хидмат кард.

Рустам Қайқубодро ба тахти Эрон нишонда дар ҷамъ овардани лашкари гароне ба вай ёрӣ дод ва пеш аз ҳама душмани калон ва ғаддори Эрон — Афросиёбро аз байн бурданӣ шуд.

Вале Афросиёб ҳам дар зўри бозу ва ҷангозмоӣ аз Рустам камӣ надошт.

Ду паҳлавон дар размгоҳ бо ҳам вохўранд ва Рустам бо як такон Афросиёбро аз миёнбандаш гирифта аз болои зин ҷудо намуд, вале камарбанд ба вазнинии бадани паҳлавон тоб оварда натавониста канда шуд, Афросиёб аз асп ба замин афтода ҳаросон роҳи гурезро пеш гирифт ва давон ба назди падараш омада бо зорӣ гуфт, ки дарҳол оштӣ кардан лозим аст, вагарна дар муқобили паҳлавоне чун Рустам ҳеҷ кас истодагарӣ карда наметавонад. Боз сулҳ карданд ва боз ҳам Ҷайҳун худуд қарор дода шуд.

Дар ин миён ҳукмронии Эрон ба Кайковус расид. Боре, вақте ки Кайковус дар тахти худ менишаст, ба назди вай хуньёгар — навозанда ва сарояндае омад, ки аслан аз Мозандарон — мамлакати девон буд ва бо суруд ба таърифу тавсифи кишвари зебои худ сар кард. Таърифу тавсифи Мозандаронро шунида, Кайковус ба хаёли сафари он диёр афтод. Дарбориёнаш хеле кўшиш карданд, ки шаҳро аз ин хаёл гардонанд ва ба вай ёдоварӣ карданд, ки аз пешгузаштагонаш ҳеҷ кас ҷуръат накардаст, ки ба ҷанги девҳои мудҳиши мозандаронӣ биравад. Вале шоҳи якрав иддао кард, ки ў аз тамоми пешгузаштагони худ муқтадиртар аст ва ҳеҷ коре ва сафаре нест, ки аз қуввати вай хориҷ бошад. Юруш сар шуд. Лашкари Кайковус ҳоки Мозандаронро зер кард. Шоҳи Мозандарон аз ин воқеа ба даҳшат афтода, ба ҳукмрони бузурги он сарзамин — Деви Сафед хабар фиристод. Бо амри дев Кайковус ва тамоми лашкари ў кўр шуданд ва оҷиз монда паи ҳам ба дасти девон асир афтодан гирифтанд. Фақат як нафар аз ҷанговарон тасодуфан раҳоӣ ёфта, хабари ин мағлубиятро ба Эрон бурд. Зол мехост ба ёрӣ равад, вале ба сабаби пирию афтодагӣ ба рафтан ба чунин сафари душвор ҷуръат накард. Ў Рустами ҷавонро ба ин ҷанг фиристод. Ба Мозандарон бо ду роҳ рафтан имкон дошт — яке аз онҳо роҳи осоне буд, ки шоҳу лашкараш бо он роҳ ба Мозандарон рафта буданд, аммо ин роҳ дур буда шаш моҳи тамом роҳ паймудан лозим меомад. Роҳи дигар хеле сахт ва пурхатар, вале хеле кўтоҳ ва наздик буд ва дар муддати тақрибан ду ҳафта ба Мозандарон рафта расидан имкон дошт. Таъхир кардан раво набуд, бинобар он Рустам қарор дод, ки худро бо роҳи кўтоҳ ба Мозандарон бирасонад.

Дар ин ҷо боби «Ҳафт хони Рустам» сар мешавад, ки дар манзилгоҳи аввал Рахш шереро мекушад. Баъд Рустам аз паси як бузи кўҳӣ асп давонда ба сарчашмае расид ва дар он ҷо аждарҳо ва ифрите, ки ўро ба васваса

андохтанӣ мешуд, ҳалок намуд. Дар ҷанги тан ба тан бо деви ҷангалбон Рустам гӯши ӯро канда гирифт. Рустам Авлод ном яке аз бошандагони маҳаллиро дастгир карда, ӯро ба нишон додани бошишгоҳи Деви Сафед ва ҷои исти асирони Эронӣ маҷбур намуд. Баъд вай посбони Аржангдевро ҳам кушт.

Ниҳоят, задухӯрди Рустам бо Деви Сафед ба амал омад. Паҳлавони диловар деврo кушт ва бо молидани чанд қатра аз хуни ин дев чашми лашкариёни Эрон аз нав бино гардид. Рустам ба шоҳи Мозандарон нома фиристода, ӯро дарҳол ба таслим шудан даъват намуд. Ӯ ҷавоби дағалона ва сахте фиристод. Рустам қарор дод, ки худаш бо номаи нави шоҳи Эрон ба назди вай биравад. Шоҳи Мозандарон ҷаллодро ҷеғ зада ба куштани Рустам фармон дод, вале Рустам шӯхикунон ҷаллодро дунима карда аз пеши шоҳ баромада рафт. Дар ҷанге, ки баъд аз ин воқеа рӯй дод, шоҳи Мозандарон мағлуб ва нобуд гардид ва Кайковус яке аз одамони худро ба хукмронии Мозандарон гузошта, ба Эрон баргашт.

Пас аз ин яке аз пурфоҷиатарин достонҳои «Шоҳнома» — воқеаи Сиёвуш сар мешавад.

Кайковус ба Рустам рухсати рафтан ба ватанаш — Зобулистонро дода, худаш ба ҷаҳонгардӣ ва кишваркушоӣ машғул шуд. Дар аснои ин сафарҳо вай ба кишвари Ҳамоварон расид ва дар он ҷо ба духтари зебои шоҳи Ҳамоварон — Судоба ошиқ гашта ба вай хостгор шуд. Шоҳ духтарашро ба Кайковус додан намехост. Аммо худи Судоба ба ин издивоҷ хеле толиб буд ва онҳо зану шавҳар шуданд. Лекин кинаи дили падари Судоба ҳанӯз фурӯ нанишаста буд, ӯ бо нияти ба даст афтондани Кайковус ӯро ба меҳмонӣ даъват намуд. Вале Судоба аз ин хатар шавҳарашро огоҳ сохт. Аммо Қайковус бо якраҳагии ба худаш хосе, ки боре дар Мозандарон ӯро ба ҷанголи ҳалокат кашида буд, ба сухани занаш гӯш накарда, ба он зиёфат рафт ва шабона ӯро бо тамоми аҳли рикобаш дастгир намуда, дар қуллаи кӯҳи баланде ба зиндон андохтанд. Судоба аз ин воқеа хабар ёфта, аз падараш талаб намуд, ки ӯро ҳам бо ҳамроҳи шавҳараш зиндонӣ кунад. Ин хоҳиши Судоба ба ҷо оварда шуд.

Афросиёб аз бадбахтие, ки ба сари Қайковус афтода буд, хабар ёфта боз ба эронзамин лашкар кашид. Рустам ба халос кардани Кайковус шитофт. Дар аснои ҷанге шоҳи Ҳамоваронро бо каманд дастгир намуда, Қовусро



ифтихормандона аз асорат халос кард. Баъд ба Афросиёб низ ғалаба карда ӯро ба гурехтан водор сохт.

Дар ин зимн Фирдавсӣ якчанд достонҳо, аз ҷумла достони машҳури Рустам ва Сӯҳробро баён мекунад, ки дар ин ҷо Рустам надониста фарзанди худ — Сӯҳробро бо дасти худ ба қатл мерасонад. Чунон ки аз достон маълум мешавад, модари Сӯҳроб — Таҳмина тӯронинажод буд ва ба ин васила дар раги Сӯҳроб ду хун — хуни эронӣ ва тӯронӣ ҷараён дошт. Вақте ки Рустам бо захми ҳалокатовар маҷрӯҳ гардидани фарзанди дилбанди худ Сӯҳробро дид, ба хотираш расид, ки Кайковус нӯшдоруе дорад, ки ба ҳар захми марговаре дарҳол шифо мебахшад. Аммо Қайковус тамоми некиҳоеро, ки Рустам дар ҳаққи вай ба ҷо оварда ва се бор аз ҳалокат халосаш карда буд, фаромӯш намуда, нӯшдору надод ва паҳлавони ҷавон ноком аз ҷаҳон даргузашт.

Фирдавсӣ дар ин байн боз як воқеаи дигареро нақл мекунад: се паҳлавони эронӣ — Тӯс, Гударз ва Гев дар ҷангале машғули шикор буданд, ки ба ногаҳ духтари зебои ҷавонеро диданд, ки аз таъқиби падари масташ гурехта ба ҷангал паноҳанда шудааст. Маълум шуд, ки ин духтар аз хонаводаи Гарсиваз, аз насли Фаридун мебошад. Дар сари соҳиб шудан ба ин духтар дар байни паҳлавонон низоъ афтод ва онҳо барои маслиҳат ба назди Кайковус рафтанд. Вале Кайковус ин духтарро худаш соҳибӣ кард ва аз ӯ фарзанде ба дуньё омад, ки Сиёвахш ё Сиёвуш номиданд. Қовус тарбияи ин писарро ба Рустам супурд. Рустам ҳамаи он чиро ки як паҳлавони диловар донистанаш лозим буд, ба Сиёвуш омӯхт ва пас аз ҳашт сол дастпарвардаи худро оварда ба падараш супурд. Қовус ҳукмронии Қаҳистонро ба Сиёвуш вогузор кард.

Судоба ин ҷавони зеборо дида аз дилу ҷон ба вай ошиқ шуд ва бо иҷозати Ковус Сиёвушро ба ҳарамхонаи худ ба меҳмонӣ даъват намуд ва дар он ҷо бисьёр кӯшиш кард, ки мавриди навозиши вай гардад. Сиёвуш нисбат ба ишқи Судоба бепарвоӣ карда, аз ҳарамхонаи вай давида баромад ва зани маккора вайро бо тӯҳмати таҷовуз кардан ба номуси худ айбдор намуд.

Қовус дар ин масъала ҳарчанд дудила бошад ҳам, вале бо исрори Судоба маҷбур шуд, ки бегуноҳии Сиёвуш санҷида шавад. гулхани бузурге барафрӯхтанд, ки Сиёвуш мебоист савора аз миёни он гузашта равад. Си-

ёвуш аз даруни оташ бе ҳеҷ осебе гузашт ва ба ҳамин тариқ бегуноҳиаш собит гардид. Вале Судоба бо хушомаду ишваю нози зиёде боз мавриди муҳаббат ва илтифоти Қовус қарор гирифт.

Дар ин байн боз хабари ба Эрон ҳуҷум овардани Афросиёб расид ва Судоба шавҳари худро водор кард, ки Сиёвушро ба ҷанги Афросиёб бифиристад. Қовус розӣ шуд, вале ҷавонӣ ва камтаҷрибагии ӯро ба назар гирифта, Рустамро ҳамчун машваратгар ба вай ҳамроҳ намуд. Дар задухӯрди аввалин ғалаба насиби эрониён гардид ва онҳо шаҳри Балхро аз дасти ҳариф озод карданд. Худи Афросиёб дар сафар буд. Дар он ҷо вай хоби даҳшатноке дид, ди таъбиркунандагони хоб ба ӯ гуфтанд, ки агар дар ин ҷанг Сиёвуш кушта шавад, ҳалокати Афросиёб ва вайронии тӯронзамин низ ногузир хоҳад буд. Бинобар ин Афросиёб ба роҳи сулҳталабӣ даромад. Рустам ва Сиёвуш ба шарте ба тарки мухосама ва ҷанг розӣ шуданд, ки агар Афросиёб сад нафар аз наздикони худро чун гарав ба эрониён супорад. Ин аҳднома фақат пас аз тасдиқи Кайковус ба амал даромаданаш лозим буд.

Сиёвуш барои маълум намудани шароити сулҳ Рустамро ба назди Қовус фиристод. Қовус ба таври ногаҳонӣ боз роҳи гарданшаҳӣ ва якраҳагиро пеш гирифт. «Рустам ҷангидан намехоҳад ва Сиёвушро ба сулҳ водор кардааст» гуфта гумонбар шуд ва Рустамро дар ҳузури худ нигоҳ дошта барои фармондиҳии лашкар Тӯсро ба Балх фиристод.

Афросиёб аз ин воқеа хабар ёфта ба ин фикр омад, ки Қовус аз камоли пирӣ ақли худро хӯрдааст, ки чунин кореро мекунад ва кӯшиш кард, ки ҳар чӣ зудтар бо Сиёвуш созиш кунад. Ӯ ба Сиёвуш нома фиристода ӯро ба ҳузури худ даъват намуд ва ба вай ҳар гуна эҳтиром ва ифтихорот ваъда кард. Сиёвуш чун ҳис мекард, ки аз падараш ба ғайр аз беадолатӣ ва кинаҷӯӣ муомилаи дигаре нахоҳад дид, қарор дод, ки тарки ватан намуда ба тӯронзамин паноҳанда шавад. Сиёвуш аз Тирмиз ва Чоч (шаҳре дар наздикии Тошканди ҳозира) гузашта ба қароргоҳи Афросиёб омад. Афросиёб ӯро хеле бо эҳтиром ва муҳаббат пешвоз гирифт ва ба шарафи омадани вай ҷашни бузурге барпо карда шуд. Афросиёб духтари машваратгари аввали худ Пирон — Ҷарираро ба издивоҷи Сиёвуш даровард. Аммо Пирон барои зиёдтар ба Тӯрон дилбаста намудани Сиёвуш таклиф намуд, ки Афросиёб духтари худ — Фарангисро низ ба издивоҷи вай дароварад. Афросиёб ин таклифро низ қабул намуд ва ҳукмронии яке аз вилоятҳои қаламрави худро ба Сиёвуш вогузор кард. Сиёвуш дар он ҷо барои худ пойтахте бино сохта онро Ганг-диж номид. Баъд аз бино намудани пойтахти худ ӯ ба номи Сиёвушгард шаҳри дигаре низ бино кард. Хеле оқилона ҳукмронӣ менамуд, мардум ӯро хеле дӯст медоштанд ва мамлакаташ рӯз ба рӯз тараққӣ мекард. Баъд аз чанде Афросиёб бародари худ Гарсивазро барои хабаргирӣ аз аҳволи Сиёвуш ба назди вай фиристод. Аммо қудрати Сиёвуш ва тараққиёте, ки дар вилояти зердасти вай дида мешуд, Гарсивазро ба ҳайрат ва даҳшат андохт. Ӯ ба ин фикр омад, ки агар аҳвол ба ин қарор давом намояд, дур нест, ки тамоми Тӯрон ба тахти ҳокимияти Сиёвуш афтад. Гарсивазро хусусан маҳорати Сиёвуш дар варзишҳои гуногуни паҳлавонӣ ба ҳайрат андохт. Вай ба назди бародари худ баргашта забон ба тӯҳмати Сиёвуш кушод: «Ӯ пинҳонӣ бо падараш Кайковус робита дорад ва дар истилои Тӯрон ба вай ёрӣ додан мехоҳад» гуфта иғво ба роҳ андохт. Афросиёб гуфт, ки пас дар ин сурат Сиёвушро ҳар чи зудтар ба назди падараш пас фиристодан лозим аст. Аммо Гарсиваз ба ин фикр эътироз карда гуфт, ки ӯ акнун тамоми асрори ҳарбии моро медонад ва агар ба Эрон баргардад, ҳалокати мо ногузир хоҳад буд. Бо фармони Афросиёб Гарсиваз боз ба назди Сиёвуш рафт, ки ӯро бо занаш ба ҳузури подшоҳ биёварад. Сиёвуш бе ҳеҷ гумони бад ба ин сафар ризоият дод. Аммо Гарсиваз дид, ки аҷаб нест ниятҳои ғаразкоронааш барбод раванд ва бинобар ин Сиёвушро аз ин сафар тарсонданӣ шуд ва гуфт, ки Афросиёб хеле марди пуркинаест ва фикраш фақат нобуд кардани ту мебошад. Вале Сиёвуш ба суханони вай бовар накард. Пас Гарсиваз ба вай маслиҳат дод, ки ҳанӯз ба назди Афросиёб нарафта, аввал ба вай номае бифиристад. Гарсиваз ин номаро бурда аз кайфияти Афросиёб огоҳ шуда вазъиятро ба Сиёвуш хабар медиҳад, ки омадани вай лозим аст ё не. Гарсиваз ба вай гуфт: «Агар Афросиёб ба ту қасде дошта бошад, ман ба ту хабар медиҳам, то ки битавонӣ ба Чин ё Рум гурехта, ҷони худро халос намоӣ».

Гарсиваз ба назди Афросиёб баргашта хабар дод,

ки Сиёвуш тадоруки шӯриш бардоштанро мебинад ва аз Чину Рум ба ёрии вай одамон ҷамъ мешаванд. Ҳар чи зудтар чора дидан лозим аст, вагарна кор аз кор мегузарад. Афросиёб ба болои Сиёвуш лашкар кашид. Паҳлавони ҷавон бо таъсири хобе, ки дида буд, фаро расидани ходисаи ногувораеро ҳис мекард ва дар ин бора зани худ — Фарангисро ҳам огоҳонида гуфт:— «Ту панҷ моҳ аст, ки ҳомила ҳастӣ, аз ин фарзанд эҳтиёт бош, ки вай подшоҳи бузурге хоҳад шуд». Пас аз ин ӯ бо занаш видоъ намуда, ба аспи ҷангии худ савор шуда роҳи Эронро пеш гирифт. Вале роҳи гурез баста буд. Афросиёб бо аскаронаш ӯро дастгир намуд. Сиёвуш муқобилияте нишон надод. Ҳамроҳони ӯро бераҳмона заданд ва худашро асир карда ба зиндон андохтанд. Аз ҷанговарони Афросиёб ҳеҷ кас ба куштани Сиёвуш розӣ нашуд. Аммо Гарсиваз, ки дар куштани вай хеле исрор дошт, Гаруя ном нобакореро ёфт, ки ҳалқи шаҳзодаро бурида аз тан ҷудо кард. Афросиёб аз бордор будани духтараш Фарангис огоҳ гардида фармон дод, ӯро он қадар бизананд, ки то бачаро сақат кунад, яъне партояд. Аммо Пирон ба миёна даромада Фарангисро халос кард ва ӯро ба ватани худ — Хутан фиристод. Дар он ҷо Кайхусрав аз модар таваллуд ёфт, ки Пирон вайро барои тарбия ба чӯпони кӯҳистоние супурд.

Вақте ки Кайхусрав ба воя расид, Пирон ӯро ба назди Афросиёб овард. Ӯ бо мақсади санҷидани фаҳму фаросати набераи худ ба вай ҷанд саволе дода, ҷавобҳои берабту бемаъное шунид. Афросиёб қарор дод, ки Кайхусрав ҷавони аблаҳи бефаросатест ва аз вай интизори интиқомгирӣ ва хунхоҳии падарашро доштан амри маҳол мебошад. Ӯ Кайхусравро бо ҳамроҳии модараш боз ба Сиёвушгард пас фиристод.

Хабари хиёнати даҳшатноки Афросиёб ба Эрон расида боиси даҳшат ва ғазаби зиёд гардид. Рустам дарҳол ба ҳарамхонаи Судоба даромада, ӯро, ки бо ҳилаю фитнаҳои худ боиси гуреза шудани Сиёвуш гардида буд, кушт. Лашкари интиқомгирандагон рӯй ба сӯи Турон ниҳод. Афросиёб ба муқобили онҳо писараш Сурхаро фиристод. Писари Рустам — Фаромурз Сурхаро асир гирифт. Рустам фармон дод, ки сари ӯро буридa, чунон ки бо Сиёвуш карда буданд, ҷасадашро ба биёбон андозанд. Рустам қасам хӯрд, ки ба хунхоҳии Сиёвуш ҳар турониеро, ки ба дасташ меафтад, аз дами теғ гузаронад. (Рустам Сиёвушро худаш тарбия карда буд ва бинобар ин нисбат ба Ковуси бефаросат дилаш ба вай зиёдтар месӯхт).

Дар ҷанги бузурге, ки ба лашкари Турон худи Афросиёб фармондорӣ мекард, Рустам хунрезии хеле даҳшатноке барпо намуд. Ӯ худи Афросиёбро зада аз асп бар замин афканд ва сардори лашкари Турон худро фақат ба мӯъҷизае аз чанголи марги ҳатмӣ халос карда тавонист ва аз оқибати ҷанг ба хавф афтода ба Пирон фармон дод, ки Кайхусравро дарҳол ба Чин фиристонад. Рустам аз куштаҳо пуштаҳо сохта, хонаҳо ва ободиҳоро вайрон намуда, Туронро ба биёбони беҷоне мубаддал намуд. Аммо ба худи Афросиёб даст ёфта натавониста, аз тарси он ки Афросиёб аз ақибгоҳ ба Ковуси беҳимоя ҳуҷум накунад, ба Эрон баргашт.

Мӯбадон пешгӯӣ карда буданд, ки ба Турон фақат Кайхусрав комилан ғалаба хоҳад кард. Бинобар ин Гев ба Турон фиристода шуд, ки Кайхусравро ёфта ба Эрон биёварад. Домоди Рустам Гев ҳафт соли тамом дар туронзамин дарбадару сарсон гашта, ба бисьёр балову хатарҳои аз тасаввур берун дуҷор гардида, ниҳоят ба ҷангалзоре расида дар он ҷо ҷавонеро дид.

Ин ҷавон бо қадду қомати шоҳонааш вайро ба ҳайрат андохт. Кайхусрав будани ҳамин ҷавонро фаҳмида (далели ин холҳо дар бадани шаҳзода буданд), Гев бо ҳамроҳии вай ба назди Фарангис рафт. Фарангис низ ба гурехтан ба Эрон ризоият дод, вале дар ин кор хеле эҳтиёт шуданро лозим донист. Фарангис аз хизонаи пинҳонии худ баъзе ҷавоҳиротро гирифт, онҳо Кайхусравро ба аспи падараш — Беҳзод савор карда, як пагоҳони барвақт роҳи Эронро пеш гирифтанд. Пирон аз ин воқеа хабар ёфта аз паси онҳо сесад савора фиристод, вале Гев ҳамаи онҳоро ба гурехтан водор намуд. Баъд аз ин худи Пирон аз паси онҳо равона гардид. Ӯ ба соҳили дарьёи амиқи пуробе расида гурезаҳоро дар тарафи дигари соҳил дид. Гев аз таъқибкунандагон огоҳӣ ёфта ба Кайхусрав фармуд, ки ҳар чи мумкин аст, зудтар асп давонда худро ба ҳимояи лашкари Эрон бирасонад. Худаш боз аз дарьё гузашта ба муқобилат оғоз намуд. (Фирдавсӣ дар ин ҷо намунаи бе мислӣ мардонагӣ ва аз ҷон гузаштагиро дар роҳи садоқат ба ҳукмрони худро нишон додааст). Ҷанг зиёд давом

накард ва Пирон дере нагузашта ба доми каманди Гев афтид. Паҳлавони эронӣ дасту пои бандиро баста либосу аслиҳаи ӯро пӯшида, байрақи ӯро бардошта, худро ба лашкари Пирон расонид ва бо ҳуҷуми ногаҳонии худ онҳоро торумор намуд. Гев Пиронро ба назди Кайхусрав овард. Фарангис некиҳои ӯро ба назар гирифта ба куштани вай роҳ надод ва хоҳиш кард, ки дасту по баста ба назди Ковус бурда шавад. Гурезаҳо ба ин минвол ба соҳили дарьёи Ҷайҳун расиданд. Посбони ҳудуддор барои ба соҳили дигар гузаштани онҳо киштӣ наёд ва гурезаҳо ба хавфу хатар нигоҳ накарда аз об шинокунон гузаштанд.

Лашкари Эрон бо фармондиҳии Тӯс дар ин ҷо мунтазири онҳо меистод. Тӯс, ки худро аз насли Нӯзаршоҳ ҳисоб мекард, ба баҳонаи ин ки шаҳзода нима тӯронист, аз таъзим кардан ба вай сар тофт, ки ин кор боиси ҳайронии ҳама гардид. Ин баҳс ҳатто пас аз омадани Кайковус низ давом намуд. Тӯс ба Ковус маслиҳат медод, ки дар сурате ки писараш Фарибурз зинда аст, тахту тоҷи мамлакат набояд ба наберааш дода шавад. Кайковус шарт монд, ки тахту тоҷи мамлакатро аз ин ду нафар ба он яке хоҳад дод, ки қуллаи дастнораси Ардабилро ишғол карда тавонад. Ин корро бо ёрмандии Гев бо Гударз фақат Кайхусрав ба ҷо оварда тавонист, Ковус тахту тоҷи мамлакатро ба вай вогузор намуд.

Ковус пеш аз ҳама аз Кайхусрав талаб намуд, ки хешии худро бо Афросиёб фаромӯш намояд ва ҳеҷ вақт, дар ҳеҷ шароите бо вай сулҳ накунад. Кайхусрав ба ин қасам хӯрда, ҳатто қавли хаттӣ низ дод. Баъд аз ин вай лашкари Эронро ҷамъ карда ба онҳо хитобан нутқе эрод намуд ва илтимос кард, ки дар рафъ намудани шарри Афросиёб ва ниҳоят дар таъмин намудани сулҳу осоиши бардавом ба вай ёрӣ диҳанд. Ба касе, ки Афросиёбро кушад, Кайхусрав подоши бузурге ваъда дод. Ҳар як аз паҳлавонони номдор вазифаеро ба ӯҳдаи худ гирифта бо дастаҳои худ ба сафари ҳарбӣ баромаданд.

Хусрав Тӯсро ба Тӯрон раҳсипор кард ва ба вай таъкид намуда гуфт: «Дар сари роҳ, дар Қалот бародарам Фурӯд — фарзанди Сиёвуш аз зани дигараш Ҷарира зиндагонӣ мекунад, ту аз роҳе марав, ки бо вай вохӯрда ба задухӯрд маҷбур шавӣ ва ба вай осебе бирасонӣ». Аммо Тӯс дар роҳ фикр кард, ки агар бо роҳи Қалот наравад, маҷбур мешавад аз биёбони холии беобе гузарад, ки дар он ҷо лашкараш ҳалок шуда метавонад. Вай таъкиди подшоҳро ба эътибор нагирифта бо роҳи Қалот равона шуд.

Фурӯди ҷавон, ки ӯ ҳам мисли падараш паҳлавони диловаре буд, аз омада истодани лашкари Эрон хабар ёфт ва рамаҳои худро ба кӯҳистон фиристода, худаш дар қалъаи кӯҳие пинҳон гардид. Аммо модараш ба вай гуфт: «Аз лашкари Эрон хавф бурдани ту беҷост. Инҳо ба хунхоҳии падарат меравaнд. Баромада бо сардори онҳо гап зан. Бо худат Таҳварро ҳамроҳ бар, ки вай тамоми паҳлавонони Эронро шахсан мешиносад ва номи онҳоро ба ту гуфта медиҳад».

Тӯс дар сари кӯҳ ду савораеро дида Баҳромро барои фаҳмидани кӣ будани онҳо фиристод. Вақте ки Баҳром баргашта Фурӯд будани яке аз онҳоро хабар дод, Тӯс фарьёд зада гуфт: «Ҷаро ба гардани он туркзода каманд андохта кашон-кашон ба назди ман наовардӣ? Ин ҳама барои он аст, ки ту аз насли Гударзӣ ва хонадони шумо ҳамеша бар зидди мо — авлоди Нӯзаршоҳ рафтор мекунанд».

Тӯс паиҳам чанд нафар аз паҳлавонони худро фиристода фармон дод, ки Фурӯдро дастгир намуда ба ҳузураш биёваранд. Аммо Фурӯд ҳамаи онҳоро кушт. Пас аз ин худи Тӯс ба майдон баромад. Фурӯд бо як тир аспи Тӯсро низ зада аз по афтонд. Тӯс аз пиёда ҷангидан тарсида дар зери хандаю масхараи ғуломони Фурӯд ба қароргоҳи худ баргашт ва Бежанро ба ҷанги вай фиристод. Бежан ҳам оҷиз монд, фақат Руххом бо як тири марговари аз қафо задашуда паҳлавони ҷавонро аз по афтонда тавонист.

Лашкариёни Тӯс аз ин ҳодиса хеле дилгир шуда дар ин бора чӣ гуфтани Кайхусравро андеша мекарданд.

Пас аз якчанд задухӯрд худи Афросиёб ба ҷанги эрониён омад. Ӯ шабона, вақте ки ҳама дар хоби ширин буданд, ба лашкаргоҳи Эрон шабехун зад ва бисьёр касонро нобуд намуд. Миқдори каме ҷон бадар бурда ҳаросон роҳи гурезро пеш гирифтанд.

Кайхусрав хабари ин мағлубиятро шунида ҳамаро аз бефаросатии Тӯс донист ва фармон дод, ки Фаребарз фармондиҳии лашкарро худ ба ӯҳда гирифта Тӯсро пас фиристонад. Тӯс ҳамаи хешовандони худро ҳамроҳ ги-

рифта ба Эрон равона шуд, ва боиси коҳишу маломати Кайхусрав гардид. Агар ҳурмати пиронсолагии Тӯс намебуд, дар ҳамон ҷо ба қатли вай фармон медод. Ӯ амр дод, ки Тӯс то охири умр дар мулки шахсии худ зиндагонӣ карда ба ҳеҷ як аз корҳои давлатӣ мудохала нанамояд.

Аммо иваз кардани фармондеҳи лашкар низ фоидае набахшид. Баъд аз чанд моҳ дар задухӯрди дигаре эрониён боз ҳам ба мағлубият дучор гардида шармандавор гурехтанд. Бо Афросиёб муоҳадаи сулҳ бастан лозим омад.

Дар ин ҷо достони «Қомуси Кашонӣ» сар мешавад. Эрониёне, ки дар ҳудуд ҷамъ омадаанд, бо дастаҳои Пирон вохӯрданд. Баъд аз якчанд задухӯрд Пирон Шомонеро ба имдоди худ ҷеғ зад ва бо сеҳру ҷодуи вай ҳаво тағьир ёфта барфи анбӯҳе борида сармои қаҳратуне сар шуд. Вале Руххом ба куштани Шомон муваффақ гардид ва дарҳол осмон соф ва ҳаво гарм шуда монд. Вале ҳанӯз ҳам вазъияти эрониён хеле сахт буд. Онҳо маҷбур шуданд, ки ба кӯҳи Ҳомун паноҳанда гарданд. Вале дар он ҷо ҳам бисьёр таваққуф кардан имкон надошт, чунки озуқа надоштанд. Эрониён тангии аҳволи худро ба Кайхусрав хабар доданд ва ӯ Рустамро ба имдоди онон фиристод.

Вале тӯрониён ғафлат накарда дам ба дам ба лашкари Эрон ҳамла меоварданд ва дар интизори аз гуруснагӣ бетобу тавон шудани онҳо буданд. Бо фармони Афросиёб паҳлавони номдори Тӯрон Қомуси Кашонӣ ба имдоди Пирон омад. Дар ин ҷо чандин ҷангҳои тан ба тани паҳлавонон рӯй дод, ки яке аз онҳо ҷанги Рустам бо Ашкбӯс мебошад, ки аз ҷиҳати тасвир хеле олист.

Баъд аз ин Фирдавсӣ ба достони хеле ҳаваснагези «Бежан ва Манижа» мепардозад, ки он мухтасаран чунин аст:

Ба дарбори Кайхусрав аз вилоятҳои бо Тӯрон ҳамҳудуд намояндаҳо омаданд. Онҳо шикоят карданд, ки дар заминҳояшон хукҳои ёбоии хеле бузурге пайдо шудаанд, ки ба киштҳо хеле осеб мерасонанд ва худи онон аз дафъи он ҳайвонҳо оҷиз мондаанд. Кайхусрав аз паҳлавонони дар ҳузур будаи худ пурсид, ки кадом як аз онҳо дар ин кор ёрӣ дода метавонад. Бежан ба ин кор толиб шуд. Гургин — писари Милод низ бо ҳамроҳии вай равона гардид. Бежан ин супориширо бомуваф-



фақият ба анҷом расонид. Вале Гургин, ки ҷаҳдон корнамоие нишон надода буд, ба ин муваффақияти Бежан ҳасад бурд. Гургин медонист, ки духтари Афросиёб Манижаи зебо дар он атроф ба сайру гашт баромадааст ва аз рӯи ҳилаю кина Бежанро ба тарафи ҳаймаи ӯ раҳнамоӣ намуд. Дар он ҷо паҳлавони эрониро хеле бо меҳру илтифот қабул карданд. Манижа мафтуни Бежан гардид ва онҳо шаберо бо ҳам гузарониданд. Бежан дар он ҷо ба дасти Афросиёб асир афтод. Паҳлавонро ба як зиндони торик андохтанд. Манижаро, ки тарафи Бежанро гирифта буд, падараш аз боргоҳи худ ронд. Вай гадоӣ карда ба зиндон барои Бежан тӯша мебурд.

Дар ин байн Гургин ба ҳузури шоҳ баргашта хабар дод, ки Бежанро гум карда ва фақат аспи ӯро ёфтааст. Кайхусрав аз ин ки Гургин дӯст ва ҳамроҳи худро дар тангию дармондагӣ партофта рафтааст, хашмгин шуда фармон дод, ки ӯро зиндонӣ кунанд. Худи ӯ «ҷоми ҷаҳоннамой»-и худро, ки дар он ҳама чиз намоён мешуд, гирифта ба чӣ аҳвол афтодани Бежанро дид ва Рустамро ба кӯмаки вай фиристод. Паҳлавон либоси бозургонӣ пӯшида ба Тӯрон равона шуд. Манижа хабар ёфт, ки аз Эрон барои халосии Бежан касе омадааст. Ӯ Рустамро ёфта воқеаро ба вай нақл намуда зорикунон халос намудани Бежанро пурсид. Охир, Бежан на ин ки як паҳлавони номдор, балки аз хонаводаи Гударз мебошад! Аммо Рустам нахост, ки сирри кӣ буданаш фош шавад ва Манижаро аз ҳузури худ ронд ва гуфт, ки «ман бозургони оддиям ва ҳеҷ Гударзу Бежанеро намешиносам ва бо онҳо коре надорам». Аммо бо нишондоди Манижа аз ҷои зиндоне, ки Бежан хобидааст, огоҳ шуда ӯро халос намуд. Онҳо ба тарафи Эрон равона шуданд, аммо Афросиёб хабар ёфта аз паи онон афтод. Рустам ӯро ба пас гаштан маҷбур намуда худаш сиҳат ва саломат ба ҳузури Кайхусрав омад.

Афросиёб лашкари гароне ҷамъ овард. Писараш Шедро ба Хоразм ва Пиронро ба Эрон равона кард. Дар ин ҷо достони ҷанги тан ба тани дувоздаҳ паҳлавон сар мешавад. Аз ҷумла, Пирон бо Гударзи куҳансол меҷангад. Эрониҳо ғалаба намуда, тӯрониён амон мепурсанд. Кайхусрав, ки ба майдони ҷанг омадааст, дар маросими дафни ҷанозаи Пирон иштирок мекунад ва амр медиҳад, ки Гаруяро, ки қотили падараш Сиёвуш мебошад, пора-пора кунанд.

Баъд аз ин лашкаркаширо худи Кайхусрав ба даст гирифт. Афросиёб ақибнишинӣ карда ниҳоят ба қалъаи Ганг-диж паноҳанда гардид. Ӯ Фағфури Чинро ба имдод талабид. Меъморони румӣ дар таъмир ва истеҳкоми ҳисори қалъа ба вай ёрӣ доданд.

Азбаски Кайхусрав дар ҳаққи аҳолии осудаи маҳаллӣ ҳеҷ ранҷу озоре намерасонид, дар ҳеҷ куҷо ба вай муқовамат намекарданд. Ӯ бе ҳеҷ монеа, ба осонӣ ва суръати тез пеш мерафт. Вақте ки ӯ ба қалъа наздик расид, Афросиёб ба назди вай сафирҳо фиристода бо ҳар шароите ки набошад, таклифи оштӣ кард. Аммо Кайхусрав ҷавоб дод, ки баъд аз ин ҳама аҳдшиканиҳои Афросиёб бо вай фақат бо забони шамшер гуфтугӯ хоҳад кард. Эрониҳо дар таги девори қалъа нақб канданд ва як қисми девор фурӯ рехт. Лашкариён ба қалъа даромада ба толону вайрон кардани он машғул шуданд. Афросиёб ноилоҷ будани вазъияти худро дида бо дусад нафар савора аз як роҳи зеризаминӣ баромада гурехт. Дастаҳои аз Чин ба ёрӣ омада ҳам ёрӣ расонида натавонистанд. Афросиёби гурезон худро дар наздикии Бардаъ (Озарбойҷон) ба ғоре расонда дар он ҷо пинҳон шуд. Хум ном касе дар ин ҷо ӯро дида фаҳмид, ки ин ҳамон ҷинояткорест, ки чанд вақт боз дар ҷустуҷӯи вай мебошанд. Хум дасту пои вайро баста ба назди шоҳ оварданӣ шуд. Аммо Афросиёб дастҳояшро аз банд раҳо карда худро ба кӯли Чичаст андохт. Гударз ва Гев, ки дар соҳили дигари кӯл истода буданд, ин вазъиятро дида ба гардани Афросиёб каманд андохта ӯро ба соҳил кашида бароварданд ва ин хабарро ба шоҳ расониданд. Шоҳ омада дар ҳамон ҷо сари Афросиёбро аз танаш ҷудо намуд. Баъд аз ин Гарсивазро низ, ки асир афтода буд, ба қатл расониданд. Ҷанги ҷандинсола бо ҳамин тамом шуд. Ҳоло дигар аз тарафи Тӯрон эҳтимоли ҳеҷ гуна ҳуҷум ва хатаре набуд.

Қисми афсонавии «Шоҳнома» дар ин ҷо қисман тамом шуда, баъд аз ин бисёртар қаҳрамонони таърихӣ ба майдон мебароянд.

Ҷонишини Кайхусрав Луҳрасп ду писар дошт: Зарир ва Гуштасп. Писари дуюм Гуштасп мехост, ки падараш ӯро валиаҳди худ таъин намояд. Чун падараш ба ин моил набуд, ӯ гурехта ба мамлакати Рум меравад. Дар он ҷо пулҳои худро ба зудӣ сарф намуда ба сахтӣ меафтад. Дар назди кашише ба вазифаи муншигӣ (мирзогӣ) даромаданӣ шуда бошад ҳам, аз ин натиҷае ҳосил намешавад. Ба як оҳангар шогирд мешавад, вале бо як задани путк сандонро мешиканад. Дар ин ҷо низ ба бемуваффақиятӣ дучор шуда дар назди кадхудое ба хидмат медарояд.



Қайсари Рум духтари худ Катоюнро ба шавҳар доданӣ шуда домодшавандагонро ба вай манзур кард. Катоюн аз байни ҳамаи онҳо Гуштаспро интихоб намуд. Қайсар ба як гадобачаи ғариб шавҳар кардани духтарашро ба худ ор дониста, Гуштаспро куштанӣ шуд, аммо кашиши бузург ӯро аз ин кор манъ намуд. Қайсар ин хоҳишро ба ҷо оварда бошад ҳам, лекин Катоюнро бо ҳамроҳии шавҳараш аз хонаи худ ронд. Ҳамон кадхудо боз ба онҳо ҷой дод.

Мирин ном шахсе ба духтари дуюми қайсар хостгор шуд. Қайсар куштани гурги бузургеро, ки ҳеҷ кас аз ӯҳдаи он баромада наметавонист, ба ин издивоҷ шарт гузошт. Мирин ба таври махфӣ иҷрои ин корро ба Гуштасп супорид ва баъд аз гургро куштани Гуштасп духтари қайсарро ба занӣ гирифт. Домодшавандаи сеюми қайсар низ ба Гуштасп мори хеле бузургеро кушонда ба муроди худ расид. Дар аснои як мусобиқаи тирандозӣ Гуштасп ҳунарнамоиҳо нишон дода мавриди эҳтироми дарбориён гардид.

Аз тобеони қайсар Ильёс Хазар ном касе аз додани хироҷ саркашӣ карда буд. Қайсар Гуштаспро ба ҷанги вай фиристод ва Гуштасп он саркашро бандӣ карда овард.

Қайсар аз Луҳрасп боҷ талаб карда буд. Ӯ барои музокира бо қайсар писари худ Зарирро фиристод. Зарир дар он ҷо Гуштаспро дида ба вай гуфт, ки ҳаргиз иддаои тахти подшоҳиро накардааст ва ба ин маснад бародари худро сазовор медонад. Гуштасп, ки то ҳол кӣ будани худро аз ҳама пинҳон мекард, ин сирро ба қайсар маълум намуд ва занашро гирифта равонаи Эрон гардид.

Луҳрасп тахту тоҷро ба Гуштасп вогузор намуда худ ба шаҳри Балх рафта дар он ҷо дар ибодатхонае гӯшанишин шуд. Дар ин замон Зардушт зуҳур карда дини нав овард. Гуштасп дини навро қабул намуд. Вақте ки ҳукмрони Тӯрон Арҷасп аз ин воқеа огоҳӣ ёфт, ба Эрон лашкар кашид. Дар аснои ҷанг писари

Гуштасп — қаҳрамони беҳамто — Исфандиёр хунарнамоиҳои бемисл нишон дод ва ба лашкари Тӯрон ғалаба намуд. Гуштасп барои паҳн намудани дини зардушт писараш Исфандиёрро ба кишварҳои гуногуни олам фиристод. Гуразм ном шахс дар ҳаққи Исфандиёр ба падараш тӯҳматҳо кард ва падар насанҷида писари диловари худро ба зиндон андохт ва ба дасту пои вай занҷир зад. Арҷасп аз ин воқеа хабар ёфта ба Эрон ҳуҷум овард.

(Фирдавсӣ ин достонро аз қавли Дақиқӣ нақл намуда дар ин ҷо аз гуфтаҳои вай ҳазор байтро айнан овардааст).

Арҷасп дар Балх Луҳраспи солхӯрдаро кушт. Зардушт ҳам аз дасти нобакоре ба қатл расид. Модари Гуштасп аз Балх гурехта, ин хабарро ба писари худ овард. Шоҳ дид, ки мамлакатро аз ин хавф фақат Исфандиёр халос карда метавонад. Исфандиёр аз зиндон баромада ба ҷанги Арҷасп рафт ва дар ин сафар бисьёр корномаҳо нишон дода Арҷаспу писари вай Қаҳрамро кушта ба Эрон баргашт.

Гуштасп пеш аз ба ҷанг фиристодани Исфандиёр ба вай ваъда дода буд, ки агар дар ин сафар муваффақият пайдо намояду хоҳарони худро, ки дар дасти душман асиранд, халос кунад, он вақт подшоҳиро ба вай вогузор хоҳад кард. Исфандиёр аз сафар музаффар баргашта иҷрои ваъдаро талаб намуд. Аммо падар аз тахти шоҳӣ даст кашиданро нахоста ҳилае ба кор бурд ва бо ин роҳ Исфандиёрро нест карданӣ шуд. Ӯ гуфт, ки Рустам подшоҳии ӯро намехоҳад ва умуман Гуштаспро аз хонаводаи подшоҳон ҳисоб намекунад ва ба Исфандиёр ваъда дод, ки агар Рустамро дасту по баста ба ҳузури вай биёварад, тахти шоҳӣ аз ӯст. Вазири Гуштасп дурӯғ ва ҳила будани ин гапро ба Исфандиёр фаҳмонда бошад ҳам, натиҷае набахшид. Модари Исфандиёр ҳам ӯро аз ин кор манъ намуда гуфт, ки падарат пир шудааст, ба зудӣ тарки ҳаёт мекунад ва тахт ба ту мерасад. Аммо Исфандиёр ба ин манъ карданҳо аҳамият надода, дар ҷавоб гуфт: «ба ман падарам амр додааст ва ман ба амри вай итоат накарда наметавонам» ва ба тарафи Систон равона шуд.

Исфандиёр ба Систон наздик расида писари худ Баҳманро ба назди Рустам равона кард ва ба Гуштасп итоат намуданро таклиф кард. Баҳман аз дур, аз болои



кӯҳ дар нишебӣ шикор карда гаштани Рустамро дида хост, ки бо фурӯ афтондани санги бузурге ӯро нобуд созад. Вале вақте ки харсанги калон ғелида ба наздикии Рустам расид, вай онро бо як такони пой аз худ дур кард.

Вақте ки Баҳман ба назди Рустам омад, вай дар тайёрии ношито кардан буд. Ӯ меҳмонро ба сари дастархон даъват намуд. Баҳман нишаст ва дид, ки ӯ фақат садьяки хӯрокеро, ки Рустам мехӯрад, хӯрда метавонад. Рустам талаби Гуштаспро шунида хандид ва гуфт: «то ҳол ҳеҷ касе Рустамро дар банд надидааст ва нахоҳад дид. Агар ба назди шоҳ рафтанам лозим бошад, ин фақат ихтиёрӣ шуда метавонад».

Рустам ба лаби дарьё рафта дар он ҷо ӯрдугоҳи Исфандиёрро дид ва бо даъвати Исфандиёр ба ҷодири вай даромад. Дар ин ҷо мизбон ба ҳар навъ хост, ки Рустамро ранҷонида оташин кунад, барои нишастан ҷои сазоворе нишон надод ва дар бораи падари Рустам — Зол суханони кинояомез гуфт. Паҳлавон ба тамоми ин суханони киноядор оромона ҷавобҳои шоиста дода ёдоварӣ намуд, ки агар Рустам ва хонадони вай тахту тоҷи амиронро мудофиа ва муҳофиза намекарданд, ҳоло на падар, на бобо ва на худи вай дар тахти Эрон нишаста наметавонистанд. Кӯшишҳои паҳлавони кӯҳансол барои ором кардан ва ба роҳи оштӣ даровардани шоҳзодаи ҷавон самаре набахшиданд. Исфандиёр дар гуфтаи худ сахт меистод ва Рустам бо афсӯси зиёд ба ҷанги тан ба тан розигӣ дод.

Ҷанг хел кашол ёфт ва Рустам ба рӯинтан, яъне тиру шамшер ногузар будани бадани Исфандиёр боварӣ ҳосил намуд. Паҳлавони пир аз чандин ҷо захмгин шуда тамом аз тобу тавон рафта буд. Дар ин ҷо ӯ ҳилае ба кор бурд ва фаро расидани шабро баҳона карда таклиф намуд, ки ҷанг то ба пагоҳ мавқуф гузошта шавад, Исфандиёр розӣ шуд. Рустам бе ҳолу бемадор ба назди падараш омад ва гуфт: «ман дигар бо Исфандиёр ҷангида наметавонам, барои халос шудан аз нанги мағлубият ягона роҳ ин аст, чи аз торикии шаб истифода намуда, ба ҷое гурехта равам». Зол Симурғро чеғ зад. Симурғ аввал захмҳои Рустам ва аспи ӯро марҳамҳо молида сиҳат кард ва аз воқеа хабардор шуда гуфт: «Ту барои чӣ бо Исфандиёр ба ҷанг даромадӣ? Охир ӯ зиреҳи худи Зардуштро пӯшидааст, барои ҳа-

мин ҳам бадани вай тирногузар аст. Магар ин ки бо тири дупаррадори аз дарахти гоз сохташудае, ки он дарахт фақат дар соҳилҳои дарьёи Чин мерӯяд, чашмони ӯро ба нишона бигирӣ». Симурғ паҳлавонро бардошта ба назди ин дарахт овард ва Рустам аз чӯби он дарахт тири дупаррадоре сохта шабона ба ҷои худ баргашт.

Акнун Рустам ба ҳалокат маҳкум будани Исфандиёрро медонист, пеш аз сар шудани разм бо ҳар воситае хост, ки паҳлавони ҷавонро аз давом кунонидани ин ҷанги тан ба тан манъ кунад. Аммо Исфандиёр якраҳагӣ карда ҳеҷ ба сухан гӯш намедод. Ниҳоят Рустам паҳлавон Башутанро чеғ зада гуфт: «ту гувоҳ бош, ки ман хоҳони ин ҷанг набудам». Баъд ба худо рӯ овар-да дуо кард ва гуфт: «Ин амалро ба ман бубахш, аммо содир шудани инро ӯ мехоҳад, на ман ва гуноҳи ин ба ӯҳдаи вай аст». Баъд ӯ тири сеҳрангези худро ба камон бимонда ду чашми паҳлавони ҷавонро ба нишона гирифт ва захми ҳалокатоваре зад. Рустам ба Исфандиёр ғалаба кард, аммо бо ин худро низ ба марг маҳкум намуд, чун Симурғ гуфта буд, ки ҳар кас Исфандиёрро бикушад, марги худаш ногузир мебошад.

Гуштасп хабари марги писари худро шунида дар дил мамнуннияте ҳис кард. Аммо Рустам бо вуҷуди ин дасисаи зиште, ки ба кор бурда шуда буд ва бо вуҷуди дар ин дасиса роли нозебо бозӣ кардани Исфандиёр, розӣ шуд, ки тарбияи писари вай — Баҳманро ба зиммаи худ бигирад.

Бобои Рустам — Соми паҳлавон аз канизаки худ Шағод ном писаре дошт. Шағод аввалҳо ба дарбори шоҳи Қобул, ки ба Рустам тобеъ буда, боҷ мепардохт, хизмат мекард. Шоҳи Қобул хеле орзу дошт, ки худро аз тобеияти Рустам халос намояд, аммо аз тарси ҷон ба ин мақсади худ иқдом карда наметавонист. Шағод дар ин бора чорае ёфта ба шоҳ арз намуд. Ӯ таклиф кард, ки шоҳ Рустамро ба шикор даъват намояд. Паҳлавони пир шикорро хеле дӯст медорад ва ин таклифро албатта қабул хоҳад кард. Шағод таклиф кард: дар майдоне, ки шикор гузаронида мешавад, даҳ чоҳи чуқур канда ба таги он шамшеру найзаҳо халонда болои чоҳҳоро пӯшонда мондан лозим аст. Шағод ба шоҳ гуфт: «бо ин роҳ шумо аз дасти Рустам бемалол ва ба осонӣ халос шуда метавонед».

Вақте ки Рустам ба Қобул омад, шоҳ барои изҳори



итоат бо сару пои бараҳна ба пешвози вай баромад. Онҳо ба биёбон асп давонданд. Рахш нав шудгор карда шудани заминҳоро ҳис карда роҳ рафтан намехост, аммо Рустам ӯро зада пеш ронд ва ба яке аз чоҳҳо афтод. Ҳарчанд шамшеру найзаҳо ба баданаш халида бошанд ҳам, аммо ӯ ҳанӯз зинда буд. Ӯ Шағодро чеғ зада пурсид, ки ба вай камону тире бидиҳад, ки вақти ҳанӯз зинда буданаш мабодо агар гургҳо ба вай ҳамла кунанд, худро мудофиа карда тавонад. Шағод ин хоҳиши вайро ба ҷо овард, аммо дарҳол фаҳмид, ки бо ин кор худашро бо дасти худ ба марг маҳкум кардааст. Ӯ дар паси дарахти танумандe пинҳон шудан хост, аммо Рустам фурсатро аз даст надода охирин бор охирин тирро аз камон андохт ва тир аз дарахт гузашта кори Шоғодро сохт. Рустам дар он чоҳ ҳалок гардид. Охирин паҳлавон аз саҳнаи ҳаёт нест шуд ва давраи қаҳрамонон ба охир расид.

Пас аз Гуштаспи хоин Баҳман — писари Исфандиёр ба тахти Эрон нишаст. Баҳман Сосон ном писар ва Ҳумою Чеҳразод ном ду духтар дошт. Ҳумой аз маҳрами худ бордор шуд ва Баҳман Ҳумойро ва фарзандеро, ки дар раҳми ӯст, валиаҳди худ эълон намуд. Сосон ба Нишопур гурехт. Ӯ кӣ будани худро пинҳон намуда, ба духтари яке аз хонаводаҳои асилзода хонадор шуд. Аз ӯ писаре ба дуньё омад, ки ӯро ҳам Сосон номиданд, оилаи вай дар эҳтиёҷ зиндагӣ мекард ва писараш маҷбур шуд, ки ба ҳукмрони Нишопур чӯпонӣ кунад.

Ҳумой писаре зоид, вале писари навзоди худро ба сандуқе гузошта ба дарьё андохт. Шахсе, ки дар канори дарьё ҷомашӯӣ мекард, ин сандуқро дошта гирифт. Ӯ ин писарро Дороб номид ва дере нагузашта аз он ҷо ба шаҳри дигаре кӯчид. Вақте ки писараш ба воя расид, тамоми ҳунарҳои паҳлавонӣ ва ҷанговариро омӯхта дар лашкаре, ки ба тарафи Рум мерафт, ба хидмат даромад. Дороб дар ин ҷанг чунон корнамоиҳое нишон дод, ки Ҳумой ӯро ба фарзандӣ қабул карда ба тахти подшоҳӣ биншонд. Дороб ба Шуайб ном араб ва ба Филикус ном македонӣ (падари Искандари македонӣ) ғалаба кард. Дар ин ҷо ҳикояти ба духтари Филипп хонадор шудани Дороб ва аз вай зоида шудани Искандар ва воқеаҳои ба он алоқадор сар мешаванд.

Аз паси ин дар «Шоҳнома» ба подшоҳии Эрон омадани хонаводаи сосониён тасвир карда мешавад. Под-

шоҳони давраи аввал аз худ ҳунарнамоии шоёни диққате нишон намедиҳанд. Яке аз онҳо, ки Шопури Зул-актоф ном дорад, либоси бозургонӣ пӯшида ба Рум, ба назди қайсар меравад. Дар он ҷо вайро шинохта ба пӯсти хар дӯхта ба зиндон меандозанд.

Бинобар набудани шоҳ дар мамлакати Эрон бе сару сомоние сар мешавад. Румиён ба вилоятҳои ҳудудӣ ҳуҷум оварда он ҷоҳоро толону тороҷ мекунанд. Мардум аз дини падару бобоёни худ гумроҳ шуда ба дини христианӣ медароянд. Аз зиндон озод кардани Шопур кори хеле душворе мебошад. Аммо яке аз канизҳои қайсар ба ҳоли зори ин бандӣ раҳм карда ӯро аз зиндон наҷот медиҳад ва онҳо ҳар ду аз Рум мегурезанд. Шопур ба Эрон баргашта лашкар ҷамъ оварда ба Рум ҳуҷум меоварад ва қайсарро мағлуб мекунад.

Баъд аз Шопур ба тахти Эрон Яздигурд менишинад, ки Фирдавсӣ ба вай осӣ лақаб медиҳад. Вақоеънигорони сосонӣ Яздигурдро барои ҳамин гунаҳгор номидаанд, ки ӯ ба рӯҳониёни зардуштӣ, ки дар мамлакат қудрату эътибори хеле бузурге пайдо карда буданд, тобеъ шуданро нахост ва ҳуқуқ-ихтиёроти онҳоро маҳдуд карданӣ шуд.

Дар «Шоҳнома» давраи подшоҳи писари Яздигурд Баҳром муфассал баён ёфтааст, ки вай бо номи Баҳроми Гӯр машҳур аст. Яздигурд пас аз таваллуд ёфтани Баҳром аз осеб расонидани рӯҳониён ва амалдорони худ тарсида ӯро барои тарбия ба яке аз тобеони араби худ — Мунзир супурд ва Баҳром дар тарбияи ӯ ба воя расид. Баҳром ба суруду мусиқӣ хеле ҳавас дошт ва навозандагону мутрибонро ба атрофи худ ҷамъ мекард.

Баъд аз вафоти Яздигурд амалдорони вай ҷамъ шуда яке аз хешовандони дури ӯро ба подшоҳӣ бардоштанд. Онҳо подшоҳи навро дар тахти таъсири худ нигоҳ дошта аз «худсарӣ кардан» боз доштанӣ мешуданд. Аммо Баҳром ба тахти подшоҳӣ даъвогар шуда баромад. Аввал ба вай аҳамият надоданд. Баҳром онҳоро тарсонд, ки қабилаҳои арабро ҷамъ карда ба сари онҳо метозад ва мамлакатро вайрон мекунад. Онҳо пас аз ин ба подшоҳ шудани Баҳром розӣ гардида як шарти бисьёр вазнине гузоштанд. Баҳром бояд ҳунару ҷасорати худро нишон дода тоҷи шоҳонаро, ки дар байни ду шери дамон гузошта шудааст, гирад. Баҳром ин



шартро баҷо овард. Баъд аз ин корнамоӣ рӯҳноиён ва амалдорон ба подшоҳ шудани вай тан доданд ва ӯ ба тахт баромад. Баҳром ба кайфу сафо хеле моил буд. Дар мамлакати худ сайру гашт карда ба хонаи фақиру давлатманд меҳмон шуда медаромад ва дар ҳар ҷое, ки зани зебоеро бинад, ӯро ба қаболаи никоҳи худ медаровард.

Хоқони Чин аз чӣ гуна вақт гузаронидани Баҳром хабар ёфта хаёл кард, ки бо чунин касе, ки фақат саргарми айшу ишрат мебошад, ҷангидан кори осоне хоҳад буд. Ӯ бо лашкари зиёде ба мамлакати Эрон ҳуҷум овард. Баҳром бо паҳлавонони худ ба Озарбойҷон рафт. Мардум хаёл карданд, ки подшоҳ гурхетааст ва ба тарс афтода ба хоқон кас фиристода хоҳиш карданд, ки мамлакатро вайрон накунад, ҳамагӣ ба итоат кардан ба хоқон ва ба пардохтани ҳамагуна хироҷ тайёр будани худро изҳор намуданд. Хоқон хеле хурсанд шуда ба шаҳри Марв омад ва бо лашкариёни худ дар интизори омада расидани маблағи аввалини хироҷ ба айшу ишрат машғул шуд. Дар ин байн Баҳром пинҳонӣ аскари зиёде ҷамъ оварда лашкари худро аз роҳи Омул, Гургон ва Нисо ба болои Марв ронд. Хоқон, ки ба чунин ҳуҷуми ногаҳонӣ ҳеҷ интизорӣ надошт, бо муҳофизони шахсии худ ба дасти Баҳром асир афтод. Лашкари бесармондаи вай торумор карда шуд.

Баъд аз ин Баҳром ба назди ҳукмрони Ҳиндустон Шангул, ки аз пардохтани боҷ гардан тофта буд, рафт, кӣ будани худашро нафаҳмонда дар он ҷо чандин корнамоиҳои бемисл нишон дод, гурге ва мореро кушт ва духтари шоҳро ба занӣ гирифт, ва ҳамин ки сирраш фош гардид, занашро гирифта ба Эрон гурехт ва баъд аз шасту се соли ҳукмронии хушбахтона, аз ҷаҳон даргузашт.

Баъд аз ин чандин подшоҳе, ки дар вақти ҳукмронии онҳо воқеаи шоёни диққате рӯй надода буд, Қубод ба тахти Эрон нишаст.

Зулм ва беадолатиҳои ин подшоҳ ҳамаи мардуми мамлакатро ба ҳадде ба дод оварда буд, ки онҳо ҷамъ омада Қубодро аз тахт андохта ба ҷояш бародари вайро нишонданд. Қубод ба мамлакати эфталитҳо гурехт. Мамлакат вайрона шуда дар ҳама ҷо гуруснагӣ ҳукмфармо гардид, халқ ҳазор-ҳазорҳо нобуд шуданд, анборҳои давлатмандон бо ғалладона пур буд, вале он-

ҳо аз аҳволи зори мардум парвое надоштанд. Ана дар ҳамин замон Маздак пайдо мешавад. Фирдавсӣ хусни таваҷҷӯҳи худро нисбат ба Маздак аз тарси ақидаҳои дар замонаш ҳукмрони динӣ ошкор баён карда наметавонад, вале бо вуҷуди ин нишон медиҳад, ки бо фаъолияти Маздак мардум ҳуҷум оварда анборҳои ғалларо ба даст дароварда дар байни аҳолии гурусна тақсим карданд ва ба ин роҳ ҷони мардуми зиёде аз чанголи марг раҳой ёфт.

Дар ин давра писари Қубод Хусрави Анӯшервон ба тахт мебарояд, ки дар навиштаҳои таърихнависони Шарқ бо номи Анӯшервони одил машҳур аст.

Баъд аз ин ба дарбори Анӯшервон вазири одилу донишманди вай Бузургмеҳр пайдо мешавад, ки ҳамдам ва машваратчии доимии подшоҳ мебошад. Дар маҷлисҳои Анӯшервон гуфторҳои пандомези ин вазир нақл карда мешаванд.

Дар ин боб Фирдавсӣ ҳикояти фоҷиаангезеро дар бораи Зарвони ҳасуд ва бо дасисаи вай нобуд гардидани яке аз наздикони шоҳ — Маҳбуд ном шахс ва ду фарзанди вайро баён намуда, ба чӣ тариқ фош гардидани ҳилаю найрангҳои он бадкирдор ва ба ҷазои сазои худ гирифтор шудани вайро нақл менамояд.

Баъд ҷангҳо бо эфталитҳо ва бо хоқони Чин баён карда мешавад. Ҳикояти ёфт шудани бозии нард ва пайдоиши бозии шатранҷ низ дар ин зимн оварда мешавад. Пас аз ин Фирдавсӣ аз тарафи Барзуя ном табиб тарҷима шудани китоби «Калила ва Димна» сухан меронад. Бузургмеҳр ба сабабе мавриди хашму ғазаби шоҳ воқеъ мегардад. Ӯро ба хабс меандозанд, аммо Анӯшервон бе мадади вай пеш нарафтани кори худро ҳис намуда донишмандро аз банд озод мекунад.

Баъд аз Анӯшервон писараш Ҳурмуз ба подшоҳӣ мерасад. Аввалин коре, ки ӯ кард, нобуд намудани касонест, ки дар замони падараш соҳиби обрӯ ва эътибор буданд. Аммо пас аз муддате ба хатоии худ пай бурда, дар бораи ҷазо додан ба касоне, ки худсарона қонунро вайрон мекунанд, фармон мебарорад.

Ба Эрон Совашоҳ ва қайсари Рум ҳуҷум меоваранд. Ҳурмуз аз пешгӯиҳои ситорашиносон мефаҳмад, ки мамлакатро фақат Баҳроми Чӯбина наҷот дода метавонад. Шоҳ Баҳромро ба ҳузури худ металабад ва



дар ин ҷо достони бисёр ҳайратбахши Баҳром сар мешавад.

Баҳром ҳарчанд Ҳурмузро аз шарри душманон наҷот дода бошад ҳам, шоҳи бадгумон аз рафторҳои вай норозӣ мешавад ва бо мақсади таҳқир кардан, яъне ба ҷои бахшиши шоҳона — ҷомаи заррин, ба вай куртаи занона ва дук инъом менамояд. Баҳром ҳадьяи шоҳонаро дар бар карда ва дукро ба даст гирифта ба назди ҷанговарони худ, ки аз корнамоиҳо ва ҷасорату диловариҳои вай ба хубӣ огоҳ буданд, мебарояд. Ҷанговарон дар хашм мешаванд ва ба ин восита Баҳром имконият меёбад, ки онҳоро дар шӯриш ба муқобили шоҳ истифода намояд. Ба исьён бардоштани Баҳром боз як ҳодисаи асрорангез боис мегардад.

Боре Баҳром дар асnои шикор ба чаманзоре омада дар он ҷо қасри зебоеро мебинад. Худи ӯ ба ин қаср даромада бошад ҳам, аммо ба одамонаш ба даромадан рухсат намедиҳанд, онҳо фақат дар айвони қаср зани хеле зебоеро мебинанд, ки ба тахти шоҳона нишастааст.

Баҳром ба қаср даромадан ҳамоно дар вай тағьироте рӯй медиҳад. Агар то ҳол вай даъвои сардорӣ ва фармондиҳии лашкарро дошта бошад, акнун ба хаёли подшоҳӣ ва соҳиб шудан ба тахт меафтад. Барои ин ба вай фақат як чиз — аз миён бардоштани валиаҳди қонунии салтанат — Хусрави Парвиз лозим аст. Баҳром ба номи Хусрав пул сикка зада ба Ҳурмуз нома навишта маълум мекунад, ки фақат Хусравро шоҳ мешиносад, на Ҳурмузро. Баҳром ҳамин хел тахмин карда буд, ки шоҳи бадгумон ба ин сухан бовар карда писари худро мекушад. Аммо ин найранги Баҳром фақат қисман ба муваффақият меанҷомад. Ҳурмуз ба қатли Хусрав фармон дода бошад ҳам, Хусрав инро дар вақташ фаҳмида ба Озарбойҷон мегурезад. Шоҳ аз ақиби писараш аскар фиристода бошад ҳам, то расидани аскарон Хусрав ба атрофаш одам ҷамъ карда ба онҳо муқобилат мекунад. Дар ин байн ду бародари шоҳ — Биндуя ва Густаҳм, ки ба зиндон андохта шуда буданд, ба навъе аз банд раҳой ёфта шӯриш мебароранд ва ба қаср даромада бо оҳани тафсон чашмони Ҳурмузро кӯр мекунанд. Азбаски марди нобино подшоҳ шуда наметавонад, маснади подшоҳӣ ба Хусрав мерасад. Дар ин байн Баҳром ба пойтахт ҳуҷум овар-

да лашкари Хусравро мағлуб намуда Ҳурмузро мекушад ва худаш ба тахти подшоҳӣ мешинад.

Хусрав барои имдод пурсидан ба Византия — Рум меравад. Хусрав духтари қайсарро ба занӣ гирифта бо лашкари Рум ба болои Баҳром меояд. Дар ду ҷанги аввал ба муваффақият ноил шуда натавонад ҳам, аммо дар ҷанги сеюм Баҳромро тамоман мағлуб ва саркӯб мекунад. Баҳром ба назди хоқони Чин мегурезад. Дар он ҷо якчанд корномаҳо нишон дода духтари хоқонро ба занӣ мегирад, аммо ниҳоят бо дасисаҳои Хусрав кушта мешавад.

Хусрав амакҳои исьёнгари худро низ нобуд сохт. Аз духтари қайсар писаре ба дуньё омад, ки ӯро Шерӯя номиданд. Ана дар ҳамин маврид Фирдавсӣ достони «Хусраву Ширин»-ро нақл менамояд.

Хусрав дар кӯҳансолӣ расму кирдори пештараи худро тағьир дода дар ҳаққи дарбориёни худ беадолатӣ кардан гирифт. Онҳо барои халосӣ аз дасти ин подшоҳи золим ба чораҷӯӣ даромаданд ва Шерӯяро, ки падараш дар ҳабс нигох медошт, аз зиндон озод намуданд. Шерӯя Ширинро ба занӣ гирифтанӣ шуда падарашро кушт, вале Ширин ҳам бо худкушӣ ба ҳаёти худ анҷом дод.

Бо марги Хусрав ҳокимияти сосониён халал ёфт. Шоҳи охирини сосонӣ — Яздигурд ба нияти мустаҳкам намудани салтанат афтода бошад ҳам, дар ин давра ҳуҷуми арабҳо ба Эрон сар шуда, ин кори вай натиҷае набахшид.

Арабҳо бо фармондиҳии Саъд ибн Абӯ-Ваққос ба Эрон ҳуҷум оварданд. Лашкари Эрон ба ин ҳуҷум муқобилат карда натавониста паи ҳам мағлуб шудан гирифт. Дар яке аз ҷангҳо сарлашкари Эрон Рустам, ки ҳамаи умеди Яздгурд ба вай буд, нобуд шуд. Барои шоҳ ягона роҳ ҳамин монд, ки пойтахтро партофта гурезад. Ӯ гурехта ба як осиёбе пинҳон шуд ва дар он ҷо ба қатл расид.

Охирин намояндаи подшоҳони қадими эронзамин, ки насли худро аз Фаридун мегирифт, аз байн рафт ва бо ҳалокати вай «Шоҳнома» низ ба охир расид. Қисми охирини «Шоҳнома» бо ҳасрату андӯҳи амике обьёрӣ шудааст. Хусусан мактуби видоии Рустам дар арафаи ҷанги шум бо арабҳо хеле диққатангез мебошад. Ӯ ҳалокати худ ва ғолибияти арабҳоро ҳис мекунад. Муносибати Фирдавсӣ ба истилогарони араб нохайрхоҳона мебошад. Ӯ ояндаи торики Эронро пешбинӣ намуда аз қавли Яздигурд мегӯяд, ки:

Нишони шаби тира омад падид,
Зи мо бахти фаррух бихоҳад парид.



### АЗ ДОСТОНИ «БЕЖАН БО МАНИЖА». ОҒОЗИ ДОСТОН

Шабе чун шабаҳ рӯй шуста ба қир,
На Баҳром пайдо, на Қайвон, на Тир.
Дигар гуна ороише кард моҳ,
Басече гузар кард бар пешгоҳ.
Шуда тира андар сарои диранг,
Миён карда борику дил карда танг.
Зи тоҷаш се баҳра шуда лоҷвард,
Сипарда ҳаворо ба зангору гард.
Сипоҳи шаби тира бар дашту роғ,
Яке фарш афканда чун парри зоғ.
Чу пӯлоди зангорхӯрда сипеҳр,
Ту гуфтӣ ба қир андарандуда чеҳр.
Намудам зи ҳар сӯ ба чашм аҳриман,
Чу мори сиях боз карда даҳан.
Ҳар он гаҳ, ки барзад яке боди сард,
Чу зангӣ барангехт з-ангишт гард.
Чунон гашт боғу лаби ҷӯйбор,
Куҷо мавҷ хезад зи дарьёи қор.
Фурӯ монда гардуни гардон ба ҷой,
Шуда суст хуршедро дасту пой.
Замин зери он чодари қиргун,
Ту гуфтӣ, шудастӣ ба хоб андарун.
Ҷаҳонро дил аз хештан пурҳарос,
Ҷарас баргирифта нигаҳбони пос.
На овои мурғу на ҳаррои дад,
Замона забон баста аз неку бад.
Набуд ҳеҷ пайдо нишебу фароз,
Дилам танг шуд з-он диранги дароз.
Дар он тангӣ-андар биҷастам зи ҷой,
Яке меҳрубон будам андар сарой.
Хурӯшидаму хостам з-ӯ чароғ,

Даромад бути меҳрубонам ба боғ.
Маро гуфт: — «Шамъ аз чӣ бояд ҳаме,
Шаби тира хобат наояд ҳаме?»
Бад-ӯ гуфтам: — «Эй бут, наям марди хоб,
Биёвар яке шамъ чун офтоб.
Бинеҳ пешаму базмро соз кун,
Ба чанг ор, чангу май оғоз кун».
Бирафт он бути меҳрубонам зи боғ,
Биёвард рахшанда шамъу чароғ.
Май оварду нору турунҷу биҳӣ,
Зидуда яке ҷоми шоҳаншаҳӣ.
Гаҳе май гусориду гаҳ чанг сохт,
Ту гуфтӣ, ки Ҳорут найранг сохт.
Дилам бар ҳама ком пирӯз кард,
Шаби тира ҳамчун гаҳи рӯз кард.
Маро меҳрубон ёр, бишнав чӣ гуфт,
Аз он пас, ки гаштем бо ҷом ҷуфт.
Маро гуфт он моҳи хуршедчеҳр,
Ки аз ҷони ту шод бодо сипеҳр.
Бипаймой май то яке достон
Зи дафтар барат хонам аз бостон.
Ки чун гӯшат аз гуфти ман ёфт барх,
Шигифт андар ӯ монӣ аз кори чарх.
Пур аз ҷораву меҳру найрангу ҷанг
Ҳама аз дари марди фарҳангу санг.
Бад-он сарвбун гуфтам: — «Эй моҳрӯй,
Маро имшаб ин достон бозгӯй».
Маро гуфт, к-аз ман сухан бишнавӣ,
Ба шеър орӣ аз дафтари паҳлавӣ.
Бигуфтам: «Биёр, эй маҳи хубчеҳр,
Бихон достону бияфзой меҳр.
Магар табъи шӯрида букшоядам,
Шаби тира з-андеша хоб оядам.
Зи ту табъи ман гардад, ороста,
Аё меҳрубон, ёри пероста.
Чунон чун зи ту бишнавам дар ба дар,
Ба шеър оварам достон сар ба сар.
Бигӯям, пазирам зи яздон сипос,
Аё меҳрубон, ҷуфти некишинос».
Бихонд он бути меҳрубон достон,
Зи дафтар навишта гаҳи бостон.
Ба гуфтори шеърам кунун гӯш дор,
Хирад ёд дору ба дил ҳуш дор.



**ОМАДАНИ БЕЖАН БА ХАЙМАИ МАНИЖА**

Намонд он замон ҷойгоҳи сухун,
Хиромид аз он сояи сарвбун,
Сӯи хаймаи духти Афросиёб,
Пиёда ҳаме гом зад бо шитоб.
Ба парда даромад чу сарви баланд,
Миёнаш ба зарринкамар карда банд.
Манижа биёмад гирифташ ба бар,
Кушод аз миёнаш каёникамар.
Бипурсидаш аз роҳу аз кору соз,
Ки бо ту кӣ омад ба ҷанги гуроз.
Чаро инчунин қадду ин рӯю бурз
Биранҷонӣ, эй хубчеҳра, ба гурз?
Бишустанд пояш ба мушку гулоб,
Гирифтанд аз он пас ба хӯрдан шитоб.
Ниҳоданд хону хӯриш гунагун,
Ҳамесохтандаш фузунӣ фузун.
Нишастангаҳи руду май сохтанд,
Зи бегона хиргаҳ бипардохтанд.
Парастандагон истода ба пой,
Або барбату чанги ромишсарой.
Ба дебо замин карда товусранг,
Зи динору дебо чу пушти паланг.
Чи аз мушку анбар, чи ёқуту зар,
Саропарда ороста сар ба сар.
Маи солхӯрда ба ҷоми булӯр
Бароварда бо Бежани Гев зӯр.
Се рӯзу се шаб шод буда ба ҳам,
Гирифта бар ӯ хобу мастӣ ситам.

**БУРДАНИ МАНИЖА БЕЖАНРО
БА КОХИ ХУД**

Чу ҳангоми рафтан фароз омадаш,
Ба дидори Бежан ниёз омадаш,
Манижа чу Бежан дижамрӯй монд,
Парастандагонро бари хеш хонд.
Бифармуд то доруи ҳушбар —
Парастанда омехт бо нӯш бар.
Бидоданд, чун хӯрд, шуд мард маст,
Абе хештан сар-ш бинҳод паст.

Бубар пилу он санги Аквондев
Ки аз жарфдарьёи кайҳонхидев
Фикандаст бар бешаи Чинситон,
Биёвар, зи Бежан бад-он кин ситон.
Ба пилони гарданкаш он сангро,
Ки пўшад сари чоҳи Аржангро,
Биёвар сари чоҳ ўро бипўш,
Бимон то ба зорӣ барояд-ш ҳуш.
В-аз он чо ба айвони он беҳунар
Манижа, к-аз ў нанг дорад гуҳар.
Бирав бо саворону тороҷ кун,
Нагунбахтро бесару тоҷ кун.
Бигў, эй ба нафрини шўридабахт,
Ки бар ту назебад ҳаме тоҷу тахт.
Ба нанг аз каён паст кардӣ сарам,
Ба хок андарандохтӣ афсарам.
Бараҳна кашонаш бубар то ба чоҳ,
Ки дар чоҳ бин он ки дидӣ ба гоҳ.
Баҳораш туй, ғамгусораш ту бош,
Дар ин тангзиндон زوораш ту бош.
Хиромид Гарсеваз аз пеши ўй,
Бикарданд коми бадандеши ўй.
Кашон Бежани Гев аз пеши дор
Бибурданд баста бад-он чоҳсор.
Зи сар то ба пояш ба оҳан бубаст,
Ба румӣ миёну ба занҷир даст.
Ба пўлоду хоиски оҳангарон
Фурў бурда мисморҳои гарон.
Нагунаш ба чоҳ андарандохтанд,
Сари чоҳро санг барсохтанд.
В-аз он чо ба айвони он духтараш,
Биёвард Гарсеваз он лашкараш.
Ҳама ганҷи ўро ба тороҷ дод,
Аз ин бадра бистад, бад-он тоҷ дод.
Манижа биёмад ба як чодаро,
Бараҳна ду пою, кушода саро.
Кашидаш давон то бад-он чоҳсор,
Ду дида пур аз хуну рух чун баҳор.
Бад-ў гуфт: «Инак туро хону мон,
Заворӣ бар ин баста то ҷовидон».
Чу Гарсеваз аз чоҳи ў боз гашт,
Манижа або дард анбоз гашт.
Ғиревон ҳамегашт бар гирди дашт,



Чу як рўзу як шаб бар ў баргузашт.
Биёмад хурўшон ба наздики чоҳ,
Яке дастро андар ў кард роҳ.
Чу аз кўҳ хуршед сар барзадӣ,
Манижа зи ҳар дар ҳаме нон чидӣ.
Ҳаме гирд кардӣ ба рўзи дароз,
Ба сўрохи чоҳ оваридӣ фароз,
Ба Бежан супурдию бигристӣ,
Бад-ин шўрбахтӣ ҳамезистӣ.

**БОЗРАФТАНИ ГУРГИН БА ЭРОНЗАМИН ВА ДУРЎҒ ГУФТАН ДАР КОРИ БЕЖАН**

Чу як ҳафта Гургин бар он ҷо ба пой —
Ҳамебуду Бежан наёмад ба ҷой,
Зи ҳар сўш пўён ба ҷустан гирифт,
Рухонро ба хуноб шустан гирифт.
Пушаймонӣ омад-ш аз он кори хеш,
Ки чун бадсиголид бо ёри хеш.
Бишуд тозиён то бад-он ҷойгоҳ,
Куҷо Бежани Гев гум кард роҳ.
Ҳама беша баргашту касро надид,
На низ андар он бонги мурғон шунид.
Ҳамегашт бар гирди он марғзор.
Ҳамекард ёр андар ў хостор.
Якояк зи дур аспи Бежан бидид,
Ки омад аз он ҷўй борон падид.
Гусиста лагому нагунсор зин,
Фурў бурда лафҷу баровара кин.
Бидонист, к-ўро табоҳ аст кор.
Ба Эрон наёяд бад-ин рўзгор.
Агар дор дорад в-агар чоҳу банд,
Зи Афросиёб омадасташ газанд.
Каманд андар афканду баргошт рўй,
Зи карда пушаймондилу чораҷўй.
Аз он марғзор аспи Бежан биронд,
Ба хайма даровард рўзе бимонд.
В-аз он ҷо сўи шаҳри Эрон шитофт,
Шабу рўз ороmу хуфтан наёфт.
Чу огоҳӣ омад зи Гургин ба шоҳ,
Ки Бежан набудаст бо ў ба роҳ.
Нагуфт ин сухан Гевро шаҳриёр,

Бад-он то зи Гургин кунад хостор.
Пас огоҳӣ омад ҳамон гаҳ ба Гев,
Зи гум будани размзан пури нев.
Зи хона биёмад дамон то ба кӯй,
Дил аз дард хаста, пур аз об рӯй.
Ҳамегуфт Бежан намояд ҳаме,
Ба Ирмон надонам чӣ пояд ҳаме,
Бифармуд то бури Қашводро
Куҷо доштӣ рӯзи фарьёдро,
Бар ӯ барниҳоданд зини ҳаданг,
Гирифта ба дил Гев кини наҳанг.
Ҳамон гаҳ бад-ӯ андаровард пой,
Ба кирдори бод андаромад зи ҷой.
Пазира шудаш то кунад ҳостор,
Ки Бежан куҷо монду чун буд кор.
Ба дил гуфт Гургин бад-ӯ ногаҳон,
Ҳамоно бадӣ сохт андар ниҳон.
Шавам, гар набинам рухи Бежанам,
Ҳамон гаҳ сарашро зи тан бар канам.
Биёмад чу Гургин мар ӯро бидид,
Пиёда шуду пешаш андар давид.
Ҳамегашт ғалтон ба хок-андаро,
Шахударухону бараҳнасаро.
Бипурсиду гуфт: — «Эй гузини сипоҳ,
Сипаҳдори Эрону солори шоҳ.
Пазира бад-ин роҳ чун омадӣ,
Ки бо дидагон пур зи хун омадӣ?
Маро ҷони ширин набояд ҳаме,
Кунун хортар гар барояд ҳаме.
Ду чашмам ба рӯи ту омад зи шарм,
Биполоям аз дидагон хуни гарм.
Кунун ҳеҷ мандеш, к-ӯро ба ҷон —
Наёмад газанду бигӯям нишон».
Чу аспи писар дид Гургин ба даст,
Пур аз хоку осема бар сони маст.
Чу гуфтори Гургинаш омад ба гӯш,
Аз асп андарафтоду з-ӯ рафт ҳуш.
Ба хок-андарун шуд сараш нопадид,
Ҳама ҷомаи паҳлавӣ бардарид.
Ҳамеканд мӯй аз сару рӯй пок,
Хурӯшон ба сар-бар ҳамерехт хок.
Ҳамегуфт: — «Аё кирдигори сипеҳр,
Ту густурдӣ андар дилам ҳушу меҳр.



Чу аз ман ҷудо монд фарзанди ман,
Раво дорам ар бугсилӣ банди ман.
Равонам бар он ҷои некон барӣ,
Зи дарди дили ман ту огаҳтарӣ.
Маро худ зи гетӣ ҳамӣ буду бас,
Чӣ андӯҳгусору чӣ фарьёдрас.
Кунун бахти бад кардаш аз ман ҷудо,
Чунин мондаам дар дами аждаҳо».
Зи Гургин пас он гаҳ сухан бозҷуст,
Ки-чун буд худ рӯзгор аз нахуст.
Замона ба ҷояш касе баргузид
Ва ё худ зи чашми ту шуд нопадид?
Зи бадҳо бад ӯ-бар чӣ омад, бигӯй,
Ки афканд банди сипеҳрӣ бад-ӯй?
Чӣ дев омадаш пеш дар марғзор,
Кӣ ӯро табаҳ карду баргашт кор?
Ту ин аспи бемард чун ёфтӣ?
Зи Бежан куҷо рӯй бартофтӣ?»
Бад-ӯ гуфт Гургин, ки — боз ор ҳуш,
Сухан бишнаву паҳн букшой гӯш.
Ки ин кор чун буду кирдор чун,
Дар он беша бо хук пайкор чун.
Бидон, паҳлавонову огоҳ бош,
Ҳамеша фурӯзандаи гоҳ бош.
Бирафтем аз эдар ба ҷанги гуроз,
Расидем наздики Ирмон фароз.
Яке беша дидем карда чу даст,
Дарахтон бурида, чарогоҳ паст.
Ҳама ҷой гашта куноми гуроз,
Ҳама шаҳр монда аз ӯ дар гудоз.
Чу дар ҷанг найза барафроштем,
Ва беша-дарун наъра бардоштем.
Гуроз андаромад ба кирдори кӯҳ,
На як-як, ки ҳар ҷой гашта гурӯҳ.
Бикардем, ҷанге ба кирдори шер,
Бишуд рӯзу н-омад дил аз ҷанг сер.
Чу пилон ба ҳам барфикандемашон,
Ба мисмор дандон бикандемашон.
В-аз он ҷо ба Эрон ниҳодем рӯй,
Ҳама роҳ шодону нахчирҷӯй.
Баромад яке гӯр аз он марғзор,
Қ-аз он хубтар кас набинад нигор.
Ба кирдори гулгуни Гударз мӯй,

Чу хинги шабоҳанги Фарҳод рӯй.
Чу симурғ болу чу пӯлод сум,
Чу шабранги Бежан сару гӯшу дум.
Ба гардан чу шеру ба рафтан чу бод,
Ту гуфтӣ, ки аз Рахш дорад нажод.
Бари Бежан омад чу пиле баланд,
Ба сар-ш андарафканд Бежан каманд.
Фикандан ҳамон буду бурдан ҳамон,
Давон гӯру Бежан пас андар дамон.
Зи тозидани гӯру гарди савор
Баромад ҳаме дуд аз он марғзор.
Ба кирдори дарьё замин бардамид,
Қамандафкану гӯр шуд нопадид.
Пай андар гирифтам ҳама дашту кӯх,
Ки аз тохтан шуд самандам сутӯх.
Зи Бежан надидам ба гетӣ нишон,
Ҷуз ин аспу зин аз пас андаркашон.
Дилам шуд пуроташ зи тимори ӯй,
Ки чун буд бо гӯр пайкори ӯй.
Бимондам фаровон дар он марғзор,
Ҳамекардамаш ҳар сӯе хостор.
Аз он боз гаштам чунин ноумед,
Ки гӯри жиён буд деви сапед.
Чу бишнид Гев ин сухан ҳушьёр
Бидонист, к-ӯро табоҳ аст кор.
Зи Гургин сухан сар ба сар хира дид,
Ҳаме чашмаш аз рӯи ӯ тира дид.
Рухаш зард гашта ҳам аз бими шоҳ,
Танаш ларз-ларзону дил пургуноҳ.
Чу фарзандро Гев гумбуда ёфт,
Суханро бад-он гуна олуда ёфт.
Бибурд аҳриман Геврo дил зи роҳ,
Ки гардонад ӯро ба раҳ-бар табоҳ.
Бихоҳад аз ӯ кини пури гузин,
В-агар чанд нанг ояд ӯро аз ин.
Пас андеша кард, андар он бингарид,
Наёмад ҳаме равшаноӣ падид.
Чӣ бошад маро,— гуфт,— аз ин куштано,
Магар номи бадгавҳар аҳримано.
Ба Бежан чи суд ояд аз ҷони ӯй,
Дигар гуна созем дармони ӯй.
Аз ӯ кин кашидан басе кор нест.
Синони маро пеш девор нест,



Бубошем, то ин сухан назди шоҳ
Шавад ошкоро зи Гургин гуноҳ.
Ба Гургин яке бонг барзад баланд,
Ки — эй бадкуниш, ремани пургазанд,
Ту бурдӣ зи раҳ меҳру моҳи маро,
Гузини саворону шоҳи маро.
Фикандӣ маро дар таку пӯя пӯй,
Ба гирди ҷаҳон андарун чораҷӯй.
Пас акнун дастону банду фиреб —
Куҷо ёбам орому хобу шикеб?
Набошад туро пеш аз ин дастгоҳ,
Ки то ман бубинам яке рӯи шоҳ.
Пас он гаҳ ба ханҷар зи ту кини хеш —
Бихоҳам зи баҳри ҷаҳонбини хеш.

## ОРОСТАНИ РУСТАМ ЛАШКАРИ ХЕШ

Зи Рустам бипурсид пас шаҳриёр,
Ки чун ронд хоҳӣ бад-ин кина кор?
Чӣ хоҳӣ зи ганҷу зи лашкар, бихоҳ,
Кӣ бояд, ки бо ту биёяд ба роҳ?
Битарсам зи бадгавҳар Афросиёб,
Ки бар хуни Бежан бигирад шитоб,
Ки ӯ бодсор асту деви нажанд —
Бад-ӯ дода афсуну найрангу банд.
Бичунбонадаш як замон дил зи ҷой,
Бигардонад он тегзанро зи пой.
Чунин гуфт Рустам ба шоҳи ҷаҳон,
Ки бипсечам ин кор андар ниҳон.
Қалиди чунин банд бояд фиреб,
Набояд бар ин кор кардан ниҳеб.
Ба кирдори бозоргонон шудан,
Шикебо фаровон ба Тӯрон будан.
Бад-он кор бояд кашидан инон,
На ҳангоми гурз асту тегу синон.
Фаровон гуҳар бояду зарру сим,
Ба рафтан ба уммеду будан ба бим.
Зи густурданӣ ҳам зи пӯшиданӣ —
Бубояд баҳоиву бахшиданӣ.
Чу бишнид Хусрав зи Рустам сухан,
Бифармуд, к-аз ганҷҳои куҳан,
Биёрад бари шоҳ ганҷури ӯй,

Зи ганҷ, он чи фармуд дастури ӯй.
Сари садра бикшуд ганҷури шоҳ,
Ба динору гавҳар биёрост гоҳ.
Таҳамтан биёмад, ҳама бингарид,
Ҳар он ч-аш бубоист, аз он баргузид.
Аз он даҳ шутур бор динор кард,
Сад уштур зи рахту буна бор кард.
Бифармуд Рустам ба солори бор,
Ки бугзин зи лашкар саворон ҳазор.
Зи шерони гарданкаши номвар,
Бубояд тане чанд баста камар.
Чу Гургину чун Зангаи Шоварон,
Дигар Густаҳам, теғи ҷанговарон,
Чахорум Гуроза, ки ронад сипоҳ,
Нигаҳбони гурдону тахту кулоҳ.
Чу Руҳҳому Фарҳод гурди далер,
Чу Ашкаш, ки ҳаст ӯ яли наррашер.
Чунин ҳафт ял бояд ороста,
Нигаҳбони ин лашкару хоста.
Ҳама бар фузунӣ бияндохтанд,
Чунин, к-аш бубоист барсохтанд.

### ОМАДАНИ МАНИЖА БА ПЕШИ РУСТАМ

Манижа хабар ёфт аз корвон,
Якояк ба шаҳр андаромад давон.
Бараҳнасар он духти Афросиёб,
Бари Рустам омад ду дида пуроб.
Ҳаме б-остин хуни мижгон бирӯфт,
Бар ӯ офарин карду пурсиду гуфт,
Ки бар хӯрдӣ аз ҷону аз ганҷи хеш,
Мабодат пушаймонӣ аз ранҷи хеш.
Ба коми ту бодо сипеҳри баланд,
Зи чашми бадонат мабодо газанд!
Бар уммед дилро, ки бастӣ миён,
Зи ранҷе, ки бурдӣ, абодат зиён.
Ҳамеша хирад бодат омӯзгор,
Хунук шаҳри Эрону хуш рӯзгор!
Чӣ огоҳӣ астат зи гурдони шоҳ,
Зи Геву зи Гударзу эронсипоҳ.
Наёмад зи Бежан ба Эрон хабар?
Ниёяш нахоҳад будан ҷорагар?



Ки чунин ҷавоне зи гударзиён
Ҳаме бугсалонад зи оҳан миён.
Бисудаст пояш ба банди гарон,
Ду дасташ ба мисмори оҳангарон.
Кашида ба занҷиру баста ба банд,
Ҳама ҷома пурхун аз он мустаманд.
Наёбам зи дарвешии хеш хоб,
Зи нолидани ӯ ду чашмам пуроб.
Битарсид Рустам зи гуфтори ӯй.
Яке бонг барзад бирондаш зи рӯй.
Бад-ӯ гуфт к-аз пеши ман дур шав,
На Хусрав шиносам, на солори нав.
Надорам зи Гударзу Гев огаҳӣ,
Ки мағзам зи гуфтор кардӣ тиҳӣ.
Ба Рустам нигаҳ карду бигрист зор,
Зи хорӣ биборид хун бар канор.
Бад-ӯ гуфт, к-эй меҳтари пурхирад
Зи ту сард гуфтан на андархурад.
Сухан гар нагӯй, маронам зи пеш,
Ки ман худ диле дорам аз дард реш.
Чунин бошад оини Эрон магар,
Ки дарвешро кас нагӯяд хабар?
Бад-ӯ гуфт Рустам, ки эй зан чи буд,
Магар к-аҳриман растахезат намуд?
Ҳаме барнаваштӣ ту бозори ман,
Аз ин рӯй буд бо ту пайкори ман.
Бад-ин тундӣ аз ман маёзор пеш,
Ки дил баста будам ба бозори хеш.
Ва дигар ба ҷое, ки Кайхусрав аст,
Бад-он шаҳр ман худ надорам нишаст,
Надонам зи бун Геву Гударзро,
На ҳаргиз бипаймудам он марзро.
Бифармуд, то хӯрданӣ ҳар чи буд,
Ниҳоданд дар пеши дарвеш зуд.
Якояк сухан кард аз ӯ хостор,
Ки бо ту чаро шуд дижам рӯзгор?
Чӣ пурсӣ аз Эрону аз тахти шоҳ?
Чӣ дорӣ ҳаме роҳи Эрон нигоҳ?
Манижа бад-ӯ гуфт, к-аз кори ман,
Чӣ пурсӣ, зи ранҷу зи тимори ман?
Аз он ҷоҳсар бо дили пур зи дард,
Давидам ба назди ту, эй родмард,
Ки аз ту бипурсам яке нав хабар

Зи Геву зи Гударзи пархошх(в)ар.
Задӣ бонг бар ман чу ҷанговарон,
Натарсӣ ту аз довари доварон.
Манижа манам духти Афросиёб,
Бараҳна надида танам офтоб.
Кунун дида пурхуну дил пур зи дард
Аз ин дар бад-он дар ду рухсора зард,
Ҳаме нони кашкин фароз оварам,
Чунин ронд эзид қазо бар сарам.
Аз ин зортар чун бувад рӯзгор,
Сар орад магар бар ман ин кирдигор?
Ки бечора Бежан дар он жарфчоҳ —
Набинад шабу рӯз, хуршеду моҳ.
Ба ғуллу ба мисмору банди гарон,
Ҳаме марг хоҳад зи яздон бар он.
Маро дард бар дард бифзуд аз он,
Нам аз дидагонам биполуд аз он.
Кунун гар-т бошад ба Эрон гузар,
Зи Гударзи Қашвод ёбӣ хабар,
Ба даргоҳи Хусрав магар Гевро
Бубиниву ё Рустами невро,
Бигӯй, ки Бежан ба чоҳ-андар аст,
В-агар дер ой, шавад кор паст.
Чу хоҳӣ, ки бинӣ маёсой дер,
Ки аз бол санг асту оҳан ба зер.
Бад-ӯ гуфт Рустам, ки эй хубчеҳр,
Чаро борӣ аз дидагон оби меҳр?
Чаро назди боби ту хоҳишгарон,
Наянгезӣ аз ҳар сӯе меҳтарон?
Магар бар ту бахшоиш орад падар,
Биҷӯшад-ш хуну бисӯзад ҷигар.
Гар озарми бобат набудӣ зи пеш,
Туро додаме чиз аз андоза беш.
Ба холигарон гуфт:
«Ҳар гун хӯраш,
Ки ӯро бибояд биёвар бараш».
Яке мурғи бирьён бифармуд гарм,
Бупечид бар гирди он нони нарм.
Сабук дасти Рустам ба сони парӣ,
Ниҳон кард дар мурғ ангуштарӣ.
Бад-ӯ доду гуфташ:
«Бад-он чоҳ бар,
Ки бечорагонро гуй роҳбар».



**ОГОҲӢ ЁФТАНИ БЕЖАН АЗ ОМАДАНИ РУСТАМ**

Манижа биёмад бад-он чоҳсар —
Давон, хӯрданиҳо гирифта ба бар.
Навишта ба дастор чизе, ки бурд,
Чунон ҳам навашта ба Бежан супурд.
Нигаҳ кард Бежан ба хира бимонд,
Аз он чоҳ хуршедрухро бихонд,
Ки эй меҳрубон, аз куҷо ёфтӣ,
Хуришҳо, к-аз ин гуна биштофтӣ?
Басо ранҷу сахтӣ, к-ат омад ба рӯй,
Зи баҳри ман, эй меҳрубон чораҷӯй.
Манижа бад-ӯ гуфт: «К-аз корвон
Яке моявар марди бозоргон,
Аз Эрон ба Тӯрон зи баҳри дирам —
Кашида зи ҳар гуна бисьёру кам.
Яке марди покиза бо ҳушу фар,
Зи ҳар гуна бо ӯ фаровон гуҳар.
Ҳамаш дастгоҳ, асту ҳам дил фарох,
Яке кулба созид дар пеши кох.
Ба ман дод аз ин гуна дасторхон,
Ки бар ман ҷаҳонофаринро бихон.
Бад-он гоҳ наздики он баста рав,
Дигар гар бихоҳад, бубар нав ба нав».
Бигустурд Бежан пас он нони пок,
Пуруммеддил гашта бо тарсу бок.
Ч-ӯ дасти хӯриш бурд аз он доварӣ,
Бидид он ниҳонкарда ангуштарӣ.
Нигинаш нигаҳ карду номаш бихонд,
Зи шодӣ бихандиду хира бимонд.
Яке мӯҳри пирӯза Рустам бад-ӯй,
Ба оҳан навишта ба кирдори мӯй.
Чу бори дарахти вафоро бидид,
Бидонист, к-омад ғамашро калид.
Бихандид хандидани шоҳвор,
Чунон, к-омад овозаш аз чоҳсор.
Манижа чу бишнид хандиданаш —
Аз он чоҳи торику баста танаш,
Шигифт омадаш достоне бизад,
Ки девона хандад зи кирдори х(в)ад.
Манижа аҷаб монд аз он кори сахт,
Бигуфт: «Ин чӣ хандаст, эй некбахт.
Чи гуна кушодӣ ба ханда ду лаб,

Ки шаб рӯз бинӣ, ҳаме рӯз шаб.
Чӣ роз аст, пеш ору бо ман бигӯй,
Магар бахти некат намудаст рӯй?
Бад-ӯ гуфт Бежан, ки ин кори сахт,
Ба уммеди онам, ки бикшод бахт.
Кунун гар вафои маро нашканӣ,
Ба савганд бо ман ту паймон канӣ,
Бигӯям туро сар ба сар достон,
Чу бошӣ ба савганд ҳамдостон,
Ки гар лаб бидӯзӣ зи баҳри газанд,
Занонро забон ҳам намонад ба банд.
Манижа чу бишнид, нолид сахт,
Ки бар ман чӣ омад зи бадхоҳ бахт.
Дареғо, ки шуд рӯзгорони ман,
Дили хаставу чашми гирьёни ман.
Бидодам ба Бежан дилу хонумон,
Кунун гашт бар ман чунин бадгумон.
Падар гашта безору хешон зи ман,
Бараҳна давон бар сари анҷуман.
Ҳамон ганҷу динору тоҷу гуҳар
Ба тороҷ додам ҳама сар ба сар.
Аз уммеди Бежан шудам ноумед,
Ҷаҳонам сиёҳу ду дида сапед.
Бипӯшад ҳаме роз бар ман чунин,
Ту огаҳтарӣ, эй ҷаҳонофарин.
Бад-у гуфт Бежан: «Ҳама рост аст,
Зи ман кори ту пок баркостаст».
Чунин гуфт, к-акнун бибоист гуфт,
Аё меҳрубон ёру хушьёр ҷуфт.
Сазад гар ба ҳар кор пандам диҳӣ,
Ки мағзам ба ранҷ андарун шуд тиҳӣ.
Ту бушнос, к-он марди гавҳарфурӯш,
Ки холигараш мар туро дод нӯш.
Зи баҳри ман омад ба Тӯрон фароз,
В-агар на ба гавҳар набудаш ниёз.
Бубахшуд бар ман ҷаҳонофарин,
Бубинам магар паҳн рӯи замин.
Раҳонад маро з-ин ғамони дароз,
Туро з-ин такопӯи гарму гудоз.
Ба наздики ӯ рав, бигӯяш ниҳон,
Ки эй паҳлавони каёни ҷаҳон,
Ба дил меҳрубону ба тан ҷораҷӯй,
Агар ту худованди Рахшӣ, бигӯй.



Биёмад зи беша ба кирдори бод,
Манижа ба Рустам паёмаш бидод.
Чу бишнид гуфтори он хубрӯй,
К-аз он роҳи дур омадаш ҷораҷӯй.
Бидонист Рустам, ки Бежан сухун —
Кушодаст бар гул рухи сарвбун.
Бубахшуду гуфташ, ки эй хубчеҳр,
Ки эзид туро з-ӯ мабуррод меҳр,
Басо ғам, ки хӯрдӣ дар ин рӯзи чанд,
Зи тимор гаштӣ чунин мустаманд.
Бигӯям, ки оре худованди Рахш
Туро дод яздони фарьёдбахш.
Зи Зобул ба Эрон, зи Эрон ба Тур,
Зи баҳри ту паймуд ин роҳи дур.
Чу ин гуфта бошӣ, сухан роз дор,
Шаби тира гӯшат ба овоз дор.
Зи беша фароз ор ҳезум ба рӯз,
Шаб ояд яке оташе барфурӯз.
Манижа зи гуфтори ӯ шод шуд,
Дилаш з-андӯҳон аксар озод шуд.
Биёмад дамон то бад-он кӯҳсор,
Ки будаш ба чоҳ андарун ғамгусор,
Бигуфташ, ки додам саросар паём
Бад-он некпай фаррухи неконом.
Чунин дод посух, ки онам дуруст,
Ки Бежан ба ному нишонам биҷуст.
Ту бо доғи дил чанд пӯӣ ҳаме,
Ду рухро ба хуноб шӯӣ ҳаме.
Бигӯяш, ки моро ба сони паланг
Бисуд аз паи ту камаргоҳу чанг.
Кунун чун дуруст омад аз ту нишон,
Бубинӣ сари теғи мардумкушон.
Заминро бидарронам акнун ба чанг,
Ба гардун барандозам осуда санг.
«Маро, — гуфт, — чун тира гардад ҳаво,
Шаб аз чанги хуршед гардад раҳо.
Ба кирдори кӯҳ, оташе барфурӯз,
Ки шаб бар сари чоҳ гардад чу рӯз.
Бад-он то бубинам сари чоҳро
Бад-он равшанӣ биспарам роҳро».
Чу бишнид Бежан бар он сон паём,
Ба чоҳ андарун гашт аз он шодком.
Сӯи кирдигори ҷаҳон кард сар,

Ки эй покбахшандаи додгар,
Зи ҳар бад ту бошӣ маро дастгир,
Ту зан бар дилу ҷони бадхоҳ тир.
Бидеҳ доди ман з-он ки бедод кард,
Ту донӣ ғамони ману доғу дард.
Магар боз ёбам бару бумро,
Бимонам ман ин ахтари шумро.
Ту, эй ҷуфти ранҷозмуда зи ман,
Фидо карда ҷону дилу чизу тан.
Бад-ин ранҷ, к-аз ман ту бардоштӣ,
Ҳама ранҷи ман шодӣ ангоштӣ.
Бикардӣ раҳо тоҷу тахту камар,
Ҳамон ганҷу хешону мому падар.
Агар ёбам аз ҷанги ин аждаҳо
Бад-ин рӯзгори ҷавонӣ раҳо,
Ба кирдори некони яздонпараст,
Бипӯям ба пою биёзам ба даст.
Ба сони парастор пеши каён
Ба подоши некат бубандам миён.
Кунун ин яке ранҷ бардор тез,
К-аз ин ранҷ ёбӣ басе ганҷу чиз.
Манижа ба ҳезум шитобид сахт,
Чу мурғон баромад ба шохи дарахт.
Ба хуршед-бар чашму ҳезум ба бар,
Ки то кай барорад шаб аз кӯҳ сар.
Чу аз чашм хуршед шуд нопадид,
Шаби тира бар кӯҳ лашкар кашид,
Бад-он гаҳ, ки ором гирад ҷаҳон,
Шавад ошкорои гетӣ ниҳон,
Ки лашкар кашад тирашаб пеши рӯз
Бигирад сари ҳури гетифурӯз.
Манижа бишуд оташе барфурӯхт,
Ки чашми шаби қиргунро бисӯхт.
Ба гӯш андарун бонги рӯинахум,
Ки омад зи раҳ Рахши рӯинасум.

## БАРОВАРДАНИ РУСТАМ БЕЖАНРО АЗ ЧОҲ

Таҳамтан бипӯшид румӣ зиреҳ,
Барафканд банди зиреҳро гиреҳ.
Ба пеши худованди хуршеду моҳ —
Биёмад, варо кард пушту паноҳ.



Ҳамегуфт: «Чашми бадон кӯр бод,
Бад-ин кор Бежан маро зӯр бод!»
Ба гурдон бифармуд то ҳамчунин
Бубастанд бар гирдгаҳ банди кин.
Бар аспон ниҳоданд зини хаданг,
Ҳама ҷангро сохта тез ҷанг.
Таҳамтан ба рахшанда бинҳод рӯй
Ҳамерафт пеш андарун роҳҷӯй.
Чу омад бари санги Аквон фароз,
Бад-он чоҳи андӯҳу гарму гудоз.
Чунин гуфт Рустам бад-он ҳафт гурд,
Ки рӯи заминро бубояд сипурд,
Бубояд шуморо кунун тохтан,
Сари чоҳ аз ин санг пардохтан.
Пиёда шуданд он сарони сипоҳ,
Ки аз санг пардахта монанд чоҳ.
Бисуданд бо санг бисьёр ҷанг,
Шуда монда гурдону осуда санг.
Чу аз номдорон биполуд х(в)ай,
Ки санг аз сари чоҳ нанҳод пай.
Зи асп андаромад гави шери нар,
Зиреҳдоманашро бизад бар камар,
Зи яздони зӯрофарин зӯр хост,
Бизад дасту он санг бардошт рост,
Бияндохт бар бешаи шаҳри Чин,
Биларзид аз он санг рӯи замин.
Зи Бежан бипурсиду нолид зор,
Ки чун буд корат ба бад рӯзгор?
Зи гетӣ ҳама нӯш будит баҳр,
Зи дасташ чаро бистадӣ ҷоми заҳр?
Чунин гуфт Бежан зи торикчоҳ,
Ки чун буд бар паҳлавон ранҷи роҳ?
Маро чун хурӯши ту омад ба гӯш,
Ҳама заҳри гетӣ шудам покнӯш.
Бад-ин сон, ки бинӣ маро хонумон
Зи оҳан замину зи санг осмон.
Бикандем дил з-ин сарои сипанҷ,
Зи бас дарду сахтию андӯҳу ранҷ.
Бад-ӯ гуфт Рустам, ки бар ҷони ту
Бубахшуд бахшанда яздони ту.
Кунун, эй хирадманди фархундахӯй,
Маро монда аз ту яке орзӯй,
Ба ман бахш Гургини Мелодро,

Зи дил дур кун кину бедодро.
Бад-ӯ гуфт Бежан ки эй ёри ман,
Чӣ донӣ, ки чун буд пайкори ман.
Надонӣ ту, эй меҳтари шермард,
Ки Гургини Мелод бо ман чӣ кард.
Гар ояд бар ӯ-бар ҷаҳонбини ман,
Бад-ӯ растахез ояд аз кини ман.
Бад-ӯ гуфт Рустам, ки гар бадха(в)й,
Бисозиву гуфтори ман нашнавӣ,
Бимонам туро баста дар чоҳ пой
Ба асп андарорам, шавам боз ҷой.
Чу гуфтори Рустам расидаш ба гӯш,
Аз он тангзиндон баромад хурӯш.
Ба посух бад-ӯ гуфт: «Бадбахт ман
Зи гурдону аз дудаву анҷуман.
Зи Гургин чунин бад, ки бар ман расид,
Бад-ин рӯз низам бубояд кашид.
Кашидему гаштем хушнуд аз ӯй,
Зи кина дили ман биёсуд аз ӯй.»
Фурӯҳишт Рустам ба зиндон каманд,
Баровардаш аз чоҳ бо пойбанд.
Бараҳна тану мӯю нохун дароз,
Гудозанда аз дарду ранҷу ниёз.
Ҳама тан пур аз хуну рухсор зард,
Аз он банду занҷири зангор х(в)ард.
Хурӯшид Рустам чу ӯро бидид,
Ҳама тан дар оҳан шуда нопадид.
Бизад дасту бигсист занҷиру банд,
Ҷудо кард аз ӯ ҳалқаву пойбанд.
Сӯи хона рафтанд аз он чоҳсор,
Ба як даст Бежан ба дигар завор.
Пур аз ғам нишастанд ҳарду ҷавон.
Ҳаме ёд карданд бар паҳлавон.
Таҳамтан бифармуд шустан сараш,
Яке ҷома пӯшид нав дар бараш.
Аз он пас чу Гургин ба наздики ӯй —
Биёмад, бимолид бар хок рӯй.
Зи кирдори бад пӯзиш овард пеш,
Бупечид аз он хом гуфтори хеш.
Дили Бежан аз кинаш омад ба роҳ,
Мукофот н-овард пеши гуноҳ.
Шутур бор карданду аспон ба зин,
Бипӯшид Рустам силеҳи гузин.



Нишаст аз бари Рахшу номоварон —
Кашиданд шамшеру гурзи гарон.
Гусӣ кард бору баророст кор,
Чунон чун бувад дархури корзор.
Бишуд бо буна Ашкаши тезҳуш,
Ки дорад сипаҳро ба ҳар ҷой гӯш.
Ба Бежан бифармуд Рустам, ки шав,
Ту бо Ашкашу бо Манижа бирав,
Ки ман имшаб аз кини Афросиёб
На ором ёбам, на хӯрду на хоб.
Яке кор созам кунун бар дараш,
Ки фардо бихандад бар ӯ лашкараш.
Басе ранҷ дидӣ ту аз банду чоҳ,
Набояд-т будан бад-ин размгоҳ.
Чунин гуфт Бежан: «Манам пешрав,
Ки аз ман яке кина созид нав».

# АЙЮҚӢ

*Айюқӣ аз шуарои асри XI буда, достони худ «Варқа ва Гулшоҳ»-ро ба Маҳмуди Ғазнавӣ (988—1030) бахшида навиштааст. Айюқӣ яке аз аввалин шоиронест, ки достони ишқи «Варқа ва Гулшоҳ»-ро дар вазни мутақориб ба риштаи назм овардааст. Роҷеъ ба ӯ маълумоти дигаре дар даст надорем. Достон тақрибан аз 2100 байт иборат аст.*

## АЗ «ВАРҚА ВА ГУЛШОҲ»

Мазмуни мухтасари достон чунин аст:

Дар хонаводаи ду солхӯрдаи қабилаи банӣ шайбон, Ҳилол ва Ҳумом, ки бародарон буданд, дар як шаб духтар ва писаре ба дунё омад, ки писарро Варқа ва духтарро Гулшоҳ ном ниҳоданд. Ин ду тифл аз кӯдакӣ ба ҳам дил мебанданд ва онҳоро дар 12-солагӣ ба ҳамдигар ақд мебанданд. Дар шаби арӯсӣ яке аз солори қабилаи дигар бо номи Ибни Амру ба муқобили шайбон лашкар кашида, Гулшоҳро дуздида бо худ мебарад. Пас аз айшу нӯши зиёд Ибни Амру маст шуда, хоб меравад. Варқа аз ин фурсат истифода карда Гулшоҳро аз хаймаи ӯ гирифта мегурезад. Ибни Амру аз ин дар ғазаб шуда дуюмбора ба қабилаи Гулшоҳ ҳуҷум оварда ҳам Гулшоҳ ва ҳам Варқаро ба асирӣ мегирад. Пас аз муддате бо тадбири Гулшоҳ Варқа ибни Амруро кушта лашкарашро пароканда мекунад. Пас аз ин воқеа бузургони қавм ба падари Гулшоҳ таклиф мекунанд, ки духтарро ба Варқа диҳад. Лекин модари Гулшоҳ шарт мегузорад, ки Варқа барои кобини худ ширбаҳо бидиҳад.

Варқа ночор барои ҷамъ кардани қалин ба Яман ба пеши тағоии худ меравад.



Варқа ҳангоми сафар мешунавад, ки ба мамлакати тағоии ӯ душман ҳамла оварда ӯро асир гирифтаанд. Варқа аз шунидани ин ҳодисаи мудҳиш дар ғазаб шуда ба душмани тағоии худ ҳуҷум оварда, онро мағлуб мекунад. Ӯ пас аз ин воқеа, бо молу маноли зиёд ба ватанаш бармегардад.

Ҳангоме ки Варқа ба Яман меравад, подшоҳи шаҳри Шом Маликмӯҳсин зебоӣ ва хушрӯии Гулшоҳро шунида, ба хостгории ӯ пеши қабилаи банӣ шайбон равона мегардад. Падари Гулшоҳ аввал хоҳиши Маликмӯҳсинро рад мекунад, вале пас аз он ки моли зиёд ва ғанимати бисьёр дар ивази Гулшоҳ ба ӯ медиҳанд, духтарашро ба ақди никоҳи ӯ дароварда, ба шаҳри Шом мефиристад.

Чун Варқа аз сафари Яман ба ватанаш бармегардад, амаки ӯ хабари дурӯғе, дар бораи мурдани Гулшоҳ ба ӯ мерасонад ва қабре, ки гӯсфандонро дар он гӯр карда буданд, чун қабри Гулшоҳ ба ӯ нишон медиҳад. Варқа аз ин хабари нохуш хеле ғамгин мегардад. Баъди чанде яке аз дӯстони Гулшоҳ дурӯғ будани ин хабарро ба Варқа фаҳмонда, ҳақиқати ҳолро ба ӯ гуфта медиҳад.

Варқа боз барои ҷустуҷӯи маъшуқаи худ ба тарафи Шом сафар мекунад. Ӯ пас аз машаққатҳои зиёд ба дарбори Маликмӯҳсин мерасад ва дар куҷо будани Гулшоҳро аз дарбориён пурсуҷӯ мекард.

Рӯзе нохост Гулшоҳ хабари омадан ва дар меҳмонии Маликмӯҳсин будани Варқаро шунида, барои дидани ӯ меравад ва Варқаро ёфта, ба дарбор меорад. Маликмӯҳсин ва Гулшоҳ, Варқаро муддате чанд дар қасри худ иззату эҳтиром мекунанд. Баъдан бо иҷозати шоҳ Варқа ва Гулшоҳ дар хилват бо ҳам менишинанд. Варқа пас аз мулоқот ва розу ниёзи бисьёр аз Гулшоҳ ва Маликмӯҳсин иҷозати бозгашт ба ватан мехоҳад.

Ӯ баъди иҷозат ба асп савор шуда, роҳи сафар пеш мегирад ва аз ғаму ғуссаи фироқ дар роҳ ҷон медиҳад.

Гулшоҳ аз фавти Варқа хабар ёфта, бо Маликмӯҳсин ба зиёрати қабри ӯ меоянд. Дар асноӣ зиёрат Гулшоҳ аз ғами ҷудоӣ тоқат карда натавониста бо ханҷар худро зада мекушад.

Бо фармони Маликмӯҳсин ҷасади Гулшоҳро низ дар ҳамон қабре, ки Варқа дафн шуда буд, мегӯронанд.

## ДИДАНИ ВАРҚАВУ ГУЛШОҲ ЯКДИГАРРО

Бигуфт ину дармонд дар ғам асир,
Ситад хотаму дарфигандаш ба шир.
Ба кадбонуаш бурд бо биму дард,
Ситад шир Гулшоҳ, лахте бих(в)ард.
Падид омад ангуштарӣ андар ӯй,
Чу дид он бути дилбари меҳрҷӯй,
Ҳама мағзаш аз меҳр пурҷӯш гашт,
Бияфтод бар ҷою беҳуш гашт.
Қанизак зи дидори ӯ хира монд,
Ба дил-дар ҷаҳонофаринро бихонд.
Ба рухсори ӯ-бар бигустурд об,
Аз он об Гулшаҳ даромад зи хоб.
Бад-ӯ гуфт: «Дар шир ангуштарӣ
Кӣ афганд? — Баргӯй бе доварӣ!
Қанизак бигуфт: «Эй шаҳи бонувон,
Ҳамоно зи ангушти ин меҳмон.
Гаҳи шир хӯрдан фитод андар ӯй,
Ки гаштаст аз мӯя монанди мӯй».
Ба дил гуфт Гулшоҳ к-эзид якест,
Ки хотам ба ҷуз хотами Варқа нест.
Қанизакро дод фармон, ки ҳин
Бирав сӯи он марди андӯҳгин.
Бигӯ, к-аз дари қаср берун хиром,
Ки то ман зи хона бароям ба бом.
Чунон буд муроди маҳи рабпараст,
Ки то баррасад к-ин ҷавон Варқа ҳаст.
Бигуфто: «Набошад, ки бошад ҷуз ӯй,
Ҷуз ӯро намудан муҳол аст рӯй?»
Қанизак сӯи Варқа омад чу бод,
Бар ӯ кард гуфтори Гулшоҳ ёд.
Бурун рафт аз қаср Варқа бадар,
Баромад ба бом он бути симбар.
Зи пинҳон сӯи Варқа кардаш нигоҳ,
Ҳаме дид дар ишқ гашта табоҳ.
Ду чашмаш пуробу диле пур зи хун,
Ҳаме ҷон-ш аз дида омад бурун.
Чу Гулшоҳ рухсори Варқа бидид,
Яке боди сард аз ҷигар баркашид.
Бигуфт: «Оҳ»-у аз пой шуд сарнагун,
Зи боло даромад ба хок андарун.
Чу Варқа бидид он дилоромро,



Мар он моҳи хушхӯи пидромро.
Бинолиду аз дарди дил гуфт: «Оҳ
Даромад сараш сӯи хоки сиёҳ».
Бидид он мар инрову ин мар варо
Дили ҳарду сӯзон буд андар баро.
Баромад зи ҳарду ба як раҳ хурӯш,
Зи ҳарду ба як роҳ бибуррид хӯш.
Замоне баромад, ба хӯш омаданд,
Дигар бор андар хурӯш омаданд.
Қанизак ба болову Варақа ба зер,
Бидиданд мар якдигарро далер.
Ба зер омад аз бом он дилрабо
Ҳамон сӯхта Варқа аз дардро
Чунин гуфт Гулшоҳ, к-эй ибни ам,
Ҳаме хун шуд андар барам дил зи ғам.
Кунун чашмам, эй ёри меҳрозмой,
Ба дидори ту кард равшан худой.
Бигуфт ину бинҳод сар бар замин,
Ба саҷда ба пешаш ҷаҳонофарин.
Ба саҷда дарун бори дигар хурӯш
Баровард, аз вай ҷакон гашт хӯш.
Чунон дид Варқа, ки барги дарахт
Биларзиду бар худ бипечид сахт.
Баромад-ш оҳу фурӯ рафт дам,
Бияфтод бар хоки торӣ зи ғам.
Ду дилхаста бар рӯи хоки сиёҳ
Фитода, бар он хок гашта табоҳ
Қанизак фурӯ монд андар замон
Гаҳе шуд бар ину гаҳе шуд бар он.
Пароканд бар рӯи он ҳар ду об
Бурун омаданд он ду ошиқ зи хоб.
Дили ҳар ду мискин рамида зи дард,
Биронданд хуноба бар рӯи зард.
Саросема Гулшоҳи фархундарӯй
Давидаш бари Варқаи меҳрҷӯй.
Ба Варқа бигуфт: «Эзиди додгар,
Ба гӯшам расонод марги падар,
Ки бар мо ду бечора кардаш ситам
Бад-ин сон ҷудо кард моро зи ҳам,
Валекин ба охир шавад хуб кор,
Агар даст ёбем бар рӯзгор».
Бигуфт ину кас кард Гулшаҳ ба шӯй,
Ба наздики худ хондаш он хубрӯй.

Ба наздики Гулшоҳ шуд шоҳи Шом
Маҳе дид бо лӯъбати кашхиром.
Чакон ҳар дуро хун абар рӯи зард,
Нуҳуфта рухи ҳар ду дар хоку гард.
Ба Гулшаҳ бигуфт: «Эй санам ҳол чист?
Чаро нолию ин ҷавонмард кист?»
Бигуфт: «Ин ҷавонро надонӣ ҳаме?
Ки кардӣ бар ӯ меҳрубонӣ ҳаме.
Мар ӯро ба дасти худ овардаӣ,
Диламро бад-ӯ шодмон кардаӣ».
Бигуфто надонам, ту баргӯй ном.
Бигуфто, ки Варқа-ст ибну-л-Ҳумом.
Ба наздики ӯяст ҷону дилам,
Зи ҷону дили хеш чун бигсалам?
Мабодо маро рӯй бе рӯи ӯй;
Ба Гулшоҳ гуфт он гаҳе шӯи ӯй:
«Агар ин ҷавон мар туро буд ҷуфт,
Чаро номи худ рост бо ман нагуфт,
Ки то ман варо хуб бинвохтӣ,
Ҳаққи ӯ сазовор бишнохтӣ.
Бад-ӯ гуфт аз ҳашмату шармро,
Нигаҳ кардани ҳаққи озармро.
Чун ин гуфт Гулшоҳро шоҳи Шом,
Ки: — «Эй дилбари лӯъбати некном.
Мар ӯро бари хештан ҷой кун,
Сӯи меҳр ҷустан яке рой кун.
Мар ӯро ту аз худ гусаста макун,
Мар ин хастадилро ту баста макун».
Бигуфт ин шаҳи Шому шуд боз ҷой,
Ба дилдор дод он бути дилрабой,
Аз он ҷойгаҳ ҳар ду бархостанд,
Яке ҷои зебо биёростанд.
Ба қаср андараш ҷойгаҳ сохтанд,
Яке ҷои некӯ бипардохтанд.
Чу ҷони азизаш ҳаме доштанд,
Зи пешаш ба як зарра нагзоштанд.
Чу бинҳод хуршед афсар зи сар
Кушод аз миён чархи зарринкамар.
Шаҳи Шом омад ба наздики шом,
Ба наздики он ҳар ду моҳи тамом.
Мар он хастадил Варқаро пеш хонд,
Навозидашу ҳамбари худ нишонд.
Бигуфт: «Эй ҷигархастаи рӯзгор



Чаро чун бидидам-т з-оғози кор?
Накардӣ маро огаҳ аз кори хеш
Нигаҳ доштӣ розу асрори хеш,
Ки то ман ҳақат ҳеҷ нашнохтам,
Чунон чун бибойист нанвохтам».
Бигуфт: «Аз пайи ҳурмату ҷоҳро,
Будӣ худ, накардам ман ин розро.
Нишастанду ронданд чандон сухан
Бикарданд нав розҳои куҳан».
Шаҳи Шом Гулшоҳро гуфт: «Ғам
Мадор эҷу биншин або ибни ам.
Кушоед ҳин пардаи розро,
Нишинед боз аз пайи нозро.
В-агар-тон ҳаме ҳашмат ояд зи ман,
Битарсед, к-андӯҳ физояд зи ман,
Ман инак бурун рафт хоҳам зи дар,
Шумо ғамгусоред бо якдигар.
Чу ман рафта бошам ба оромгоҳ,
Шумо хуб доред ойину роҳ».
Бигуфт ин суханрову бар пой хост,
«Бари ошиқон,— гуфт,— будан хатост».
Бурун рафт бо макру талбису банд,
Зи назди ду бечораи мустаманд.
Ба байғулае дар ниҳон гашт шоҳ,
Ҳаме кард duздида з-он сӯ нигоҳ,
Ки то дар миён-шон хатое равад,
Ҳадиси баду носазое равад.
Бад-ин ҳол мебуд то субҳи рӯз,
Ки рахшид хуршеди гетифурӯз.
На з-ину на з-он дид номардумӣ,
Чу ин бовафо диду он одамӣ,
Шаҳи Шом шуд шодмон боз ҷой,
Бишуд эмин аз кори он дилрабой.
Аз оғоз, к-ин шоҳи пуркимиё,
Ба Гулшоҳу Варқа бигуфто: «Шумо
Ба як ҷойгаҳ шодкомӣ кунед,
Зи дил якдигарро гиромӣ кунед».
Бигуфт ину баргашту рафт ӯ бурун,
Ба кунҷе ниҳон шуд ба макру фусун.
Чу ӯ рафт, Гулшоҳу Варқа ба ҳам
Нишастанд в-аз дил зудуданд ғам.
Ба ҳам ҳар ду ошиқ сухан сохтанд,
Зи деринағам дил бипардохтанд.

Чафое, ки диданд аз рӯзгор,
Бигуфтанд бо якдигар ошкор.
Зи таффи дилу ишқу бечорагӣ,
Зи нолидану ҳаҷру ғамхорагӣ,
Гаҳе гуфт Гулшоҳу аз дида нам
Равон кард чун сел зери қадам.
Гаҳе Варқа дар вай чу кардӣ нигоҳ,
Ғами дил бигуфтӣ бар он меҳру моҳ.
Ҳар он ранҷ, к-омад зи ишқаш ба рӯй,
Ҳама пок баргуфт дар пеши ӯй.
Гирифт он дар ину гиристан бар он
Ҳаме дур фишонданд бар заъфарон.
Гаҳе гуфт Гулшоҳ, к-эй ҷони ман,
Гусаста мабодо зи ту номи ман.
Аё меҳрҷӯи вафодори ман,
Ҷуз аз ту мабодо касе ёри ман.
Гаҳе Варқа гуфтӣ, ки эй хурзод,
Гиромӣ равонам фидои ту бод.
Ба ту бод фархунда айёми ман,
Мабуррод аз меҳри ту коми ман.
Дилам бод пайвастаи меҳри ту,
Танам бод шоистаи чеҳри ту.
Бад-ин ҳол буданд то осмон,
Қашидаш бар об-дар тайласон.
Бибуданд бар дарду ҳиҷрон сабур,
Пас аз якдигар ҳарду гаштанд дур.
Варомад бар ин корашон чанд гоҳ,
Шаҳи Шомашон дошт ҳар шаб нигоҳ.
Чу з-эшон надидаш раҳи носавоб,
Наёмад дигар наздашон вақти хоб.
Чу якчанд бар ҳолашон баргузашт,
Дили Варқа аз ишқ ошуфта гашт.
Битарсид, к-аш кор гардад табоҳ,
Чу бисьёр пояд ба наздики шоҳ.
Кушодаш забон Варқаи хуброй,
Ки эй духтари ам, ба ҳаққи Худой,
Ки гар дар ҳама умр аз рӯи ту
Шавам сер в-аз ишрати хӯи ту
Агар дар бало боядам зистан,
Шабу рӯз аз дард бигристан,
Валекин зи шӯи ту, эй сарвбун,
Шукӯҳам, фузун з-ин нагӯям сухун.
Набояд, ки ояд мар ӯро гарон,



Ки ҳаст ин ҷавонмард фахри меҳон.
Бувад низ к-аш хуш набояд, ки ман
Бувам бо ту як ҷой, эй симтан.
В-агар огаҳӣ ёбӣ, эй дилгусил,
Ки аз ман наёяд варо ғам ба дил.
Яке рӯзаке чанд бошам дигар,
Тани хешро боз ёбам магар?
Бад-ӯ гуфт Гулшоҳ, к-эй некхоҳ,
Макун рӯзаке чанд оҳанги роҳ.
Магар зӣ ту боз ояд, эй меҳрҷӯй,
Тавоноию қуввату ранги рӯй,
Ки аз ранҷи раҳ низ н-осудаӣ,
Аз он пас, ки дар ғам бифарсудаӣ.
Ба фармони он лӯъбати дилфурӯз
Бибуд Варқа он ҷойгаҳ чанд рӯз.
Чу аз ранҷи раҳ омадаш тан ба роҳ,
Ба Гулшоҳ гуфт: «Эй дилафрӯз моҳ,
Нагардам ҳаме сер аз рӯи ту,
Ҳаме шарм дорам ман аз шӯи ту.
Чи хӯяст бо ӯ маро дар насаб,
Куҷо ӯ зи Шом асту ман аз Араб.
Ба рафтан маро сӯи раҳ чора нест,
Ба ҷуз ман кас аз ишқ бечора нест.
В-агар дар сабурӣ шавам ҳамчу мӯр,
Ба назди ту боз оям аз роҳи дур.
Агар чанд огоҳам аз интизор,
Ки хоҳад гусаст аз туам рӯзгор.
Аз ин рафтан охир маро чора нест,
Ба ман ҷуз бад-ин чора байғора нест,
Ки гар шаҳ бародар будӣ мар маро,
Зи ҳам бобу модар будӣ мар маро.
Чу ин шуғл будӣ, гарон омадӣ,
Зи темори кораш ба ҷон омадӣ.
Чи гуна бувад кори он кас, ки ӯй
Бути дилгусил дораду хубрӯй?
Набинад ҷаҳон ҷуз ба дидори ӯй,
Наҷӯяд ба ҳар ҳол озори ӯй.
Ба бегонае бояд ӯро супурд,
Аё ҷони ман, ин на корест хурд!?»
Зи гуфтори ӯ гашт Гулшоҳ нажанд,
Бинолид он зоди сарви баланд.
«Макун,— гуфт,— чунин, аё ибни ам,
Бар ин бинти аммат маяфзой ғам,

Ки бифзуд бар ман фироқи ту ранҷ
Маро рафта гир аз сарои сипанҷ.
Чу рафтӣ дигар боз н-ой барам,
Ки то чанд рӯзи дигар эдарам.
Зи манзил ту то рафта бошӣ бурун
Бувад манзили ман ба хок андарун».
Бигуфт ину додаш ба шавҳар хабар:
Куҷо Варқа кардаст қасди сафар?
Бари ҳарду омад сабук шоҳи Шом
Шуда чашмаш аз ғам чу чашми ғумом.
Ба Гулшоҳ гуфт: «Эй дилорому дӯст,
Чаро рафт бояд, ки хон они ӯст!
Бигӯ то бибошад барат ибни ам,
Ки ҳаргиз ҷудотон надорам зи ҳам.
Нашуд ҳаргизам худ гаронӣ аз ӯй.
Нахоҳам ҷуз аз зинадгонии ӯй».
Ба посух чунин гуфт Гулшаҳ бад-ӯй,
Ки ӯ шармгин асту озармҷӯй.
Шаҳи Шом гуфт: «Ин чӣ бегонагист?
На хушьёрияст ин, ки девонагист!
Саро они ӯясту ҷой они ӯст,
Мурод они ӯясту рой они ӯст.
Ба ҷаббори додору парвардигор,
Ба аҳмад-паёмовари кирдигор,
Ки гар оядам з-ӯ гаронӣ ба дил.
В-аз эдун будам з-ӯ гаронӣ ба дил,
Набояд мар-ӯро аз эдар шудан,
Ба мулки худ-андар бибояд будан».
Чунин гуфт Варқа ба солори Шом,
Ки эй дод деҳ хусрави некном,
Ҳамасола мулк аз ту обод бод,
Дилат ҷовидон аз ғам озод бод.
Ту аз фазл боқӣ намонӣ ҳаме,
Ба ҷуз меҳрубонӣ надонӣ ҳаме,
Валекин ҳамерафт бояд маро,
Бад-ин ҷой будан нашояд маро.
Шавам, гӯри Бобак зиёрат кунам
В-агар кард бояд иморат кунам.
Фаровон набошам бад-он ҷойгоҳ
Чу рафтам сабук боз гардам зи роҳ.
Зи гуфтори ӯ ҳарду ғамгин шуданд,
Ба раҳ рафти ӯ зарду заррин шуданд.
Чу огаҳ шуданд он ду нахли ба бар



Ки бибрид хоҳанд аз якдигар.
Дили ҳарду бечора мустӣ гирифт,
Тани ҳарду аз ранҷ сустӣ гирифт.
Ҷигар хаста Гулшоҳи эзидпараст,
Сӯи пухти тӯша биёзид даст.
Ҳаме пӯхт он тӯшаро бо шитоб,
Ҳамеронд аз дидагон сели об.
Ғиревон бар он сон вафодар дӯхт,
Ҳама тӯша аз оби дида бипухт.
Чу Варқа сӯи роҳ кардаш басиҷ
Зи темори Гулшоҳ носуд ҳеҷ.
Ба Гулшаҳ чунин гуфт фархунда шӯй:
Ки мар Варқаи хастадилро бигӯй,
Ки имрӯз бошад або ту ба ҳам,
Нишинед шоду гусоред ғам,
Гусӣ кун-ш фардо ба сад иззу ноз,
Або зарру симу або аспу соз.
Бишуд шод Гулшоҳу бо Варқа гуфт:
Ки имшаб бибош эй сазовори ҷуфт.
Нишондаш ба меҳри дил он дилфиреб,
Ки аз ошиқӣ буд дилаш ношикеб.
Сару пои Варқа ба обу гулоб
Бишуст он шакарпосуху хушҷавоб.

# УНСУРӢ

*Абулқосим Ҳасан бинни Аҳмад Унсурӣ аслан балхӣ буда, тахаллусаш Унсурӣ аст.*

*Дар хусуси таваллуд ва фавти ӯ маълумоти равшане дар даст надорем. Таваллуди ӯро байни солҳои 970—980 тахмин кардаанд. Вафоти шоир ба солҳои 1040—1050 рост меояд.*

*Фаъолияти шоирии Унсурӣ дар замони ҳукмронии сомониён шурӯъ шуда, дар даври салтанати Султон Маҳмуд ба авҷи худ расидааст.*

*Ӯ ба гирифтани унвони «Малик-уш-Шуаро» ноил шуда буд.*

*Унсурӣ чанд достони ошиқонаеро аз қабили «Вомиқу Узро», «Сурхбут ва Хингбут», «Шодбаҳр ва Айн-ул-Ҳаёт» ба назм даровардааст, ки аз онҳо, чанде абьёти пароканда ба дасти мо расидаасту халос. Аз «Вомиқ ва Узро» то имрӯз 515 байт ба даст даромадааст.*

*Аз Унсурӣ девоне низ боқӣ мондааст, ки миқдоре аз қасоид ва ғазалҳои ӯро дар бар гирифтааст.*

## АЗ ҚАСОИД

Баҳорзинат боғе, на боғ, балки баҳор,
Баҳорхонаи мушкӯю мушкбӯи баҳор.
Сириштги табъашро ҳар чаҳор табъ ҳавост
Ниҳоди солашро ҳар чаҳор фасл баҳор.
Зи ранги сурати ӯ корномаи наққош,
Зи бӯи турбати ӯ борномаи аттор.
Ҳаво зи накҳати бӯяндагони ӯ Тиббет
Замин зи нузрати бинандагони ӯ Фархор.
Басар зи сурати ӯ оламй сувар гардад,
Агар нигоҳ кунӣ жарф сӯи он девор.
Чу марғзор яке шер дорад андар бар,



Чу воқвоқ яке рӯи мардум орад бор.
Ба сони карк яке пил баркашида ба шох,
Ба сони арк яке бар ҳаво кашида ҳисор.
Ҳисорҳои бар амсолҳои миноранг,
Ирам наянду чудо ҳар яке ирамкирдор.
Ба сони қуббаву «Артанг»-и Монавиш ғилоф,
Ба сони каъбаву дебои хусравиш изор.
Ду дебаҳе, ки ба ранги паранди ҳиндитеғ,
Забарҷадинаш пӯду зумаррадинаш тор.
Ҳаме нишот кунад, булбул андар ӯ гӯй,
Чағона дораду дар кому дар гулу мизмор.
Навои зеру бам орад зи ҳалқи бебаму зер,
Ҳаме фусӯс кунад бар навои мусиқор.
Дарахти норинҷ аз хома гӯиё шангарф,
Бирехтаст касе мушт-мушт бар зангор.
Ба сони миҷмари миност, к-аз мушаббаки ӯ
Бухори мушк бароянд ҳаме зи шӯълаи нор.
Зи баргу бор ҳама тӯтиён парронанд,
Ки паррашон ҳама баргаст, борашон минқор
Чу ганҷхонаи Рум аст рӯи турбати ӯ,
Зи симу нукраву ёқуту зарр муштафшор.
Хуҷаста бод кушода даҳони мушкиндам,
Кушода наргис чашми дижам зи хоби хумор.
Чу ҷоми заррин, к-андар миёни ӯ анбар,
Чу ҷоми симин, к-андар миёни ӯ динор.
Яке на чашм, валекин ба гунаи чашме,
Ки дида аз шабаҳ бошад, мижа зи зарри ийёр...
Бунафшазораш гӯӣ ҳарири сабз астӣ,
Ки нилреза бар ӯ барпароканӣ ҳамвор.
Чу мӯҳраҳои кабуд аст бар бирешими сабз,
Ба табъ баставу пайваста бе гиреҳ сутвор.
Ҳама саҳоифи Уқлидис аст пиндорӣ,
Ки шаклҳош диҳад мар муҳандисонро кор.
Сипеҳр нею ба сони сипеҳр маркази нур,
Ситора ҳаст, валекин ситораи сайёр.
Маҷарравор яке ҷӯй андар ӯ гузарад,
Бар оби Хизр табаҳ карда оби ӯ бозор...
Агар биҷунбад, гӯӣ ҳамебиҷунбад ҷон,
Агар бипечад, гӯӣ ҳамебипечад мор.
Ба сони Қорун гоҳе фурӯ шавад ба замин,
Гаҳе шавад ба ҳаво бар чу Ҷаъфари тайёр.
Гаҳе бубинӣ гашта чу пушти боз хашин,
Гаҳе мунаққат бинӣ чу пушти сангин сор.

Бухори ӯ, ки фурӯзад дилу фурӯзад шамъ,
Зи дида икд кунад икд лӯълӯи шаҳвор.
Агар забон бикушой ба васфи ҳумми бузург
Раво бувад, ки диҳад васфи ӯ ба шеър шиор.
Чу ҳиммати маликон аст баргузашта зи ваҳм,
Қанораи шурафаш бар шараф гирифта қарор.
Бузургтоқашро колбад фалак буда,
Баландгунбади ӯро қазо зада паргор.
Набиштаҳош ҷамол асту хиштиҳош лиқо,
Нигорҳош камолу бухорҳош фахор.
Латифтар зи ҷавонию хуштар аз немъат
В-аз ӯ бурун нашавад он ду чизро ханҷор.
В-агар ба хонаи кофурӣ андарун нигарӣ
Замони машриқ бинӣ дар ибтидои наҳор.
Чу каффи Мусо, к-оят ҳаме намуд аз ҷайб
Чунонки рӯи биҳиштӣ бувад ба рӯзи шумор...
В-агар кунӣ сифати хонаи нигористон,
Бурун шавад зи табоеъ бар оташи тимор.
Бадеъгунбади ӯ ҳамчу ҷоми Кайхусрав
Дар ӯ дувоздаҳу ҳафтро масиру мадор.
Ба сони буткадаҳо тоқҳош пурсурат,
Шукуфта чун гулу бе айб, чун дили аброр.
Фурӯғи рӯи чу маҳшон ҳаме намояд гул,
Шиканҷи зулфи сияҳшон ҳаме фишонад кор.
На вашшию ҳама бо ҷомаҳои вашниранг,
На ҷонвар, ҳама бо ғамзаҳои ҷонавбор.
На кони зарру ҳама зарри сурхи бе тахлит,
На кони симу, ҳама сим, нуқраи бебор.
Дар ӯ нигошта бар фоли неку ахтари саъд,
Худойгонро бари базму разму гоҳу шикор.
Шикори давлати оливу размш қаҳри адӯ
Бақои немъатро карда базмгоҳ изҳор.
Қарори дилшудагон асту ганҷи бедирамон
Наҷоти мумтаҳанон асту доруи бемор.
В-агар ба гунбади фарвори хона оваридӣ дил,
Сухан мунаққаш гардад зи фарри он фарвор.
Чу ҷаъди зулфи бутон аст даршикаста ба ҳам,
Гиреҳ-гиреҳ-ш миёну шикан-шикан-ш канор.
Шикан якеву гиреҳ бар шикан ҳазор афзун,
Гиреҳ якеву шикан бар гиреҳ фузун зи ҳазор.
В-агар ба ҳуҷраи хоса назар кунӣ сӯи боғ,
Забарҷадин шавад андар ду чашми ту дидор.
Асар асир кунад бар замин зи бахри ҳаво,



Ки акси ӯ ба асир андар афганад осор.
Зи ҳусн гӯӣ пайваст гавҳараш ба ҳунар,
Зи лутф гӯӣ парвард давлаташ ба канор.
Дарахти ӯ ки бирӯяд латифтар зи нуҷум,
Бухори ӯ, ки бихезад шарифтар зи биҳор...

## АЗ ҒАЗАЛИЁТ

Ба гирди моҳ-бар аз ғолия ҳисор кӣ кард?
Ба рӯи рӯз бар аз тирашаб нигор кӣ кард?
Ба нури ёр ба табъу ба ҷинс зулмату нур,
Ба рӯи хуби ту ин ҳар ду чиз ёр кӣ кард?
Туро кӣ кард буто, аз баҳорхона бурун,
Ҷаҳон ба рӯи ту бар ҷони ман баҳор кӣ кард?!
Ба моҳ монӣ он гаҳ ки ту савор шавӣ,
Чӣ гуна, эй аҷабо, моҳро савор кӣ кард?
Агар зи ишқи ту пурнор гашт ҷону дилам,
Маро ба меҳри ту наздику устувор кӣ кард?

* * *

Мушкин шавад чу бод ба зулфи ту бугзарад,
Ошиқ шавад касе, ки ба рӯи ту бингарад.
Бар ғолия бимонад бар орази ту бод,
Гоҳаш ба ӯ бимоладу гаҳ боз бистурад.
Гар пушт ёбад аз рухи ту лола бишкуфад,
В-аз бими ғамзагони ту наргис бипажмурад.
Найранги чиниёнаву Арҷанги чиниён,
Ҳар шаб ба назди чашму рухи ту кӣ оварад?
В-он сад ҳазор ҳалқаи мушкини пуршикан,
Ҳар соате ба гирди гули ту кӣ густарад?
Чашми тар аст мояи найрангу дилбарӣ,
Наргис надидаем, ба найранг дил барад.
Табъе бар он ду зулфи ту чандон гиреҳ фитод,
К-аш марди ҳандисӣ ба дусадсол нашмарад.

* * *

Гули сурӣ ба моҳ-андар шукуфта,
Бар ӯ-бар кажду ми чаррора хуфта.
Ду лаб чун донаи нор аст, лекин,
Ба нуги сӯзани андеша суфта.

Накӯруе, ки аз фирдавси ҳуро,
Бар ӯ хубӣ фиристодаст суфта.
Шаби тор ошкоро гашта доим,
Ба зераш рӯзи рахшанда нуҳуфта.
Ба оин сурате, к-андар ҷаҳон кас
Назири ӯ на дидасту, на гуфта.
Чу гул гӯӣ шукуфта оразинаш
В-аз ӯ зулфайни мушкин гирд рафта.

* * *

Эй моҳи сияҳпӯш, ту равшаншуда моҳӣ!
Ҳам шамъи сарои ману ҳам пушти сипоҳӣ.
Аз қомату қадди ту барад сарв баландӣ,
В-аз ҳалқаи зулфи ту барад қир сиёҳӣ.
Ҷонам ба салоҳояд аз он нӯши лаби ту,
Гар боз наяфзояд чашми ту табоҳӣ,
Яъқуб агар зинда шавад боз ба олам,
Нашносадат, эй турк, зи пайғамбари ҷоҳӣ.
Хаста дилам, эй бут, бикушову бибандӣ
Чун зулф ба рух барбифизоиву бикоҳӣ.

* * *

Зи зулфи ту бурдаст шаббӯй, бӯй,
Аз ӯ гашт пурмушк мушкӯй, кӯй.
Кучо ҷӯи хун, бинӣ, эй дилрабо,
Рухони маро андар он ҷӯй, ҷӯй!
Ту гӯӣ, ки дил шустам аз ту.— Чаро?
Дил аз ман чӣ шӯӣ, дил аз шӯй, шӯй!
Равон мӯю ашк аст омӯи об,
Чӣ арзад бари оби Омӯй, мӯй.

* * *

Ҳалқаи зулфаш ба гул-бар ғолия дорад ҳаме,
Гул ба бӯи ғолия сунбул ба бор орад ҳаме.
Нест сунбул, к-он хати мушкини он турки ман аст,
Дида чун онро бубинад, сунбул ангорад ҳаме.
Узри ҷон аст он руху он ғамзагон озори дил,
Он рухон чун узр хоҳад, ин дил озорад ҳаме.
Боғбонанд он ду зулфаш, боғ-ду рухсори ӯ
Онак, онак боғбон дар боғ гул корад ҳаме.



## АЗ РУБОИЕТ

Гуфтам: санамо, дилам туро ҷӯён аст,
Гуфто: ки лабам дарди туро дармон аст,
Гуфтам: ки ҳамеша аз манат ҳиҷрон аст?
Гуфто: ки парӣ з-одамиён пинҳон аст.

Гул бар рухи тусту чашми ман ғарқа ба об,
Ман тофтаву зулфи ту печида ба тоб,
Зулфи ту бар оташ асту ман гашта кабоб,
Бехоб ману наргиси ту мояи хоб.

Қай айби сари зулфи бут аз костан аст?
Чӣ ҷои ба ғам нишастану хостан аст.
Рӯзи тарабу нишоту май хостан аст,
К-оростани сарв ба пиростан аст.

Он зулф, ки ӯ ба бӯи марзангӯш аст,
Гаҳ бар чабҳат, гаҳе ба зери гӯш аст.
З-ин боз аҷабтар он лаби хомӯш аст,
З-ӯ шаҳру ҷаҳон ба бонги нӯшонӯш аст.

Чун бар пой, ба сарви симин монӣ,
Чун биншинӣ, ба моҳу парвин монӣ,
Озода бутo! — Ба дидаву дин монӣ,
В-аз ширинӣ ба ҷони ширин монӣ.

Зулфи ту камандест ҳама ҳалқаву банд,
Холӣ набувад зи ҳалқаву банд каманд,
Он чоҳ ба он симзанахдон-т кӣ канд?
В-ар худ кандӣ маро бад-он чаҳ кӣ фиганд?

Он лаб намазам, гарчи маро он созад,
Зеро ки шакар чун бимазӣ бигдозад.
Чашмам зи ғамон-ш заргарӣ оғозад,
То бигдозад ақиқу бар зар бозад.

Гуфтам: чашмам зи бас, к-аз ӯ хун омад,
Аз лола ба рангу сурхӣ афзун омад.
Гуфт: он ҳама хун набуд, ки берун омад,
К-аз ранги рухам ашки ту гулгун омад.

Аз бӯса ту мурда бо равон тонӣ кард,
В-аз чеҳра дили пир ҷавон тонӣ кард.
Рух гоҳ гулу гаҳ арғувон тонӣ кард,
В-аз ғамза ғариб ҷодувон тонӣ кард.

## АЗ «ВОМИҚ ВА УЗРО»

Мазмуни мухтасари достон аз рӯи абьёти парокандаи боқимонда чунин аст:

Фулуқрот зани хубрӯй Ёниро ба занӣ мегирад ва ба ин муносибат як ҳафта тӯй медиҳад. Ҳамон юнониён ба Шомус барои гузарондани ин маърака меоянд. Аз ин никоҳ духтари хубчеҳрае ба дуньё меояд, ки ӯро Узро ном мениҳанд. Ин духтар аз писарҳо беҳтар тарбия меёбад ва душманони падари худро бо мубориза чандин бор пеш мекунад.

Яке аз хешовандони Фулукротро, ки Макзитус ном дошт, занаш мурда Вомиқ ном писар мегузорад. Модарандар Вомиқро азият дода, падарро аз писар безор мекунад. Вомиқ аз хонаи падар мегурезад ва ба киштие нишаста ба сӯи кишвари Фулукрот Шомус ҳамроҳи дӯсти худ Тӯфон роҳ мегирад. Чун Вомиқ ва Тӯфон аз киштӣ фурӯд омаданд, ба зиёрати ҳайкали Ҳиро рафтанд. Он ҷо Вомиқ ва Узро якдигарро дида ба ҳам дил мебанданд. Узро аз аслу насаби Вомиқ пурсуҷӯ мекунад. Вомиқ саргузашташро гуфта, изҳор мекунад, ки ба Фулуқрот паноҳ овардааст. Модару духтар ба ӯ ваъда карданд, ки воқеаро ба Фулукрот арз хоҳанд кард. Вомиқ ва Узро аз ҳам ҷудо мешаванд, вале оташи ишқ ниҳоди онҳоро месӯзонад. Аз байн чанд рӯз мегузарад, модари Узро ваъдаи ба Вомиқ додаашро аз ёд мебарорад. Аммо тавассути Узро онро ба хотир оварда, ба подшоҳ арз мекунад. Вомиқро ба дарбори Фулуқрот мехонанд. Вай аз имтиҳон мегузарад, дар чавгону гӯй, аспсаворӣ ва тирандозӣ ҳунарҳо нишон медиҳад.

Буньёди муҳаббати Вомиқ ва Узро рӯз то рӯз мустаҳкам мегардад. Аз ин воқеа модари Узро, муаллими ӯ Фалотус ва дигарон хабардор шуда, бо ҳам вохӯрдани онҳоро манъ мекунанд. Баъдан Вомиқ бадарға мешавад.

Дар ин миён модари Узро аз олам мегузарад. Андаке баъдтар душман ба Фулукрот хуҷум карда ӯро нобуд



мекунад. Тахти Фулукрот ба дасти бегонагон мегузарад. Ғуломфурӯше бо номи Алонуш Узроро харида, ба ҷазираи Киюс мебарад ва он ҷо ба Манқалиус мефурӯшад. Узро чаҳор сол дар бандагӣ мемонад. Бозаргоне бо номи Дамхасинус Узроро аз Манқалиус медуздад ва ӯро бо ранҷҳои зиёд ба ҷазираи Партониюш мебарад, ки он ҷо Тугуюс подшоҳ буд. Тугуюс бо ҳар роҳ мехоҳад Узроро ба даст орад, вале ба ин муваффақ намегардад, зеро чандин бор ба ҷазираи ӯ роҳзанони баҳрӣ ҳуҷум меоваранд.

Охири қисса номаълум аст. Дар маҳалле Осанистон Вомиқро дучор омада, аз саргузашти ӯ огоҳ мегардад ва духтари парирӯи худро ба ақди никоҳи ӯ медарорад. Вале бо сабабе Вомиқ падарарӯси худро мекушад. Шояд пас аз ин Вомиқ ва Узро баъди бартараф кардани монеаҳои зиёд ба ҳам бирасанд.

Кас аз ҳар ҷазира зи юнониён
Бирафтанд, баста ба шодӣ миён...
Ба як ҳафта аз бонги чангу рубоб
Қасеро набуд ёди орому хоб...
Сарояндагон рӯд бардоштанд,
Ба некахтарӣ роҳ бигзоштанд.
Зи бас-андар ӯ гавҳар андхотанд,
Ҳаме борагӣ бар гухар тохтанд.
Ба кохи Фулукрот доданд рӯй,
Фурӯд омаданд он ду оромҷӯй.
Чу Ёнӣ бидид он чунон дастгоҳ,
Бузургию номи Фулукротшоҳ.
Дилу ҷон-ш бо ӯ шуд омехта,
Ба чизе набуд дил-ш овехта...
Чу з-ин кор бигзашт якчанд гоҳ,
Яке духтар овард Ёнӣ чу моҳ.
Ҳар он гаҳ, к-аз ӯ бӯю ранг омадӣ,
Ҷаҳон бар гулу мушк танг омадӣ.
Чу аз ҷома он моҳ бархостӣ,
Ба чеҳра ҷаҳонро биёростӣ.
Яке моҳ боло гирифт он ниҳол,
Фузун з-он ки дигар дарахтон ба сол.
Чу шуд ҳафтмоҳа ба рафтан гирифт,
Сухун гуфт даҳмоҳа низ, эй шигифт.
Чу дусола шуд роҳи омӯхтан
Гирифт ӯ ба дониш дилафурӯхтан.

Чу бар ҳафт шуд соли донишпазир,
Ситорашумор гашту чобук дабир.
Бад-ӯ ҳар-ч бинмудӣ омӯзгор,
Ба санг андарун канда будӣ нигор.
Чу даҳсола шуд, шуд ба майдони гӯй,
Ба тиру камон-андар овард рӯй...
Ба найза кӯҳ аз ҷой бардоштӣ,
Ба пӯлод-бар тир бигзоштӣ.
Чунон шуд, ки аз подшоҳзодагон
Ҷуз ӯ кас набудаш зи озодагон.
Чу андар ҳунар озмудаш падар,
Қалиди сухан диду ганҷи ҳунар.
Ба тадбири фарзанди фарҳангсоз
Зи дастури фарзона шуд бениёз.
Чу ӯро ба фарҳанг ҳамто надид,
Падар номи он моҳ Узро гузид.
Накардиш пинҳон падар аз касе,
Накардӣ бе ӯ шодмонӣ басе.
Фулуқротшаҳро гар аз ҳеҷ рӯй
Падид омадӣ душмани ҷангҷӯй.
Ба Узро супурдӣ сипаҳ пеши хеш,
Фиристодӣ ӯро бад-он кор пеш.
Гиромӣ ҳамедошт ӯро падар,
Гиромитар аз ҷону аз чашму сар...
Зи дасти падар тангрӯзӣ писар,
Ба сахтӣ ҳамебурд рӯзӣ ба сар.
Аз ин кишвари беҳунар бигзарам,
Беҳ ояд магар кишвари дигарам.
Ҳамон кас ки ҷон дод, рӯзӣ диҳад,
Чу рӯзӣ диҳад, дилфурӯзӣ диҳад.
Ҳаме буд з-андеша якчанд гоҳ,
Ки чун ҷӯяд аз гардиши рӯз роҳ.
Нигаҳ кард бероҳ модандараш,
Ки ҷонро барорад ба заҳр аз бараш.
Зи рояш ба Вомиқ расид огаҳӣ,
Дуто гашташ аз ранҷ сарви саҳӣ...
Яке дӯсташ буд Тӯфон ба ном,
Гузашта бар ӯ-бар басе кому дом.
Ҷаҳондидаву кордида басе,
Писандида андар дили ҳар касе...
Ҳамон гоҳ кас кард, ӯро бихонд,
Ҳама рози дил пеши Тӯфон биронд.
Чунин гуфт, к-эй пурҳунар ёри ман,



Ту огоҳӣ аз гашти паргори ман.
Зи кирдори ин зан ту низ огаҳӣ,
Ки якбора кард аз хирад дил тиҳӣ.
Ҳама хуши ӯ дар ҳалоки ман аст,
Бадандеши торик-хоки ман аст.
Равонам бимонад ба шарм андарун,
Наёяд аз он шарм ҳаргиз бурун.
Бикӯшам ба фармону рой оварам,
Ба кӯшиш магар ҷон ба ҷой оварам.
Чунин гуфт Тӯфон ба Вомиқ, ки ман
Фидои ту дорам ҳаме хештан.
Туро ҳаст, чандон ки бояд хирад,
Валекин чӣ чора-ст бо бахти бад?
Агар нестӣ бахт носозвор,
Напечондие мар туро рӯзгор,
Ба Шомус бисечид бояд-т роҳ,
Гузаштан ба назди Фулуқротшоҳ.
Туро низ хешист бо ӯ ба хун,
Ба некӣ бувад мар туро раҳнамун.
Бидорад туро хурраму шодмон,
Бибошӣ беозору эмин ба ҷон.
Писандид Вомиқ ҳар он-ч ӯ бигуфт,
Бисечид ҳам роҳ андар нуҳуфт...
Чу шуд ҷомаи рӯзи фархундачок,
Баромад шаби тирагун аз мағок.
Ба киштӣ нишастанд ҳар ду ҷавон,
Шудашон сухунҳо зи ҳар кас ниҳон.
Ба Шомус расиданд ҳар ду ба ҳам,
Нашуд ҳеҷ дилшон аз он раҳ дижам.
Чу ҳар ду зи киштӣ бурун омаданд;
Зи дарьё сӯи шаҳри Шомус шуданд...
Чу Вомиқ ба наздики ҳайкал расид
Бад-он ҳайкал-андар яке бингарид.
Чунон буд, ки Узро зи дар ногаҳон
Бурун омаду гашт равшан ҷаҳон...
Ҳаме кард Узро ба Вомиқ нигоҳ,
Яке шоҳ дид аз дари тоҷгоҳ.
Дили ҳарду барно баромад ба ҷӯш,
Ту гуфтӣ тиҳӣ монд ҷон-шон зи ҳӯш.
Зи дидор хезад ҳама растхез,
Барояд ба мағз оташи меҳр тез...
Чу Узро зи ҳайкал сӯи хона рафт,
Дилаш гуфтӣ аз ғам ҳаме боз кафт.

Ҳаме буд ба уммед, то модараш
Дилафрўзу фаррух кунад ахтараш...
Ба пеши Фулуқрот шуд нек чуфт,
Зи Вомиқ сухан пеши ў бозгуфт.
Ба Шомус ба зинҳори шоҳ омадаст,
Бад-ин номвар боргоҳ омадаст,
Ки ман бар дари ҳайкалаш дидаам,
Ба гуфтори хубаш писандидаам.
Яке номҷўе ба болои сарв,
Бунафша дамида зи хуни тазарв.
Бидонист он некхў шаҳриёр,
Сабук дод фармон ба солори бор.
Яке бораи ман ба ҳайкал гузор,
Бад-ў бар нишон он ҷавонро, биёр.
Бикарданд, чунон-к фармуд шоҳ.
Раворав баромад зи даргаҳ ба моҳ.
Чу омад ба даргоҳ Вомиқ фароз,
Дуто кард боло ба расми намоз...
Фулуқрот рафташ пазира ба дар,
Бипурсид гарму гирифташ ба бар.
Ба маҷлисгаҳ оварду бинвохташ,
Ба пурмоятар ҷое биншохташ,
Бад-ў гуфт: «Коми ту коми ман аст,
Ба дидори ту чашми ман равшан аст».
Сўи хонаву шаҳри хеш омадӣ,
Хирадро ба фарҳанг пеш омадӣ.
Сари бонувон дасти Узро ба даст
Гирифту биёмад, ба ҷое нишаст...
Чу дидори Узро ба Вомиқ расид,
Чу моҳӣ ба хушкӣ дилаш метапид.

# ФАРРУХӢ

*Фаррухӣ Абулҳасан Алӣ ибни Ҷулуғ аз шоирони бузурги форсу тоҷик аст, ки дар оғози асри панҷуми ҳиҷрӣ (аввали асри 11 милодӣ) зиндагӣ кардааст. Ў дар таърихи адабиёти форсу тоҷик бо қасидаҳои худ маъруф аст.*

*Забони содда ва ширини Фаррухӣ дар шеър ҳамеша мавриди назар ва таваҷҷўҳи шуаро ва удабои форсу тоҷик буд. Вай дар мусиқӣ низ маҳорат дошта чангро хуб менавохтааст.*

*Дар бораи ҳаёт ва эҷодиёти Фаррухӣ мо ҳанўз маълумоти муфассале надорем.*

*Девони Фаррухӣ, соли 1311 ҳиҷрӣ дар Теҳрон ба табъ расида аст, ки 230 қасида, 28 ғазал, се тарҷеъбанд, 33 рубоӣ ва 4 қитъаро дар бар мегирад.*

## ҚАСИДАҲО

Имсол тозарўйтар омад ҳаме баҳор,
Ҳангоми омадан на бад-ин гуна буд пор.
Пор аз раҳ андар омад чун муфлиси ғариб,
Бефаршу бетаҷаммулу берангу бенигор.
В-имсол пеш аз он ки ба даҳманзиле расад,
Андар кашид ҳулла ба дашту ба кўҳсор.
Бар дасти бед баст зи пирўза дастбанд,
Дар гўши гул фиганд зи беҷода гўшвор.
Аз кўҳ то ба кўҳ бунафшасту шанбалид,
Аз пушта то ба пушта суманзору лолазор.
Гўӣ, ки риштаҳои ақиқ асту ложвард,
Аз лолаву бунафша ҳаме рўи марғзор.
Аз гул ҳазор гуна бут андар паси бут аст,
В-аз лола сад ҳазор савор аз паси савор.
Гулбун паранди лаъл ҳаме баркунад ба сар,
Борони гулпараст ҳаме густарад нисор...
Ин созҳо, ки сохт баҳор, аз паи чӣ сохт,

Имсол чун зи пор фузун сохта нигор.
Розест ин миёни баҳору миёни ман,
Хезам ба пеши хоҷа кунам розаш ошкор.
Ҳар сола чун баҳор зи роҳ андар омадӣ,
Ҷое наёфтӣ, ки дар ӯ ёбадӣ қарор.
Бар санглоху дашт фурӯд омадӣ хиҷил,
Андар миёни хораву андар миёни хор.
Пиндоштӣ, ки хор шудастӣ миёни халқ,
Бедил шавад азиз, ки гардад залилу хор.
Имсол нома кард сӯи ӯ шамолу гуфт:
«Мужда туро, ки хоҷа туро гашт хостгор».
Боғе, зи баҳри ту зи нав афганд чун биҳишт,
Дар пеши ӯ ба сони сипеҳре яке ҳисор.
Боғе, чу хӯи хеш писандидаву бадеъ,
Қохе, чу рои хеш муҳайёву устувор.
Боғе, к-аз ӯ бурида бувад дасти ҳодисот,
Қохе, к-аз ӯ кашида бувад дасти рӯзгор.
Боғе, чу неъмати маликон номдору хуш,
Қохе, чу рӯзгори ҷавонон умедвор.
Боғе, ки нимае натавон гашт з-ӯ тамом,
Гар як маҳе тамом кунӣ андар ӯ гузор.
Ҳар тахтае, аз ӯ чу сипеҳр аст бекарон,
Ҳар дастае аз ӯ чу биҳишт аст беканор.
Сесад ҳазор гуна бут аст андар ӯ ба пой,
Ҳар як чунон ки хира шавад з-ӯ бути Баҳор.
Аз арғувону ёсуману хайрию суман,
В-аз сарви наврасидаву гулҳои комгор.
Бар ҷӯйҳои ӯ ба рада навниҳолҳо,
Гӯӣ васифатонанд истода бар қатор.
То чанд рӯзи дигар аз он ҳар васифате,
Бар хештан ба кор барад дурри шоҳвор.
Онгоҳ мову сурхмаю мутрибони хуш,
Ёрони меҳрубону рафиқони ғамгусор,
Дар зери ҳар ниҳоле, аз он маҷлисе кунем,
Бар ёдкарди хоҷаву бар дидани баҳор...

* * *

Бад-ин хуррамӣ ҷаҳон, бад-ин тозагӣ баҳор,
Бад-ин равшанӣ шароб, бад-ин некӯӣ нигор.
Яке чун биҳишти адн, яке чун ҳавои дӯст,
Яке чун гулоби Балх, яке чун бути Баҳор.



Замин аз сиришки абр, ҳаво аз насими гул,
Дарахт аз ҷамоли барг, сари кӯҳ зи лолазор.
Яке чун паранди сабз, яке чун абири хуш,
Яке чун арӯси хуб, яке чун рухони ёр.
Тазарви ақиқрӯй, куланги сапедрух,
Гавазни сиёҳчашм, паланги ситезакор.
Яке хуфта бар паранд, яке хуфта бар ҳарир,
Яке раста аз нухуфт, яке ҷаста аз ҳисор.
Зи булбул суруди хуш, зи сулсул навои нағз,
Зи сорӣ ҳадиси хуб, зи қумрӣ хурӯши зор.
Яке бар канори гул, яке дар миёни бед,
Яке зери шохи сарв, яке бар сари чанор.
Ҳаво хуррам аз насим, замин хуррам аз либос,
Ҷаҳон хуррам аз ҷамол, малик хуррам аз шикор.
Яке мушк дар даҳон, яке ҳулла бар катаф,
Яке орзу ба даст, яке дӯст дар канор...

* * *

Баромад нилгун абре зи рӯи нилгундарьё,
Чу рои ошиқон гардон, чу табъи бедилон шайдо.
Чу гардон гашта селобе миёни об осуда,
Чу гардон гирдбоде, тундгарде, тира андарво.
Бибориду зи ҳам бугсасту гардон гашт бар гардун,
Чу пилони парогандa миёни обгун саҳро.
Ту гуфтӣ гарди зангор аст бар оинаи чинӣ,
Ту гӯӣ мӯи санҷоб аст бар пирӯзагун дебо.
Ба сони марғазори сабзранг андар шуда гирдаш,
Ба як соат муллаван карда рӯи гунбади хузро.
Ту гуфтӣ осмон дарьёст аз сабзиву бар рӯяш
Ба парвоз андар овардаст ногаҳ бачагон анқо.
Ҳамерафт аз бари гардун, гаҳе ториву гаҳ равшан,
В-аз ӯ гаҳ осмон пайдову гаҳ хуршед нопайдо.
Ба сони чандани сӯхон зада бар лавҳи пирӯза,
Ба кирдори абири бехта бар тахтаи мино.
Чу дудиноташе, к-обе бар ӯ андарзанӣ ногаҳ,
Чу чашми бедиле, к-аз дидани дилбар шавад бино...

* * *

Рӯза аз хаймаи мо дӯш ҳамешуд ба шитоб,
Иди фархунда фароз омад бо ҷоми шароб,
Қавмро гуфтам: «Чунед шумо бо се набид?»
Ҳама гуфтанд: «Савоб асту савобасту савоб»,

Чӣ тавон кард, агар рӯза зи мо дурӣ кунад,
Натавон гуфт мар ӯро, ки зи мо рӯй матоб.
Чӣ шавад гар биравад? — Гӯ биравад, некхиром,
Рафтани ӯ бираҳонад ҳамагонро зи азоб.
Рӯза озодии тан ҷӯяд, ӯро чӣ кунам,
Чун асирон натавон баст мар ӯро ба таноб.
Ид бар мо маи осуда ҳаме арз кунад,
Рӯза моро чу бахилон ба тараҳҳум диҳад об.
Гар ҳама рӯи ҷаҳон зард шуд аз заҳмати ӯ,
Шукр лиллаҳ, ки кунам сурх рух аз бодаи ноб.
Гӯшаи майкада аз бода кунун бинӣ маст
Муфтии шаҳр, ки буд мӯътакиф андар меҳроб.
Мағзамон рӯзаи пайваста табаҳ кард, бисӯхт,
Бу, ки бо зер ҳаме рост кунад руду рубоб.
Ба сари чанг ҳаме баркашад абрешими чанг,
Мову ин идди гиромӣ ба симоу маи ноб...

### АЗ ҒАЗАЛИЁТ

Нигори ман чу зи ман сулҳ диду ҷанг надид,
Ҳадиси ҷанг ба як сӯ ниҳоду сулҳ гузид.
Итобҳо зи пас афганду сулҳ пеш овард,
Ҳадиси ҳосид нашниду з-онн ман бишнид.
Чу ман фароз кашидам ба хештан лаби ӯ
Дили ҳасуд зи ғам хештан фароз кашид.
Ба вақти ҷанг итобу хурӯшу зорӣ буд,
Кунун чӣ бояд? Руду суруду сурхнабид.
Дари нишоту дили лаҳв боз бояд кард,
Ки ин ду банди гаронро ба дасти ӯст калид.
Ба коми хеш расад аз дили ман он бутрӯй,
Чунон ки з-ӯ дили ғамгини ман ба ком расид.

* * *

Боз, ё раб, чунам аз ҳиҷрони дӯст,
Боз чун гумгаштаам ҷӯёни дӯст.
То ҳамехоям лабу дандони хеш,
З-орзуи он лабу дандони дӯст.
Дидагонам абри дурафшон шудаст,
З-орзуи лафзи дурафшони дӯст.
Ман нахуспам бе хаёли рӯи ёр,
Ман нахандам бе лаби хандони дӯст.



Ман ба ҷон бо дӯст паймон кардаам,
Нашканам то ҷон бувад паймони дӯст.
Ман чунинам, ёр гӯӣ чун бувад,
Они худ донам, надонам они дӯст.

* * *

Ҳаме равию ман аз рафтани ту нохушнуд,
Нигар ба рӯи мано, то маро кунӣ бадруд.
Марав, ки гар биравӣ, боз ҷони ман биравад,
Дил аз ту нохушнуду худой нохушнуд.
Маро зи рафтани ту в-аз ниҳеби фурқати ту
Ду чашм, чашмаи хун гашту ҷома хуналуд.
Магар фироқи туро пеша заргарӣ будаст,
Ки кард ду рухи ман зарфому зарандуд.
Ту рафтию зи паси рафтани ту аз паси ту
Худой донад бо ман чигуна хоҳад буд?

* * *

То кай бувад ин шӯхӣ, то кай бувад ин ранг?
З-ин шӯхию з-ин ранг нагардад дили ман танг.
Сулҳ аст туро бо ману бо ман накунӣ сулҳ,
Ҷанг аст маро бо туву бо ту накунам ҷанг.
Санг аст дилат, меҳр бар он тобон гаҳ-гаҳ,
К-аз тофтани меҳр гуҳар зояд дар санг.
Фарсанг ба фарсанг давонам зи паи ту,
В-аз ман ту гурезонӣ фарсанг ба фарсанг.
Гар ман зи ту, эй дӯст, ҳаме нанг надорам,
Ту низ мадор аз ману аз сӯҳбати ман нанг.

* * *

Сиёҳчашмо, меҳри ту ғамгусори ман аст,
Бар рӯзгори хазон рӯи ту баҳори ман аст.
Дилам шикори сияҳчашмакони тусту равост,
Аз он ки ду лаби ширини ту шикори ман аст.
Ба меҳри ту дили ман вомдори сӯҳбати туст,
Лаби ту боз басе бӯса вомдори ман аст.
Ҷафо намудани бечурм кори туст мудом,
Вафо намудану андешаи ту кори ман аст.
Агар ту моҳӣ, гардуни ту сарои ман аст,
Агар ту сарвӣ, бӯстони ту канори ман аст.

Ба ҳаққи он ки маро ҳеҷ кас ба ҷои ту нест,
Ҷафо макун, ки маро тоқати ҷафои ту нест.
Ҷафо чӣ бояд кардан, бар он ки дар тани ӯ
Равони ширин ширинтар аз ҳавои ту нест.
Бунафшамӯе, як мӯй нест бар тани ман,
Ки ҳамчу бурда дили ман ҳавонамои ту нест.
Ба ҷони туву ба меҳри туву ба суҳбати ту,
Ки дида барканам, ар дида дар ризои ту нест.
Туро хуш аст, туро ҳар касе ба ҷои ман аст,
Маро батар, ки маро ҳеҷ кас ба ҷои ту нест.

## АЗ ТАРҶЕЪБАНДҲО

Ҳамегуфтам, ки кай бошад, ки хуррам рӯзгор ояд,
Ҷаҳон аз сар ҷавон гардад, баҳори ғамгусор ояд.
Баҳори ғамгусор ояд, ки ҳар касро ба кор ояд,
Баҳоре, к-андар ӯ ҳар рӯз майро хостор ояд.
Зи ҳар боде, ки бархезад, кунун бӯи баҳор ояд,
Кунун моро зи боди бомдодӣ бӯи ёр ояд.
Чу рӯи кӯдакони мо дарахти гул ба бор ояд,
Нигори лоларух бо мо ба хуррам лолазор ояд.
Ман мушкин гусорад то гаҳи бӯсу канор ояд,
Чаро хуш гардаду бо табъи хусрав созгор ояд...
Ҷиро май хӯрдан оин аст, май хӯрдан кунун бояд,
Бипурс аз ман, ки май хӯрдан дар ин айём чун бояд?
Нахуст андар миён боре маи беҷодагун бояд,
Пас он гаҳ соқии покиза чун симинсутун бояд.
Ду-се рӯзе ба якҷо сохта чун арғунун бояд.
Суруди мутриби сода ҳамора раҳнамун бояд,
Ба ҳар рӯзе, ки май хӯрдӣ тараб кардан фузун ояд,
Мувофиқ-дӯстон як дил ҳаме некозмун бояд.
Дил андар шодию ромиш ба орому сукун бояд.
Зи маҷлис душмани хусрав ба ҳар холе бурун бояд
Нигоро, чанд раҳ гуфтӣ, ки чун вақти баҳор ояд
Туро бо ман гаҳи май хӯрдану бӯсу канор ояд.
Баҳор омад ҳамегӯӣ бирав то гул ба бор ояд,
Ҳаме навмедиям з-ин ваъдаи навмедвор ояд.
Туро з-ин ваъда андар дил ба рӯзе сад ҳазор ояд,
Маро, оре, бад-ин гуфторат, эй ҷон, уствор ояд.



Чу чизе аз ту бишнидам дил онро хостор ояд,
Гар андар дил надорӣ бод паймудан чӣ кор ояд.
Туро тарсам, ки бӯси ман ҳаме бар чашм хор ояд,
Надонӣ, к-ин лаби ман бар бисоти шаҳрьёр ояд...

* * *

Дило, ёри дигар ҷустӣ, бад-ин кор аз ту хушнудам,
Ту аз зорӣ биёсудӣ, ман аз хорӣ биёсудам.
Тан андар меҳри он, к-аз ман наандешад, бифарсудам,
Равон андар ҳавои меҳри бадмеҳре биполудам.
На рӯзе рост биншастам, на як шаб гирд биғнудам,
На бар уммеди он, к-охир магар з-ин кор барсудам.
Нигоре бар кафам додӣ, ки чун овош бишнудам,
Бар он кас, к-ин нигор аз каффи ӯ гум шуд,
бибахшудам.
Бар-ин хубӣ, ки ту кардӣ, туро бисьёр бистудам,
Маҳаллу ҷоҳи ту, эй дил, бари хусрав биафзудам...

* * *

Баҳор омад, ману ҳар рӯзи нав боғеву нав ҷое,
Ба гаштан ҳар замон азме ба будан ҳар замон рое.
Қадаҳ пурбодаи рангин ба дасти бодапаймое,
Чу мурғ аз гул ба гул ҳар соате дигар тамошое.
Нигоре бо ману рӯе, на рӯе балки дебое,
Аз ин хушшӣ, аз ин кашшӣ аз ин дар кори зебое.
Хирадманде, ки аз роям хабар дорад зи имое,
Ғазалгӯе, ки мурғонро ба бонг орад ба овое,
Ману чангеву он дилбар, ки ӯро нест ҳамтое,
Зи ман карда мадеҳи шоҳро ҳазмон тақозое...

* * *

Агар фазлу ҳунар бояд, ҳаме фазлу ҳунар дорӣ,
В-агар аслу гуҳар бояд, ҳаме аслу гуҳар дорӣ.
Ба ҳар коре тавон дорӣ, зи ҳар илме хабар дорӣ,
Зи молу мулки дуньё номи неку дӯстар дорӣ.
Ҳама гуфтӣ накӯномӣ чу симу зар зи бар дорӣ,
Надонад кас, ки ту андар накӯномӣ чӣ сар дорӣ?
Зи номи бад ҳамеша хештанро бар ҳазар дорӣ,
Шаҳон расми дигар доранду ту расми дигар дорӣ?
Ба расми неку аз шоҳони гетӣ сар забар дорӣ,
Ҳама роҳу ниҳоду одати расми падар дорӣ...

* * *

Писар, к-ӯ чун падар бошад, ситоишро сазо бошад,
Падар, к-аз ҷону дил чунон писар ҷӯяд, раво бошад.
Писар назди падар зеро гиромитар ато бошад.
Бахосса чун писар некухӯву некулиқо бошад.
Писар бояд, ки чун ту некному порсо бошад.
Хато гуфтам чу ту андар ҷаҳон дигар куҷо бошад,
Ҳар он кас, к-ӯ беандеша сухан гӯяд, хато бошад.
Чигуна порсо бошад, касе, к-ӯ подшо бошад,
Қасе, к-ӯ подшоҳу меҳтару фармонраво бошад.
Ба он кӯшад, ки ӯро ҳиммату кому ҳаво бошад...

### АЗ МУҚАТТАОТ

Ҳама наими Самарқанд сарбасар дидам,
Назора кардам дар боғу роғу водию дашт,
Чу буд кисаю ҷайби ман аз дирам холӣ
Дилам зи саҳни амал фарши хуррамӣ бинвашт.
Басе зи аҳли ҳунар борҳо ба ҳар шаҳре
Шунида будам Қавсар якею ҷаннат ҳашт.
Ҳазор ҷаннат дидам, ҳазор кавсар беш,
Вале чӣ суд, ки лабташна боз хоҳам гашт.
Чу дида неъмат бинад, ба каф дирам набувад,
Сари бурида бувад дар миёни заррингашт.

## ЛАБИБӢ

*Лабибӣ дар охирҳои асри X ва аввали асри XI умр ба сар бурдааст.*

*Оид ба ҷараёни зиндагии шоир маълумоти пурра дар даст надорем.*

*Муаллифони баъзе аз сарчашмаҳо Лабибиро яке аз шоирони қасидасарои дарбори чағониён ва ғазнавиён донистаанд.*

*Ӯ бо шоирони маъруфи замонааш Фаррухӣ ва Унсурӣ муносибати дӯстӣ доштааст. Баъзе тадқиқотчиёни имрӯза соли вафоти Лабибиро 422 ҳиҷрӣ (1030—1031 милодӣ) тахмин мекунанд.*

*Аз осори Лабибӣ ғайр аз як қасида ва чанд байти парокандa, чизи дигаре боқӣ намондааст.*

### АЗ ҚАСОИД

Чу баркандам дил аз дидори дилбар,
Ниҳодам мӯҳри хурсандӣ ба дил-бар
Ту гӯӣ доги сӯзон барниҳодам
Ба дил, к-аз дил ба дида дарзад озар.
Шарар дидам, ки бар рӯям ҳамечаст,
Зи мижгон ҳамчу сӯзонсӯнниш зар.
Маро дид он нигорин чашми гирьён,
Ҷигар бирьён пур аз хун оразу бар.
Ба чашм андар шарори оташи ишқ,
Ба чанг андар инони хинг раҳбар.
Маро гуфт он дилором: — Эй беором,
Ҳамеша тозиён бехобу бехвар!
Зи Ҷобулсо ба Ҷобулқо расидӣ,
Ҳамон аз бохтар рафтӣ ба ховар.
Сикандар нестӣ, лекин дубора
Бигаштӣ дар ҷаҳон ҳамчун Сикандар.

Надонам то туро чанд озмоям,
Чӣ моя бинам аз кори ту кайфар.
Маро дар оташи сӯзон, чӣ сӯзӣ?
Чӣ дорӣ айши ман бар ман мукаддар?

### АЗ МУҚАТТОАТ

Қорвоне ҳаме аз Рай ба сӯи Даскара шуд,
Об пеш омаду мардум ҳама бар қантара шуд.
Ғалаи дуздон аз дур бидиданд чу он,
Ҳар яке з-эшон гуфтӣ, ки яке қасвара шуд.
Он чи дуздонро рой омад бурданду шуданд,
Буд касе низ, ки бо дузд ҳаме яксара шуд.
Раҳраве буд дар он роҳ дирам ёфт басе,
Чун тавонгар шуд гуфтӣ суханаш нодира шуд.
Ҳар чӣ пурсиданд ӯро ҳама ин буд ҷавоб:
«Қорвоне зада шуд, кори гурӯҳе сара шуд».

### БАЙТҲОИ ПАРОКАНДА

Гар Фаррухӣ бимурд, чаро Унсурӣ намурд,
Пире бимонд деру ҷавоне бирафт зуд.
Фарзонае бирафту зи рафтан-ш ҳар зиён,
Девонае бимонду зи мондан-ш ҳеҷ суд.

## АБӮ АЛӢ ИБНИ СИНО

*Шайхурраис Абӯ Алӣ ибни Сино бузургтарин олим ва адиби Шарқ ба шумор меравад. Ибни Сино соли 980 дар деҳаи Афшана (Лаклакаи ҳозира)-и шаҳри Бухоро таваллуд ёфтааст. Ӯ илмҳои тиб, ҳандаса, фиқҳ, фалсафа, ҳисоб ва ғайраҳоро аз худ намуда, пас аз чанд муддат ҳамчун олими машҳур шӯҳрат пайдо мекунад. Дар синни 22-солагӣ, пас аз шикаст хӯрдани давлати сомониҳо ва вафоти падараш, дигар дар Бухоро истода натавониста, аввал ба шаҳри Гурганҷи (Урганҷ) Хоразм, баъд ба Нишопур меравад. Шоир аз таъқиби сулолаи ғазнавиҳо дар шаҳру маҳалҳои гуногун гоҳ махфӣ ва гоҳ ошкор зиндагӣ мекард.*

*Абӯ Алӣ ибни Сино соли 1037 дар синни 57-солагӣ дар Ҳамадон вафот кардааст. Гарчанде ҳаёти ӯ пур аз сахтӣ ва оворагӣ буд, вале ӯ аз мутолиаи китоб, таълифи асарҳои пурқимат, муолиҷаи беморон ва тарбияи аҳли илму адаб даст накашид.*

*Аз эҷодиёти ӯ китобҳои: «Китоб-уш-шифо», «Донишномаи улоӣ», «Рисолаи кимиё», «Алқонун» ва ғайраҳо боқӣ мондаанд.*

*Ибни Сино асарҳои худро ба ду забон: — тоҷикӣ ва арабӣ навиштааст. Асарҳои «Донишнома», «Рисолаи набз», «Рисолаи илми пешин ва барин», «Мантиқи форсӣ», «Ҳалли мушкилот-ул-маъния», «Рисолаи тамсилоти форсӣ», «Зафарнома» ва ғайраҳо ба забони тоҷикӣ, «Ал-Қонун», асари адабӣ-фалсафии ӯ «Ҳай бинни Яқзон», қасидаи «Нафс» ва ғайраҳоро ба забони арабӣ навиштааст.*

*Абӯ Алӣ Сино шеърҳои тоҷикӣ (форсӣ) ва арабӣ низ сурудааст.*

*Шеърҳои тоҷикии ӯ аз рубоиёт ва қитъаҳо иборат мебошанд.*

## АЗ ҒАЗАЛИЁТ

Ҳаром аст даҳ чиз бар родмард,
Қ-аз он шаш бувад марди обода фард:
Ҳасад бурдану сифлагию дурӯғ,
Намудан ниёзу заифию дард;
Чу неъмат бувад, даст бар дӯстон
Бибояд кушудан ба доду ба х(в)ард,
Чу шиддат бувад, роз пайдо макун,
Биҳил то шавад рӯят аз дард зард.
Саволе наярзад саросар ҷаҳон,
Чи фарҷом бошад яке оҳи сард.
Аҷал нардбоз асту мо мӯҳраем,
Фалак каъбатайну ҷаҳон тахти нард.

## АЗ МУҚАТТАОТ

Ба ҳар диёр, ки хашми ту корзор кунад,
Замона бар сари хунобаи ҷигар гардад.
Магар ки баҳр ба хоки дари ту назд бигашт,
Ки рӯзгор аз ӯ дасти пургуҳар гардад.

## АЗ РУБОИЁТ

Дил гарчи дар ин бодия бисьёр шитофт,
Як мӯй надонист, вале мӯй шикофт,
Андар дили ман ҳазор хуршед битофт,
В-охир ба камол заррае роҳ наёфт.

Бо ин ду-се нодон, ки чунин медонанд,
Аз ҷаҳл, ки донои ҷаҳон ононанд,
Хар бош, ки ин ҷамоа аз фарти харӣ
Ҳар к-ӯ на хар аст кофираш мехонанд.

Куфре чу мане газофу осон набувад,
Маҳкамтар аз имони ман, имон набувад,
Дар даҳр чу ман якеву он ҳам кофир?
Пас, дар ҳама даҳр як мусулмон набувад!

Май — душмани масту дӯст бо хушьёр аст,
Андак — тарьёку беш-захри мор аст.



Дар бисьёраш мазаррати андак нест,
Дар андаки ӯ манфиати бисьёр аст.

Бо душмани ман чу дӯст бисьёр нишаст,
Бо дӯст набоядам дигар бор нишаст.
Парҳез аз он шакар, ки бо заҳр омехт,
Бигрез аз он магас, ки бар мор нишаст.

Чун пир шудӣ, кори ҷавон натвон кард,
Пирит ба кофирӣ ниҳон натвон кард.
Дар зулмати шаб ҳар он чи кардӣ, кардӣ
Дар равшании рӯз ҳамон натвон кард.

Зулфи ту чу афъӣ паи шар мегардад,
Донӣ, паси пуштат зи чӣ бар мегардад?
Чун дид, ки лаъли ту зумуррад дорад,
Афъӣ шуду дар кӯҳу камар мегардад.

З-он пеш, ки аз ҷаҳон фурӯ монӣ фард
Он беҳ, ки набоядат пушаймонӣ х(в)ард:
Имрӯз бикун, чу метавонӣ коре,
Фардо чӣ кунӣ, ки ҳеҷ натвонӣ кард.

Ҳақ ҷони ҷаҳон асту ҷаҳон-ҷумла бадан,
Аҷноси малоика-ҳаввоси ин тан,
Аҷрому аносиру мавolид — аъзо,
Тавҳид ҳамин асту дигарҳо — ҳама фан.

Чун ноз рухе зи нур пурмоя кӣ дид?
Густурда ба рӯз-бар зи шаб соя кӣ дид?
Бар табва-бар аз гуноҳ пироя кӣ дид?
Имону нифоқи ҳар ду ҳамсоя, кӣ дид?

Рухсори туро лолаву гул бор кӣ дод?
В-он сунбули навраста ба гулнор кӣ дод?
В-он рӯз ба дасти он шаби тор кӣ дод?
В-он ёри сазоро ба сазовор кӣ дод?

Эй шаб, накунӣ ин ҳама пархош, ки дӯш,
Рози дили ман макун чунон фош, ки дӯш,
Дидӣ, чӣ дароз буд дӯшина шабам?
Ҳон, эй шаби васл, он чунон бош, ки дӯш.

Се чиз бибурд аз се чизи ту мисол,
Аз рух гулу аз лаб мулу аз рӯй ҷамол.
Се чиз бибурд аз се чизам ҳама сол
Аз дил ғаму аз рух наму аз дида хаёл.

Гуфтам: ки чаро чу абр хунборонам?
Гуфт: аз паи он ки чун гули хандонам.
Гуфтам: ки чаро бе ту чунин гирьёнам?
Гуфт: аз паи он ки ту танӣ, ман ҷонам.

Гар зулфи ту солу моҳ ларзон будӣ,
Анбар ба баҳо ҳамеша арзон будӣ,
В-ар на рухи ту ба зулф пинҳон будӣ,
Рӯзу шаб аз ӯ ба нур яксон будӣ.

# ҒАЗОИРИИ РОЗӢ

*Ҳаёти Абӯ Зайд Муҳаммад Ғазоирии Розӣ дар асри XI ҷараён ёфта, зодгоҳи ӯ шаҳри Рай аст. Ғазоирӣ таҳсили илмро низ дар Рай гузарондааст.*

*Шоир соли 426 ҳиҷрӣ (1034 милодӣ) вафот кардааст.*

*Аз ашъори Ғазоирӣ ба ғайр аз чанд қасида, қитъа ва рубоӣ чизи дигаре боқӣ намондааст, ҳол он ки ӯро дар тазкираҳо чун шоири тавоно ёд мекунанд.*

## АЗ ҚАСОИД

Зи диноргун беду абри сапед,
Замин гашта заррину симин само.
Чаро н-ояд оҳуи симини ман,
Ки бар чашм кардам-ш ҷое чаро?
Насими ду зулфайни ӯ бигзарад,
Баромехта бо насими сабо.
Чи гӯям-ш, гӯям-ш чун бигзарад,
Ало, эй насимассабо, марҳабо.
Кунам хидматӣ подшо, то кунад —
Маро бар ту бар подшо, подшо.

* * *

Саҳаргоҳон яке амдан ба саҳро баргузар, бингар,
Ду ғардад осмон гӯӣ яке зеру дигар аз бар.
Чу барқ аз меғ бидрахшад, тӯ пиндорӣ яке зангӣ
Зи хиргоҳе ба хиргоҳе давонад пораи ахгар.
В-аз он ахгар бисӯзад дасташ аз гармиву бетобӣ
Аз он осеб бихрӯшад равоне бифғанад озар.

## МАНУЧЕҲРӢ

*Манучеҳрӣ яке аз шоирони машҳури аввалҳои асри ёздаҳӯми милодӣ аст.*

*Таърихи таваллуд ва фавти Манучеҳрӣ ба дурустӣ маълум нест.*

*Тадқиқотчиён таваллуди ӯро дар охири қарни чаҳоруми ҳиҷрӣ дар Домғон, вафоташро соли 431 ҳ.—1040 м. тахмин кардаанд.*

*Меросе, ки аз шоир боқӣ мондааст, ягона девони ӯ мебошад, ки аз қасоид, ғазалиёт, рубоиёт ва қитъаот иборат аст.*

### АЗ ҚАСОИД

Ҳангоми баҳор асту ҷаҳон чун бути Фархор,
Хез, эй бути Фархор, биёр он гули бехор.
Он гул, ки мар онро битавон хӯрд ба хушӣ,
В-аз хӯрдани ӯ рӯй шавад чун гули пурбор.
Он гул, ки мар ӯро бувад ашҷор ба ангушт,
В-омад шуданаш бошад ашҷор, ба ашҷор.
Он гул, ки ба гирдаш-дар наҳланд фаровон
Наҳлаш маликонанд ба гирд андару аҳрор.
Ҳамвора ба гирди гул тайёра бувад наҳл,
В-ин гул ба сӯи наҳл бувад доим тайёр.
Дар сояи гул бояд хӯрдан маи чун гул,
То булбули қавволат бархонад ашъор.
То абр кунад майро бо борон мамзуҷ,
То бод ба май дарфиганад мушк ба харвор.
Он қатраи борон бин аз абр чакида,
Гашта сари ҳар барг аз он қатрае пурбор.
Овехта чун риштаи дасторчаи сабз,
Симингирехе бар сари ҳар решаи дастор.
Ё ҳамчу забарҷадгун як риштаи сӯзан
Андар сари ҳар сӯзан як лӯълӯи шаҳвор.



В-он қатраи борон, ки фурӯ резад шабгир,
Бар тарфи чаман бар ду рухи сурхи гули нор...
Пиндорӣ, табхолаи хурдак бидамидаст,
Бар гирди ақиқи ду лаби дилбари айёр.
В-он қатраи борон, ки фурӯд ояд аз шох
Бар тоза бунафша на ба таъҷил ба идрор.
Гӯӣ ки машота зи бари фарқи арӯсон
Мовард ҳамерезад борик ба миқдор.
В-он қатраи борон, ки барафтад ба гули сурх,
Чун ашки арӯсест барафтода ба рухсор.
В-он қатраи борон, ки барафтад ба сари хед,
Чун қатраи симоб аст афтода ба зангор.
В-он қатраи борон, ки барафтад ба гули зард,
Гӯӣ, ки чакидаст гули зард ба динор.
В-он қатраи борон, ки чамад бар гули хайрӣ,
Чун қатраи май бар лаби маъшуқаи майхор.
В-он қатраи борон, ки барафтад ба суманбарг,
Чун нуқта сафедоб бувад аз бари тумор.
В-он қатраи борон зи бари лолаи аҳмар
Ҳамчун шарари мурда фарози алами нор.
В-он қатраи борон зи бари савсани кӯҳӣ,
Гӯӣ, ки сурайёст бар ин гунбади даввор.
Бар барги гули насрин он қатраи дигар,
Чун қатраи хай бар занахи лӯъбати Фархор.
Он доираҳо бингар андар шамари об,
Ҳар гаҳ, ки дар он об чакад қатраи амтор.
Чун маркази паргор шуд он қатраи борон,
Сад доира дар доирае кард ба як бор.
Марказ бишавад доираро қатраи борон,
В-ин доираи об ба сони хати паргор.
Он доира-паргор аз он ҷой биҷунбад,
В-ин доира дар ҷунбиш саъб орад рафтор.
Ҳар гаҳ, ки аз он доира ангезад борон,
В-аз бод дар ӯ чину шикан хезаду зуннор.
Гӯӣ аламе аз сақалотуни сапед аст
Аз боди ҷаҳанда мутаҳаррик шуда наҳмор.
В-он гоҳ фурӯ борад борони бақувват,
Гирад шамари об дигар сурату осор...

* * *

Навбаҳор омаду овард гулу ёсумано,
Боғ ҳамчун Тибету роғ ба сони Адано.

Бўстон гўй, ҳамчун бути Фарxор шудаст,
Мурғакон чун шамaну гулбачагон чун васано.
Бар кафи пои шаман бўса бидода васанаш,
Кай васан бўса диҳад бар кафи пои шамано.
Қабк ноқусзану шорак сантурзан аст,
Фохта нойзану бат шуда танбўрзано.
Пардаи рост занад нору бар шохи чанор,
Пардаи мода занад қумрӣ бар норвано.
Қабк пўшида ба тан пираҳани хаззи кабуд,
Қарда бо қир мусалсал ду бари пираҳано.
Бубуяк пайкинома зада андар сари хеш,
Нома гаҳ боз кунад, гаҳ шиканад бар шикано.
Фохта рост ба кирдори яке лаъбгар аст,
Дарфиканда ба гулў ҳалқаи мушкинрасано.
Аз фуруғи гул агар аҳриман ояд ба чаман,
Аз пари боз надонӣ ду рухи аҳримано.

## АЗ МУСАММАТОТ

Хезеду хаз оред, ки ҳангоми хазон аст,
Боди хунук аз ҷониби Хоразм вазон аст.
Он барги хазон аст, ки бар шохи разон аст,
Гўӣ ба масал пираҳани рангразон аст.
Деҳқон ба тааҷҷуб сари ангушт газон аст,
К-андар ҷамaну боғ на гул монд, на гулнор.

Товуси баҳориро дунбол биканданд,
Парраш бибуриданд ба кунче бификананд,
Хаста ба миён-боғ ба зориш бубананд,
Бо ў нанишинанду нагўянду наханданд,
В-иң парри нигорин-ш бар ў боз набанданд,
То Озаримаҳ бигзараду ояд Озор.

Шабгир набинӣ, ки хуҷаста ба чӣ дард аст?
Қарда ду рухон зард ба рў пурчин кардаст,
Дил ғолияфом асту рухаш чун гули зард аст,
Гўӣ, ки шаби дўш маи ғолия х(в)ардаст,
Бўяш ҳама бўи сумaну мушк бибурдаст,
Рангаш ҳама ранги ду рухи ошиқи бемор.

Бингар ба турунҷ, эй аҷабевор, ки чун аст,
Пистонии сахт асту дароз асту нагун аст,



Зард асту сапед асту сапедиш фузун аст,
Зардиш бурун асту сапедиш дарун аст,
Чун сим дарун асту чу динор бурун аст,
Оганда бад-он сим дарун лўълўи шаҳвор.

Норинҷ чу ду каффаи симини тарозу,
Ҳар ду зи зари сурх тилло карда бурунсў,
Оганда ба кофуру гулоби хушу лўълў,
В-он гоҳ яке заргараки зираки ҷодў,
Бо зер ба ҳам боз ниҳода лаби ҳарду,
Рўяш ба сари сўзан барожада ҳамвор.

Обӣ чу яке чўҷакак аз хоя биҷаста,
Чун чўҷаякон бар тани ў мўй бираста,
Модар-ш биҷаста сараш аз тан бигусаста,
Некўю ба андом ҷароҳат-ш бибаста,
Як пояки ўро зи бун андар бишикаста,
В-овехта ўро ба дигар пой нагунсор.

В-он нор ба кирдори яке ҳуққаи сода,
Беҷода ҳама ранг бад-он ҳуққа бидода,
Лахте гуҳари сурх дар он ҳуққа ниҳода,
Лахте салаби зард бар он рўй фитода.
Бар сар-ш яке ғолиядоне бикушода
В-оганда дар он ғолиядон сунишн динор.

В-он себ чу махрут яке гўй табарзад,
Дар маъсифаре об зада боре сесад,
Бар гирди рухаш бар нуқате чанд зи бусад,
В-андар дами ў сабзчулайле зи зумурад,
В-андар шикамаш хурдаки хурдак ду-се гунбад,
Зангибачае хуфта ба ҳар як дар чун қор.

Деҳқон ба саҳаргоҳон, к-аз хона биёяд,
На ҳеҷ биёромаду на ҳеҷ бипояд,
Наздики раз ояд, дари разро бикушояд,
То духтари разро чӣ ба кор асту чӣ шояд,
Як духтари дўшиза бад-ў рух нанамояд,
Илло ҳама обистану илло ҳама бемор.

Гўяд, ки шумо духтараконро чӣ расидаст?
Рухсори шумо пардагиёнро кӣ бидидаст?

В-аз хона шумо пардагиёнро кӣ кашидаст?
В-ин пардаи эзид ба шумо-бар кӣ даридаст?
То ман бишудам хона, дар ин ҷо кӣ расидааст?
Гардид ба кирдору бикӯшид ба гуфтор.

То модаратон гуфта, ки ман бача бизодам,
Аз баҳри шумо ман ба нигаҳдошт фитодам,
Қуфле ба дари боғи шумо барбиниҳодам,
Дарҳои шумо ҳафта ба ҳафта накушодам,
Қасро ба масал сӯи шумо бор надодам,
Гуфтам, ки бароед накӯному накӯкор.

Имрӯз ҳаме бинаматон бор гирифта,
В-аз бори гарон ҷирми тан авбор гирифта.
Рухсоракатон гунаи динор гирифта,
Заҳдонакатон бачаи бисьёр гирифта,
Пистонакатон шири бачадор гирифта,
Оварда шикам пешу зи гуна шуда рухсор.

Ман низ мукофоти шумо боз намоям,
Андоми шумо як ба як аз ҳам бикушоям,
Аз боғ ба зиндон бараму дер биёям,
Чун омадаме, назди шумо дер намоям,
•Андоми шумо бар ба лагад хурд бисоям,
Зеро ки шуморо ба ҷуз ин нест сазовор.

Деҳқон бидарояду фаровон нигарадшон,
Теғе бикашад тезу гулӯ боз бурадшон,
В-он гаҳ ба табангӯй, к-аш андар шумурадшон.
В-ар з-он ки нагунҷанд бад-ӯ дарсупурадшон,
Бар пушт ниҳадшону сӯи хона барадшон,
В-аз пушт фуру гираду бар ҳам ниҳад анбор.

Он гоҳ ба яке чархушт андар фиканадшон,
Бар пушт лагад бист ҳазорон бизанадшон,
Рагҳо бибурадшон, ситухонҳо биканадшон,
Пушту сару паҳлӯй ба ҳам даршиканадшон,
Аз банди шабонрӯзӣ ба берун наҳаладшон,
То хун биравад аз танашон пок ба якбор.

Он гоҳ биёрад рагашону ситухоншон,
Ҷое фиканад дуру нагардад дигароншон,
Хун-шон ҳама бардорад якбораву ҷон-шон,



В-андар фиканад боз ба зиндони гароншон,
Се моҳ шумурда набарад ному нишоншон,
Донад, ки бад-он хун набувад мард гирифтор.

Як рӯз сабук хезаду шоду хушу хандон,
Пеш ояду бардорад мӯҳр аз дари зиндон,
Чун дарнигарад боз ба зиндониву зиндон,
Сад шамъу чароғ уфтадаш бар лабу дандон,
Гул бинад чандону суман бинад чандон,
Чандон ки ба гулзор надидаст суманзор.

Гӯяд, ки шуморо ба чӣ сон ҳол бикуштам,
Андар хуматон кардаму в-он ҷой биҳиштам,
Аз оби хушу хок яке гил бисириштам,
Кардам сари хумтон ба гилу эмин гаштам,
Б-ангушт хате гирди гил андар бинавиштам,
Гуфтам, ки: «Шуморо набувад з-ин пас бозор».

Имрӯз ба хум андар некӯтар аз онед,
Некӯтар аз онеду беоҳутар аз онед,
Зиндатар аз онеду банерӯтар аз онед,
Болотар аз онеду накӯхӯтар аз онед.
Ҳаққо, ки басе тозатару навтар аз онед,
Ман низ аз ин пистон нанмоям озор.

Аз маҷлисатон ҳаргиз берун нагузорам,
Аз ҷону дилу дида гиромитар дорам,
Бар фарқи шумо оби гули сурӣ борам,
Бо ҷоми ҷавонӣ ба ҳам андар бигусорам.
Ман хуб мукофоти шумо боз гузорам,
Ман ҳаққи шумо боз гузорам ба сазовор.

Онгоҳ яке соткине бода барорад
Деҳқон замоне ба кафи даст бидорад,
Бар ду рухи авранrаш моҳе бинигорад,
Ӯду баласон бӯяш дар мағз бикорад,
Гӯяд, ки маро ин маи мушкин нагуворад,
Илло, ки хӯрам ёди шаҳе одилу мухтор..,

### АЗ ҒАЗАЛИЁТ

Навбаҳор аз хеду гул орост гетӣ ранг-ранг,
Арғувонӣ гашт хоку парниёнӣ гашт санг.
Мешукуфту лола бинмуд аз ниқоби сурх рӯ,
Он зи анбар бурд бӯю ин зи гавҳар бурд ранг.
Шохи бодом аз шукуфа лӯъбате шуд озарӣ,
Ҷомҳои май гирифта баргҳои ӯ ба чанг.
Абр шуд наққоши Чину бод шуд аттори Рум,
Боғ шуд айвони навву роғ шуд дарьёи Санг.

* * *

Санамо, гирди сарат чанд ҳамегардонӣ?
Зиштӣ аз рӯи накӯ зишт бувад, гар донӣ.
Ё бикун он ки шабу рӯз ҳаме ваъда диҳӣ,
Ё макун ваъда ҳар он чиз, ки он натвонӣ...
Дили ман бурдию аз хештанам дур кунӣ?
Барнаёяд, санамо, кор бад-ин осонӣ.
Меҳрубонӣ накунӣ бар ману меҳрам талабӣ,
Надиҳӣ доду ҳаме дод зи ман бистонӣ...
Набувӣ розӣ ва гар-зон ки амират хонам,
Ман бад-он розӣ, ки, эй дӯст, ғуломам хонӣ.
Аз ту моро на канору на паёму на салом,
Макун, эй дӯст, ки кайфар барию дармонӣ.
Гӯӣ андар дили пинҳон-т ҳамедорам дӯст,
Беҳ бувад душманӣ аз дӯстии пинҳонӣ.
Макун, эй дӯст, ки бедод нишоне нагузошт,
Адл боз омада бо Бул-Ҳасани Имронӣ...

## АСҶАДӢ

*Абӯназар Абдулазиз бинни Мансур дар Марв таваллуд шуда аз шоирони маъруфи давраи ғазнавиён, яъне муосири Унсурӣ ва Фаррухӣ будааст. Асҷадӣ девоне доштааст иборат аз се ҳазор байт. Аммо ин девон то ҳол дастраси мо нашудааст. Дар бораи ин шоир дигар маълумоте боқӣ нест. Асҷадӣ соли 1040—41 аз дуньё гузаштааст.*

### АЗ ҒАЗАЛИЁТ

Маҳо, аз рӯзи хубӣ шаб барафган,
Фиғону нола дар ҳар кишвар афган.
Каманди зулфи дастафроз бикшой,
Сари гарданкашон дар по дарафган.
Ҳалоки ҷони ҳар бечораеро
Мусалсал ҷаъди мушкин дар бар афган.
Зи лаб уннобро хун дар дил андоз,
Зи писта шӯре андар шаккар афган.
Чу ҷони Асҷадӣ сайди лабат гашт,
Каманди турра андар дигар афган.

* * *

Бархезу барафрӯз, ҳало қиблаи Зардушт,
Биншину барафган шиками қоқумӣ бар пушт.
Бас кас, ки зи Зардушт бигардиду кунун боз
Ночор кунад рӯй сӯи қиблаи Зардушт.
Ман сард наёям, ки маро з-оташи ҳиҷрон,
Оташкада гаштаст дилу дида чу чархушт.
Гар даст ба дил барниҳам, аз сӯхтани дил
Ангишт шавад бешак дар дасти ман ангушт.
Эй рӯи ту чун боғу ҳама боғ бунафша,
Хоҳам, ки бунафша чинам аз зулфи ту як мушт.
Он кас, ки туро кушт, туро кушту маро зод,
В-он кас, ки маро зод, маро зоду туро кушт.[1]

[1] Ин шеър ба Дақиқӣ низ нисбат дода мешавад.

## АЗ РУБОИЁТ

Он ҷисми пиёла бин ба ҷон обистан,
Ҳамчун сумане ба арғувон обистан.
Не, не ғалатам, пиёла аз ғояти лутф,
Обест ба оташиравон обистан.

Субҳ асту сабо мушкфишон мегузарад,
Дарьёб, ки дар кӯи фалон мегузарад.
Бархез, чи хусбӣ, ки ҷаҳон мегузарад,
Бӯе биситон, ки корвон мегузарад.

Дил дӯш ҳазор чорасозӣ мекард,
Бо ваъдаи дӯст ишқбозӣ мекард.
То бар кафи пои ту тавонад молид,
Дилро ҳама шаб дида намозӣ мекард.

## АЗ МУҚАТТАОТ

Чаро на мардуми оқил чунон бувад, ки ба умр
Чу дарди сар кунадаш, мардумон диҷам гарданд?
Чунончи бояд будан, ки гар сараш бибуранд,
Ба сар буридани ӯ дӯстон хурам гарданд?

* * *

Соқӣ ба обгинаи Бағдод дарфиканд
Ёқутранг бодаи хушхори мушкбӯ.
Гӯӣ, ки пеши ошиқ маъшуқи меҳрубон-ш
Бигристу барфитод ба рухсора ашки ӯ.
Аз дил бароварид дами сарду оҳи гарм,
Бифшурд оби дидаву бигдохт ранги рӯ.

* * *

Зи бас хунҳо, ки мерезӣ ба ғамза,
Шумори куштагон н-ояд ба ёдат.
Гар аз хун рехтан шармат наёяд,
Зи ранҷи ғамза боре шарм бодат.

# АБӮСАИД АБУЛХАЙР

*Абӯсаид Фазлуллоҳ бинни Абулхайр соли 967 дар Маймана ба дуньё омада, дар Майманаву Марв ва Сарахс таҳсил карда, муддате дар Нишопуру Омул умр ба сар бурда, соли 1049 дар Маймана аз олам гузаштааст. Нақл мекунанд, ки ӯ каси хушгӯ ва сӯҳбатоpo будааст.*

*Аз мероси адабии Абулхайр он чизе, ки то ба имрӯз омада расидааст, 720 рубоиест, ки дар боби ишқу орзу, мардонагию садоқат ҳарф мезанад.*

## АЗ РУБОИЁТ

Дишаб зи паи гулоб мегардидам,
Дар тарфи чаман.
Пажмурда гуле миёни гулҳо дидам,
Афсурда чу ман.
Гуфтам, ки: «Чӣ кардӣ, ки чунин месӯзӣ?
Эй ёри азиз!»
Гуфто, ки: «Шабе дар ин чаман хандидам,
Пас вой ба ман!»

Во фарьёдо, зи ишқ во фарьёдо,
Корам ба яке турфанигор афтодо,
Гар доди мани шикаста додо, додо
В-арна ману ишқ, ҳар чи бодо, бодо!

Гар бар дари дайр менишонӣ моро,
Гар дар раҳи каъба медавонӣ моро,
Инҳо ҳама лозимаи ҳастии мост,
Хуш он ки зи хеш вораҳонӣ моро,

Пурсидам аз ӯ воситаи ҳиҷронро,
Гуфто: сабабе ҳаст, бигӯям онро,
Ман чашми туам, гарам набинӣ, чӣ аҷаб?
Ман ҷони туам касе набинад ҷонро.

Дишаб, ки дилам зи тоби ҳиҷрон месӯхт,
Ашкам ҳама дар дидаи гирьён месӯхт.
Месӯхтам ончунон ки ғайр аз дили ту
Бар ман дили кофиру мусулмон месӯхт.

Пайваста зи ман кашида доман дили туст,
Фориғ зи мани сӯхтахирман дили туст.
Гар умр вафо кунад, ман аз ту дили хеш
Фориғтар аз он кунам, ки аз ман дили туст.

Олудаи дуньё ҷигараш рештар аст,
Осудатар аст, ҳар кӣ дарвештар аст.
Ҳар хар, ки бар ӯ зангею занҷире ҳаст,
Чун беҳ нигарӣ бор бад-ӯ бештар аст.

Гирьям зи ғами ту зору гӯӣ зарқ аст,
Чун зарқ бувад, ки дида дар хун ғарқ аст.
Ту пиндорӣ, ки ҳар диле чун дили туст,
Не, не, санамо, миёни дилҳо фарқ аст.

Он шаб, ки маро зи васлат, эй маҳ ранг аст,
Болои шабам кӯтаҳу паҳно танг аст.
В-он шаб, ки туро бо мани мискин ҷанг аст,
Шаб кӯру хурӯс гунгу парвин ланг аст.

Эзид, ки ҷаҳон ба қабзаи қудрати ӯст,
Додаст туро ду чиз, к-он ҳар ду накӯст,
Ҳам сирати он ки дӯст дорӣ касро,
Ҳам сурати он ки кас туро дорад дӯст.

Бо дил гуфтам, ки — «Эй дил, аҳволи ту чист?»
Дил дида пуроб карду бисьёр гирист,
Гуфто, ки «Чӣ гуна бошад аҳволи касе,
К-ӯро ба муроди дигаре бояд зист?»

Андар ҳама дашти ховарон гар хорест,
Оғушта ба хуни ошиқи афгорест.
Ҳар ҷо ки парирухеву гулрухсорест,
Моро ҳама дархур аст, мушкил корест.

Ҳаргиз аламе чу фурқати ҷонон нест,
Дарде батар аз воқеаи ҳиҷрон нест.



Гар тарки видоъ кардаам, маъзурам,
Ту ҷони манӣ, видои ҷон осон нест.

Дӣ зулфи абирбези анбарсоят,
Аз тарфи баногӯши сумансимоят,
Дар пои ту афтоду ба зорӣ мегуфт:
«Сар то поям фидои сар то поят».

Моро набувад диле, ки хуррам гардад,
Худ бар сари кӯи мо тараф кам гардад.
Ҳар шодии олам, ки ба мо рӯй ниҳад,
Чун бар сари кӯи мо расад, ғам гардад.

Қай ҳоли фитода ҳарзагарде донад?
Бедард кучо лаззати дарде донад?
Номард ба чизе нахарад мардонро,
Марде бояд, ки қадри марде донад.

Ин умр ба абри навбаҳорон монад,
Ин дида ба сели кӯҳсорон монад.
Эй дӯст, чунон бизӣ, ки баъд аз мурдан
Ангушти газиданӣ ба ёрон монад.

Ҳушам на мувофиқону хешон бурданд,
Ин кaҷкулаҳони мӯпарешон бурданд.
Гӯянд чаро ту дил бад-эшон додӣ?
Валлаҳ, ки ман надодам, эшон бурданд.

Гуфтам: — Чашмам,
Гуфт: — Ба роҳаш медор,
Гуфтам: — Ҷигарам,
Гуфт: — Пуроҳаш медор.
Гуфтам, ки: дилам,
Гуфт: — Чӣ дорӣ дар дил?
Гуфтам: — Ғами ту,
Гуфт: — Нигоҳаш медор.

Бикшуд нигори ман ниқоб аз тарафе,
Бардошт сапедадам ҳиҷоб аз тарафе,
Гар нест қиёмат зи чи рӯ гашт падид
Моҳ аз тарафеву офтоб аз тарафе?

# БОБО ТОҲИРИ УРЬЁН

*Доир ба чараёни зиндагӣ ва эҷодиёти Бобо Тоҳир ахбороти даққиқе то ҳол дастраси мо нагардидааст. Дар асоси баъзе сарчашмаҳо ва тадқиқоти муҳаққиқони ҷудогона тахмин кардан мумкин аст, ки вай дар соли 980 таваллуд ёфта, тамоми ҳаёташро дар Ҳамадон мегузаронад. Соли вафоташро 1055 тахмин кардаанд.*

*Аз осори Бобо Тоҳир Урьён маҷмӯае бо номи «Калимоти Қисор», ба забони арабӣ боқӣ мондааст, ки аз ақидаҳои ирфонӣ ва суханони ҳикматнок иборат мебошад. Ба ғайр аз ин маҷмӯаи шеърҳои лирикиеро низ ба ӯ нисбат медиҳанд, ки вай бештар аз 300 дубайтӣ ва чанд ғазали ба шеваи мардуми Ҳамадон навиштаашударо дар бар мегирад.*

## АЗ РУБОИЁТ

Азизо, косаи чашмам сароят,
Миёни ҳар ду чашмам хоки поят,
Аз он тарсам, ки ғофил по ниҳӣ боз,
Нишинад хори мижгонам ба поят.

Диле дорам харидори муҳаббат,
К-аз ӯ гарм аст бозори муҳаббат,
Либосе бофтам бар қомати дил,
Зи пуди меҳнату тори муҳаббат.

Зи дасти дидаву дил ҳар ду фарьёд,
Ҳар он чи дида бинад, дил кунад ёд,
Бисозам ханҷаре нешаш зи пӯлод,
Занам бар дида то дил гардад озод.

Ҳар он кас ошиқ аст аз ҷон натарсад,
Зи банду кундаву зиндон натарсад,
Дили ошиқ бувад гурги гурусна,
Ки гург аз ҳай-ҳаи чӯпон натарсад.



Ба дил нақши хаёлат дар шаби тор,
Хаёли хатту холат дар шаби тор,
Мижа гардам ба гирди дида парчин,
Ки то винам ҷамолат дар шаби тор.

Ғаму дарди му аз аттор мепурс,
Дарозии шав аз бемор мепурс.
Халоиқ ҷумлагӣ аҳвол пурсанд,
Ту ки ҷону дилӣ якбор мепурс.

Магар шеру палангӣ, эй дил, эй дил!
Ба му доим ба ҷангӣ, эй дил, эй дил!
Агар дастам расад хунат бирезам,
Бубинам, то чӣ рангӣ, эй дил, эй дил.

Зи бӯи зулфи ту мафтунам, эй гул,
Зи ранги рӯи ту дилхунам, эй гул,
Мани ошиқ зи ишқат беқарорам,
Ту чун Лайлию ман Маҷнунам, эй гул.

Агар ой, ба ҷонат вонавозам,
В-агар н-ой зи ҳиҷронат гудозам,
Биё, дарде, ки дорӣ бар дилам неҳ,
Бимирам ё бисӯзам, ё бисозам.

Ду зулфунат бувад тори рубобам,
Чи мехоҳӣ аз ин ҳоли харобам?
Ту ки бо му сари ёрӣ надорӣ.
Ҷаро ҳар ниме шав ой ба хобам?

Му он озурдаи бехонумонам,
Му он меҳнатнасиби сахтҷонам,
Му он саргашта хорам дар биёбон,
Ки ҳар боде вазад пешаш давонам.

Фалак кай бишнавад оҳу фиғонам,
Ба ҳар гардиш занад оташ ба ҷонам,
Як умре бигзаронам бо ғаму дард,
Ба коми дил нагардад осмонам.

Зи ишқат оташе дар бутта дирам,
Дар он оташ дилу ҷон сӯта дирам,

Сагат гар по ниҳад бар чашмам, эй дӯст,
Ба мижгон хоки роҳаш рӯта дирам.

Шаве нолам, шави шавгир нолам,
Зи дасти ёри бетадбир нолам,
Гаҳе ҳамчун паланги тирхӯрда,
Гаҳе чун шер дар занҷир нолам.

Агар дастам расад бар чархи гардун,
Аз ӯ пурсам, ки ин чун асту он чун?
Якеро додай сад гуна неъмат,
Якеро курси ҷав олуда дар хун?

Диле дирам чу мурғи пошикаста,
Чу киштӣ бар лаби дарьё нишаста,
Ҳама гӯян, ки Тоҳир тор бинвоз,
Садо чун медиҳад тори гусаста?

Илоҳо, эй фалак, чун му забун шӣ,
Дилат ҳамчун дили му ғарқи хун шӣ,
Агар як лаҳзаам беғам бубинӣ,
Яқин зунам к-аз ин ғам сарнагун шӣ.

### АЗ ҒАЗАЛИЁТ

Му он мискин тазарви бепар астам,
Му он сӯзанда шамъи бебар астам.
Ҳама дар ошьён дирам нишеман,
Дар ин вайрона мурғи бепар астам.
Бад-ин мардонагӣ ҳастам чунон хор,
Ту пиндорӣ, ки бар сар меъҷар астам.
Дило, номурда осоиш набинӣ,
Ки му то ҷон надодам вонарастам.
Дил аз он лоларӯён сӯта дирам,
Аз инон дар рагу ҷон ништар астам.
Му аз рӯзи азал Тоҳир бизодам,
Аз он рӯ ном Бобо Тоҳир астам.

## ФАХРИДДИН ГУРГОНӢ

*Фахриддин Асъади Гургонӣ яке аз достонсароёни намоёни форс-тоҷик буда, дар асри XI умр ба сар бурдааст. Соли таваллуди шоир маълум нест. Аз муқаддимаи достони «Вис ва Ромин» бармеояд, ки ӯ солҳои 1037—1063 зиндагӣ кардааст. Аз эҷодиёти шоир ғайр аз маснавии «Вис ва Ромин» чизи дигаре то ба давраи мо омада нарасидааст. Тахмин меравад, ки шоир пас аз солҳои 1063 милодӣ (455 ҳиҷрӣ) вафот кардааст.*

### «ВИС ВА РОМИН»

«Вис ва Ромин» достони пеш аз исломии форс-тоҷик буда, бо забони паҳлавӣ вуҷуд дошт, ки Фахриддини Гургонӣ дар соли 1054 (446) ба риштаи назм даровард.

Мегӯянд, ки ба эҷод намудани ин достони романтикӣ-ишқӣ Абдулфатҳ Музаффар (ҳокими Исфаҳон) сабабгор шудааст.

Мундариҷаи мухтасари достон чунин аст:

Шоҳаншоҳи Марв — Мӯбад, ҷашни хурсандӣ барпо менамояд. Дар байни ҷамъшудагон Шаҳрӯи соҳибҷамол низ буд. Мӯбад мафтуни зебоии ӯ гардида, изҳори муҳаббат мекунад. Шаҳрӯ аз Қоран ном шавҳар ва Виру ном писар доштани худ шоҳро огоҳ мекунад, вале Мӯбад якравӣ кардан мегирад. Онгоҳ Шаҳрӯ бо шоҳ аҳд мебандад, ки агар духтаре таваллуд ёбад, ҳатман ба ӯ медиҳад. Солҳо паи ҳам мегузаранд. Шаҳрӯ духтардор мешавад, номи ӯро Вис мегузоранд. Ӯ кӯдакашро барои тарбия намудан ба ихтиёри дояе ба шаҳри Хӯзан мефиристонад. Дар дасти ҳамин доя Ромин ба воя мерасад. Боре доя ба Шаҳрӯ номае навишта, таъкид мекунад, ки Виси қадрасро гирифта барад. Модар Висро аз Хӯзан меоварад ва қарор медиҳад, ки ба Виру ба занӣ диҳад. Вақти тӯи арӯсиро муайян мекунад.

Хабари тӯи арӯсии Виру ва Вис ба Мӯбади пир рафта мерасад. Ӯ бародари калониаш, Зардро, ба пеши Шаҳрӯ фиристонда он аҳдро хотиррасон мекунад. Шаҳрӯ бештар фирефтаи боигарии шоҳ шуда ба хоҳиши Вис нигоҳ накарда, ӯро ба Мӯбад медиҳад. Ромин аз ин ҳол бохабар мешавад ва кӯшиш мекунад, ки ба Вис кайҳо боз ошиқ буданашро фаҳмонад. Дояи дерина, ки ба хидмати Вис ҳозир шуда буд, барои амалӣ гардидани хоҳиши Ромин ёрӣ мерасонад.

Вис дар аввалҳо ишқи Роминро рад мекунад, вале оҳиста-оҳиста ба ӯ майл пайдо кардан мегирад.

Мӯбади пир аз ишқварзии ин ду ҷавон огоҳ шуда, онҳоро аз ҳамдигар ҷудо карданӣ мешавад. Ӯ бо ин мақсад ҷораҳои зиёде меандешад, вале дар ин кор зафар намеёбад.

Дар ин муддат воқеаҳои бисёре рӯй медиҳанд. Мӯбад борҳо шоҳиди он мегардад, ки Вис дар ҳаққи ӯ бевафоӣ намуда, бо дӯстдори худ Ромин во мехӯрад. Аз ин рӯ кинаву адоват ва рашки шоҳ меафзояд. Ӯ роҳи нобуд сохтани ин ду дилдодаро пеш мегирад.

Ромину Вис аз ин қарори шоҳ Мӯбад, воқиф гардида аз Марв мегурезанд. Мӯбад ҳарчанд онҳоро ҷустуҷӯ мекунад, вале ёфта наметавонад. Пас қасам ёд мекунад, ки агар онҳо ба Марв баргарданд ба ҳеҷ яке зараре намерасонад. Вису Ромин баъди шунидани ин хабар ба Марв меоянд.

Мӯбад дигар бе Вис зиндагӣ карда наметавонад. Бинобар ин гуноҳони содиркардаи Висро бахшида, ӯро боз ба занӣ мегирад. Аз чунин кирдори Мӯбад ҳоли Ромини ошиқ табоҳ мегардад ва ӯ бо мақсади аз ишқи Вис халосӣ ёфтан, мувофиқи насиҳати Беҳгӯй аз Марв баромада, дар паи ҷустуҷӯи ҷононаи дигаре мешавад. Дар диёри Гӯроб бо Гул ном духтаре во мехӯрад ва ӯро ба занӣ мегирад. Аммо Ромин аз дасти ишқи Вис халос шуда натавониста, баъди чанд вақт боз ба Марв меояд. Ишқварзии Вису Ромин ба тариқи пинҳонӣ давом мекунад.

Боре Мӯбад ба шикор меравад ва Роминро ҳамроҳи худ мебарад. Вис бошад бо маслиҳати доя ба чунин хулосае меояд, ки ягона роҳи наҷот ёфтан аз ин азобу уқубати фироқ иборат аз нобуд сохтани Мӯбад ва бар тахти шоҳӣ шинондани Ромин аст.

Вис ба Ромин мактубе менависад ва аз чунин қарораш ӯро хабардор мекунад. Ромин бо баҳонае аз шикор



бармегардад ва Зардро кушта, соҳиби ганҷи бисёре гардида бо Вис ба Дайлам мегурезанд. Аз ин кори онҳо шоҳаншоҳ Мӯбад, бохабар шуда ба Дайлам лашкар кашиданӣ мешавад. Дар ин ҳангом хуки ваҳшие ба Мӯбад ҳуҷум меоварад ва ӯро медарронад.

Ромин шоҳи Марв мешаваду адлу инсофро ҳомӣ мегардад. Ромин пас аз фавти дилдодааш тахти шоҳиро ба фарзандонаш бахшида, худ ба оташгоҳ меравад ва умрашро он ҷо мегузаронад.

## ДИДАНИ РОМИН ВИСРО ВА ОШИҚ ШУДАН БАР ВАЙ

Чу равшан гашт шаҳро чашми уммед,
Зи Пасто зӣ Хуросон бурд хуршед.
Ба роҳ андар ҳамешуд хурраму шод,
Ҷафоҳои ҷаҳонаш рафта аз ёд.
Зи рӯи Виси бутпайкар аморӣ,
Ба роҳ андар чу пургавҳар саморӣ.
Чу боде бар аморӣ баргузаштӣ,
Ҷаҳон аз бӯи ӯ хушбӯй гаштӣ,
Ту гуфтӣ, он аморӣ гунбаде буд,
Зи мӯи Вис яксар анбаролуд.
Нигорида бад-ӯ дар офтобе,
Фурӯ ҳишта бар ӯ заррин ниқобе,
Гаҳе тобанда аз вай Зӯҳраву Моҳ,
Гаҳе боранда мушки суда бар роҳ.
Гаҳе карда дар ӯ хубӣ гулафшон,
Занахдон гӯй карда, зулф чавгон.
Аморӣ буд чун фирдавси яздон,
Аморидори ӯ фархунда ризвон.
Чу танг омад қазои осмонӣ,
Ки бар Ромин сарояд шодмонӣ.
Зи ишқ андар дилаш оташ фурӯзад,
Бар оташ ақлу сабрашро бисӯзад.
Баромад тунд боди навбаҳорӣ,
Яко-як парда бирбуд аз аморӣ.
Ту гуфтӣ, қ-аз ниём оҳехта шуд теғ,
Ва ё хуршед берун омад аз меғ.
Рухи Виса падид омад зи парда,
Дили Ромин шуд аз дидан-ш бурда.

Ту гуфтӣ, ҷодуе чеҳра намудаш,
Ба як дидор ҷон аз тан рабудаш.
Агар пайкони заҳролуд будӣ,
На захми ӯ бад-ин сон зуд будӣ.
Куҷо чун дид Ромин рӯи он моҳ,
Ту гуфтӣ, хӯрд бар дил тир ногоҳ.
Зи пушти аспи кӯҳпайкар биафтод,
Чу барге, к-аз дарахташ бифканад бод.
Гирифта з-оташи дил мағзи сар ҷӯш,
Ҳам аз тан дил рамида, ҳам зи сар хуш.
Зи роҳи дида шуд ишқаш фурӯдил,
Аз он бистад ба як дидор аз ӯ дил.
Дарахти ошиқӣ руст аз равонаш,
Валекин гашт равшан дидагонаш.
Магар з-он кишт ӯро дида дар ҷон,
Ки ӯро зуд орад бор марҷон.
Замоне ҳамчунон буд уфтода,
Чу масте, масти беҳад хӯрда бода.
Рухи гулгун-ш гашта заъфаронгун,
Лаби майгун-ш гашта осмонгун.
Зи рӯяш рафта ранги зиндагонӣ,
Бар ӯ пайдо нишони меҳрбонӣ.
Далерон ҳам савору ҳам пиёда,
Зи лашкар гирди Ромин истода.
Ба дардаш карда хунолуд дида,
Умед аз ҷони ширинаш бурида.
Надонист эч кас, к-ӯро чӣ будаст,
Чӣ бад дидасту чӣ ранҷ озмудаст?
Ба дардаш ҳар касе хастаҷигар буд,
Ба зорӣ ҳар кӣ дидаш з-ӯ батар буд.
Забон баста, раг аз дида кушода,
Ниҳеби ошиқӣ дар дил фитода.
Чу лахте ҳуш боз омад ба ҷонаш,
Зи гавҳар чун садаф шуд дидагонаш.
Ду дасти хеш бар дида бимолид,
Зи шарми мардумон дигар нанолид.
Чунон омад гумони ҳар хирадманд,
Ки ӯро боди саръ аз пой афганд.
Чу бар бора нишаст озода Ромин,
Зи бас ғам талх будаш ҷон ширин.
Ба роҳ андар ҳамешуд ҳамчу гумроҳ,
Чу девона зи ҳоли худ на огоҳ.
Дил андар панҷаи иблис монда,
Ду чашмаш сӯи маҳди Вис монда.
Чу он дузде, ки дорад чашм яксар,
Бад-он ҷое, ки бошад дурҷи гавҳар.
Ҳамегуфтӣ, чӣ будӣ гар дигар роҳ
Намудӣ бахти некам рӯи он моҳ!
Чӣ будӣ, гар дигар раҳ бод будӣ,
Зи рӯи Вис парда даррабудӣ?
Чӣ будӣ, гар яке оҳам шунидӣ,
Ниҳон аз парда рӯямро бидидӣ.
Фиғону оҳи пурдардам шунидӣ?
Шудӣ раҳмаш ба дил аз рӯи зардам,
Бибахшудӣ бар ин тимору дардам.
Чӣ будӣ, гар ба роҳ андар аз ин пас
Амаридори ӯ ман будаме бас.
Чӣ будӣ гар касе дастам гирифтӣ,
Якояк ҳоли ман бо ӯ бигуфтӣ.
Чӣ будӣ, гар касе мардӣ бикардӣ,
Дуруди ман бад-он бутрӯй бурдӣ.
Чӣ будӣ, гар маро дар хоб дидӣ,
Ду чашми ман пур аз хуноб дидӣ.
Дили сангин-ш лахте нарм гаштӣ,
Ба тоби меҳрбонӣ гарм гаштӣ.
Чӣ будӣ, гар шудӣ ӯ низ чун ман,
Зи меҳри дӯстон бар коми душман.
Магар чун ҳасрати ишқ озмудӣ,
Чунин ҷаббору гарданкаш набудӣ.
Гаҳе Ромин чунин андеша кардӣ,
Гаҳе бо дил сабурӣ пеша кардӣ.
Гаҳе дар чоҳи васвос уфтодӣ,
Гаҳе дилро ба дониш панд додӣ.
Ало, эй дил, чӣ будат, чанд гӯӣ,
В-аз ин андешаи ботил чӣ ҷӯӣ?!
Ту печон гаштаӣ дар ишқи он моҳ,
Худ ӯро нест аз ҳоли ту огоҳ.
Чаро дорӣ ба васли Вис уммед,
Ки ҳаргиз кас наёбад васли хуршед.
Чаро чун аблаҳон уммед дорӣ,
Бад-он, к-ат нест з-ӯ уммедворӣ.
Ту ҳамчун ташнагон ҷӯёи обӣ,
Валекин дар биёбон бо саробӣ.
Бубахшояд бар ту кирдигорат,
Ки бас душвору ошуфтаст корат!
Чу Ромин шуд ба банди меҳр баста,

Умед андар дили хаста шикаста.
На коми хеш чустан метавонист,
На чуз сабр эч роҳи чора донист.
Ба роҳ андар ҳамешуд бо дилором,
Ба ҳамроҳиш дил бинҳода ноком.
Зи ҳамроҳӣ чуз ин суде надидӣ,
Ки бӯи он суманораз шунидӣ.
Чу ҷонаш рӯзу шаб дар банд будӣ,
Ба бӯи маҳди ӯ хурсанд будӣ.
Зи ошиқ зортар зоре набошад,
Зи кори ӯ батар коре набошад.
Қасеро, к-аш табе бошад, бипурсанд,
В-аз он моя табаш бар вай битарсанд.
Дили ошиқ дар оташ сол то сол,
Напурсад эч кас вайро аз он ҳол.
Хирадмандро ситам бошад аз ин беш,
Ки ошиқро ҳаме ишқ оварад пеш.
Сазад гар дил бар он мардум бисӯзад,
Ки ишқ андар дилаш оташ фурӯзад.
Бас аст ин дарди ошиқро, ки ҳамвор —
Бувад бо дарди ишқу ҳасрати ёр.
Сазад, гар дил бар он мардум бисӯзад,
Ки ишқ андар дилаш оташ фурӯзад.
Ҳаме бояд-ш дарди дил нуҳуфтан,
Наёрад рози худ бо кас бигуфтан.
Чунон чун буд меҳрафзой Ромин,
Чу кабки хастадил дар чанги шоҳин.
На мурда буд якбора, на зинда,
Миёни ину он шахсе раванда.
Зи симинкӯҳи ӯ монда нишоне,
Зи сарвин қадди ӯ монда камоне.
Бад-ин зорӣ, ки гуфтам роҳ бигзошт,
Саросар роҳи худро чоҳ пиндошт.

# АСАДИИ ТӮСӢ

*Абӯмансур Алӣ бинни Аҳмад Асадии Тӯсӣ, ки тақрибан дар соли 1010 дар Тӯс таваллуд ёфтааст, баъди Фирдавсӣ шоирест, ки достонҳои ҷангӣ сароидааст. Ӯ ба Ироқу Озарбойҷон сафарҳо карда, урфу одати халқҳои он ҷойҳоро меомӯзад. Асадии Тӯсӣ достони «Гаршоспнома»-ро, ки тақрибан аз 9 000 байт ва 145 боби гуногунҳаҷм иборат аст, дар давоми ду сол навишта, соли 1065—1066 ба итмом мерасонад. Мазмуни асар аз фольклори пешазисломӣ гирифта шудааст. Инчунин Асадии Тӯсӣ яке аз аввалин касонест, ки доир ба луғати тафсирии забони адабии форсу тоҷик «Луғати фурс» ном китобе навишта, дар он барои исботи маънои луғати овардааш аз Рӯдакӣ, Дақиқӣ, Абӯшукури Балхӣ, Шаҳиди Балхӣ ва дигар шоирони асрҳои IX—XI порчаҳои шеърӣ меорад. «Луғати фурс» баъд аз «Гаршоспнома» навишта шудааст, зеро дар он барои исботи баъзе калимаҳо аз «Гаршоспнома» байтҳо оварда мешавад.*

*Аз Асадии Тӯсӣ панҷ қасида ҳам боқӣ мондааст, ки онҳо ба тарзи саволу ҷавоб навишта шуда, мунозираҳои «Замину осмон», «Найзаву камон», «Шабу рӯз», «Габру мусулмон» ва «Арабу Аҷам» ном доранд.*

*Соли вафоти Асадии Тӯсӣ маълум нест. Ба ақидаи соҳиби «Маҷмаъ-ул-Фусаҳо» Ҳидоят, Асадии Тӯсӣ дар соли 465 ҳиҷрӣ (1072—1073 мелодӣ) вафот кардааст.*

## АЗ «ГАРШОСПНОМА»

Мундариҷаи достон мухтасаран чунин аст:

Ҷамшед аз Заҳҳок шикаст хӯрда, 10 сол дар ба дар мешавад ва оқибат ба Зобулистон меояд. Духтари подшоҳи Зобулистон — Гуранг ӯро дида ошиқ мешавад ва пинҳонӣ аз падар ба никоҳи ӯ медароянд. Баъди ҳомиладор шудани ӯ падараш мефаҳмад ва меҳоҳад домодашро дастгир карда ба Заҳҳок супорад. Духтар гирьяву лоба

ва зориву тавалло мекунад ва ба қасди падар монеъ мешавад. Аз онҳо фарзанде ба дуньё меояд. Номи онро Тур мегузоранд.

Гуранг аз тарси фош шудани сирраш Ҷамшедро ба гурехтан ташвиқ мекунад. Ӯ ба Ҳиндустон ва аз он ҷо ба Чин мегурезад ва дар он ҷо ба даст афтода бо фармони Заҳҳок кушта мешавад. Занаш аз ин воқеа хабар ёфта заҳр хӯрда мемирад. Тур калон шуда хонадор мешавад. Аз ӯ фарзанде ба дуньё меояд, ки номи ӯро Шидасп мегузорад. Аз Шидасп Тувург ва аз ӯ Шам ва аз Шам Атрат ва аз Атрат Гаршосп таваллуд мешавад. Аз замони Тур то Гаршосп ба қавли Асадӣ ҳафтсад сол мегузарад. Бузургони ин қабила аз тухми Ҷамшед ва авлоди Рустам буданд. Гаршосп зуд калон шуда дар чордаҳсолагӣ бо найзаи сӣ оршина ҷанг мекунад. Аммо азбаски умри Заҳҳок ҳазор сол буд, то замони Гаршосп зинда мемонад. Заҳҳок дар ин ҳангом ба Ҳиндустон лашкар кашида, дар Зобулистон меҳмон мешавад ва аз Гаршосп ва шуҷоату паҳлавонии ӯ воқиф мегардад.

Ӯро ба ҷанги зидди аждаҳои кӯҳи Шикованд мефиристад. Гаршосп бо лашкари каме ба кӯҳ мебарояд. Вақте ки ба ғори аждаҳо наздик мешавад, посбон хабар медиҳад, ки болотар аз он рафтан мумкин нест. Гаршосп ҳамроҳонашро дар ҳамон ҷо монда худаш танҳо ба ҷанги аждаҳо меравад. Ба аждаҳо наздик шуда аз нафаси заҳролуди он беҳуш мегардад. Аммо аждаҳоро кушта бо ғалаба бармегардад.

Ҳиндро фатҳ карда ҳокимияти он ҷоро ба Меҳроҷ медиҳад. Меҳроҷ ҳукумати Сарандебро ба Баҳуи номӣ месупорад. Баҳу аз хироҷандозии Заҳҳок ба танг омада Меҳроҷро ба исьён тарғиб мекунад. Ӯ бо ҳазор савор ба лашкари Меҳроҷ ҳамроҳ шуда, Баҳуро мекушад ва Ҳиндустону Сарандебро тасхир мекунад. Баъди ин Гаршосп бо Меҳроҷ ба саёҳат баромада, дар ҷазираҳо чизҳои аҷоибу ғароиби зиёде мебинад ба кӯҳи Деҳу рафта бо барахман сӯҳбат мекунад ва бо молу боигрии фаровон ба назди Заҳҳок бармегардад. Заҳҳок аз дидани ӯ хеле шод мешавад ва баъди як ҳафта ӯро барои ба пеши падараш рафтан рухсат медиҳад. Аммо Заҳҳок ба Гаршосп амр медиҳад, ки барои боқӣ гузоштани авлоди худаш барин шуҷоъу шердил зан бигирад. Гаршосп падарашро дида баъди як ҳафта аз паи иҷрои супориши Заҳҳок дар ҷустуҷӯи духтар мешавад. Мешунавад, ки подшоҳи Рум



духтаре дорад ва онро ба касе доданӣ нест, илло ба касе, ки камони панҷоҳмании дар девор овехта шударо бикашад.

Гаршосп ин корро ба хубӣ анҷом медиҳад.

Аммо подшоҳ баҳонаҷӯи карда намехоҳад духтарро ба Гаршосп диҳад. Духтар аз ин кори падараш норозӣ мешавад. Гаршосп духтарро гирифта сӯи диёри худ раҳсипор мешавад. Подшоҳ баъди рафтани духтар аз кардаи худ пушаймон шуда аз ақиби Гаршосп одам мефиристад, ки баргардад. Вай ваъда медиҳад, ки сарлашкарии мамлакатро ба ӯ хоҳад дод. Аммо Гаршосп барнамегардад. Дар раҳ ба шаҳре мерасад, ки мардуми он аз дасти як зангие ба дод омадаанд. Гаршосп зангиро кушта мардумро аз хавфи он озод мекунад. Мардуми он шаҳр таклиф мекунанд, ки Гаршосп подшоҳи онҳо шавад. Аммо ӯ қабул намекунад ва ба сӯи диёри худ роҳашро давом медиҳад. Падар аз омадани ӯ хабардор шуда ба истиқбол мебарояд. Духтарро тӯй карда ба ӯ медиҳад.

Гаршосп пас аз муддате дар синни ҳафтсаду сию се солагӣ вафот мекунад.

## ДАР МАРДОНАГИИ ГАРШОСП

Зи кирдори Гаршосп андар ҷаҳон,
Яке нома буд ёдгор аз меҳон.
Пур аз донишу панди омӯзгор,
Ҳам аз рози чарху, ҳам аз рӯзгор.
Зи фарҳангу найрангу доду ситам,
Зи хубию зиштию шодию ғам.
Зи нахчиру гарданфарозиву разм,
Зи меҳри дилу кину шодиву базм,
Ки чун хоне аз ҳар даре андаке,
Басе дониш афзояд аз ҳар яке.
Зи Рустам сухан чанд хоҳӣ шунуд,
Гумонӣ, ки чун ӯ ба мардӣ набуд.
Агар разми Гаршосп ёд оварӣ,
Ҳама разми Рустам ба бод оварӣ.
Ҳамон буд Рустам, ки деви нажанд
Бибурдаш ба абру ба дарьё фиганд.
Сута шуд зи Ҳумон ба гурзи гарон,
Задаш даштбоне ба Мозандарон,

Забун кардаш Испандиёри далер,
Ба куштиш овард Сӯҳроб ба зер.
Сипаҳдор Гаршосп то зинда буд,
Накардаш забун кас, на афганда буд.
Ба Ҳинду ба Руму ба Чин аз набард,
Бикард он чӣ Дастону Рустам накард.
На бабру на гург омад аз вай раҳо,
На шеру на деву на нарраждаҳо.
Ва ҷанг ар савор, зиёда будӣ,
Ҷаҳон аз ялон дашти сода будӣ.
Сипурдӣ ба ҳангомгаҳ молу мил,
Фигандӣ ба куштӣ кӯполпил.
Ба «Шаҳнома» Фирдавсии нағзгӯй,
Ки аз пеши гӯяндагон бурд гӯй.
Басе ёди назми ялон карда буд,
Аз ин достон ёд н-оварда буд.
Ниҳоле буд ин руста ҳам з-он дарахт,
Шуда хушку бебору пажмурда сахт.
Ман акнун зи табъам баҳор оварам,
Мар ин шохи навро ба бор оварам.
Ба боди ҳунар гул кафонам бар ӯй,
Зи абри сухан дур фишонам бар ӯй.
Бараш меваи дониш орам бурун,
Кунам офарини шаҳаншаҳ фузун.
Бисозам яке бӯстон чун биҳишт,
Ки хандад зи хашшӣ чу урдибиҳишт.
Гулаш сар ба сар дурри гӯё бувад,
Дарахту гиё мушки бӯё бувад.
Бутистоне ороям аз хуш сухан,
Ки ҳаргиз нигораш нагардад куҳан.
Буташ аз хирад зодаву ҷони пок
Зи дониш сиришта, на аз обу хок.
Бибофам яке дебаи шоҳвор,
Зи маънии рангу зи дониш нигор.
Зи ҷон оварам тору пудаш фароз,
Кунам хусравиро бар ӯ-бар тироз.
Маро ҷуз сухан сохтан кор нест,
Сухан ҳаст, лекин харидор нест.
Зи родон ҳаме шоҳ мондасту бас,
Харидор аз ӯ беҳтарам нест кас,
Ки ҳамвора ман-бандаро шод дошт,
Сарамро зи ҳампешагон барфарошт.
Дабири вай овард зӣ ман паём,



Ҡ-аз ин деҳхудо лӯълӯи некном,
Ки гӯяд ҳаме шоҳи фарҳангҷӯй,
Ба номи ман ин номаро бозгӯй.
Агар з-он ки Фирдавсӣ инро нагуфт,
Ту бо гуфтаи хеш гардон-ш ҷуфт.
Ду гӯё чунин хост то шуд зи Тӯс,
Чунон шуд нагӯй чу бошад фусӯс.
Кунун гар сипеҳрам насозад камин,
Бигӯям ба фармони шоҳи замин,
Ҡ-аз ӯ номро хубкорӣ бувад,
Зи ман дар ҷаҳон ёдгорӣ бувад.
Зи беҳтар сухан нест поядатар,
В-аз ӯ хуштару дилфазояндатар.
Сухан ҳамчу ҷон з-он нагардад куҳан,
Ки фарзанди ҷон аст ширин сухан.

## ДАР МАВЛУДИ ПАҲЛАВОН ГАРШОСП

Чу бахташ ба ҳар кор маншур дод,
Сипеҳраш яке номвар пур дод.
Бад-он пураш ором бифзуду ком,
Гаронмояро кард Гаршосп ном.
Ба хубии чеҳру ба покии тан
Фурӯ монд аз он ширхор анҷуман.
Ба рӯзи нахустин чу якмоҳа буд,
Ба як маҳ чу як сола боло фузуд.
Чу шуд сершир, аз далерию зӯр
Зи гаҳвора, шуд сӯи шабрангу бӯр.
Зиреҳ кард пӯшиш ба ҷои ҳарир,
Ба бозӣ камон хост бо гурзу тир.
Ба ҷои хӯру хоб кин ҷусту ҷанг,
Ба ҷои бари доя шеру паланг.
Ба даҳсолагӣ шуд зи мардӣ фузун,
Ба як мушт гурде фигандӣ нагун.
Чу з-ин обгун чархи гавҳарнигор
Гузар кард солаш ду панҷу чаҳор,
Яле шуд, ки частӣ зи теғаш гуреғ,
Ба дарьё дарун мавҷу бар бод меғ.
Задӣ дасту пили давонро ду пой
Гирифтӣ, фурӯ доштӣ ҳам ба ҷой.
Будаш сирашӣ найза з-оҳан ба разм,
Май аз даҳманӣ ҷом хӯрдӣ ба базм.

Ба захм аз синон оташ афрӯхтӣ.
Ба як тир даҳ диръ бардӯхтӣ.
Қамарбанди гурдон гирифтӣ ба кин,
Барандохтӣ найза боло зи зин.
Агар худ, агар гурзу хафтонш пил,
Қашидӣ, набурдӣ фузун аз ду мил.
Ба кӯҳ ар каманд андаровехтӣ,
Бикандӣ чу бора барангехтӣ.
Рухи марг дар теғи пурхун зи пеш
Бидидӣ чу дар ойна чеҳри хеш.
Басе бар сипоҳи гарон гашта чир,
Басе сарваронро сар оварда зер.
Қасе низ барӣ Асрати кинаҷӯй
Наёрист ковидан аз бими ӯй.
Зи Тӯр андарун то ки Гаршосп хост,
Гузар карда буд ҳафтсад сол рост.
Бузургони ин тухма, к-аз Ҷам буданд,
Саросар ниёкони Рустам буданд.

## РАЗМИ ПАҲЛАВОН ГАРШОСП БО АЖДАҲО ВА КУШТАНИ АЖДАҲО

Задаш, бар гулӯ, кому мағзаш бидӯхт,
Зи пайкон ба захм оташ андар фурӯхт.
Чу бифрохт сар дигарӣ зад ба хашм,
Зи хун чашма бикшодш аз ҳар ду чашм.
Дамид аждаҳо ҳамчу абр аз ниҳеб,
Чу сел андаромад зи боло ба шеб.
Ба сина бидаррид ҳомун зи ҳам,
Сипар даррабуд аз диловар ба дам,
Задаш паҳлавон найзае-бар зи фар,
Синон-ш аз қафо рафт якраш ба дар.
Думи аждаҳо шуд гусаста ба дард,
Барафшонд бо мавҷи хун заҳри зард.
Ба ком-андараш найзаи оҳанин,
Ба дандон чу сӯҳон биёзид ба кин.
Ба гурзи гарон ёхт марди далер,
Даромад хурӯшанда чун тундшер.
Бад-он сон ҳаме зад-ш бо зӯру ҳанг,
Ки аз кӯҳ ба захмаш ҳамерехт санг.
Сару мағзаш омехт бо хоку хун,



Шуд он ҷонвари кӯҳи ҷангӣ нагун.
Ҳама ҷавшанаш з-он даму заҳри тез,
Биҷӯшиду бар ҷой шуд рез-рез.
Замоне бияфтод беҳушу рой,
Чу омад ба ҳуш, рост баршуд ба ҷой.
Биғалтид пеши гаругар ба хок,
Ҳамегуфт, к-эй додфармои пок,
Зи туст ин тавони ман аз зӯр нест,
Ки бе ту маро зӯри як мӯр нест.
Ҳама зӯру фарру тавону беҳӣ
Ту дориву онро, ки хоҳӣ диҳӣ.
Саворони ӯ ҳам бад-он дидагоҳ,
Бари дидабон дида монда ба роҳ,
Самандаш бididанд, к-аз тангкӯҳ
Биёмад давон в-ӯ давидан сутӯҳ.
Тани зардгун карда симин зи х(в)ай,
Кашон зину баргустувон зери пай.
Гумон-шон чунон буд, ки шуд гирдгир,
Сиришкаш ҳама хун шуду рух-зарир.
Фитоданд бар хок беҳушу тев,
Ҳаме доштанд аз ғами дил ғирев.
Дужам дидабон гуфт, к-эй беҳушон,
Чӣ гирьед аз ин аспу в-ин зинкашон?
Сипаҳбуд ба доми дами аждаҳо,
Агар мондӣ, аспаш нагаштӣ раҳо,
Ки ӯ асп андар таки зӯрварак,
Зи фарсанге оҳу бигирад ба так.
Дар ин сӯг буданду, ғам яксара,
Ки Гаршосп зад наърае аз дара.
Ҳамеомад ошуфта чун пили маст,
Ба бозу камон, гурзу ханҷар ба даст.
Бад-он мужда аз дидабон хост ғав,
Давиданд пеши сипаҳдори нав.
Ҳамегуфт ҳар кас ки: — «Яздон сипос,
Ки растӣ ту аз ранҷу мо аз ҳарос.
Беозор бозомадӣ, тандуруст,
Аз он аждаҳо кин набоист ҷуст.
Чу натвон зи душман баровард пӯст,
Аз ӯ сарбасар чун раҳӣ ҳам накӯст».
Яли нев гуфт: «Он кӣ бадхоҳи мост,
Чунон бод бечора, к-он аждаҳост!»
Бирафтанду диданд, ҳар кас ки дид,
Бар он дасту теғ офарин густарид.

Аз он марз бархост ҳар сӯ хурӯш,
Зи наззора кӯҳ ҳам даромад ба ҷӯш.
Бар он аждаҳову яли номдор
Фузун гирд шуд мардум аз сад ҳазор.
Сипаҳбуд ҳам он ҷо, чу омад фурӯд,
Шуд аз разм зӣ шодиву базму руд.

## ҶАНГИ ГАРШОСП БО БАБРИ ЖАЕН

Хур аз кӯҳ чу бифрохт зарринкулоҳ,
Шаб аз сар бияндохт шаъри сиёҳ.
Сипоҳ аз лаби рӯд бардоштанд,
Чу як нима з-он беша бигзоштанд.
Ғави пешрав хост андар замон,
Ки омад ба раҳ чор бабри дамон.
Сипаҳбуд ҳаме ронд бар пил рост,
Чу дидор шуд аспу хафтон бихост.
Ба шабранги шӯлак даровард пой,
Гироид бо гурзи гурде зи ҷой.
Биғуррид чун тунду андар баҳор
Ба кин рӯй бинҳод бар ҳар чаҳор.
Ба пеш андаромад яке тунд бабр,
Ҷаҳон чун дурахшу хурӯшон чу абр.
Ду чашмаш зи кин чашмаи хун шуда,
Зи дунбол гардаш ба ҳомун шуда.
Сари чанг чун суфти алмос тез,
Чу сӯзан ҳама мӯи пушт аз ситез.
Хамонида дум чун камоне зи қир,
Ҳама нӯги дандон чу пайкони тир.
Дарафганда бонгаш ба ҳомун мағок,
Зи кафкаш чу қатрон шуда рӯи хок.
Зи дандон ҳамерехт оташ ба ҷанг,
Зи хоро ҳамекард сӯҳон ба чанг.
Ба як панҷа рони таковар бибурд,
Бизад бар замин, гарданаш кард хурд.
Яке гурз зад паҳлавон бар сараш,
Ки зери замин бурд ними бараш.
Ба дигар шуду зад-ш захме дурушт,
Чунон, к-аш зи сина бурун бурд пушт.
Савум бабр тез андаромад ба хашм,
Зи бас хашм чун лола бикшод чашм.
Ба дасте гирифташ қафо ялфиған,



Ба дасте кашидаш забон аз даҳан.
Ба зери лагад пок мағзаш бирехт,
Чаҳорум давон сӯи беша гурехт.
Бияндохт гурз аз пасаш паҳлавон,
Шикасташ ду пою бару паҳлувон.
Зи мағзи дадон чун баровард дуд,
Пиёда сӯи беша биштофт зуд.
Дигар низ бисьёр ҷусту наёфт,
Чу бишнид Меҳроҷ, з-он сӯ шитофт.
Бибуд, хира з-он дасту з-он дастбурд,
Гирифт офарин бар сипаҳдори гурд.
Қашиданд наздики душман сипоҳ,
Расиданд ҳар ду ба як рӯз роҳ.
Сипаҳбуд бизад хайма в-омад фурӯд,
Зи ҳар сӯ талоя барафганд зуд.
Ба назди Баҳу номае кингузор
Бифармуд пурхашму пуркорзор.

## РАЗМИ САВВУМИ ГАРШОСП БО ХУСРАВИ ҲИНДУВОН

Зи шабдез чун шаб бияфтод паст,
Бурун шуд-ш чавгони симин зи даст.
Бизад рӯз бар чашмаи тезпӯй,
Ба майдони пирӯза заррина гӯй.
Бишуд Мубтар аз кина теғ охта,
Ба пеши Баҳу размро сохта.
Чунин гуфт, к-имрӯз рӯзи ман аст,
Ки бахти ту шах дилфурӯзи ман аст.
Кунун он гаҳ орам зи зин боз пой,
Қ-аз эрониён кас намонад ба ҷой.
Зирехпӯшу баргуставондор гурд
Ду раҳ сад ҳазор аз ялон баршумурд.
Дигар шашҳазор аз сияҳ жандапил
Гузин карду саф сохт бар чанд мил.
Баромад дами мӯҳраи говдум,
Шуд аз гарди гурдон хуру моҳ гум.
Бари паҳлавон шох Меҳроҷ зуд
Фиристод кас, Мубтар ӯро намуд.
Ки он кӣ бари қалб истода шер,
Ба каф теғи тез, абраши тунд зер.
Зада ҳам бараш гови пайкардурафш,

Сипар зарду баргустувонаш бунафш.
Зирех зеру хафтон-ш аз бар кабуд,
Зи пўлод соид-ш в-аз зар хўд.
Зи баргустувонаш ҳама қалбгоҳ,
Зи бас оина чун дурафшанда моҳ.
Ба гирдаш зи гурдон гурўҳе гузин,
Зиреҳ бар тану хўд дар пеши зин.
Сипарҳо даровардa з-оҳан барўй,
Чу тарк аз бари сар гиреҳ карда мўй.
Сипаҳбуд ҳамесохт кори сипоҳ,
Ниҳонӣ ҳамедошт ўро нигоҳ.
Ду дида бар ў, з-он сипаҳ яксара,
Ниҳода чу гург аз камин бар бара.
Аз эрониён бар дили номдор
Набуд ғам, ки буд ҷои ҷанг устувор.
Сўи чаппашон беша анбўҳ буд,
Сўи рост рўду зи пас кўҳ буд.
Вифармуд, то ҳиндувон кас зи ҷой
Зи поёни кўҳ пеш нанҳанд ҷой.
Лаби бешаву рўд ҳар сў зи кин
Ва пилон баровардa рози камин.
Ҳамон дидабон сохт бар кўҳсор,
Ду дида сўи бешаву рўдбор.
Вад-он то гар аз пас кас ояд ба ҷанг,
Ҷарас баркашад зуд овои занг.
Дурафш аз сари кўҳ Меҳроҷшоҳ
Зада пеши тахту зи гирдаш сипоҳ,
Ҳамебуд бо саквapoн аз фароз,
Ки то паҳлавон чун кунад ҷанг соз.
Фиристод Мубтар ба бозу каманд,
Далере, ки овоз будаш баланд,
Ки то шуд ба наздикӣ он бурзкўҳ,
Ки Меҳроҷ буд аз бараш бо гурўҳ.
Хурўшиду гуфт: «Эй шаҳи наварўс,
Зи беғора нангат набуд в-аз фусўс.
Шудӣ чун занон, шарм биндохтӣ,
Аз Эрон яке шўи нав сохтӣ.
Кунун дар паси парда бо бўю ранг,
Нишастӣ ту бо нозу шўят ба ҷанг».
Ғувожа ҳамезад чунин в-аз фусўс,
Ҳамехонд Меҳроҷро наварўс.
Хадангафган эрониён дар замон
Хаданге ниҳод аз камин дар камон,



Задаш сахт захме, ки ҷонаш бисўхт,
Гузаргоҳи овозу комаш бидўхт.
Зи Меҳроҷу хайлаш чунон як хурўш
Баромад зи шодӣ, ки кар гашт гўш.
Шаҳу ҳар кӣ з-он кор буд гашта шод,
Вад-он мурдагон тир зад, чиз дод.
Чу саффи сипоҳ аз ду сў гашт рост,
Ғами кўсу нои набардӣ бихост.
Гаве буд сипаҳдору пушти гавон,
Гиромиву амзодаи паҳлавон.
Хирадмандро ном Зардода буд,
Ба сад размдоди ҳунар дода буд.
Бишуд то бари Мубтар аз қалби рост,
Бигашту зи гурдон ҳамовард хост.
Зиреҳдор гурде ҳамон гаҳ зи гард,
Бурун тохту омад бараш ҳамнабард.
Бигаштанд бо ҳам ду гурди сутург,
Ба хун ҷанг шуста чу арғанда гург.
Ба шамшеру гурзу камону каманд
Намуданд ҳар гуна бисьёр банд.
Саранҷом Зардода тунд аз камин,
Барафганд — бар ҳинду аблақ зи кин,
Кашид обгун оташи заҳрбез
Задаш бар сару таргу бол аз ситез.
Сипар нимаву сар-ш бо китфу даст
Ба захме бияфганд ҳар чор паст.
Зи Меҳроҷу лашкаршу эронгурўҳ,
Хурўше баромад, ки хўр шуд сутўҳ.
Дигар размсозе бурун шуд далер,
Бигардид Зардода гирдаш чу шер.
Чунон зад-ш тире, ки дигар нахост,
Шуд аз тарг то зин ба ду нима рост.
Даҳу ду диловар ба хамми каманд,
Ҳамэдун паси якдигар дарфиганд.
Писар дошт Мубтар яке шермард,
К-аш аз ҷангиён кас набуд ҳамнабард.
Ба мардӣ гусастӣ сари зиндапил,
Ба ханҷар бирондӣ зи хун рўди Нил.
Ба пайкори Зардодаи шердил,
Бурун тохт дар каф зи пўлодпил.
Бияндохт сўи гави сарфароз,
Замоне ҷавон буд расида фароз.
Ба пушташ даромад, бурун шуд зи ноф,

Далере чунон кушта шуд баргизоф.
Аз эрониён гирья бархост пок,
Давиданду бардоштандаш зи хок.
Шуд аз куштанаш паҳлавон дилдужам,
Зи хуни ду дида басе ронд нам.
Ба чарху замин кард савганд ёд,
Ки имрӯз бидҳам дар ин ҷанг дод.
Кунам з-ин сиёҳон дар ин дашт хун
Ба ҳар мӯи Зардода гурде нагун.
Чамон чармаи зовулӣ барбибаст,
Ҳамон сирашӣ найза з-оҳан ба даст.
Сӯи пури Мубтар ба кин дод рӯй,
Даромад синон рост карда бар ӯй.
Бакам, з-он ки мурғе занад сар дар об,
Зи зинкӯҳа бирбудаш андар шитоб.
Чунон аз синонаш нагунсор кард,
К-аш аз найза-бар оҳанин дор кард.
Замоне чапу рост — ҳар сӯш бурд,
Бияфганду пушту сарашро хард хурд.
Ҳамегуфт, к-инро бихобед паст,
Ки меҳмон буд, аз бода гаштаст маст.
Пас аз хашм тан бар сипаҳ барфиганд,
Ҳама дошт дасту тану сар фиганд.
Бад-он чарма пӯшида чарми ҳижабр,
Чу деве дамон бар яке пора абр.
Ба захми паранд овар аз пушти пил,
Ҳаме маҳсифар тохт бар Талли Нил.
Сари ханҷараш абри хунбор буд,
Синонаш наҳанги ялавбор буд.
Чиҳил пили ҷангиву сесад савор,
Ба як ҳамла бифганд бар хок хор.
Зи тан кард ҷандон сар аз кина пахш,
Ки шуд зери ӯ-дар зи хун чарма рахш.
Ҳама дашти ҳинду буд аз зери наъл,
Тани қиргун-шон зи хун гашта лаъл.
Ғиреванда Мубтар зи дарди писар,
Зи ғам дида пурхуну пурхок сар.
Биёмад ба хуни писар кинахоҳ,
Баровехт бо паҳлавони сипоҳ.
Сипаҳбуд барангехт разме уқоб,
Даромад бад-ӯ чун дурахш аз шитоб.
Задаш бар миён рост теғи набард,
Чунон к-аз камарбанд якеро ду кард.



Бимондаш яке нима бар зин нагун,
Дигар нима бар хок ғалтон ба хун.
Бизад цаъра Меҳроҷу бар пой хост,
Зи шодӣ тан аз кӯҳ бифганд рост.
Зи дарди ҷигар сар ба сар ҳиндувон,
Ба кин сар ниҳоданд бар паҳлувон.
Диловар даромад чу ғурранда меғ,
Дудастӣ ҳамезад чапу рост теғ.
Далерони Эрону Зовул баҳам
Бикарданд ҳамла чу шери дужам.
Бипайваст разми гарон, к-аз сипехр
Маҳ аз бим гум гашту бигрехт меҳр.
Баромад деҳу гирӣ ҳар ду сипоҳ
Баромехт бо ҳам сапеду сиёҳ.
Пур аз хашм шуд мағзу пуркина дил,
Зи дил хост хуну зи хун хост гил.
Сари теғ чун хунфишон меғ шуд,
Дили меғ пуртобиши теғ шуд.
Биппарид хуши замона зи ҷӯш,
Бидаррид гӯши сипеҳр аз хурӯш.
Зи бас гард чашми ҷаҳон нам гирифт,
Зи бас кушта пушти замин хам гирифт.
Набуд рафта аз рӯз ниме фузун,
Ки буд з-он сиёҳон дубаҳра нагун.
Ба хок андарун хастагон ҳамчу мор,
Қашида забон аз паи зинҳор.
Зи бас захми хишту ҳаданги дурушт,
Шуда пил монандаи хорпушт.
Ба ҳар сӯ нагун ҳиндуе буд паст,
Чӣ афганда бесар, чӣ бепою даст.
Зи тан рафта хун бо гил омехта,
Чу хики сияҳ бода з-ӯ рехта.
Яке бод бархосту торик кард,
Ки осмон ҳаме даррабуд аспу мард.
Бизад бар рухи ҳиндувон регу санг,
Нагун шуд дурафши далерон зи ҷанг.
Ниҳоданд сар сӯи болову шеб,
Гурезону бар ҳам фитон аз ниҳеб.
Баҳу пеш шуд боз ханҷар ба даст,
Ҳамегуфт: «То кай бувад ин шикаст?»
Ҳунартон ҳама рӯзи овехтан,
Набинам ҳаме ҷуз, ки бигрехтан.
Ва хон ҳамчу шерон шитобед тез,

Чу чанг ояд, оху шавед аз гурез.
Зи гурдони лашкарш ҳар кас, ки ёфт,
Инонаш ба тундӣ ҳаме бозтофт.
Фиканд аз сарон мар се танро зи пой,
Фурӯ дошт пилону лашкар ба ҷой.
Чунин то ба шаб разму пайкор буд,
Набуд даст, к-аз захм бекор буд.
Чу бинвашт шаб фарши зарбафти роғ,
Ҳама гунбади сабз шуд пурчароғ.
Сипоҳ орамиданд бар ҷои хеш,
Ҳамон шаб Меҳонро Баху хонд пеш.
Чунин гуфт, к-ин бор разме гарон,
Бисозед ҳампушти якдигарон.
Сипаҳ поку пилон ҳама бешу кам,
Ба ҷанг андар-оред фардо ба ҳам.
Ҳамин аст, як разм мондаст сахт,
Бикӯшем, то чист фарҷому бахт.
Ҳама ҷон ба якраҳ ба каф барниҳем,
Агар ком ёбем, агар сар ниҳем.
Меҳон ҳам бар ин рой гаштанд боз,
Ҳама шаб ҳаме разм карданд соз.

## ГАРШОСП ВА БАРАҲМАН

Дигар раҳ-ш пурсид гурди далер,
Ки эй, аз хирад бар ҳаво гашта чир!
Бад-ин кӯҳ танҳо нишастат чарост?
Чи чиз аст хӯрдат? Чу пӯшиш гиёст.
Бад-ӯ гуфт пираш, ки сол аст шаст,
Ки то ман бад-ин кӯҳ дорам нишаст,
Гиёяст пӯшидану хӯрданам,
Сипоси касе нест бар гарданам,
Ҳама кори ман бо худоясту бас,
На аз ман касе ранҷа, не ман зи кас.
Вагар бекасам, нестам бехудой,
Ба танҳоӣ ӯ бас маро дилкушой.
Хирад низ дорам, ки чун дил нажанд
Бимонам, кунад дардам осон ба панд.
Танумандро аз хуриш чора нест,
В-аз ин бар тануманд беғора нест.
Чу дидӣ, ки гетӣ надорад бақо,
Аз ӯ бас бувад хӯрду пӯшиш гиё.



Чи бояд сӯи ҳар хуриш тохтан,
Шикам гӯрхар ҷонвар сохтан.
Равон парвар, эдун, ки тан парварӣ.
Ба парвори тан ранҷ то кай барӣ?
Равон ҳаст зиндонии мустаманд,
Тан ӯро чу зиндон, табоеъ чу банд.
Чунон аст парвардан аз ноз тан,
Ки девори зиндон қавӣ доштан.
Чи бояд кашид ин ҳама ранҷу бок
Ба чизе, ки гавҳар-ш як мушти хок.
Чи меҳр афганӣ бар тану ин ҷаҳон,
Ки бо ту на ин монд хоҳад, на он.
Ҷаҳон аз баду нек обистан аст,
Бурун дӯст аст, аз дарун душман аст.
Ҳар он гаҳ, ки шуд ром ӯ дил ба меҳр,
Дигарсон шавад як сараш ранги чеҳр.
Дарахташ бало гардаду мева мор,
Насимаш самуму суманбарг хор.
Чи варзиш, к-ат надҳад аз ранҷ бар?
Бимолад ба пай чун бигирад ба бар.
Ба давре зи хешон-т орад навид,
Намояд-т шамъу нишонад намид.
Кунад кӯжпуштат, рухи сурх зард,
Ҷавони-т ба пирӣ, дурусти-т дард.
Бас он к-ӯ чунин бо ту бошад ба кин,
Ту ӯро чаро дӯст дорӣ чунин?
Чи нозӣ ба дебову хаззу самур,
Ки хоҳад танатро хӯрад кирму мӯр?
Басе ҷораҳо созию доварӣ,
Барӣ ранҷ то ганҷ гирд оварӣ.
Саранҷом бинӣ шуда бод ранҷ,
Ба ту ранҷ монад, ба бадхоҳ ганҷ...
Гарат нек бояд ба ҳар ду сарой,
Сӯи кирдигори ҷаҳонбон гирой...
Ҳама дарди тан дар фузун хӯрдан аст,
Дурусти-ш ба андоза парвардан аст.
Ба ҷон аз бадӣ эмин он асту бас,
Ки некӣ кунад бад нахоҳад ба кас.
Бувад беш андӯҳи мард аз ду тан:
Зи фарзанди нодону нопок зан.
Дужамтар касе марди рашк асту оз,
Ки ҳар соаташ марге ояд фароз.
Ба нерӯтар он кас, ки аз рӯи дин

Кунад бурдборӣ гаҳи хашму кин.
Гаронтар зи ҳар чиз бори гунох,
К-аз ӯ ҷон дужам гардаду дил сиёҳ.
Беҳингавҳаре ҳаст равшанхирад,
Ки бар ҳар чи донӣ хирад бигзарад.

## ГАШТАНИ ГАРШОСП БО МЕҲРОҶ ГИРДИ ҲИНД

Яке марди маллоҳ буд роҳбар,
Ки будаш ҳама роҳи дарьё зи бар.
Буд огаҳ, ки дар ҳар ҷазира чи чиз,
Забони ҳама пок донист низ.
Ба дарьё ҳар он ҷо, ки обозмой
Бибӯид он гил, бигуфт, аз куҷой,
Ҷу дарьё ба шӯриш гирифтӣ шитоб,
Яке тašт будаш бикардӣ пуроб.
Ҳама буданиҳо дар ӯ камму беш,
Надидӣ чу дар оина он чеҳри хеш.
Варо раҳбарӣ дод Меҳроҷшоҳ,
Ба сӯи ҷазира гирифтанд роҳ,
Ки хонанд Бартоил онро ба ном,
Ҷазира-ҳама ҷои шодиву ком.
Пуробу хушу мева ҳар сӯ ба бор,
Гули гунагун гирди ӯ садҳазор.
Зи хашшӣ замин чун дили шод буд,
Зи борон ҳаво чун кафи род буд.
Чу ранги рухи ёр шох аз суман,
Чу мӯи сари зангӣ об аз шикан,
Хурӯши рубобу ҳавоҳои ной,
Раҳи чангу дастони барбатсарой,
Ҳаме омад аз беша ҳар сӯ фароз,
На гӯянда пайдо, на дастоннавоз.
Ту гуфтӣ ҳама беша базми парист,
Дарахташ зи ҳар сӯ ба ромишгарист.
Чунон ҳар замон бонг бархостӣ,
Ки майхораро орзу хостӣ.
Дили паҳлавон хира шуд з-он хурӯш,
Ба ҳар гӯшае гашту бинҳод гӯш.
На кас диду на мурғу деву парӣ,
На камтар шуд он бонги ромишгарӣ.
Зи маллоҳ аз он бонг пурсид боз,



Надонад кас ин гуфт пайдову роз.
Ҳамон ҷо шаби тира бар дашту роғ,
Яке равшанӣ дид ҳамчун чароғ.
Бипурсид аз он паҳлавони сутург,
Бигуфтанд говест обӣ бузург.
Чу дам зад фитад равшанӣ дар ҳаво,
Бад-он, равшаноӣ кунад шаб чаро,
Чунин ҳар шаб аз дур пайдо шавад,
Сапедадамон боз дарьё шавад.
Зи дому даду бӯи нахчиргир
Гурезон бувад бар се партоб тир.
Бибуданд рӯзе в-аз он ҷойгоҳ,
Кашиданд сӯи савоҳил сипоҳ.

## ГАРШОСП БАРОИ ЗАН БА ҲАВОИ САФАР МЕАФТАД

Чу зад чанд гаҳ паҳлавон рои ҷуфт,
Ниҳон аз падар бо дили хеш гуфт:
«Ба кас кори ман барнаёяд ҳаме,
Аз ин пас маро рафт бояд ҳаме.
Диҳад коҳилӣ ҳар касеро газанд,
Дари донишу рӯзӣ орад ба банд.
Зи бешармзан тира гардад равон.
Ҳам аз бехирад пиру коҳил ҷавон.
Туро чун набошад ғами кори хеш,
Ғами ту надорад касе аз ту беш.
Сафар нест оҳу, ки вологуҳар
Чу бинад ҷаҳон беш гирад ҳунар.
Зи ҳар гуна бинад шигифтӣ басе,
Гирад гунагун дониш аз ҳар касе.
Хазону зимистон, тамузу баҳор
Ҳама сола дар гардишанд ин чаҳор.
Шабу рӯзу чарху маҳу офтоб,
Дамон-абру тунд — оташу тез-об.
Ҳамэдун ҳама бар сафар карданад,
Чапу рост дар тохтан-бурданад.
Ҳунаршон ба кори ҷаҳон сохтан,
Зи гардиш падид асту аз тохтан.
Маро низ гаштан ба гетӣ равост,
Магар ёбам он, к-ин диламро ҳавост,

Ба роҳ аз чи танҳо битарсад далер,
Ки танҳо хиромад ба нахчир шер
Чи мурдан дигар ҷо, чи дар шаҳри хеш,
Сӯи он ҷаҳон раҳ яке нест беш».

### АСРАТ БА ГАРШОСП ПАНД МЕДИҲАД

Нигаҳ кун, ки чун кард бояд шаҳӣ,
Биёмӯз оину роҳи меҳӣ.
Чаҳор аст оҳуи шоҳ ошкор,
Ки шаҳро набошад батар з-ин чаҳор:
«Яке хирарой, дувум баддилӣ,
Савум зуфтию чорумин коҳилӣ».
Хирад шоҳро бартарин афсар аст,
Ҳушу донишаш нектар лашкар аст.
Беҳин ганҷи ӯ ҳаст донанда мард,
Накӯтар салеҳаш ялони набард.
Шаҳ он беҳ, ки ҳар донишу дастрас,
Ҳама з-ӯ гиранд, ӯ нагирад зи кас...

### ГАВҲАРИ ПУРБАҲО

На ҳар к-ӯ ҷавон-зиндагонӣ-ш беш,
Басо пир монду ҷавон рафт пеш.
Ба хона нишастан бувад кори зан,
Бурун кори мардони шамшерзан.
Тани ранҷнодидаро ноз нест,
Ки бо коҳилӣ ноз анбоз нест.
Нашояд меҳӣ ёфт бе ранҷу бим,
Ки беранҷ н-орад, кас аз санг сим.
Ба дарьёи жарф он ки ҷӯяд садаф,
Бибояд-ш ҷон барниҳодан ба каф.
Бузургӣ яке гавҳари пурбаҳост,
Варо ҷой дар коми нар-аждаҳост.

### ГУФТУГӮИ ГАРШОСП ВА БАРАҲМАНИ НӮҲСАДСОЛА

Бад-ӯ гуфт:— «Салом ба нӯҳсад расид,
Дилам будан аз гетӣ эдар гузид,
Дил он ҷо гарояд, ки комаш равост,
Хуш он ҷост гетӣ, ки дилро ҳавост»,



Бувад ҷӯғд хуррам ба вайрони зишт,
Чу булбул ба хушбоғи урдибиҳишт.
Шабу рӯзам эзидпарастист роҳ,
Нишаст ин кӯҳу хӯрду пӯшиш гиёҳ.
Гар аз одамӣ нест хешам касе,
Дигар хешу пайванд дорам басе.
Хирад хаст модар маро, ҳуш-падар,
Дили пок-ҳамҷуфту дониш-писар,
Ҳунар-холу шоистафарҳанг-ам,
Раҳи доду дин ду бародар ба ҳам.
Ҳавою ҳасад ҳардуям бандаанд,
Ҳамон хашму озам парастандаанд.
Бар ин гунаам бандагонанду хеш,
Ки кас н-орадам ҳаргиз озор пеш...

### РАСИДАНИ ГАРШОСП БА МИЛИ САНГ

Расид аз паси ҳафтае шоду каш
Ба шаҳре дилорому пидрому х(в)аш.
Ҳама дашти ӯ навгулу хезрон,
Гаҳе бар сараш бешаи заъфарон.
Бар он кӯҳ бар миле афрохта,
Зи мис в-оҳану рӯй бигдохта.
Набишта зи гирдаш хате порсӣ,
Ки буд умри ман-шоҳ даҳ бор сӣ.
Зи шоҳон касе бадсиголам набуд,
Ба ганҷу ба лашкар ҳамолам набуд.
Дар ин кӯҳ сад сол будам нишаст,
Басе раста зар оваридам ба даст.
Ҳама зери ин мил кардам ниҳон,
Бирафтам саранҷоми кор аз ҷаҳон.
На з-ӯ шод будам бад-ин сар ба низ,
Нахоҳам бад-он сар будан шод низ.
Надонам кӣ ёбад бад-ӯ дастрас,
Маро баҳра боре шуморасту бас.
Чу дастат ба чизи ту набвад расон,
Чи чизи ту бошад, чи они касон.
Ғаму ранҷи ман ҳар кӣ орад ба ёд,
Набошад ба огандани ганҷ шод.
Ба некӣ барад ранҷ ҳар рӯз беш,
Ки фарҷом ҳам некӣ орад-ш пеш.

Гар аз кӯҳ дорем зар беш мо.
Тавонгар худоясту дарвеш мо.
Аё, он ки ин ганҷат ояд ба даст,
Зи рӯи хирад бар ба кор он чи ҳаст.
Ҳамасола эдар тавоно наӣ,
Ки имрӯз ин ҷову фардо наӣ,
Тан аз ганҷи дунъё маяфган ба ранҷ,
Зи некию номи накӯ соз ганҷ,
Ки бурдан тавон ганҷи заргар чи бас,
Зи кас ганҷи некӣ набурдаст кас.
Ҷаҳон жарфчоҳест пурбиму оз,
Аз ӯ кӯш, то тан кашӣ бар фароз!
Фажаҳ ганда-пирест шӯридаҳуш,
Бадандешу фарзандхӯр, шӯйкуш.
Ба ҳар гуна фарзанд обистан аст,
Ту фарзандро дӯсту ӯ душман аст.
Паноҳат ба додофарин боду бас,
Ки аз бад ҷуз ӯ нест фарьёдрас.
Дили паҳлавон хира шуд, к-он бихонд,
Басе дурр зи ду ҷазъи равшан биронд,
Сипаҳро бифармуд то ҳамгурӯҳ,
Фиганданд он милу монданд кӯҳ.
Ҷаҳе буд зераш чу торӣ-мағок,
Пур аз зарри раста биёганда пок.
Саросар фарози чаҳ анбор кард,
Саду бист уштур ҳама бор кард.
Баандоза з-он косаву хону ҷом,
Бисозиду зин карда зарринситом.

## АЗ МУНОЗИРАҲО
## МУНОЗИРА БО АРАБ КУНАД БА ФАЗЛ АҶАМ

Рӯзе ману ҷавқе араби ҷалду сухандон
Будем ба базми маҳе аз май хушу шодон.
Мо дасти тараб бурда ба ҳар дӯстиву лаҳв,
Хуньёгари мо дасти наво бурдаву дастон.
Бас фазли Аҷам в-они Араб рафт ба мастӣ,
Ман майли Аҷам кардаму майли Араб эшон.
Ошуфт яке з-он ҳамаву гуфт: «Аҷам чист?»
Фахр аҳли Арабро расад, эй аблаҳи нодон.
Дар асл мушарраф чу Қурайш аҳли Араброст,
Дар базлу тафохур чу Банӣ Ҳошиму Ғатфон,



Чун Шайбаи Имрон ба фасоҳат зи Араб буд,
Чун Зайду Лақиту ҳунарӣ Узраву Саҳбон.
Шоир Абешесу Ҷариру Мутанаббӣ,
Чун Бухтуриву Даъбалу чун Ахталу Ҳассон.
Аълам Ҷину Аҳнаф, сахиву ҷӯд чу Ҳотам
Доной чу Сотеҳу хирадманд чу Нӯъмон.
Маккор чу Бин Маъдиву доҳӣ чу Бин-ал-Ос,
Сафдар чу Алии асаду Мурраву Марвон.
Олим чу саҳобону гузинони паямбар,
Меҳ чун хулафо фахри замин в-афсари азмон.
Чун мо зи ҳама халқ ба аслу насабат кист,
Ё чун сипаҳи мо ба гаҳи кӯшишу ҷавлон?
Моем қавитар гурӯҳе дар ҳама сахтӣ,
Моем вафитар касе андар ҳама паймон.
Ҳам зарфишонандатар андар гаҳи маҷлис,
Ҳам пойфишорандатар андар гаҳи майдон,
На ҳаст чу мо кас ба нигаҳ доштани ҳақ,
На низ чу мо кас ба лутаф кардани меҳмон.
Румҳ аз бари мо хезад — хиттии қавиаҳд,
Ҳам теғи ямонӣ, ки бидаррад дили сандон.
Тозифарасоне ҳама чун бод ба тозиш,
Аслишутуроне ҳама чун кӯҳ ба кӯҳон.
Аз мардии мо, кӯшиши мо дар талаби ризқ,
Бо найзаи хиттӣ бувад ханҷару хафтон.
В-аз ризқ шуморо зи пайи гирья ҳама кор
Бо лабайк мураққаъ бувад ракват анбон...
Инсони меҳ ҳар ҷонвар аз лафзу лисон аст
В-аз мо ба лисон нест касе беҳтар аз инсон.
Чиз аст, ки номаш баратон нест яке беш,
В-онро бари мо ном бувад сесад алвон.
Бурҳони ман афъоли Араб чанд намудам,
Бинмой ту бурҳоне аз афъоли Аҷам, ҳон!
Гуфтам-ш чу девона басе гуфтиву акнун
Посух шунав, эй буда чу девони биёбон...
Шаҳ з-аҳли Аҷам буд чу Қаюмарсу Ҳушанг
Чун Ҷам, ки даду деву парӣ буд-ш ба фармон.
Чун шоҳ Фаредуну чу Кайхусраву Қовус,
Чун Нарсиву Баҳрому чу Парвизу чу Сосон.
Чун Кисрӣ, ки овард бар ӯ фахр Муҳаммад,
Чун Хурмузи воло, ки ситад бож зи Хоқон.
Гурдон чу Наримону чу Соми ялу Гаршосп,
Чун Бежану Геву ҳунарӣ Рустами Дастон.
Дар дониши тиб хира чу Ибни Закариё,

Дар ҳукми фалак чалд чу Ҷомоспи сухандон.
Шоир чу гузин Рӯдакӣ он к-аш бувад абьёт
Беш аз саду ҳаштод ҳазор аз дуру девон.
Чун Унсуриву Асҷадиву шӯҳра Кисоӣ
В-онон, ки зи Балху ҳади Тӯсу Раю Гургон...
Дар Қуръон ҳам порсӣ аст, к-ин ту дар лафз
«Сиҷҷил» ҳамехонияшу «сангу гил» аст он.
Ҳам аз сухани мост басе лафз шуморо
Чун «найза», ки хонанд ҳаме «найзаги фурсон».
Мо «шаккар» гӯему Шумо «шиккар» гӯед
Мо «мушк», шумо «миск»-и Хутан ҳаст фаровон.
В-ар лафзи шумо беш чи бошад, ки зиёдат
На вазъ зи алфоз ба ҳар кишвару булдон.
Мо сунъи шумо яксара донему шумо пок
Ҳастед зи ҳар сунъ зи мо оҷизу ҳайрон...
Қони шабаҳу маъдану пирӯза бари мост,
Қони зару симу гуҳару кӯҳи Бадахшон.
Мева-ст зи андоза ба ҳар хашшиву ҳар лавн,
З-он гуна, ки дар равза набошад бари Ризвон.
Як рӯд ба сад мили шумо барнатавон ёфт,
Морост ба ҳар мил ду сад рӯд чу тӯфон.
Дар буми шумо боди самум ояд бо таф,
Дар кишвари мо боди сабо бо дами райҳон.
Бар хори шумо заҳр барояд наму моро
Хор аст, ки бар вай асал ояд ҳама борон.
Бар мо фиғанад нур пас онгаҳ ба шумо-бар
Ҳар рӯз нахустин чу хур ояд зи Хуросон.
В-ар фахр ба хӯрду ба либос асту ба амвол
Моро зи шумо нектар аст ин се зи ҳар сон...
Маъвои шумо хору хиёму талу рег аст,
Маъвогаҳи мо гунбадаву гулшану айвон...
Дуньёвӣ ҳамин аст, ки гуфтам ҳама в-акнун
Ҷуз охирате нест суханро сару сомон.
Бар мову шумо з-эзид фармони шариат
Яккест, ки мӯъмин ҳам ҳастанд чу ихвон.
Дар ҳашр на амволу на асбобу на амлок
Ояд ба бар, илло амали некуву имон...

# АЗРАҚИИ ҲИРАВӢ

*Абӯбакр Зайниддин Азрақии Ҳиравӣ яке аз шоирони асри XI мебошад, ки соли таваллудаш маълум нест. Падари Азрақӣ Исмоили Варроқ касест, ки Абулқосим Фирдавсӣ ҳангоми аз дасти Султон Маҳмуди Ғазнавӣ гурехтанаш қариб шаш моҳ дар хонаи ӯ пинҳон шуда буд. Ӯ девони ашъор дорад. Дар баъзе тазкираҳо қайд карда мешавад, ки Азрақӣ достони «Синдбоднома» ва китоби «Алфия ва Шалфия»-ро низ ба риштаи назм кашида будааст. Соли вафоти ӯ маълум нест. Баъзеҳо вафоти ӯро қабл аз 1072 донистаанд. Девони Азрақӣ соли 1957 дар Теҳрон ба табъ расидааст.*

## АЗ ҚАСОИД

...Бомдоде зи паи сайд бурун рафт ба дашт,
Ба маю мутрибу нобурда ба пархош гумон.
Май ҳамехӯрд ба шодӣ, ки биёмад ду-се тан
Аз яке бешаву аз шер бидоданд нишон.
Шаҳ сӯи шер бипечиду бирун омад шер,
Сар ба ҳомун зада аз беша хурӯшону дамон.
Аз баландию зи паҳною бузургӣ, ки намуд,
Рост гуфтӣ, ки на шерест — ҳаюнест калон.
Рост гуфтӣ, ки зи пӯлод буд ӯро чангол,
Рост гуфтӣ, ки зи алмос буд ӯро дандон.
Мард ҳар сӯй пароканду баромад ба сипеҳр
Аз далерон шағабу наъраву аз шер фиғон.
Тир бигзиду бипайвасту камон барбикашид,
Шоҳ чун шер сӯи шер бипечид инон.
Шер агарчанд ҳаме сахт бикӯшид, вале
Хӯрдани захм ҳамон буду шудан суст ҳамон.
Бар сари даст фурӯ хуфт замоне, ки магар
Гардад осудаву боз ояду созад ҷавлон.
Белаке шоҳ бароварда бипайвасту бизад
Дар буни гӯшашу бар ҷой бияфганд ситон,

## АЗ ҒАЗАЛИЁТ

Ин барбатест санъати ӯ сеҳрошкор,
В-андар аҷаб зи санъати ӯ чашми рӯзгор.
Чун он ки аз чаҳор табоеъ мураккабем,
Таркиб кардаанд табоеъ дар ӯ чаҳор.
Ӯд аст номи ӯву бад-ин сон кӣ дида ӯд?
З-ин гуна бурда анбару ӯд андар ӯ ба кор.
Хубиш бе қиёсу дар ӯ нақш беадад,
Нағзиш бемисолу дар ӯ ақд бешумор.
Оромгоҳи ӯ бувад андар канори дӯст,
Овози ӯ нишоти дили ошиқони зор.
Хуррамтар аз баҳору сарояд ба зеру бам,
Гаҳ «Кинаи Сиёвуш»-у [1] гаҳ «Сабзаи баҳор».
Бе дурру ганҷ ҳар кӣ ба рӯ захма барзанад,
Ҳам «Ганҷи гов» ёбаду ҳам дурри шоҳвор.

* * *

Бори дигар бар ситоки гулбуни бе баргу бор,
Афсари заррин барорад абри марворидбор.
Гоҳ мино зиннат орад бар нигори бӯстон,
Гоҳ марҷон зевар орад бар арӯси марғзор.
Дасти савсан нуқраи покиза орад дастбанд,
Гӯши гулбун лӯълӯи носуфта орад гӯшвор.
Диръи қатрон ҳалқа аз дарқё бипӯшад осмон,
Тарки марҷон кавкаб аз хоро барорад кӯҳсор.
Хирмани марҷону мино ҳар куҷо чашм афганӣ,
Баршукуфтаст аз чаман ё бардамидаст аз чанор.
Гар ба Иброҳим райҳон гашт оташ турфа нест,
Турфа, к-аз райҳон ҳаме оташ фурӯзад навбаҳор.
Бӯстон аз чашму абру дасти бод андар чаман,
Ҳалқа дорад дар шақоиқ, даст дорад дар нигор.
Аз насими бод дорад ғунча пуранбар даҳан,
В-аз сиришки абр дорад лола пурлӯълӯ канор.

Дӯш то рӯзи фарох он санами тангдаҳон
Лаби чун лола ҳамедошт зи май лоласитон.
Нофаҳо дошт аз ӯ хона пур аз мушки сиёҳ,
Боғҳо дошт аз ӯ дида пур аз сарви равон.

[1] *Кинаи Сиёвуш* — номи оҳанги қадимии ғамангез.



Рухи ӯ лоласитон буду сари зулфаки ӯ
Зангиён дошт ситон хуфта бар он лоласитон.
Гоҳ пайваста ҳаме гуфт ғазалҳои сабук,
Гоҳ оҳиста ҳаме хӯрд қадаҳҳои гарон.
Даҳани кӯчаки ӯ дидам ҳангоми сухан,
К-аз зарифӣ дили ман ғолиядон кард гумон.
Гуфтам: — «Ин ғолиядон чист?» — Бихандид бутам,
Ки «ҳаме ғолиядон бознадонӣ зи даҳон?!»

## АЗ МУҚАТТАОТ

Ҷой-ҷой абри сапед андар ҳаво бин хурд-хурд —
Ҳамчу бачкони ҳавосил бар сари дарьё равон.
Рост пиндорӣ наоим бар сари шохи дарахт,
Байзаи симин ниҳодаст аз бари сабзошьён.
Чун булӯрин ҳуққаҳои ҳуққабозон ҷуфт-ҷуфт,
Барниҳода лаб ба лаб пур карда аз лӯълӯ миён.
Бегумон гӯӣ камон кирдори шохи чафтаест,
Хурд пайконҳои миноранг аз ӯ пур займурон.
Тӯтиён дорад зумуррадгун забон бар шохи хеш,
Карда аз шохаш бурун ҳар як зумуррадгун забон...

## АЗ РУБОИЁТ

То з-абри фироқи ту биборид тагарг,
Бар шохи умеди мо на бар монду на барг,
Дидам на ба ихтиёри худ ҳаҷри туро,
Мардум на ба ихтиёри худ бинад марг.

Дар ишқи буте дилам гирифтор шудаст,
В-аз фурқати ӯ рухам чу динор шудаст.
Ин қисса маро зи дӯст душвор шудаст,
Дил дар кафи ёру аз кафам ёр шудаст.

Чун бар ҳама кас намешавад роз нуҳуфт,
Ман гавҳари рози худ намедонам суфт.
Танҳот ҳаме ҷӯям, эй бо маҳ ҷуфт,
Ҳам бо ту магар ғами ту битвонам гуфт.

З-он рӯз, ки ман ишқи ту кардам оғоз,
Дар банди бало мондаму дар доми гудоз.
Ҳар ноз, ки донӣ, бикун, эй мояи ноз,
Бошад, ки чу ман забун ба каф н-орӣ боз.

Эй гулрухи сарвқомат, эй мояи ноз,
Бар ту зи намозу рӯза ранчест дароз.
Чандин ба намозу рӯза танро магузор,
Бар гул набувад рӯзаву бар сарв намоз.

# НОСИРИ ХУСРАВ

*Шоир, мутафаккири намоёни асри XI Ҳаким Абӯ Муиниддин Носир бинни Хусрав, бинни Ҳорис ал-Қубодиёнӣ ал-Марвазӣ мулаққаб ва мутахаллис ба «Ҳуҷҷат» дар моҳи зуқаъдаи соли 394 ҳиҷрӣ (дар байни 20 август то 19 сентябри соли 1004 милодӣ) дар Қубодиёни РСС Тоҷикистон таваллуд ёфтааст.*

*Дар бораи бачагӣ ва ҷавонии Носири Хусрав ахбороти дақиқе дастрас нест.*

*Носири Хусрав то тирамоҳи соли 1045 дар пойтахти салҷуқиён шаҳри Марв зиста, хизмати хироҷгундории дарбори Султон Чағрибекро адо мекард. Дере нагузашта ӯ аз ин хидмати худ истеъфо медиҳад ва ба саёҳат мебарояд. Ин мусофирати ӯ ҳафт сол давом мекунад. Носири Хусрав дар ин муддат Озарбойҷон, Осиёи Хурд, Сурия, Фаластин, Миср, Ҳиҷоз ва дигар ҷойҳоро саёҳат намуд.*

*Ҳуҷумҳои шоир ба муқобили амалдорони салҷуқӣ ва низомоти дини расмии исломӣ ранги зиддифеодалӣ доштанд. Аз ин ҷост, ки уламои динӣ ва ҳукуматдорони маҳаллӣ ба амалиёти Носири Хусрав, муқобилият намуда, ӯро кофир ва «дӯзахӣ» эълон карданд, бисьёр одамонро бар зидди вай шӯрониданд. Дар чунин як вазъияти тоқатфарсо ба Носири Хусрав лозим омад, ки тарки ёру дӯстон намояд. Ӯ бо душвориҳои зиёде ба тариқи пинҳонӣ аз Хуросон ба Мозандарон мегурезад. Вале душманон дар ин ҷо ҳам ӯро осуда нагузошта, доимо таъқиб мекарданд. Оқибат Носири Хусрав ба кӯҳистони Бадахшон мегурезад ва бо ин восита аз марг наҷот мeёбад. Шоир дар Бадахшон пас аз каме ором гирифтанаш, боз ҳам ба эҷод намудани асарҳо машғул мешавад. Аксари асарҳои то ба замони мо омада расидаи шоир дар ҳамин муддат навишта шудаанд. Ҳамин тавр, Носири Хусрав боқимондаи ҳаёти худро дар Юмгон ном ғори кӯҳистон гузаронида, соли 1088 вафот мекунад.*

*Носири Хусрав аз худ осори зиёде мерос гузоштаст. Аз асарҳои шоир як қисмашон дар шакли хеле таҳрирь-*

*ёфта омада расидааст. Аз қисми дигарашон фақат ном боқӣ модаасту халос.*

*Аз таълифоти Носири Хусрав асарҳои зерин дастраси мо гардидаанд:*

*1. Девони ашъор, 2. Маснавиҳои «Рӯшноинома» ва «Саодатнома», 3. «Ваҷҳи дин», 4. «Зод-ул-мусофирин», 5. «Сафарнома». 6. «Ҷомеъ-ул-ҳикматайн». 7. «Гузориш ва Раҳоиш».*

*Илова бар ин дар асарҳои худи шоир боз ба ду асари дигараш низ ишора карда мешавад: 1. «Хон-ул-ихвон», 2. «Бустон-ул-ӯқул».*

*Ба ғайр аз асарҳои боло, ки ба Носири Хусрав мутааллиқ будани онҳо равшан аст, муаллифони тазкираҳо ва тарҷумаи ҳолнависони гуногун асарҳои зеринро низ ба ӯ нисбат медиҳанд: 1. Рисолаи «Иксири аъзам», 2. «Қонуни аъзам», 3. «Далел-ул-мутаҳайирин», 4. «Канз-ул-ҳақоиқ», 5. «Алмуставфӣ», 6. Рисола «Дар илми Юнон», 7. Рисолаи «Шаш фасл», 8. Рисола «Дар таърихи кавокиб», 9. «Саргузашти шахсӣ». 10. «Тафсири Қуръон». 11. Китоби «Ҳафт боб».*

## МУНОЗИРА БО ХУДО

Худоё, арзу тӯли оламатро
Тавонӣ дар дили мӯре кашидан.
На вусъат дар даруни мӯр орӣ,
На аз олам сари мӯе буридан.
Умуми кӯҳи байни шарқу мағриб —
Тавонӣ дар садаф ҷамъ оваридан.
Ту битвонӣ, ки дар як тарфат-ул-айн
Замину осмоне офаридан.
Ту додӣ бар нахилоту наботот —
Ба ҳикмат бодро ҳукми вазидан.
Биноҳо дар азал маҳкам ту кардӣ,
Уқубат дар раҳат бояд кашидан.
Тафовут дар бани инсу бани ҷинс,
Муайян гашт дар дидан, надидан.
Ниҳоли фитна дар дилҳо ту киштӣ,
Дар оғози халоиқ офаридан,
Ҳар он тухме, ки деҳқоне бикорад —
Замину осмон орад шахидан.
Қасе гар тухми ҷав дар кор дорад,
Зи ҷав гандум наёбад бидравидан.
Ту дар рӯзи азал оғоз кардӣ,
Уқубат дар абад боист дидан.
Ту гар хилқат намудӣ баҳри тоат,
Чаро боист шайтон офаридан?
Сухан бисьёр бошад ҷуръатам нест,
Нафас аз тарс натвонам кашидан.
Надорам эътиқоде як сари мӯй,
Қаломи зоҳиди нодон шунидан.
Қаломи орифи доно қабул аст,
Ки гавҳар аз садаф бояд харидан.
Агар исрор орам, тарсам аз он,
Ки ғайз орию натвонам ҷаҳидан.
Қунӣ дар корҳо гар сахтгирӣ,
Қамони сахтро натвон кашидан.
Надонам дар қиёмат кор чун аст?
Чу дар пои ҳисоби худ расидан?
Агар мехостӣ, к-инҳо напурсам,
Маро боист хайвон офаридан!
Агар дар ҳашр созам бо ту даъво,
Забонро бояд аз комам кашидан.
Агар он дам забон аз ман нагирӣ,
Наям оҷиз ман аз гуфту шунидан.
В-агар гирӣ забонам, дуни адл аст,
Чаро боист адле офаридан?
Агар он дам худат бошӣ маҳол аст,
Хаёлеро зи ман бояд шунидан.
Агар бо ғайри худ во мегузорӣ —
Чаро беҳудаам бояд давидан?
Бифармо, то сӯи дӯзах барандам
Чӣ масриф дорад ин гуфту шунидан?
Вале бар адлу бар эҳсон назебад,
Ба ҷои хеш ғайреро гузидан.
Набошад кори уқбо ҳамчу дуньё,
Ба зӯру ришва натвон кор дидан.
Фариқи корҳо дар гардани туст,
Ба ғайр аз мо ту худ хоҳӣ расидан.
Вале бар банда ҷурме нест лозим,
Ту худ мехостӣ асбоб чидан.
Ту додӣ рахна дар қалби башарҳо
Фани иблисро баҳри танидан.
Ҳаворо бо ҳавас улфат ту додӣ,
Барои лаззати шаҳват ҷашидан.



 

Намуди тори рагҳо пур зи шаҳват
Барои рағбати берун кашидан.
Шикамҳоро ҳариси тӯъма кардӣ,
Шабу рӯз аз паи неъмат давидан.
Намедонад халоле ё хароме,
Ҳамехоҳад ба ҷавфи худ кашидан,
Тақозо мекунад доим саги нафс,
Дарунамро зи ҳам хоҳад даридан.
Ба гӯшам қуввати масмӯъу сомеъ
Бисозад нағмаи, барбат шунидан.
Ба ҷонам риштаи лаҳву лаабро
Тавонам додӣ аз лаззат шунидан.
Ҳама ҷаври ман аз булғориён аст,
К-аз он оҳам ҳамебояд кашидан.
Гунаҳ булғориёнро низ ҳам нест,
Бигӯям гар ту битвонӣ шунидан.
Худоё рост гӯям, фитна аз туст,
Вале аз тарс натвонам ҷуғидан.
Лабу дандони туркони Хиторо,
Набоистӣ чунин хуб офаридан.
Ки аз дасту лабу дандони эшон,
Ба дандон дасту лаб бояд газидан.
Бурун орӣ зи парда гулрухонро
Барои пардаи мардум даридан.
Ба мо ту қуввати рафтор додӣ,
Зи дунболи накӯрӯён давидан,
Тамоми узв бо ман дар талошанд,
Зи доми ҳеҷ як натвон раҳидан.
Набудӣ кош дар неъмоти лаззат,
Чу хар боист дар саҳро чаридан.
Чаро боист аз ҳавли қиёмат —
Чунин ташвишҳо бар дил кашидан?
Лаби найрангро бар ҷоми иблис
Кунад иблис таклифи чашидан.
Агар реге ба кафши худ надорӣ —
Чаро боист шайтон офаридан?
Агар марғуларо матлаб набошад —
Чаро ин фитнаҳо боист шидан?
Агар матлаб ба дӯзах бурдани мост —
Тааззур чанд бояд офаридан?
Бифармо, бе тааззур то барандам —
Чаро бояд зи чашми Амр дидан?
Ту фармой, ки шайтонро набояд —



Каломи пурфасодашро шунидан.
Ту дар ҷилду рагам маъвош додӣ —
Занад чашмак ба феъли бад давидан.
Агар худ додаи дар мулк ҷоям —
Набояд бар ман озорат расидан.
Мар-ӯро худ зи ҳабси худ раҳондӣ,
Ки шуд таррор дар имон таридан.
Зи мо ҳаҷҷу намозу рӯза хоҳӣ,
Таҷовуз нест дар фармон шунидан.
Билошубҳа чу сайёди ғизолон
Дар ин ҳангом наҳҷир афканидан.
Ба оҳу мекунӣ ғавғо, ки бигрез,
Ба тозӣ ҳай занӣ андар давидан.
Ба мо фармон диҳӣ андар ибодат,
Ба шайтон дар рагу ҷонҳо давидан.
Ба мо исрор дорӣ дар раҳи рост,
Ба ӯ дар печутоби раҳ буридан.
Ба зоти безаволат дуни адл аст,
Ба рӯи дӯст душманро кашидан.
Ту к-аз даргоҳи хешат боз рондӣ,
Чаро боист бар мо раҳ буридан.
Сухан кӯтоҳ аз ин матлаб гузаштам,
Сари ин риштаро бояд буридан.
Кунун дар вартаи хавфу раҷоям,
Мадорад дил замоне орамидан,
Барои биму уммедам таҳе нест,
Дил аз он ҳар ду доим дар тапидан.
Ту дар иҷрои тоат ваъда додӣ,
Биҳишт аз музди тоат офаридан.
Вале он музди тоат ё шафоат,
Чӣ миннат аз ту мебояд кашидан.
Вагарна музди тоат нест ҳиммат,
Ба муздаш ҳар касе бояд расидан.
Касе, к-ӯ боядӣ ёбад мукофот,
Наёбад фарқ бар мову ту дидан.
Агар некам в-агар бад хилқат аз туст,
Халиқе хуб бояд офаридан.
Ба мо тақсири хидмат нест лозим,
Бадему бад набоист овaридан.
Агар бар неку бад қудрат бидодӣ,
Чаро бар неку бад бояд расидан?
Сириштам з-оҳану ҷавҳар надорам,
Надонам хеш ҷавҳар офаридан.

Агар сад бор дар кӯра гудозӣ,
Ҳамонам боз, вақти боз дидан.
Ба кас чизе ки наспурдӣ чӣ хоҳӣ?
Ҳисоб андар талаб бояд кашидан,
Гарам бахшӣ, гарам сӯзӣ ту донӣ,
Наёрам пеши кас гардан кашидан.
Ҳамин дасте ба домони ту дорам,
Мурувват нест доман паст кишидан.
Замоне низ аз ман мустамеъ шав,
Зи нуқли дигарам бояд чашидан.
Шабе дар фикри хотир хуфта будам,
Тулӯи субҳи содиқ дар дамидан.
Садое омад аз боло ба гӯшам,
Ниҳодам гӯш дар роҳи шунидан.
Расид аз олами ғайбам сурӯше,
Ки фориғ бош аз гуфту шунидан.
Ба ғаффорем чун иқрор кардӣ,
Матарс аз соғари пешин кашидан.
Аз ин гуфтор бахшидам гуноҳат,
Чӣ ҳоҷат аз баду некат шунидан.
Ба ҳар навъе ки кас моро шиносад,
Бувад муставҷиби инъом дидан.
Надорад кас аз ин дар ноумедӣ,
Ба уммеди худаш бояд расидан.
Тафаккур Носир аз андеша дур аст,
Паи ин риштаро бояд буридан.

* * *

Шоху шаҷари даҳр ғаму машғалабор аст,
Зеро ки бар ин шох ғаму машғала бор аст.
Он к-ӯ чу ман аз машғалаю ранҷу ҳазар кард,
Бо шохи ҷаҳон беҳуда шӯрид наёраст.
Бо шохи ту, эй даҳр, ба даргоҳи ту эдар
Моро ба ҳама умр на кор асту на бор аст.
Чун бори ман, эй сифла, фикандӣ зи хари хеш,
Андар ҳарамат чунки накӯ нест чӣ бор аст.
Кирдори туро ҳеҷ на асл асту на моя,
Гуфтори туро ҳеҷ на пуд асту на тор аст.
Эҳсону вафои ту ба ҳаддест бас андак,
Лекин ҳасаду макри ту беҳадду канор аст.
Сандукчаи адли ту мондаст ба Тартӯш
Дастурчаи ҷаври ту дар пеши кибор аст.



Нашгифт ки ман зери ту беҳолу карорам,
Ҳаргаҳ ки на ҳол аст турову на қарор аст.
Печида ба мискин тани ман дар ба шабу рӯз,
Ҳамвора ситамгораву хунхора ду мор аст...
Бози хирадат ҳаст, бад-ӯ фазлу адаб гир,
Мар бози хирадро адабу фазл шикор аст...
Бишкан ба сари бехирадон дар ба сухан ҷаҳл,
Зеро ки сухан оби хушу ҷаҳл хумор аст.
Бар илми ту ҳақ аст гузоридани ҳикмат,
Бугзор ҳақи илм гарат дастгузор аст.
Мар шохи хирадро сухани ҳикмат барг аст,
Дарьёи суханро сухани панд бухор аст...
Хурмою турунҷу биҳию лавз басе ҳаст,
Ин сабз-дарахтон на ҳама беду ҷанор аст...
Беҳудаву дашном магардон ба забон-бар,
К-ин ҳар ду зи ту бор барор асту ба бор аст.
Дашном диҳӣ, боз диҳандат зи паи он-к,
Дашном масал чун дирами дермадор аст....
Қам-беш набошад сухани Ҳуҷҷат ҳаргиз,
Зеро суханаш поктар аз зарри иёр аст.

* * *

Рӯзе зи сари санг уқобе ба ҳаво хост
Аз баҳри тамаъ болу пари хеш биёрост.
Вар ростии бол назар карду чунин гуфт:
«Имрӯз ҳама рӯи замин зери пари мост.
Гар авҷ бигирам бипарам аз назари шед,
Мебинам агар заррае андар таки дарьёст.
Гар бар сари хошок яке пашша биҷунбад,
Ҷунбидани он пашша аён дар назари мост».
Бисьёр манӣ кадру зи тақдир натарсид,
Бингар ки аз ин чархи ҷафопеша чӣ бархост?
Ногаҳ зи камингоҳ яке сахткамоне
Тире зи қазову қадар андохт бар ӯ рост.
Бар боли уқоб омада он тири ҷигардӯз,
В-аз абр мар-ӯро ба сӯи хок фурӯ кост.
Бар хок бияфтоду биғалтид чу моҳӣ,
В-онгоҳ пари хеш кашид аз чапу аз рост.
Гуфто: «Аҷаб аст ин ки зи чӯб асту зи оҳан,
Ин тезию тундию паридан-ш куҷо хост».

Бар тир нигаҳ карду пари хеш бар-ӯ дид,
Гуфто: «Зи кӣ нолем, ки аз мост ки бар мост».
Ҳуҷҷат ту маниро зи сари хеш бадар кун,
Бингар ба укобе ки манӣ карду чиҳо хост.

* * *

Аз баҳри чӣ ин ҳаррама бебанду фасоранд,
Як зарра насанҷанд агар бист ҳазоранд.
Гуфтан натавонанд, чу гӯӣ нанишонанд,
К-аз хамри ҷаҳолат ҳама сар пур зи хуморанд.
Арзи сухани хуб хирадмандон донанд,
К-аз хотири худ реги биёбон бишуморанд.
Мушк аст сухан, нофаи ӯ хотири доно,
Маънӣ бувад он мушк, ки аз нофа бароранд.
Мар ҷоҳилро набвад андозаи олим,
Сад мурғи яла қимати як боз надоранд.

## АЗ МАСНАВИҲО

Хирад беҳтар бувад аз зар, ки дорӣ,
Ки дар зар кас набинад ҳушьёрӣ...
Бародар он бувад, ки рӯзи сахтӣ
Туро ёрӣ кунад дар тангбахтӣ.
Накӯӣ гар кунӣ, миннат манеҳ з-он,
Ки ботил шуд зи миннат ҷуду эҳсон...
Балои одамӣ бошад забонаш,
Ки дар вай баста шуд суду зиёнаш...
Ва гар гӯӣ, накӯ гӯ, эй бародар.
Ки некӯгӯӣ бо нафъ аст бе зар.
Накӯӣ ҷомаи туст он ҳамепӯш,
Ҳамеша дар накӯномӣ ҳамекӯш.
Тавозӯъ мар туро дорад гиромӣ,
Зи кибр ояд бадӣ дар некномӣ...
Ба хушрӯию хушхӯӣ дар айём
Ҳамерав, то шавӣ хушдил саранҷом...
Ҷамоли мардумӣ дар ҳилм бошад,
Камоли одамӣ дар илм бошад...
Агар бар ҷаҳл як соат кунӣ кор,
Ба илму ҷаҳл ҷовидӣ ту бедор.
Ғанимат ҳамнишини бохирад дон,
Ки аҳли ақлро бугзид яздон.



Сухан кам гӯю некӯ гӯй дар кор,
Ки аз бекор гуфтан мард шуд хор.
Туро пироя аз дониш падид аст,
Ки боби хулдро дониш калид аст.
Зи шарм ар бо фаришта ҳамнишинӣ,
Зи бе шармӣ ту бо девон қаринӣ.
Туро гар дӯсте бояд сазовор,
Хирадро кори худ кун дар ҳама кор.
Беҳини дӯстонро он касе дон,
Ки ӯ роҳат намояд сӯи эҳсон.
Зи душман бадтар он касро ҳаме бин,
Ки дар бад мар туро кардаст талкин.
Далели ақли мард омад сухан боз,
Чу ояд дар сухан, пайдо шавад роз...
Чу давлат сохт бо нодон сару кор,
Дили оқил шавад з-ин меҳнат афгор...
Заифонро зиёрат кун зи икром,
Ки ту аз гом бардорӣ басе ком.
Зи феъли шахс ҳоли шахс медон —
Ба ту шуд ҳалли ин асрори пинҳон.
Саломат дон, ки дар кам гуфтани туст,
Чу сиҳҳат к-он ҳам аз кам хуфтани туст.
Бузургӣ ҷуз ба доноӣ мапиндор,
Ки нодон ҳамчу хоки роҳ шуд хор.
Хирадманд аз тавозӯъ моя гирад,
Бузургӣ аз карам пироя гирад.
Ба кӯи маърифат гар ту даройӣ,
Зи ҳайъатҳои олам бар сар ойӣ.
Шифои дарди дилҳо гашт ирфон,
Зи ирфон равшан омад ҷовидон ҷон...
Насиҳат бишнав, ар талх ояд аз ёр,
Ки дар охир ба ширинӣ расад кор.
Ҳунар чӯ з-он ки дар ақл ӯ накӯтар,
Ки бошӣ дар замона толиби зар...
Суханро аз дарозӣ дор кӯтоҳ,
Ки аз бисьёр гуфтан гум шавад роҳ.
Чу дар раҳ меравӣ, мангар чапу рост,
Назар бар хеш кун, к-ин сахт зебост.
Зи ҳиммат ҷун ту дар олам баландӣ,
Сазад к-аз ҳарза бисьёре наханди.
Адуи оқилат беҳтар басе з-он,
Ки бошад мар туро сад дӯсти нодон.
Туро гар кӯдаке ёр асту оқил,

Беҳ аз пире бувад нодону ҷоҳил.
Ба нармӣ гар сухан ронӣ ҳамерон,
Ки аз тезӣ ба ранҷ ояд дилу ҷон.
Ҳам аз нармӣ басе дил ром гардад,
Зи тундӣ пухтаҳо бас хом гардад.
Ҳасадро сӯи ҷону дил мадеҳ бор,
Ки ҳосидро набошад ҳеҷ миқдор.
Ба ифрот ар кунӣ шаҳват зиён аст,
Заифии тан асту қатъи ҷон аст...
Нишин бо аҳли илм, эй дӯст, модом,
Ки аз дониш беҳӣ ёбӣ саранҷом.
Ҳар он, к-ӯ нест аз ту беҳ ба дониш,
Ба сӯҳбат ҳамдаму маҳрам мадонаш.
Макун бо аҳли ҷаҳл, эй ёр, сӯҳбат,
Ки з-он сӯҳбат расӣ ҳар дам ба меҳнат...
Чу пеши ҷоҳиле неъмат ниҳӣ ту,
Чу теғе шуд, ки бо деве диҳӣ ту,
Ки чун нодон биёбад аз ту қувват,
Ҷаҳонеро дарандозӣ ба меҳнат.
Надорад дин, агар марде сахӣ нест,
Агар бошад сахӣ, к-ӯ дӯзахӣ нест.
Машав худбин, ки он бошад ҳалокат
Ва з-он тира бимонад ҷони покат.
Намебинӣ, ки иблис аст худбин,
Падид омад сазои тарду нафрин...
Қасе к-ӯ оқил омад, нест дарвеш,
Ки дарвеш он ки бе ақл асту бе кеш.
Макун каззобро ҳаргиз каромат,
Ки аз каззоб дур афтад саломат.
Ҳам аз наммом парҳез, эй бародар,
Ки аз наммом ҷон афтад дар озар.
Зи хоин дур бош, эй дӯст, ҳамвор,
Ки хоинро набошад дин ба як бор...
Макун айби касон то метавонӣ,
Ки ту, эй дӯст, айби худ надонӣ.
Макун шодӣ зи марги дигарон ҳам,
Ки з-он шодӣ расад ҷони туро ғам.
Чу некӯхоҳ бошӣ бар тани хвад,
Дигар касро ҷаро хоҳӣ ту дар бад.
Лаимонро макун икрому эъзоз,
Каримонро мадор аз пеши худ боз.
Бар аҳли ҷаҳл раҳмат ҳеҷ м-овар,
Вале бар аҳли дониш сидқ овар.



Агар молат хӯрад донои ҳушьёр,
Аз ӯ миннат басе бар хеш медор.
Мадеҳ ёрии нодон то тавонӣ,
Ки дар таърихи нодонон намонӣ.
Агар бадгӯй наздики ту ояд,
Бирон ӯро зи наздикат, нашояд.
Аз ӯ машнав суханҳои хурофот,
К-аз он ояд туро дар охир офот.
Чу хашм орӣ, машав чун оташи тез,
К-аш оташ бихрадонро хаст парҳез.
Қасе к-ӯ бо ту некӣ кард як бор,
Ҳамеша он накӯӣ ёд медор...
Занонро лутфу хушхӯист дар кор,
Чу тифлонро бувад шафқат сазовор.
Сӯи пирон ба ҳурмат гар гаройӣ,
Ту дар пирӣ зи пирон бар сар ойӣ.
Ба сӯи бандагон гӯше ҳамедор;
Ки ту ҳам бандаӣ ҳақро гунаҳгор,
Гунаҳбахшоӣ афвандӯз мебош,
Ба хушхӯӣ чу равшан рӯз мебош...
Мадон мар хасмро хурд, эй бародар,
Ки сӯзад оламе як зарра озар.
Суханҳои накӯро ёд медор
Ва з-он дар пеши хеш устод медор...
Макун мадҳи худу айби дигар кас
Ва гар гӯяд касе, гӯ: «З-ин сухан бас!»
Ҷавоби ҳар суол андеша мекун,
Сукунатро дар он дам пеша мекун...
Ба пур хӯрдан макун одат ба як бор,
К-аз он дил тира гардад, ҷонат-афгор...
Агар хушдил шавӣ дар шодмонӣ,
Бимонд он шодмонӣ ҷовидонӣ.
Ба дониш шод гардӣ аз дилу ҷон,
Ки бедониш бувад ҷовид ҳайрон.
Зи роҳи дӯстӣ ин панд бинйӯш,
Ки ростӣ, гар кунӣ ин пандро гӯш...

* * *

Дарахт аст ин ҷаҳону мева моем,
Ки хуррам бар дарахти ӯ бароем.
Дигар ҳастанд баргу мо ҳама бар —
Туфайли мо шуданд инҳо саросар.

Шараф дорад дархт аз меваорӣ,
Ки бошад то надорад ҳеҷ боре.
Зи бӯю лаззати хуш меваҳоро
Шараф бошад чунон к-аз ақл моро.
Наёбад марди ҷоҳил дар ҷаҳон ком,
Надорад бӯю лаззат меваи хом.
Машав чун меваҳои норасида,
Сақат ҳаргиз набошад чун гузида.
Сақат бошад дар ин боғ он чи хоманд,
Ҳакимон меваҳои хуштаоманд...
Туро лаззат зи илм аст, аз амал бӯй,
Камолият зи илми бо амал ҷӯй...
Чу хоҳӣ то ки ёбӣ донишу ҳуш,
Макун панди ҳакимонро фаромӯш.

* * *

Дар ин зиндон ҳарифе чанд бо туст,
К-аз он ёрон ҷудой боядат ҷуст:
Яке бухлу дувум ҳирсу савум оз
Чаҳорум макру панҷум шаҳвату ноз,
Шашум кибру ҳасад — ҳар ҳафт ёрат,
К-аз ин ёрон халал пазруфт корат.
Аз инҳо бугзару ёре дигар ҷӯй,
Рафиқони бузурги номвар ҷӯй:
Тавозӯъ, пас карам, он гаҳ қаноат,
Камозорию пас парҳезу тоат,
Дигар — ҳикмат, агар ҳастӣ хирадманд,
Гусил з-онҳою бо инҳо бипайванд.
Туро ин некхоҳанд, он-т — бадхоҳ,
Ту дар мулки вуҷуди хештан шоҳ.
Накӯхоҳони худро ёварӣ кун,
Зи бадхоҳони худ худро барӣ кун.
Агар з-ин сон шавӣ, бар худ хидевӣ
Вагар з-ин сон найӣ, рав, рав, ки девӣ.

* * *

Чи хуш зад достон он мӯъбади пир,
Суханҳои чунон дар гӯши ҷон гир:
Ҳар он касро, ки бошад роҳбар бум,
Набинад ҷуз ки вайронӣ бару бум.



Макун бо нокасон зинҳор ёрӣ,
Макун бо ҷони худ зинҳор хорӣ,
Бипарҳез, эй бародар, аз лаимон,
Бино кун хона дар кӯи ҳакимон.
Зи некон нек бошӣ в-аз хасон — хас
Зи дунон дун шавию аз касон — кас.
Аз ин бедонишон бугсил ҳарифӣ,
Зарифонро талаб кун, гар зарифӣ.
Бувад бо зиракон зиндон гулистон
Чу зиндон аст бо ноаҳл бӯстон...
Агар доно бувад хасми ту, беҳтар,
Ки бо нодон шавӣ ёру бародар.
Наёяд душманӣ аз марди оқил,
Нашояд дӯстиро марди ғофил.

* * *

Рафиқе ман дар ин манзил надидам,
Ҳақиқат дӯсте якдил надидам.
Аз ин муште рафиқони риёӣ,
Буридан беҳтар аст аз ошноӣ.
Ҳама ёри ту аз баҳри талошанд,
Паи луқма ҳаводори ту бошанд.
Зи ту ҷӯянд дар давлат маунат,
Гурезанд аз бари ту рӯзи меҳнат.
Азизӣ, то ки дорӣ зарру динор,
Чу динорат намонд, он гаҳ шавӣ хор.
Чу молат кост, аз меҳрат бикоҳанд,
Зиёнат баҳри суди хеш хоҳанд.
Сабукрӯхе чу бошӣ марди султон,
Чу корафтодаӣ, ҳастӣ гаронҷон,
Чӣ ҷӯӣ дӯстони чун зирехро,
Ки накшоянд аз корат гирехро.
Ба сарду гарм дар корат наёянд,
Ки сарморову гарморо нашоянд.
Қасеро марди оқил дӯст хонад,
Ки ӯ бо неку бад бо дӯст монад.
Куҷо бар дӯст рози дил бипӯшад,
Ба кори дӯстон то ҷон бикӯшад.
Фурӯ бандад камар дар меҳрубонӣ,
Барои дӯст хоҳад зиндагонӣ.
Ҷудо аз худ надонад дӯстонро
Кунад якранг дилрову забонро...

Набошад дӯст, чуз оинаи дӯст,
Ба ҷону дил ҳам он ину ҳам ин ӯст.
Зи нодон дӯстӣ доно наҷӯяд,
Ки душманро касе чун дӯст гӯяд.
Ба ҳам донову нодон кай бувад хваш,
Куҷо дамсоз бошад обу оташ?
Ду нодон гарчи бошанд ёру ҳамдам,
Зи ногаҳ душманӣ ҷӯянд бо ҳам.
Ду доно чунки бо ҳам ёр бошанд,
Ҳамеша маҳрами асрор бошанд.
Даме озори якдигар наҷӯянд,
Дурӯғу фаҳшу ҳазьён худ нагӯянд.
Нахезад душманӣ, илло зи ҳазьён
Ту ҳазьён бар забон ҳаргиз магардон.
Макун фӯҳшу дурӯғу ҳазл пеша,
Мазан бар пои худ зинҳор теша.
Ҳар он касро, ки гуфтораш дурӯғ аст,
Зи рӯи ақл рӯяш бе фурӯғ аст.
Дигар онро, ки бошад фӯҳш гуфтор
Наёбад назди мардум қадру миқдор.
Агар шоҳӣ, барад ҳазл обрӯят,
В-агар моҳӣ, кунад чун хок кӯят.
Табиат ҳазл ҷӯяд, лек ҷон ҷидд,
Хуш ояд ҳар дуро он ҳазлу он ҷидд.
Сухан к-аз вай хирадро ифтихор аст,
Ба фӯҳшу ҳазлу ҳазьён сахт ор аст.
Бимирад ҷон аз ин ҳазли ҳамарӯз,
Зи ҷид гардад чу ҷон табъи дилафрӯз.
Раҳо кун зулму адлу дод бугзин,
Ки бошад бегумон бедод — бедин.
Ба хуну моли мардум чанд кӯшӣ?
Маи номунсифӣ то чанд нӯшӣ?
Чӣ хоҳӣ з-ин сарои орият бурд,
Кафан он низ атлас гир ё бурд.
Макун шӯхӣ, бидор аз хештан шарм,
Сагон бошанд бадхӯю беозарм.

* * *

Нашояд шуд ба ҷоҳу мол мағрур,
Чу марг ояд, чӣ дарбору чӣ Фағфур?
Макун такья бар иқболи замона,
Ки ӯ бар кас намонад ҷовидона.



Агар ҷонат забуни молу ҷоҳ аст,
Туро ин мол — мору ҷоҳ — ҷоҳ аст.
Аз ин маъшуқи ҳарҷой чӣ ояд,
Ки ҳаргиз бо касе доим напояд?
Намонад ҳар чи он аз мард монад,
Биномад ҳар чи онро барфишонад.
Бихӯр в-аз н-омада ҳаргиз маяндеш,
Ки то фардо чӣ ояд мар туро пеш.

* * *

Ҷаҳоно, ҷодуӣ — бо бӯю рангӣ,
Гаҳе румет бинам, гоҳ зангӣ.
Ба рангии лӯъбате дилхоҳ монӣ,
Ки ту ҳамвора бар як сон намонӣ.
Барой ҳар замон аз ранги дигар,
Барорӣ ҳар нафас оҳанги дигар.
Чу маъшуқи зарифон дилрабой,
Ки мушкинҷомаву зарринқабой.
Бигӯям, чистӣ инсофу алҳақ
Ба тавсанкуррае монӣ ту аблақ,
Ки зери пой кардӣ умри моро,
Чӣ шояд кард бо ту ҷуз мудоро?
Яке товуси рангоранг дорӣ,
Надорӣ ҷуз ки умри мо шикорӣ.
Шикорат Кайқубоду Кайпашин аст,
Басо кас, к-аз ту бо тоҷу нигин аст.
Ту додӣ мулки Кайхусрав ба Хусрав,
Кӯҳан кардӣ бузургонрову худ нав.
Наёсой, на кас осуда аз ту,
Нафарсоиву мо фарсуда аз ту.
Нашояд буд ҳаргиз аз ту эмин,
Нагардӣ аз ҷафо кардан ту сокин.

* * *

Зи дил бигзор, Ҳуҷҷат, шоириро,
Ки кардӣ ошкоро соҳириро.
Суханҳоят ҳама сеҳри ҳалол аст,
Басе покизатар з-оби зулол аст.
Вале ӯро макун чун бадр дар абр,
Ки зери абр надҳад равшанӣ бадр.
Мабар бар даргаҳи шоҳу вазираш,
Зи ислоҳи ҳакимон кун мунираш.

# ҚАТРОНИ ТАБРЕЗӢ

*Абӯ Мансур Қатрони Табрезӣ шоири қасидасарои асри XI аст. Соли таваллуди Қатрон муайян нест.*

*Чунон ки Носири Хусрав дар «Сафарнома»-аш қайд кардааст, ӯ дар Табрез Қатронро дида, бо мулоқот ва бо хоҳиши ӯ баъзе мушкилоти девони Мунҷики Тирмизиро ташреҳу маънидод намудааст.*

*Шоир тахминан дар соли 465 ҳ. (1072—73 милодӣ) вафот кардааст.*

*Аз мероси адабии Қатрон то замони мо зиёда аз ду ҳазор байт боқӣ мондааст, ки аз қасида, ғазал ва қитъа иборат мебошад.*

## АЗ ҚАСОИД

Сиришки абр ба кирдори лӯълӯи лолост,
Насими бод ба кирдори анбари сорост.
Сипоҳи барф рамиду сипоҳи лола расид,
Хурӯши зоғ нишасту хурӯши фохта хост.
Ба ҳар куҷо нигарӣ пеши чашми ту гуҳар аст,
Ба ҳар куҷо гузарӣ зери пои ту дебост.
Само шабонгаҳ гӯӣ, ки пуршукуфа заминст,
Замин саҳаргаҳ гӯӣ, ки пурситора самост.
Агар насими сабо бишнавӣ надонӣ, к-он
Насими анбари сорост ё насими сабост.
Зи лолаҳои дигаргуна боғ чун минуст,
Зи сабзаҳои дигаргуна роғ чун меғост.
Ҳазор гуна нигор аст, ҳар куҷо водист,
Ҳазор гуна баҳор аст ҳар куҷо саҳрост.
Қасе, ки ёфт кунун бӯстон — биҳишт начуст,
Қасе, ки дид кунун гулситон сипеҳр нахост.
Шукуфа-лола ба кирдори оташ аст зи дур,
Ки дуди ӯ на пайдову нури ӯ пайдост.
Шамол рӯи заминро ҳама ба мушк андуд,



Саҳоб рӯи заминро ҳама ба дур орост.
Ҳазор гӯй аз ёри хеш маҳҷур аст,
Ки ҳамчу ошиқи маҳҷур бо ҳазор навост.
Сапедрӯз чу бахти мувофиқон-ш фузуд,
Шаби сиёҳ чу бахти мухолифон-ш бикост...

* * *

Бошад ба ҷаҳон ид ҳама сола ба якбор,
Ҳамвора маро ид зи рухсори ту ҳамвор.
Пурбор ба сол андар як бор бувад гул,
Рӯи ту маро ҳаст ҳамеша гули пурбор.
Як рӯз бунафша чинам аз боғ ба даста,
Зулфайни ту пайваста бунафшаст ба хирвор,
Як ҳафта падидор бувад наргиси даштӣ
В-он наргиси чашми ту ҳама сола падидор,
Наргис набувад тоза чу бедор набошад,
Тозаст сияҳнаргиси ту хуфтаву бедор.
Бошанд суманзорон ҳангоми баҳорон,
Бар сунбули ту ҳаст шабу рӯз суманзор.
Аз ҷаъди сиёҳи ту расад файз ба сунбул,
К-ин мояи ҷон омаду он мояи аттор.
Инро ватан аз сим шуд онро ватан аз санг,
Ин аз бари сарви саҳӣ, он аз бари кӯҳсор.
Бо ҷаъди ту ҳаргиз накунам ёд зи сунбул.
Бо рӯи ту ҳаргиз накунам чашм ба гулнор.
Сарв аст, ки дар боғ ҳама сола бувад сабз,
Бо қадди ту он низ бувад кӯжу нагунсор.
Якчанд бувад лолаву гулнор ҳамеша
Ту лола зи лаб дориву гулнор зи рухсор.
Пирояи гулнори ту аз анбари сорост,
В-он лола бувад пираҳани лӯълӯи шаҳвор.
Гулнор яке ҳафта бувад бӯстоноро,
Бар моҳи ду ҳафтаст туро доим гулнор.
Аз маъдани зангор падид ояд лола,
Бар лола туро боз падид ояд зангор.
Хуре ба сипоҳ андар, моҳе ба саф андар,
Сарве гаҳи осоишу кабке гаҳи рафтор.
Гар ҳур зиреҳпӯш бувад, моҳ камонкаш,
Гар сарв ғазалгӯй вувад, кабк қадаҳхор,
Бар тораки фитроки ту пурхам ду каманд аст,
Аз оҳуи мушкин ситада ҳар ду ба як бор.

Дилшефтагонро натавон баст ба занҷир,
Илло, ба дилороиву ширинии гуфтор.
Ҳарчанд маро зулф чу занҷири ту бастаст
Назди ту маро ду лаби ту карда гирифтор.

* * *

Ҳамеша ранҷ марову ду зулфи ӯ печон,
Ҳамеша дард марову ду чашми ӯ бемор,
Нишоти ман бирабуду ба хасм дод нишот,
Қарори ман бирабуду ба ҳаҷр дод қарор.
Агар шаранг бидорӣ баробари лаби дӯст,
Ва-гар зарир бидорӣ муқобили рухи ёр.
Ба соат андар гардад шаранг ҳамчу шакар.
Ба соат андар гардад зарир чун гулнор.
Ба қад сарвӣ, гар сарвимоҳ орад бар,
Ба рӯй моҳӣ, гар моҳ мушк орад бор.
Ҳамеша буд нишоти дилам зи дидани дӯст,
Ҳамеша буд қарори танам ба сӯҳбати ёр.
Бирафт ёру маро ғам гирифт ҷои нишот,
Бирафт ёру маро таб гирифт ҷои қарор.
Балои ғурбату тимори ишқу фурқати ёр
Шуданд бо мани дилхаста ин се офат ёр.
Парӣ надидаму ҳамчун паригирифта шудам,
Зи дарди фурқати он лӯъбати паридидор.
Ба шаб зи ҳасрати он рӯи чун ситораи рӯз,
Ситора бораду чашмам бувад ситорашумор.
Маро ба зорӣ гӯяд чӣ корат омад пеш?
Ҳар он касе, ки бибинад, ки ман бигирьям зор.
Зи дӯст дурам, аз ин зортар чӣ бошад ҳол?
Зи ёр фардам, аз ин саъбатар чӣ бошад кор?
Миёни отashу об андарун гирифторам,
Ки ҷонам оташи кон аст, дида дарьёбор.
Зи баҳри он рухи рангин чу нақш бар дебо,
Бимондаам мутаҳайир, чу нақш бар девор.
Зи оби дида надидам канори хеш тиҳӣ,
Аз он гаҳе, ки зи ман он бутам гирифт канор.
Ҳаме надонам чораи фироқу нест аҷаб,
Ки ҳеҷ оқил худкардаро надонад ҷор.

# АБУЛФАРАҶИ РУНӢ

*Абулфараҷи Рунӣ шоири қасидасарост. Аз Рӯнаи шаҳри Лоҳур аст ва замони зиндагии ӯ ба солҳои 1059—1130 рост меояд.*

*Рунӣ бо Масъуд Саъди Салмон ҳамсӯҳбат буда, баъзе вақтҳо бо ӯ мушоира доштааст.*

*Соли вафоти шоирро 1130—31 милодӣ тахмин кардаанд. Маҷмӯаи ашъори боқимондаи ӯ қариб 2500 байтро дар бар мегирад, ки онро қасида, қитъа ва рубоӣ ташкил медиҳад.*

### АЗ ҒАЗАЛИЁТ

Ҷашни фархундаи Фарвардин аст,
Рӯзи бозори гулу насрин аст.
Об чун оташи ӯдафрӯз аст,
Бод чун ҳоки абирогин аст.
Боғ пероста гулзори биҳишт,
Гулбун ороста ҳур-ул айн аст.
Бурҷи Савр аст магар шохи суман,
Ки гулашро шабаҳи Парвин аст.
Гар дабистон зи фурӯғи лола
Гӯй Оташкадаи Барзин аст.
Беша аз сабзаву аз ҷӯю дарахт
Чун замини дигар аз Ғазнин аст.
Об чин ёфта дар ҳавз зи бод,
Ҳамчу паргори ҳарири Чин аст.
Бати чинӣ, ки пиёдаст дар ӯ
Чун пиёдаст, ки бо наълин аст?

* * *

Рӯй чун ҳосили накӯкорон,
Зулф чун номаи гунаҳкорон.
Ғамза монанди орзуи музир
Дар камингоҳи табъи беморон.

Хира андар карашмаи чашмаш
Завқи мастону ҳуши ҳушьёрон.
Андаромад ба маҷлису биншаст,
Чодараш бистаданд аз ӯ ёрон.
Зеру бамро ба ғамза гӯё кард,
То бигуфтанд роз майхорон.

* * *

Биёмадӣ, санамо, бар ду пой биншастӣ,
Дилам зи даст бурун кардиву ба дар частӣ,
На маст будиву пиндоштам чун мастон
Ҳаме ба ҳила шиносӣ баланд аз пастӣ.
Се рӯз шуд, пас аз он то зи дарди фурқати ту
На ҳушьёрӣ, донам, ки чист на мастӣ?
Дуруст гашт, ки ҷони манӣ бад-он маънӣ,
Ки то зи ман бигусастӣ ба ман напайвастӣ.
Ба ҷони ҷон агар ту ба дасти хеш дилам
Чунон ки бурдӣ имрӯз, боз нафрастӣ.

* * *

Эй, боди субҳдам, зи дами рӯҳпарварӣ
Хушхӯ чу навбаҳориву хушбӯ чу анбарӣ.
Ҳам турраи бунафша парешон кунӣ ба субҳ,
Ҳам ғунчаро ба вақти саҳар пираҳан дарӣ.
Он пайки ройгонӣ, к-аз меҳрпарварон
Пайғоми сарбамӯҳр бари дилбарон барӣ.
Савганд медиҳам ба худо бар ту, к-он забон,
Қ-аз ҷайби субҳдам нафаси хуш бароварӣ.
Бурда гиреҳ-гиреҳ зи дуруду саломи ман,
Илло ба ҳазрати сари аҳрор нагзарӣ...

## ҚИТЪА

Гардун зи барои ҳар хирадманд
Сад шарбати ҷонгизо даромехт.
Гетӣ зи барои ҳар ҷавонмард
Ҳар заҳр, ки дошт дар қадаҳ рехт.
Аз баҳри ҳунар дар ин замона
Ҳар фитна, ки саъбтар, барангехт.



Ҷуз оби ду дида менашӯяд,
Хоке, ки замона бар рухам рехт.
Бар аҳли хунар ҷафо кунад чарх,
Натавон зи ҷафои чарх бигрехт.
Чун аст замона сифлапарвар
Қай дасти замона бартавон бехт.
Чун к...ни харон ҳама саронанд,
Даст аз думи хар бибояд овехт.

## АЗ РУБОИЁТ

Ин панд нигоҳ дор ҳамвор, эй тан,
Бар гирди касе, ки хасми ту ҳаст, матан!
Узве зи ту гар ёр шавад бо душман,
Душман ду шумар, теғ ду каш, захм ду зан.

Бо андӯҳ ҷуфт гаштам аз шодӣ фард,
Айёми вафо чист, вале чи-твон кард?
Андеша чу дониш аст, мебояд дошт,
Андӯҳ чу рӯзияст, мебояд х(в)ард?

Чун аст, ки ишқ аввал аз тан хезад
З-ӯ бар дилу тан ҳазор шеван хезад?
Оре бихӯрад занг ҳаме оҳанро
Ҳарчанд, ки занг ҳам зи оҳан хезад.

Гуфтам, ки зи хурдӣ дили ман нест падид,
Андӯҳи бузурги ту дар ӯ чун гунҷид?
Гуфто, ки зи дил ба дида бояд нигарид,
Хурдасту бад-ӯ бузургҳо битвон дид.

Ҳар тир, ки дар ҷаъбаи афлоқ бувад,
Омочгаҳаш ин дили ғамнок бувад,
То чарх чунин золиму бебок бувад,
Осуда касе бувад, ки дар хок бувад.

# ҲАКИМ ЭРОНШОҲ

*Ҳаким Эроншоҳ бинни Абулхайр аз шоирони охирҳои асри XI ва аввалҳои асри XII буда, бо султон Муҳаммад бинни Маликшоҳи салҷуқӣ 498—511 ҳиҷрӣ (1104—1177 милодӣ) муосир мебошад. Дар асоси гуфтаҳои шоир дар оғози достони «Баҳманнома», тахмин кардан мумкин аст, ки Эроншоҳ то соли 511 ҳиҷрӣ (1117 милодӣ) дар қайди ҳаёт будааст. Дар бораи ҷараёни зиндагонии ӯ маълумоти дигар мавҷуд нест.*

*Аз осори Ҳаким Эроншоҳ фақат достони «Баҳманнома» то ба замони мо омада расидааст, ки онро шоир дар ҳудуди соли 500 ҳиҷрӣ (1106 милодӣ) ба номи султон Муҳаммад бинни Маликшоҳи салҷуқӣ ба риштаи назм кашидааст. Ин манзума қариб 5500 байтро дар бар мегирад. Мавзӯи он иборат аз саргузашти Баҳман — писари Исфандиёр ва ҷангу корнамоиҳои ӯст, ки пас аз марги падараш ӯро паҳлавони Сиистон — Рустам тарбия кардааст.*

## АЗ «БАҲМАННОМА»

Мухтасаран мазмуни достон чунин аст:

Баҳман баъди фавти Гаштосп бар тахти салтанат нишаста, барои интиқоми хуни падар ба ҷанги Фаромарз — писари Рустам бархост. Вай баъд аз заду хӯрди зиёд Фаромарзро ба қатл расонида, Зол ва набераҳои ӯро асир гардонид. Баҳман пас аз чанде таваққуф ҳамаи асиронро раҳо кард, ба ҷуз Озарбурзин — писари Фаромарз, ки ба ёрии Рустами Гӯри Гилӣ аз банди Баҳман озод шуд. Озарбурзин бо Баҳман ҷангҳои зиёде карда, борҳо ӯро танг мекунад. Оқибат онҳо ба ҳамдигар сулҳ бастанд ва Озарбурзин ҷаҳонпаҳлавони Баҳман гардид. Пас аз ин Баҳман тахти салтанатро ба духтараш Ҳумой вогузошта худаш дар шикоргоҳе сайди аждаҳо мегардад.

Паҳлавонӣ ва корнамоиҳои Озарбурзин ҳам дар «Баҳманнома» ба таври васеъ инъикос карда шудаанд.



### БУРЗИН ВА АЖДАҲО

Чу Бурзин бурун рафт аз он сӯи кӯҳ,
Таковар шуд аз кӯҳи хоро сутӯҳ,
Ҳаменд то шаб дар он ғорҳо,
Фиганда сипар дид харворҳо.
Саросар дара сурху зарду сиёҳ,
Ҳамекард Бурзин бад-ӯ дарнигоҳ.
Ҳамегуфт, ки:— «Андар чунин ҷои танг,
Ду лашкар, ҳамоно, ки кардаст ҷанг.
Яке з-он сипоҳ аст бигрехта,
Зи ҳар сӯ ба хок андаромехта».
Дар ин буд, к-аз кӯҳи жарф аждаҳо
Биғурриду кард оташ аз дам раҳо.
Ҳаво қиргун гашт аз коми ӯ,
Замин рафт дар зери андоми ӯ.
Даҳонаш ҳамонанди ғори фарох,
Чу алмос бар сар мар ӯро ду шох.
Ду чашмаш ба кирдори ду тоси хун,
Сараш ҳамчунон чун кӯҳи Бесутун.
Давиду бурун тохт ғуррон зи ғор,
Қамон бар зеҳ овард марди савор.
Бипайваст бо шаст тири ҳаданг,
Чу дид аждаҳо, к-андаромад ба танг.
Чу бикшод шаст он яли номдор
Ба чашмаш зад он тири алмосвор.
Зи партоб бар дида омад-ш рост,
Зи дард аждаҳо хештан кард рост.
Хаданге дигарбора пайванд кард,
Чунон ҷонварро чунин банд кард.
Заданд бар дигар дидаву кард кӯр,
Ҳаме з-он ду чашмаш зи тан рафт зӯр.
Яке аждаҳо баркашид аз ниём,
Ки тозӣ ҳамехонад ӯро ҳусом.
Биғуррид монандаи пили маст,
Ба як захм аз тан сараш кард паст.
Фурӯд омаду чашмаи об ҷуст,
Ба об андаромад сару тан бишуст.
В-аз он ҷо биёмад ба ҷои намоз,
Ҳамегуфт, к-«Эй довари дилнавоз!
Ту дорӣ мар ин бандаро дастрас,
Ту бошӣ ба ҳар ҷой фарьёдрас»...

## НАБАРДИ БУРЗИН ВА БАҲМАН

Сапедадам аз ҳарду лашкар хурӯш
Бар он сон баромад, ки кар гашт гӯш.
Ялон баргирифтанд баргустувон,
Ба ҷӯш омад аз кина дар тан равон.
Аз он сӯй Баҳман ҳамекард рост,
Чапу рост орост чунон ки хост.
Сӯи маймана лашкари Рум буд,
Ки Саклӣ сипаҳдори он бум буд.
Сӯи майсара шоҳи хоқони Чин,
Сипоҳе ҳама ташнаи разму кин.
Беҳонрӯз бо Дайлами кинавар,
Сӯи Соқа шуд бо сипарҳои зар.
Ба қалб андарун буд бо пили шоҳ,
Ғуломону гарданкашони сипоҳ.
В-аз он рӯй Бурзин сипаҳ баркашид,
Кас аз гард ҷои далерон надид.
Шаҳи ғӯриён буд бар маймана,
Камонвар сипоҳе ҳама якҷана.
Сӯи майсара шоҳ Яздод буд,
Сипоҳе, ки чун кӯҳи фӯлод буд.
Ба Рустам супурд он ҷаноҳи сипоҳ,
Худу шоҳ Туросп дар қалбгоҳ.
Або номдорону гурдони хеш
Сарафроз шерону мардони хеш,
Сипаҳ рост гашту баромад ғирев,
Ту гуфтӣ кушода шуд аз банд дев.
Зи бас тирборон чу парри уқоб,
Бипӯшид тобонрухи офтоб.
Саворон чапу рост гардон инон,
Рубояндаи ҷон дурахшон синон.
Аз он теғи заҳроби гарданрубой,
Ҳама дашт шуд пурсару дасту пой.
В-аз он хишти пӯлоди даҳ ман ба санг,
Замин шуд зи хуни ялон лаълранг.
Чу чавгон ҳама дасту пои сутур,
Сари мард чун гӯй дар пои бур.
Ҳама хок гил шуд зи хуни ялон,
Ҳама зард гашта рухи баддилон.
Миёни ду лашкар чу шуд ҷанг сахт,
Ҳамон гаҳ шаҳаншоҳи фирӯзбахт,
Фурӯд омад аз пилу айба бихост,



Силеҳи тани хештан кард рост.
Сӯи лашкари Порс овоз дод,
К:-«Эй номдорони фаррухнажод,
Касе, к-ӯ надонад маро аз меҳон,
Манам лашкаророй шоҳи ҷаҳон!
Ба Бурзин бигӯед то бе диранг
Ба пеши ман ояд ба майдони ҷанг».
Чу бишнид Бурзин ҳам андарзамон
Бизад рону омад ба майдон давон.
Чунин дод посух, ки: «Бурзин манам,
Сари ҷангҷӯёни ин кин манам!
Зи пушти Фаромарзи Дастони Сом,
Чунин то ба Таҳмураси некном,
Ту низ ар бигӯӣ зи ному нажод,
Дар ин ҷойгаҳ дода бошӣ ту дод!»
«Манам,— гуфт Баҳман,— сари саркашон,
Бигӯям туро аз нажодам нишон,
Зи пушти гаронмоя Исфандиёр,
Зи Гаштосп андар ҷаҳон ёдгор.
Ҳама дон чунин то ба Таҳмоспи Зав,
Ниёкони ман номдорони гав.
Ҳама шаҳриёрони эронзамин,
Ҳама некномони покизадин».
Чу бишнид Бурзин ҳам он гоҳ зуд
Дар омад зи аспу ниёиш намуд.
Бад-ӯ гуфт, к-«Эй шоҳи бо фарру зеб
Ба пайкори мо ранҷа кардӣ рикеб!
Бимон, то касе дигар ояд ба разм,
Ту шодон ҳамебош бо ҷоми базм!»
Бад-ӯ гуфт Баҳман, ки:— «Оре, равост,
Аз ин кина ҷустан ҷаҳон бенавост.
Бикӯшему ин кина камтар кунем,
Магар ранҷи гурдон сабуктар кунем.
Ба пеш ою гуфтор кӯтоҳ кун,
Маро аз ҳунарҳо ту огоҳ кун».
Бад-ӯ гуфт Бурзин; ки: «Шоҳи замин,
Набарди маро рой кард ин чунин!
Ба вижа, ки ман бандаи чокарам,
Битобад ҳаме аз набардат сарам!
Нашояд, ки бошам кунун пешдаст,
Ки напсандад ин марди яздонпараст.
Ҳунар кун ту пайдо, ки пеш омадӣ,
На ман хондамат, балки хеш омадӣ».

Бихандид аз он номваршоҳ з-ӯш,
Баровард гурзи чиҳил ман ба дӯш.
Бар ӯ ҳамла карду бизад бар сараш,
Наёвард хам ёли кӯҳпайкараш.
Гумоне чунон бурд шоҳи ҷаҳон,
Ки пардахта гашт аз тани вай ҷаҳон.
Бад-ӯ гуфт, к-«Эй шоҳ, пас ҷой дор,
Яке захми гурзи маро пой дор!»
Чу гуфтори Бурзин ба Баҳман расид,
Битарсиду лахте фурӯ орамид.
Чу Бурзин ба гурзи гарон даст бурд,
Намуд ӯ шаҳаншоҳро дастбурд.
Зи гардан фурӯҳишт захме дурушт,
Биларзиду сарв андар омад ба пушт.
Зи нерӯи марду салеҳи гарон,
Ҳам омад замон бар сари сарварон!
Миёни шаҳаншоҳ чун дод хам,
Баросуд лахте, баровард дам.
Чу Бурзин шуд огаҳ, ки ранҷаш расид,
Бизад дасту теғ аз миён баркашид.
Ба шоҳи ситамдида оҳанг кард,
Рухи шоҳ аз он ҳамла бе ранг кард.
Чу он дид ҳоқон, бизад бар сипоҳ,
Зи лашкар биёмад ба ёрии шоҳ.
В-аз он рӯй Рустам яке ҳамла кард,
Зи ҳомун ба гардун баровард гард!
Баромад деху дору гиру хурӯш,
Ҳаме дар тан омад равонҳо ба ҷӯш.
Ҷаҳон яксар аз хок зангоргун,
Рухи баддилон гашта диноргун.
Зи овози кӯсу зи шайпуру ной
Надонист лашкар ҳаме сар зи пой.
Аҷал дар сари найзаҳои ялон,
Шитобон ҳамешуд дили баддилон.
Чунин то шаби тирагун ҷанг буд,
Дару дашт бар лашкаре танг буд.
Нагунсор шуд ковиёнидурафш,
Зи ғам рӯи Баҳман баромад бунафш.
Ҳама лашкараш таргу ҷавшан бирехт,
Ҳаме ҳар саворе ба сӯе гурехт.
Сипаҳбуд бишуд бо сипаҳ дар қафо,
Кашида ҳама роҳ теғи ҷафо.
На чандон бикуштанд аз он саркашон,



Ки додан тавонад кас ӯро нишон.
На чандон шуданд аз далерон асир,
Ки гунҷад дар андешаи ёдгир.
Аз он пас ба лашкаргаҳаш бозгашт,
Аз он разм гетӣ пуровоз гашт.

# МАСЪУДИ САЪДИ САЛМОН

*Падари Масъуди Саъд аслан аз Ҳамадон буда, пас аз он ки Маҳмуди Ғазнавӣ Ҳиндустонро забт менамояд, Саъд бо Масъуд ном писари Маҳмуди Ғазнавӣ ба Лоҳур меравад ва дар он ҷо иқомат ихтиёр мекунад. Масъуди Саъди Салмон дар ин шаҳр таваллуд мешавад.*

*Соли таваллуди Салмон маълум нест. Баъзе муаллифони имрӯза дар асоси ашъори худи шоир соли ба дунъё омадани ӯро дар байни 438—440 ҳиҷрӣ (1046—1049 милодӣ) тахмин намудаанд.*

*Масъуд аз илмҳои асосии замонаш баҳравар гардида, забонҳои арабӣ ва ҳиндиро низ хуб медониста аст.*

*Шоир дар дарбор бо азобу уқубатҳо дучор гардида, борҳо зиндонӣ мешавад ва қариб 20 соли ҳаёти ӯ дар ҳабс мегузарад. Дар соли 515 ҳиҷрӣ (1121—1122 милодӣ) вафот кардааст. Аз осори адабии ӯ 16 ҳазор байт мондааст, ки иборат аз қасида, ғазал ва рубоиёт мебошад.*

### АЗ ҚАСОИД

Ба назму наср касеро гар ифтихор сазост,
Маро сазост, ки имрӯз назму наср маррост.
Ба ҳеҷ вакт маро назму наср кам нашавад,
Ки назму насрам дур(р) асту табъи ман дарьёст.
Ба лафз оби равон аст табъи ман, лекин
Ба гоҳи касрату қувват чу оташ асту хавост.
Агарчи ҳамчу гиё назди ҳар касе хорам,
Ва гарчи ҳамчу садаф ғарқа гашта тан бикост.
Аҷаб мадор зи ман назму насри хубу бадеъ,
На лӯълӯъ аз садаф асту на ангубин зи гиёст.
Ба назди хасмон гар фазли ман ниҳон бошад,
Зиён надорад, наздики оқилон пайдост.
Шигифт нест агар шеъри ман намедонанд,
Ки табъи эшон паст асту шеъри ман волост.
Ба чашми ҷидду ҳақиқат маро намебинанд,
Ки назди ақл маро рутбату шараф ба куҷост?
Агарчи чашмаи хуршед равшан асту баланд,
Чигуна бинад он, к-аш ду чашм нобиност?
Ба ҳеҷ навъ гуноҳе дигар намедонам,
Маро чуз ин ки аз ин шаҳр мавлиду муншост.
Агар бар эшон сеҳри ҳалол бархонам,
Ҷуз ин нагӯянд охир, ки кӯдаку барност.
Зи кӯдакиву зи пирӣ чӣ фахру ор ояд?
Чунин нагӯяд он кас, ки оқилу доност...
Агар раис наям ё амирзода наям,
Ситуданисбату аслам зи дудаи фузалост...
Агар ба зӯҳд бинозад, касе раво бошад,
В-ар ифтихор кунад фозиле ба фазл сазост.
Ба асл танҳо касро мафохират нарасад,
Ки нисбати ҳама аз Одам асту аз Ҳаввост.
Маро ба нестӣ, эй сайидӣ, чӣ таъна занӣ?
Чу ҳаст донишам, ар зарру сим нест, равост.
Хатост, гӯӣ дар нестӣ сахо кардан,
Маломати ту чи судам кунад, чу табъ сахост?
Ба ҷуду бухл каму беш кай шавад рӯзӣ.
Хато гирифтан бар ман бад-ин тариқ хатост...
Зи бас бало, ки бидидам чунон шудам ба масал,
Ки гар саодат бинам, гумон барам, ки балост.
Ту ҳолу қиссаи ман хон, ки ҳолу қиссаи ман
Басе шигифттар аз ҳоли Вомиқу Узрост.
Агарчи бар сарам оташ биборад аз гардун,
Зи ҳоли худ нашавам в-эътиқод дорам рост.

* * *

Нолам ба дил чу ной ман андар ҳисори Ной,
Пастӣ гирифт ҳиммати ман з-ин баландҷой.
Орад ҳавои Ной маро нолаҳои зор,
Ҷуз нолаҳои зор чӣ орад ҳавои ной?!
Гардун ба дарду ранҷ маро кушта буд, агар
Пайванди умри ман нашудӣ назми ҷонфазой.
На, на зи ҳисни Ной биёфзуд ҷоҳи ман,
Донад ҷаҳон, ки модари мулк аст ҳисни Ной.
Ман чун малак сар зи фалак баргузошта,

бурда дасту ба Маҳ барниҳода пой.
ох пошам дурҳои қимате
гаҳ хиромам дар боғи дилкушой.
комам — андар чун бодаи латиф,
дастам — андар чун зулфи дилрабой.
амона рост нагашта, магӯй каж
таношуда, ба хирад хоми камдарой.
аст гашт маро ҳиммати баланд,
ғам гирифт маро теғи камзудой.
тан тамом наёрам ниҳод пой,
дил баланд наёрам кашид вой!
р гардам, бар ҷой нест дил,
м бошам, ҳамвор нест рой.
д ҳиммати даври фалакнигор,
гардиши ҷоми ҷаҳоннамой.
н бубаст, бубандад бале сухан,
нийӯш набошад сухансарой.
бар дилу ҷонам балову ғам,
одаву аз теғи саргирой,
ам аз ҳама мурғон дар ин ҳисор,
д, ки соя кунад бар сарам ҳумой.
ад аз мани бечораи заиф?
аз мани дармондаи гадой?
за нестӣ, эй фазл, кам шигар,
за нестӣ, эй ақл, кам газой!
на кӯҳ шудӣ, соате бирав,
р на бод шудӣ, лаҳзае бипой.
макун, ки маҷозист ин ҷаҳон,
ин машав, ки сипанҷест ин сарой.
хоҳӣ андар ҷаҳон мадор,
қаноати дастуру раҳнамой.
мона, маро пок дарнавард,
пеҳр, маро нек баргирой.
шабу ҳар рӯз аз ҳасад
ҳнатам кану даҳ дар зи ғам кушой.
кебам, чун гул фурӯ чакон,
ҳонам чун зар биёзмой.
гоҳ чу симам фурӯ гудоз,
с гоҳ чу морам ҳаме фасой.
рх, дилам бештар бихӯр,
х, танам нектар бисой...



* * *

Тиру теғ аст бар дилу ҷигарам,
Ғаму тимори духтару писарам.
Ҳам бад-ин сон гудозадам шабу рӯз,
Ғаму тимори модару падарам.
Ҷигарам пора асту дил хаста,
Аз ғаму дарди он дилу ҷигарам.
На хабар мерасад маро з-эшон,
На бад-эшон ҳамерасад хабарам.
Боз гаштам асири қалъаи Ной,
Суд кам кард бо қазо қадарам.
Қамари кӯҳ то нишасти ман аст,
Бар миёни ду даст шуд камарам.
Аз баландии ҳисну тундии кӯҳ,
Мунқатеъ гашт аз замин назарам.
Ман чу хоҳам, ки осмон бинам,
Сар фурӯд ораму замин нигарам.
Аз заифии дасту тангии ҷой
Нест мумкин, ки пираҳан бидарам.
Аз ғаму дард чун гули наргис,
Рӯзу шаб бо сиришку бо саҳарам.
Ё зи дида ситора меборам,
Ё ба дида ситора мешумарам.
В-ар дили ман шудаст баҳри ғамон,
Ман чигуна зи дида дар шамарам?
Гашт лола зи хуни дида рухам,
Шуд бунафша зи захми даст барам.
Ҳама аҳволи ман дигаргун шуд,
Рост гӯӣ Сикандари дигарам,
Ки дар ин тирарӯзу тори-ҷой,
Гаҳвари дидагон ҳаме сипарам.
Бим кардаст дарди дил амнам.
Заҳр кардаст ранҷи тан шакарам.
Пеши тире, ки ин занад ҳадафам.
Зери теғе, ки он кашад сипарам.
Оби софе шудаст хуни дилам,
Хуни тира шудаст оби сарам.
Будам оҳан, кунун аз ӯ зангам,
Будам оташ, кунун аз ӯ шарарам.
На сарозодаму на учрохӯр,
Пас на аз лашкарам, на аз ҳашарам.
Дарнаёбам хато чу бехирадам,

Зӣ Зӯҳра бурда дасту ба Маҳ барниҳода пой.
Аз дида гоҳ пошам дурҳои қимате
В-аз табъ гаҳ хиромам дар боғи дилкушой.
Назме ба комам — андар чун бодаи латиф,
Хатте ба дастам — андар чун зулфи дилрабой.
Эй, дар замона рост нагашта, магӯй каж
В-эй пухтаношуда, ба хирад хоми камдарой.
Имрӯз паст гашт маро ҳиммати баланд,
Зангори ғам гирифт маро теғи камзудой.
Аз ранҷи тан тамом наёрам ниҳод пой,
В-аз дарди дил баланд наёрам кашид вой!
Гирам, сабур гардам, бар ҷой нест дил,
Гӯям ба расм бошам, ҳамвор нест рой.
Авнам накард ҳиммати даври фалакнигор,
Судам надод гардиши ҷоми ҷаҳоннамой.
Бар ман сухан бубаст, бубандад бале сухан,
Чун як суханнийӯш набошад сухансарой.
Қоре турост бар дилу ҷонам балову ғам,
Аз румҳи обдодаву аз теғи саргирой,
Чун пушт бинам аз ҳама мурғой дар ин ҳисор,
Мумкин бувад, ки соя кунад бар сарам ҳумой.
Гардун чӣ хоҳад аз мани бечораи заиф?
Гетӣ чӣ хоҳад аз мани дармондаи гадой?
Гар шери шарза нестӣ, эй фазл, кам шигар,
В-ар мори гурза нестӣ, эй ақл, кам газой!
Эй меҳнат, ар на кӯҳ шудӣ, соате бирав,
В-эй давлат, ар на бод шудӣ, лаҳзае бипой.
Эй тан, ҷазаъ макун, ки маҷозист ин ҷаҳон,
В-эй, дил, ғамин машав, ки сипанҷест ин сарой.
Гар молу мулк хоҳӣ андар ҷаҳон мадор,
Ҷуз сабру ҷуз қаноати дастуру раҳнамой.
Эй беҳунар замона, маро пок дарнаворд,
В-эй курдил сипеҳр, маро нек баргирой.
Эй рӯзгор, ҳар шабу ҳар рӯз аз ҳасад
Даҳ ҷаҳ зи меҳнатам кану даҳ дар зи ғам кушой.
Дар оташи шикебам, чун гул фурӯ чакон,
Бар санги имтиҳонам чун зар биёзмой.
Аз баҳри захм гоҳ чу симам фурӯ гудоз,
В-аз баҳри ҳабс гоҳ чу морам ҳаме фасой.
Эй аждаҳои чарх, дилам бештар бихӯр,
В-эй осиёи чарх, танам нектар бисой...



* * *

Тиру теғ аст бар дилу ҷигарам,
Ғаму тимори духтару писарам.
Ҳам бад-ин сон гудозадам шабу рӯз,
Ғаму тимори модару падарам.
Ҷигарам пора асту дил хаста,
Аз ғаму дарди он дилу ҷигарам.
На хабар мерасад маро з-эшон,
На бад-эшон ҳамерасад хабарам.
Боз гаштам асири қалъаи Ной,
Суд кам кард бо қазо қадарам.
Қамари кӯҳ то нишасти ман аст,
Бар миёни ду даст шуд камарам.
Аз баландии ҳисну тундии кӯҳ,
Мунқатеъ гашт аз замин назарам.
Ман чу хоҳам, ки осмон бинам,
Сар фурӯд ораму замин нигарам.
Аз заифии дасту тангии ҷой
Нест мумкин, ки пираҳан бидарам.
Аз ғаму дард чун гули наргис,
Рӯзу шаб бо сиришку бо саҳарам.
Ё зи дида ситора меборам,
Ё ба дида ситора мешумарам.
В-ар дили ман шудаст баҳри ғамон,
Ман чигуна зи дида дар шамарам?
Гашт лола зи хуни дида рухам,
Шуд бунафша зи захми даст барам.
Ҳама аҳволи ман дигаргун шуд,
Рост гӯӣ Сикандари дигарам,
Ки дар ин тирарӯзу торӣ-ҷой,
Гаҳвари дидагон ҳаме сипарам.
Бим кардаст дарди дил амнам.
Заҳр кардаст ранҷи тан шакарам.
Пеши тире, ки ин занад ҳадафам.
Зери теғе, ки он кашад сипарам.
Оби софе шудаст хуни дилам,
Хуни тира шудаст оби сарам.
Будам оҳан, кунун аз ӯ зангам,
Будам оташ, кунун аз ӯ шарарам.
На сарозодаму на уҷрохӯр,
Пас на аз лашкарам, на аз ҳашарам.
Дарнаёбам хато чу бехирадам,

Раҳ набинам ҳаме чу бе басарам.
Нашнавам некуву набинам рост,
Чу сипеҳру замона кӯру карам.
Меҳнатогин шудам, чунон, ки кунун
Накунад ҳеҷ шодие асарам.
Эй ҷаҳон, сахтии ту чанд кашам?!
В-эй фалак, ишваи ту чанд харам?!
Қош ман ҷумла айб доштаме,
Чун балоест ҷумла аз ҳунарам.
Бар дилам оз ҳаргиз ар нагузашт,
Пас чаро ман замон-замон батарам?
Бистад аз ман замона ҳар чӣ бидод,
Розиям бо замона сар ба сарам.
То ба гардан аз ин ҷаҳон чу равам,
Аз ҳама халқ миннате набарам...

* * *

Рӯз то шаб зи ғам дилафгорам,
Ҳама шаб то ба рӯз бедорам.
Бадали шахс ҷон ҳаме коҳам,
Бадали ашк хун ҳаме борам.
Рӯзу шаб як замон қарорам нест,
Рост гӯӣ бар оташу хорам.
Аз ду дида ду ҷӯй бикшодам,
Бар ду рух заъфарон ҳаме корам.
Ҳама ҳамсоягон ҳаме шунаванд,
Гирьяи сахту нолаи зорам,
Бастаи ин сипеҳри зарроқам,
Хастаи ин ҷаҳони ғаддорам,
К-ин сияҳ мекунад ба ғам рӯзам,
В-ин табаҳ мекунад ба бад корам.
На бад-он ғамгинам, ки маҳбусам,
На бад-он ранҷаам, ки беморам.
Сахт бемор будаву ғамгин,
Ҳабс будаст низ бисьёрам.
Нест аз ҳамлаи аҷал бокам,
Нест аз банди подшаҳ орам.
Аз тақозои қарзхоҳон аст,
Ҳама андӯху ранҷу тиморам.
Ҳар замоне сабук шавад дили ман,
К-аз ғами вомҳо гаронборам.



Оҷизам сахту ҳақ таолоро
Ба ту меҳтар шафеъ меорам.
На дами гидьяе ҳаме кӯбам,
На дами ишвае ҳаме дорам.
Рӯзии нимхӯрда металабам,
Ки бад-ӯ вом карда бигзорам.
Гар ту саъйе кунӣ, бурун оям,
Аз ғаме, к-он дар ӯ гирифторам.
В-ар наёбӣ ба кори ман тавфиқ,
Ба худой ар ман аз ту озорам,
Ки ман аз чархи сарнагун ҳама сол
Бастаи ахтари нагунсорам.
Дар чунин ранҷҳо, ба ҳаққи худой,
Ки ба ҷон маргро харидорам.
В-ин сухан гар на рост мегӯям,
Кофирам в-аз худой безорам.

* * *

Чун нои бенавоям аз ин Нои бенаво,
Шодӣ надид ҳеҷ кас аз нои бенаво,
Бо кӯҳ гӯям он чи аз ӯ пур шавад дилам,
Зеро ҷавоби гуфтаи ман нест ҷуз садо,
Шуд дида тираву нахӯрам ғам зи баҳри он-к
Рӯзам ҳама шаб асту сабоҳам ҳама масо.
Андӯҳ чаро барам, чу таҳаммул бибоядам,
Рӯй аз кӣ боядам, ки касе нест ошно.
Ҳар рӯз, бомдод бар ин кӯҳсор тунд
Абре ба сони Тӯр зиёрат кунад маро...
Дар ин ҳисор хуфтани ман ҳаст бар ҳасир,
Чун бар ҳасир гӯям, худ ҳаст бар ҳасо.
Бингар чу судмандии корам, ки ҳеҷ вақт
Аз ҷанги рӯзгор нагардам ҳаме раҳо.
Бо ғам рафиқ табъам он сон гирифт унс,
К-аз дар чу ғам дарояд гӯяд-ш марҳабо.
Чандон к-аз ин ду дидаи ман рафт рӯзу шаб,
Ҳаргиз нарафт хуни шаҳидони Карбало.
Гар бар сарам бигардад чун осиё фалак,
Аз ҷои худ наҷунбам чун қутби осиё.
Маъсуди Саъд гардишу печиш чаро кунӣ
Дар гардиши ҳаводису дар печиши ано?..

* * *

Шаб омаду ғами ман гашт як дуто фардо
Чигуна дах сад хоҳад шуд ин анову бало?
Чаро хӯрам ғами фардову з-он чи андешам,
Ки нест як шаб ҷони маро умеди бақо.
Чу шамъ зораму сӯзону ҳар шабе гӯям,
Намонд хоҳам чун шамъ зинда то фардо.
Ҳаме биноламу чун чангу халқро аз ман
Ҳаме ба кор наёяд ҷуз ин баланднаво.
Заиф гашта дар ин кӯҳсори бефарьёд,
Ғариб монда бар ин осмони бепаҳно,
Гар он чи ҳаст бар ин тан ниҳанд бар кӯҳсор,
В-аз он чи ҳаст бар ин дил зананд бар дарьё.
Зи тобиш об шавад дурр дар миёни садаф,
Зи ранг хун шавадӣ лаъл дар дили хоро.
Маро чу теғ диҳад оби обгун гардун
Ҳар он гаҳе, ки биноламу ба пеши ӯ зи само.
Қазо ба ман нарасад з-он ки нест аз ман дур,
Нишаста бо ману ҳамзонуи ман аст ин ҷо.
Ба ҳар сапедадамиву ба ҳар шабонгоҳӣ,
Зи назди ман ба замин барпароканд қазо.
Зи тобу таффи дамам санги хора об шудаст.
Зи оби чашм аз он хок бардамид гиё.
Набиштаниро хокистар аст дафтари ман,
Чу хома нақши вай ангушти ман кунад пайдо...
Макун шигифт зи гуфтори ман, ки нест шигифт,
Аз ин ки гуфтам андеша кун, шигифт чаро?...

* * *

Ба навбаҳорон ғаввос гашт абри ҳаво,
Ки мебарорад носуфта лӯълӯъ аз дарьё.
Ба лӯълӯъ абр биёрост рӯи саҳроро,
Магар нишот кунад шаҳриёр зӣ саҳро?
Магар ки роғ сипеҳр асту наргисон анҷум,
Магар ки боғ биҳишт асту гулбунон ҳуро?
Замин ба хубӣ чун рӯи дилбари гулрух,
Ҳаво ба хашшӣ чун табъи мардуми доно.
Зи сабза гӯй, дарьё сабз гашт замон,
Дар ӯ падид шуда шакли гунбади хазро.
Шукуфаҳо ҳама анвори боғи гардун аст,
Ки чун падид шуданд, ифтитоҳкарда само,



Замин зи гирьяи абр аст чун биҳишти наим,
Ҳаво зи хандаи абр аст чун кӯҳи Сино.
Яке бигирьяд бар беҳуда чу мардуми маст,
Яке бихандад хира чу мардуми шайдо.
Қанори ҷӯй пур аз ҷомҳои ёқут аст,
Ки шуд ба ҷӯй дарун ранги об чун саҳбо.
Зи баски хӯрд аз он оби ҳамчу саҳбо боғ
Шудаст рози дили боғ сар ба сар пайдо.
Зи баски дебаву хаз дод шоҳи шарқ ҳаме.
Ҳаво шуда ҳама хаззу замин шуда дебо.
Зи баҳри чист, ки дебову хазз ҳаме пӯшанд?
Кунун ки омад гармо фарозу шуд сармо.
Ҷаҳони барно гар пир шуд набуд аҷаб,
Аҷабтар он ки кунун пир буд, шуд барно...

* * *

Сипоҳи абри найсонӣ зи дарьё рафт бар саҳро,
Нисори лӯълӯи лоло ба саҳро бурд аз дарьё.
Гаҳе монандаи дуде мусаттаҳ бар ҳаво шаклаш
Гаҳе монандаи кӯҳе муаллақ гашта андар-во.
Чу гардун гашт боғу бӯстон аз абри найсонӣ,
Гул аз гулбун ҳаметобад ба сони Зӯҳраи заҳро.
Аз ин пур мушк шуд гетӣ — в-аз он пур дур ҳама олам,
Аз ин пур бӯй шуд бӯстон в-аз он пурнур шуд саҳро.
Гаҳе чун тахта-тахта содасим андар ҳаво бар ҳам,
Гаҳе чун тӯда-тӯда суда кофур аст бар боло.
Гаҳе монандаи хинге лагом аз сар фурӯ канда,
Шуда тозанда андар марғзоре хурраму воло.
Гаҳе барқаш дурахшанда чу нури теғ рахшанда,
Гаҳе раъдаш хурӯшанда чу шери шарза дар байдо.
Фалак дар сундуси нилӣ, ҳаво дар чодири кӯҳлӣ,
Замин дар фарши зангорӣ, ки андар хуллаи хазро.
Замини хушк шуд серобу боғи зард шуд ахзар,
Ҳавои тира шуд равшан, ҷаҳони пир шуд барно.
Кунун бинӣ ту аз сабза ҳазорон фарши миногун,
Кунун бинӣ ту аз гулбун ҳазорон киллаҳи дебо.
Замин чун рӯи маҳрӯён ба ранги дебаи румӣ,
Ҳаво чун зулфи дилҷӯён ба бӯи анбари соро.
Зи пасти лола шуд хандон чу рӯи дилбари гулрух,
Зи боло абр шуд гирьён ба сони ошиқи шайдо.
Зи хандон лола шуд гетӣ чу халқи хусрави машриқ,
Зи гирьён абр шуд дуньё чу табъи хусрави дуньё...

* * *

Инчунин ранч, к-аз замона марост,
Ҳеч донӣ, ки дар замона кирост?!
Ҳар чӣ дар илму фазли ман бифузуд,
Ҳамчунонам зи ҷоху мол бикост.
Нестам ошиқ аз чӣ рухзардам?
Нестам оҳу аз чӣ пушт дутост?
Эй тан, ором гиру сабр гузин,
Ки ҳар имрӯзро зи пас фардост.
Машав он ҷо ки донаи тамаъ аст,
Зери дона нигар, ки доми балост...
Ҳама аз одамем мо, лекин
Ӯ киромитар аст, к-ӯ доност.
Божгун аст кори ин гетӣ,
З-ин ҳама ҳар чӣ гуфтам аз савдост.
Ҳар кӣ ӯ рост бошаду беайб,
Бар вай аз рӯзгор беш аност.
Ба ҳама ҳол, бештар бибуранд,
Ҳар дарахте, ки шох дорад рост.
Ту чунон гир гумон, ки ман дунам,
Сухани ман нигар, ки чун волост.
Асли зарри иёр аз хок аст,
Асли ӯди Қумор на зи гиёст.
Ин шигифтӣ нигар, кучо суханам,
Нукта зояд ҳамэву ояд рост.
Гарчи пайваста шеър гӯям ман,
Одати ман на одати шуарост.
На тамаъ кардаам зи кисаи кас,
На тақозост шеъри ман на ҳиҷост...

* * *

Аз паси ман ғам асту пеш ғам аст,
Зи бари ман нам асту зер нам аст.
Ин дили баста хастаи дард аст,
В-ин тани хаста бастаи алам аст.
Аҷабо, ҳар чӣ беш меnолам,
Мар маро ранҷ бешу сабр кам аст.
Бешумор андӯҳ аст бар ман ҷамъ,
Ин бало бин, к-аз ин шумурда дам аст.
Ба фарозандаи сипеҳри баланд,
В-ин шигифт ин бузургтар қасам аст,



Ки ҳама ваҷҳа бар мани мискан,
Аз ҳама кас тааддиву ситам аст.
Чи тавон кард, к-он чи будаву буд,
Будаи ҳукму рафтаи қалам аст...

* * *

Чу мардумон шаби деранда азми хоб кунанд,
Ҳама хизонаи асрори ман хароб кунанд.
Ниқоби шарм чу лола зи рӯй бардоранд,
Чу моҳу меҳр сару рӯй дар ниқоб кунанд.
Рухам зи чашмам ҳамчеҳраи тазарв шавад,
Чу тирашабро ҳамгунаи ғуроб кунанд.
Гули муваррад гаштаст чашми ман зи саҳар,
Зи оташи дили ман аз гул ҳаме гулоб кунанд.
Зи сабру хоб чӣ баҳра бувад маро, ки маро
Ба дарду ранҷ дилу мағз хуну об кунанд?
Ман он ғарибаму бекас, ки то ба рӯзи сапед
Ситорагон зи барои ман изтироб кунанд.
Зи баски бар ман борони ғам кунанд, маро
Сиришки дида садафвор дурри ноб кунанд...
Зи дарди васлати ёрон ман он кунам ба ҷазаъ,
Ки ҷонпажӯҳон бар фурқати шубоб кунанд.
Ҳамегузорам ҳар шаб чунон касе, к-ӯро
Зи баҳри рӯз ба шаб ваъдаи иқоб кунанд.
Бар ин ҳисор зи девонагӣ чунон шудаам,
Ки ахтарон ҳама девам ҳаме хитоб кунанд,
Агар бисоти замин мафрашам кунанд сазад,
Чу соябони ман аз пардаи саҳоб кунанд...
Сазои чанг на инҳо, ки оштӣ карданд,
Нигар, ки акнун бо ман ҳаме итоб кунанд,
Хато шуморанд, ар чанд ман хато накунам,
Савоб гиранд, ар чанд носавоб кунанд.
Чигуна рӯзӣ дорам накӯ нигар, ки маро
Ҳаме зи оташи сӯзанда офтоб кунанд.
Сапед мӯям бар сар буридаанд магар,
Аз он ба дуди сиёҳаш ҳаме хизоб кунанд.
Чи гуна бошад ҳолам чу ҳаст роҳати ман,
Чунон ки дузахиёнро ҳаме азоб кунанд.
Маро диранг намондаст аз диранги бало,
Ба куштанам зи чӣ маънӣ чунин шитоб кунанд.
Ва коркард маро бо замона дафтарҳост,
Чи фазлҳо бувадам, гар ба ҳақ ҳисоб кунанд.

* * *

Чу суда дуда ба рӯи ҳаво барафшонанд,
Фурӯғи оташи равшан зи дида биншонанд.
Сипеҳри гардон бас чашмҳо кушояд боз,
Ки чашмҳои ҷаҳонро ҳама нажунбонанд.
Чунон гумон бувадам,
к-осиёи гардунро
Ҳаме ба тезӣ бар фарқи ман бигардонанд.
Зи оби дидаи гирьён чу теғам об диҳанд,
К-аш оташи дили сӯзон маро битафсонанд.
Кунанд рӯям ҳамранги барги зар ба хазон,
Чу шефтаразам андар бало бипечонанд.
Гирифтам унс ба ғамҳову андӯҳ он гарчанд
Мунозеон чу дилу зиндагониву ҷонанд.
Дамодаманду наёбанд бар танам пайдо,
Ба реги тофта бар қатраҳои боронанд.
Бад-ин фурӯхтарӯён нигаҳ кунам, ки ҳаме
Ба феъли табъӣ рӯи замин фаровонанд.
Гумон мабар, ки магар табъҳои мухталифанд,
Гумон мабар, ки ҳама табъҳо биранҷонанд?
Мусофирони навоҳии ҳафт гардунанд,
Ба ҳар назар сабаби ошкору пинҳонанд.
Ҳама баланд бароранду пас фурӯ фикананд,
Ҳама фаровон бидиҳанду боз бистонанд.
Куҷо тавонам ҷустан, ки гезпоёнанд,
Чӣ чора донам кардан, ки чирадастонанд.
Равандагони сипеҳранду лангашон хоҳам,
Зи баҳри он ки маро раҳбарони зиндонанд.
Агар халандам дар дида, нест ҳеҷ шигифт,
Ки тирашабро бар фарқ қавсу пайконанд...
Зи аҳли аср чи хоҳам, ки аҳли аср ҳама
Ба хӯи табъ сутурони моларо монанд.
Нигар ба раҳмати эшон фирефта нашавӣ,
Накӯ нигар, ки ҳама андаку фаровонанд.
Маҳоҳ тобиш аз эшон агар ҳама меҳранд,
Маҷӯй гавҳар аз эшон агар ҳама конанд.
Ба ҷон харанд қасоид зи ман хирадмандон,
Агарчи табъи маро з-он калом арзонанд.
Зи чарх ақлам зоданду аз ҷамол бақо,
Ситорагонро монанду ҷовидон монанд.
Замона гуфтаи ман ҳифз карду наздик аст,
Ки ахтарон-ш бари офтобу маҳ хонанд.



* * *

Як шаб аз навбаҳор вақти саҳар,
Бод бар боғ кард роҳи гузар.
Ғунчаи гул паём дод ба май,
Гуфт: «Ман омадам ба боғ андар.
Хаймаҳо сохтам зи мубрами Чин,
Фарш кардам зи дебаи Шуштар,
Бод бар ман дамид мушку абир,
Абр бар ман фишонд дурру гуҳар.
Мунтазир будаам зи баҳри ту ман,
Кардаам дам миёни боғ мақар»
Бод чун бодаро бигуфт паём,
Ларза бар вай фитод дар соғар.
Шодмон гашту эҳтироз намуд,
Рӯи ӯ сурх шуд зи лаҳву батар.
Бодро гуфт: «Ин-т хушпайғом,
Марҳабо ин-т ҳаст хуб хабар».
Боз гарду бигӯ ҷавоби паём,
Боз гӯ он чӣ гӯямат яксар.
Гар ту ҳастӣ мухолифу бадаҳд,
Қас надидам зи ту мухолифтар.
Сол то сол мунтазир бошем,
То бубинем чеҳраи ту магар.
Чун биёӣ напоӣ эдар дер,
Бор бандиву даршавӣ з-эдар.
Хубрӯиву хубрӯёнро
Аҳд бо рӯй кай бувад дарх(в)ар.
Чанд гаҳ боздошт будам ман,
Дар яке хона оҷизу музтар,
Набидидам ҳаме рухи соқӣ,
Нашунидам навои хуньёгар.
Инак аз давлату саодати ту
Ман зи ҳабс омадам сӯи манзар,
Кисвати ман шудаст ҷоми булур,
Маркабам дасти турки симинбар».
Бод аз бӯи бода маст шуда,
Бозгашту ба боғ карда гузар.
Ҳар чӣ пеш омадаш ҳаме бирабуд,
Ҳар чӣ биспурд, кард зеру забар.
Бар гул овехт кард бадмастӣ,
Даррабуд аз сараш қасабмеъҷар.
Медаровехт андар ӯй, чунон-к

Сабзхуллаш дарида шуд дар бар.
Рӯи гул ногаҳон падид-омад,
Аз миёни зумурадинчодар.
Чун нигаҳ кард гул баробар дид,
Рӯи маҳро зи гунбади ахзар.
Шуд зи ташвири моҳ рӯяш сурх,
Дар ғами ҷома гашт чашмаш тар...

* * *

Чаро нагирьяд чашму чаро нанолад тан,
Қ-аз ин бирафт нишоту аз он бирафт васан.
Чунон бигирьям, к-ин душманон бибахшоянд,
Чу ёдам ояд аз дӯстону аҳли ватан.
Саҳар шавад зи ғаму пираҳан ҳаме бидарам,
Зи бахри он ки нишони ман аст пироҳан.
Зи ранҷу заъф бад-он ҷойгаҳ расид танам,
Ки рост н-ояд магар дар хитоб гӯям ман.
Сабур гаштаму дил дар бар оҳанин кардам,
Бичаст оташ аз ин дил чу оташ аз оҳан.
Ба сони Бежан дармондаам ба банди бало,
Ҷаҳон ба ман-бар торик чун чаҳи Бежан.
Набуд ёром аз шарми дӯстон гирьён,
Накард ёром аз бими душманон шеван.
Зи дарду андӯҳи ҳиҷрон гузашт бар ман дӯш,
Шабе сиёҳтар аз рӯю рои Аҳриман.
Намекушод гиребони субҳро гардун,
Ки шаб дароз ҳамекард бар ҳаво доман.
Талоя бар сипаҳи рӯз кард лашкари шаб,
Зи рост Фурқади шаъро, зи чап Суҳайли Яман.
Маро малол гирифта зи дермондани шаб,
Тане ба ранҷу азобу диле ба гарму ҳазан.
Дар он тафаккур монда дилам, ки фардоро,
Пагоҳ з-ин шаби тира чӣ хоҳадам зодан?
Аз он ки ҳаст шаб обистану надонад кас,
Ки хола чун сипарӣ шуд, чӣ зояд обистан.
Гузашт боди саҳаргоҳ в-аз нихеби фироқ
Фурӯ наёраст омад бари ман аз равзан.
Наҳуфтаам ҳама шаб дӯшу будаам нолон,
Хаёли дӯст гувоҳи ман асту наҷми паран.
Нишаста будам, к-омад хаёли ӯ ногоҳ,
Чу моҳ рӯю чу гул оразу чу сим зақан.
Маро биёфт чу як қатра хуни ҷӯшон дил,



Маро биёфт чу як тори мӯй нолон тан.
Зи баски канд ду зулфу зи баски рондам ашк,
Яке чу дурри самину яке чу мушки Хутан.
Марову ӯро аз чашму зулф гирд омад,
Зи мушку лӯълӯъ як остину як доман.
Ба ноз гуфт, ки:— «Аз дида беш ашк марез»,
Ба меҳр гуфтам, ки:— «Аз зулф беш мушк макан».
Дар ин мунозира будем, к-аз сипеҳри кабуд
Зидудаталъат бинмуд чашмаи равшан.

## АЗ МУҚАТТАОТ

То тавонӣ макаш зи мардӣ даст,
Ки ба сустӣ касе зи марг наҷаст.
Ҳар кӣ ӯро баланд мардӣ кард.
То ба рӯзи аҷал нагардад паст.
Ҳар кӣ бо ҷон наистод ба разм,
Дон, ки дар пешгаҳ ба ҳақ нанишаст.
Сар фарозад чу найза ҳар марде,
Ки миён ҷангро чу найза бубаст.
Эй басо, размгоҳи чун дӯзах,
Ки қазо андар ӯ дуруст бираст,
Найза чун ҳамла хостам бурдан,
Гашт печон маро чу мор ба даст.
Гуфтам, эй шохи марг, рост гирой,
Ки басе дил ба ту бихоҳам хаст.
Кунӣ ар эҳтироз вақташ нест,
В-ар кунӣ изтироб ҷояш ҳаст.
Ё бичунбӣ ҳаме зи шодии хун,
Ё биларзӣ ҳаме зи бими шикаст.

* * *

Панҷоҳу ҳафт рафт зи таърихи умри ман,
Шуд судманд муддату носудманд монд.
В-имрӯз бар яқину гумонам зи умри хеш,
Донам, ки чанд рафту надонам, ки чанд монд.
Феҳристи ҳоли ман ҳама бо ранҷу банд буд,
Аз ранҷ монд ибрату аз банд панд монд.
Аз қасди бадсиголону аз ғамзи ҷодувон,
Ҷон дар бало фитоду тан андар газанд монд.

Чавгон бинех, ки гӯи ту андар чах уфтод,
Хира матап, ки курраи ту дар каманд монд.
Лекин ба шукр кӯш, к-аз табъи поки ту
Чандин ҳазор байти бадеи баланд монд.

* * *

Торе аз мӯи ман сапед набуд,
Чун ба зиндон малик маро бинишонд,
Мондам андар балову ғам чандон,
Ки яке мӯи ман сиёх намонд.

### АЗ ҒАЗАЛИЁТ

Нишастаам зи қадам то сар андар оташу об,
Тавон нишастан сокин чунон дар оташу об.
Ҳаме нахуспам шабҳову чун тавонад хуфт,
Касе, ки дорад болину бистар оташу об.
Ҳама бикардам дар ҳиллате, ки донистам,
Маро нашуд зи дилу дида камтар оташу об.
Зи об ораз дорад бутам, зи оташ рух,
На бас шигифт бувад бар санавбар оташу об.
Бадеъу наѓз бароростаст чехраи ӯ,
Ба обу оташу анбар муанбар оташу об.
Набаст сурати мо бо ҷамоли сурати ӯ,
Нашуд падид, ки гардад мусаввар оташу об.
Накард ёди ману ёдгор дод маро,
Хаёли он санами моҳманзар оташу об.
Бирафт ёраму ман мондаму бирафту намонд,
Зи ранҷ дар дилу аз дард дар бар оташу об.
Басо, шабо, ки дар ӯ рашк бурду ранг овард,
Зи гунаи маю аз лавни соғар оташу об.
Нишастаму зи дилу чашми хеш биншондам,
Ба васли он бути дилҷӯй яксар оташу об.
Басо, фаровон рӯзо, ки аз саробу самум
Гирифт рӯи ҳама дашт яксар оташу об...

* * *

Гар як вафо кунӣ, санамо, сад вафо кунам,
В-ар ту ҷафо кунӣ ҳама, ман кай ҷафо кунам.
Ту нарди ишқ бозиву бо ман дағо кунӣ,
Ман ҷон бибозаму на ҳамоно, дағо кунам.



Гар оби дида тира кунад дидаи маро,
Ин дидаро зи хоки дарат тӯтиё кунам.
Гулоразиву лоларухӣ, эй нигори ман,
Дар марғзор он гулу лола чаро кунам.
Хору гиё чу дояи лоласту асли гул
Аз бахри ҳарду хидмати обу гиё кунам.
Гар барканам дил аз туву бардорам аз ту меҳр,
Он меҳр бар, ки афканам, он дил куҷо кунам.
З-он бим, к-ошноиву, бегонагӣ кунӣ,
Дилро ҳамеша бо ҳама ранҷ ошно кунам.
Эй чун ҳаво латиф, зи ранҷи ҳавои ту
Шабҳо ду дасти хеш ҳаме бар ҳаво кунам.
Ин ҳар чӣ бар тан аст ҳама дил кунад ҳаме,
Кай рост бошад, ин ки гила аз ҳаво кунам.
Ҷавру ҷафо макун, ки зи ҷавру ҷафои ту
Бошад, ки бар ту аз дили хаста дуо кунам.
Бо ту ба бад дуо накунам гар ту бад кунӣ,
Дар ранҷу дард гар кунам, эй бут хато кунам.
Гар ҳеҷ чора кард надонам ғами туро,
Ин дил, ки офат аст паси ту раҳо кунам.
Ҳаргиз ҷудой аз ту наҷӯям, ки ту маро
Ҷонӣ, зи ҷони хеш ҷудой чаро кунам?
Ҷонам зи тан ҷудо бод, ар ман ба ҳеҷ вақт
Як лаҳза ҷон зи меҳри ту, эй ҷон, ҷудо кунам.
Ҳар шаб, ки маҳ бароят, ман з-орзуи ту
То вакти субх рӯй ба моҳи само кунам.
Бар нолаву гиристани зор-зори хеш,
Эй моху зӯхра, Зӯҳраву Маҳро гуво кунам.

* * *

То аз бари ман дур шуд он лӯъбати зебо,
Аз ҳаҷр наям як шабу як рӯз шикебо.
Эй, он ки туро зӯҳраву маҳ нест ба монанд,
В-эй он ки туро ҳуру парӣ н-омада ҳамто.
На чун дили ман буд ба зорӣ дили Вомиқ,
На чун рухи ту буд ба хубӣ рухи Узро.
Ман бедилу ту дилбару дар зориву хубӣ,
То ҳашр бихонанд ба хубӣ самари мо.
Хун рондам аз андешаи ҳиҷрону ту ҳозир,
Пас ҳол чӣ бошад чу бимонам зи ту танҳо?
Бигзашт маро умр ба фардову ба имрӯз,
То кай фиканӣ ваъдаи имрӯз ба фардо?

Бо чеҳраи пурчинаму бо комати кӯжам,
В-он чеҳраи ширини тую қомати зебо.
Гумраҳ шавад он кас, ки ҳаме рӯи ту бинад,
Он рӯи накӯ сурати мо нест ҳамоно.
Ҳамранги шабаҳ зулфату ҳамранги буссад лаб
З-ин ҳарду ба дилбурдани ушшоқ мусаммо,
Дар ду шабаҳи ту ду гули сурх шукуфта,
Дар буссади ту дарзада саф лӯълӯи лоло.
Ғавғои чунон рӯю чунон мӯй бисӯзад,
Манмой чунон рӯю чунон мӯй ба ғавғо.
Хуршед ба мӯя шаваду рӯй бипӯшад,
Қ-он рӯи чу хуршед биёрой амдо.
Аз мушк чалипост бар он румии рӯят,
Дар Рум аз ин рӯй парастанд чалипо.
Бар нуқраи хоми ту, буто, хомаи хубӣ
Бингошта аз ғолия ду хатти муаммо.
Дар чоҳ чу маъшуқи Зулайхоям аз ин ишқ,
Аз хубии ту хубии маъшуқи Зулайхо.

# УМАРИ ХАЙЁМ

*Умари Хайём олим ва шоири барҷастаи асрҳои XI—XII мебошад. Номи аслии шоир Абулфатҳ Умар бинни Иброҳим буда, Хайём лақаби ӯст.*

*Ӯ соли 1040 дар Нишопур таваллуд ёфта, солҳои ҷавонӣ ва таҳсили илмро дар ин ноҳия гузаронидааст.*

*Дар солҳои ҷавонӣ шоир вақти худро бештар ба омӯхтани илмҳои ҳандаса, тиб, фалсафа, риёзиёт, адабиёт ва ғайраҳо сарф кардааст.*

*Шӯҳрати Хайём бештар аз рубоиҳои ӯ мебошад.*

*Шоир соли 1095 ба Арабистон меравад. Соли 1112 ба ватанаш — Нишопур баргашта, соли 1123 вафот кардааст.*

*Аз мероси адабии Хайём, ғайр аз таълифоти илмиаш боз шеърҳои ба ду забон навиштаи ӯ боқӣ мондаанд. Аз шеърҳои ба забони арабӣ навиштаи шоир фақат 5 қитъа то даврам мо омада расидаанд. Аз шеърҳои тоҷикиаш бошад, дар баъзе маъхазҳо 172 ва дар баъзеи дигар 252 рубоӣ зикр ёфтааст.*

## АЗ РУБОИЁТ

Онҳо, ки ба ҳикмат дури маънӣ суфтанд,
Дар зоти худованд суханҳо гуфтанд,
Сарриштаи асрор надонист касе,
Аввал занахе заданду охир хуфтанд.

Онон, ки куҳан буванду онон, ки наванд,
Ҳар як паи якдигар якояк бишаванд.
В-ин мулки ҷаҳон ба кас намонад ҷовид:
Рафтанду равему боз оянду раванд.

Гар гул набувад насиби мо, хор бас аст,
В-ар нур ба мо намерасад, нор баст аст;

Гар хирқаву хонақоху шайхе набувад.
Нoқусу калисиёву зуннор бас аст.

Ё раб! Ту гилам сириштай, ман чӣ кунам?!
Пашму қасабам ту риштай, ман чӣ кунам?!
Ҳар неку баде, ки ояд аз ман ба вуҷуд,
Ту бар сари ман набиштай, ман чӣ кунам?!

Афсӯс, ки бефоида фарсуда шудем,
В-аз тоси сипеҳри сарнагун суда шудем;
Дардову надомато, ки то чашм задем
Нобуда ба коми хеш, нобуда шудем.

Соқӣ, дили ман зи даст агар хоҳад рафт,
Дарьёст — куҷо зи худ ба дар хоҳад рафт?!
Сӯфӣ, ки чу зарфи танг пур аз ҷаҳл аст,
Як ҷуръа агар хӯрад, ба сар хоҳад рафт.

Афсӯс, ки номаи ҷавонӣ тай шуд,
В-он тоза баҳори зиндагонӣ дай шуд;
Он мурғи тараб, ки номи ӯ буд шабоб,
Афсӯс, надонам, ки кай омад, кай шуд!

Гар даст ба лавҳаи қазо доштаме,
Бар майлу муроди хеш бингоштаме:
Ғамро зи ҷаҳон яксара бардоштаме,
В-аз шодӣ сар ба чарх афроштаме.

З-ин гунбади гарданда бадафъолӣ бин,
В-аз ҷумлаи дӯстон ҷаҳон холӣ бин;
То битвонӣ ту як нафас худро бош,
Фардо маталаб, дӣ манигар, ҳолӣ бин!

Гар як нафсат зи зиндагонӣ гузарад,
Магзор, ки ҷуз ба шодмонӣ гузарад,
Зинҳор, ки сармояи ин мулки ҷаҳон
Умр аст: бад-он сон гузаронӣ — гузарад.

Аз бода шавад такаббур аз сарҳо кам,
В-аз бода шавад кушода банди маҳкам,
Иблис, агар зи бода хӯрдӣ як дам,
Кардӣ ду ҳазор саҷда пеши Одам.



З-овардани ман набуд гардунро суд,
В-аз бурдани ман ба иззу ҷоҳаш нафузуд;
В-аз ҳеҷ касе низ ду гӯшам нашунуд,
К-овардану бурдани ман аз баҳри чӣ буд.

Бар кӯзагаре парер кардам гузаре,
Аз хок ҳаменамуд ҳар дам ҳунаре;
Ман дидам агар надид ҳар бебасаре,
Хоки падарон дар кафи ҳар кӯзагаре.

Соқӣ, гулу сабза бас тарабнок шудаст,
Дарьёб, ки ҳафтаи дигар хок шудаст;
Май нӯшу гуле бичин, ки то дарнигарӣ,
Гул хок шудасту сабза ҳам пок шудаст.

Асрори азалро на ту донию на ман,
В-ин ҳарфи муаммо на ту хонию на ман,
Ҳаст аз паси парда гуфтугӯи ману ту,
Чун парда барафтад, на ту монию на ман.

Эй кошкӣ ҷои орамидан будӣ,
Ё ин раҳи дурро расидан будӣ;
Кош аз паи сад ҳазор сол аз дили хок
Чун сабза, умеди бардамидан будӣ!

Мақсуд зи ҷумла офариниш моем,
Дар чашми хирад ҷавҳари биниш моем,
Ин доираи ҷаҳон чу ангуштарӣ аст,
Бе ҳеҷ шаке, нақши нигинаш моем.

Ин қофилаи умр аҷаб мегузарад,
Дарьёб даме, ки бо тараб мегузарад,
Соқӣ, ғами фардои қиёмат чӣ хӯрӣ?
Пеш ор пиёларо, ки шаб мегузарад!

Хуршеди сипеҳри безаволӣ — ишқ аст
Мурғи чамани хуҷастафолӣ — ишқ аст;
Ишқ он набувад, ки ҳамчу булбул нолӣ —
— Ҳар гаҳ ки бимирию наколӣ — ишқ аст.

Ин косагаре, ки косаи сарҳо кард,
Дар косагарӣ санъати худ пайдо кард:

Бар хони вучуди мо нагун коса ниҳод
В-он косаи сарнагун пур аз савдо кард.

Дар коргаҳи кӯзагаре рафтам дӯш,
Дидам ду ҳазор кӯза гӯёву хамӯш,
Ногоҳ яке кӯза баровард хурӯш:
«Ку кӯзагару кӯзахару кӯзафурӯш?!»

Дар фасли баҳор агар буте хурсиришт
Як соғари май диҳад маро бар лаби кишт,
Ҳар чанд ба назди омма ин бошад зишт,
Саг беҳ зи ман аст агар кунам ёди биҳишт.

Лаб бар лаби кӯза бурдам аз ғояти оз,
То з-ӯ талабам воситаи умри дароз,
Лаб бар лаби ман ниҳоду баргуфт ба роз:
«Ман ҳам чу ту будаам, даме бо ман соз».

Афлок, ки чуз ғам нафазоянд дигар,
Нанҳанд яке, то нарабоянд дигар,
Ноомадагон агар бидонанд, ки мо
Аз даҳр чӣ мекашем, н-оянд дигар.

Гӯянд: биҳишту ҳуриин хоҳад буд,
Он ҷо май нобу ангубин хоҳад буд;
Гар мо маю маъшуқпарастем равост,
Чун оқибати кор ҳамин хоҳад буд.

Гар даст диҳад зи мағзи гандум ноне,
В-аз май ду мане, зи гӯспанде роне.
Бо дилбараке нишаста дар вайроне
Айшест, ки нест ҳадди ҳар султоне!

Бархез, дило, ки чанг бар чанг занем,
Май нӯш кунему ном бар нанг занем,
Саҷҷода ба як пиёла май бифрӯшем
В-ин шишаи ному нанг бар санг занем.

Ҳар неку баде, ки дар ниҳоди башар аст,
Шодиву ғаме, ки дар қазову қадар аст,
Бо чарх макун ҳавола, к-андар раҳи ақл
Чарх аз ту ҳазор бор бечоратар аст.



Рӯзе, ки гузаштаст, аз ӯ ёд макун,
Фардо, ки наёмадаст, фарьёд макун,
Бар н-омадаву гузашта буньёд макун,
Хуш бош кунуну умр бар бод макун.

Бархез, махӯр ғами ҷаҳони гузарон,
Биншину даме ба шодмонӣ гузарон,
Дар табъи замона гар вафое будӣ,
Ҳаргиз ба ту навбат нашудӣ аз дигарон.

Гар бар фалакам даст будӣ, чун яздон,
Бардоштаме ман ин фалакро зи миён.
В-аз нав фалаке дигар чунон сохтаме,
К-озода ба коми дил расидӣ осон.

## АМИР МУИЗЗӢ

*Амир-уш-Шуаро Абӯабдулло бинни Абдулмалики Нишопурӣ машҳур ба Амир Муиззӣ дар байни солҳои 1072—1127 зиндагӣ кардааст.*

*Боре дар ҳангоми шикор шоир ҳадафи пайкони Султон Санҷар гардид, ки ӯ то айёми марг аз порчаи тири дар сари синааш ҷогирифта азобу шиканҷа дидааст.*

*Эҷодиёти шоир асосан аз қасида, ғазал иборат буда, қитъа ва рубоиёт низ дорад. Девони ӯ аз рӯи чопи Теҳрон 18 ҳазору 500 байтро дар бар мегирад.*

*Таърихи фавти Муиззӣ соли 1124—1127 мебошад.*

### АЗ ҒАЗАЛИЁТ

Шаб намояд дар сифат зулфайни он бутрӯйро,
Маҳ намояд дар сифат рухсори он дилҷӯйро.
Шаб куҷо чавшан бувад кофури деборангро,
Маҳ куҷо мафраш бувад занҷири анбарбӯйро.
Бар замин ҳар кас хабар дорад, ки моҳу офтоб
Саҷда бурданд аз фалак дидори он бутрӯйро.
Баргузашт он моҳпайкар гирди боғу бӯстон,
Гирди рӯ андар ба амдо тоб дода мӯйро.
Мӯю рӯи ӯ ба боғу бӯстон ташвир дод,
Сунбулу шамшодрову лолаи худрӯйро.
Зулфу холашро шиносад ҳар касе чавгону гӯй.
Дархур омад гӯй чавгонрову чавгон гӯйро.
Ҳар куҷо бошад руху хатташ набошад бас аҷаб
Гар надорад шӯй занро тоату зан шӯйро,
Чунки андар хонаи васл омад аз кӯи фироқ,
Дар кушод ин хонарову дар бубаст он кӯйро.
Ӯву ман ҳар ду ба меҳру дӯстӣ якто дилем,
Нест роҳ андар миёна ҳосиду бадгӯйро.



* * *

Эй рӯи ту рахшандатар аз қиблаи Зардушт,
Берӯи ту чун зулфи ту кӯж аст маро пушт.
Ишқи ту маро кушту ҳавои ту маро сӯхт.
Ҷаври ту маро хасту ҷафои ту маро кушт.
Ҳарчанд ҳама ҷавру ҷафои ту кашидам,
Ҳаргиз накунам меҳру вафои ту фаромӯшт.
Бархезу биё, то зи руху зулфи ту имшаб,
Пурлола кунам домону пурмушк кунам мушт.

* * *

Гар ту пиндорӣ, ки розам бе ту пайдо нест, ҳаст,
Ё дилам муштоқи он рухсори зебо нест, ҳаст.
Ё зи ишқи лӯълӯъву ёқути шаккарбори ту,
Чашми гавҳарбори ман ҳар шаб чу дарьё нест, ҳаст.
В-ар туро сурат ҳамебандад, ки аз чашму дилам
Обу оташ то сурову то сураё нест, ҳаст.
Гар ту пиндорӣ, ки бе васли ту ҷон андар танам,
Мустаманду дардманду ношикебо нест, ҳаст.
В-ар ту пиндорӣ, ки аз ҷавру ҷафои рӯзгор
Дар димоғу табъи ман савдову сафро нест, ҳаст.
Гар гумони ту чунон аст, эй санам, к-аз ишқи ту
Ин балоҳо бар мани бечора танҳо нест, ҳаст,
Ин ҳама зиштӣ макун, к-имрӯзро фардо бувад,
В-ар ту гӯй, аз паси имрӯз фардо нест, ҳаст.

* * *

Банда будан туро сазо бошад,
Чун ту андар ҷаҳон куҷо бошад?
Гар кунам бандагит, ҳаст савоб,
Ҷуз туро бандагӣ хато бошад.
То ту дар шаҳр ёри мо бошӣ,
Қори дар шаҳр кори мо бошад.
Нашавад бо нишот бегона,
Ҳар кӣ бо васлат ошно бошад,
Ошиқатро нафас гусиста шавад,
Гар зи ту як нафас ҷудо бошад.

* * *

Сар бар хати ишқи ту ниҳодем дигар бор,
Дар доми балои ту фитодем дигар бор.
То дар шикани зулфи ту бастем дили хеш,
Хуни ҷигар аз дида кушодем дигар бор.
Аз баҳри ту мо тавбаву савганд шикастем,
Бар каф қадаҳи бода ниҳодем дигар бор.
Сармояву перояи мо сабру хирад буд,
Сабру хирад аз даст бидодем дигар бор...
Ҳарчанд, ки будем зи ҳиҷрони ту ғамгин,
Имрӯз ба дидори ту шодем дигар бор.
Васли ту чашидему фироқи ту кашидем,
Гӯй, ки бимурдему бизодем дигар бор.

Санамо, мо зи раҳи дуру дароз омадаем,
Ба сари кӯи ту бо дарду ниёз омадаем.
Гар зи наздики ту охиставу ҳушьёр шудем,
Маҫту ошуфта ба наздики ту боз омадаем...
Як замон гарм кун аз мастии мо маҷлиси хеш,
Ки зи мастӣ бари ту гармфароз омадаем.
Гарчи дар фурқати ту зору низорем чу шамъ,
Аз паи сӯзишу аз баҳри гудоз омадаем.
Бар умеди рухи зебои ту ҳам бо ғаму ранҷ,
Ҳамчунон аст, ки бо шодиву ноз омадаем.
Дасти мо гар ба сари зулфи дарозат нарасад,
Бо сари зулфи ту аз ҷавр ба роз омадаем.
Бинӣ он зулфи дарози ту, ки аз роҳи дароз
Мо ба назораи он зулфи дароз омадаем.
Буд ячанд нишеби талабат дар раҳи мо,
Аз нишеби талаб акнун ба фароз омадаем.
Тӯшаву соз зи дидори ту хоҳем ҳаме,
Гар ба дидори ту бе тӯшаву соз омадаем.

* * *

Диламро ёрӣ аз ёре надидам,
Ғамамро ҳеҷ ғамхоре надидам,
Ба Қофи ишқ бар Симурғи шодӣ,
Агар дидӣ, ту, ман боре надидам,
Умеди роҳате андар кӣ бандам,
К-аз ӯ дарҳол озоре надидам.



Диламро бо даҳонат коре афтод,
К-аз он дарбастатар коре надидам,
Ба ҳар боде шавад зулфи ту аз ҷой,
Ба сони ӯ сабуксоре надидам.

* * *

Бас, ки ман дилро ба доми ишқи хубон бастаам,
Аз нишоти рӯи эшон тавбаҳо бишкастаам.
Ҷустаам ӯро, ки ӯро дида тир андохтаст,
То дилу ҷонро ба тири ғамзаи ӯ хастаам.
Ҳар куҷо сӯзандаеро дидаам чун хештан,
Дӯстиро доман андар домани ӯ бастаам.
Дӯстонам бар сари коранд дар бозори ишқ,
Ман чу маъзулон ҷаро дар гӯшае биншастаам?
Гар ба зоҳир бингирӣ дар кори ман гӯй, магар
Бо саломат ҳамнишину аз хусумат растаам.
Ин саломатро, ки ман дорам, маломат дар қафост,
То напиндорӣ, ки аз доми маломат ҷастаам.
Нӯки хори ҳаҷри ин ёрони мушкинмӯйро,
Аз ҷафои дӯстон дар дидагон бишкастаам.

* * *

Агар ягона шавӣ, бо ту дил ягона кунам,
Зи ишқу меҳри дигар дилбарон карона кунам,
В-агар ҷафо куниву бугзарӣ зи роҳи вафо,
Ду дида тири ҷафои туро нишона кунам.
Рамида кард зи ман гардиши замона туро,
Бад-ин сабаб гила аз гардиши замона кунам,
Сиёҳхоли ту дон асту тиразулфи ту дом,
Ба дом баста шавам, гар тамаъ ба дона кунам,
Ба маҷлисе, ки рафиқон нигоҳ дорандат,
Ба чашм бо ту сухан гӯяму баҳона кунам,
Чу нангаранд рафиқон, нигаҳ кунам сӯи ту,
Чу бингаранд, нигаҳ сӯи остона кунам,
Агар чу мурғ барорам зи орзуи ту, пар,
Ҳама ба кӯю сарои ту, ошьёна кунам,

* * *

Ҷоно, куҷо шудӣ, ки зи баҳри ту ғам х(в)арем,
Ҳар соат аз ғамони ту ошуфтадилтарем.

Лайлии дигарӣ ту ба хубиву дилбарӣ,
Мо дар ғами фироқи ту Маҷнуни дигарем,
Моро ба ишқат андар бекор шуд ду даст,
Як даст бар дилему дигар даст бар сарем.

* * *

То дил бувад, эй дилбар, то ҷон бувад, эй ҷонон,
Бо меҳри ту дорам дил, бо ишқи ту дорам ҷон.
Гар дил бубарӣ, шояд, зеро ки туӣ дилбар,
В-ар ҷон бубарӣ, зебад, зеро ки туӣ ҷонон
Хуш аз ҳама бистонӣ, чун ғамза кунӣ навак,
Гӯй аз ҳама бирбоӣ, чун зулф кунӣ чавгон.
Ҳарчанд, ки султонам охир ба ту мӯҳтоҷам,
Чун ишқ падид ояд, мӯҳтоҷ шавад султон.

## АЗ ТАРҶЕЪБАНД

Ошиқ шудам ба он бути айёр чун кунам,
Саъб аст кор, чораи ин кор чун кунам?
Дар умри хеш бохтаам ишқ чанд бор,
Ҳар бор сабр доштам, ин бор чун кунам?
Дилро ба банди ишқ гирифтор кардаам.
Ҷонро ба дасти ҳаҷр гирифтор чун кунам?
Гӯяд маро, ки дар ғаму тимор сабр кун,
Беҳуда сабр дар ғаму тимор чун кунам?
Гар гирам он ду зулфу бигирам мукобара,
Тадбири он ақиқи шакарбор чун кунам?
Ҷон асту дида он бути хуршедрух маро,
Бо ҷону дида вахшату озор чун кунам?
Чун осмон фиканд маро дар балои ӯ,
Бо осмон хусумату пайкор чун кунам?
Гирам, кунам зи ғамзаи ғаммози ӯ ҳазар,
Бо он бурида турраи тарор чун кунам?

* * *

Аз ишқи рӯи дӯст маро хобу х(в)ар намонд,
Бе хӯ қарору сабрам аз ин бештар намонд.
Равшан ҳаме набинам берӯи ӯ ҷаҳон,
Гӯё ба дидагони ман андар басар намонд.



Хуни ҷигар зи дида биполуд онҷи буд,
Пурхун бимонд дидаву хуни ҷигар намонд.
Дар рӯзгори васл маро буд симу зар,
Чун ҳар ду харҷ кардам, чизи дигар намонд.
Ҳаҷр омаду зи ашк рухам кард симу зар,
Огоҳ шуд магар, ки маро симу зар намонд.
Аз ишқи он даҳон, ки сухан ҳаст аз ӯ асар,
Гаштам чунон ки ҷуз сухан аз ман асар намонд.
Заррин яке хаёламу андар ду чашми ман,
Илло хаёли он санами симбар намонд.
Фарьёд аз он нигор, ки аз ишқи ӯ маро
Ҷуз ранҷи дил захираву ҷуз дарди сар намонд.
Рафт он гули шукуфта, ки дар боғи дӯстӣ,
Бар шохи меҳрубонии ӯ бору бар намонд.
Гар беҳунар бимонд дилам дар фироқи ӯ,
Андар мадеҳ садри аҷал беҳунар намонд...

* * *

Он бут, ки бар дилам дари шодӣ фароз кард,
Якбора худ зи дӯстиву меҳр боз кард.
Зулфи чу шом бар дили мискини ман фиканд,
То бар дилам ҷаҳон дари хуршед боз кард,
Бехоб кард чашми дилам дар фироқи хеш,
То аз хаёли хеш маро бениёз кард.
Рафтам ба масҷид аз паи ӯ, то дуо кунам,
Мавзун зи чашми ман дари масҷид фароз кард,
Гуфтӣ, ҳаме хароб кунад ӯ ба чашми хеш
Ҳар масҷиде ки халқ дар ӯ — дар намоз кард,
Он шаб чӣ буд, ё раб, к-он моҳрӯи ман,
Бо ман ба хилват андар то рӯз роз кард.
Узраш ба ҷон шунидам, ҳаргаҳ ки узр хост,
Нозаш ба ҷон харидам, ҳаргаҳ ки ноз кард...

* * *

Эй боди субҳдам, гузаре кун ба кӯи ман,
Пайғоми ман бубар ба бари моҳрӯи ман.
Ӯро бигӯй, то ту зи кӯям бирафтаӣ,
Аз офтоб нур надидаст кӯи ман.
Будам ба боғи ишқи ту чун тоза гулбуне,
Тимори ту бибурд ҳама рангу бӯи ман,
Берӯю мӯи ту, ки чу насрину сунбул аст,
Монад ба шанбалиду суман рӯю мӯи ман.

Ҷӯест дидаи ману сарвест қоматат.
Андар хур аст сарви ту бар тарфи ҷӯи ман.
Чун ман ба нола ранҷ надодам туро ҳаме,
К-ам з-он ки як паём фиристӣ ба сӯи ман.
Дил гӯй кардам аз паи чавгони зулфи ту,
Чавгони хешро хабаре деҳ зи гӯи ман.
Шуд обрӯи ман ҳама дар ишқ рехта,
То хир-хир санг задӣ бар сабӯи ман.
Мапсанд, к-аз ҷафои ту пурдарду ҳасрат аст,
Ҷоно, вафо бикун ба дили меҳрҷӯи ман.
Мапсанд, к-аз фироқи ту ҳар рӯз нав шавад,
Дар боргоҳи садри ҷаҳон гуфтугӯи ман...

* * *

Ҷоно, умеди ман зи дилу ҷон бурида гир,
Ҳарч-он батар маро зи фироқи ту дида гир.
Пинҳон зи халқ ҷомаи сабрам дарида шуд,
Дар пеши халқ пардаи розам дарида гир.
Шахсам зи фурқати ту чу зарри кашида шуд,
Мӯям зи ҳасрати ту чу сими кашида гир.
Бе чашми ту чу чашми ту бахтам ғунуда шуд,
Бе зулфи ту чу зулфи ту қаддам ҳамида гир.
Аз оташи дилам ба сурайё расид таф,
Аз оби чашми ман ба суро нам расида гир.
Эй оҳуи латиф, рамида зи доми ман,
Бе рӯи ту равон зи тани ман рамида, гир.
Гар васли ту чу барқ аст, аз ман гузашта дон
В-ар ҳаҷри ту чу бод аст, охир вазида гир.
Бархостаст фитнаи ишқи ту аз ҷаҳон,
Фитна нишаста гиру ҷаҳон орамида гир.
То бас, на дер қиссаи мо достон шавад,
Садри замона қиссаи моро шунида гир.

### АЗ МУҚАТТАОТ

Тири шаҳро ба назм бистудам,
Шукр карду ба фахр сар бифрошт.
Омаду бӯса дод синаи ман,
Рафту пайкон ба сина дар бугзошт.
Ман надонам, ки ин вадиатро,
Сина то кай нигоҳ хоҳад дошт?



* * *

Мӯи сиёҳи ман ба ҷавонӣ чу мушк буд,
Кофур шуд ба пирӣ мушки сиёҳи ман.
Овард рӯзгор зи пирӣ асар падид,
Бо рӯи пажмуридаву пушти дутоҳи ман...

### АЗ РУБОИЁТ

Ёзандатар аз рӯзи шуморӣ, эй шаб,
Ториктар аз зулфи нигорӣ, эй шаб.
Аз рӯз ҳаме ёд надорӣ, эй шаб,
Гӯё, ки сапедадам надорӣ, эй шаб.

Эй ёр, чу рӯзгор ёри ману туст,
Бас кас, ки ҳасуди рӯзгори ману туст,
Ин бода, ки андӯҳгусори ману туст,
Баргиру биё, ки кор, кори ману туст.

Эй роҳати ҷони мо зи ду марҷонат,
Ранҷи дили мо зи чашми пурдастонат,
Моро, ки ҷароҳат аст бар синаву дил,
Бар сина зи тиру бар дил аз пайконат.

Гар нури маҳу равшании шамъ турост,
Пас сӯзишу коҳиши ман аз баҳри ҷарост?
Гар шамъ туӣ, маро чаро бояд сӯхт?
В-ар моҳ туӣ, маро чаро бояд кост?

Дилҳо ҳама дар зулфи ту овехта бод,
Ҷонҳо ҳама аз табъи ту омехта бод!
Ҳар шӯр, ки дар ҷаҳон барангезад чарх,
Он шӯр зи ҷаъди зулфат ангехта бод!

Чашми ману чашми он бути тангдаҳон,
Дар байъу шаро шуданду дар суду зиён,
Карданд яке байъ зи мо ҳар ду ниҳон,
Он об бад-ин супурду ин хоб бад-он.

На бо манӣ, арчи ҳамнишинӣ бо ман,
Эй бас дурӣ, ки аз ту бинам то ман,

Дар ман нарасӣ, то нашавам якпо ман,
К-андар раҳи ишқ ё ту лангӣ, ё ман.

Эй ишқ, ту умрам ба карон овардӣ,
Эй ҳаҷр, танамро ба фиғон овардӣ.
Эй дил, ту маро кор ба ҷон овардӣ.
Эй дида, диламро ба забон овардӣ.

# АМЪАҚИ БУХОРОЙ

*Шиҳобиддин Абулнаҷб Амъақи Бухорой аз шоирони маъруфи асри XII мебошад.*

*Шиҳобуддавла лақаби шоир, Амъақӣ тахаллуси ӯст. Оид ба соли таваллуд ва ҷараёни зиндагии вай маълумоти саҳеҳе мавҷуд нест. Замони зиндагиаш ба давраи салтанати салҷуқиҳо (Султон Санҷар 511—552 ҳ, (1118—1158 м.) ва қароханиҳо (Қутбиддин Абулмузаффар Иброҳим ва Насриддин Абулҳасан Наср) рост меояд.*

*Шоир илмҳои давраашро азхуд карда, дар касби шоирӣ то дараҷаи «Амир-уш-шуаро» расидааст.*

*Амъақ дар соли 542 ҳиҷрӣ (1147—48 милодӣ) вафот кардааст. Осори боқимондаи шоир 7 ҳазор байт буда, аз қасида, ғазал, қитъа, таркиббанд ва рубой, ки дар як девон ҷамъ омадаанд, иборат мебошад.*

*Шоир ба ривояте маснавии «Юсуф ва Зулайхо» низ доштааст.*

## АЗ ҚАСОИД

Хез, эй бути биҳиштиву он ҷоми май биёр,
К-урдубиҳишт кард ҷаҳонро биҳиштвор.
Нақши Хаварнақ аст ҳама боғу бӯстон,
Фарши ситабрақ аст ҳама дашту кӯҳсор.
Ин чун баҳорхонаи Чин, пурбаҳори Чин,
В-он чун нигорхонаи Монӣ пур аз нигор.
Он афсари мурассаи шохи суман нигар
В-он пардаи мувашшаҳи гулҳои комгор.
Гулбун арӯсвор биёрост хештан,
В-абраш машотавор ҳаме шӯяд аз ғубор.
Гоҳе тавила бандадаш аз гавҳари сиришк,
Гоҳе ниқоб созадаш аз пардаи бухор.
Он лола бин нуҳуфта дар ӯ оби чашми абр,
Гӯӣ, ки ҷомҳои ақиқ аст пур ақор.

Як боғ лӯъбатони биҳиштӣ шуданд боз,
Ороста ба дурру гуҳар гӯшу гӯшвор.
Ин аз ридои ризвон пӯшида пираҳан
В-он аз пари фариштагон дӯхта изор.
Ин лавҳҳои Мусо бин гирди кӯҳу дашт
В-он сафҳаҳои Монӣ бин бар сари чанор.
Аз жола нақши он ҳама пургавҳари бадеъ,
В-аз лола фарши ин ҳама ёқути обдор.
Ранг асту ранг, ранги ҳама кӯҳсору кӯҳ,
Турфасту турфа, турфа ҳама тарфи ҷӯйбор.
Як кӯҳсор наъраи нахчири ҷуфтҷӯй,
Як марғзор нолаву илҳони мурғи зор.
Ҳомун ситорарух шуду, гардун ситорабахш,
Саҳро ситорабар шуду гулбун ситорабор.
Эй навбаҳори ошиқ! Омад баҳори нав,
Ман банда дур монда аз он рӯи чун баҳор...
Пироҳанам зи оби ду дида чу обгир,
Пироманам зи хуни ду дида чу лолазор.
Гар орзуи васли ту ҷурмест дар гузар,
В-ар интизори васли ту ҷурмест дар гузор.
Моро чу рӯзгор фаромӯш кардай,
Ҷоно, шикоят аз ту кунам ё зи рӯзгор...
На бар муроди васли ту, эй дӯст, дастарс,
На бар дареғи ҳасрати ҳиҷрони ту қарор.
Гаҳ лола бардамад ба рухам бар зи хуни дил,
Гаҳ сабза бардамад зи нами дида бар канор.
Ҳар қатрае, к-аз оби ду чашмам фурӯ чакад,
Гардад зи оташи дилам андар замон шарор.
Рӯзе ҳазор бор ба пеши хаёли ту
Дида кунам ба ҷои сиришк, эй санам, нисор.
Аз ту ба ёди рӯи ту хурсанд гаштаам,
Аз баски мебидоштамат дар дил устувор.
Гар як нафас фироқи ту, андеша кардаме,
Гаштӣ зи бими ҳаҷр дилу ҷони ман фигор
Акнун ту дурӣ аз ману, ман зинда мондаам,
Сахто, ки одамист бар аҳдоси рӯзгор!

* * *

Хаёли он санами сарвқади симзақан
Ба хоби дӯш яке сурате намуд ба ман.
Ҳилолвор рухи равшанаш гирифта кусуф,
Қамандвор қади росташ гирифта шикан,



На назди орази гул, ранги ӯ нишонаи гул,
На гирди синаи симини ӯ насими суман.
Суман-ш сӯхтаву рехта гулаш дар гил,
Яке зи дарди дареғу яке зи боди меҳан.
Рухе, ки буда чу ҷони фариштаи рахшон,
Зи хоку хун шуда ҳамчун либоси Аҳриман.
Шаҳидвор ба хун андарун гирифта мақом,
Ғарибвор ба хок андарун гирифта ватан.
Яке сиришку ҳазорон, ҳазор дарду дареғ,
Яке дареғу ҳазорон ҳазор ҷурму ҳазан.
Гусиста бар рухи беҷодагун тавилаи дур,
Гирифта дар арақи гавҳарин ақиқи Яман.
Чӣ гуфт?— Гуфт:—«Дареғо умеди ман, ки маро
Ғалат фитод чунин дар вафову меҳри ту зан(н).
Гумон набурда будам ман, ки ту бад-ин зудӣ
Сабурвор бубандӣ зи ёди банда даҳан».
Ҳанӯз нарғиси сероби ман надида ҷаҳон,
Ҳанӯз савсани озоди ман надида чаман.
Ҳанӯз ночида аз бӯстони ман кас гул,
Ҳанӯз ношуда сер ин лабони ман зи лабан.
Канори пургули ман рафта дар канори замин,
Ту дар канори сумансинагони симбадан.
Бунафшамӯй маро хок баркушода гиреҳ,
Ту бо бунафшаузорон гиреҳ зада доман.
Ҳамон касам, ки будӣ суратам ҷамоли баҳор,
Ҳамон касам, ки будӣ оразам нигори Хутан.
Ҳамон касам, ки маро ҳар кӣ дидай, гуфтӣ,
Суҳайли мушкинмӯву моҳи зӯҳразақан.
Кунун ба зери заминам чу сад ҳазор ғариб,
Гирифта ин тани мискини ман ба гил маскан.
Зи хоку хишт ҳаме карда бистару болин,
Зи дарду ҳасрат карда изору пироҳан.
Чу чашмҳои ятимон зи оби дида лаҳад,
Чу ҷомаҳои шаҳидон зи хуни дида кафан.
На кас биёрад рӯзе зи рӯзгорам ёд,
На кас бигардад рӯзе маро ба пироман.
Ба зери хок фаромӯш гашта бар дили халқ
Ситам расида зи ҷаври замонаи реман.
Гирифта ёди туро дӯствор андар дил,
Ниҳода аҳди туро тавқвор дар гардан.
Гузоштему гузаштему омадему шудем,
Ту шод зиву бикун нӯш бодаи равшан.
Бихоҳ ҷому барафрӯз Озарибарзин,

Ки пуршамомаву кофур шуд кӯҳу барзан.
Русуми Баҳману Баҳманҷанаҳ асту рӯзи Сада,
Ило ба Бахман пеш ор, қиблаи Бахман.
Замин сафҳаи сим асту, абр ганчи гуҳар,
Дарахт қуббаи кофуру санг дурри Адан.
Сада далели баҳор асту рӯзгори нишот,
Нишот кун, ки ҷаҳон пургул асту пурсавсан.
Шамомаҳои булур аст шохи ҳар гулбун,
Хазинаҳои абир аст хоки ҳар маъдан...

* * *

Хушо, боди саҳаргоҳӣ, ки бар гулшан гузар дорад,
Ки ҳар фаслеву ҳар вақте яке ҳоли дигар дорад.
Гаҳе бар орази ҳомун, зи барги лола гул пӯшад,
Гаҳе бар соҳати саҳро, ки нақши гул сувар дорад.
Дами Исост, пиндорӣ, ки мурда зинда гардонад,
Паи Хизр аст, пиндорӣ, ки олам пурхузар дорад.
Саҳаргаҳ боди шабгирӣ ба гул-бар, соҳирӣ созад.
Чунон гӯӣ калиди сеҳр дар дасти саҳар дорад.
Насими боди фирдавс аст, гӯӣ, к-аз насими ӯ
Рухи боғу канори роғ чун фирдавс фар дорад.
Нигорони биҳиштиро ниқоб аз чеҳра бикшояд,
Арӯсони баҳориро ҳиҷоб аз рӯй бардорад.
Гаҳе бар гул, гул афшонад, гаҳе бар гил гуҳар резад,
Гаҳе дар дил макон дорад гаҳе дар сар мақар дорад.
Алоё, боди рӯҳафзои чеҳрангези мушкафшон,
Хабар деҳ, к-он нигори мо зи ҳоли мо хабар дорад?
Чу мо ҳар шаб сари мижгон ба дурри дида ороед,
Чу мо ҳар шаб руху ораз пур аз ёқути тар дорад...
Шароби бӯи васли ту, ки рӯҳ аз ту тараб гирад,
Магар аз ҷавҳари ҷонӣ, ки ҷон аз ту хатар дорад?
Ҳама мар рӯҳро монӣ, агар аз рӯҳ гул борад,
Ҳама андешаро монӣ, агар андеша бар дорад.
Замири ошиқони ту, ки як соат наёсояд,
Умеди васли маъшуқат ҳамеша дар сафар дорад.
Алоё, ҷуфти танҳоиву ёри рӯзи навмедӣ,
Мабодо, ҷони он кас, к-аз ту ҷонро дӯсттар дорад...

* * *

Агар мӯре сухан гӯяд ва гар мӯе равон дорад,
Ман он мӯри сухангӯям, ман он мӯям, ки ҷон дорад.



Танам чун сояи мӯясту дил чун дидаи мӯрон,
Зи ҳаҷри ғолиямӯе, ки чун мӯрон миён дорад.
Агар мар обу оташро макон мумкин бувад мӯе,
Ман он мӯям, ки дар тӯфону дар дӯзах макон дорад.
Агар бо мӯю бо мӯре шабонрӯзӣ шавам ҳамраҳ,
На мӯй аз ман хабар ёбад, на мӯр аз ман нишон дорад.
Ба чашми мӯр даргунҷам, зи бас зорию бас мастӣ.
Агар хоҳад маро мӯре ба чашм андар ниҳон дорад.
Ман он мӯрам, ки аз зорӣ маро мӯе бипӯшонад,
Ман он мӯям, ки аз сустӣ кам аз мӯре тавон дорад.
Манам чун мӯр аз андӯҳ, аз ҳар мӯй хунафшон,
На мӯе, к-ӯ гиреҳ гирад, на мӯре, к-ӯ миён дорад.
Ба як ҷузв аз ҳазорон ҷузв, як зарра насанҷам ман,
Ки аз арзизу аз оҳан тани ман устухон дорад.
Фироқи дӯст бар ораз ҳаме бингорадам, гӯӣ,
Ҳар он нақше ки рӯзӣ бод, рӯи обдон дорад.
Зи хуни дидагон гаҳ-гаҳ мухатат мекунам ораз,
Чунон пироҳани гулгун, ки солу маҳ камон дорад.
Гаҳ аз ораз барафрӯзам ҳар он ч-андар ҷигар дорам,
Гаҳ аз дида фурӯ борам ҳам он ч-андар даҳон дорад.
Хаёли турки ман ҳар шаб шабехун оварад бар ман,
Чу чашми хастагон чашмам ҳама шаб хунфишон
дорад.
Саҳаргаҳ чун хаёли ӯ маро пироя барбандад,
Аз он гавҳар, ки бӯи мушку ранги нордон дорад.
Маро гӯяд:— Бихар моро, агар зарру гуҳар дорӣ,—
Гуҳар бистон аз ин чашмам, ки зар сими рухон
дорад...

* * *

Дӯш он санами сангдили симбаногӯш,
Омад бари ман сангдилу хаставу мадҳӯш.
Ду наргиси махмур чу ду ноижаи хун,
Ду лаъли гуҳарпӯш чу ду новчаи нӯш.
Э, орази симин-ш пур аз қатраи симоб,
Э, зулфаки мушкин-ш пур аз анбари пурҷӯш.
Ду лаб чу дуто лаълу ду ёқути шакарбор,
Ду рух чу ду гулбаргу ду хуршеди зиреҳпӯш.
Аз хун рухи рангин-ш пур аз ҷадвали тақвим,
В-аз ашки пур аз гавҳар носуфта баногӯш.
Ғарқа шуда аз хуни дил он чеҳраи ширин-ш,
Тира шуда аз гарди ғам он сурати некӯш.

Омад бари ман, гуфт:— Зиҳӣ, ёри вафодор,
Бас зуд шуд ин байъату савганд фаромӯш.
Моро ба баҳо арза кунад пеши ту наҳхос,
Ту сангдил аз дур ҳамебиниву хомӯш.
Эй роҳи хирадбаста, гаҳе чанд ба раҳ ой,
В-эй садди ҷафобаста, замоне ба вафо кӯш.
Беқадртарин кас манам имрӯз бари ту,
Ёд оядат он гаҳ, ки тиҳӣ монад оғӯш.
Бас хун, ки фурӯ резӣ шабгир ба болин,
Он шаб, ки маро ҷӯй аз домани шабпӯш.

### АЗ МУҚАТТАОТ

Серам аз хони сияҳкосаи гардун ҳар чанд
Қурси меҳру маҳам ороиши хон мебинам.
Он чунон хастаам аз дасти хасисон, к-имрӯз
Марҳам аз хастани шамшеру синон мебинам.

### АЗ ҒАЗАЛИЁТ

Эй, орази ту чун гулу зулфи ту чу сунбул,
Ман шефтаву фитнаи он сунбулу он гул.
Зулфайни ту қирест барангехта аз оҷ,
Рухсори ту ширест баромехта бо мул.
Зулфайни ту зоғест баровехта ҳамвор,
Ду моҳ ба минқору ду хуршед ба чангул...

* * *

Ҳангоми он ки гул дамад аз хоки бӯстон,
Рафт он гули шукуфтаву дар хок шуд ниҳон.
Ҳангоми он ки шохи шаҷар нам кашад зи абр,
Бе об монд наргиси он тозабӯстон.
Бо ҷоми бода дар ватан имрӯз барфурӯз,
Он гавҳаре, ки хаст мадад дар сафои ҷон...

* * *

Қадди баланди ӯ ба масал мисли норвон,
Ранги аҷиби ӯ ба сифат ранги нордон.
Бегона аз ситора, валекин ситорабор,
Бебаҳра аз ақиқ, валекин ақиқсон.



Рахшонтар аст пайкараш аз ҷинси офтоб,
Печонтар аст қолибаш аз шохи хайзарон.
Дар гӯши ӯ зи гавҳари чарх аст гӯшвор,
Бар фарқи ӯ зи мушки сиёҳ аст тайласон.
Шангарфро ба гуна далели муайян аст,
Лекин ҳаменамояд зангор аз ӯ духон.
Чун хотири карим сафо андар ӯ падид,
Чун ҳиммати баланд ҷаводӣ дар ӯ аён.
Чун бар замин зи пайкари худ соя афканад,
Сӯи силеҳр пашшаи заррин шавад равон.
Нуқсон куҷо расад ба табоеъ зи рӯзгор,
То ӯст барсипоҳи табоеъ худойгон.

### АЗ РУБОИЁТ

То дида бар он орази гулгун афтод,
Чашмам зи сиришки чашмаи хун афтод,
Ҳар роз, ки дар пардаи дил пинҳон буд,
Бо хуни дилам зи парда берун афтод.

* * *

На дил зи таманнои ту дар бар гунҷад,
На ишқ зи савдои ту дар сар гунҷад,
Эй мӯймиён, аз камарат дар рашкам,
К-он ҷо, ки вай аст, мӯй кай дargунҷад.

* * *

Он сабза, ки аз орази ӯ хоста шуд,
То зани набарӣ ки ҳусни ӯ коста шуд.
Дар боғи рухаш баҳри тамошои дилам
Гул буду ба сабза низ ороста шуд.

* * *

Ҳар дида, ки ошиқ аст, хобаш мадиҳед,
Ҳар дил, ки дар оташ аст обаш мадиҳед.
Дил аз бари ман рамид, аз баҳри худой,
Гар ояду дар занад, ҷавобаш мадиҳед.

Чун наъразанон қасд ба кӯи ту кунам,
Чон дар сари кори орзуи ту кунам,
Дар хар нафасам ҳазор чон мебояд,
То рақскунон нисори рӯи ту кунам.

Нуре зи чамоли худ ба равзан фиканам,
Барқе зи висоли худ ба хирман фиканам,
Ман хори раҳи туву хаси боғи туам,
Дарҳам фиканам зуд ба гулхан фиканам.

Бо ёрам агар нест раҳи дидоре,
Оред ба болини манаш якборе,
То гар мани хастадил набинам рӯяш,
Ӯ хастаи хешро бубинад боре.

# ҲАКИМ САНОӢ

*Абулмаҷд Маҷдуд бинни Одам Саноӣ шоир ва мутафаккири асри XII буда, дар Ғазнин таваллуд ёфтааст. Айёми ҷавониро дар зодгоҳаш гузаронида, баъдтар ба Балх, Ҳирот Нишопур ва ба ҳаҷ низ рафтааст.*

*Ҳаким Саноӣ соҳибдевон аст ва манзумаҳои «Корномаи Балх», «Ҳадиқат-ул-Ҳақиқат», «Тариқ-ул-Таҳқиқ», «Сайр-ул-Ибод», «Корнома», «Ишқнома», «Ақлнома», «Ғарибнома», «Афвнома» ва амсоли инҳо маҳсули хомаи ӯст.*

*Доир ба соли вафоти шоир санаҳои мухталифе дар сарчашмаҳои адабӣ қайд гардидаанд. Ҳудуди солҳои 1140—1150-ро ҳангоми фавти Ҳаким Саноӣ ҳисоб кардан дурусттар аст. Мақбарааш дар шаҳри Ғазнин то имрӯз боқист.*

### АЗ «ҲАДИҚАТ-УЛ-ҲАҚИҚАТ»

Ин асар шоҳкори шоир буда, дар соли 525ҳ. (1120) навишта шудааст. Манзума аз 10 боб иборат буда, 10 ҳазор байтро дар бар мегирад. Ҳар як фасли достон дорои чанд ҳикоя ва масал аст. Мундариҷаи асосии асар ба ғайр аз бобҳои анъанавӣ аз баёни фазилати илм, тасвири ишқу муҳаббат, ҳикмат, накӯҳиши ғафлат, тавзеҳоти нуҷум ва муносибат бо дӯстону душманон, баёни ҳол ва ғайра иборат аст.

### ДӮСТӢ ВА РАФОҚАТ

Дӯсте дӯстро ба меҳмон шуд,
Дӯст ҳозир набуд, пушаймон шуд.
Гуфт занро, ки: «Кадхудоят ку?»
Зан варо гуфт: «Гуфтанӣ баргӯ».

Гуфт: «Пеш ор кисаи зару сим».
Зан биёварду карда зар таслим.
Мард букшод кисаи динор,
Баргирифт он қадар, ки буд даркор.
Мобақӣ он чӣ монд занро дод,
Бадар омад зи хона хурраму шод.
Чун шабонгоҳ шӯй бозомад,
Зан бари шӯи худ фароз омад,
Гуфт бо шӯи хеш васф-ул-ҳол,
Шод шуд марду ғам гирифт завол.
Ҷумла буд он ниҳода сад динор,
Бист бардошт марду рафт ба кор,
Ба фидо кард зар, ҳар он чӣ бимонд,
Мустаҳиқро зи ранҷу ғам бираҳонд.
Гуфт: «Дарвешро диҳам динор,
Ки маро шод кард некуёр.
Беҳузури ман инчунин сарамард,
Моли ман з-они хеш фарқ накард.
Ҷумла дарвешро диҳам молам,
Аз чунин дӯстӣ чаро нолам?
Хаси шукронае кунун дарх(в) ард
З-он ки дар моли ман тасарруф кард».
Дӯстон, эй писар, чунин буданд,
К-аз мурооти ҳам наёсуданд.
Молу ҷон дӯстро фидо карданд,
Роҳати дӯстро ғизо карданд.
Ту ба донге дирам ки дӯст барад,
Синаат ҳамчу нор пӯст дарад.
Чӣ кунӣ хира дӯстӣ даъвӣ,
Ҳама гуфтори ҳарза бемаъниӣ!
Бо баду нек вақти доду ситад,
Накунад ҳеҷ нек ҳаргиз бад.
Дӯстро гар зи ҳам бидаррӣ пӯст,
Гар кунад оҳ, ӯ набошад дӯст.
Дӯст, к-аз косу коса дур бувад,
Аз сипосу сабӯса дур бувад.
В-ар бигӯӣ ба дӯст, барҷаҳ хин,
Гӯядат, то куҷо?—«Бигӯ, биншин».
Ёри бад ҳамчу теғи дидор аст,
Нарму тез асту равшану тор аст.
Ёри бад душман аст рӯ ба рӯй,
Ту аз ин ёррӯй дурӣ ҷӯй.
Мардро раҳзани яқин бошад,



Ҳар қарине, ки дуни дин бошад.
Ҳар киро бо битона ёри бад аст,
Дон, ки дар саҳни хона мори бад аст.
Ёри бадро макун ба чашм батар,
Накунад шиша кас руфу ба табар.
Шохи бе баргу мева, хор бувад,
Ёри бенафъ, дафъи мор бувад!
Мар туро он рафику ёр ояд,
Ки ба неку ба бад ба кор ояд.
Дӯстоне, ки бедареғ буванд,
Дӯстро ҳамчу теғу меғ буванд.
Ёри ҳамкоса ҳаст бисьёре,
Лек ҳамкиса кам бувад ёре.

## ТАМСИЛИ ҲИФЗИ АСРОР

Буд марде алилро вараме,
В-аз варам барнаёмадиш даме.
Рафт рӯзе ба назди доное,
Зираке пурхирад тавоное,
Гуфт: «Бингар, ки аз чӣ маълулам,
Қ-аз хӯру хоб ҷумла маъзулам!»
Муҷассаш чун бидид марди ҳаким,
Гуфт: «Эмин нишин зи андӯҳу бим.
Нест дар ботини ту ҳеҷ халал,
Менабинам зи ҳеҷ навъ илал».
Мард гуфто, ки «боз гӯям ҳол,
Қ-аз чӣ афтод бар ман ин аҳвол?
Роздори мулуку подшаҳам,
Бо мизоҷи мулаввану табаҳам.
Шаҳ Сикандар диҳад ҳама комам,
Ки варо ман гузида ҳаҷҷомам.
Лек розест дар дилам пайваст,
Рӯзу шаб ҷон ниҳода бар кафи даст.
Натавонам кушод рози ниҳон,
Ки аз он бими сар бувад ба замон.
Солу маҳ мустаманду ғамгинам,
Беш аз ин нест роҳу оинам».
Гуфт марди ҳаким:—«Рав танҳо,
Беалоиқ ниҳон сӯи саҳро.
Чоҳсоре бубин харобшуда,
Гашта матмӯсу, хушк аз об шуда,

Андар он чоҳ гӯй рози дилат,
То биёсояд ин сиришта гилат».
Мард панди ҳаким чун бишнид,
Ҳамчунон кард з-он ки чора надид.
Шуд ба саҳро дарун пур аз ғаму дард,
Аз паи дафъи ранҷу роҳати фард.
Дид чоҳе харобу холӣ ҷой,
Дарди худро чунон шинохт давой,
Сар фурӯ чоҳ карду гуфт: «Эй чоҳ,
Рози моро нигоҳ дор, нигоҳ!
Шаҳ Сикандар ду гӯш ҳамчу харон —
Дорад, ин аст роздори ниҳон».
Боз гуфт ин сухан се бору бирафт,
Бингар ӯро, ки чун гирифт огафт
З-он кӯҳанчоҳ найбуне баррӯст,
Шуд қавӣ найбуне баромад чуст.
Дид марде, шубон, дар он чах най.
Бибурид он наю шумурдаш фай.
Қард ное аз он наи тоза,
Рози дилро, ки донад андоза...
Ной чун дардамид кард овоз,
Бо халоиқ, ки фош кардам роз:
«Шаҳ-Сикандар ду гӯши хар дорад,
Халқ аз ин роз кай хабар дорад?»
Фош гашт ин сухан ба гирди ҷаҳон,
Марди ҳаҷҷомро бурид забон.
То бидонӣ, ки рози беҳрӯзон,
Тез аз ҷамру оташи сӯзон.
Оламе пур зи отаху тафу дуд,
Беҳтар аз як сухан, ки рози ту буд.

## ДАР МАЗАММАТИ ШОИРОНИ МАДДОҲ

В-он касоне, ки бори халқ кашанд,
З-он амал солу моҳ шоду х(в)ашанд.
Солу моҳ аз барои неку бадӣ
Шуда розӣ ба ҷаври ҳамчу х(в)адӣ...
Рӯзу шаб дар рикоби сифла давон,
Ҳамчу саг хостори луқмаи нон.
В-ар кунад атса мар варо чу худой.
Саҷда орад, биистад ба ду пой.
В-аз паи сӯзиёну аз чизаш,



Ярҳамуллоҳ гӯянд аз тизаш.
Аз паи як-ду нон ба раъноӣ
Хонад ӯро чу Ҳотами Тоӣ.
Дар сухан сифла жож мехояд,
То-ш з-он тирраҳот бистояд.
Дар шуҷоат варо ба сони Алӣ,
Меситоянд, ки сахт бебадалӣ.
Дар саховат варо зи Ҳотами Тай
Бугзаронад ба шарҳи иззи алай.
Гар худоро чунон парастидӣ,
Аз худо ҳар чӣ хостӣ, дидӣ.
Хидматаш беҳ зи фарз пиндорад,
В-аз паи ӯ намоз бугзорад.
Шодмона зияд, ки чун ман кист?
Ҳурматам ҳасту дил зи ком тиҳист...
Рост гуфт ин масал хирадманде,
Ки ҷаҳонрост лафзи ӯ панде.
Ҳар куҷо ҳаст раҳ фаро донӣ,
Банда гаштаст аз паи ноне.
Ҳар куҷо тезфаҳм фарзоне-ст,
Бандаи кундфаҳм — нодонест.
Ризқи раззоқ бинад аз маҳдум,
Ин-т нодону аз хирад маҳрум.
Бандаро, эй ту розиқи мазруқ
Дур гардон зи хидмати махлуқ!

## АЗ ҚАСОИД

Мансух шуд муруввату маъдум шуд вафо,
З-ин ҳар ду монда ном чу симурғу кимиё.
Шуд ростӣ хиёнату шуд зиракӣ сафеҳ,
Шуд дӯстӣ адовату шуд мардумӣ ҷафо.
Гаштаст божгуна ҳама расмҳои халқ,
З-ин олами набаҳраву гардуни бевафо.
Ҳар оқиле ба зовияе монда мумтаҳан.
Ҳар фозиле ба доҳияе гашта мубтало,
Он кас, ки гӯяд аз раҳи маънӣ кунун ҳаме,
Андар миёни халқ мумайиз чу ман куҷо?
Девонаро ҳаме нашиносад зи ҳушьёр,
Бегонаро ҳаме бигузинад бар ошно.
Бо якдигар кунанд ҳаме кибр ҳар гурӯҳ,
Огоҳ на, к-аз он натавон ёфт кибриё...

Бо ин ҳама ки кибр накуҳида одатест,
Озодаро ҳаме зи тавозӯъ бувад бало.
Гар ман накӯшаме ба тавозӯъ, набинаме
Аз ҳар хасе мазаллату аз ҳар касе ано.
Бо ҷоҳилон агарчи ба сурат баробарам,
Фарқе бувад ҳар оина охир миёни мо.
Омад насиби ман зи ҳама мардумон ду чиз:
Аз дӯстон мазаллату аз душманон риё.
Қавме раҳи мунозиати ман гирифтаанд,
Бе ақлу бекифояту бефазлу бе даҳо.
Бар душманон ҳаме натавон буд мутмаин,
Бар дӯстон ҳаме натавон кард муттако.
Ман ҷуз ба шахс нестам он қавмро назир,
Шамшер ҷуз ба ранг намонад ба гандано.
Бо ман ҳама хусумати эшон аҷабтар аст,
З-оҳанги мӯрча ба сӯи чанги аждаҳо.
Гардад ҳаме шикофта дилшон зи хашми ман,
Ҳамчун маҳ аз ишорати ангушти Мустафо.
Чун гирам аз барои ҳакимӣ қалам ба даст,
Гардад ҳама даовии он тонфа ҳабо.
Ночой бишканад ҳама номуси ҷодувон,
Дар мавзее, ки дар кафи Мусо бувад асо.
Эшон ба назди халқ наёбанд рутбате,
То табъашон бувад зи ҳама донише хало.
Зеро ки бе матар набувад меғро хатар,
Чунон ки бегуҳар набувад теғро баҳо.
З-эшон набуд бок раҳиро ба заррае,
К-аз обгина зулм наояд бар осиё.
Онам, ки бурдаам алами илм дар ҷаҳон
Бар гӯшаи сурайё аз маркази саро.
Бо ақли ман набошад Миррихро тавон,
Бо фазли ман набошад Хуршедро зако.
Шоҳон ҳамекунанд ба фазли ман ифтихор
Ҳуррон ҳамекунанд ба назми ман иқтидо...
Олист ҳимматам ба ҳама вақт чун фалак,
Софист назми ман ба ҳама вақт чун ҳаво,
Бар ҳимати ман аст сахоҳои ман далел,
Бар назми ман бас аст суханҳои ман гуво.
Ҳаргиз надидаву нашунид ин касе зи ман,
Қирдори носутудаву гуфтори носазо.
Ин фахр бас маро, ки надидаст ҳеҷ кас
Дар насри ман мазамммату дар назми ман ҳиҷо.
Дар пои нокасон на парогандаам гуҳар,



Аз дасти меҳтарон напазируфтаам ато.
Онро, ки ӯ ба сӯҳбати ман сар дароварад,
Гӯям санои неку шиносам ба дил вафо.
Ар зиллате падид шавад з-ӯ муоина,
Ангорамаш савобу набинам аз ӯ хато.
Аҳли Сарахс менашиносанд ҳаққи ман,
То реҳлате набошад аз ин ҷойгаҳ маро,
Миқдори офтоб надоданд мардумон,
То нури ӯ нагардад аз осмон ҷудо,
Он вакт қадри ӯ бишиносанд бо яқин,
К-ояд, шабу падид шавад бар фалак саҳо.
Андар ҳазар набошад озодаро хатар,
В-андар ҳаҷар набошад ёқутро баҳо.
Шуд гуфтаи Саной чун каъба назди халқ,
З-ин бештар фузул, кӣ ёбад зи ибтидо?!
То килки ӯ ба гоҳи фасоҳат равон бувад,
Бозори ӯ ба назди бузургон бувад раво.
Он гаҳ ба коми ӯ нафасе барнаёваранд,
Дар дӯстӣ куҷо бувад ин қоида раво?
Озори ӯ кашанд биамдо ба хештан,
З-он сон, ки каҳ кашад ба сӯи хеш қаҳрабо.
Дар фазли ӯ кунанд ба ҳар мавзее ҳасад,
Бар нуқси ӯ диҳанд зи ҳар ҷонибе ризо.
Оқил, ки ин шунид бидонад ҳақиқате,
К-ин ҳарфи душманону ҳасудони бенаво.

## АЗ ҒАЗАЛИЁТ

Соқиё, донӣ, ки махмурем, дардеҳ ҷомро,
Соате ором деҳ ин умри беоромро.
Мири маҷлис чун ту бошӣ, бо ҷамоат дарнигар,
Хом дардеҳ пухтарову пухта дардеҳ хомро.
Қолаби фарзанди одам озро манзил шудаст,
Андӯҳи бешиву пастӣ тира кард айёмро.
На биҳишт аз мо тиҳӣ гардад, на дӯзах пур шавад,
Соқиё, дардеҳ шароби арғувонифомро.
Қилу қоли Боязиду Шиблию Кархӣ чӣ буд?
Қор, кори хеш дон андарнавард айёмро.
То замоне мо бурун аз хоки одам дам занем,
Нангу номе нест бар мо ҳеҷ хосу омро.

Нест бедидори ту дар дил шикебой маро,
Нест бегуфтори ту дар дил тавоной маро.
Дар висолат будам аз сафрову аз савдо тиҳӣ,
Кард ҳиҷрони ту сафроиву савдой маро.
Ишқи ту ҳар шаб барангезад зи ҷонам растахез,
Чун ту бугрезию бигзорӣ ба танҳой маро.
Чашмаи хуршедро аз зарра нашносам ҳаме,
Нест гӯӣ заррае дар дида биной маро.
Аз ту ҳар ҷое нанолам то ту ҳарҷой шудӣ,
Нест ҷои нола аз маъшуқи ҳарҷой маро.
Гоҳи пирӣ омад аз ишқи ту бар рӯям падид
Ончи пинҳон буд дар дил гоҳи барной маро.
Кард маъзулам замона гоҳи доноиву ақл,
Бо балои ту чӣ суд аз ақлу доной маро?

Эй, аз бунафша сохта бар гул мисолҳо,
Дар офтоб карда зи анбар кулолҳо.
Ҳорути ту зи мӯъҷиза дорад далелҳо,
Моруги ту зи шӯъбада дорад мисолҳо,
Ҳар рӯз бомдод бароиву барзанӣ
Аз мушки суда бар сумани тоза холҳо.
Эй кошкӣ зи хоста муфлис набудаме,
То кардаме фидои ҷамоли ту молҳо.
Не бар умеди фазл гузорам ҳаме ҷаҳон,
Охир кунад худой дигаргуна ҳолҳо.

Қори ту пайваста озод аст. Гӯӣ нест?— Ҳаст,
З-ин сабаб кори дилам зор аст. Гӯӣ нест?— Ҳаст.
Хасми ту бозори ман бишкасту бо хасм, эй санам,
Мар туро пайваста бозор аст. Гӯӣ нест?— Ҳаст.
То ба харвор аст шаккар, лаъли нӯшини туро,
Дар дилам ишқат ба харвор аст. Гӯӣ нест?— Ҳаст.
Турраи таррори ту дил дуздад аз мардум ҳаме,
Шуд яқин, к-он турра таррор аст. Гӯӣ нест?— Ҳаст.
Моҳрӯё, то ту кардӣ рояти суҳбат нагун
Рояти сабрам нагунсор аст. Гӯӣ нест?— Ҳаст.
Бӯсаеро з-он лаби чун лаъли нӯшинат ба ҷон
Ҷокари мискин харидор аст. Гӯӣ нест? — Ҳаст.
Наргиси хунхори ту пайваста хун резад ҳаме,
Наргисат бас шӯху хунхор аст. Гӯӣ нест?— Ҳаст.



То кай кунам аз турраи таррори ту фарьёд,
То кай кашам аз ғамзаи ғаммози ту бедод.
Як шаҳр зану мард ҳаме боз надонанд
Фарьёди ман аз хандаву бедори ту аз дод.
Он рӯз, ки зулфайни нагуни ту бididанд,
Гаштанд туро банда чу ман бандаву озод.
Ҳушьёр нашуд, ҳар кӣ зи гуфтори ту шуд маст,
Ғамнок нашуд, ҳар кӣ зи дидори ту шуд шод.
Ман бо рухи чун лолаву бо орази чун мушк,
Бо қомати чун тир зи васли ту кунам ёд.
Ту зар кунӣ аз лола чу кофур кунӣ аз мушк,
Чавгон кунӣ аз тир, зиҳӣ ҷодуи устод!
Вайрон кунӣ он дил, ки дар ӯ созӣ манзил,
Ҳаргиз нагузорӣ, ки бувад манзилат обод.
Эй манзили ту гашта зи ошӯби ту вайрон,
Он шаҳр, к-аз ӯ хостӣ, ободӣ, ҳама бод.
Ҷайҳун шуда чашми ман аз он зулфи сумансо,
Барбод шуда зулфи ту аз қомати шамшод,
Машҳури ҷаҳон гашта Саной зи ғами ту
Аз рӯи чу хуршеди ту, эй турфаи Бағдод.
Ту мояи хубӣ шудӣ, эй мояи хубон,
Афканда дар ин хастадилам ишқи ту буньёд.
Сад раҳмату сад шодӣ, бар ҷони ту, эй бут,
Модар, ки туро зод бар ӯ низ дуо бод!

Дӯш то рӯз ман аз ишқи ту будам ба хурӯш,
Ту чӣ донӣ, ки чӣ буд аз ғами ту бар ман дӯш.
Мезадам оби сабурӣ зи ду дида бар дил,
Чунки аз оташи ишқи ту баровардӣ ҷӯш.
Гоҳ чун ной будам аз ғами ту бо нола,
Гоҳ будам чу камонча зи фироқат ба хурӯш.
Ҳар шабам ваъда диҳӣ, к-ояму н-ой бари ман
Чанд аз ин ишва харам ман зи ту, эй ишвафурӯш?!
Ҳам ба ҷони ту, ки бар ёди лаби нӯшинат,
Ҳар чӣ дар олам заҳр аст, тавон кардан нӯш.

Ман насиби хеш дӯш аз умри худ бардоштам,
К-аз суман болину аз шамшод бистар доштам.
Доштам дар бар нигореро ки аз дидори ӯ
Пояи тахти худ аз хуршед бартар доштам.

Наргису шамшоду савсан мушку симу моҳу гул,
То ба ҳангоми саҳар ҳар ҳафт дар бар доштам.
Бар ниҳода бар бари чун симу савсан доштам,
Лаб ниҳода бар лаби чун шиpу шаккар доштам.
Дасти ӯ бар гардани ман ҳамчу чанбар буду ман.
Дасти худ дар гардани ӯ ҳамчу чанбар доштам.
Бомдодон чун нигаҳ кардам басе фарқе набуд,
Чанбар аз зар дошт ӯ, савсан зи анбар доштам...

Эй дидани ту ҳаёти ҷонам,
Нодиданат офати равонам.
Дил сӯхтаи ба оташи ишқ,
Бифрӯз ба нури васл ҷонам,
Бе ишқи висоли ту набошад
Ҷуз ном зи айш бар забонам.
Акнун ки дилам рабудӣ аз ман,
Бе рӯи ту буд чун тавонам,
Дардест маро дар ин дил аз ишқ,
Дармонаш ҷуз аз ту менадонам.
Бар бӯи ту з-орзуи рӯят,
Ҳамвора ба кӯи ту давонам,
То гӯш шабе шунид номат,
Ҷуз номи ту нест бар забонам.
То лола шудат ҳиҷоби лӯълӯ
Лӯълӯст ҳамеша бар рухонам.
Гулнори биҳӣ шудам зи тимор.
В-ин ашк ба ранги нордонам.
Буд ҳоли рухи ту эй нигорин,
Шӯри дилу нури дидагонам...
Пеш ой бутову бода пеш ор,
Биншон бари хеш як замонам.
Аз дасти ту гар чашам шаробе,
То ҳашр чу Хизр зинда монам.

Омад бари ман чаҳону ҷонам,
Унси дилу роҳати равонам.
Бархостамаш ба бар гирифтам,
Бифзуд ҳазор ҷон ба ҷонам.
Аз қадди баланду зулфи пасташ,



Гуфтам, ки магар бар осмонам.
Чун сар биниҳод дар канорам,
Рафт аз бари ман ҷаҳону ҷонам.
Фарьёд маро зи бонги мӯъзин
Ман бандаи бонги посбонам.

Моҳрӯё, гирди он рух зулфи чун занҷир чист?
В-он дар он занҷир чандон печу тоб аз қир чист?
Гар бувад занҷири ҷонон аз паи девонагон,
Худ манам девона бар ораз туро занҷир чист?
Гар шаробу шир хоҳӣ музмар андар ёсамин,
Тӯдаи анбар фиганда бар шаробу шир чист?
Қиблаи ҷон, эй нигор, аз сурату рӯи ту нест,
Аз хаёлат рӯзу шаб дар чашми ман тасвир чист?
Қадди ман гар чун камон аз ишқи ту шуд, пас чароі
Гирди он ду наргиси бемор чандон тир чист?...
Дар азал рафтаст тақдире зи ишқат бар сарам,
Ҷуз ризо додан нигоро ҳилаву тадбир чист?
Эй Саной, чун муқассир нестӣ дар ишқи ӯ,
Дар вафову аҳди ту чандин аз ӯ тақсир чист?

Ман киям к-андешаи ӯ ҳамнафас бошад маро,
Ё таманнои висоли чун ту кас бошад маро.
Гар бувад шоистаи ғам хӯрдани ту ҷони ман,
Ин насиб аз давлати ишқи ту бас бошад маро.
Гар на ишқат сояи ман шуд, чаро ҳаргаҳ, ки ман
Рӯй бартобам аз ӯ пӯён зи пас бошад маро.
Ҳар нафас, к-онро ба ёди рӯзгори ту занам,
Ҷумлаи олам туфайли он нафас бошад маро.
Ҳар замон з-уммеди васли ту дили худ хун кунам,
Боз гӯям на, чӣ ҷои ин ҳавас бошад маро.
Чун хаёли хоки поят менабинад чашми ман,
Бар висоли ту чӣ гуна дастрас бошад маро.

Ғарибу ошиқам бар ман назар кун,
Ба назди ошиқон як шаб гузар кун.
Бубин он рӯи зарду чашми гирьён,
Зи бадаҳдӣ дили худро хабар кун.

Наргису шамшоду савсан мушку симу моҳу гул,
То ба ҳангоми саҳар ҳар ҳафт дар бар доштам.
Бар ниҳода бар бари чун симу савсан доштам,
Лаб ниҳода бар лаби чун ши://шаккар доштам.
Дасти ӯ бар гардани ман ҳамчу чанбар буду ман.
Дасти худ дар гардани ӯ ҳамчу чанбар доштам.
Бомдодон чун нигаҳ кардам басе фарқе набуд,
Чанбар аз зар дошт ӯ, савсан зи анбар доштам...

Эй дидани ту ҳаёти ҷонам,
Нодиданат офати равонам.
Дил сӯхтаи ба оташи ишқ,
Бифрӯз ба нури васл ҷонам,
Бе ишқи висоли ту набошад
Ҷуз ном зи айш бар забонам.
Акнун ки дилам рабудӣ аз ман,
Бе рӯи ту буд чун тавонам,
Дардест маро дар ин дил аз ишқ,
Дармонш ҷуз аз ту менадонам.
Бар бӯи ту з-орзуи рӯят,
Ҳамвора ба кӯи ту давонам,
То гӯш шабе шунид номат,
Ҷуз номи ту нест бар забонам.
То лола шудат ҳиҷоби лӯълӯ
Лӯълӯст ҳамеша бар рухонам.
Гулнори биҳӣ шудам зи тимор,
В-ин ашк ба ранги нордонам.
Буд холи руҳи ту эй нигорин,
Шӯри дилу нури дидагонам...
Пеш ой бутову бода пеш ор,
Биншон бари хеш як замонам.
Аз дасти ту гар чашам шаробе,
То ҳашр чу Хизр зинда монам.

Омад бари ман ҷаҳону ҷонам,
Унси дилу роҳати равонам.
Бархостамаш ба бар гирифтам,
Вифзуд ҳазор ҷон ба ҷонам.
Аз қадди баланду зулфи пасташ,



Гуфтам, ки магар бар осмонам.
Чун сар биниҳод дар канорам,
Рафт аз бари ман ҷаҳону ҷонам.
Фарьёд маро зи бонги муъзин
Ман бандаи бонги посбонам.

Моҳрӯё, гирди он рух зулфи чун занҷир чист?
В-он дар он занҷир чандон печу тоб аз қир чист?
Гар бувад занҷири ҷонон аз паи девонагон,
Худ манам девона бар ораз туро занҷир чист?
Гар шаробу шир хоҳӣ музмар андар ёсамин,
Тӯдаи анбар фиганда бар шаробу шир чист?
Қиблаи ҷон, эй нигор, аз сурату рӯи ту нест,
Аз хаёлат рӯзу шаб дар чашми ман тасвир чист?
Қадди ман гар чун камон аз ишқи ту шуд, пас ҷароӣ
Гирди он ду наргиси бемор чандон тир чист?...
Дар азал рафтаст тақдире зи ишқат бар сарам,
Ҷуз ризо додан нигоро ҳилаву тадбир чист?
Эй Саноӣ, чун муқассир нестӣ дар ишқи ӯ,
Дар вафову аҳди ту чандин аз ӯ тақсир чист?

Ман киям к-андешаи ӯ ҳамнафас бошад маро,
Ё таманнои висоли чун ту кас бошад маро.
Гар бувад шоистаи ғам хӯрдани ту ҷони ман,
Ин насиб аз давлати ишқи ту бас бошад маро.
Гар на ишқат сояи ман шуд, чаро ҳаргаҳ, ки ман
Рӯй бартобам аз ӯ пӯён зи пас бошад маро.
Ҳар нафас, к-онро ба ёди рӯзгори ту занам,
Ҷумлаи олам туфайли он нафас бошад маро.
Ҳар замон з-уммеди васли ту дили худ хун кунам,
Боз гӯям на, чӣ ҷои ин ҳавас бошад маро.
Чун хаёли хоки поят менабинад чашми ман,
Бар висоли ту чӣ гуна дастрас бошад маро.

Ғарибу ошиқам бар ман назар кун,
Ба назди ошиқон як шаб гузар кун.
Бубин он рӯи зарду чашми гирьён,
Зи бадаҳдӣ дили худро хабар кун.

Туро рухсат кӣ дод, эй меҳрпарвар,
Ки ҷони ошиқон зеру забар кун.
На бас корест куштан ошиқонро,
Бирав фармон ба ӯ кори дигар кун.
Саноӣ рафту бо худ бурд ҳиҷрон,
Ту номаш ошиқи хастаҷигир кун...

Ҷоно, агарчи ёри дигар мекунӣ, макун!
Асбоби ишқ зеру забар мекунӣ, макун!
Гӯӣ дигар кунам, магарам кор беҳ шавад
Ҳаққо, ки кори хеш батар мекунӣ, макун!
Манмой рӯи хеш ба ҳар насазо аз он-к
Худро ба гирди шаҳр самар мекунӣ, макун!
Бар гул зи мушки ноб рақам мекашӣ, макаш!
Ҳар мушкро ниқоби қамар мекунӣ, макун!
Эй симтан зи ишқи лаби чун ақиқи худ
Рухсораи маро ту чӣ зар мекунӣ, макун.

Чун дарди ошиқӣ ба ҷаҳон ҳеҷ дард нест,
То дарди ошиқӣ начашад мард, мард нест.
Оғози ишқ як назараш боҳаловат аст,
Анҷоми ишқ ҷуз ғаму ҷуз оҳи сард нест.
Ишқ оташест дар дилу обест дар ду чашм,
Бо ҳар кӣ ишқ ҷуфтаст, з-ин ҳар ду фард нест,
Шаҳдест бо шарангу нишотест бо тараб,
Доруи дарднок аст онро ки дард нест.
Он кас ки ишқ бозаду ҷон бозаду ҷаҳон,
Бинмой ошиқе, ки рух аз ишқ зард нест.

* * *

Моҳрӯё, дар ҷаҳон овозаи овози туст,
Қорҳои ошиқон носохта аз сози туст.
Ҳар куҷо назмест ширин қиссаҳои ишқи туст,
Ҳар куҷо насрест зебо номаҳои нози туст.
Бози ишқат ҷумлабозонро чу тайху сайд кард
Ҳаст олӣ ҳиммат он бозе ки сайди бози туст.
Сад ҳазорон дил фидо бодо дилеро, к-ӯ зи ишқ
Солу моҳу рӯзу шаб машғули шоҳидбози туст.



Дилбаро, дилҳои мардон ҷумла мулки ғанҷи туст,
Гулрухо, ҷонҳои покон ҷумла мулки нози туст.
Осмони тунду саркаш зердасту роми туст,
Рӯзгори тундтавсан дояи анбози туст.
Ҳаркӣ бо чашмест бино боргоҳи ишқи туст,
Ҳар куҷо гӯшест воло, ошиқи овози туст.

Гар бигӯӣ ошиқӣ бо мо ҳам аз як хонай,
Бо ҳама кас ошно, бо мо чаро бегонай!
Мо чу андар ишқи ту якрӯй чун оинаем,
Ту чаро дар дӯстӣ бо мо дусар чун шонай.
Шамъи худ хонӣ ҳаме morову мо дар пеши ту,
Пас туро парвои ҷон аз чист, гар парвонай.
Ҷуз ба умре дар раҳи мо рост натвон рафт аз он-к,
Ҳамчу фарзин каҷравӣ дар роҳ, нофарзонай.
Ошиқӣ, к-аш банди ақлу офият ҷастан бувад.
Гар чунинӣ, ошиқӣ, в-ар нестӣ, девонай!
З-он зи васли мо надорӣ як дам осоиш, ки ту
Рӯзу шаб савдои худ донӣ, даме моро най...
Ҳар куҷо саҳрост гарму равшан аст аз офтоб,
Ту аз он дар соя мондастӣ, ки андар хонай.
Ту барои мо ба гирди доми мо гардӣ, валек
Доми моро донае ҳасту ту марди донай.
Бар худӣ ошиқ, на бар мо, эй Саноӣ, баҳри он-к,
Рӯзу шаб марди фусуну шуъбадаафсонай.

### АЗ РУБОИЁТ

Онӣ, ки фидои ту равон мебояд,
Пеши рухи ту нисор ҷон мебояд.
Ман ҳеҷ надонам, ки киро монӣ ту
Эй дӯст, чунонӣ, ки чунон мебояд.

Марде ки ба роҳи ишқ ҷон фарсояд
Бояд, ки бидуни ёри худ нагрояд.
Ошиқ ба раҳи ишқ чунон мебояд,
К-аз дӯзаху аз биҳишт ёдаш н-ояд.

Эй дидани ту роҳати чони човид,
Шаб моҳи манию рӯзи равшан хуршед.
Рӯзе, ки набошадам ба дидорт умед
Он рӯз сиёҳ боду он дида сапед!

Эй рӯи ту рахшандатар аз қиблаи габр,
В-эй чашми ман аз фироқ гирьянда чу абр,
Ман даст зи остин бурун карда зи ишқ,
Ту пой ба доман андар оварда ба сабр.

Аз ишқи ту, эй санам, ба шабҳои дароз
Чун шамъ ба пой бошаму тан ба гудоз,
То барнадамад субҳ, ба шабҳои дароз,
Чон дар бари оташ асту чон дар дами гоз.

Эй орази гулпӯши суманпоши ту хуш,
Эй чашми пур аз хумори чаммоши ту хуш,
Эй зулфи сияҳфурӯши фарроши ту хуш,
Бар ошиқи пурхурӯш пархоши ту хуш.

Эй ман ба ту зинда ҳамчу мардум ба нафас,
Дар кори ту карда дину дуньё ба ҳавас.
Гармат бинам чу бингарам бо ҳама кас,
Сардӣ ҳама аз барои ман дорию бас.

Май бар каф гиру ҳар ду олам бифурӯш,
Беҳуда мадор ҳар ду олам ба хурӯш.
Гар ҳар ду чаҳон набошадат дар фармон,
Дар дӯзах маст беҳ, ки дар хулд баҳуш.

Эй бурда, дили ман чу ҳазорон дарвеш,
Бераҳмият оин шуду бадаҳдӣ кеш.
То кай гӯй туро наёзорам беш,
Ман табъи ту нек донаму толеи хеш.

Ҳарчанд бувад мардуми доно дарвеш,
Сад раҳ бувад аз тавонгари нодон беш.
Инро бишавад чоҳ, чу шуд мол аз пеш,
В-он шод бувад мудом аз дониши хеш.

Орост баҳор кӯю дарвозаи хеш,
Афканд ба боғу роғ овозаи хеш,



Бинмой баҳорро рухи тозаи хеш,
То бишносад баҳор андозаи хеш.

Аз ишқи ту, эй сангдили кофиркеш,
Шуд сӯхтаву гашта чаҳоне дарвеш.
Дар шаҳр чунин хӯ, ки ту овардӣ пеш,
Гӯри шуҳадо ҳазор хоҳад шуд беш.

Маъшуқа дилам ба оташ анбошт чу шамъ,
Бар рӯям зардгул басе кошт чу шамъ
То рӯз ба як сӯхтанам дошт чу шамъ,
Пас хира маро зи дур бизгошт чу шамъ.

Нодида ман аз ишқи ту як рӯз фароғ,
Баҳра набувад маро зи васлат чуз доғ.
Кардӣ дили ман зи тоби ҳичрон ту куноғ,
То хӯ дорӣ, ту дӯст куштан чу чароғ.

Кай баста кунад ақл саропардаи ишқ,
Кай боз орад хирад зи раҳбурдаи ишқ.
Бисьёр зи зинда беҳ бувад мурдаи ишқ,
Эй хоча чӣ воқифӣ ту аз хурдаи ишқ?

Ҳарчанд шудам зи ишқи ту хору хичил,
Дар ишқ ба чуз дард надорам ҳосил,
Аз ту накунам шикоят, эй шамъи Чигил,
К-ин ранч маро ҳам аз дил омад бар дил.

Бо чеҳраи он нигори хандон, эй гул,
Берун набарӣ зира ба Кирмон, эй гул,
Беҳуда тани хеш маранчон, эй гул,
Ҳон чок мазан бар ба гиребон, эй гул.

Эй рӯй-итоб агарчи гӯй сардам,
Дар саффи бало гарчи диҳӣ новардам.
Рӯзе агар аз вафои ту баргардам,
Дар мазҳаби рои ошиқӣ номардам.

Бисьёр зи ошиқит ғамҳо х(в)ардам
Дар ҳаҷр басе шаб, ки ба рӯз овардам.
Ранҷи дилу хуни дида ҳосил кардам,
Гар ҷон барам аз дасти ту, марди мардам.

Онӣ, ки қарор бо ту бошад моро,
Маҷлис чу баҳор бо ту бошад моро
Ҳарчанд басе ба гирди сар баргардам,
Охир сару кор бо ту бошад моро.

Лабҳот май асту май бувад асли тараб,
Чандон турушӣ дар он; — нагӯӣ ту сабаб.
То аз намак он чунон туруш дорӣ лаб,
Гар май зи намак туруш шавад, нест аҷаб.

Асли ҳама шодӣ аз дили шоди ту бод,
То банда бувад ҳамеша бо ёди ту бод.
Бедод ҳамекунию додам надиҳӣ,
Доди ҳама кас фидои бедоди ту бод!

Гарде, ки зи девори ту бирбояд бод,
Ҷуз дар чашмам аз он нишон натвон дод.
Эй дар ғами ту табъи хирадмандон шод,
Ҳар к-ӯ ба ту шод нест шодиш мабод!

Коре, ки даркори туст носохта бод,
Дар кӯи ту молу мулк дарбохта бод.
Гар чеҳраи ман чуз аз ғами туст чу зар
Дар бӯтаи фурқати ту бигдохта бод!

То бишнидам, ки гармӣ аз оташи таб,
Гармӣ сӯи дил бурдаму сардӣ сӯи лаб.
Марг аст надидам аз фироқат ҳама шаб,
Таб бо туву марг бо ман ин ҳаст аҷаб.

Дар доми ту ҳар кас, ки гирифтортар аст,
Дар чашми ту, эй ҷони ҷаҳон хортар аст.
В-он дил, ки туро ба ҷон харидортар аст,
Эй дӯст, ба иттифоқ ғамхортар аст.

Нурӣ, ки ҳаме ҷамъ наёй дар мушт,
Норӣ, ки ба ту дарнатавон зад ангушт,



Даҳрӣ, ки шавӣ бар мани бечора дуруст,
Бахтӣ, ки чу бинамат, бигардонӣ пушт.

Чун дид маро рухонаш чун гул бишукуфт,
Он дидаи нимхобаш аз шарм бихуфт.
Гуфто, ки маҳӯр ғам, ки шавӣ бо ман ҷуфт,
Қурбони чунон лаб, ки чунон донад гуфт.

Афлок ба тири ишқ битвонам суфт,
В-офоқ ба боди ҳаҷр битвонам руфт.
Дар ишқ чунон шудам, ки битвонам гуфт,
К-андар як чашми пашша битвонам хуфт.

# АДИБ СОБИРИ ТИРМИЗӢ

*Адиб Шиҳобиддин Собир бинни Исмоили Тирмизӣ аз шоирони маъруфи асри XII милодӣ аст.*

*Собир дар охири салтанати султон Ҷалолиддин Абулфатҳ Маликшоҳи салҷуқӣ аз Тирмиз ба Хуросон омада, чанд сол дар мадрасаи Низомияи Ҳирот таҳсили илм намуд.*

*Султон Санҷар Адиб Собирро ҳамчун сафир ба назди Отсизи Хоразмшоҳ фиристода буд.*

*Азбаски Отсиз бо султон Санҷар муносибати душманона дошт, вай ду нафар ҷосусро барои қатли Санҷар ба Марв равона карда буд. Собир аз ин огоҳ шуда, сурати воқеаро ба маълумоти шоҳ мерасонад. Санҷар он ду ҷосусро дастгир намуда ба қатл мерасонад. Отсиз, вақте ки аз ин ҳодиса огоҳ мегардад, аз Адиб Собир бадгумон шуда, дасту пои ӯро баста соли 1147-48 дар дарьёи Ҷайҳун (Омӯ) ғарқ мекунад.*

*Мероси боқӣ гузоштаи Адиб Собир аз қасида, ғазал тарҷеъбанд, қитъа, рубоиёт иборат аст. Девони ашъораш соли 1334 ҳиҷрӣ дар Теҳрон ба табъ расидааст.*

## АЗ ҚАСОИД

Агарчи доди сухан дар замона ман додам,
Ситоравор замона намедиҳад додам.
Замона гарчи зи ман ёфтааст рӯзе дод,
Чаро ба ман надиҳад он чи ман бад-ӯ додам?
Раҳе намонд зи назми сухан, ки наспардам,
Даре намонд зи лафзи дарӣ, ки накшодам.
Ба шеъри ман ҳама аҳли замона дилшоданд,
Чи уфтода маро, к-аз замона ношодам?
Маро зи толеи ман давлате ҳамезояд,
Чи вақт буд зи толеъ, ки ман дар ӯ зодам.
Дар ин замона азизам ба фазлу ғайр аз ман
Қариб гашт чу дар вай ғариб уфтодам.



Ба назму насри накӯ дар замона ёди ман аст,
Чӣ мекунам, ки саодат намекунад ёдам.
Ситорагон, ки ба фарьёдам аз нуҳусаташон
Чаро ба гӯши ризо нашнаванд фарьёдам?
Чу оби дидаву хоки раҳ арчи хор шудам,
Бубин зи рӯи латофат чу оташу бодам.
Агар зи рӯи либосам хароб мебинӣ,
Хароб нестам, аз рӯи фазл ободам.
Аз он гаҳе, ки қадам дар ҷаҳон ниҳодастам,
Ба коми худ қадаме шодмона нанҳодам.
Агарчи пеши ту истодаам чу шогирдон,
Зи роҳи илму ҳунар дар замона устодам.
Надида ҳеҷ мурoде зи ёри ширинлаб,
Ба Бесутуни ҷафо монда ҳамчу Фарҳодам.
Чу дар ҷаҳонам бебаҳра аз наими ҷаҳон,
Чу рӯзгори ҷаҳон аз ҷаҳон бурун бодам.
Чу ҳоли ман зи суруфи ҷаҳон халал пазруфт,
Зи ҳоли хеш хабар дар ҷаҳон фиристодам.

* * *

Молу ҷамолу хуррамию сиҳҳату шабоб,
Ишқу висолу беғамию ишрату шароб.
Шуғле бувад ба ваҷҳу нишоте бувад ба шарт,
Айше бувад ба расму муроде бувад савоб.
Инҳо ҳама хушанд, вале назди оқилон
Ин аст айбашон, ки азизанду тангьёб.
Таърихи ишқ аҳду висоласт, ку висол?
Феҳристи умр рӯзи шабоб аст, ку шабоб?
Эй он ки бо шабобу шаробиву гӯши ту,
Ҳам лаҳни чанг дораду ҳам нағмаи рубоб.
Гар гулситони оризи маъшуқ пеши туст,
Аз гардиши замона туӣ дар гулӯ гулоб.
Аз рӯҳ соз қосиди маъшуқро нисор,
В-аз бӯса деҳ саволи дилоромро ҷавоб.
Хоки висоқи ту ҷамону сарву савсан аст,
Саҳни сарои ту фалаку моҳу офтоб.
Дар роҳи васл пои умед аз талаб мабур,
Бо тоби зулф дасти инон аз тараб матоб.
Магзор дар салоҳи тану иззи ӯ талаб,
Мапсанд дар миёни дилу коми ӯ ҳиҷоб.
Дар кӯи дӯстон, ки бувад даҳшати фироқ,
Бар рӯи дӯсте чи кунад ҳайбати ниқоб.

Чон парварон ба савсани озоди обдор,
Дил тоза кун ба наргиси махмури нимхоб.
Бифрӯз дидаро ба рухи ӯ зи себи сурх,
Хуш кун димоғро зи хати ӯ ба мушки ноб.
Аз коми дил ба бахра гирифтан шитоб кун,
Гар маркаби замона ба маргат кунад шитоб...

**АЗ ҒАЗАЛИЁТ**

Гар бода бо мушофаҳаи дӯстон хуш аст,
Чои чамона бар чаману бӯстон хуш аст.
Гулҳои бӯстон чу рухи дӯстони мост,
Пас бӯстони мо зи рухи дӯстон хуш аст.
Гетӣ чавон шуд аз сару пирӣ гирифт май,
Мачлис ба зери сояи сарви чавон хуш аст.
Ҳам абр дурфишон шуду ҳам боғ гулфишон,
Дил гулфишон зи сӯҳбати ин дурфишон хуш аст,
Гар чоми май ба дида хуш ояд шигифт нест,
Дар чоми май латофати чон аст, чон хуш аст.
Булбул ҳикояти гулу мул хуш кунад ҳаме,
Ӯро зи бахри ин ду ҳикоят забон хуш аст.
Хуш дор дил, ба ишрату шодӣ, ки дар чаҳон
То мо хушему ишрати мо хуш, чаҳон хуш аст.

* * *

Чеҳраи боғ заъфаронӣ гашт,
Гунаи боғ арғувонӣ гашт.
Дӯстон тарки бӯстон гуфтанд,
Чашни Наврӯз меҳргонӣ гашт.
Гули худрӯй рӯй пинҳон кард,
Булбул аз шохи гул ниҳонӣ гашт.
Боғбон роҳи хона пеш гирифт.
Пешаи зоғ боғбонӣ гашт.
Зинда кун айшро ба чоми шароб,
Ки шароб оби зиндагонӣ гашт.

* * *

Дарнигар дар бӯстон то бар чи оин омадаст,
Чун нигори Қандаҳору сурати Чин омадаст.
Бӯстон гӯӣ биҳишт омад, ки бо дидори ӯ
Шодмон гаштаст аз вай, ҳар кӣ ғамгин омадаст.



Навбати рӯду суруду сабзаву боғ аст боз,
Рӯзгори роҳату роҳи раёҳин омадаст.
Боғ пурнасрину пурсабз аст пиндорӣ магар
З-осмон парвин ба хидмат пеши насрин омадаст.
Аз фурӯғи гуна-гуна гул, замину осмон,
Пурсуҳайлу Муштариву Моҳу Парвин омадаст.

* * *

Боди саҳарӣ тараб фазояд,
Ғам аз дили ғамкашон зудояд.
Боде, ки ба субҳидам барояд,
Бе бода маро тараб фазояд.
Дил дар бари ман бад-ӯ шитобад,
Чон дар тани ман бад-ӯ гарояд.
Гар чон барамаш ба ҳадья зебад,
В-ар дил диҳамаш ба тӯҳфа шояд.
З-он бода маро бувад кушоиш,
Гар зулфи бутам гиреҳ кушояд...
Бе бӯсаи ӯ, ки чон фурӯзад,
Бе чеҳраи ӯ, ки дил рубояд,
Дил дар бари ман ҳаменамонад,
Чон дар тани ман ҳаменапояд.
Бод аст ба дасти ман, ки бе дӯст,
Табъам ҳама бодро ситояд.

* * *

Маро ҳавои саҳар чун паёми ёр овард,
Насим бӯи биҳиштӣ аз он диёр овард.
Дилам ба мақдами ӯ пур зи лаъლу дур табақе,
Ба дасти мардуми чашмам паи нисор овард.
Ғуломи фасли баҳорам, ки ҳар варақ рангаш,
Маро ба тоза паёме зи рӯи ёр овард.
Кучост булбули хушнағма, гӯ биёву бубин,
Ки боди субҳ насиме зи навбаҳор овард.
Ба сад забон натвон гуфт шукри ин неъмат,
Агарчи аз паси садсола интизор овард.

* * *

Майхорагон, ки бода зи ратли гарон хӯранд,
Ратли гарон зи бахри ғами бекарон хӯранд.
Ратли гарон пур аз тани андешаи гарон,
Дархур бувад, ки бода зи ратли гарон хӯранд.

Дар бода ранги орази маъшуқ дидаанд,
Ратли гарон ба қуввату нерӯи он хӯранд.
Ҷон аст ҷинси бодаву бод аст ҷинси ҷон,
Аз бахри ҷону роҳат он ҷинси ҷон хӯранд.
Хуштар зи бода ҳеҷ наиме нахӯрдаанд,
Онҳо ки молу неъмати мулки ҷаҳон хӯранд.

* * *

Эй шаби торӣ, ғуломи муи ту,
Рӯзи равшан пешкори рӯи ту.
Чокари рӯзу шабам, то рӯзу шаб —
Нонбанд аз рӯи ту в-аз мӯи ту.
Бастаи мӯи ту дилҳои ҷавон,
Бастаи як мӯям аз гесӯи ту.
Аз ду чашмам ҷӯи хун ангехтаст,
Ишқи мӯи дилбари хушбӯи ту.
Ишқ гӯй об хӯрд аз ҷӯи ман,
Ҳусн гӯй рӯй шуст аз ҷӯи ту.
Гӯи хубӣ мебарад аз дилбарон,
Ғамзаи чавгони мушкинмӯи ту.
Аз намози ишқ фориғ нестам,
То маро меҳроб гашт абрӯи ту.
Рӯзаи шукрона дорам, гар зи ман
Рӯ нагардонад дили бадхӯи ту.

* * *

Чун зулфи ту беқарорам аз ту,
Чун чашми ту бехуморам аз ту.
Эй гашта чу рӯзгори бадаҳд,
Саргаштаи рӯзгорам аз ту.
Эй ҳусни ту бешумор гашта,
Дар ҳасрати бешуморам аз ту.
Пуроби ду дида шуд канорам,
То гашт тиҳӣ канорам аз ту.
Аз бехабарӣ, ки ман шудастам,
Ҳаққо, ки хабар надорам аз ту.

* * *

Моҳро монад рухаш нокоста,
Зулфи чун шаб моҳро ороста.



Сарви болое, ки чун болои ӯ
Боғбон як сарв нопероста.
То маро савдои он маҳ дар сар аст?
Моҳро монам? Валекин коста.
Дар нишасту хост чун сарву маҳ аст,
Фитнаҳо з-он сарву маҳ бархоста.
Аз ҳама хубон дил ӯро хостаст,
Ҳам дилаш додам ҷудо, ҳам хоста.

* * *

Танг аст маро дил зи ғами тангдаҳоне,
Чун мӯй шудам аз ҳаваси мӯймиёне.
Аз хуни ҷигар чеҳраи ман лоласитон аст,
То дурам аз он чеҳраи чун лоласитоне.
Эй дода маро, васли ту ҳар соат суде,
Дорам зи фироқи ту ба ҳар лаҳза зиёне.
Тимори ману нози туро нест қиёсе,
Ҳусни туву андӯҳи маро нест кароне,
Чун хатту даҳони ту ба тангиву ба хушӣ,
На ғолияе дидаму на ғолиядоне.
Ҳар чанд ту аз бандаи худ ёд наёрӣ,
Бе ёди ту ин банда набудаст замоне.

## АЗ МУҚАТТАОТ

Зи бахшандагон саҳни олам тиҳӣ шуд,
Қазо марг бахшид бахшандагонро.
Чунон наҳс шуд даври гетӣ, ки гӯӣ
Саодат намондаст рахшандагонро.

* * *

Ҳама аз ишқи зиндагонии хеш,
Дӯст медоштам ҷавониро.
Пирӣ омад в-аз ӯ батар ба ҷаҳон
Душмане нест зиндагониро.

* * *

Зи рӯзгор маро хор ҳасту хурмо нест,
Масал хатост, ки гӯянд, «Хор бо хурмост».

Зи хок назди фалак камтарам, ки аз хуршед
Насиби ӯ ҳама ганҷу насиби ман гармост.

* * *

Ғами имрӯз ҷони ман фарсуд,
Ғами фардо тани маро бигдохт.
Қори имрӯзи ман чу сохта нест,
Қори фардо чӣ гуна хоҳам сохт?!

Ҳеҷ шараф чун шарафи илм нест,
Бадрақаи илм беҳ аз ҳилм нест.
Гарчи басе беҳ бувад, аз нест ҳаст,
Нест беҳ он кас, ки дар ӯ илм нест.

* * *

Олим, ки хӯрданаш ҳама ғам бошад аз ҷаҳон,
Беҳтар зи ҷоҳиле, ки наими ҷаҳон хӯрад.
Гарчи ғизои боз бувад синаи тазарв,
Беҳ з-он ҳумой, гарчи ҳама устухон хӯрад.

* * *

Аз аҳли ин замона парешон шудаст табъ,
Назми накӯ ба табъи парешон намерасад.
Симурғ куштаанд каримон магар, ки низ
Чашми тамаъ ба талъати эшон намерасад.

* * *

Хоҷаро бо ҳама зифтӣ ҳаваси мадҳи худ аст,
Бар лаби хоҷа чи ҷои ҳаваси бӯса бувад.
Ин ҳамоқат чӣ аҷаб бошад аз он риши бузург,
Ҳаркиро риш бузург аст, хирад кӯса бувад,

* * *

Агар муруввату ҷуд аст дар ҷаҳон мавҷуд,
Чаро зи ҳарду ба ҳосил намешавад мақсуд?
Гумон барам, ки дар ин рӯзгори тира чу шаб,
Бихуфт чашми мурувват, бимурд модари ҷуд.
Зи сайри ҳафт ситора дар ин дувоздаҳ бурҷ,
Ба даҳ дувоздаҳ сол андар ин диёру ҳудуд.



Ҳазор шахси карим аз вуҷуд шуд ба адам,
Ки як карим намеояд аз адам ба вуҷуд.
Дар ин замона ба ҷуз мубхилу ҳасуд намонд,
Бурида бод сари мубхилу забони ҳасуд!
Агар ба дасти ман астӣ амуди субҳи мунир
Бикӯбаме сари аҳли замонаро ба амуд.

* * *

Гар маро савдои ишқи он даҳан камтар шавад,
Ҷони ман кам ранҷ бинад, дарди ман камтар шавад.
Бо чунон ҳусну латофат, бо чунон болову лаб
Сахт нодир бошад, ар савдои ман камтар шавад.

* * *

Зи ман ба қаҳр ҷудо кард рӯзгор се чиз,
Чунон се чиз, ки монанди он надонам низ,—
Яке либоси ҷаҳонӣ, дуввум умеди амал,
Саввум ҳаловати дидори дӯстони азиз.

* * *

Биё, ки бо руху зулфи ту корҳо дорам,
Зи ҷоми ишқи ту дар сар хуморҳо дорам.
Биё, ки бо ду рухи ту, ки рӯзро монад,
Ҳикояту гилаи рӯзгорҳо дорам.

* * *

Ба рӯз аз бими душман шод гаштан,
Ғами дил пешу пас гуфтан наёрам,
Зи бими хоби бад дидан ба шабҳо
Агар хобам барад, хуфтан наёрам.

* * *

Хуш аст бода, ки бошад яке ҳарифи зариф,
Зариф нест ҳарифе, ки бишмарад нафасам.
Чунин ҳариф талаб кардаему ёфт нашуд,
Биёр, бода, ки ман худ ҳарифи хеш басам.

Будам аз рӯзи ҷавонӣ ҳар нафас дар лаззате,
З-он чунин дар ҳасрати рӯзи ҷавонӣ мондаам.
Лаззате аз зиндагонӣ нест дар пирӣ маро,
З-он ки дар бими заволи зиндагонӣ мондаам.

* * *

Дили ман меҳри ӯ гузид, ки ӯ
Баста дорад миён ба кинаи ман,
Ман зи душман чӣ гуна парҳезам,
Душмани ман миёни синаи ман?

* * *

Зи душманони кӯҳан дӯстони нав созӣ,
Ба дасти дев бувад аклро гарав кардан.
Зи мурда зинда шудан мумкин асту мумкин нест
Зи душманони кӯҳан дӯстони нав кардан.

* * *

Дар ҷаҳон як карим агар будӣ,
Аз мадеҳам тиҳӣ набуд забон.
Домани ман тиҳӣ аз он мондаст,
К-аз каримон тиҳӣ шудаст ҷаҳон.

* * *

Кирдигоро, кисае дорам зи симу зар тиҳӣ,
Ҳар сабукборӣ маро аз дил аз ин дорад гарон.
Дигаронро кисаҳо додӣ гарон аз симу зар,
Дигаронро ҳамчу ман кун ё маро чун дигарон.

* * *

Давот, эй писар, олати давлат аст,
Бад-ӯ давлати тундро ром кун.
Чу хоҳӣ, ки давлат кунӣ аз давот,
Алифро зи пайванд бо лом кун.
Давот аз қалам номдорӣ гирифт,
Қалам гиру ном аз қалам вом кун.

* * *

Бо мӯи сияҳ дилам қавӣ буд,
Андеша накардам аз заифӣ.
То мӯи сапед дид чашмам,
Чун мӯй шудам зи бас наҳифӣ.



Пирӣ зи вуҷуди ман бурун бурд
Он лутфу сафову он зарифӣ.
Пириву ҷавонӣ ин ду дар ман,
Ин кард баҳорӣ, он харифӣ.

* * *

Имодӣ дӣ ба наздики ман омад,
Нишастам соате дӣ бо Имодӣ.
Зи дидори Имодӣ дӣ бидидам,
Муроди дил ба вақти номуродӣ.
Чӣ гӯӣ дид хоҳад дидаи ман,
Имодӣ карда имрӯзам Муродӣ.

* * *

Ҳама нохонда равӣ назди касон,
Қас надидаст чу ту ҳеҷ касе!
Чун биронандат зуд ой боз,
Чи касӣ, одамӣ ё магасӣ?

* * *

Нест бо бору барги шох бақо,
Шохро бору барг боистӣ.
То бирастӣ зи марг умри азиз,
Маргро низ марг боистӣ.
Пирӣ омад, ҷавонӣ аз сар шуд,
Сол бешӣ гирифту мол камӣ.
Бадтарин вақт мар маро ст, ки шуд
Вақти пириву рӯзи бедирамӣ.

* * *

Гар аз мушки ҷавонӣ дур мондам,
Дилам хӯ кард бо кофури пирӣ.
Ситоиш бар ҷавонӣ дорам акнун,
К-аз ӯ шуд оразам пурнури пирӣ.

* * *

Дилдориву дилро зи сари ишва фиребӣ,
Ҷонониву ҷонро ҳама дар ваъда гудозӣ.
Ҳаргиз нарасад аз ту дили ман ба навозиш,
Ё одати хубон набувад банданавозӣ?

## АЗ РУБОИЁТ

Бо боғу гулу бодан гулгун моро,
Чун дид ҳасад намуд гардун моро.
Гармош зи боғ кард берун моро,
Сардоба гузид бояд акнун моро.

Соқӣ чу ба ман диҳад май гулгунро,
Гулгун кунам аз фироқи ӯ Ҷайҳунро,
Ҷандон ба ҷазаъ бода диҳам ҳомунро,
То маст кунам зери замин Қорунро.

Эй мояи ҳар латофат, эй дурри хушоб,
Аз ҳар сухане чу оташи тез матоб,
Гар оташу об хонамат ҳаст савоб,
Покиза чу оташиву боиста чу об.

Дорам сари он ки имшаб оям ба барат,
То лаб ба лабат барниҳаму бар ба барат.
Ту пой ниҳӣ зи ноз бар чашми тарам,
Ман сар ниҳам аз ниёз бар хоки дарат.

Аз фурқати дилбар дили ношодам ҳаст,
Ёдам накунад, гарчи аз ӯ ёдам ҳаст,
Аз як дили ӯ ҳазор бедодам ҳаст,
Фарьёд кунам, ки ҷои фарьёдам ҳаст.

Дил дар ғами он лаъли шакарбор бирафт,
З-андешаи ман қуввати такрор бирафт,
Илме, ки ба умри хеш ҳосил кардам,
Бар ёди лабаш ҷумла ба як бор бирафт.

Дилбар, ки ба коми дил сафар карду бирафт,
Моро лабу дида хушку тар карду бирафт,
Дидори азизро ба як азми сафар
Аз дидаву ҷон азизтар карду бирафт.

Рӯи ту ривоят ҳама аз нур кунад
Ҳусни ту ҳикоят ҳама аз ҳур кунад,
Васли ту маро зи хештан дур кунад,
То мушки маро ба ранги кофур кунад.



Ҷандон зи фироқ дар зиёнам, ки мапурс,
Ҷандон зи ғамат бисӯхт ҷонам, ки мапурс,
Ҷандон бигирист дидагонам, ки мапурс,
Гуфтӣ, ки «Чӣ гунаӣ?» Ҷунонам, ки мапурс.

Эй хоби шабам бурда ба зулфи шабранг,
Бо чашми чу оҳу чи кунӣ кибри паланг?
Пушту дилам аз баски ҷафо кардиву ҷанг,
Ҷун зулфи ту куж гашту чун чашми ту танг.

Рӯи ту зи хуршед ҳамедорад нанг,
Хуршед нахонамат, ки гардӣ дилтанг.
Хуршед зи рухсори ту мегирад нур,
Ёқут зи хуршед аз он гирад ранг.

Эй гунбади баррафта зи ту паст шудам,
Ҷуз ҷавр надидам зи ту то ҳаст шудам.
Эй соқии ғам, зи ҷоми ту маст шудам,
Рав даст зи ман бидор, к-аз даст шудам.

# АБДУЛВОСЕИ ҶАБАЛӢ

*Бадеуззамон Абдулвосеъ бинни Абдулҷомеи Ҷабалӣ аз ҷумлаи шоирони намоёни нимаи аввали асри XII аст. Ӯро ба сабаби дар Ҷабал ном ноҳияи Гурҷистон таваллуд шуданаш «Ҷабалӣ» яъне «Кӯҳӣ» номидаанд. Соли таваллуди ӯ маълум нест. Дар асоси ахбороти сарчашмаҳо ва ишораҳои худи ӯ тахмин кардан мумкин аст, ки ӯ қисми зиёди умрашро дар нимаи аввали асри XII гузаронидааст.*

*Ҷабалӣ аз илмҳои замони худ хуб бохабар будааст. Ӯ дар соли 555 ҳиҷрӣ (1160 милодӣ) аз дунъё чашм мепӯшад.*

*Девони ӯ то ба замони мо омада расидааст.*

## АЗ ҚАСОИД

Эй бути ҳорутчашм, эй дилбари ёқутлаб,
Хандаи ту дилфиребу ғамзаи ту булаҷаб.
Пуршакар ёқути ту овард кори ман ба ҷон,
Дилшакар ҳорути ту овард ҷони ман ба лаб.
Гаҳ барафрӯзам ҳаме дар сӯҳбати ту аз нишот,
Гаҳ бифарсоям ҳаме дар фурқати ту аз тааб.
Ҳаст гӯӣ сӯҳбати ту офтобу ман набот.
Ҳаст гӯӣ фурқати ту моҳтобу ман қасаб.
Ҷазъи дилбандат кунад сеҳре ба ҳар ғамза аён,
Лаъли пурқандат кунад ҷоне ба ҳар бӯса талаб.
Эй, зи буссад лӯълӯи хушобро карда ҳиҷоб,
В-эй, зи сунбул лолаи серобро карда салаб.
Сунбуле, к-он офати озодагонро шуд далел,
Буссаде, к-он роҳати дилдодагонро шуд сабаб.
Гаҳ маро ҷарроран ту шаб падид орад зи рӯз,
Гаҳ маро рухсораи ту рӯз бинмояд ба шаб...



* * *

Эй он ки зи ҳусни ту ба ҳар ҷой хабар шуд,
В-аз фитнаи ишқи ту ҷаҳон зеру забар шуд.
Ҳаҷре, ки маро аз ту гумон буд, яқин гашт,
Васле, ки маро аз ту аён буд, хабар шуд.
То ҳалқаи зулфайни ту шуд доми дили ман,
Шахсам зи ғами ишқи ту чун ҳалқаи дар шуд.
Гашт аз дили ман тофтатар зулфи ту бар рух,
Гӯӣ зи дилам бар рухи ту шефтатар шуд.
Якчанд дили ман ҳаваси ишқи ту бигзошт,
Пиндошт, ки якбора маро аз ту ба сар шуд.
Чандон ки тавон буд бикӯшидаму охир,
Чун рӯи ту дидам ҳама аҳвол дигар шуд.
То ман ба сари кӯи ту ором гирифтам,
Ҷону дилу динам ба сари кори ту дар шуд.
Гӯӣ магар ороиши рӯи ту ба хубӣ,
Чун маҷлиси бадри умаму садри башар шуд...

* * *

Буте, ки аз дили ман тангтар даҳан дорад,
Зи зиндагонии ман талхтар сухан дорад.
Рухе фурӯхта чун моҳ бар фалак дорад,
Қаде фарохта чун сарв дар чаман дорад.
Чаҳест дар занахи ӯ зи симу он чаҳро
Расан зи зулфи шабахранги пуршикан дорад.
Чу далви дида пуробам, чу чарх саргардон,
Ки ӯ зи сим чаҳу аз шабаҳ расан дорад.
Лабон ба гунаву чеҳра ба ҳусну қад ба сифат,
Чу нордонаву гулнору норван дорад.
Шавад чу қиблаи зардуштиён дили он кас,
Ки тамъи қублаи он, қиблаи Хутан дорад,
Маро ҳамеша бад-он орази чу барги суман,
Зи ранҷ бо дили сӯрох чун суман дорад.
Гулолаи каши ӯву рухи мунаққаши ӯ,
Худой донад, то рӯзу шаб чи фан дорад.
Ба ҷуз вафо накунам, то чу ӯ санам дорам,
Ба ҷуз ҷафо накунад, то чу ман шаман дорад.
Чӣ рағбат аст, ки ман дар вафои ӯ дорам,
Чӣ ҳасбат аст, ки ӯ дар ҷафои ман дорад.
Ба рӯю тан чу гулу об тозаву пок аст,
Зи ишқи дидаи ман чун гулобзан дорад.

Гар ӯ ҳадис накардӣ бад-он шикаста забон,
Маро дуруст нагаштӣ, ки ӯ даҳан дорад.
Ба ғамза сеҳр намояд гаҳи назар гӯӣ,
Ки қудрати қалами меҳтари заман дорад...

* * *

Нигори ман чу бар симинмиён зарринкамар бандад,
Ҳар он к-ӯро бубинад, кай дил андар симу зар бандад...
Гаҳе аз мушк зулфи ӯ ҳамоил дар гул овезад,
Гаҳе аз қир чаъди ӯ салосил бар камар бандад.
Зи ишқи ӯ ҷаҳон бар ман шавад чун ҳалқаи хотам,
Чу зулфи ӯ зи анбар ҳалқа андар якдигар бандад.
Чу тиру чун камон гардад даҳанбозу хамидақад,
Чу он мушкинзиреҳ амдан бар он симинсипар бандад.
Шавад чун шамъ зарринрӯю резонашку сӯзондил,
Ҳар он к-ӯ дил дар он шамъи бутони Қошғар бандад.
Аз онам чун гулу наргис салабчоку сарафканда,
Ки ӯ бар савсани тоза ҳаме шамшод тар бандад.
Бад-он занҷири мушкину ақиқи шаккарин ҳамчун
Дили ман сад ҳазорон дил ба рӯзе бештар бандад.
Гаҳе хунам бад-он зулфи дутоҳи пуршикан резад,
Гаҳе хобам бад-он чашми сиёҳи дилшакар бандад.
Шавад чун шаккар аз обу чу мушк аз оташ он к-ӯ дил
Дар он занҷири пурмушку ақиқи пуршакар бандад.
Гаҳ аз сунбул ҳиҷобе бар фарози парниён пӯшад,
Гаҳ аз анбар ниқобе бар тирози Шуштар бандад.
Зи шавқи рӯи ӯ ояд зи гил ҳарсола пайдо гул,
Чу бинад рӯи ӯ аз шарм ӯ бори сафар бандад.
Ба чашми мардумон гардад чу сими қалбхорон кас,
К-умед андар висоли он нигори симбар бандад...

* * *

Руху зулфайни он моҳу лабу дандони он дилбар,
Яке лоласт дар анбар, яке лӯълӯст дар шаккар.
Чӣ лола, лолаи нӯъмон, чӣ анбар, анбари соро,
Чӣ лӯълӯ, лӯълӯи дарьё, чӣ шакар, шаккари асғар.
Ба сони чашмаву равза, мисоли ҳалқаву тӯда,
Даҳону оразу зулфайну хатти он парипайкар.
Чӣ ҳалқа, ҳалқаи сунбул, чӣ тӯда, тӯдаи насрин,
Чӣ равза, равзаи ҷаннат, чӣ чашма, чашмаи кавсар.
Қарини меҳнату ҳасрат шудам дар ишқи он бадхӯ,



Адили нолаву зорӣ шудам дар ҳаҷри он дилбар.
Чӣ меҳнат, меҳнати фуркат, чӣ ҳасрат, ҳасрати васлат,
Чӣ нола, нолаи зорӣ, чӣ зорӣ, зории бемор.
Намояд соиду ораз бад-ин дилхастаи оҷиз,
Гуморад ғамзаву турра бад-ин ошуфтаи музтар.
Чӣ ораз, оразни рангин, чӣ соид, соиди симин,
Чӣ ғамза, ғамзаи ҷоду, чӣ турра, турраи кофар.
Зиҳӣ, аз ҷазъу лаъли ту ба ғайрат наргису лола,
Зиҳӣ аз рӯву қадди ту ба ҳасрат лӯъбату аръар.
Чӣ наргис, наргиси тоза, чӣ лола, лолаи сурӣ,
Чӣ аръар, аръари бӯстон, чӣ лӯъбат, лӯъбати Барбар...

* * *

Кӣ дорад чун ту маъшуқе нигору чобуку дилбар,
Бунафшазулфу наргисчашму лоларӯю насринбар.
Набошад чун ҷабину зулфу рухсору лабат ҳаргиз,
Маҳи равшан, шаби тира, гули сурӣ, маи аҳмар.
Зи дарду ҳасрату андешаву тимори ту дорам
Ҷигар гарму нафас сарду лабон хушку ду дида тар.
Ба кирдори дилу айшу сиришку шахси ман дорӣ,
Даҳон тангу сухан талху лабон лаълу миён лоғар.
Нишон дорад маро дар ишқу ҷавру ҳаҷру меҳри ту,
Сиришк аз дурру чашм аз лаълу мӯй аз симу рӯй аз зар.
Надорам дар ғаму ранҷу ҷафову ҷаври ту холӣ,
Лаб аз боду сар аз хоку рух аз обу дил аз озар.
Ба ҳусну рангу бӯю таъм дар олам туро дидам,
Қад аз сарву бар аз оҷу хат аз мушку лаб аз шаккар...

* * *

Зи баски хӯрдам тимори даҳр, пиндорам,
Ки офарид худой аз барои тиморам.
Зи тангдастӣ пайваста ман хурӯшонам,
Зи шӯрбахтӣ ҳамвора ман дилафгорам.
Чӣ офатест, ки ман з-он на ғуссае бурдам,
Чӣ меҳнатест, ки ман з-он на баҳрае дорам.
Гаҳе зи ранҷи ғарибӣ ба лаб расад ҷонам,
Гаҳе зи дарди асирӣ ба ҷон расад корам.
Шикоятест зи даври замона пайвастам,
Ҳикоятест зи ҷаври ситора ҳамворам.
Азизкардаи парвардигор ҷадди ман аст,
Чаро ба чашми шумо ман чу хоки раҳ хорам?...

## СИТОИШИ ЯКЕ АЗ ШОИРОН

Аё, зи назми ту олам пур аз уюни тураф,
Аё, зи насри ту гетӣ пур аз фунуни туҳаф.
Баёзи назми малеҳат саводи чашми адаб,
Саводи насри фасеҳат баёзи рӯи шараф.
Мувашшаҳ аст ҷаҳон аз натоиҷи қаламат,
Ба дурҷҳои муоливу дарҷҳои тураф.
Чу фикрати ту саворе надид аспи ҳунар,
Чу сирати ту сиворе наёфт дасти лутаф.
Гаҳи мунозира ҳар фозиле, ки сарвартар
Зи шарм пеши ту сар дар шикам кашад чу кашаф.
Шудаст чархи ҳимамро шамоили ту нуҷум,
Шудаст қасри ҳикамро фазоили ту шараф.
Мадеҳи туст чу оби равон, шифои равон,
Агарчи хотири тезат чу оташ аст зи таф.
Бар осмон зи барои набиштани суханат
Бувад ҳамеша Уторид қалам гирифта ба каф.
Зи хуррамӣ мутаҳаррик шаванд дар арҳом,
Гаҳи ривояти шеъри ту бе ҳаёти нутаф.
Мухолифат зи нафиру мунозаат зи заҳир,
Маодият зи балову муонадат зи асаф.
Даҳон кушода чу тир асту тан наҳиф чу зеҳ,
Хамида қад чу камону дарида дил чу ҳадаф.
Аё, зи назми ту мансух назмҳои қадим,
Аё, зи насри ту мардуд насрҳои салаф.
Ту шамъи назмиву парвонаи улуму марост —
Ба суҳбати ту чу парвонаро ба шамъи шааф.
Агар мадори фалак бар муроди ман будӣ,
Ба ҷуз ҷаворӣ ту нагзидаме зи даҳр канаф.
В-агарчи нест маро аз ҷамоли ту баҳра,
Зи дӯстит маро бо афозил аст салаф.
Қасидае, ки фиристодаӣ бари ман, ҳаст
Саҳифае зи улуму сафинае зи нутаф.
Бақот бод, ки аз хондану шунидани он
Даҳон хизонаи гавҳар шудасту гӯш садаф.

* * *

Гоҳи он омад, ки гардад боғ чун хулди барин,
Обдон чун ҳавзи кавсар, гулбунон чун хуриин
Сунбули мушкин шавад сӯзандаи ӯди Қумор,
Булбули мискин шавад созандаи ӯди Қазин.



Ҳамчу ашки меҳрҷӯён жола борад аз ҳаво,
Ҳамчу ҳадди моҳрӯён лола рӯяд аз замин.
Чун шавад он ҳар ду замм бо якдигар бошад ба шакл
Лола чун дурҷи ақиқу жола чун дурри самин.
Абр наққошӣ кунад ҳар соате дар бӯстон,
Бод ҷаммошӣ кунад ҳар лаҳзае бо ёсамин.
Ин кунад пур лӯълӯи хушоб, онро бодбон,
В-он кунад пуранбари ноёб, инро остин.
Зоғро гӯй ба расми моҳи дай бубрид сар,
Булбул андар бӯстон аз меҳри моҳи фарвадин.
В-аз шамотат кард лола бар фарози кӯҳсор,
Хуни ӯ бар рух таливу парри ӯ дар дил дафин.
Савсани худрӯй чун рухсораи туркони каш,
Сунбули хушбӯй чун ҷарроран хубони Чин.
Аз ҳаво чун ашки маҳҷурон бар ин боранда сел,
В-аз сабо чун рӯи ранҷурон бар он афтода чин.
Гар на ёри озар аст, аз чӣ, гул аз дарди фироқ
Чок зад ҷома чу кард озор бар озар камин?
В-ар наховад хост доди ӯ, чаро бар сар гирифт,
Арғувон чун додхоҳон ҷомае дар хун ағин?
Қумрӣ омад дар нафиру сорӣ омад дар сафир,
Булбул омад дар хурӯшу сулсул омад дар анин...

## АЗ ҒАЗАЛИЁТ

Он кас, ки сари зулфи ту бубрид, хато кард,
Зеро ки ҳама қасди балои дили мо кард.
Зулфайни пур аз тобу хаму банди ту бубрид,
То шаҳр пур аз фитнаву ошӯбу бало кард.
Чун буд зи ҳоли дили мискини ман огаҳ,
Якбора чунин бо мани бечора чаро кард?
Эй шамсаи офоқ, бурида сари зулфат,
Бозори туро дар сафи ушшоқ раво кард.
Ишқи туву чашму даҳану зулфи ту аз ғам,
Бахту дилу пуштам дижаму тангу дуто кард.
Эзид дили ман кард ба ишқи ту гирифтор,
Ман ҳеч надонам, ки дили ман чи хато кард...

* * *

Гетӣ биҳиштвор шуд аз рӯзгори гул,
Дар боғ бишкуфид рухи чун нигори гул.

Шуд зоғ чун Уторид дар боғ сӯхта,
То шуд падид чеҳраи хуршедвори гул.
Гул ҷома чок зад чу бишуд наргис аз чаман,
Гӯй бишуд зи фурқати наргис қарори гул.
Гар хостори бода бувад табъи мо равост,
Зеро ки булбул аст кунун хостори гул.
В-аз хона гар кунем канора кунун сазост,
Зеро ки ҷои мо насазад ҷуз канори гул.
Дар бӯстон кунем ба дидори дӯстон,
Танҳо фидои бодаву ҷонҳо нисори гул.
Акнун ки рӯзгори ҷавонӣ ба коми мост,
Натвон гузошт, ҷуз ба тараб рӯзгори гул.

* * *

Ё раб, чи айш буд, ки ман дӯш доштам,
Қ-офоқро зи машғала пурҷӯш доштам.
То моҳ барнаёмаду парвин фурӯ нашуд,
Парвин ба дасту моҳ дар оғӯш доштам,
Дил осмони моҳи қадаҳгир сохтам,
Ҷон бӯстони сарви қабопӯш доштам.
Ҳарчанд к-ӯ ба аввали шаб маст гашта буд,
Ман бар нишоти ӯ ҳама шаб хӯш доштам.
Ҳаргиз касе надошт чунон хилвате, ки ман
Бо он нигори зӯҳрабонагӯш доштам.

* * *

Хез, то ҷомаи андеша зи ғам чок занем,
Хаймаи айшу тараб бар сари афлок занем.
Сухани аҳли насиҳат ҳама барбод диҳем,
Сӯҳбати халқи замона ҳама бар хок занем,
Пой дар доираи аҳли харобот ниҳем,
Даст дар домани он лӯъбати чолок занем.
Гоҳ дар майкада бода ба тураф нӯш кунем,
Гоҳ дар мистаба ҷома зи ҳавас чок занем.
Ҳар куҷо муфлиси нопок падидор шавад,
Чанг дар сӯҳбати он муфлиси нопок занем.
Дар харобот ба шодӣ бинишинем ҳама,
Ба сабӯҳӣ раҳи ушшоқи тарабнок занем.



* * *

Шаби дароз чу ман бар фалак назора кунам,
Зи ишқи дида фалаквор пурситора кунам.
Назорагоҳи ҷаҳонз шавам ҳар он гоҳе,
Ки сар барораму бар осмон назора кунам.
Гаҳе чу наргис з-андӯҳ сарафканам дар пеш,
Гаҳе чу гул зи ғами ишқ ҷома пора кунам.
Ғарибвор нишинам ба гӯшае танҳо,
Ба ихтиёр зи халқи ҷаҳон канора кунам.
Зи рӯи зарду дами сарду синаи пурдард,
Ҳама ниҳони дили хеш ошкора кунам.
Чу тоқатам бирасад, гӯям аз ано, ё раб,
Чи ҳила созаму бо ошиқӣ чӣ чора кунам?

# СӮЗАНӢ

*Шамсуддин Муҳаммад бинни Алии Сӯзании Самарқандӣ яке аз шоирони маъруфи асри XII аст.*

*Маҳалли таваллуди Сӯзаниро баъзеҳо қишлоқи Келош — наздикии Самарқанд ва баъзеҳои дигар шаҳри Насаф гуфтаанд. Соли таваллуди Сӯзанӣ низ равшан нест.*

*Дар баробари тахаллуси шоирӣ, Сӯзанӣ лақаби «Тоҷ-уш-шуаро» ҳам доштааст.*

*Вафоти Сӯзаниро ба соли 1166 милодӣ тахмин кардаанд.*

*Аз Сӯзанӣ девоне боқӣ мондааст, ки тахминан 10—12 ҳазор байт дорад ва дар Теҳрон ба табъ расидааст.*

## АЗ ҚАСОИД

Шикастазулфо, аҳду вафои ман машикан,
Чу зулфи худ макун аз бори ҳаҷр қомати ман.
Чу ман ба доми ҳавои ту пойбаста шудам,
Макаш сар аз ману мастон зи дасти ман доман.
Зи дӯстӣ ба дилу дида дарнишондамат,
Бад-он ки з-ин ду писандидатар набуд ватан.
Аз обу оташи чашму дилам рамида машав,
Ки обу оташи ман дӯст донад аз душман.
Аз оташи дили ман бӯй деҳ, чу мушки Тибет,
В-аз оби дидаи ман тоза шав, чу сарви чаман.
Чу сарву моҳи хиромон яке ба назди ман ой,
Ки моҳу сарви манӣ мушкзулфу симбадан.
Буте парируху оҳан-диливу бе рухи ту
Чунин паризада кирдоршефааст шаман.
Ба ман намой руху андаке ба ман дил деҳ,
Ки бо паризада доранд андаке оҳан.
Шикори ҷони маро дар камони абрӯи ту
Бас он ду наргиси хушьёрмасти новакзан.



Ниҳода бар рухи чун гул чу чанги шоҳин чист? —
Зи анбар он хати марғули тираву равшан?...

* * *

Симбар ёрам шуд аз ман симбар,
Сим ёрам неву ёрам симбар.
Ошиқи сим ар бихонад вай маро,
Ман варо маъшуқ донам симбар.
З-он нигори симбар бо ман намонд.
Ҷуз нигоре, к-он ба рӯи симбар.
Кард заррин рӯи ман в-он гоҳ гуфт
Миннат аз ман дон, ки зар аз сим бар.
Лӯъбате, симин санавбарқомате
Бар сари симин санавбар сим бар.
Сими пинҳоне, ки моҳу мушку гул.
Наргису шамшоду марҷону дурар.
Наргиси ӯ бар камон пайваст тир,
Тири ӯро заҳр, к-аш пайкону пар.
То шавад з-он шаккарин марҷони ӯ
Заҳри тири наргиси ӯ безарар
Нордон марҷони дурогини ӯ
Гар биханддад, ёсуман гӯяд шакар.
Мушку шамшодаш кашида гирди гул
Дойра чун тавқи қумрӣ бар камар...

## АЗ ҒАЗАЛИЁТ

Эй рӯи ту чу чашмаи хуршед дар ҳамал,
В-аз зулфи ту зананд шаби тираро масал.
Букшой зулф, то фитан андар фитад ба рӯз,
Бинмой рӯй, то ба шаб андар фитад халал,
К-аз рӯю зулфи ту ба замоне ҳазор бор,
Андар ту он кунад, ки шабу рӯзро бадал.
Эй дар каманди зулфаки ту ҳалқаи фиреб,
В-эй дар камони абрӯи ту новаки ҳиял.
Ҳар к-ӯ, аз он-т хаста шавад ҷуз бад-ин мабанд,
Ҳар к-ӯ бад-инт баста шавад, ҷуз бад-он маҳал
Пинҳон аҷал ба шӯхии ҷазъи ту андар аст,
Пайдо шуда бо хушшии лаъли ту дар амал.
Арчу, ки ҷазъи шӯхи ту аз ноз биғнавад,
То бахра ёбам аз хушии лаъли ту лаал.

Дар дил туро ҳавост, ки бо ман ҷадал кунӣ;
Дар ҷони ман мурод, ки бо ту кунам ҷадал.
Ҳарчанд дар ҷадал, санамо, даст, дасти туст,
Бо ман раҳӣ макун ту ба ҷои ҷадал, ҷадал.
Ман шохи килкам, эй буту бори ҳавои ту
Қардаст нукта бар мани марҳум мустадал...

Эй ҷуфти дили ман, аз ту фардам.
Эй роҳати ҷон, зи ту бадардам.
То бо дилу ҷони ман ту ҷуфтӣ,
Ман аз дилу ҷони хеш фардам.
Ранҷе, ки ман аз паи ту дидам,
Дарде, ки ман аз ғами ту х(в)ардам.
Баргӯю биёзмой якбор,
То бишносӣ, ки ман чӣ мардам.
Ман шохи вафову мардумиро
Қай чун ту гусистабех гардам.
Дорам дилу ҷон, ниҳам ба ишқат,
Дар шашдар ӯфтода-нардам.
Эй симинсарв, дар фироқат
Чун зарринбол зору зардам.
Беҷодалабо, зи фурқати туст
Рухсора чу каҳрабои зардам.
Бо лашкари ҳаҷри ту ҳама сол
З-уммеди висол дар набардам.
Бар раҳгузари балост васлат,
Аз раҳгузари бало нагардам.
Бо оташу оби дидаву дил
Гардад зи ту ҷӯй боду гардам.
З-он об чу хок хормандам,
З-он оташ ҳамчу бод сардам.
Ишқи ту ба ҷон шигард дорам,
То умр ба сар шавад шигардам.

* * *

Соқиё, пеш ор зуд он оби оташфомро.
Ҷом гардон кун, бибар ғамҳои беанҷомро.
З-он ки айёми нишоту ишрату шодӣ шудаст,
Бад бувад беҳуда кардан зоеъ ин айёмро.
Маҷлисе дарсоз дар бӯстон, зи ҳар сӯе нишон,



Лӯъбатони гулруху ҳурони симандомро.
Бода пеш овар, ки ҳангом аст акнун бодаро,
Ҳеҷгун рӯи муҳобо нест ин ҳангомро.
Хомтабъ аст он ки мегӯяд ба чангу каф нагир
Зулфакони ҳам-ҳаму ҷоми набиди хомро.
Маҷлиси айшу тараб барсозу чун барсохтӣ,
Пеш хон он мутриби маҳрӯи тубономро...

* * *

Чаро нагуфтӣ бо ман, буто, ба рӯзи нахуст,
Ки аҳду ваъдаву паймони ман мадор дуруст.
Ба ман мадеҳ дилу аз ман вафо маҷӯй бад-онк
Ҷафои охир бошад зи ман вафои нахуст.
Вафо намудӣ аз аввал, ҷафо кунӣ охир,
Дар он дил он чи наботи суботи қавл наруст.
Чунон намудӣ аз аввал, ки чуст аз они манӣ,
Кунун чу менигарам з-они дигаронӣ чуст.
Зи теғи хӯи ту танро ба хуни дил шустам,
Дил аз умеди висоли ту менадонам шуст.
Ба рои хеш рав акнун, ки оҷизам бо ту,
Ҳама мурод, муроди ту, банда бандаи туст.
Дуруст рафтӣ, дар аҳду ваъдаву паймон,
Зиҳӣ ба аҳди баду ваъдаҳои паймонсуст.

* * *

Моро зи ғами ишқи ту, эй дӯст, бас охир,
Он шодии васли ту куҷо рафт, пас охир?
Васли ту зи ман рафту паси вай нигаронам,
Гар боз нагардад, накунад рӯй пас охир.
Дорем ҳавову ҳаваси васли ту дар сар,
Ҷовид намонанд ҳавову ҳавас охир.
Ҳам бо мани бечора ба як ҳуҷра дарой,
Гардад дили ту нарм ба гуфтори кас охир.
Як рӯз наёяд, ки яке ёри мувофиқ
Бо ту нафасе сидқ занад бе магас охир.
Аз сӯҳбати ноҷинсу хасон даст бидорӣ,
То чанд бувад сӯҳбати ноҷинсу хас охир.
Гар умри ман аз даҳр ба ҷуз як нафасе нест,
Бо ту ба ҳамон як нафасам ҳамнафас охир.
Ҳаргиз бари ман бедигаре рох надонӣ,
Раҳ-рафт надонад бари мӯе ҷарас охир.

Эй зулфаки ту дузду дили ман асаси ӯ
Он дузд ба даст орад як шаб асас охир.
Фарьёдрасам, гӯй, як рӯз ба ҷонат,
Чун корд ба ҷон омад, фарьёд рас охир!

* * *

Боз дигар раҳ дили ман дилбаре ҷонон гирифт,
Боз коре, к-он бало буд бар дилу ҷон, он гирифт.
Боз бечора дилам дар ҷаври он дилбар бимонд,
Боз маскан ҷони мискин кӯи он ҷонон гирифт.
Ҷону дилро аз ман он ҷонону дилбар даррабуд,
Будаву нобудаи ёди маро нисьён гирифт.
Сохт кори ҷону дилро дилбари ҷонон, валек
Сӯхт аз ҳиҷрон танам, к-аз ҳар яке ҳиҷрон гирифт.
Мӯниси ҷону дили ман дилбари ҷонони ман
Одамизод аст, лекин рӯю хӯи ҷон гирифт.
То бар ӯ пайдо шавам, пинҳон шавад аз ман ҳаме
Гӯй аз ман ошкоро ҷону дил пинҳон гирифт.
Рӯй агар гӯям ба ман бинмой, нанмояд ҳаме
Вой ҳоли он ки чун ман ёри нофармон гирифт.
Тавф кардам гирди кӯи ӯ барои рӯи ӯ
Ногаҳон аз чашмаҳои чашми ман тӯфон гирифт.
Дар миёни гирья ногаҳ оҳ кардам аз ҷигар,
То ҳама кӯяш бар обу оташи сӯзон гирифт.
Ҳарчи кардам то бубинам рӯи ӯ, сомон нашуд
Қори чун ман ошиқе ҳаргиз куҷо сомон гирифт?
Бедилу беҷону беҷонону дилбар мондаам,
Қист он к-ӯ кори душвори маро осон гирифт?
То наёбам дилбару ҷонон, наёбам ҷону дил,
Бедилу беҷон зи мавлоно сабақ натвон гирифт.

* * *

Биё, эй дида дар Бағдод Даҷла,
Агар дорӣ ба дил дар ёд Даҷла.
Ба чашми ман нигар то ҳаст афзун
Яке чашми ман аз ҳафтод Даҷла.
Зи ишқи рӯи бағдодинигоре
Маро аз дидагон афтод Даҷла
В-аро бе Даҷла Бағдод аст ду рух,
Маро ду дида бе Бағдод Даҷла.



Ду чашми ман чу бағдоди рухаш дид,
Ҳавои ӯ ба чашмам дод Даҷла.
Агар бо чашми ман гарде барояд,
Зи беобӣ кунад фарьёд Даҷла.
Чунон борам зи ишқи ӯ, ки ояд
Ба чашми ман саробу бод Даҷла.
Ба Бағдод ар яке нома фиристам,
Ки ҳамчун дидаи ман бод Даҷла,
Ба чашми ман ҷавоб ояд зи Бағдод,
Ки аз шарми ту боз истод Даҷла.
Ало, то дар ҷаҳон буньёди Бағдод
Ҳаме дорад ба об obод Даҷла.
Бақои Даҷлаву Бағдоди ман бод,
Ки бо Бағдод нек афтод Даҷла.

### АЗ МУҚАТТАОТ

Дар хонаи ман аз гуҳару дур сухане нест,
Дар ҷаббаву дар ҷайб тиҳӣ ҳаст сухан пур.
То ҳаст сухан пур, зи сухан дур намондаст
Чун ман ба ғами хешу вай аз ман ба таҳайюр.
Бар номи ман ар фол кушоӣ ба каромат
Бинӣ ба хати аввал қади масанниюззур.
Як донаи бур нест маро дар ҳама хона
Ин шеър ба сар бурдам бар қофияи бур.
Бар маснади иззу шарафу бахт ҳаме зӣ,
То ҳосиди ҷоҳи ту бимирад ба таҳайюр.

* * *

Дидам Рашиддидин, шаҳи арбоби назмро,
Бар лашкари сухан чу расидӣ худойгон.
Ганҷи сухан кушодаву ҳар нуктае аз он
Афзун зи ганҷу қимати сад ганҷи шойгон.
Насраш барӣ зи лағву хаташ аз хатову саҳв,
Назмаш зи захфу ҳашву зи итову шойгон.
Бас ройгон-ш дидаму ҳастам бар он ки ӯ
Дидори ӯ ба ҷон бихарам ҳаст ройгон.
Дар ҳар ҳунар замона бар ӯ модарӣ намуд,
Дод аз барои ӯ дигаронро ба доягон.
Марди сухан вай аст ба таҳқиқу мо ҳама
Таввофи ришу сиблату ҳаммоли роягон.

## АЗ РУБОИЁТ

То ишқи гули рухи ту дар дил дорам,
Чун гул зи ғами ту пой дар гил дорам.
То зери хами зулфи ту манзил дорам,
Чун зулфи ту кори хеш мушкил дорам.

Як шаҳр ҳама ҳадиси он рӯи накӯст,
Дилҳои ҳама ҷаҳониён бастаи ӯст.
Мо мекӯшему дигарон мекӯшанд,
То даст киро диҳад, киро хоҳад дӯст?

Дӯш аз ту диле ба дарду ғам доштаам,
В-аз ҳаҷри ситамгарат, ситам доштаам.
Дарди ту аз он чи доштам аввали аҳд,
Кам будам, агар заррае кам доштаам.

Ҳарчанд, ки ҳеҷ бар нах(в)ард аз ту дилам,
Ҳаргиз нашавад ба меҳр сард аз ту дилам,
Ту худ рафтӣ: валек аз фурқати ту
Шуд манзили сад ҳазор дард аз ту дилам.

Гуфтам, ки ғами ишқи ту маймун кунадам,
Кай донистам, ки дида пурхун кунадам.
Эй ҷони ҷаҳон, ман аз ту кай баргардам,
Дур аз ту магар аҷал шабехун кунадам.

Бар ҷон ту кушода кардай дасти ситам,
Таҳдид макун дили маро беш ба ғам,
Он ҷо, ки ману ишқи ту бошем ба ҳам,
Ман худ, санамо, туро надорам маҳрам.

Эй шоҳиди ширини шакарҳо, ки туӣ
В-эй хӯтари ҷавру кину яғмо, ки туӣ.
Ҷавру ситами ту ҳаст он ҷо, ки манам,
Ҷону дил банда ҳаст он ҷо, ки туӣ.

# САИД ҲАСАНИ ҒАЗНАВӢ

*Ашрафуддин Абӯмуҳаммад Ҳасан бинни Муҳаммад Ҳусайни Ғазнавӣ аз қасидасароёни маъруфи асри XII буда, бо лақаби «Ашраф» машҳур аст. Соли таваллуди шоир маълум нест. Таърихи вафоти ӯро дар байни солҳои 555—557 ҳиҷрӣ (1160—1162 милодӣ) муайян кардаанд.*

*Аз осори шоир девони ашъоре боқӣ мондааст, ки вай тахминан аз 5 ҳазор байт иборат буда, қасида, ғазал, рубоӣ, таркиббанд ва тарҷеъбандҳои ӯро дар бар мегирад.*

## АЗ ҚАСОИД

Ҷоно, ҳадиси ишқ чӣ гӯӣ куҷо расад,
Оё бувад, ки навбати васлат ба мо расад?
То ман киям, ки софии васлат кунам тамаъ,
Инам на бас, ки дурдии дардат ба мо расад.
Хоки дарат ба дида расад, не газоф нест,
Ҳаргиз ҷунон сазо ба ҷунин носазо расад?
Ранҷат ба дил расид дареғ, эй санам дареғ,
Ранҷи ту ҷуз ба ҷони азизам ҷаро расад?
Алҳақ расид он чи расид аз ҳаво ба ман,
Оре, ба мардум он чи расад аз ҳаво расад.
Пуштам дуто шудасту ҳамам нест рӯи он-к
Дастам яке бад-он сари зулфи дуто расад.
Рӯям чу каҳрабо шуда ҳар соатам зи ҷазъ,
Ваҳ, шохи буссад аст, ки бар каҳрабо расад.
Ҷонам чу шамъ дар шаби ҳиҷрон ба лаб расид,
Чун нест рӯзи васли ту бигзор то расад.
Гар сад ҳазор пора кунанд ин дили маро,
Ҳар пораро зи ранҷи ту дарде ҷудо расад.
Бегона гар ҳазор бувад, ошно яке,
Тират ба иттифоқ бар он ошно расад...

* * *

Ҳар насиме, ки ба ман бӯи Хуросон орад,
Чун дами Исо дар колбудам ҷон орад.
Дили маҷрӯҳи маро марҳами роҳат созад,
Ҷони пурдарди маро мояи дармон орад...
Дар наво оям чун булбули масте, ки сабош,
Хабар аз соғари майгун ба гулистон орад.
Ҷон барафшонам сад раҳ чу яке парвона,
Ки шабе пеши рухи шамъ ба поён орад.
Рақс даргирам чун зарра, ки субҳи содиқ
Назми ӯ муждаи хуршеди дурафшон орад.
Шодмон гардам чун дилшудае, к-аз зориш,
Ҳам маломатгари ӯ ваъдаи ҷонон орад...

## АЗ ҒАЗАЛИЁТ

Рӯи ту ба моҳи осмон монад,
Қадди ту ба сарви бӯстон монад.
Гар сояи барги гул фитад бар ту,
Бар орази нозукат нишон монад.
Вақте ки рухи ту парда баргирад,
Аз шарм на гул, на гулситон монад...
Ҷон таъбия дар лаби ту кард эзид,
З-он чун даҳанат ҳаме ниҳон монад.
Дилтанг наям, агар чӣ дил танг аст,
К-охир дили ман бад-он даҳон монад.
Рӯзе гузарад зи ҳаҷри ту соле,
Бечора Ҳасан чӣ сон ҷавон монад
Бекор мабош, ман биҳил кардам,
Бад кун, ки зи неквон ҳамон монад.

Моҳест, к-аз он рӯи чу моҳат хабарам нест,
В-он чеҳраи зебои ту пеши назарам нест.
Ҳамчун гули дар хокаму чун шаккари дар об,
З-он ғам, ки зи рухсору лабат гулшакарам нест.
Бар гардиши гардун зафарам ҳаст, валекин
Бар ту, ки дилу дидаву ҷонӣ, зафарам нест.
Зарринкамарон пешам ҳар чанд биёянд
Чӣ суд? — Ки аз дасти ту симинкамарам нест.



Гуфтӣ, ки: «Туро бо дигарон ҳаст хушу нӯш»
Таъна мазан, эй дӯст, чӣ донӣ агарам нест?
Донад ба карам аҳду вафои ту, ки имрӯз
Ҷуз орзуи рӯи ту кори дигарам нест.
Бахри ту чу дида, ки муқим асту мусофир,
Раҳ меравами гӯй, азми сафарам нест.

* * *

Вақти он аст, ки мастон тараб аз сар гиранд,
Турраи шаб зи рухи рӯз ҳаме баргиранд.
Мутрибонрову надимонро овоз диҳанд,
То самои хушу айше ба наво даргиранд.
Ровиён ҳар нафасе таҳнияти нав хонанд,
Мутрибон ҳар карате пардаи дигар гиранд.
Сари фарьёд надорем, пагоҳ аст ҳанӯз,
Як-ду абрешим бояд, ки фаротар гиранд.
Соқиён гарм дароранд шароби гулгун,
Ки насимаш зи дами хуррамӣ миҷмар гиранд.
Базмро тозатар аз равзаи ризвон доранд,
Бодаро чошнӣ аз чашмаи кавсар гиранд.
Дӯстон низ ҳарифона дароянд ба кор,
Вақтро як дами бемашғала дарбар гиранд.
Ранг дар соғари ин бодаи аҳмар доранд,
Санг дар шишаи ин қуббаи ахзар гиранд.
Тарки ин гунбади нӯҳ пӯшиши гардон гӯянд,
Қами ин хонаи беравзану бедар гиранд.
Гӯи уммед зи чавгони фалак бирбоянд,
Тӯшаи умр зи даврони ҷаҳон баргиранд.

Ороми дили маро бихонед,
Бар мардуми чашми ман нишонед.
Овозаи ишқи ман шунидед,
Андозаи ҳусни ӯ бидонед.
Аз дур дар ӯ нигоҳ кардан,
Инсоф диҳед, кай тавонед.
Аз дидаву ҷону аз дилу таъ
Ин хидмати ман бад-ӯ расонед.
Эй хубон, ӯ чу офтоб аст,
Дар ҷумла шумо ба ӯ чӣ монед?
Ишқ андӯху ҳасрат асту хорӣ,
Ошиқ машавед, агар тавонед.

Гар шамъи ту бе захмати парвона бимонад,
Хуршед чу соя зи ту дар хона бимонад.
Аз бодаи лабҳои ту гар дил бишавад маст,
Дар силсилаи зулфи ту девона бимонад.
Хунгаштадиле аз худ овехта дорад
Ҳар тор, ки аз фарқи ту дар шона бимонад.
Эй ганчи равон, дар дили вайрон кунамат чой,
То бу, ки магар ганч ба вайрона бимонад?
Афсонаи ишқи ту шудам, оху дареғо,
Тарсам, ки намонам, ману афсона бимонад.
Рӯзе, ки Ҳасан чони гиромӣ ба ту бахшад,
Биллаҳ, ки бар ӯ сад чон, шукрона бимонад.

Лабам аз бӯси ӯ шакар чинад,
Гӯшам аз лаъли ӯ гуҳар чинад.
Аз гиребон чу ӯ барорад сар,
Ҳур доман зи шарм дарчинад.
Дар фироқаш зи ашки чеҳраи ман
Мард бояд, ки симу зар чинад.
Боғбон субҳдам надонад чид
Ҳардам он-ч аз рухаш назар чинад.
Оре-оре, чу офтоб омад.
Моҳ дарҳол мӯхра барчинад...

## АЗ МУҚАТТАОТ

Гаҳ бинолӣ, ки вой, нон бояд,
Гаҳ биранҷӣ, ки ох, чон биравад.
Андӯҳи нону чон махӯр, биншин,
Қ-ин биёяд ба вақту он биравад.

## АЗ РУБОИЕТ

Оромгаҳи дил хами мӯят дидам,
Биноии дида хоки кӯят дидам.
Субҳоналлох хеч надонам имрӯз,
То рӯи кӣ дидаам, ки рӯят дидам.



* * *

Рафтему гаронӣ зи висолат бурдем,
Дар дида намунаи чамолат бурдем.
То мӯниси ҳар ду ёдгорӣ бошад,
Дилро ба ту додему хаёлат бурдем.

* * *

З-он чон, ки надошт хеч судам, ту беҳӣ,
З-он дил, ки фурӯ гузошт зудам ту беҳӣ.
З-он дида, ки рӯи ту намудам, ту беҳӣ,
Дидам ҳамарову озмудам, ту беҳӣ.

* * *

Якчанд ниҳон сӯи дилором шудем,
В-акнун ба миён чуфти маю чом шудем.
Тарсидани мо ҳама зи бадномии мост,
Акнун зи чӣ тарсем, ки бадном шудем.

# ҚАВОМИИ РОЗӢ

*Қавомии Розӣ аз ҷумлаи шоирони асри XII буда, дар Ироқ умр ба сар бурдааст. Соли вафоти шоирро 560 ҳиҷрӣ (1164 милодӣ) тахмин кардаанд. Аз Қавомии Розӣ қасида ва марсияҳое боқӣ мондааст.*

### АЗ ҚАСОИД

Намондаст дар чашми ман рӯшноӣ,
Ки афтод бо пириям ошноӣ.
Зи пирӣ чаро гашт торик чашмам,
Агар ошноӣ бувад равшаноӣ.
Баҳори ҷавонӣ фурӯ резад аз ҳам,
Чу сармои пирӣ кунад бенавоӣ.
Ҷавонию зебоиям рафту омад —
Заифиву пириву бе дастуноӣ.
Зи мулки ҷавонӣ ба пирӣ расидам,
Бувад посбонӣ пас аз подшоӣ.
Ба рӯзи ҷавонӣ накардем тоат,
Ки медошт бозори қувват равоӣ.
Ба пиронасар тавбаву тоати мо,
Зи бечорагӣ дон, на аз порсоӣ.
Нахоҳад маро он нигорин, ки кардӣ —
Бар оинаи дил зи ман ғамзудоӣ.
Бар ин ноумедӣ ҳаме нола кардам,
Маро гуфт, бисро, ки хуш месароӣ.
Хаёли ҷавонӣ ба узри ман омад,
Чу шоҳи фалак бар сарири самоӣ.
Чу товус дар киллаи ҷилвасозӣ,
Чу маъшуқ дар ҳавдаҷи дилрабоӣ.
Ба меҳри дилу ҷон даровехтам з-ӯ,
Чу ошиқ ба маъшуқ рӯзи ҷудоӣ.
Забони итоб андар ӯ баркушодам,
Ки охир бигӯ, то кай ин бевафоӣ!



Бирафтиву то рафтаӣ ҳеҷ рӯзе
Нагуфтӣ, ки чунӣ? Чӣ кардӣ? Куҷоӣ!
Чунин кай кунад дӯст бо дӯст, ҳаргиз,
На аҳли вафоӣ, ки марди ҷафоӣ!
Надонистамат қадру қимат ба вақте
Ки буд аз туам хубиву хушлиқоӣ.
Азизо, барам з-он сабаб хор будӣ
Ки пиндоштам то қиёмат мароӣ.
Чунон рафтӣ аз пеши чашмам, ки гуфтӣ
Зи барқи басар акси шамс-ул-зуҳоӣ.
Туро кай тавон дошт дар хонаи ҷон,
Ки аз равзани умр боди ҳавоӣ.
Гаҳи ранг бар мӯй чун парри зоғӣ.
Гаҳи соя бар сар чу фарри ҳумоӣ.
Агарчи муфарриҷ наӣ, ҷонфурӯзӣ,
В-агар чи муфаррих наӣ, дилкушоӣ.
Ҳумоюнбиноӣ, муборакдарахтӣ,
Накӯгавҳарӣ, булаҷаб кимиёӣ,
Ба кӯи ту чун раҳнишинон ба раҳ бар
Ҳаме чашм дорам, ки ногаҳ дароӣ...

### АЗ ҒАЗАЛИЁТ

Дили ошиқ зи біми ҷон натарсад,
Гараш кор афтад, аз султон натарсад,
Чӣ бок аст аз балоҳо ошиқонро,
Ки Нӯҳ аз офати тӯфон натарсад.
Ба ишқ аз ҷон тақарруб карда ошиқ,
Чу Исмоил, ки аз қурбон натарсад.
Ҷафокаш вақти ранҷ аз ғам нанолад,
Мубориз рӯзи ҷанг аз ҷон натарсад.
Қай андеша зи дил онро, ки дил нест,
Зи дарьё марди киштибон натарсад.
Қавомиро, ки ҷонбозест дар ишқ,
Зи ранҷи фурқати ҷонон натарсад.
Ҳама офоқ донанд ин ки хиште,
Ки дар об афтад аз борон натарсад.

* * *

Лашкар кашид ишқу маро дар миён гирифт,
Хоҳанд мардумонам аз ин дар забон гирифт.

Андар забони халқ фитодам зи дасти ишқ,
То боядам ба лоба дари ину он гирифт.
Чоно, ғуломи ишқи ту гаштам ба ройгон,
Мебоядат маро ба иноят инон гирифт.
Озоду подшоҳи тани хешам, эй нигор,
Охир маро ба банда ҳаме бартавон гирифт.
Ноланда гашт булбули ишқам, ки мар туро
Товуси ҳусн бар сари сарв ошьён гирифт.
Бо офтобу моху ситораст осмон,
Гӯй ки нусхати рухи ту осмон гирифт.
Эмин нишаста будам дар кунчи офият,
Омад балои ишқу маро ногаҳон гирифт.
Аз гӯшае баромад азин шӯхдилбаре,
Бирбуд дил зи дастаму пой аз миён гирифт.
Бози шикорҷӯй, Қавомӣ, надидаӣ?
Шоҳини ишқ кабки дилатро чун он гирифт.

# РАШИДУДДИН ВАТВОТ

*Рашидуддин Ватвот аз шоирон ва донишмандони намоёни асри XII мебошад.*

*Соли таваллудаш маълум нест. Ватвот дар мадраcаи Низомия таҳсили илм намуда, пас аз таҳсил аз Хуросон ба Хоразм меравад.*

*Шоир дар замони зиндагиаш бо шоирони муосири худ — Хоқонӣ, Анварӣ, Саноӣ, Адиб Собир мукотиба доштааст. Рашидуддин Ватвот дар соли 573 ҳиҷрӣ (1177 милодӣ) вафот мекунад.*

*Аз Ватвот ба мо асари машҳураш «Ҳадоиқ-ус-сеҳр» (дар бораи илми бадеъ ва санъатҳои шеърӣ), ҳикоятҳои насрӣ, қасида ва мукотибот боқӣ мондаанд.*

## АЗ ҚАСОИД

Чу аз ҳадиқаи минои чархи сақлотун,
Нуҳуфт гашт аломоти сурх оинагун.
Зи нақшҳои ғарибу зи шаклҳои бадеъ
Саҳифаҳои фалак шуд чу сӯҳфи Ангалиун.
Ҷаноҳи насру салоҳи самок ҳар ду шуданд
Зи дасти чарх мурассаъ ба лӯълӯи макнун.
Ба ҳусн рӯи қамар ҳамчу талъати Лайлӣ,
Ба заъф шакли сӯҳо ҳамчу қомати Маҷнун.
Шиҳоб ҳамчун хусоми бараҳнакарда ба ҳарб,
Суҳайл ҳамчу синони хизобкарда ба хун.
Шиои шаъро андар саводи зулмати шаб,
Чунон ки дар дили чуҳҳол илми Афлотун.
Шабе дарозу зи ҳайрат фалак дар ӯ сокин,
Валек аз дили ман ҳаҷри ёр бурда сукун.

* * *

На рух аст он ки зӯҳраву қамар аст,
На лаб аст он ки сар ба сар шакар аст.

Ҳолам аз бад батар шудасту равост,
К-он нигорин зи хуб, хубтар аст.
Симу зар пок рафт дар ишқат,
Ҷону дил низ ҳар ду бар асар аст.
Бо чунон рух чи ҷои ҷону дил аст,
Бо чунон лаб чӣ ҷои симу зар аст.
Хабари ранҷи ман ба олам рафт,
Эй дареғо, ки ёр бехабар аст.
Некӯӣ кун, шаҳо, ки дар олам
Номи шоҳон ба некӯӣ самар аст.
В-аз ризо додани бадон ба бадӣ,
Ҳам ҳазар кун, ки мавзеи ҳазар аст.
Носеҳе, к-он туро бад омӯзад,
Нест носеҳ, к-аз адӯ батар аст.
Ганҷу ранҷи тавонгару дарвеш,
Ҳар чӣ дар олам аст, даргузар аст.
Дод кун, дод кун, ки дор-ул-хулд
Маскани хусравони додгар аст.
Як саҳифа зи номи нек туро
Беҳтар аз сад хизонаи гуҳар аст.

* * *

Баҳор чеҳраи ҷонро ҳаме биорояд,
Ҷамол чеҳраи бӯстон ҳаме биафзояд.
Саҳоб рӯи шукуфа ҳаме бияфрӯзад,
Шамол ҷаъди бунафша ҳаме бипероярд.
Яке ба кӯҳу ба саҳро гулоб мерезад,
Яке ба боғу ба бӯстон абир месояд.
Гул аст шоху раёҳин ҳама сипоҳи вайанд,
Чунин сипоҳро лобуд чунин шаҳе бояд,
Гул аст оре шоҳу ба номи ӯ инак
Зи хутба кардан булбул ҳаме биёсояд.
Даҳони савсани озодро ба мидҳати гул
Забондеҳ асту гар изъофдеҳ бувад, шояд.
Кушода наргис чашми умедро ҳама шаб,
Ки субҳ бардамаду гул ҷамол бинмояд.
Гирифта лола ба каф ҷоми лаълу монда ба пой,
Магар ба базми худаш гул шароб фармояд.
Бунафша пеш дарафканда сар мусаххарвор,
Зи хатти тоати гул ними хутба нагрояд.
Магар манозеи гул гашт арғувон в-арна
Ҷаро сипеҳр тани ӯ ба хун биолояд?



**АЗ ҒАЗАЛИЁТ**

Ҷоно, лаби чун шароб дорӣ,
Рухсори чу офтоб дорӣ.
Дар пеши зиёи офтобат,
Аз зулмати шаб ниқоб дорӣ.
Пайваста раҳи фироқ пӯӣ,
Ҳамвора сари итоб дорӣ.
Эй рӯи ту, раҳмати илоҳӣ,
То чанд маро азоб дорӣ?
Эй тофтазулфи ёр, охир
То кай дили ман ба тоб дорӣ?

* * *

Эй хиҷил гашта офтоб аз ту,
Хонаи сабри ман хароб аз ту,
Аз сари меҳр чун савол кунам,
Нашнавам ҷуз ба кин ҷавоб аз ту.
Ту ҳама роҳатӣ чи маънирост
Баҳраи ман ҳама азоб аз ту.

# АСИРИДДИН АХСИКАТӢ

*Асириддин аз қасидасароёни асри XII мебошад. Ӯ дар деҳаи Ахсикати вилояти Фарғона таваллуд ёфта, давраи бачагиашро дар он ҷо мегузронад ва дар Балх таҳсили илм мекунад. Илмҳои замонашро азхуд намуда чанде дар Ҳироту Марв зиндагонӣ кардааст. Вале баъд аз ҷангу ҷидоли ғуззон ба Хуросон монданашро муносиб надониста, ба Ироқ меравад.*

*Аз қасидаҳои шоир маълум мешавад, ки ӯ ба Кӯҳистон ва Озарбойҷон низ рафтуомад доштааст. Шоир дар ҳудуди солҳои 593—608 ҳиҷрӣ (1196—1211 милодӣ) дар Халхол ном деҳаи Озарбойҷон вафот ёфтааст. Асириддин Ахсикатӣ соҳибдевон буда, эҷодиёти ӯро қасоид, ғазалиёт ва рубоиёт ташкил медиҳад.*

### АЗ ҚАСОИД

Видоъу фурқати аҳбобу ёди аҳди шабоб,
Диёри умри умедам хароб кард, хароб.
Зи ёд ин рухи зардам дар об гашт ғарик,
Зи доғ он, дили решам бар оташ аст кабоб...
Чу баршавад сӯи чашмам зи дил бувад чу ақиқ,
Фурӯ чакад, шуда монанди лӯълӯи хушоб...
Дареғ, умри гиромиву муддати шодӣ,
Дареғ умри ҷавониву сӯҳбати аҳбоб...
Бипажмурид бад-ин сону бас аҷаб набувад,
Агар бипажмурад аз барф лолаи сероб.
Бадеъ нест зи баҳри шабобу умри азиз,
Агар сиёҳ кунам мӯйро ҳаме ба хизоб.
Агар ба сӯги азизон кунанд ҷома сиёҳ,
Сиёҳ кардам ман мӯи худ ба сӯги шабоб.
Аё фирефтаи рӯзгори бемаҳсул
Ба умр орияти хеш то кай ин эъҷоб?
Ҳамеша бар дари таслим гард, аз он ки ба ҷаҳд
Бурун наёяд ҳаргиз сафина аз ғарқоб.



* * *

Макун гуноҳ ба умеди он ки гӯӣ ҳаст,
Худои азза-ва-ҷалл ҳар гуноҳро таввоб.
Агар шикори тазарв орзу кунӣ, расадат,
Ки қомати ту хам овард ҳамчу чанги уқоб...
Кунун ки ҷуфт шудӣ, дар дуо физой бад-он,
Ки мар дуои туро зудтар диҳанд ҷавоб.
Ҳаме набинӣ аз рӯи таҷрибат, ки камон
Чу ҷуфт гардад аз ӯ дуртар равад партоб.

* * *

Эй шамъи зардрӯй, ки бо ашки дидай,
Сархели ошиқони мусибатрасидай,
Фарҳоди вақти хешӣ, месӯзу мегудоз,
То худ ҷаро зи сӯҳбати Ширин буридай?
Як шаб сипанди оташи ҳиҷрон шавӣ, чӣ бок,
Шаш маҳ висоли дӯст на охир ту дидай?
Гар шоҳидӣ, зи ишқ чӣ рухзард гаштай?
В-ар ошиқӣ барои чӣ қад баркашидай?
Ёре ба бод додай, ар не, ҷаро чу ман
Беранги ашкбору низору шамидай?
Ин хун, фурӯди дида зи соид ба сони чист,
Аз ғабн агар на даст ба дандон газидай.
Гаҳ бар лаган саворӣ в-аз шӯъла найзавор
Лофе намезанӣ, сафи зулмат даридай.
Гирам, ки сар фарохтай чун муборизон,
Султон най, барои чӣ афсар харидай?
Онро, ки нури дида гумон бурдай, ту худ
Доим дар оби дида аз он нури дидай.
Оҳанги хуни ҷони ту кардаст баъд аз он-к
Дар ҷон нишондаишу ба ҷон парваридай.
Ҷавлон кунӣ чу шабпара дар тирагӣ, валек
Бо теғи офтоб алам хобунидай.
Мурғе чунин шигарф, ки дар аҳди худ туӣ.
Парвонаро ба ҳамнафасӣ чун гузидай?
Оре, ту худ ҳам аз магасе зодай ба асл,
В-имрӯз низ бо магасе орамидай.
Воллаҳ, ки то мусаҳҳифи шамъӣ, ту васфи хеш
З-ин сон чуз аз Асир, гар аз кас шунидай?
Дар базми хоҷа хандаи нузҳат чӣ мезанӣ?
Охир, на аз бародари ҳамдам буридай.

## АЗ ҒАЗАЛИЁТ

Ё раб, он моҳи тамом они ман аст,
Ки ба қад сарви хиромони ман аст.
Бо сари зулфи парешон ҳама рӯз,
Дар паи кори парешони ман аст.
Умри ҷовид тамаъ медорам,
Ки лабаш чашмаи ҳайвони ман аст.
Он лаб, он лаб, ки шакар бандаи ӯст,
Қас чӣ донад, чӣ ба дандони ман аст.
Ғамзаи ӯ ҳама куфр аст, валек
Куфри ӯ беҳтар аз имони ман аст.
Аз саги кӯи ваям, нест дареғ,
Суханаш, к-аз ҳама дар ҷони ман аст.
Ман, ки девонагиям аз сари ӯст,
Зулфи ӯ силсилаҷунбони ман аст.
Ҷурми занҷири вай аст ин ки зи ғам,
Пираҳан бар тан зиндони ман аст.
Ин ки дар пой сад андӯҳам гашт
Ҳам диле бе сару сомони ман аст.
Ин ҳама ҳасту ҳамегӯяд Асир,
Ё раб, он моҳи тамом они ман аст.

* * *

Ин забон, к-андар ин даҳони ман аст,
Сабаби меҳнату зиёни ман аст.
Дар даҳонам ҳамеша хаст ниҳон,
В-ошкорокуни ниҳони ман аст,
Ман бад-ӯ хурамам, ки дар ҳама хол
Асли сармояи дукони ман аст.
Бар замири дилу тафаккури ман
Бар ҳама халқ тарҷумони ман аст.
Сухани мухтасар бигӯям, ҳон,
Халкро банда-ройгони ман аст.
Малак-ул-мавти ҳар касе пайдост,
Малак-ул-мавти ман, забони ман аст.

* * *

Вақт биёяд, ки даври ғам ба сар ояд,
Субҳи висол аз шаби умед барояд.
Умри азиз, аз сар видоъ бар орад,
Он ду-се рӯзи фироқ ҳам ба сар ояд.



Бар дари ин сахтхуфта сабр кунам, сабр,
Охир агар мурда нест, ҳам ба дар ояд.
Бози ман, акнун ки дар гурезгаҳ афтод,
Мурғи диле шарт нест то ба бар ояд.
Ҳаст зи айём як назар тамаам бас,
В-ин қадар айёмро чӣ дар назар ояд.
Сахт бияфтодам аз замона, чӣ гӯям.
Ман наям он кас, ки бо замона барояд.
Умру мурод, эй азиз, ҳар ду азизанд,
Ин бидеҳ, ар боядат, к-аз он хабар ояд.
Тири бало, к-аз камони ҳодиса биҷҳад,
Пӯст надорад магар, ки бар ҷигар ояд.

* * *

Ҳусни рӯяш дида пурхун мекунад.
Ақл воқиф нест, то чун мекунад?
Об мегирад зи рӯяш чашму пас,
Акси ӯ он об гулгун мекунад.
Дасти ҳуснаш моҳро гесӯкашон.
Аз бисоти чарх берун мекунад.
Ҷумла талқини руху зулфайни ӯст,
Чарх ҳар бедод, к-акнун мекунад.
Айни бедодист дар даври ғамаш,
Ҳар кӣ оҳ аз ҷаври гардун мекунад.
Ақлро чун аблаҳон дар шиша кард,
Чашми ӯ, ё раб, чӣ афсун мекунад.
Зулми ҷазъаш ошкор аст, он бигӯй,
Лаъли мут-вориш ҳам хун мекунад.
Аз ҷаҳон ҳар чанд ҷавраш бар ман аст,
Гӯ, бикун, зеро ки мавзун мекунад.
Гуфт зарру сим, гуфтам рӯю ашк,
Гуфт: «Ин ваҷҳам чу Қорун мекунад»
Нек адое рафт, Асиро, кам мапеч,
То муроотн ту афзун мекунад.

* * *

Бо кӣ гӯям роз, чун ҳамдам намонд,
Дард бугзашт аз қаду марҳам намонд.
Нақши як ҳамдам ба ман нанмуд чарх,
В-ин батар, к-аз умр ҳам як дам намонд.

Тар нагашт аз дидан гирьёни ман
Чархро, дар дида гӯй нам намонд.
Чунки ман курбон ба теғи ғам шудам,
Эй фалак, иде макун, к-ат ғам намонд.
Нест оини вафо дар шаҳри мо,
Ман бар онам худ, ки дар олам намонд.
Ғамгусор аз ман басе ғамгинтар аст,
Дар ҷаҳон гӯй диле хуррам намонд,
Ними сабре дошт дар олам Асир,
Вой ӯ аз дасти ғам, к-он ҳам намонд.

* * *

Мо мондаему ҷоне дар дасти ғам бимонда,
Аз умр беш рафта, аз сабр кам бимонда.
Дар дил шарар фитода, бар мағз таф расида,
Аз рӯй об рафта, дар дида нам бимонда.
Аз сар гузашт гардун сар бар хати ҳаводис,
Нолону ашкрезон ҳамчун қалам бимонда.
Бо ин дурӯза ҳастӣ бишкаста тан, валекин
Аз лаззати фароғат дил бо адам бимонда.
Коре чу ганҷи Қорун рух дар нишеб дода,
Дарде чу кӯҳи Қоран собитқадам бимонда.
Дасте, ки ҷид гулҳо аз шохи шодмонӣ,
Имрӯз то бибозад, дар хори ғам бимонда.
Илло ду дам намонда аз таффи умр бо мо,
Сад доғу дарди ҳасрат бо он ду дам бимонда.
Рӯзе бақои олам дар шаб фитоду он гах
Уммедро димоғе бар бӯ-к кам бимонда.
Гетинамои табъат зангор хӯрд Асиро,
Дар банди марди зангӣ аз Тӯсу Ҷам бимонда.

Ҷонам фидои туст, ки ҷонони ман туӣ,
Шамъи високу тоза гулистони ман туӣ.
Ҳастанд шохидони шакарлаб ба аҳди ту,
Лекин з-он миёна ба дандони ман туӣ.
Ҷон бар сари ғами ту пиҳам в-аз ман ин сухан
Беҳурматист, ҷон чӣ бувад, ҷони ман туӣ.
Дар ишқи ту ба хидмати султон баромадам,
Эй маҳ, саодати ту, ки султони ман туӣ.
Он кас, ки гуфт, Асир, ба Зангон чӣ мекунӣ?
З-ин нукта ғофил аст, ки Зангони ман туӣ...



* * *

Дар кори ту аз даст бишуд аҳди ҷавонӣ,
Ман сӯхта з-ин ғусса намондам, ту бимонӣ.
Бо он ки ман аз ишқи ту расвои ҷаҳонам,
Ҳам розиямande, ки ту зебои ҷаҳонӣ.
Раҳм ор, чу дидӣ, ки манам ин на ҳабибам,
Шукронаи онро, ки на онӣ, ки чунонӣ.
Не, не бирав аз тангдилон ёд маёвар,
Он ноз туро бас, ки ту худ тангдаҳонӣ.
Ҳаҷри даҳани танги ту акнун, ки зарурист,
Бигзор ба мо, тангдили мо ба нишоне.
Сад аҳд бибастиву ҳамон гаҳ бишикастӣ,
Моро беҳ аз ин буд ба аҳди ту гумоне
Гуфтӣ, гули рухсораи ман хоси ту бошад,
Дидӣ, ки чу савсан басазо ҷумла забонӣ
Бурдӣ дили бечора Асир аз сари шӯхӣ,
Хуш бош, ки гар ҷон бубарӣ ҳам, дилу ҷонӣ.

* * *

Эй, к-аз он чашмаи ҷонбахшу ду лаб ҷони манӣ,
Кӯрии ҷумла ҳасудони ҷаҳон, они манӣ.
Ҷон агар ҳамчу дилам пои ту орад ба рикоб,
З-он инон боз натобам, ки ту ҷонони манӣ,
Лабу дандони туро саҷда барам чун парвин,
К-аз ҷаҳон, эй маҳи тобон, ту ба дандони манӣ.
Чашми ман абри баҳор аст, ки мегирьяд зор,
То ту дар фасли зимистон гули хандони манӣ.
З-он ду зулфайни парешон, ки ҷаҳон фитнаи ӯст,
Мояи фитнаву аҳволи парешони манӣ.

## АЗ МУҚАТТАОТ

Ман гирди сари кӯи ту аз баҳри ту гардам,
Булбул зи паи гул ба канори чаман ояд.
Бишкаст дилам, дар шикани зулф мабодо,
К-аз чашми баде бар шикани ӯ шикан ояд.

* * *

Нест оини вафо дар шаҳри мо,
Ман бар онам, худ ки дар олам намонд,
Ғамгусор аз ман басе ғамгинтар аст,
Дар ҷаҳон гӯй, диле хуррам намонд.

## МУФРАДОТ

Фасли баҳор, васли бутон асли хуррамист,
Ҳар кас, ки з-ин ду шод набошад, на одамист!

Зи нону об, ки асли ҳаёти одамианд,
Малол гирад, чун бугзарад зи андоза.

Қас чӣ донад, миёневу даҳоне дорӣ,
Гар набандӣ камар, эй дилбару, лаб накшоӣ.

Эй сурати ту ояти зебоиву х(в)ашшӣ,
В-эй қомати ту ғояти раъноиву кашшӣ.

Сӯзест маро дар дил, аммо на чунон сӯзе,
Сӯзе, ки вуҷуди ман барбод диҳад рӯзе.

## АЗ РУБОИЁТ

То дурам аз он ду зулфи мушкини батоб,
Аз оташи дил зи дида мерезам об.
Акнун чи кунам, ки бахти баргаштаи ман
Гуфтор ба нома карду дидор ба хоб.

Тан дардодам ба дарди ошиқфиканат,
Дил бинҳодам ба фурқати дилшиканат.
Ё даври фалак боз раҳонад зи худам,
Ё оҳи саҳар боз расонад ба манат.

То оқилаи мо дили девонаи мост,
Як дард нишон деҳ, ки на ҳамхонаи мост.
Ҳар дард, ки соғари ҷаҳон ҳисса кунад,
Чун дарнигарӣ, насиби паймонаи мост.

Гардуни баландқадр ҳамтои ту нест,
Дарьёи газофбахш ҳампои ту нест.
Чандон ки нигаҳ кунем, ин ҷои ту нест,
Пироҳани мулк ҷуз ба болои ту нест.

Чун доирае лаби ту дарҳам пайваст,
Бингар, ки чи танг арсае дошт ба даст.



Қ-он нуқтаи анбарин, ки на нест, на ҳаст,
Дар доира ҷо наёфт, дар гӯша нишаст.

То шарбати ошиқӣ чашидам зи ғамат,
Ҳар бад, ки гумон барӣ, кашидам зи ғамат.
Қисса чӣ кунам, ба ҷон расидам зи ғамат,
Он беҳ, ки нагӯям, он чи дидам зи ғамат.

Дар номаи ту қалам чу гардан бифрошт,
Гуфтам, бинависамат, сиришкам нагзошт.
Ҳоли дили муштоқ на он сурат дошт,
Қ-онро ба сари қалам тавонист нигошт.

Як дил чӣ кунад, ҳазор ҷонбозӣ кард,
Хун гашт зи дарди туву дамсозӣ кард.
Бисьёр бикӯшид, ниҳон дошт ғамат,
Бӯи ҷигари сӯхта ғаммозӣ кард.

Дил дӯш дам аз ҳавои дилбар мезад,
Ҳар ҷо, ки расид, ҳалқа бар дар мезад.
Ҳамчун магас аз ҳасрати он тунги шакар,
Фарьёдкунон ду даст бар сар мезад.

Дардо, ки зи умр мояи суд намонд,
Як дӯст, к-аз ӯ диле биёсуд, намонд.
Чун қиссаи айём биҷустам, дар ӯ —
Ё нақди вафо набуд, ё буд, намонд

Сад пора вуҷудро фурӯ бехтаанд,
То мисли ту сурате барангехтаанд.
Субҳоноллаҳ, зи фарқи сар то поят,
Дар қолиби орзуи ман рехтаанд.

Имшаб манаму висоли он сарви баланд,
Майро зи лабаш чошние дода ба қанд.
Эй шаб, агарат ҳазор кор аст, марав,
В-эй субҳ, гарат ҳазор шодист, маханд.

Эзад дилаке меҳрфизоят бидиҳод,
Беҳ з-ин назаре ба ин гадоят бидиҳод.
Хубиву хушиву дилфиребиву ҷамол
Дорӣ ҳама ҷуз вафо, худоят бидиҳод.

Бар ман чу фироқи он биҳиштӣ гузарад,
Рӯзам ба фиғон, шабам ба зиштӣ гузарад.
Дур аз ту чунон ашк зи чашмам хезад,
К-аз торакам осмон ба киштӣ гузарад.

Чун бе рухи дилбар аст айёми баҳор,
Айшам ба чӣ дил бояду шодӣ ба чӣ кор,
Дар боғ ба ҷои сабза, гӯ, меғ баро,
Аз абр ба ҷои қатра, гӯ, санг бибор.

Дар хоб шабе ҳамнафаси ёр шудам,
Бо вай нафасе маҳрами асрор шудам.
Рӯе ки бад-он рӯй ниҳодам ба тараб,
Бар рӯи замин буд, чу бедор шудам.

Онам, ки барад рашк бар имрӯз диям,
Ҷонам, хирадам, дилам, надонам, ки чиям.
Чун пурсидӣ, бо ту бигӯям, ки киям,
Султони сухан Асири Ахсикатиям.

Дилбар ба ту дил намегузинад, чӣ кунам?
Ҷуз бо ғами ту наменишинад, чӣ кунам?
В-ин дида, ки имрӯз туро мебинад,
Фардо, ки мабодо, ки набинад, чӣ кунам?

Биншину зи дил ҳавои хубон бинишон,
Қ-ин қавм зи мардумӣ надоранд нишон.
Ёре, ки дар ӯ вафо набинӣ, маталаб,
Шохе, ки дар ӯ мева набошад, мафишон.

Чашмам, ки ҳамеша ҷӯи хун ояд аз ӯ,
Ҳамвора маро бахт нагун ояд аз ӯ.
З-он тарс бигирьям, ки хаёли рухи ту
Бо ашк мабодо, ки бурун ояд аз ӯ.

Гар дил надиҳӣ, аз ту шикоят куname,
Донам, ки шикоят ба чӣ ғоят куname.
Гар пардадарӣ набошад андар ҳақи ту,
З-онҳо, ки ту кардаӣ, ҳикоят куname.

## ИМОДӢ

*Амир Имодии Шаҳриёрӣ, ки бо Имодии Ғазнавӣ низ машҳур аст, аз шоирони асри XII форс-тоҷик аст. Дар Шаҳриёри Рай таваллуд шуда, бо Саноӣ ва Адиб Собири Тирмизӣ муосир будааст. Ӯ дар Рай, Ғазна, Мозандарон ва Ироқи Аҷам умр ба сар бурдааст. Имодӣ соли 1186 вафот ёфтааст. Заҳирии Самарқандӣ, ки аз шоирон ва носирони асри XII буд, дар китоби «Синдбоднома»-и худ аз шеърҳои ӯ порчаҳо овардааст.*

### АЗ ҚАСОИД

З-он гаҳ, ки дар тасарруфи ин сабзгулшанам,
Дар коми аждаҳои ниёз аст масканам.
Чунонки анкабут луоби даҳан танад,
Хуни ҷигар зи дида ба тан барҳаметанам.
Мӯҳтоҷи нону об наям аз барои он-к
Ғам ҷои нону об гирифтаст дар танам.
Аз баҳри осмон камари лаъл кардаме,
Гар зодаи ду дида бимондӣ ба доманам.
Озодӣ орзуст маро дер солҳост,
То кай зи бандагӣ на кам аз сарву савсанам?!
Бар тоби дил ниҳодам, дар захми тан задам
Гар одаме равост, к-аз оҳан бувад, манам.
Гаштанд равшанони фалак хасми ман чунон-к
Хуршед ҷуз ба ҷанг наёяд ба равзанам.
Санги сухан баландтар андохтам ба чашм
То обгинахонаи афлок бишканам.
Беҳтар зи ман чароғ наяфрӯхт рӯзгор,
Хуршед рашк бурду биёлуд равғанам.
Гуфтӣ:— Магӯй ҳарчӣ тавон гуфт зинҳор,
Баҳрам шигифт нест, агар мавҷ мезанам.
Чун зангхӯрда оинае гаштаам зи ғам,
Бе сайқали сухан натавон ёфт равшанам.

Умрест то риёзати ман медиҳад фалак,
Кӯрии ӯ ҳанӯз навомӯзи тавсанам.
Бози сапеди донишаму дар ҳама ҷаҳон
Ҷуз остони шоҳ набошад нишеманам.

### АЗ ҒАЗАЛИЁТ

Маро ишқи ту чун аз ман бипардохт,
Ҳама торикӣ аз равшан бипардохт.
Ба ишқат ҳар кӣ чун ман гашт масрур,
Зи бори ақлу ҷон гардан бипардохт.
Дилат дар лофгоҳи сустаҳдӣ
Ба ишва сахтӣ аз оҳан бипардохт.
Ғаматро дӯст дорам, з-он ки меҳраш —
Маро аз дӯст в-аз душман бипардохт.

* * *

Туро чунон ки туӣ, дида дарнамеёбад,
Басар зи нури ту бар ту зафар намеёбад.
Зи ту чи гуна хабар шуд дили маро, к-аз лутф
Тирози пираҳан аз ту хабар намеёбад.
Хароб гашт ҷаҳон аз ниҳеби ғамзаи ту,
Лабат зи баҳри чӣ ин кор дарнамеёбад?

* * *

Такья бар ҳусни ҷавонӣ мекунӣ,
В-аз ғами ман шодмонӣ мекунӣ.
Шарм дорӣ гар бигӯям, к-аз ҷафо
Бар чӣ мӯҷиб зиндагонӣ мекунӣ?
Ҳар замон гӯӣ ҷафо кай мекунам.
Нест тақсир он чӣ донӣ, мекунӣ.
Гул кӣ ёрад чидан аз боғи рухат,
Чун ба ғамза боғбонӣ мекунӣ?

* * *

Ишқи ту ҳар рӯз шӯре дар ҷаҳон меафганад,
З-он ки рӯят оташ андар осмон меафганад.
Турраи ту хок дар чашми фалак меоварад,
Ғамзаи ту хок дар чашми равон меафганад.
Суфта меҳоҳем дилро то ҷаро хоки ту нест,
Сӯи сина чашми мо алмос аз он меафганад.



* * *

Ҳар дидае, ки аз ту сӯи дил нишон барад,
Гирди ҷаҳон зи хуни ҷигар корвон барад.
Андӯҳи ту барад зи паи васл ҳар касе,
Мард он бувад, ки андӯҳи ту ройгон барад.
Бар ҳар карон зи мунтазирони ту маҷмаъест,
То худ куҷо замона туро дар миён барад?

* * *

Эй ба ҷамоли ту ҷаҳон лофзан,
Халқ ҳама бандаи ту, хоса ман.
Раҳбари сад ӯризаи осмон
Зулфи ту бар орази ҳамчун суман.
Пираҳан аз баҳри чи пӯшӣ, ки ҳаст
Нури ту бар пираҳанат пираҳан.

* * *

Корест марову нест ёре,
Бе ёр киро бирафт коре.
Бугсист миёни ҷонам аз ғам
Дар ҷустани ғамгусор ёре.
Симурғ миёни мардум ояд,
Гар бӯй барад зи ғамгусоре,
Илло зи барои хастани ман
Бар рӯи замин наруст хоре.
Озурдаи ёру интизорам,
Машнос чу интизор ёре.

Даст дар ҳам намедиҳад корам,
Пой мардӣ намекунад ёрам.
Чи кунам қаҳти мардум аст, овах
Ба кӣ гӯям, ки рост кун корам.
Хуну молам ҳалол медоранд,
Ҷурмам ин аст, к-ошиқе зорам
Бехи паргори ғам шудаст дилам,
Бар чӣ толеъ заданд паргорам?
То барорам ба хуррамӣ нафасе,
Ишқ гӯяд, ки ин на ангорам.
Некаҳдӣ куҷо ба даст ояд,
Қ-охири кор аз ӯ наёзорам.
Бар дилором арза кардам ҳол,

То диҳад равнақе ба бозорам.
Гуфтамаш он надорам андар ишқ
Беш аз ин дар фироқ магзорам.
Гуфт: «Ҷон медиҳу ҳадис макун,
Ба худой, ар ҷавоб ин дорам».

* * *

Зулфат ба камол дилрабоест,
Рӯят ба ҷамол ҷонфизоест.
Ҳар ҳалқа зи зулфи анбаринат.
Олудаи хуни ошноест.
Бе рӯи ту ақл баста дастест,
Бе ишқи ту ҷон шикаста поест.
Гуфтӣ, ки дилат куҷост, ҷое
Дар зулф нигар на дур ҷоест.

* * *

Ройгон рух наменамояд ёр,
Ба сухан рост менагардад кор.
Аз фиребу итоби ӯ фарьёд,
В-аз ҳисобу китоби ӯ зинҳор.
Бо дил аст ин сухан, на бо қолиб,
Бо сар аст ин сухан, на бо дастор.
Осмон барги фитна месозад,
Ту басе з-ӯ қавитарӣ, магзор!
З-он сӯи чарх чист — нест хабар,
Азмро гӯ, бирав, хабар боз ор.

* * *

Бар онӣ, ки ғам бар дили ман гуморӣ,
Ман аз ғам натарсам, биё, то чи дорӣ,
Нанолам зи ғам, гарчӣ бисьёр бошад,
Валекин бинолам зи беғамгусорӣ.
Ба савганд гуфтӣ ки хунат бирезам.
Зи савганд бигзар, ба қавл устуворӣ.
Аҷаб мегузорад дили пурфиребат,
Ки зинда маро дар ҷаҳон мегузорӣ.
Наёрам, ки бо хӯи ту боз кӯшам,
Чунон менамояд, ки ту ҳам наёрӣ.



Гардун сари мардумӣ надорад,
Гетӣ дили хуррамӣ надорад.
Буньёди ҳаёт сахт суст аст,
Афсӯс, ки маҳкамӣ надорад.
Он мардумро, ки нек буданд,
Илло шиками замӣ надорад.

* * *

Чӣ кардаам, ки сазои ман аст ҳиҷронат?
Чӣ гуфтаам, ки ба хуни ман аст қурбонат?
Кӣ хост дар талаби ту, ки ҳалқаи зулфат
Зи хуни ӯ нанишондаст гарди майдонат.
Бисохт он рухи тобон турову чунон сохт,
Ки сӯхтӣ ҳама офоқу нест товонат.

Ғамгин дилам зи доғи ҷафо реш кардаӣ,
Мискин танам ба коми бадандеш кардаӣ.
Бар ошиқон ҷафо кунӣ, эй дӯст, рӯзу шаб,
Лекин зи ҷумла бар дили ман беш кардаӣ.
Гӯӣ, ки аз фироқ чӣ ранҷат ҳамерасад,
Оре, қиёси мо зи дили хеш кардаӣ.

## АЗ МУҚАТТАОТ

Эй қасри саодату саломат
Бар дасти ғами ту гашта вайрон.
Дар кӯи ту сад ҳазор ошиқ
Бархоста аз раҳи дилу ҷон.
Ҳусни ту зи оташи камолат
Бар моҳ ниҳода доғи нуқсон.
Дар маъракагоҳи фурқати ту
Як Нӯҳ наю ҳазор тӯфон.

* * *

Интизорам мадеҳ, ки оташу об
Накунад, ончи интизор кунад.
Рӯзгор аз ту дур кард маро

Рўзгор инчунин ҳазор кунад.
Некўӣ кун бад-он ки бо рўят,
Некўӣ аҳд устувор кунад.

* * *

Муҳаққиқони ҳаворо ба дил гузар накунад,
Ки дар замона нишони вафо тавонад буд.
Қалиди ганҷи баќо дар сарои пардаи ишқ,
Нуҳуфта дар сари теғи фано тавонад буд.

* * *

Қас пушти дасти дўст набўсад чу остин,
То зери пои халқ насояд чу остон.
Аз кисаи касон ситаду доди худ макун,
Дар ишқ баҳр бош, ба маънӣ на новадон.

* * *

Бигрифт маро ғами ту, оре,
Ҳар рўз чу ман ҳазор гирад.
Дар кўи ту ҳар шаб осмонро,
Гирад ғами ишқу зор гирад.

* * *

Озор гузинию ҷафо низ,
Озарм надорию вафо ҳам.
Олам зи ниҳеби ғамзаи ту
Фарьёдкунон зи насли одам.

* * *

Ба рўзи нек намондам умеду чун монад,
Ки сад ҳазор ғамам ҳасту нест як ғамхор.
Фариштаест бар ин боми лоҷувардандуд,
Ки пеши орзуи ошиқон кашад девор.
Ба боғ рафтам то худ чӣ ҳол пеш ояд,
Ки бод роҳатпош асту абр лўълўъбор.
Ба сабза гуфтам: — «Ҷовид зинда бодӣ?» — Гуфт!
— Се моҳ беш намондам биёзмудам пор.
Ба чашми наргис гуфтам — «Чаро пуробӣ?»—Гуфт!



— Бар офтобу суман бингаристам ҳамвор.
Ба ёсуман гуфтам: «Тозарўӣ гаштӣ?» — Гуфт:
— Агарчӣ умр ду рўз аст, тоза бех рухсор.
Савол кардам гулро, ки —«Бар кӣ механдӣ?»
Ҷавоб дод, ки бар ошиқони бединор.

* * *

Осмон аз дили ту омўзад
Сахтгўию суступаймонӣ,
Аз ту пурсам: «Ғамам хўрӣ?»
— Гў,— На
Яке нау сад ҳазор осонӣ.

* * *

Бар ёди ту мехўрам маи ноб,
Ҳар май, ки чунин хўрӣ ҳалол аст.
Ишқи ту забони ман фурў баст,
Яъне ки забони ишқ лол аст.
Гуфтӣ: Ба чӣ мондаӣ дар ин ғам?
Худ мушкили ман ҳамин савол аст.

* * *

Хун ҳамегирьяму фироқи туро
Инчунин нақд дар хазона бас аст.
Ройгонӣ ягона шав бо ман,
Гарчи чун ман туро ягона бас аст.
Серӣ аз ман, бипурсамат, ки чарост!
З-он ки «нохостро баҳона бас аст».
Аз ту маҳрум ман наям танҳо,
Суд нокарда дар замона бас аст.

* * *

Сару сомон надорад ошиқи ту,
Чӣ дорад? Гар сару сомон надорад?
Фироқатро, бигў, оҳистатар бош,
Агар бо марги ман паймон надорад.

* * *

Нахуст нест, ки гардун маро супурд ба ғам,
Марову ғамро ҳаргиз ҷудо надошт зи ҳам.
Сапедтоб чу шамшер з-ибтидо зодам.
Сиёҳрўӣ шудам з-интиҳо ба сони қалам.
Агар саломат моҳ аст аз ў надидам нур
В-агар саодат баҳр аст аз ў надидам нам,

### АЗ РУБОИЁТ

Дарде, ки маро з-он рухи некӯст, бубин,
В-ин хаста дилам, ки бастаи ӯст, бубин,
Эй душман, агар ба коми хешам хоҳӣ,
Бархезу биёву кардан дӯст бубин.

Сад ранг ба сад ҳила баромехтай,
Онгаҳ зи миёни кор бигрехтай.
Борони дусадсола фурӯ наншонад
Ин гарди балоро, ки ту ангехтай.

Ҳар гаҳ ки ҷафоҳои ту бар дил шумарам.
Гӯям, ки дигар ному нишонат набарам.
Лекин чу бад-он рӯи нигорин нигарам,
Гӯям, ки чаро ғами чунине нах (в) арам?!

Имшаб манаму ҷоми маю ёр, эй, шаб.
Таъҷил макун ба субҳ зинҳор, эй шаб,
Сад шаб ба ту будаам ба тимор, эй шаб,
Як шаб дили ошиқон нигаҳ дор, эй шаб.

Шаб гашт чу рӯзам аз рухи фаррухи ту,
Заҳри ғами ман шакар шуд аз посухи ту.
Дар ишқи ту кори ман бад-он ҷой расид,
Қ-аз дидаи худ дареғам ояд рухи ту.

Моро чи аз ин гар ҳама кас бад бинад,
Ҳар айб, ки дар мо бувад, ӯ сад бинад.
Мо оинаем, ҳар кӣ бубинад рухи мо,
Ҳар неку баде, ки бинад аз худ бинад.

### ФАРД

То қиёмат шарҳи ишқат додаме,
Гар касе будӣ, ки бовар доштӣ.

## МУҶИРИДДИНИ БАЙЛАҚОНӢ

*Муҷириддин дар шаҳри Байлақони тобеи Шервон дар аввалҳои асри XII ба дуньё омадааст. Модараш аз канизакони ҳабашӣ будааст. Ӯ шогирди Хоқонӣ буд ва дар пайравии ӯ шеърҳо менавишт. Муҷириддин аз худ девоне боқӣ гузоштааст, ки аз ғазалу рубоӣ ва қасидаву қитъа иборат аст. Соли вафоти шоирро байни 1190 ва 1193 тахмин кардаанд.*

### АЗ ҒАЗАЛИЁТ

Дил ба ишқи ту дил зи ҷон бардошт,
Ҷон умед аз ҳама ҷаҳон бардошт.
Посбон сабр буд бар дари дил,
Дузди ғаммоз посбон бардошт.
Офият вақте арчи қоида буд,
Турктози ғами ту он бардошт.
Хоки роҳи туам аз он ки маро
Ишқат аз хок ройгон бардошт.
Гуфтай: Соя аз ту бардорам,
Соя аз хок чун тавон бардошт?
Офият дида аз ҷаҳон бардошт,
Макрамат рахт аз ҷаҳон бардошт.
Офтобе, ки хокро зар кард,
Соя з-ин тира хокдон бардошт.
Нарасам ман ба ҳамраҳони вафо,
З-он ки шаб рафту корвон бардошт.

* * *

Боди субҳ аст, ки машшотаи ҷаъди суман аст,
Ё дами Исо пайванди насими чаман аст.
Накҳати нофаи мушк аст? На. Пас чист, бигӯ?
Асари оҳи ҷигарсӯхтае ҳамчу ман аст.
Нафаси сарди саҳар гарм равон баҳри чарост?
Ёдам омад зи паи он ки расули чаман аст.

Ё раб, ин шеван нав чист, ки аз ҷунбиши бод
Турраи жола пур аз нофаи мушки Хутан аст.
Бод бо дасти тиҳӣ бар сари гул тоҷнеҳ аст,
Абр бо домани тар бар дари гул нӯбазан аст.
Дидаи мардуми наргис ҳама гирьён нигарад
Ба сӯи жола, ки он зиндадил андар кафан аст.
Бӯи шир аз даҳани савсан аз он меояд,
Ки ҳанӯзаш сари пистони сабо дар даҳан аст.
Даҳ забон асту нагӯяд сухану ҳақ бо ӯст?
Бо чунин умр, ки ӯрост чи ҷои сухан аст?
Барқ ночихзани боғ асту сабо ҳалқарубой,
Абр новардгару соиқа зӯбинфиган аст.

* * *

То дастхуши ҷаҳон шудам ман
Дар дасти қаноатам мумакан.
Бигрезам аз ӯ, ки ман ғарибам,
В-ин бесару бун — ғарибдушман.
Бесар бизиям чу мардуми чашм.
Бо мардумӣ аз ҳама ҷаҳон ман.
Меҳнат шавадам сипар зи меҳнат,
К-оҳан шавад оина зи оҳан.
Шабдӯст аз он шудам, ки дар шаб
Хуршед наёбадам ба равзан
Гар шамъи фалак насозадам кут,
Чун шамъ кунам навола аз тан.

* * *

Эй рухи ту ранги навбаҳор гирифта,
Бар рухи ту некӯӣ қарор гирифта.
Ҷавр макун зинҳор бар дили он, к-ӯ
Домани ишқат ба зинҳор гирифта.
Он гули садбарги ман ба як шикани зулф
Чун мани шӯридадил ҳазор гирифта.

### АЗ МУҚАТТАОТ

Дар коми ақл хӯрдаи алмос чун фишонд,
Дар чашми нутқ новаки хунхор чун шикаст?
Эй хори дар ду чашми фалак раста, то ба қахр
Дар наргиси шукуфтаи ӯ хор чун шикаст?
Дилҳо басе шикаст дар ин ғам, ки осмон
Гавҳар дар он ду лаъли шакарбор чун шикаст?



Ба ҳеҷ гӯш навое зи хушдиле нарасид,
Ки шуд зи соз ба як бор арғунуни вафо.
Бад-он ки то нарасад муждаи мурод ба кас,
Нишастаанд ба узлат мусофирони сабо.
Замонаро чи кунад, ҳун замона ноаҳл аст,
Бале, зи аҳли замона шикоятест маро.

* * *

Рахши амал матоз, ки айём тавсан аст,
Барги сафар бисоз, ки реҳлат муайян аст.
Бешафқатии чарх аз ин дон, ки аз шафақ
Ҳар шомгаҳ ба хуни ту олуда доман аст.

* * *

Рафтам андар кӯи ӯ, дар хуни ман рафт осмон,
В-он шафақ дон хуни ман, к-аз осмон омад падид.
Ошиқи гардуни пирам, худ напурсӣ то ҷаро,
З-он ки аз даврони он пир ин ҷавон омад падид.

* * *

Кимиё мекунанд бо хуршед,
То забонаш чу соя барфигананд.
Кори хок аз ниҳеби оташи марг
Рафта аз обу ранги хештананд.
Чун чароғанд рӯз мурда зи ғам
Шабравоне, ки шамъи анҷуманананд.
Найза баркарда сафдарони қазо
Бар тиҳигоҳи умри марду зананд.

## ФАЛАКИИ ШЕРВОНӢ

*Номи ӯ Абӯнизом Муҳаммад, тахаллуси шоириаш Фалакӣ аст. Вай тақрибан соли 1108 дар қасабаи Шамохии гобеи шаҳри Шервон ба дуньё омада, аз хурдсолӣ дар шеъргӯӣ маҳорат зоҳир мекунад. Фалакӣ бисьёр илмҳои замонаашро аз худ карда, гӯё оид ба илми нуҷум китобе низ таълиф карда будааст. Ӯ муддате дар дарбори шервоншоҳиҳо роҳ ёфта ва дере нагузашта ба гуноҳе айбдор карда шуда ба зиндони Шиброн партофта шуд. Шоир соли 1146 дар айни камолоти эҷодӣ вафот кардааст. Фалакӣ иборат аз ҳафт ҳазор байт девоне доштааст, аммо алҳол аз он девон тақрибан як ҳазору дусад байт боқӣ мондааст.*

### АЗ ҒАЗАЛИЁТ

Шаб набошад, ки фироқи ту дилам хун накунад,
В-орзуи ту маро ранҷи дил афзун накунад.
Ҳеҷ рӯзе набувад к-андӯҳи шавқи ту маро
Дил чу оташкадаву дида чу Ҷайҳун накунад.
Ҳар куҷо ишқи ману ҳусни туро васф кунанд,
Ҳеҷ оқил сифати Лайливу Маҷнун накунад.
Сояи зулфи ту чун фарри ҳумояст ба фол,
Чунки фоли мани дилхаста ҳумоюн накунад.
Гарчи лаълат ба вафо ваъда басе дод маро,
Накунад ваъда вафо то ҷигарам хун накунад.
Гарчи дар доираи ишқи ту ҷон дар хатар аст,
Фалакиро кас аз ин доира берун накунад.

* * *

Савдозадаи фироқи ёрам,
Бозичаи дасти рӯзгорам.
Ночида гуле зи гулбуни васл,
Сад гуна ниҳод ҳаҷр хорам.



Бе он ки шароби васл хӯрдам,
Аз шарбати ҳаҷр дар хуморам.
Андешаи дил намегузорад
Як лаҳза маро, ки дам барорам.
Натвонам гуфт, к-аз ғами дил
Айём чи гуна мегузорам...
Аз баҳри худойро нагӯӣ
Эй дил, ки зи дасти ту чӣ дорам.
Якбора сиёҳ гашт рӯзам,
Якбора табоҳ гашт корам.
Ин ҷомаи сабр чанд пӯшам?
В-ин тухми умед чанд корам?
Қорам ҳама интизору сабр аст,
Ман куштаи сабру интизорам.
Дил додаму рафт дилнавозам,
Ғам дораму нест ғамгусорам,
Ид омаду шуд ҷудо зи ман ёр,
Идам чи бувад, чу нест ёрам.
Эй он ки зи бими хашм номат
Гуфтам ба забон хаме наёрам.
Ҷуз нақши хаёли ту начӯям,
Бар ҳар чи ду дида баргуморам.
Дарьёб зи баҳри рӯзи фардо,
Имрӯз маро, ки сахт дорам.

* * *

Эй дил, ба ишқи рӯи ту аз ҷон баромада,
Ҷон дар ҳавои ту зи тан осон баромада.
Обе, ки он зи чашмаи ҳайвон баромадӣ,
Бар чеҳраат зи ҷоҳи занахдон баромада.
Баракси чарх куртаи пирӯзаи туро
Хуршеду ахтарон зи гиребон баромада.
Дар дарди фурқати ту мани мустамандро
Дур аз ту дил фурӯ шудаву ҷон баромада,

* * *

Ҳеҷ кас ҷорасози корам нест,
Чӣ кунам, бахт созгорам нест.
Куштаи сабру интизорам, боз
Ҷора ҷуз сабру интизорам нест.

Чуз ба таъсири нахс анчумро
Назаре суи рўзгорам нест.
Боғи айши маро хазон дарьёфт,
Оҳ, к-умеди навбаҳорам нест.
Бо ҳама ранчу меҳнат ин батар аст,
Ки ғамам хасту ғамгусорам нест.

* * *

Эй ғамат бурда шодмонии ман,
Бе ту талх аст зиндагонии ман.
Аз чавониву ҳусни хеш битарс,
Раҳм кун бар ману чавонии ман.
Ҳосил ояд чу ҳозир ой ту,
Мояи умри човидонии ман.

## АЗ МУҚАТТАОТ

Азбаски рўи некў бинӣ ба ҳар каноре,
Очиз шавӣ, надонӣ, к-аввал кадом бинӣ.
Онро, ки буд доим даъвии порсоӣ,
Акнун мудом бар каф чоми мудом бинӣ.
Эй зоҳиди музаввир, аз худ ҳалол дорӣ,
Қ-андар чунин биҳиште майро ҳаром бинӣ.

* * *

То рухи ту ба дилбарӣ доираи чамол шуд,
Сохт замона аз рухат нуктаи фитна холро.
Айни камол баста бод аз руҳи бочамоли ту,
З-он ки камоли ошиқ аст он рухи бочамолро,
Гар ба ҳазор чон маро даст расад ба чони ту,
Қ-аз паи ту фидо кунам шукри шаби висолро.
Не, на манам, ки васли ту рўзии чун мане шавад,
Табъи ту кай маҳал ниҳад ин сухани маҳолро.
Бо ғами ҳачри ту маро тоб намонду кай бувад
Тоқати бози тезпар кабки шикастаболро?



* * *

Чеҳраи ў офтоб, чашмаи ҳайвон лабаш,
Чашми маро з-он ду шакл офати тўфон расид.
Гарчи зи зулмат расид Хизр ба оби ҳаёт,
Дўш ба ман з-офтоб чашмаи ҳайвон расид.
Дўш хаёлаш ба хоб кард гузар бар дилам.
Ақл вилоят супурд, гуфт, ки «Султон расид».

# ҶАМОЛИДДИНИ ИСФАҲОНӢ

*Ҷамолиддин Муҳаммад бинни Абдураззоқи Исфаҳонӣ яке аз ғазалсароёни машҳури асри XII буда, бо Анварӣ, Рашиди Ватвот ва Заҳири Форьёбӣ ҳамзамон будааст. Ҷамолиддин аз бисьёр илмҳои замони худ бохабар бошад ҳам, дар Исфаҳон бо касби заргарӣ ва наққошӣ рӯз мегузарондааст.*

*Шеърҳои Ҷамолиддин соддаву равонанд. Дар қасида ӯ гоҳ ба Саноӣ ва гоҳе ба Анварӣ пайравӣ кардааст. Ҷамолиддини Исфаҳонӣ дар ситоиши Анварӣ, Рашиди Ватвот ва Заҳири Форьёбӣ қасидаҳо гуфтааст. Вай тақрибан соли 1192 вафот кардааст.*

*Ӯ аз худ девоне боқӣ гузоштааст, ки аз қасидаву ғазал ва қитъаву рубоӣ иборат мебошад.*

## АЗ ҚАСОИД

Бе зар зи ҳунар, хунар чӣ хезад
Бе ғам зи шаҷар самар чӣ хезад?
Аз мардуми бедирам чӣ ояд,
В-аз дайлами бетабар чӣ хезад?
Зар бояду хок бар сари шеър,
З-ӯ гард нахезад дар чӣ хезад.
Чун шеър дар асл мӯътабар нест,
З-ин гуфта туро ибар чӣ хезад.
Чун нест суханшинос дар даҳр.
Ҳин з-ин ғупару дупар чӣ хезад?
Он кас, ки шиносад ӯ худ аз мост,
Аз ҳамчу худӣ, нигар, чӣ хезад.
В-он кас ки надонад ар-чи хоҳад
Аз ҷоҳил мадҳи ҳар чӣ хезад.
Гирам, ки саре шавам зи олам,
Аз олами сар ба сар чӣ хезад?
Чун киштии мо нишаст дар хушк,



З-ин баҳр латифтар чӣ хезад.
Бардӯхта чашми боз, ӯро
Аз қуввати болу пар чи хезад?
Сарв омада соядор, лекин
Аз вай чу надошт, бар чӣ хезад?
В-аз гул, ки зарест дар миёнаш
Ҷуз хандаи дил-шакар чӣ хезад?
Маъшуқаи дилкушо, сухандон
Аз дилбари симбар чӣ хезад?
Беҳтар халаф аз ҷаҳон сухан хост,
Аз духтару аз писар чӣ хезад?
Мард аз ҳунар — одамист в-ар на
Аз нисбати бул-башар чӣ хезад?
Фазлу ҳунар аст мояи мард,
Аз ҳалқаву аз камар чӣ хезад?
Танро чу бараҳна монад аз илм,
Аз кисвати Шуштар чӣ хезад?
Ҷонро ба улум парвариш деҳ,
Эй мард, зи хобу х(в)ар чӣ хезад?
Ҳосил зи таоми чарби ширин,
Ҷуз зарбати нештар чӣ хезад?
Бо тозасухан зари кухан чист?
Ин рӯҳ аст, аз ҳаҷар чӣ хезад?
Вақте ки ҳаме нафас занад субҳ,
З-ахтар ба сипеҳр бар чӣ хезад?
Ҷое, ки сухансарост тӯтӣ,
Аз худхуди тоҷвар чӣ хезад?
Наргис чу биёфт даҳ дирам сим,
З-онаш ба ҷуз аз сахар чӣ хезад?
Ҷуз сӯзишу ҷуз гудозу гирья
Аз шамъу зи тоҷи зар чӣ хезад?
Эй дил, дил аз ин мақом бугсил,
Бархез, к-аз ин мақар чӣ хезад?
Аз банди чаҳору ҳафт бархез,
З-ин модару з-он падар чӣ хезад?
Аз чоҳ бароӣ Юсуфи ҷон,
Аз шоҳ ба чоҳ дар чӣ хезад?
Бар боми фалак хиром як раҳ,
З-ин гаштани дарбадар чӣ хезад?
Ҷое, ки ҳаме нафас занад мушк,
Аз сӯхта-сад ҷигар чӣ хезад?
Хуршед чу гашт соягустар,

Аз зарраи мухтасар чӣ хезад?
Чун ахтари ҷумла дида омад,
Аз наргиси бебасар чӣ хезад?..

* * *

Алҳазар, эй ғофилон, з-ин ваҳшатобод алҳазар,
Алфирор, эй оқилон, з-ин девмардум алфирор!
Эй аҷаб дилтон набигрифту нашуд ҷонтон малул,
З-ин ҳавоҳои афин, з-ин обҳои ногувор.
Арсае нодилкушову буқъае нодилпазир,
Фурзае носудманду турбате носозгор.
Марг дар вай ҳокиму офот дар вай подшоҳ,
Зулм дар вай қаҳрамону фитна дар вай пешкор.
Амр дар вай мустаҳилу адл дар вай нопадид,
Ком дар вай нодиру сиҳҳат дар ӯ нопойдор.
Меҳрро хаффош душман, шамъро парвона хасм,
Ҷаҳлро дар даст теғу ақлро дар пой хор.
Наргисаш бемор ёбӣ, лолааш дилсӯхта,
Ғунчааш дилтанг бинию бунафша сӯгвор.
Субҳи ӯ парда даронад, шоми ӯ ваҳшатфизой,
Абри ӯ белакгузору барқи ӯ ханҷаргузор.
Ту тузида инчунин ҷое бар айвони бақо,
Рост гӯянд он куҷо унвони ақл аст ихтиёр.
Эй, ту, мақсуди фалак ҳам озро гаштӣ асир,
В-эй ту масҷуди малак, ҳам девро гаштӣ шикор.
Хез, к-андар олами ҷон маснадат оростанд,
Барфишон пас доманат з-ин хокдон, эй хокбор!
Сарви ту сафта камон шуд, ҳам нагардӣ мунзаҷир,
Мушки ту кофур гашт охир нагирӣ эътибор.
Аз паи рӯзӣ чи бояд тохтанхо то Хутан
В-аз паи бешӣ чаро бояд давидан то Татор.
Ҳақ чу қисмат карда зомин шуд ба таъкиди қасам,
Ҳам намедорӣ ту холиқро ба савганд устувор.
Ҳирс донӣ чист?— Рӯбаҳбозии табъи хасис
Хашм донӣ чист?— Сагрӯии табъи нобакор.
Оҳуи туст ин палангию сагию рӯбаҳӣ,
Бигзар ар мардӣ аз инону ба ҳамшон вогузор.
Ту чунин бебарг дар ғурбат ба хорӣ тан зада
В-аз барои мақдамат рӯҳониён дар интизор.
Дар кушода, бор дода, хон ниҳода баҳри ту,
Ту чунин эъроз карда аз ҳама бегонавор.



Чанд хоҳӣ суд дар матмураи кавну фасод
Як раҳе барнеҳ қадам бар боми ин нилиҳисор.
То ҷаҳоне бинӣ он ҷо эмин аз дузди фано
То ҳавое ёбӣ он ҷо холӣ аз ҳашву ғубор.
То чу рӯҳи сирф гардӣ бар ҳақоиқ комрон,
То чу ақли маҳз гардӣ бар дақоиқ комгор.
Дӯзахи ту чист, медонӣ?— Забону дасти ту
Ин сухан бозича набвад назди марди ҳушьёр...
Чанд сахтӣ бо бародар? Эй бародар, нарм шав!
То кай озорӣ мусулмон? Эй мусулмон, шарм дор!
Ту ба чашми хештан бас хубрӯӣ, лек бош
То шавад дар пеши рӯят дасти марг оинадор.
Даст дасти туст «аналҳақ» мезан, эй хоҷа, валек
Чун ба пои дорат орад марг, он гаҳ пой дор.
Латмае аз шери маргу з-ин палангон як ҷаҳон,
Қатрае аз баҳри қаҳру з-ин наҳангон сад ҳазор.
Аз ту мегӯянд ҳаррӯзе дареғо, ҷаври дӣ,
В-аз ту мегӯянд хар рӯзе дареғо, зулми ёр.
Охир андар аҳди ту, ин қоидат шуд мустамир
Дар мадорис захми ҷӯбу дар маҷолис гиру дор.
Дин чу рӯи ту заифу зулм чун дастат қавӣ,
Амн чун номат азизу илм чун арзи ту хор.
Ваҳ, ки сайёфи қадар чун мекашад баҳри ту теғ,
Ваҳ, ки ҷаллоди аҷал чун мезанад баҳри ту дор.
Ҷаҳди он кун то дар ин даҳрӯза умр аз баҳри ном
Сад ҳазорон лаънат аз баҳри ту монад ёдгор.
Гаҳ зи моли тифл мезан лӯтаҳои мӯътабар,
Гаҳ зи сими бева мехар ҷомаҳои номдор.
Ҳам шавад з-оҳи касе хайлу сипоҳат тарту мор,
Ҳам кунад дарди диле дасти сиёҳат тору мор.
Рӯз саг мебошу шаб мурдор то аз худхӯрӣ
Ҳамчу оташ, к-ӯ хӯрад худро ба вақти изтирор...
Ту ҳамесӯз ин заифонро, ки ҳин, ҷома бикан,
Ту ҳаме зан ин ятимонро, ки ҳон, оқча биёр...
Атласи маълум харӣ аз ресмони пиразан,
В-онгаҳе н-ояд туро аз хоҷагии хеш ор.

**АЗ ҒАЗАЛИЁТ**

Рухи хуби ту чашми ақл бардӯхт,
Маро аз ҷумла хубон дида бардӯхт.
Камони абрӯи ту тири мижгон

Чунонам зад, ки пайкон дар ҷигар дӯхт.
Ҳама дарди сарам з-он аст, к-ин ишқ
Кулоҳи мо на бар миқдори сар дӯхт.

* * *

Бархез, ки мавсими тамошост,
Бихром, ки рӯзи боғу саҳрост.
Имрӯз ба нақд айш хуш дор,
В-он кист, к-аш эътимоди фардост.
Май ҳасту самоу он дигар низ
Асбоби тараб ҳама муҳайёст.
Гулро чу машота моҳ бошад,
Гар ҷилва кунад сазад, ки зебост.
Ранги рухи лола бас латиф аст,
Он холи сиёҳ чашми бадрост.
Аз дил бадар ойу шод биншин,
К-ин ҳастии мост, к-офати мост.

* * *

Ғамат ҷуз дар дили якто нагунҷад,
Ки рахти ишқ дар ҳар ҷо нагунҷад.
Надонам аз чи хезад он ҳама ашк,
Ки чандин ашк дар дарьё нагунҷад.
Маро гуфтӣ, ки ҷуз ман ёр дорӣ?
Ту донӣ, к-ин сухан дар мо нагунҷад.

* * *

Рухи хуби ту номуси қамар бурд,
Лаби лаъли ту ошӯби шакар бурд.
Бунафша гарчи бозорӣ ҳамекард
Чу зулфат дид сар дар якдигар бурд.
Гули сурх аз ту кай барбаст тарфе,
Чӣ маънӣ, даст бо ту дар камар баст?
Ки хуршед аз рухи ту нур бардошт,
Қамар з-ӯ бурду бас гул аз қамар бурд.
Ба лаълат кардам аз зулфат тазаллум,
Ки аз сабраш дилу ҷонам асар бурд.
Ба зери лаб ҳамехандиду мегуфт:
«Бирав, саҳл аст гар худ ин қадар бурд»,
Напурсӣ з-ин дили мискинам охир,



Ки бо хӯи ту ҷун умре ба сар бурд?
Ҳар он, к-ӯ бар забон номи ту овард,
Чу лола дар ҷаҳон хуни ҷигар бурд.
Ба қасди ҷони ман ранҷа макун даст,
Ки ҷон худ, рахти худ, инак ба дар бурд.
Туро ин банда бад, донӣ, набудаст
Агар бад буд, рафту дарди сар бурд.
Зи рӯи хуби ту камтар хӯрад бар.
Қасе, к-ӯ ранҷ бар ту бештар бурд.

* * *

Хашмат омад, ки ман чаро гуфтам,
Ки туро ошиқам, хато гуфтам.
Шояд ар хун шавад дилам то ман
Бо ту ногуфтанӣ чаро гуфтам.
Гуфтӣ аз ишқ ҷон нахоҳӣ бурд,
Ман худ ин бо ту борҳо гуфтам.
Ё зи чашмат ҷафо биомӯзам,
Ё лабатро вафо биомӯзам.
Ба кадом ин дуот хоҳам ёфт,
То равам он дуо биёмӯзам.
Ту зи ман шарму ман зи ту шӯхӣ
Ё биомӯз ё биомӯзам!

* * *

Эй ки аз лутф ҷаҳони ҷонӣ,
Фаррух он кас, ки туаш меҳмонӣ.
— Ҳеҷ донӣ ба кӣ монад рӯят?
— Ман надонам, ту бигӯ, ар донӣ.
Дур аз рӯи ту ранҷурам сахт,
Ранҷа шав, як раҳ агар битвонӣ.
Ё тафаззул куну як бор бикуш,
То аз ин дарди сарам бирҳонӣ.
Охир, аз рӯи манат н-омад шарм,
Ки ба хорӣ зи барам меронӣ.

## АЗ РУБОИЁТ

Бас ранг, ки наққоши азал меомехт,
То бар забари ҷашми ту холе ангехт.
Гӯй, ки дили сӯхтаам фурсат ёфт
В-аз зулфи ту дар ҳимояти чашм гурехт.

Дар ишқ агар ба зӯру зар кор накӯст,
Дар киса маро зар асту дар дил нерӯст.
Гӯянд маро, ки душман андар паи ӯст,
Теғ аз паи душман асту зар аз паи дӯст.

Туро то з-ин ҷафо дил барнагардад,
Маро ин дарди дил камтар нагардад.
Магар ҳиҷрони ту савганд хӯрдаст,
Ки то хунам нарезад, барнагардад.

Чӣ гуна ошиқеро ҷон бимонад,
Ки чандин рӯз бе ҷонон бимонад.
Зи ҳиҷрат ҳар шабе чандон бинолам,
К-аз оҳи ман фалак ҳайрон бимонад.

Чӣ кунам, дӯсте ягона намонд,
Ҳеҷ озод дар замона намонд.
Бар дили ман занад фалак ҳама захм,
Магараш ҷуз дилам нишон намонд?

Бе дидани дӯст дидагонро чӣ кунам,
Бе ҷони ҷаҳон ҷону ҷаҳонро чӣ кунам?
Ҷонам зи барои васли ӯ мебоист,
Чун нест умеди васл, ҷонро чӣ кунам?

## АЗ МУҚАТТАОТ

Гуфтӣ, ки маро хоҳӣ ғам мехӯру ҷон мекан,
Ғам хӯрдану ҷон кандан кори чу мане бошад,
Дил гашт маро душман, худро чӣ нигаҳ дорам
З-он хасм, ки ӯ бо ман дар пираҳане бошад?

Ҷон супурдам бад-ӯ чу медидам,
Ки ҳама қасди ӯ ба ҷонам буд.
Нест дархурди хоки пояш лек,
Чӣ кунам дастрас бад-онам буд.
Гӯӣ андар фироқи мо чунӣ?
Чӣ диҳам шарҳ, чун тавонам буд!



* * *

Гар ҳеҷ бинолам зи ғамаш, гӯяд: «Хамӯш»
Инсоф бидеҳ, хамӯш аз ин беш тавон буд?
Дар ман нигарад ногаҳ, яъне ки надонам,
Гӯяд: «Чӣ расид ӯро, бечора ҷавон буд»
Зуд ой ба ангушт ба ҳам боз намо банд,
К-ин гӯри фалон аст, ки дар банди фалон буд.

* * *

Бе ту андар оташи дил ғарқаам,
Зиндагонӣ бе ту з-ин беҳ чун бувад?
Дӯстӣ бо душманонам мекунӣ,
Марг агар ширин бувад, акнун бувад.

* * *

Худ на ҳадисе, на пурсише, на саломе,
Нек бидидем, к-аз ту ҳеҷ наёяд,
Нози туву сӯзи ман чунин бинамонад,
Ханди гулу ашки абр дер напояд.

* * *

Давлатат ҳасту хирад ҳаст чи дармебояд?
З-ин ду гар фурсати тавфиқ бувад чизе соз.
Пушти золим шикану нусрати мазлумон кун,
Гунаҳи муҷрим бахшо, дили дарвеш навоз.
Ба ғанимат шумар, эй хоҷа, дар ин муддати шуғл,
Аз дили сӯхтае гар биканӣ бехи ниёз.
Сустахд аст фалак хез, чунин сахт маранҷ,
Сардмехр аст ҷаҳон бош, чунин гарм, матоз.
Ба сари килк ҳама дахли маодин андӯз,
Ба сарангушти сахо дар кафи соил андоз.
Умри боқӣ талабу давлати ҷовидон ҷӯй,
Маснади қадрфарозӣ зи сари судра фароз!

* * *

Мард бояд, ки ростгӯ бошад,
В-ар биборад бало бар ӯ чу тагарг,
Номи мардӣ бар ӯ дурӯғ бувад,

Қ-аш набошад ба рост гуфтан барг.
Ростиро ту эътидоле дон,
Ки аз он шохи хушк гирад барг,
Сухани рост гӯ, матарс, ки рост
Набарад рӯзию наёрад марг.

# АНВАРИИ АБЕВАРДӢ

*Анварӣ аз шоирони қасидасарои машҳури асри XII мебошад. Номи пурраи ӯ Авҳадуддин Алӣ бинни Муҳаммад бинни Исҳоқ аст.*

*Зодгоҳи шоир шаҳри Абеварди вилояти Хуросон мебошад. Соли таваллуди Анварӣ маълум нест.*

*Анварӣ ғайр аз илми шеър, илмҳои фалсафа, риёзиёт, нуҷум, мусиқӣ ва ғайраро низ аз худ намудааст. Шоир аз маддоҳони дарбори Санҷариҳо буда, ба номи султон Санҷар ва чанде аз вазирону амирони ин хонадон қасидаҳо гуфта, охирҳои умр аз дарбор баромада рафтааст.*

*Шоир соли 583 ҳиҷрӣ (1187 милодӣ) вафот мекунад. Аз мероси адабии Анварӣ ду девон — девонҳои қасоид ва ғазалиёт то давраи мо омада расидааст. Ғайр аз ин, шоир таркиббанд, тарҷеъбанд, қитъа ва рубоиҳо низ дорад.*

### АЗ ҚАСОИД

Бар Самарқанд агар бугзарӣ, эй боди саҳар,
Номаи аҳли Хӯросон ба бари хоқон бар.
Номае-матлаи он ранҷи тану офати ҷон,
Номае-мақтаи он дарди дилу хуни ҷигар,
Номае-бар рақамаш оҳи азизон пайдо,
Номае-дар шиканаш хуни шаҳидон музмар,
Нақши таҳрираш аз синаи мазлумон хушк,
Сатри унвонаш аз дидаи маҳрумон тар.
Реш гардад мамари савт аз ӯ гоҳи самоъ,
Хун шавад мардумаки дида аз ӯ гоҳи назар.
То кунун ҳоли Хуросону раоё будаст
Бар худованди ҷаҳон, хоқон, пӯшида магар?
Не, набудаст, ки пӯшида набошад бар вай
Заррае неку бади нӯҳ фалаку ҳафт ахтар...
Эй каюмарсбақо, подшаҳи кисроадл,
В-эй манучеҳрлиқо хусрави афредунфар,

Қиссаи аҳли Хуросон бишунав аз сари лутф,
Чун шунидӣ, зи сари лутф бар эшон бингар.
Ин дилафгору ҷигарсӯхтагон мегӯянд,
К — «Эй дилу давлату динро зи ту шодиву зафар»
Хабарат ҳаст, к-аз ин зеру забар шумғузон
Нест як пай зи Хуросон, ки нашуд зеру забар.
Хабарат ҳаст, ки аз ҳар чӣ дар ӯ хайре буд,
Дар ҳама Эрон имрӯз намондаст асар.
Бар бузургони замона шуда хурдон солор,
Бар каримони ҷаҳон гашта лаимон меҳтар.
Бар дари дунон аҳрор ҳазину ҳайрон,
Дар кафи риндон аброр асиру музтар.
Шод, илло ба дари марг набинӣ мардум,
Бикр, ҷуз дар шиками мом, наёбӣ духтар.
Масҷиди ҷомеи ҳар шаҳр сутуроншонро
Пойгоҳест, ки на сақфаш пайдову на дар.
Накунад хутба ба ҳар шаҳр ба номи ғуз аз он-к
Дар Хуросон на хатиб аст, кунун на минбар.
Куштафарзанди гиромиро гар ногоҳон
Бинад, аз бим хурӯшид наёрад модар.
Он киро сад рах, ғуз зар ситаду боз фурӯхт,
Дорад он навъ, ки гӯиш харидаст ба зар.
Бар мусулмонон з-он гуна кунанд истихфоф,
Ки мусулмон накунад садьяки он бар кофар.
Ҳаст дар Руму Хито амн мусулмононро,
Нест як зарра саломат ба мусулмонӣ-дар.
Халқро з-ин ғам фарьёд рас, эй шоҳнажод,
Мулкро з-ин ситам озод кун, эй покгуҳар.
Ба худое, ки биёрост ба номат динор,
Ба худое, ки барафрохт ба фаррат афсар,
Ки кунӣ фориғу осуда дили халқи худой,
З-ин фурӯмоя ғузи шумпаи ғоратгар.
Вақти он аст, ки ёбанд зи румҳат подош,
Гохи он аст, ки гиранд зи теғат кайфар.
Зану фарзанду зар ҷумла ба як ҳамла чу пор —
Бурдӣ имсол, равон-шон ба дигар ҳамла бубар.
Охир Эрон, ки аз ӯ будӣ фирдавс ба рашк,
Вақф хоҳад буд то ҳашр-бад-ин шумҳашар.
Сӯи он ҳазрат, к-аз адли ту гаштаст чу хулд,
Дур аз ин ҷо, ки аз зулми ғузон шуд чу сақар.
Ҳар кӣ поеву харе дошт, ба ҳиллат бигурехт,
Чӣ кунад мискин онро, ки на пой асту на хар.
Раҳм кун, раҳм бар он қавм, ки ҷӯянд ҷавин,



Аз паси он ки нахӯрдандӣ аз ноз шакар.
Раҳм кун, раҳм бар онҳо, ки наёбанд намад,
Аз паси он ки зи атласшон будӣ бистар.
Раҳм кун, раҳм бар он қавм, ки навбад шабу рӯз
Дар мусибатшон ҷуз навҳагарӣ, кори дигар.
Раҳм кун, раҳм бар он қавм, ки расво гаштанд,
Аз паси он ки ба мастурӣ буданд самар.
Гирди офоқ чу Искандар баргард аз он-к
Туӣ имрӯз ҷаҳонро бадали Искандар.
Аз ту разм, эй шаҳу аз бахти мувофиқ нусрат,
Аз ту разм, эй малику аз малик-ул-арш зафар.
Ҳама пӯшанд кафан, ҷун ту бипӯшӣ хафтон,
Ҳама хоҳанд амон, чун ту бихоҳӣ миғфар..,
Бахрае бояд аз адли ту низ Эронро,
Гарчи вайрон шуд, берун зи ҷаҳонаш машумар.
Ту хури равшаниву ҳаст Хуросон атлол,
На бар атлол битобад, чу бар ободон х(в)ар?
Ҳаст Эрон ба масал шӯраву ту абриву абр —
Ҳам бияфшонад бар шӯра чу бар боғ матар.
Бар заифу қавӣ имрӯз туӣ довари ҳақ,
Ҳаст воҷиб ғами ҳаққи зуафо бар довар.
Кишвари Эрон чун кишвари Турон чу туро ст,
Аз чӣ маҳрум аст, аз рафъати ту ин кишвар?
Гар биёрояд пои ту бад-ин азм рикоб,
Ғузи мудбир бикашад пову инон то ховар,
Қай бувад, кай ки зи ақсои Хуросон оранд
Аз футӯҳи ту башорат бари хуршеди башар?...

* * *

Эй бародар, бишнавӣ рамзе зи шеъру шоирӣ,
То зи мо мушти гадо касро ба мардум нашмарӣ.
Дон, ки аз канноси нокас дар мамолик чора нест,
Ҳошалиллоҳ, то надонӣ ин суханро сар-сарӣ.
З-он ки гар ҳоҷат фитад то фазлаеро кам кунӣ,
Ноқиле бояд ту натвонӣ, ки худ берун барӣ.
Қори Холид ҷуз ба Ҷаъфар кай шавад ҳаргиз тамом?
В-он яке ҷавлоҳагӣ, донад дигар барзигарӣ.
Боз агар шоир набошад, ҳеҷ нуқсон уфтад
Дар низоми олам аз рӯи хирад, гар бингарӣ.
Одамиро чун маунат шарти кори бандагист,
Нон зи канносӣ хӯрад, беҳ з-он бувад, к-аз шоирӣ.
Он шунидастӣ, ки нӯҳсад кас биёмад пешавар,

То ту нодониставу беогаҳӣ ноне хварӣ.
Дар изои он агар аз ту набошад ёрие,
Он на нон хӯрдан бувад, донӣ чӣ бошад?— Мудбарӣ.
То ҷаҳонро кистӣ? То бемаунат кори ту
Рост медоранд аз наълайн то ангуштарӣ?!
Аз чӣ воҷиб шуд, бигӯ охир, бар он озодмард,
Ин ки меҳоҳӣ аз ӯ в-онгаҳ бад-ин мустакбарӣ.
Ӯ туро кай гуфт, к-ин калпатраҳоро ҷамъ кун?
То туро лозим шавад, чандон шикоятгустарӣ?!
Умри худ, худ мекунӣ зоеъ аз ӯ товон махоҳ,
Ҳам ту ҳоким бош, то ҳам з-он ки бифрӯшӣ, харӣ.
Ақлро дар ҳар чӣ бошад, пешвои худ бисоз,
З-он ки ӯ пайдо кунад, бадбахтӣ аз некахтарӣ.
Худ чуз аз баҳри бақову адл дигар баҳри чист?
Ин сиёсатҳо, ки маврус аст аз пайғамбаре?
Ман наям дар ҳукми хеш аз кофариҳои сипеҳр,
В-ар на дар ангори ман, чӣ шоирӣ, чӣ кофарӣ?!
Душмани ҷони ман омад шеър, чандаш парварам?
Эй мусулмонон, фиғон аз дасти душманпарварӣ.
Шеър, донӣ чист?— Дур аз рӯи ту ҳайз-ул-риҷол,
Қоилаш гӯ, хоҳ Қайвон бошу, хоҳӣ Муштарӣ!
Гар маро аз шоирӣ ҳосил ҳамин ор асту бас,
Мӯҷиби тавбасту ҷои он ки девон бистарӣ.
Ростӣ беҳ Бӯ Фарос омад ба кор аз шоирон,
В-он на аз ҷинси сухан ё аз камоли қодарӣ.
З-он ки ӯ чун дигарон мадҳу ҳиҷо ҳаргиз нагуфт,
Пас маранҷ ар гӯядат, ман дигарам ту дигарӣ.
Омадам бо ин сухан, к-аз даст бинҳодам нахуст,
З-он ки бедовар наёрам кард чандин доварӣ.
Эй ба ҷое дар сухандонӣ, ки назмат востаст,
Ҳар куҷо шуд мунтазам укде, зи чӣ— Аз соҳарӣ.
Чун надорад нисбате бо назми ту назми ҷаҳон,
Дар сухан хоҳӣ Муқаннаъ бош, хоҳӣ Сомарӣ.
Ганҷи Отсиз, ганҷи Қорун буд, агар на кай шудӣ
Аз яке манҳул чандон кам-баҳоро муштарӣ.
Меҳтарон бо шайни шеъранд, ар на кай гаштӣ чунин
Мунташир бо қиссаи Маҳмуду, зикри Унсурӣ.
Ку раиси Марв? Мансур, он ки дар ҳафтод сол
Шеър нашниду нагуфт, инак далели меҳтарӣ.
То напиндорӣ, ки боис бухл буд ӯро бар он,
Дар касе чун зан барӣ чизе, к-аз ӯ бошад, барӣ.
З-он ки амсоли маро бешоирӣ бисьёр дод,
Қохҳои чорпӯшаш, боғҳои чилдарӣ.



Мардро ҳикмат, ҳамебояд, ки доман гирадаш,
То шифои Бӯ Алӣ бинад, на жожи Бӯҳтарӣ.
Оқилон розӣ ба шеър аз аҳли ҳикмат кай шаванд?
То гуҳар ёбанд, мино кай харанд аз ҷавҳарӣ.
Ё раб, аз ҳикмат чӣ бархурдор будӣ ҷони ман,
Гар набудӣ соъи шеър андар ҷуволам бар саре!
Анварӣ то шоирӣ, аз бандагӣ эмин мабош,
К-аз хатар дарнагзарӣ то з-ин хато дарнагзарӣ.
Гарчи савсан чанд забон омад, чу хомӯшӣ гузид.
Хатти озодӣ набишташ гунбади нилуфарӣ.
Хомӯширо ҳисни мулки инзиво кун, в-ар ба табъ
Хуш наёяд нафсро гӯ захр ханду хун гарӣ.
Қиштие бар хушк мерон, з-он ки соҳил дур нест,
Гӯ мабошад пираҳан, доман нигаҳ дор аз тарӣ.

* * *

То омад аз адам ба вуҷуд асли пайкарам,
Ҷуз ғам набуд баҳра зи чархи ситамгарам.
Хун шуд дилам дар орзуи он ки як нафас
Бе хори ғам зи гулшани шодӣ гуле барам.
Паймуда гашт умр ба паймонаи нафас,
Гӯӣ ба коми дил нафасе кай бароварам.
Кардам назар ба фикр дар аҳкоми нӯҳ фалак,
Ҷуз наварӯси ғам нашуд аз умр ҳамсарам.
Ҳастам яқин, ки дар чамани боғи рӯзгор
Бе бар бувад ниҳоли умеде, ки парварам.
Дар базмгоҳи меҳнати гетӣ ба ҷоми умр
Ҷуз хуни дил зи дасти замона намех(в)арам,
Зеро ки то барорам аз андеша як нафас,
Пур хуни дил шавад зи раҳи дида соғарам.
Аз кӯҳли шаб чу дидаи нохиди шабгумор
Равшан шавад чу ахтари табъи мунаввaрам.
Хуршеди ғам зи чашмаи дил сар бароварад,
То кони лаъл гардад болину бистарам.
Ҳолам мухолиф омад аз он дар ҷаҳони умр,
Дарвешам аз нишоту зи андӯҳ тавонгарам.
Дасти замона ҷадвали андӯҳ ба ман кашид,
Зеро ки чун қалам ба сифат сахт лоғарам.
Ночиз шуд вуҷудам аз ашколи мухталиф,
Гӯи араз кушода шуд аз банди ҷавҳарам,

Аз равшанони шаб, ки чу симобу ахгаранд
Пайваста беқарор чу симобу ахгарам.
В-аз бозии сипеҳри сабукбори булаҷаб,
Бар тахтанарди ранҷу бало дар мушашдарам.
Беоб шуд чу чашмаи хуршед рӯзгор,
Дар ишқи ӯ равост, ки биншонад озарам
Бар ман дари ҳаводису андӯҳ аз он кушод,
Қ-аз хонаи ҳаводис чун ҳалқа бар дарам.
Хондам басе улум, валекин ба оқибат
Илмам вубол шуд, ки фалак нест ёварам.
Кӯтаҳ кунам сухан чу гувоҳи дили мананд,
Чашми ақиқбораму рӯи музаъфарам.
Саҳрои умр агарчи хуш омад ба чашми акл,
Аз ранҷ дил ба пои нафас зуд биспарам,
Қ-ин чора саркаш асту набошад мувофиқам,
В-ин даҳр тавсан асту нагардад мусаххарам.
Эй чархи сифлапарвари дилбанди ҷоншакар,
Шуд заҳр бо вуҷуди ту дар ком шаккарам.
Воқиф намешавӣ ту бар асрори хотирам,
Фосид шудаст асли мизоҷат гумонбарам.
Гар хушк шуд димоғи ниҳодат, аҷаб мадор,
Дар ҳалқу дар машоми ту чун мушки азфарам.
Эй бевафоҷаҳон, дилам аз дард хун гирифт,
Дарьёб пеш аз он ки расад ҷон ба ғарғарам.
Якто шудам ба тоби ҳавои ту то кунун,
Аз бори ғам дуто шуда бар шакли чанбарам.
Эй рӯзгори шефта, чандин ҷафо макун,
Оҳистатар, ки чархи ҷафоро на меҳварам.
Чун омадам бар ту, ки поям шикаста бод,
Роҳи вафо супур, ки ҷафо нест дархварам.
Дар оби фитна хуфта чу нилуфарам мадор,
Бар оташи ниҳеб масӯзон чу анбарам.
В-аз сиқли ранҷу хиффат заъфи танам макун,
Чун хок хиратабъ[...]у чун бод музмарам.
Чун равшан аст [...]шми ҷаҳон аз вуҷуди ман,
Торӣ ҷаро шава[...]д зи ту ин чашми ахтарам.
Дар айш агар кам омад аз табъи нохушат,
Дар илм ҳар замон ба тафаккур фузунтарам.
З-он, к-аз барои дидани гулҳои маърифат
Дар боғи фикр дида кушода чу абҳарам.
Мулки хирад чу нест муқаррар ба номи ман,
Ҳастам залил гар малики ҳафт кишварам.
Аз шарми офтоб рухи хок зард шуд,



Боде гирифт дар сар яъне, ки ман зарам.
Автоди ҳафт кишвар агар кони зар шаванд,
Ҳиммат дар он набандаму ҷуз хок нашмарам.
Гаштам ғуломи ҳиммати хеш аз барои он-к
Бо равшанони чарх ба ҳиммат баробарам.
Чарх ар намуд бар ҷамани боғи рӯзгор
Бебор чун ҷанораму бе бар чу аръарам.
Дар суффаи дил аз паи озодии ҷаҳон
Ҳар соате бисоти қаноат бигустарам.
Рӯҳ орзу кунад, ки чу ин чархи лоҷвард
Бандад зи ахтарони хирадбахш зеварам.
Лекин чу Зӯҳра бар шарафи чарх чун шавам,
Қ-аз боду хоку оташу об аст пайкарам.
То аз ҳади ҷаҳон нанихам пои худ бурун,
Гардун ба бандагӣ наниҳад даст бар сарам.
Ҳурон ҳама кушода ниқоб аз ҷамоли хеш,
Ман чун хаёлбастаи тимсоли озарам.
Дар орзуи лафзи фалаксои ман ҷаҳон
Бар фарқи худ ниҳода зи афлок минбарам.
Бо ман сипеҳри оинакирдор чанд бор
Гуфт ин сухан, валек намегашт боварам.
Гирам кунун чу субҳ гиребони осмон,
Дар олами хаёл чӣ бошад чу бингарам...
Аз ман бадӣ наёмаду н-ояд зи ман бадӣ,
Қ-аз унсури латифу зи покиза гавҳарам.
Бар осмони макрамат аз равшанони илм
Чун Муштарӣ ба нури хирад Саъди Акбарам...
Донад, яқин, ки аз назари офтоби ақл
Дар чашми кони фазл чу ёқути аҳмарам.
Дар донише, ки он хирадамро зиён шудаст,
Бар осмони ҷон чу Уторид суханварам.
Гулҳои бӯстони суханро чу гулбунам,
Анқои ошьёни хирадро чу шаҳпарам...
Моҳи сухан шудаст зи ман равшан, эй аҷаб,
Гӯй бар осмони сухан чашмаи х(в)арам...
Бар ман чу боз шуд дари бӯстонсарои ҷон,
З-ин назми ҷонфизой ҷаҳон гашт ҷокарам...
Бо ин кифояту ҳунарам дар ниҳоди умр
Асбоби як мурод нагардад муяссарам.
Ҳам бигзарад мадори ғам, эй ҷон, чу оқибат
Бигзорам ин сарои маҷозиву бигзарам.

## АЗ ҒАЗАЛИЁТ

Киро дар шаҳр баргӯям ғами дил?
Кӣ омад дар ду олам маҳрами дил?
Диле дорам ҳамеша ҳамдами ғам,
Ғаме дорам ҳамеша ҳамдами дил.
Дило, олам намедонам, яқин дон
Аз он, к-афтодаам дар олами дил.
Дилеву сад ҳазорон оҳи хунин,
Зи ҳад бугзашт алҳақ мотами дил.
Канори марҳамат гар боз гирӣ,
Ба хирворон фурӯ резам ғами дил.

* * *

Қори ҷаҳон нигар, ки ҷафои кӣ мекашам?
Дил пеши аҳду пеши вафои кӣ мекашам?
Ин наъраҳои гарм зи ишқи кӣ мезанам,
Ин оҳҳои сард барои кӣ мекашам?
Баҳри ризои дӯст зи душман ҷафо кашанд,
Чун дӯст нест, баҳри ризои кӣ мекашам?
Дил дар ҳавои ӯ зи ҷаҳоне карона кард,
Охир нагӯядам, ки ҳавои кӣ мекашам?
Эй рӯзгори офият, охир куҷо шудӣ?
Боре биё, бубин, ки балои кӣ мекашам?

* * *

Нав ба нав ҳар рӯз боре мекашам,
Бор навбад чун зи ёре мекашам,
Ношукуфта з-ӯ гуле ҳаргиз маро
Ҳар замон з-ӯ ранҷу хорӣ мекашам.
Гар балое мекашам, айбам макун,
К-ин бало охир ба коре мекашам.
Заҳмати сармои сард аз моҳи дай
Бар умеди навбаҳоре мекашам.
Бори ӯ натвон кашид аз ҳаҷру васл,
Пас маро ин бас, ки боре мекашам.
Ту маро гӯӣ: «Кашидӣ дарду ғам?»
Ман чӣ мегӯям, ки: «Оре, мекашам!».
Ишқ ҳар дам дар миёнам мекашад,
Гарчи худро бар каноре мекашам.
Кори ман рӯзе шавад ҳамчун нигор,
К-ин ғам аз баҳри нигоре мекашам.



* * *

Ҳуснат андар ҷаҳон намегунҷад,
Номат андар даҳон намегунҷад.
Рози ишқат ниҳон нахоҳад монд,
З-он ки дар ақлу ҷон намегунҷад.
Во ғами ту чунон ягона шудам,
Ки дил андар миён намегунҷад.
Тамаи васли ту надорам аз он-к
Ваъдаат дар забон намегунҷад.
Охир аз рӯзгор ҷандон монд,
Ки дурӯғе дар он намегунҷад.
Рӯй пинҳон макун, ки рози дилам
Беш аз ин дар даҳон намегунҷад.
Гӯӣ: «Аз некуӣ рухи чу маҳам
Дар ҳама осмон намегунҷад».
Чӣ аҷаб, шеъри Анвариро низ
Маънӣ андар баён намегунҷад.

* * *

Дардову дареғо, ки дил аз даст бидодам,
В-андар ғаму андешаву тимор фитодам.
Оре, ки маро назди бузургони ҷаҳон буд,
Хуш-хуш, ҳама бар боди ғами ишқи ту додам.
Бо васли ту нобуда ҳанӯзам сару коре.
Сар бар хати бедоду ҷафои ту ниҳодам.
Дил дар сухани ишқи зарандуди ту бастам,
То дар ғами ту хуни дил аз дида кушодам.
Мапсанд, ки бо хок барам дарди фироқат,
Чун дасти ғами ишқи ту бардод ба бодам.
Бо он ки набошӣ нафасе ҷуз ба хилофам,
Ҳаргиз нафасе ҷуз ба ризои ту мабодам.

* * *

Эй ҷони ман, ба ҷони ту, к-аз орзуи ту
Ҳаст оби чашми ман ҳама чун оби ҷӯи ту.
Эй ман ғуломи он хами гесӯи мушкбӯй,
Афтода дар ду пои ту аз орзуи ту.
Ҳар шаб хаёли рӯи ту ояд ба пеши ман,
То рӯзи ман кунад ба сиёҳӣ чу мӯи ту,
Дар банди нома мӯй ба наздики ман фирист,

То чон ба чои кома фиристам ба сӯи ту.
Дар кӯи ту ба бӯи ту чон медиҳам чу бод
Гар бӯи ту ба ман бидиҳад хоки кӯи ту.

## АЗ МУҚАТТАОТ

Анварӣ, шеъру хирс донӣ чист?
Ин яке тифлу в-он дигар доя.
Пояи хирс гидьяву тамаъанд,
То нагардӣ ба гирди ин поя.
Тоҷ дорӣ хурӯсвор аз илм,
Чӣ кунӣ ҳамчу мокиён х..я
Гардану гӯшу нафси мардумро
Ҳиммат омад баҳина пироя,
Умри ту гавҳари гаронмояст,
Ту яке шоирӣ-гаронсоя.
Беш бар ёди жож шеър мадеҳ,
Эй гаронсоя, он гаронмоя.

* * *

Гӯянд, ки чист ҳосили ту,
Эй беҳосил, зи зиндагонӣ?
Гӯям: Хатакеву байтаке чанд
Аз неъматҳои ин ҷаҳонӣ.
Хатте на чунин чунон ки ояд,
Шеъре на чунон, чунин ки донӣ.

* * *

Кулбае, к-андар ӯ ба рӯзу ба шаб
Ҷои орому хӯрду хоби ман аст,
Ҳолате дорам андар ӯ, ки дар он
Чарх дар айну рашку тоби ман аст.
Он сипеҳрам, дар ӯ, ки гӯи сипехр
Зарраи нури офтоби ман аст.
В-он ҷаҳонам дар ӯ, ки баҳри муҳит
Волаи ламъаи сароби ман аст,
Ҳар чӣ дар маҷлиси мулук бувад,
Ҳама дар кулбаи хароби ман аст.
Раҳли аҷзову нони хушки барид
Гирди хони ману кабоби ман аст.



Шишаи сабри ман, ки бодо пур,
Пеши ман шишаи шароби ман аст.
Қалами кӯтаҳу сарири хушаш,
Захмаву нағмаи рубоби ман аст.
Хирқаи сӯфиёнаи азрақ
Бар ҳазор атлас интихоби ман аст.
Ҳар чӣ берун аз ин бувад каму беш,
Ҳоша ли-с сомеин, азоби ман аст.
Гандапири ҷаҳон ҷанаб накунад,
Ҳимматеро, ки дар ҷаноби ман аст.
З-ин қадам роҳи руҷъатам бастаст,
Он ки ӯ марҷеу маоди ман аст.
Ин тариқ аз намоиш аст хато,
Чӣ кунам ин хато савоби ман аст.
Гарчи пайғоми рӯҳпарвари ӯ
Ҳама таскини изтироби ман аст.
Нест ман бандаро забони ҷавоб,
Ҷомаву ҷои ман, ҷавоби ман аст.
Хидмати подшо, ки боқӣ бод,
На бо бозуи хоку оби ман аст.
Будан андар азоб чун Бирҷис,
Ё шудан дар ҷаҳим чун Иблис.
Беҳтар аст аз суол кард тамаъ
В-истодан ба назди марди хасис.

* * *

Бешӣ зи ҳунар талаб, на аз мол,
Акнун боре чу метавонӣ.
Ҳон, то ба хаёли бад чу дунон
Дар ҳоли ҳаёти ин ҷаҳонӣ.
Афзун накунӣ бар он чӣ дорӣ,
Қонеъ нашавӣ бад-он чӣ донӣ.
Машғул машав ба тан, на инӣ,
Фориғ манишин зи ҷон, на онӣ.
Гар ҷон-т ба илм дар тараққист,
Он гаҳ туву мулки ҷовидонӣ!
В-ар на чу ба марги ҷаҳл мурдӣ,
Ҳаргиз нарасӣ ба зиндагонӣ.
Донӣ чӣ қиёсу рост бишнав.
Бар худ зӣ китоби ишва хонӣ?
З-ин сӯи аҷал бубин, ки чунӣ,
В-он сӯи аҷал чунон бимонӣ.

* * *

Дидаи ҷони Бӯ Алӣ Сино
Буда аз нури маърифат бино.
Бурд қаҳраш ба давлати фурқон,
Пой бар фарқи гунбади мино.
Сояи офтоби ҳикмати ӯ
Тофт аз машриқи валав шино.

* * *

Он шунидастӣ, ки рӯзе зираке бо аблаҳе,
Гуфт:—«Ин волии шаҳри мо гадои беҳаёст?»
Гуфт:—«Чун бошад гадо он к-аз кулоҳаш тукмае
Сад чу моро рӯзҳо, бал солҳо баргу навост!?»
Гуфт:—«Эй мискин, ғалат инак аз ин ҷо кардаӣ,
Он ҳама баргу наво донӣ, ки он ҷо аз куҷост?»
Дурру марвориди тавқаш ашки атфоли ман аст,
Лаълу ёқути ситомаш хуни айтоми шумост!
Он, ки то оби сабӯ пайваста аз мо хостаст,
Гар биковӣ то ба мағзи устухонаш ҷони мост.
Хостан гидьяст хоҳӣ ушрхон, хоҳӣ хироҷ,
Гар гурӯҳи ном бошад як ҳақиқатро равост.
Чун гадоӣ чизи дигар нест ҷуз хоҳандагӣ,
Ҳар-кӣ хоҳад, гар Сулаймон асту гар Қорун, гадост.

* * *

Э манирову тандурустиро,
Одамӣ шукр кард натвонад,
Дар ҷаҳон ин ду неъматест бузург,
Донад он кас, ки неку бад донад.

* * *

Бухлро дидаму сахо ҳарду
Карда андар сарои хоҷа ватан.
Ҳар яке бо яке гирифта қарор,
Бухл бо хоҷаву сахо бо зан.

* * *

Дастурхон бувад зи ду газ кам ба русто,
Дар вай ниҳанд дах кадуи тар на бас аҷаб,
Лекин аҷаб зи хоҷа аз он оядам ҳаме,
К-ӯ бар кадуи хушк ниҳад бист ман қасаб.



* * *

Чун баргҳои тубо табъам ба номи ту,
Як рӯи бар санову дигар рӯи бар дӯст.

* * *

Андар ин аср ҳар кӣ шеър барад
Бо умеди силат бари мамдӯҳ.
Чор олат бибоядаш, вар на
Гардад аз ранҷи ғам дилаш маҷрӯҳ.
Дониши Хизру неъмати Қорун,
Сабри Айюбу зиндагонии Нӯҳ.

* * *

Кеҳтару меҳтару вазеу шариф,
Ҳама саргаштаанду ранҷуранд.
Дӯстон гар ба дӯстон нарасанд,
Андар ин рӯзгор маъзуранд.

* * *

Дӣ аз касони хоҷа бикардам яке савол,
Гуфтам: «Ба хони хоҷа нишинанд чанд кас?»
Гуфто: — «Ба хони хоҷа нишинанд ду кас мудом,
Аз меҳтарон фариштаву аз кеҳтарон магас».

## АЗ РУБОИЁТ

Дар ишқи ту ҳар замон гирифтортарам,
Ғамҳои туро ба ҷон харидортарам,
Ҳар чанд ба чашми ман накурӯйтарӣ,
Ҳар чанд ки беш бинамат, зортарам.

Боди саҳарӣ гузар ба кӯят дорад,
З-он зулфи бунафшазор мӯят дорад.
Дар пираҳани ғунча намегунҷад гул,
Аз шодии он ки ранги рӯят дорад.

Эй чарх, ҷуз ояти бало хонӣ?— Не!
Бар кас қаламе зи офият ронӣ?— Не!

Чизе бидиҳӣ, ки боз настонӣ?— Не!
Эй кӯри кабуд, худ чуз ин донӣ?— Не!

Эй дил, чу намедиҳад сипеҳрат гардан,
Натвон ба хурӯшу зӯр бахт овардан,
Бар ман чӣ бувад чуз, ки ба каф хун хӯрдан,
Дигар чӣ кунам, дило, чӣ донам кардан?

Сӣ сол дарахти бахти ман бор овард,
Чарх ин сӣ шабам ба рӯи тимор овард.
З-он рӯй ба рӯям ин қадар кор овард,
То душманам аз дӯст падидор овард.

Шаб нест дило, ки аз ғамаш хун нашавӣ,
В-аз дида ба ҷои ашк берун нашавӣ,
Чун ҳаст умеди он ки баргардад кор,
Эй дил, паси кори хештан чун нашавӣ?

Дилро ба касе ба чуз ту осон надиҳам,
Чизе, ки гарон харидам, арзон надиҳам,
Сад ҷон бидиҳам дар орзуи дили хеш,
В-он дил, ки туро хост, ба сад ҷон надиҳам.

# ЗАҲИРИ ФОРЬЁБӢ

*Заҳири Форьёбӣ аз шоиронест, ки ҳаёти адабии асри XII бо эҷодиёти ӯ хатм меёбад.*

*Заҳириддини Абулфазл Тоҳир ибни Муҳаммади Форьёбӣ, тақрибан соли 1156 дар мавзеи Форьёби Балх таваллуд шудааст. Аҷдоди ӯ касони фозили замон будаанд. Таҳсили ибтидоиро дар Форьёб гузаронда, Заҳир барои давом додани таҳсил ба Нишопур меравад. Ӯ забону адабиёти тоҷику араб ва илмҳои ҳайату нуҷум, фалсафаву риёзиёт ва таъриху тасаввуфро азхуд мекунад. Вай ба Исфаҳону Мозандарон ва Озарбайҷон ҳам сафарҳо кардааст. Ҳаёти Заҳир дар тангдастӣ ва қашшоқӣ гузаштааст. Шоир моҳи декабри соли 1201 дар Табрез вафот ёфтааст. Ӯро дар қабристони Сурхоб, ки мадфани шоирони он замон будааст, дар паҳлуи Хоқонӣ ва Анварӣ дафн кардаанд. Аз осори шоир қасида, ғазал, рубоӣ ва қитъа, ки дар як девон мураттаб шудаанд, боқӣ мондааст.*

## АЗ ҚАСОИД

Маро зи дасти ҳунарҳои хештан фарьёд,
Ки ҳар яке ба дигар гуна дорадам ношод.
Бузургтар зи ҳунар дар Ироқ айбе нест,
Маро мапурс, ки ин ном бар ту чун афтод.
Ҳунар нуҳуфта чу анқо бимонд аз он-ки намонд
Қасе, ки бозшиносад ҳумойро аз ход.
Танам гудохт чу мум аз ано дар ин фикрат,
Ки оташ аз чӣ ниҳоданд дар дили фӯлод?
Чаман чӣ гуна биёрост қомати аръар?
Сабо чӣ гуна бипероcт турраи шамшод?
Дилам чӣ хуни ҷигар хӯрд, то бидонистам,
Ки одамӣ зи чӣ пайдо шуду парӣ зи чӣ зод?
Валек ҳеҷам аз ин дар Ироқ собит нест,

Ту хоҳ дар Ҳамадон гиру хоҳ дар Бағдод.
Маро худ аз ҳунари хеш нест чандон баҳр,
Хушо фасонаи Ширину қиссаи Фарҳод.
Таматтӯъе, ки ман аз фазл дар ҷаҳон дидам
Ҳамон ҷафои падар буду силии устод.
Камина, пояи ман шоирист, худ бингар,
Ки то чи поя кашидам зи дасти ӯ бедод.
Ба пеши ҳар кӣ аз ин ёд мекунам тарфе,
Намекунад пас аз он то тавонад аз ман ёд.
Зи шеър ҷинси ғазал беҳтар асту он ҳам нест
Бизоате, ки тавон сохтан бар он буньёд.
Бинои умр харобӣ гирифт, чанд кунам
Зи рангу бӯи касон хонаи ҳавас obод?
Маро аз ин чӣ ки ширинлабест дар Кашмир?
Маро аз ин чӣ ки симинбарест дар Нӯшод?
Дар ин басанда кун аз ҳоли мадҳу ҳеҷ мапурс,
Ки шарҳи дарди дили он наметавонам дод.
Беҳин гуле, ки аз ӯ бишкуфад маро он аст,
Ки банда хонам худрову сарвро озод.
Гаҳе лақаб ниҳам ошуфта зангиеро ҳур,
Гаҳе хитоб кунам зиштсифлаеро род,
Ҳазор домани гавҳар нисорашон кардам,
Ки ҳеҷ кас шабаҳе дар канори ман ниҳод.
Ҳазор байт бигуфтам, ки об аз ӯ бичакид,
Ки ҷуз зи дида дигар обам аз касе нагшод.
Дар ин замона чу фарьёдрас намебинам,
Маро расад, ки расонам бар осмон фарьёд..

## АЗ ҒАЗАЛИЁТ

Хироҷи Чин сари зулфат зи мушки ноб гирифт,
Рухи ту оина аз дасти офтоб гирифт.
Гар офтоб най, аз чӣ, эй камонабрӯ
Ту чун савор шудӣ, моҳи нав рикоб гирифт?
Ту то ба ноз фигандӣ ба чеҳра зулфи сиёҳ,
Фиғон зи халқ баромад, ки офтоб гирифт.
Бигӯ ба хоб, ки дар чашми ман маё имшаб,
Ҷазирае, ки макони ту буд, об гирифт.
Миёни хоб ба ман гирья даст дод Заҳир,
Фиғон, ки душмани хунӣ маро ба хоб гирифт,



* * *

Дилам чун дар сари зулфи ту ҷон баст,
Бар ӯ ишқат дари ҳар ду ҷаҳон баст.
Сари зулфат чу з-ин ҳолат хабар ёфт,
Ба қасди ҷони ман ҷон бар миён баст,
Туро чун нест рӯи ошноӣ,
Чи тарф аз васли рӯят бартавон баст.
Латофат дар ҷаҳон рӯи ту овард.
Сабо чизе аз он бар гулситон баст.
Шакар дар най чу хаттат сабзу тар дид,
Аз он худро бар он шириндаҳон баст.
Лабатро лаъл хонам, не, на к-он чун
Зи савдои лабат дар ирқ кон баст.
Надонам то чӣ мехоҳӣ ту, з-он лаб —
Маро боре дар он маънӣ забон баст.
Даре гар фитна аз чашми ту бикшуд,
Ба дасти маъдалат соҳибқирон баст.

* * *

Боз бар ҷонам фироқат подшоҳӣ мекунад,
В-он чи дар олам нагунҷад аз табоҳӣ мекунад.
Шаҳри сабрам то сипоҳи ҳаҷри ту ғорат заданд,
Бар ман он кардӣ, ки бо русто сипоҳӣ мекунад.
Бегуноҳам кушт ишқат, вой агар будӣ гуноҳ,
Ҳол чун будӣ, чу ин дар бегуноҳӣ мекунад?
Чашми ту даъвои хубӣ карду абрӯ шуд гувоҳ,
Каж чаро шуд гар на майле дар гувоҳӣ мекунад.
Дар ғамам гуфтӣ сабурӣ кун, бале, шояд кунам,
Ҳеҷ ҷое сабр агар беоб моҳӣ мекунад?

## АЗ РУБОИЁТ

Бо он ки хуш омад аз ту, эй ёр, ҷафо,
Лекин набувад ҷафот ҳаргиз чу вафо.
Бо ин ҳама розиям ба дашном аз ту
Аз дӯст чӣ дашном, чӣ нафрин, чӣ дуо?

Ғам кушт марову ғамгусор огаҳ нест,
Дил хун шуду дилдор зи кор огаҳ нест.
Ин бо кӣ тавон гуфт, ки умрам бигузашт
Дар ҳасрати рӯи ёру ёр огаҳ нест,

Розе, ки ба гул насими сунбул гуфтаст,
Пайдост надонам кӣ ба булбул гуфтаст?
Аз ғунчаи лаббаста наёяд ин кор,
Гул буд даҳандарида, ҳам гул гуфтаст.

Асбоби тараб аз ҳама бобе дорам,
Аз дидаву дил маю кабобе дорам.
Ҳар гӯша, ки менишинам аз давлати ишқ
Дар мадди назар ҷадвали обе дорам.

Вогардад агар панд пазирад гурба,
Ё дар тала чун муш бимирад гурба.
Гӯянд ҷаҳонгир шавад гурба, валек
Гар муш шавад, ҷаҳон нагирад гурба.

### АЗ МУҚАТТАОТ

То ту бошӣ, ҳар куҷо бошӣ, забон хомӯш дор,
В-аз сухан, к-ат суд куҷо бошӣ забон хомӯш дор,
Ҳар чи гӯӣ, кӯш то девори хона нашнавад.
З-он ки бас деворҳоро гӯш бошад, хӯш дор.

Муаллақ аст дилам дар кашокаши ғами вом,
Чунон-к гӯӣ бийна-с-самои вал-арз аст.
Ба ҳолате бирасидам, ки то ба оби сабӯӣ
Ҳар он чи вазъи маоши ман аст аз қарз аст.

Шунида банда, ки фармондеҳи ҷаҳон мегуфт,
Ки ғам махӯр ту, ки тимори кори ту бибарам.
Зи хӯрданиҳо ман худ ҳамин ғаме дорам,
Чу з-ин баромадам, охир, аз ин сипас чӣ хӯрам?

## ХОҚОНИИ ШЕРВОНӢ

*Афзалуддин Иброҳим Хоқонии Шервонӣ — яке аз сухансароёни машҳури асри XII ба шумор меравад. Номи аслии ӯ Иброҳим, лақабаш Афзалуддин аст ва дар ҳудуди соли 520 ҳиҷрӣ (1126 милодӣ) дар Шервон таваллуд ёфтааст. Падари шоир Алӣ бинни Усмон ба касби дуредгарӣ машғул будааст.*

*Хоқонӣ аз падар бармаҳал маҳрум гашта, айёми кӯдакӣ ва аввали ҷавонии худро дар тарбияти амакаш Умар бинни Усмони Кофиддин, ки яке аз донишмандони он давр будааст, мегузаронад ва аз ӯ илмҳои сарфу наҳв, фалсафа, риёзиёт ва нуҷумро меомӯзад.*

*Пас аз вафоти амак, Хоқонӣ дар пеши Абӯлаълои Ганҷавӣ фанни шеъру шоириро аз худ мекунад.*

*Шоир дар айёми зиндагиаш сафарҳои зиёд намуда, дар охирҳои умр гӯшанишинӣ ихтиёр намуд ва соли 595 ҳиҷрӣ (1198 милодӣ) вафот ёфт.*

*Мероси адабии Хоқонӣ иборат аз қасида, ғазал, қитъа, рубоӣ, таркиббанд, тарҷеъбанд ва маснавии «Тӯҳфат-ул-Ироқайн» мебошад.*

### «ТӮҲФАТ-УЛ-ИРОҚАЙН»

Ин манзума дар соли 1157 бахшида ба Ҷамолиддин Абӯ Ҷаъфар Муҳаммад бинни Алии Исфаҳонӣ навишта шудааст. «Тӯҳфат-ул-Ироқайн» 3000 байтро дар бар мегирад. Он аз шаш мақола ва хотима иборат буда, мақолаҳо дар навбати худ, ба фаслҳо ҷудо мешаванд. Ҳар як мақола бо тасвири офтоб ва хитоб ба он оғоз мегардад.

Дар «Тӯҳфат-ул-Ироқайн» дар бораи нахустин мусофирати шоир ба шаҳрҳои Макка, Мадина, Ироқ (Мосул, Бағдод) ва ба ватан баргаштани ӯ маълумот дода шудааст. Ғайр аз ин, дар манзума тасвири шаҳрҳо ва

машғулияти сокинони онҳо, сӯҳбати шоир бо баъзе шахсони маъруфи араб низ зикр ёфтаанд.

«Тӯҳфат-ул-Ироқайн» умуман барои равшан намудани баъзе лаҳзаҳои ҳаёти худи шоир аҳамияти калон дорад.

## АЗ МАСНАВӢ
## ДАР ТАСВИРИ ОФТОБ ВА ҲОЛИ ХУД ГӮЯД

Эй рангомези ин гуҳарҳо,
В-эй аз ту гузориши суварҳо,
Эй дояи меҳрубони ҳар кас,
Маъшуқаи ройгони ҳар кас.
Соҳибсадарӣ, валек худрой,
Дар саффи ниоли ҳар хасат ҷой.
Он нур, ки бедареғ борӣ,
Аз дидаи ман дареғ дорӣ.
Ин шева на шарти дӯстон аст,
Ин суннати қасди душманон аст.
Шервон зи ту гарму равшанавқот,
Ман дар гави сард сайри зулмот.
На ҳамнафасе нафас кушоям.
На хушсухане ҳавас зудоям.
Бар ханҷари ҳиндуӣ пур аз ғам,
Бар оташи порсӣ лаб аз дам.
Монандаи ҳалқаи дарам бас
Ноланда зи дасткӯби ҳар хас.
Гӯёву хамӯшу бедилу рой,
Ҷунбонҷамоду бе сару пой,
Тафдидаву захми путк х(в) арда
Қадди «алифе» чу «мим» карда.
Устоди сарои ҷовидонӣ.
Бас бар дари халқ ройгонӣ.
Ҳаққо, ки манам чу ҳалқа бар дар,
Оҳам шуда ҳалқа-ҳалқа дар бар.
Ин ҳалқаи оташин шабу рӯз
Дар ҳалқ ҳамешавад нафассӯз.
Бас хун бичаҳад, шавад алалҳол —
Дар пои банот-наъш халхол.
Гардун зи қабои шаб зиреҳ зад,
Бар риштаи ҷони ман гиреҳ зад.
Ту тар чӣ дирафшҳо намой.



Рӯзе накунӣ гиреҳкушоӣ.
Бар равзани ман натобӣ аз хашм,
На дар дили ман зи ғурфаи чашм.
Майли ту ба равзанам чаро нест?
Дар равзанам охир, аждаҳо нест!..

## ДАР АЗМИ САФАРИ ХУД

Аввал, ки маро амири даврон,
Бирҳонд зи шаҳрбанди Шервон.
Саҳрои сафар гирифтам аз пеш,
Бар лошаи азм, лошаи хеш.
Аз шатти вуболи баҳри Шервон
Ҷастам ба Ироқ-мақсади ҷон.
Он баҳри Сиёҳ ба ҷой мондам,
З-он рӯи Сапедрӯд рондам.

## СИФАТИ ВИЛОЯТИ ИРОҚ

Дидам ба мисоли ҳафт бӯстон,
Ҳар ҳафт вилояти Кӯҳистон,
Хокаш ба Масеҳ тӯтиёбахш,
Сангаш ба Қалим кимьёбахш.
Ҳаррӯза ду ид дар диёраш,
Ҳар сол чаҳор навбаҳораш.
Марзаш на гиёст, он гулистон
Шаккарзору қаланфуристон.
Хӯзистонро ду рух ниҳода,
Ҳиндустонро се зарба дода.
Бар хоки раҳаш ҳама хизон гул,
Бар обгаҳаш ба ҳар карон пул.
Гулҳо ҳама ҳафтрӯю як соқ,
Пулҳо ҳама ҳаштпушту як тоқ.
Обистанӣ ҳаст нахли озод,
Бе ҷуръаи абру нутфаи бод,
Аз тозиши турку зангӣ эмин,
Амо ҳама хозанон-ш хоин.
Ризвонкадае чунин барӯманд
Монда ба кафи зиёние чанд...

## АЗ ҚАСОИД

Он Миcри мамлакат, ки ту дидӣ, хароб шуд,
В-он Нили макрамат, ки шунидӣ, сароб шуд.
Сарви саодат аз тафи хазлон зугол гашт,
В-акнун бар он зуғол ҷигарҳо кабоб шуд.
Аз сели ашк бар сари тӯфони ҳодиса
Хуноб қубба-қубба ба шакли ҳубоб шуд.
Чил газ сиришки хун зи бари хок баргузашт,
Ло бал чиҳил қадам зи бари моҳтоб шуд.
Ҳам пайкари саломату ҳам нақши офият
Аз дидаи наззорагиён дар ниқоб шуд.
Дил сард кун зи даҳр, ки ҳамдасти фитна гашт,
Андеша кун зи пил, ки ҳамҷуфти хоб шуд.
Айём сустрою қадар сахтгир гашт,
Авҳом кундпою қадар тезтоб шуд.
Дафъи қазо ба оҳи шаби кундрав кунед,
Ҳарчанд боргири қазо тезтоб шуд.
Гар оташи дурушт азобест барнатоб
Он оби нарм бин, ки бар ӯ чун азоб шуд?
Оқил кучо равад, ки ҷаҳон дори зулм гашт,
Нахл аз куҷо чарад, ки гиё захри ноб шуд.
Рубъи замин ба сони таби рубъбурда пир,
Аз ларзаву ҳазоҳизе дар изтироб шуд.
Қӯрӣ ҷаҳону боли ҷаҳон дон, ки бар ҳаданг
Парри уқоб офати ҷони уқоб шуд.
Афлокро либоси мусибат бисот гашт,
Аҷромро вақоеъи зулмат ҳиҷоб шуд...
Дар турктози фитна зи акси хаёли хун
Қайвон ба шакли ҳиндуе атласниқоб шуд.
Дӯш он замон, ки турраи шаб шона кард чарх,
Мӯи сапеди даҳр ба анбар хизоб шуд.
Дард аст арғунунзани гардун ба рангу шакл,
Шаб мӯй гашта, маҳ чу камонча рубоб шуд...
Дидам сафи малоикаи чархи навҳагар,
Чандон ки он хатиб саҳар дар хитоб шуд.
Гуфтам ба гӯши субҳ, ки ин чашмзахм чист,
Қ-ашколу ҳоли чарх чунин носавоб шуд?
Субҳ оҳи оташин зи ҷигар баркашиду гуфт:
«Дардо, ки корҳои Хуросон зи об шуд»
Гардун сари Муҳаммади Яҳъё ба бод дод,
Меҳнат рақиби Санҷари Моликриқоб шуд.
Аз ҳабси ин хидев халифа дареғ хӯрд,



В-аз қатли он имом, пайамбар мусоб шуд...
Эй офтоб, ҳирбаи заррин макаш, ки боз —
Шамшери санҷарӣ зи қазо дар қароб шуд...
Эй, андалеби гулшани ҷон, зор нол, зор,
К-аш шоҳи шарқ тӯтии ҳозирҷавоб шуд.
Эй зулфиқори дасти худо, ранг гир, ранг,
К-он бутуроби илм ба зери туроб шуд.
Хоқониё, вафо маталаб з-аҳли аср аз он-к
Дар тангнои даҳр вафо тангьёб шуд.
Он каъбаи вафо, ки Хуросон-ш ном буд,
Акнун ба пои пили ҳаводис хароб шуд.
Азмат, ки зӣ ҷаноби Хуросон дуруст буд,
Барҳам шикан, ки бӯи имон з-он ҷаноб шуд.
Бар тоқ неҳ ҳадиси сафар з-он ки рӯзгор
Чун толеи ту номзади инқилоб шуд.
Дар ҳабсгоҳи Шервон бо дарди дил бисоз,
Қ-он дарди роҳ тӯшаи явмул-ҳисоб шуд.
Гул дар миёни кӯра басе дарди сар кашид,
То баҳри дафъи дарди сар охир гулоб шуд.
Аз чоҳи давлат об кашидан тамаъ мадор,
Қ-он далвҳо дариду расанҳо зи тоб шуд,
Давлат ба рӯзгор тавонад асар намуд,
Ҳасрам ба чор моҳ тавонад шароб шуд.
Фатҳи саодат аз сари узлат бар оядат,
К-ӯ киштзори умри туро фатҳи боб шуд.

* * *

Чӣ сабаб сӯи Хуросон шуданам нагзоранд?
Андалибам ба гулистон шуданам нагзоранд?
Нест бӯстони Хуросонро чун ман мурғе,
Мурғам, овах сӯи бӯстон шуданам нагзоранд
Ганчи дурҳо натавон бурд ба бозори Ироқ,
Гар ба бозори Хуросон шуданам нагзоранд.
На-на, сарчашмаи ҳайвон ба Хуросон хезад,
Чун на Хизрам ба сари он шуданам нагзоранд.
Чун Сикандар ману таҳвил ба зулмоти Ироқ,
Ки сӯи чашмаи ҳайвон шуданам нагзоранд.
Исиям, манзари ман боми чаҳорум фалак аст,
Ки ба ҳаштум дари ризвон шуданам нагзоранд.
Ҳамчу Исо гулу райҳон зи нафас бардиҳамат,
Гарчи назди гулу райҳон шуданам нагзоранд.
Чи исоат зи ман омад, ки бад-ин ташнадилӣ

Ва сӯи машраби эҳсон шуданам нагзоранд...
Ё ман он пили ғиревони дари Абраҳаам,
Ки сӯи Каъбаи дайён шуданам нагзоранд.
Оре, афлок маолист, Хуросон, чӣ аҷаб,
Ки бар афлок чу шайтон шуданам нагзоранд.
Ман ҳамерафтам боре ҳама раҳ шодондил,
Дил надонист, ки шодон шуданам нагзоранд.
Рай харос асту Хуросон шуда айвони Ирам,
Дар харосам, ки ба айвон шуданам нагзоранд.
Дар хароси Рай аз айвони Хуросон пурсам,
Гарчи ин тоифа пурсон шуданам нагзоранд.
Гардани ман ба танобест, ки чун гови харос
Сӯи равғанкада меҳмон шуданам нагзоранд,
Аз хурӯсони Хуросон чу мане нест чӣ суд,
Ки гаҳи субҳ хурӯшон шуданам нагзоранд.
Манам он субҳи нахустин, ки чу бикшоям лаб,
Хуш фурӯ хондаму, хандон шуданам нагзоранд.
Нобахангом баҳорам, ки ба даймаҳ шукуфам,
Ки ба ҳаштум дари ризвон шуданам нагзоранд.
Дарди дил дораму дармон-ш Хуросон, зи сарон
Чун сазад, к-аз паи дармон шуданам нагзоранд.
Ҷонам он ҷост, ба дарьёи талаб ғарқа магар
Кӯҳ гирам, ки сӯи кон шуданам нагзоранд.
Гар чу харгӯш кунам пайравии шер чи суд,
Ки чу оташ ба наистон шуданам нагзоранд,
Баҳри фирдавси Хуросон ба дари дӯзахи Рай
Чӣ нишинам, ки ба пинҳон шуданам нагзоранд.
Боз гардам чу ситора, ки шавад роҷеъ аз он-к
Мустақими раҳи имкон шуданам нагзоранд.
Боз пас гардам чун ашки ғаюрон аз чашм,
Ки зи ғайрат сӯи мижгон шуданам нагзоранд.
Муштаривор ба ҷавозу ду рӯям ба вубол,
Чӣ кунам чун сӯи сар-тон шуданам нагзоранд.
Бӯи мушки суханам мағзи Хуросон бигирифт,
Меравад бӯй гар эшон шуданам нагзоранд.
Гӯи ман сад пай аз он сӯй сари майдон шуд,!
Гарчи бо гӯй ба майдон шуданам нагзоранд...
Манам он Кова, ки тайиди Фаридуниву бахт,
Толиби кӯраву сандон шуданам нагзоранд.
Дилам аз ишқи Хуросон кам автон бигирифт,
В-ин дилу ишқ ба автон шуданам нагзоранд.
Аз ватан дураму уммеди Хуросонам нест,
Ки бад-он мақсад кайҳон шуданам нагзоранд.



Фитна аз ман чӣ нависад, ки маро донишу дин
Ду рақибанд, ки фаттон шуданам нагзоранд
Тарси ҷоҳу ғами ҷон дораму з-ин ҳар ду сабаб
Ба Хуросон сӯи ихвон шуданам нагзоранд.
Ҳама бар ҷоҳ ҳаме тарсаму бар ҷон, ки мабод
Ҷоҳу ҷоне, ки таносон шуданам нагзоранд...
Он бухорам ба ҳаво баршуда аз баҳр ба баҳр,
Боз пас гашта, ки борон шуданам нагзоранд.
В-он шарорам, ки ба қувват бирасам сӯи асир,
Чу шаҳоб ахтари рахшон шуданам нагзоранд...
Зи паи он ки ду ҷо мактабу дӯкон дорам,
На ба мактаб, на ба дӯкон шуданам нагзоранд.
Ҳар чӣ андӯхтам, ин тоифаро ришва диҳам,
Бӯ, ки дар роҳи Гуругон шуданам нагзоранд.
Ногузир аст маро тӯъмаи мӯрон додан,
Гар на мӯрон ба сари кон шуданам нагзоранд.

Ҳон, эй дили ибратбин, аз дида назар кун, ҳон
Айвони Мадоинро оинаи ибрат дон.
Як раҳ зи раҳи Даҷла манзил ба Мадоин кун,
В-аз дида дуввум Даҷла бар хоки Мадоин рон.
Худ Даҷла чунон гирьяд сад Даҷлаи хун гӯй,
Қ-аз гармии хунобаш оташ чакад аз мижгон.
Биниӣ, ки лаби Даҷла чун каф ба даҳон орад,
Гӯй, зи тафи оҳаш лаб обила зад чандон.
Аз оташи ҳасрат бин бирьён ҷигари Даҷла,
Худ об шунидастӣ, к-оташ кунадаш бирьён?!
Бар Даҷла гирьӣ нав-нав в-аз дида закоташ деҳ,
Гарчи лаби дарьё ҳаст аз Даҷла закотистон.
Гар Даҷла даромезад, боди лабу сӯзи дил,
Ниме шавад афсурда, ниме шавад, оташдон.
То силсилаи айвон бигсист Мадоинро,
Дар силсила шуд Даҷла, чун силсила шуд печон,
Гаҳ-гаҳ ба забони ашк овоз деҳ айвонро,
То бӯ, ки ба гӯши дил посух шунавӣ з-айвон.
Дандонаи ҳар қасре панде диҳадат нав-нав,
Панди сари дандона бишнав зи буни дандон.
Гӯяд, ки ту аз хокӣ, мо хоки туем акнун,
Гоме ду-се бар мо неҳ в-ашке ду-се ҳам бифшон.
Аз навҳаи ҷуғдулҳақ моем ба дарди сар,
Аз дида гулобе кун, дарди сари мо бинишон.
Оре, ки аҷаб дорӣ, к-андар чамани гетӣ,

Чуғд аст паи булбул, навҳаст паи илҳон.
Мо боргаҳи додем, ин рафт ситам бар мо,
Бар қасри ситамкорон то худ чи расад хизлон
Гуӣ кӣ нагун кардаст айвони фалаквашро,
Ҳукми фалаки гардон ё ҳукми фалакгардон?
Бар дидаи мо хандӣ, к-он ҷо зи чӣ мегирьяд?
Ханданд бар он дида, к-ин ҷо нашавад гирьён.
Не золи Мадоин кам аз пиразани Кӯфа,
На ҳуҷраи танги ин камтар зи танӯри он.
Донӣ чи Мадоинро бо Кӯфа баробар нех,
Аз сина танӯре кун в-аз дида талаб тӯфон.
Ин аст ҳамон айвон, к-аз нақши рухи мардум
Хоки дари ӯ будӣ, девори Нигористон.
Ин ҳаст ҳамон даргаҳ, к-ӯро зи шаҳон будӣ
Дайлам малики Бобул, ҳинду шаҳи Туркистон.
Ин ҳаст ҳамон суффа, к-аз ҳайбати ӯ будӣ
Бар шери фалак ҳамла шеритани шодарвон.
Пиндор ҳамон аҳд аст аз дидаи фикрат бин
Дар силсилаи даргаҳ, дар кавкабаи майдон.
Аз асп пиёда шав, бар натъи замин рух нех,
Зери паи пилаш бин, шаҳмот шуда Нуъмон,
Не-не ки чу Нуъмон бин-пилафкани шоҳонро,
Пилони шабу рӯзаш гашта ба паи даврон.
Эй шаҳ, паси пил афкан, к-афканда ба шаҳ пиле,
Шатранҷии тақдираш дар мотгаҳи ҳирмон,
Маст аст замин, зеро хӯрдаст ба ҷои май
Дар коси сари Ҳурмуз хуни дили Нӯшервон.
Бас панд, ки буд онгаҳ бар тоҷи сараш пайдо,
Сад панди нав аст акнун дар мағзи сараш пинҳон.
Қисрову турунҷи зар, Парвизу тара-заррин,
Бар бод шуда яксар, бар хок шуда яксон.
Парвиз ба ҳар хоне зарринтара густурдӣ,
Кардӣ зи бисоти зар зарринтараро бӯстон.
Парвиз кунун гум шуд, з-он гумшуда камтар гӯ,
Зарринтара ку бар хон, рав камтараку бархон
Гуфтӣ, ки куҷо рафтанд, он тоҷварон инак
З-эшон шиками хок аст, обистани ҷовидон.
Бас дер ҳамезояд обистани хок, оре
Душвор бувад зодан, нутфа ситадан осон.
Хуни дили Ширин аст он май, ки диҳад разбун,
З-обу гили Парвиз аст ин хум, ки ниҳад деҳқон.
Чандин тани ҷабборон, к-ин хок фурӯ хӯрдаст,
Ин гурсначашм охир ҳам сер нашуд з-эшон.



Аз хуни дили тифлон сурхоби рух омезад
Ин золи сапедабрӯ, в-ин моми сияҳпистон.
Хоқонӣ, аз ин даргаҳ дарьюзаи ибрат кун,
То аз дари ту з-ин пас дарьюза кунад хоқон.
Имрӯз гар аз султон ринде талабад тӯша,
Фардо зи дари ринде тӯша талабад султон.
Гар зоди раҳи Макка тӯҳфаст ба ҳар шаҳре,
Ту зоди Мадоин бар тӯҳфа зи паи Шервон.
Ҳар кас барад аз Макка сабҳа зи гили Ҳамра,
Пас ту зи Мадоин бар сабҳа зи гили Салмон.
Ин баҳри басират бин, бе шарбат аз ӯ магзар,
Қ-аз шатти чунин баҳре лабташна шудан натвон.
Ихвон, ки зи раҳ оянд, оранд раҳоварде,
Ин қитъа раҳовард аст аз баҳри дили ихвон...

### АЗ ҒАЗАЛИЁТ

Омад нафаси субҳу саломат нарасонид,
Бӯи ту биёварду паёмат нарасонид.
Ё ту ба дами субҳ саломе насупурдӣ,
Ё субҳадам аз рашк саломат нарасонид.
Ман нома навиштам ба кабӯтар бисупурдам,
Чӣ суд, ки бахтам сӯи бомат нарасонид.
Бод омаду бигсист ҳаворо зи раҳи абр,
Бӯе зи раҳи ғолияфомат нарасонид.
Бар бод супурдам дилу ҷон то ба ту орад
З-ин ҳар ду надонам, ки кадомат нарасонид.
Умрест, ки чун хок ҷигарташнаи ишқам,
В-аём ба ман ҷуръаи ҷомат нарасонид.
Мурғест дилам турфа, ки бар доми ту зад ишқ,
Худ ишқ чунин мурғ ба домат нарасонид.
Хоқонӣ, аз ин толеи худком чӣ ҷӯӣ,
Қ-ӯ ҷошнии ком ба комат нарасонид.
Ноёфтани коми дилат, коми дили туст,
Пас шукр кун аз ишқ, ки комат нарасонид.

* * *

Эй дил, ба сари мӯе озод нахоҳӣ шуд,
Мӯе шудӣ андар ғам, ҳам шод нахоҳӣ шуд.
Дар офиятободат аз рахна даромад ғам,
Пас рахна чунон гаштӣ, к-обод нахоҳӣ шуд.
Пӯлод басе дидам, к-ӯ об шуд аз оташ,
Ту об шавӣ з-ин пас, пӯлод нахоҳӣ шуд.

Эй ғамзадаи хокӣ, к-аз оташи ғам ҷӯшӣ,
Обӣ, ки ҷуз аз оташ барбод нахоҳӣ шуд.
То дод ҳамеҷӯӣ, ранҷуртаре, моно,
Қ-аз худ шавӣ осуда, аз дод нахоҳӣ шуд.
То чанд канӣ кӯҳе, к-ӯро набувад гавҳар,
Дар кандани кӯҳ охир Фарҳод нахоҳӣ шуд.
Майдони маломатро гар гӯй шавӣ, шояд,
Қ-айвони саломатро буньёд нахоҳӣ шуд.
Аз модари ғам зодӣ олудаи хун чун гул,
Бо ҳеҷ тараб чун мул ҳамзод нахоҳӣ шуд.
Аз резиши ашки хун Кӯфа шудӣ аз тӯфон,
Рӯзе зи дил афзудӣ, Бағдод нахоҳӣ шуд.
Хоҳӣ дами шоҳӣ зан, хоҳӣ дами дарвешӣ,
Қ-аз ғам ба ҳама ҳоле озод нахоҳӣ шуд.
Хоқонӣ, агар аҳде ёди ту кунад олам,
На аҳди каримонӣ, к-аз ёд нахоҳӣ шуд.

* * *

То ҳалқаҳои зулф ба ҳам баршикастаӣ,
Бас тавбаҳои мо, ки ба ҳам даршикастаӣ.
Гоҳ аз ситеза гӯши фалак баркашидаӣ,
Гоҳ аз карашма дидаи ахтар шикастаӣ,
Донам, ки маҳҷабинӣ, эй осмоншикан,
Аммо надонам он ки чӣ лашкар шикастаӣ?
Оҳистатар на мулки Хуросон гирифтаӣ,
В-осудатар на рояти Санҷар шикастаӣ.
Дар шоҳроҳи ишқи ту ҳар маҳмиле, ки буд
Бар дил шикастагони қаландар шикастаӣ.
Дар гӯшаҳо ҳазор ҷигаргӯша хӯрдаӣ,
В-аз кибр гӯшаи кулаҳ андар шикастаӣ.
Як мушти хок ғорат кардан на мушкил аст,
Бас кун, ки на тилисми Сикандар шикастаӣ.
Дарҳам шикастаӣ дили Хоқонӣ аз ҷафо,
Товон бидеҳ зи лаъл, ки гавҳар шикастаӣ.
Хоқониё, нишемани Шервон на ҷои туст,
Барпар сӯи Ироқ ки шаҳпар шикастаӣ.

Зи бадхӯӣ даме хӯ вонакардӣ,
Муроoте ба ҷони мо накардӣ.
Бар он хӯи нахустине, ки будӣ,
Аз он як зарра камтар вонакардӣ,



Ба ҷои ман, ки бар аҳди ту мондам,
Зи бадаҳдӣ чӣ мондат то накардӣ?
Магар лутфе, ки аз ту чашм дорам,
Дар он олам кунӣ, к-ин ҷо накардӣ?
Куҷо як ваъдае додӣ, ки дар пай
Ҳазор имрӯзро фардо накардӣ.
Паи як бӯса гирди пояи ҳавз
Басе гаштам ту дил дарьё накардӣ.
Шунидӣ ҳоли Хоқонӣ, ки чун аст,
Вале бар хештан пайдо накардӣ.

* * *

Хӯи ӯ аз хомкорӣ кам накард,
Синаи ман сӯхт, чашмаш нам накард.
Душманон бо душманон аз шарми халқ
Оштирангӣ кунанд, он ҳам накард.
Аз макун гуфтан забонам мӯй шуд,
Ӯ ҳанӯз аз худ мӯе кам накард.
Рӯзе аз рӯи худам чун рӯи худ
Ҷони ғампарвардро хуррам накард.
Синаам з-он пас, ки чун гавҳар бисуфт,
Чун садаф бишкофт, пас марҳам накард.
Ишқи ӯ то бар сари ман об хӯрд,
Об хӯрда ҷонам, илло ғам накард.
Дар ҷафо ҳамҷинси олам буд, лек
Он чӣ ӯ кард аз ҷафо, олам накард.
Хори ғам дар роҳи Хоқонӣ ниҳод,
В-аз паи бардоштан қад хам накард.

* * *

Рухи ту равнақи қамар бишикаст,
Лаби ту киммати шакар бишикаст.
Лашкари ғамзаи ту берун тохт,
Сафи ақлам ба як назар бишикаст.
Бар дари дил расиду ҳалқа бизад,
Посбон хуфта диду дар бишикаст.
Ман худ аз ғам шикастадил будам,
Ишқат омад тамомтар бишикаст.
Неши мижгон чунон задӣ ба дилам,
Ки сари неш дар ҷигар бишикаст,

Нарасад номаҳои ман ба ту з-он-к,
Пари мурғони номабар бишикаст.
Қиссае менавишт Ҳоқонӣ
Қалам ин ҷо расиду сар бишикаст.

* * *

Чу ба ханда боз ёбам асари даҳони тангаш,
Садафи гуҳар намояд шакари ақиқрангаш.
Бикананд рух ба нохун, бигазанд лаб ба дандон,
Ҳама соҳирони Бобул зи ду чашми шӯху шангаш,
Агар аз қиёс ҷонро ҷигар оҳанин набудӣ,
Натавонадӣ кашидан ба ситам дили чу сангаш.
Ба гаҳи сабӯҳ Зӯҳра зи фалак ҳамесарояд,
Зи ҳавои савти зераш зи навои зери чангаш.
Чу кушод тири ғамза зи хами камони абрӯ,
Гузарад зи санги хоро сари новаки хадангаш.
Лаби ӯст лаълу шаккар ман агар на шӯрбахтам,
Шакарин чарост бар ман суханони чун шарангаш?
Лаби ӯст оби ҳайвон дилаш аз талаб Сикандар,
Хизири дигар шавам ман, агар ораме ба чангаш.

**АЗ МУҚАТТАОТ**

Хоқониё, ба давлати айём дил манеҳ,
К-айём ҳафтаест, худ он ҳафта низ нест,
Рӯзу шаб аст сими сиёҳу зари сапед,
Берун аз ин ду умр туро як пашиз нест...
Чун дар замона чиз надорӣ, хирад чӣ суд?
К-онро ки чиз нест, хирад ҳеҷ чиз нест.
Бар хӯшаи ҳаёт машав ғарра, к-осмон
Сайёфпешаест, ки ӯро тамиз нест.
Он буз, нигар, ки дар паи тифле ҳамеравад,
Баҳри мавизаке, ки ҷуз онаш азиз нест.
Рӯзе ба дасти тифл шавад кушта бегумон,
Чун бингарӣ гулӯбури буз ҷуз мавиз нест.

* * *

Машав, Хоқониё, мағрури давлат,
Ки давлат сояи нопойдор аст.
Ба давлат ҳар кӣ шуд ғарра чунон дон,
Ки майдон-ш оташу ӯ найсавор аст,



Чу субҳ аст аввалу чун гул ба охир,
Ки ин камумр, он андак қарор аст.
Ба ранге, к-аз хуми нилӣ фалак хост,
Машав хуррам, ки ранги сӯгвор аст.
Дар он маънгар, ки найли ӯ сароб аст,
Ки худ найлаш сароби умрхор аст.
Басо давлат, ки меҳнат зодаи ӯст,
Ки хокистар зи оташ ёдгор аст.
Басо, меҳнат ки давлат охири ӯст,
Ки даймаҳро натиҷа навбаҳор аст.
Сари давлат ғурур асту миён лаҳв,
Ба поёнаш заволи рӯзгор аст.
Ба май монад ки май фисқ аст з-аввал,
Миёна мастиву охир хумор аст.

* * *

Хоқониё, зи нонталабӣ оби рух марез,
К-он ҳирс, к-оби рух барад, оҳанги ҷон кунад
Одам зи ҳирси гандуми нононшуда чӣ дид,
Бо одамӣ мутолибаи нон ҳамон кунад.
Бас мӯр, к-ӯ ба бурдани нонрезае зи роҳ
Пайсудаи касон шаваду ҷон зиёд кунад.
Он тифл бин, ки моҳиякон чун кунад шикор,
Бар сӯзани хамида чу як пора нон кунад.
Аз одамӣ чи турфа, ки моҳӣ дар об низ
Ҷонро зи ҳирс дар сари кори даҳон кунад.

* * *

Ман, ки Хоқониям ҷафои ватан
Бурдаам в-аз ҷафо гурехтаам.
Аз хасони чу сори шӯрангез,
Чун малах бар мало гурехтаам.
Шоҳбозам, ҳавогирифта бале,
К-аз камини бало гурехтаам.
На-на шаҳбоз чӣ? — Ки гунҷишкам,
К-аз дами аждаҳо гурехтаам.
Гар наозурдаам зи дасти хасон,
Даст бар сар чаро гурехтаам!
Тарсам аз қаҳри нохудотарсон,
З-он сабаб дар худо гурехтаам.

Аз камини камонкашони қазо
Дар ҳисори ризо гурехтаам.
Он на сел аст, чист? — Тӯфон аст,
Пас зи тӯфонсаро гурехтаам.
Алғариқ-ул-ғариқ мегӯям,
З-он чунон сел то гурехтаам.
Гар ҳама кас зи манъ бугрезад,
Манҳам, он к-аз ато гурехтаам.

* * *

Вас кун Хоқониё, зи мидҳати дунон,
То зи сагон ҷони шери шарза начӯӣ.
То ба чунин лафз номи сифла наронӣ,
З-оби хизир коми мори гурза нашӯӣ.
Ҳарзаву аҳсан-т ҳарза буд, ки гуфтӣ
Назр кун акнун, ки беш ҳарза нагӯӣ.

* * *

Бовар накардаме, ки расад кӯҳ сӯи кӯҳ,
Мардум расад ба мардум бовар бикардаме.
Кӯҳе буд ин танам, ки бад-ӯ кӯҳи ғам расид,
Ман мардумам, чаро нарасидам ба мардумӣ?

## АЗ РУБОИЁТ

Эй дӯст, ғами ту сар ба сар сӯхт маро,
Чун шамъ ба базми дард афрӯхт маро.
Ман гирьяву сӯзи дил намедонистам,
Устоди тағофули ту омӯхт маро.

Оби ҷигарам ба оташи ғам бархост,
Сӯзи ҷигарам фузуд то сабр бикост.
Ҳар чанд ҷигар ба сабр мемонад рост,
Сабр аз ҷигари сӯхта чун шояд хост?

Дар ғусса маро ҷумла ҷавонӣ бигузашт,
Айёми сиғар чунон ки донӣ, бигузашт.
Дар марг хавоси зиндагонӣ бигузашт.
Умрам ҳама дар марсияхонӣ бигузашт,



Рафтиву бе ту дил ба ғами тоза ошност,
Чашми ту захми тоза ба хамьёза ошност,
Манъат намекунам, ки махӯр май, вале бихӯр,
Аз дасти соқие, ки ба андоза ошност.

Аз ғадри фалак таъни хасон саъбтар аст,
В-аз ҳар ду фироқ ғамрасон саъбтар аст.
Саъб аст фироқи ёри дилбар, лекин
Муҳтоҷ шудан ба нокасон саъбтар аст.

Ҳар рӯз фалак кини ман аз сар гирад,
Бар дасти хасон маро забунтар гирад.
Бо ӯ ҳама кори сифлагон дар гирад,
Ман сифла шудам, бӯ, ки маро даргирад.

Эй, соҳиби рои комилу бахти баланд,
Саъи ту барои моли дуньё то чанд?
Фардо, ки равад ҷони ту аз тан берун,
Аъдо ҳама он мол ба ишрат бихӯранд.

Дидӣ, ки насими навбаҳоре бивазид,
Моро зи баҳори мо насиме нарасид,
Дардо, ки чу гул пардаи хилват бидарид,
Он гулрухи мо парданишинӣ бигузид.

Дар боғчаи умри мани ғампарвард,
На сарв, на сабза монд, на лола, на вард,
Бар хирмани айёми ман аз ғояти дард
На хӯша, на дона монд, на коҳ, на гард.

Хоқонӣ, аз он ки буд султони хунар,
Чун шамъ басе нишаст бар курсии зар.
Акнун чу чароғ аст ба куштан дархур
Бар натъ нишаста, ашки резон дар бар.

Хоқонӣ, аз ин мухтасарон даст бидор,
Дар кори шағарфҳимматон даст барор.
Парвона машав, ҷон ба чароғе масупор,
Хуршедпараст бош нилуфарвор.

Дуди ту бурун шавад зи равзан як рӯз,
Мурғи ту бипар(а)д аз нишеман як рӯз.

Гирам, ки ба қоми дӯст боши сад сол,
Ноком шавӣ ба коми душман як рӯз.

Худро маписанд, дилписанди ҳама бош,
Нуқсон бипазиру судманди ҳама бош.
Фориғ зи либоси офият бош чу нахл,
Бар хок нишину сарбаланди ҳама бош.

Хоқонӣ, агар на хасниҳодӣ, хуш бош,
Гом аз сари ком дарниҳодӣ, хуш бош,
Ҳар чанд ба нохушӣ фитодӣ, хуш бош,
Пиндор, дар ин давр назодӣ, хуш бош.

Аз бухл касе, ки мекунад ваъда дурӯғ,
Бугрез аз ӯ, ки об дорад дар дӯғ,
Он субҳ, ки халқ козибаш мехонанд,
Ҳаргиз нарасад аз ӯ ба имон фурӯғ.

Аз сӯҳбати ҳамдамони ин даври хилоф
Гӯяд сухане, агар нагирӣ ба газоф
Чун шишаи соат аст пайваста ба ҳам,
Дилҳо ҳама пурғубору дарҳо ҳама соф.

Сӯзе, ки дар осмон нагунҷад, дорам,
В-он нола, ки дар даҳон нагунҷад, дорам,
Гуфтӣ зи ҷаҳон чӣ ғусса дорӣ, охир?
Он ғусса, ки дар ҷаҳон нагунҷад, дорам.

Афғон, ки зи дил барои сӯз овардам,
На новаки оҳи синадӯз овардам.
Бехуда чу офтобу моҳ зери сипеҳр,
Рӯзе ба шабу шабе ба рӯз овардам.

То бар ҳадафи фалак задам тири сухан,
Аз ҳалқа гусиста гашт занҷири сухан.
Таъми суханам ҳамчу асал хоҳад буд,
Табъам чу шакар фиганд дар шири сухан.

Хоқонӣ, аз ин чархи сияҳкосаи дун
Чунӣ ту дар ин гулхани хокистаргун,
Аз чашму диле чу деги гармоба кунун,
К-оташ зи дарун дориву об аз берун.



Хоқонӣ, агар туӣ зи софинафасон,
Бар гардани кас даст ба силӣ марасон,
Зеро, ки чу бар гардани озоднасон,
Шамшер расад беҳ, ки расад дасти хасон.

Ҳар рӯз бувад туро ҳаёле нав-нав,
То ҷомаи сабри ман бидаррад ҷав-ҷав,
Як зарра дирангит надидам ҳама умр,
Бераҳм касӣ ту, озмудам, рав-рав.

Умрам ҳама ноком шуд аз бекорӣ,
Қорам ҳама носоз шуд аз беёрӣ.
Эй ёр, магар ту қори ман бигзорӣ,
В-эй чарх, магар ту умри ман боз орӣ?!

Ҳар кас, ки зи даҳр ними ноне дорад,
В-аз баҳри нишаст як маконе дорад,
Не ходими кас бувад, на махдуми касе,
К-ӯ, шод бизист, хуш ҷаҳоне дорад.

# НИЗОМИИ ГАНҶАВӢ

*Абӯ Муҳаммад Ильёс ибни Юсуф ибни Закӣ Муайяд Низомӣ, ки буньёдгузори мактаби хамсанависист, соли 1141 дар шаҳри Ганҷа таваллуд ёфтааст. Айёми зиндагии шоир бо давраи ҳукмронии сулолаи атобакони Озарбойҷон баробар меояд. Ӯ бо султонҳои давраш робитаи наздик дошта бошад ҳам, ба дарбор нарафтааст ва касеро мадҳ нагуфтааст. Низомӣ дар соли 1203 вафот ёфтааст.*

*Аз мероси адабии Низомӣ «Хамса» ё «Панҷ ганҷ», ки маснавиҳои: «Махзан-ул-асрор», «Хусрав ва Ширин», «Лайлӣ ва Маҷнун», «Ҳафт пайкар» ва «Искандарнома»-ро дар бар мегирад, то давраи мо пурра омада расидааст. Шоир ғайр аз «Хамса» девони ашъор низ доштааст, ки аз ин қисмати ашъори ӯ фақат чанд қасида, ғазал ва рубоӣ боқӣ мондааст.*

## АЗ «МАХЗАН-УЛ-АСРОР»

«Махзан-ул-асрор» яке аз маснавиҳои ирфонӣ ва панду ахлоқии Низомии Ганҷавӣ буда, соли 572 ҳиҷрӣ (1179 милодӣ) навишта шудааст. Маснавӣ тахминан ду ҳазор байтро дар бар гирифта, аз муқаддима, 20 мақола ва хотима иборат мебошад.

«Махзан-ул-асрор» сюжети муайяне надорад. Мундариҷаи асосии онро масъалаҳои гуногуни тарбиявӣ-ахлоқӣ ва тасаввуфӣ, монанди ҳақиқат ва адолатпарварии шоҳ, усули мамлакатдорӣ ва раиятпарварӣ, накӯкорӣ ва ноумед нашудан аз сахтиҳо, шикоят аз зулми шоҳони золим, меҳнат ва аҳамияти он дар зиндагӣ, хидмат ва ғамхорӣ кардан ба одамон ва ҷонварон, муносибати одам ба табиат, сахӣ ва саховатмандӣ, зарари рашк ва ҳасадбарӣ, фоидаи некӣ ва зарари бадӣ ва амсоли ин ташкил медиҳанд.

Низомӣ барои тасдиқи фикрҳои худ дар охири ҳар як мақола ҳикояҳои хурд-хурди тамсилӣ меоварад.



### НӮШЕРВОН ВА ВАЗИР

Сайдкунон маркаби Нӯшервон,
Дур шуд аз кавкабаи хусравон.
Муниси хусрав шуда дасутру бас,
Хусраву дастуру дигар ҳеҷ кас.
Шоҳ дар он ноҳияти сайдьёб
Дид деҳе чун дили душман хароб.
Танг ду мурғ омада дар якдигар,
В-аз дили шаҳ қофияшон, тангтар.
Гуфт ба дастур: — «Чӣ дам мезананд?
Чист сафире, ки ба ҳам мезананд?»
Гуфт вазир: — «Эй малики рӯзгор!
Гӯям агар шаҳ бувад омӯзгор,
Ин ду наво н-аз паи ромишгарист,
Хутбае аз баҳри заношавҳарист».
Духтаре ин мурғ ба он мурғ дод,
Ширбаҳо хоҳад аз ӯ бомдод,
Қ-«Ин деҳи вайрон бигузорӣ ба мо,
Низ чунон чанд супорӣ ба мо».
Он дигараш гуфт, к-«Аз ин даргузар,
Ҷаври малик бину бирав ғам махвар.
Гар малик ин аст, на бас рӯзгор,
З-ин деҳи вайрон диҳамат сад ҳазор».
Дар малик ин лафз чунон даргирифт,
Қ-оҳ бароварду фиғон даргирифт.
Даст ба сар барзаду лахте гирист,
Ҳосили бедод ба ҷуз гирья чист?
З-ин ситам ангушт ба дандон газид,
Гуфт ситам бин, ки ба мурғон расид.
Ҷавр нигар, к-аз ҷиҳати хокиён,
Ҷуғд нишонам ба дили мокиён.
Эй мани ғофилшуда, дуньёпараст,
Баски занам бар сар аз ин кор даст.
Моли касон чанд ситонам ба зӯр,
Ғофилам аз мурдану фардои гӯр.
То каю кай дастдарозӣ кунам,
Бо сари худ бин, ки чӣ бозӣ кунам!
Мулк бад-он дод маро кирдигор,
То накунам он чӣ наёяд ба кор.
Ман, ки мисамро ба зар андудаанд,
Мекунам онҳо, ки нафармудаанд.

Номи худ аз зулм чаро бад кунам?
Зулм кунам, вой, ки бар х(в)ад кунам!
Бехтар аз ин дар дилам озарм бод,
Ё зи худо ё зи худам, шарм бод!
Зулм шуд имрӯз тамошои ман,
Вой ба расвоии фардои ман.
Сӯхтанӣ шуд тани беҳосилам,
Сӯзад аз ин ғусса дилам бар дилам.
Чанд ғубори ситам ангехтан,
Оби худу хуни касон рехтан?
Рӯзи қиёмат зи ман ин турктоз,
Боз бипурсанду бипурсанд боз.
Шармзадам чун нанишинам хиҷил,
Сангдилам, чун нашавам тангдил?
Бингарӣ то чанд маломат барам,
К-ин хиҷилиро ба қиёмат барам.
Бори ман аст он чи маро борагист,
Чораи ман бар мани бечорагист.
З-ин гуҳару ганҷ, ки натвон шумурд,
Сом чӣ бардошт, Фаредун чӣ бурд?
То ман аз ин амру вилоят, ки ҳаст
Оқибат-ул-амр чӣ орам ба даст?
Шоҳ дар ин бора чунон гарм гашт,
К-аз нафасаш наъли фарас нарм гашт.
Чунки ба лашкаргаҳу роят расид,
Бӯи навозиш ба вилоят расид.
Ҳолӣ аз он хитта қалам баргирифт,
Расми баду роҳи ситам баргирифт.
Дод бигустурду ситам дарнабашт,
То нафаси охир аз он барнагашт.
Баъди басе гардиши бахтозмой,
Ӯ шуда в-овозаи адлаш ба ҷой.
Ёфта дар хиттаи соҳибдилӣ,
Сиккаи номаш рақами одилӣ,
Оқибате нек саранҷом ёфт,
Ҳар кӣ дари адл зад, ин ном ёфт!
Умр, ба хушнудии дилҳо гузор,
То зи ту хушнуд бувад кирдигор.
Сояи хуршедсаворон талаб,
Ранҷи худу роҳати ёрон талаб.
Дардситонӣ куну дармондиҳӣ,
То-т расонанд ба фармондиҳӣ.
Гарм шав аз меҳру зи кин сард бош,



Чун маҳу хуршед ҷавонмард бош.
Ҳар кӣ ба некӣ амал оғоз кард,
Некии ӯ рӯй бад-ӯ боз кард.
Гунбади гарданда зи рӯи қиёс
Ҳаст ба некиву бадӣ ҳақшинос...
Узр маёвар на ҳиял хостанд,
Ин сухан аст аз ту амал хостанд.
Гар ба сухан кор муяссар шудӣ,
Кори Низомӣ ба фалак бар шудӣ.

## ДОСТОНИ ПИРИ ХИШТЗАН

Дар тарафи Шом яке пир буд,
Чун парӣ аз халқ тарафгир буд.
Пираҳани худ зи гиё бофтӣ,
Хишт задӣ, рӯзӣ аз он ёфтӣ.
Теғзанон чун сипар андохтанд,
Дар лаҳад он хишт сипар сохтанд.
Ҳар кӣ ҷуз он хишт ниқобаш набуд,
Гарчи гунаҳ дошт, азобаш набуд.
Пир яке рӯз дар ин кору бор
Кор фаропеш дарафзуд кор.
Омад аз он ҷо ки қазо соз кард,
Хубҷавоне сухан оғоз кард,
К-«Ин чӣ забуниву чӣ афкандагист,
Коху гил ин пешаи харбандагист.
Хезу мазан бар сипари хок теғ,
К-аз ту надоранд яке нон дареғ.
Қолиби ин хишт дар оташ фикан,
Хишти нав аз қолиби дигар бизан!
Чанд кулӯхӣ ба такаллуф кунӣ,
Дар гилу обе чӣ тасарруф кунӣ.
Хештан аз ҷумлаи пирон шумор,
Кори ҷавонон ба ҷавонон гузор!»
Пир бад-ӯ гуфт: «Ҷавонӣ макун,
Даргузар аз кору гаронӣ макун!..
Даст бад-ин пеша кашидам, ки ҳаст
То накашам пеши ту як рӯз даст,
Дасткаши кас наям аз баҳри ганҷ,
Дасткаше меҳӯрам аз дастранҷ.
Аз паи ин ризқ вуболам макун,
Гарна чунин аст, малолам макун!»

Аз сухани пир маломатгараш,
Гирьён-гирьён бигузашт аз бараш.
Пир бад-ин васф ҷаҳондида буд,
К-аз паи ин кори писандида буд...

## ДОСТОНИ ДУ ҲАКИМИ МУТАНОЗЕЪ

Бо ду ҳаким аз сари ҳамхонагӣ
Шуд сухане чанд зи бегонагӣ.
Лофи манӣ буду туӣ барнатофт,
Мулк яке буду дуӣ барнатофт.
Ҳақ ду нашояд, ки яке бишнаванд,
Сар ду нашояд, ки яке бидраванд.
Ҷои ду шамшер ниёме кӣ дид?
Базми ду Ҷамшед мақоме кӣ дид?
Дар тамаъ он буд ду фарзонаро,
К-аз ду яке хос кунад хонаро.
Чун асабият камари кин гирифт,
Хона зи пардохтан оин гирифт.
Ҳар ду ба шабгир навое заданд,
Хонафурӯшона салое заданд,
К-аз сари носохтаҷӣ бигзаранд
Сохтаи хеш ду шарбат х(в)аранд.
То кӣ дар ин поя қавидилтар аст,
Шарбати заҳри кӣ ҳалоҳилтар аст.
Мулки ду ҳикмат ба яке фан диҳанд,
Ҷони ду сурат ба яке тан диҳанд.
Хасми нахустин қадаре заҳр сохт,
К-аз афанӣ санги сияҳро гудохт.
Дод бар ӯ к-ин маи ҷонпарвар аст,
Заҳр мадонаш, ки беҳ аз шаккар аст.
Шарбати онро ситад он шермард
Заҳр ба ёди шакар осон бих(в)ард.
Нӯшгиё пухту бад-ӯ дарнишаст
Раҳгузари заҳр ба тарьёк баст.
Сӯхт чу парвонаву пар бозьёфт,
Шамъсифат боз ба маҷлис шитофт.
Аз чамани боғ яке гул бичид
Хонд фусуневу бар он гул дамид,
Дод ба душман зи паи қаҳри ӯ
Он гули пуркортар аз заҳри ӯ,
Душман аз он гул, ки фусунхон бидод



Тарс бар ӯ чира шуду ҷон бидод.
Он ба илоҷ аз тани худ заъф бурд
В-ин ба яке гул зи тавахҳум бимурд.
Ҳар гули нангин, ки ба боғи замист,
Қатрае аз хуни дили одамист.
Боғи замона, ки баҳораш туӣ,
Хонаи ғамдор, ки нигораш туӣ,
Санг дар ин хоки мутаббақ нишон,
Хок бар ин оби муаллақ фишон.
Бигзар аз ин хобу хаёлоти ӯ,
Барпар аз ин хоку хароботи ӯ.
Бар маҳу хуршед маёвар вуқуф
Маҳ хӯру хуршед шикан чун кусуф...
Гар дили хуршед фурӯз оварӣ,
Рӯзе аз ин рӯз ба рӯз оварӣ.
Ашк фишон то ба гулоби умед
Бистурад ин лавҳи сиёҳу сафед...

## АЗ «ХУСРАВ ВА ШИРИН»

«Хусрав ва Ширин» соли 576 ҳ. (1180-81 м.) итмом ёфтааст. Маснавӣ 6000 байтро дар бар мегирад.

Мазмуни мухтасари достон чунин аст:

Хурмуз — подшоҳи сосониҳо соҳиби писаре мешавад, ки ба ӯ Хусрав ном мегузоранд. Ӯ бо тарбияти надимони худ ба воя мерасад.

Хусрав, Шопур ном ходими хос дошт, ки дар санъати наққошӣ соҳиби маҳорати калон буд. Шопур рӯзе ба Хусрав қиссаи маликаи Арманистон Маҳинбону ва хоҳарзодаи ӯ — Ширинро нақл мекунад.

Хусрав дар асоси ин нақл ба Ширин ғоибона ошиқ мешавад ва барои ба даст овардани ӯ Шопурро ба Арманистон мефиристад.

Шопур ба Арманистон омада, хабар меёбад, ки Ширин ҳар рӯз бо ҳафтод духтари моҳрӯй ба шикор мебаромадааст.

Рӯзе Шопур сурати Хусравро кашида дар шикоргоҳ ба дарахте мечаспонад ва худ пинҳон мешавад. Рӯзе назари Ширин ба он сурат меафтад. Вале духтарон аз бими он ки Ширин ба он тасвир ошиқ нашавад, дарҳол онро нест мекунанд. Шопур ин амали худро боз такрор мекунад.

Дар охир Шопур худро ба Ширин нишон дода, дар бораи Хусрав нақл мекунад. Ширин аз гуфтаҳои Шопур мутаассир гардида, барои дидани Хусрав ба Мадоин меравад. Аммо дар ин вақт Хусрав аз бими падар ба Арманистон гурехта рафта буд.

Ҳангоме ки Хисрав марги падарро мешунавад, Ширинро надида, бо тезӣ ба Мадоин бармегардад.

Хусрав дар Мадоин дер истода наметавонад, зеро Баҳроми Чӯбина ба муқобили ӯ шӯриш мебардорад. Хусрав маҷбур мешавад, ки боз ба Арманистон баргардад.

Ин дафъа Хусрав Ширинро дар Арманистон дида, бо ӯ мулоқот менамояд. Хусрав нисбат ба Ширин изҳори муҳаббат карда хоҳиш менамояд, ки ба ӯ ба занӣ барояд. Вале Ширин таклифи Хусравро бо ҳамон шарте қабул мекунад, ки агар ӯ (Хусрав) тахти подшоҳиро ба даст даровbooарда, мамлакатро аз фитнаи душманон эмин гардонад.

Хусрав бо ин мақсад ба Рум меравад ва Марьям ном духтари подшоҳи он ҷоро ба занӣ мегирад. Хусрав пас аз ин бо кӯмаки подшоҳи Рум ба Эрон ҳуҷум карда, Баҳромро шикаст медиҳад ва тахти салтанатро дуюмбора ба даст медарорад.

Дар ин вақт Маҳинбону ҳам дар Арманистон вафот карда ба тахти подшоҳӣ Ширин соҳиб мешавад.

Ширин пас аз як соли салтанат ва гузаронидани шабҳои фироқ подшоҳиро тарк намуда, бо Шопур ба Мадоин меояд. Ширин дар Мадоин дар қасре, ки дар кӯҳи хушку беоб воқеъ гардида буд, бо машаққат зиндагӣ мекард. Шопур маслиҳат медиҳад, ки Фарҳоди кӯҳканро даъват намуда, аз байни кӯҳҳои баланд ҷӯй кушояд.

Фарҳод дар андак муддат ба нерӯи ишқи Ширин корро ба поён мерасонад. Хусрав бошад аз ин кор хабар ёфта, бо фиреб Фарҳодро ҳалок месозад.

Чанде нагузашта зани Хусрав — Марьям ҳам вафот мекунад. Хусрав баъд аз он ба сӯи Ширин мешитобад ва ӯро ба ақди никоҳи худ даровarда, солҳо бо ӯ ба ширинкомӣ ҳаёт мегузаронад.

Хусрав аз Марьям Шерӯя ном писаре дошт, ки аз нӯҳсолагӣ ба Ширин ошиқ мешавад. Шерӯя чун ба синни ҷавонӣ мерасад, падарро гӯшанишин мекунад ва худ ба фикри Ширин меафтад. Ӯ бо мақсади гирифтани Ширин падари худро мекушад. Ширин аз ин ҳодиса огоҳӣ ёфта, худро ба ҳалокат мерасонад.



**ВАСФИ ҶАМОЛИ ШИРИН**

Паридухте парибугзор моҳе,
Ба зери миқнаа соҳибкулоҳе.
Шабафрӯзе чу маҳтоби ҷавонӣ,
Сияҳчашме чу оби зиндагонӣ.
Қашида қомате чун нахли симин,
Ду зангӣ бар сари нахлаш рутабчин.
Зи бас к-овард ёд он нӯшлабро,
Даҳон пур оби шаккар шуд рутабро.
Ба марворид дандонҳои чун нур,
Садафро оби дандон дода аз дур,
Ду шаккар чун ақиқи обдода,
Ду гесӯ чун каманди тобдода,
Ҳами гесӯш тоб аз дил кашида,
Ба гесӯ сабзаро бар гил кашида.
Шуда гарм аз насими мушкбезаш,
Димоғи наргиси беморхезаш.
Фусунгар карда бар худ чашми х(в)адро,
Забон баста ба афсун чашми бадро
Ба сеҳре, к-оташи дилҳо кунад тез,
Лабашро сад забон, ҳар як шакаррез.
Намак дорад лабаш дар ханда пайваст,
Намак ширин набошад в-они ӯ ҳаст.
Ту гӯӣ биниаш теғест аз сим,
Ки кард он теғ match себеро ба ду ним,
Зи моҳаш сад қасабро рахна ёбӣ,
Чу моҳаш рахнае бар рух наёбӣ.
Ба шамъаш бар басе парвона бинӣ,
Зи нозаш сӯи кас парво набинӣ.
Сабо аз зулфу рӯяш ҳуллапӯш аст,
Гаҳе қоқум, гаҳе қундузфурӯш аст.
Муваккал карда бар ҳар ғамза ғунче,
Занах чун себу ғабғаб чун турунче.
Рухаш тақвими анҷумро зада роҳ,
Фишонда даст бар хуршеду бар моҳ.
Ду пистон чун ду симин нори навхез,
Бар он пистон гули бӯстон дирамрез.
Зи лаълаш бӯсаро посух нахезад,
Ки лаъл ар во кушояд, дур бирезад
Ниҳода гардан оху гарданашро,
Ба оби чашм шуста доманашро.
Ба чашми оҳувон он чашмаи нӯш,

Диҳад шерафганонро хоби харгӯш.
Ҳазор оғӯшро пур карда аз хор,
Як оғӯш аз гулаш ночида дайёр.
Шабе сад кас фузун бинад ба хобаш,
Набинад кас шабе чун офтобаш.
Гар андоза зи чашми хеш гирад,
Бар оҳуе сад оҳу беш гирад.
Зи рашки наргиси масташ хурӯшон
Ба бозори Ирам райҳонфурӯшон.
Ба идорой абрӯи ҳилолӣ
Надидаш кас, ки ҷон наспурд ҳолӣ.
Ба ҳайрат монда Маҷнун дар хаёлаш,
Ба қоим ронда Лайлӣ бо ҷамолаш.
Ба фармоне, ки хоҳад халқро кушт,
Ба дасташ даҳ қалам, яъне даҳ ангушт.
Маҳ аз хубиш худро хол хонда,
Шаб аз холаш китоби фол хонда.
Зи гӯшу гарданаш лӯълӯъ хурӯшон,
Ки раҳмат бар чунон лӯълӯъфурӯшон!
Ҳадисеву ҳазор ошӯби дилбанд,
Лабеву сад ҳазорон бӯса чун қанд.
Сари зулфе, ки нозу дилбарӣ пур,
Лабу дандоне аз ёқуту аз дур,
Аз он ёқуту он дурри шакарханд
Муфарраҳ сохта савдоие чанд.
Ҳунар саргашта бар рӯи чу моҳаш,
Дилу ҷон фитна бар зулфи сиёҳаш.
Ҳунар фитна шуда бар ҷони покаш,
Набишта ӯхдаи анбар ба хокаш.
Рухаш насрину бӯяш низ насрин,
Лабаш ширину номаш низ Ширин,
Шакарлафзон рухашро нӯш хонанд,
Валиаҳди Меҳинбонуш хонанд.
Парирӯён, к-аз он кишвар амиранд,
Ҳама дар хидматаш фармонпазиранд.
Зи меҳтарзодагони моҳпайкар
Бувад дар хидматаш ҳафтод духтар.
Ба хубӣ ҳар яке ороми ҷоне,
Ба зебоӣ диловези ҷаҳоне.
Ҳама ороста бо рӯду ҷоманд,
Чу маҳ манзил ба манзил мехироманд.
Гаҳе бар хирмани маҳ мушк пӯшанд,
Гаҳе дар хирмани гул бода нӯшанд.



Зи бурқаъ нест-шон бар рӯи банде
Ки н-орад чашмзахм он ҷо газанде.
Ба хубӣ дар ҷаҳон ёре надоранд,
Ба гетӣ ҷуз тараб коре надоранд.
Чу бошад вақти зӯр, он зӯрмандон
Кананд аз шер чанг, аз пил дандон.
Ба ҳамла ҷони оламро бисӯзанд,
Ба новак чашми кавкабро бидӯзанд,
Агар ҳури биҳиштӣ, ҳаст машҳур
Биҳишт аст он тараф в-он лӯъбатон ҳур.
Меҳинбонӯ, ки он иқлим дорад,
Басе з-ин гуна зарру сим дорад...

## ЛОБА КАРДАНИ ХУСРАВ ПЕШИ ШИРИН

Малик чун дид, к-ӯ дар кор хом аст,
Забонаш тавсан асту табъ ром аст.
Ба лоба гуфт, к-«Эй моҳи ҷаҳонтоб,
Итоби дӯстон ноз аст, бартоб.
Савоб ояд, раво дорӣ, писандӣ,
Ки вақти дастгирӣ даст бандӣ?
Давидам то ба ту дасте дарорам,
Ба даст орам туро, дасте барорам.
Чу мебинам кунун зулфат маро баст,
Ту дар даст омадӣ, ман рафтам аз даст.
Нагӯям дар вафо савганд бишкан,
Хуморамро ба бӯсе чанд бишкан...
Зи боғи васл пургул кун канорам,
Чу донӣ, к-аз фироқат бар чӣ корам.
Магар з-он гул гулоболуд гардам,
Ба бӯй аз гулистон хушнуд гардам.
Ту сармасту сари зулфи ту дар даст,
Агар хушдил нишинам, ҷои он ҳаст.
Чу бо ту май хӯрам, чун каш набошам,
Туро бинам, чаро дилх(в)аш набошам?
Қамар заррин бувад, чун бо ту бандам,
Даҳан ширин шавад, чун бо ту хандам.
Гар аз ман мебарӣ чун мӯхра аз мор,
Ман аз гул боз мемонам, ту аз хор.
Гар аз дарди сари ман мешавӣ фард,
Ман аз сар дур мемонам, ту аз дард.
Ҷигар хӯр, к-аз ту беҳ ёре надорам.

Зи ту хуштар ҷигархоре надорам.
Маро гар рӯи ту дилкаш набошад,
Дилам бошад, валекин х(в)аш набошад...
В-агар ҷон гардад аз рӯят инонтоб,
Бувад ҷонро арӯсӣ, лек дар хоб.
Итобе гар бувад моро аз ин пас,
Миёнҷӣ дар миёна мӯи ту бас».
Чу лахте қиссаҳои хуш фурӯ гуфт,
Гирифта зулфи дилбар хуш фурӯ хуфт.

### ОҒОЗИ ИШҚИ ФАРҲОД

Парипайкар нигори парниёнпӯш,
Бути сангиндили симинбаногӯш,
Дар он водӣ, ки ҷое буд дилгир,
Нахӯрдӣ хеҷ хӯрде хуштар аз шир.
Гараш сад гуна ҳалво пеш будӣ,
Ғизо-ш аз модиёну меш будӣ.
Аз ӯ то ҷорпоён дуртар буд,
Зи шир овардан ӯро дарди сар буд,
Ки пиромуни он водӣ ба харвор
Ҳама харзаҳра буд чун заҳраи мор.
Зи ҷӯби заҳр чун ҷӯпон хабар дошт,
Ҷарогоҳи гала ҷои дигар дошт.
Дили Ширин ҳисоби шир мекард,
Чӣ фан созад, дар он тадбир мекард,
Ки шир овардан аз ҷое чунин дур
Парасторони ӯро дошт ранҷур.
Чу шаб зулфи сиёҳ афганд бар дӯш,
Ниҳод аз моҳи заррин ҳалқа дар гӯш.
Дар он ҳалқа, ки буд он моҳи дилсӯз,
Чу мори ҳалқа мепечид то рӯз.
Нишаста пеши ӯ Шопур танҳо,
Фурӯ карда зи ҳар навъе суханҳо.
Аз ин андеша, к-он сарви саҳӣ дошт,
Дили фарзона Шопур огаҳӣ дошт.
Чу гулрух пеши ӯ ин қисса баргуфт,
Ниюшанда чу барги лола бишкуфт.
Намозаш бурд чун ҳинду париро,
Сутудаш чун Аторуд Муштариро.
Ки: «Ҳаст ин ҷо муҳандис марде устод,
Ҷавоне номи ӯ фарзона Фарҳод.



Ба вақти ҳандаса ибратнамое,
Маҷастидону уқлидаскушое,
Ба теша чун сари санъат бихорад,
Заминро мурғ бар моҳӣ нигорад.
Ба санъат сурхгулро ранг бандад,
Ба охан нақши Чин бар санг бандад.
Ба теша даст бӯсандаш ҳама Рум,
Ба теша санги хороро кунад мум.
Ба устоде чунин корат барояд,
Бад-ин чашма гул аз хорат барояд.
Бувад ҳар кор бе устод душвор,
Нахуст устод бояд, он гаҳе кор!
Гарам фармон диҳӣ, фармон пазирам,
Ба даст оварданаш бар даст гирам,
Ки мо ҳарду ба Чин ҳамзод будем,
Ду шогирд аз яке устод будем.
Чу ҳар моя, ки буд аз пеша бардошт,
Қалам бар ман фиганд, ӯ теша бардошт,
Чу Шопур ин ҳикоятро ба сар бурд,
Ғами шир аз дили Ширин бадар бурд.
Чу рӯз оинаи хуршед дар баст,
Шаби садчашм ҳар сад чашм барбаст.
Таҷассус кард Шопур он заминро,
Ба даст овард Фарҳоди гузинро.
Ба шодирвони Ширин бурд шодаш,
Ба расми хоҷагон курсӣ ниҳодаш.
Даромад Кӯҳкан монанди кӯҳе,
К-аз ӯ омад халоиқро шукӯҳе.
Чу як пил аз ситабриву баландӣ
Ба миқдори ду пилаш зӯрмандӣ.
Рақибони ҳарам бинвохтандаш,
Ба воҷиб ҷойгоҳе сохтандаш.
Буруни парда Фарҳод истода,
Миён дар баставу бозӯ кушода,
Дар андеша, ки лӯъбатбоз гардун
Чӣ бозӣ орадаш з-он парда берун.
Ҷаҳон ногаҳ шабехунсозие кард,
Паси он парда лӯъбатбозие кард,
Ба ширинхандаҳои шаккаринсоз
Даромад шаккари Ширин ба овоз.
Ду қуфли шаккар аз ёқут бардошт,
В-аз ӯ ёқуту шаккар қут бардошт,
Рутабҳое, ки нахлаш бор медод,

Рутабро гӯшмоли хор медод.
Ба нӯшободи он хурмои дар шир,
Шакар хонд ангабинро чошнигир.
Зи бас, к-аз домани лаб шаккар афшонд,
Шакар доман ба Хӯзистон барафшонд.
Шунидам номи ӯ Ширин аз он буд,
Ки дар гуфтан аҷаб ширинзабон буд.
Зи Ширинӣ чӣ гӯям, ҳар чи хоҳӣ,
Бар овозаш бихуфтӣ мурғу моҳӣ.
Табарзадро чу лаб пурнӯш кардӣ,
Зи шаккар ҳалқаҳо дар гӯш кардӣ.
Дар он маҷлис, ки ӯ лаб баркушодӣ,
Набудӣ кас, ки ҳолӣ ҷон надодӣ.
Қасеро, к-он сухан дар гӯш рафтӣ,
Гар Афлотун будӣ, аз ҳӯш рафтӣ.
Чу бигрифт он сухан Фарҳод дар гӯш.
Зи гармӣ хун гирифташ дар ҷигар ҷӯш.
Баровард аз ҷигар охе шағабнок
Чу масрӯъе зи по афтод бар хок.
Ба рӯи хок меғалтид бисёр
В-аз он саркӯфтан печид чун мор.
Чу Ширин дид, к-он оромрафта
Диле дорад чу мурғ аз дом рафта,
Ҳам аз роҳи сухан шуд чорасозаш,
Бад-он дона ба дом овард бозаш.
Пас онгоҳ гуфта к-«Эй дононда устод,
Чунон хоҳам ки гардонӣ маро шод.
Муроди ман чунон аст, эй ҳунарманд,
Ки букшоӣ дили ғамгинам аз банд.
Ба ҷобукдастиву устодкорӣ
Кунӣ дар кори ин қаср устуворӣ.
Гала дур асту мо муҳтоҷи ширем,
Тилисме кун, ки шир осон бигирем.
Зи мо то гӯсфандон як ду фарсанг
Бубояд канд ҷӯе маҳкам аз санг,
Ки ҷӯпононам он ҷо шир дӯшанд,
Парасторонам ин ҷо шир нӯшанд.
Зи Ширин гуфтану гуфтори ширин,
Шуда ҳуш аз сари Фарҳоди мискин.
Суханҳоро шунидан метавонист,
Валекин фаҳм кардан менадонист.
Забонаш кард посухро фаромушт,
Ниҳод аз оҷизӣ бар дида ангушт.



Ҳикоят боз ҷуст аз зердастон,
Ки мастам, кӯрдил бошанд мастон,
Надонам к-ӯ чӣ мегӯяд, бигӯед,
Зи ман коме, ки меҷӯяд, биҷӯед.
Рақибон он ҳикоят баргирифтанд,
Суханҳое ки рафт, аз сар гирифтанд.
Чу огаҳ гашт аз он андеша Фарҳод,
Фигананд он ҳукмро бар дида буньёд.
Дар он хидмат бағоят ҷобукӣ дошт,
Ки кори нозанинон нозукӣ дошт.
Аз он ҷо рафт берун теша дар даст.
Гирифт аз меҳрубонӣ пеша дар даст.
Чунон аз ҳам дарид андоми он бум,
Ки мешуд зери захмаш санг чун мум.
Ба теша рӯи хоро мехарошид,
Чу бед аз санг маҷро метарошид.
Ба ҳар теша, ки бар санг озмудӣ,
Ду ҳамсангаш ҷавоҳир музд будӣ.
Ба як моҳ аз миёни санги хоро
Чу дарьё кард ҷӯе ошкоро.
Зи ҷои гӯсфандон то дари кох
Дурӯя сангҳо зад шох дар шох.
Чу кор омад ба охир, ҳавзае баст,
Ки ҳавзи кавсараш бӯсид мар даст.
Чунон тартиб кард аз санг ҷӯе,
Ки дар дарзаш намегунҷид мӯе.
Дар он ҳавза, ки кард ӯ сангбасташ,
Равон шуд об гуфтӣ, з-обдасташ.
Бино ҷандон тавонад буд душвор,
Ки банноро наёмад даст дар кор.
Агар сад кӯҳ бояд канд пӯлод,
Забун бошад ба дасти одамизод.
Чӣ чора, к-он бани одам надонад,
Ба ҷуз мурдан, к-аз ӯ бечора монад!

## МУНОЗИРАИ ХУСРАВ ВА ФАРҲОД

Нахустин бор гуфташ, к-«Аз куҷоӣ?»
Бигуфт: «Аз дори мулки ошноӣ»,
Бигуфт: «Он ҷо ба санъат дар чӣ кӯшанд?»
Бигуфт: «Андӯҳ харанду ҷон фурӯшанд».

Бигуфто: «Ҷонфурӯшӣ дар адаб нест?»
Бигуфт: «Аз ишқбозон ин аҷаб нест».
Бигуфт: «Аз дил шудӣ ошиқ бад-ин сон?»
Бигуфт: «Аз дил ту мегӯӣ, ман аз ҷон».
Бигуфто: «Ишқи Ширин бар ту чун аст?»
Бигуфт: «Аз ҷони ширинам фузун аст».
Бигуфто: «Ҳар шабаш бинӣ чу маҳтоб?»
Бигуфт: «Оре, чу хоб ояд, куҷо хоб?»
Бигуфто: «Дил зи меҳраш кай кунӣ пок?»
Бигуфт: «Онгаҳ, ки бошам хуфта дар хок».
Бигуфто: «Гар хиромӣ дар сарояш?»
Бигуфт: «Андозам ин сар зери пояш».
Бигуфто: «Гар кунад чашми туро реш?»
Бигуфт: «Ин чашми дигар дорамаш пеш»
Бигуфто: «Гар касеш орад фароҷанг?»
Бигуфт: ««Оҳан хӯрад в-ар худ бувад санг».
Бигуфто: «Гар наёбӣ сӯи ӯ роҳ?»
Бигуфт: «Аз дур шояд дид дар моҳ».
Бигуфто: «Дурӣ аз маҳ нест дар(в)ар».
Бигуфт: «Ошуфта аз маҳ дур беҳтар»
Бигуфто: «Гар бихоҳад ҳар чӣ дорӣ?»
Бигуфт: «Ин аз худо хоҳам ба зорӣ»
Бигуфто: «Гар ба сар ёбиш хушнуд?»
Бигуфт: «Аз гардан ин вом афканам зуд».
Бигуфто: «Дӯстиш аз табъ бигзор»
Бигуфт: «Аз дӯстон н-ояд чунин кор»
Бигуфт: «Осуда шав, к-ин кор хом аст».
Бигуфт: «Осудагӣ бар ман ҳаром аст».
Бигуфто: «Рав сабурӣ кун дар ин дард?»
Бигуфт: «Аз ҷон сабурӣ чун тавон кард?»
Бигуфт: «Аз сабр кардан кас хиҷил нест»,
Бигуфт: «Ин дил тавонад кард, дил нест».
Бигуфт: «Аз ишқ корат сахт зор аст?»
Бигуфт: «Аз ошиқӣ хуштар чӣ кор аст?»
Бигуфто: «Ҷон мадеҳ, бас дил ки бо ӯст?»
Бигуфто: «Душманананд ин ҳар ду бе дӯст?»
Бигуфто: «Дар ғамаш метарсӣ аз кас?»
Бигуфт: «Аз меҳнати ҳиҷрони ӯ бас».
Бигуфто: «Ҳеҷ ҳамхобет бояд?»
Бигуфт: «Ар ман набошам, низ шояд».
Бигуфто: «Чунӣ аз ишқи ҷамолаш?»
Бигуфт: «Он кас надонад чуз хаёлаш».
Бигуфт: «Аз дил ҷудо кун ишқи Ширин»



Бигуфто: «Чун зиям бе ҷони ширин?»
Бигуфт: «Ӯ они ман шуд, з-ӯ макун ёд»
Бигуфт: «Ин кай кунад бечора Фарҳод?»
Бигуфт: «Ар ман кунам дар вай нигоҳе?»
Бигуфт: «Офокро сӯзам ба оҳе».
Чу оҷиз гашт Хусрав дар ҷавобаш,
Наёмад беш пурсидан савобаш.
Ба ёрон гуфт, к-аз хокиву обӣ
Надидам кас бад-ин ҳозирҷавобӣ.
Ба зар дидам, ки бо вай барнаёям,
Чу зарраш нест, бар санг озмоям.
Кушод онгаҳ забон, чун теғи пӯлод,
Фиканд алмосро бар санг буньёд,
Ки-«Моро хаст кӯхе бар гузаргоҳ,
Ки мушкил метавон кардан бад-ӯ роҳ.
Миёни кӯҳ роҳе канд бояд,
Чунон к-омадшуди моро бишояд.
Бад-ин тадбир касро дастрас нест,
Ки кори тусту кори ҳеҷ кас нест.
Ба ҳаққи хурмати Ширини дилбанд,
К-аз ин беҳтар надонам хӯрд савганд,
Ки бо ман сар бад-ин ҳоҷат дарорӣ,
Чу ҳоҷатмандам, ин ҳоҷат барорӣ».
Ҷавобаш дод марди оҳанинчанг,
Ки:-«Бардорам зи роҳи Хусрав ин санг.
Ба шарти он ки хидмат карда бошам,
Чунин шарте ба ҷо оварда бошам.
Дили Хусрав ризои ман биҷӯяд,
Ба тарки шаккари ширин бигӯяд».
Чунон дар хашм шуд Хусрав зи Фарҳод,
Ки ҳалқаш хост озурдан ба пӯлод.
Дигар раҳ гуфт, аз ин шартам чи бок аст,
Ки санг аст он чи фармудам, на хок аст.
Агар санг аст, чун шояд буридан,
Ва агар буррад, куҷо шояд кашидан.
Ба гармӣ гуфт, коре шарт кардам,
Ва гар з-ин шарт баргардам, на мардам.
Миён дарбанду зӯри даст бикшой,
Бурун шав, дастбурди хеш бинмой.
Чу бишнид ин сухан Фарҳоди бедил,
Нишони кӯҳ чуст аз шоҳи одил.
Ба кӯҳе кард Хусрав, раҳнамунаш,
Ки хонад ҳар кас акнун Бесутунаш.

Ва ҳукми он ки санге буд хоро,
Ба сахтӣ рӯи он санг ошкоро.
Зи даъвигоҳи Хусрав бо диле х(в)аш
Равон шуд Кӯҳкан чун кӯҳи оташ.
Бар он кӯҳи камаркаш рафт чун бод,
Камар дар басту захми теша бикшод...

**АЗ «ЛАЙЛӢ ВА МАҶНУН»**

Низомӣ достони «Лайлӣ ва Маҷнун»-ро соли 584 хиҷрӣ (1188-89 милодӣ) эҷод кардааст.

Достон аз чаҳор ҳазор байт иборат мебошад.

Мазмуни мухтасари достон чунин аст:

Яке аз давлатмандони қабилаи араб бо вуҷуди соҳиби ҷоху неъмат будан аз дарди бефарзандӣ азоб мекашидааст. Дар охир писаре таваллуд мешавад, ки номашро Қайс мегузоранд. Ӯро дар синни 10-солагӣ ба мактаб медиҳанд. Дар мактаб духтари соҳибҷамоле бо номи Лайлӣ ҳамсабақи ӯ мешавад. Қайсу Лайлӣ ба ҳамдигар ошиқ мешаванд ва ишқи ин ду ҷавон ба дараҷае мерасад, ки овозаашро падарону модарони онҳо мешунаванд. Лайлиро намегузоранд, ки дигар ба мактаб равад. Қайс бошад, дар фироқи Лайлӣ сурудҳои ошиқона мехонад ва ашк мерезад. Азобу машаққати ишқи Лайлӣ торафт Қайсро заифу нотавон мекунад. Ҳама Қайсро «Маҷнун», яъне «девона» меноманд ва ӯ бо ин ном машҳур мешавад.

Падари Маҷнун аз ин аҳволи ӯ хабар ёфта, барои наҷоти писараш ба хостгории Лайлӣ меравад. Падари Лайлӣ, ки аз қабилаи дигар буд, бо баҳонаи он ки гӯё Маҷнун шахси девона аст, хостгории ӯро рад мекунад.

Бо шунидани ин хабар дарду алами Маҷнун бештар мегардад. Оҳиста-оҳиста ишқи Лайлӣ ва Маҷнун вирди забони хурду калон мешавад.

Барои тасаллии Маҷнун падараш ӯро ба зиёрати хонаи Каъба мебарад. Аммо аз ин кор ҳам муродаш ҳосил намегардад.

Маҷнун бошад тамоман роҳи биёбонро пеш мегирад.

Ҳаёти Маҷнун дар биёбонҳо дар байни ҷонварони ваҳшӣ бо азобу сахтӣ мегузарад.

Рӯзе аз рӯзҳо Навфал (Нӯфал) ном як шахси паҳлавон Маҷнунро дар биёбонҳо мебинад ва ба ҳоли ӯ



раҳм карда ваъда медиҳад, ки ӯро ба муроду мақсадаш мерасонад. Маҷнун аз ин ваъда умедвор ва осуда мегардад. Навфал мувофиқи ваъда аскари зиёде ҷамъ карда, ба тарафи қабилаи падари Лайлӣ лашкар мекашад.

Пас аз ду бор ҷанг кардан, падари Лайлӣ шикаст мехӯрад ва ба назди Навфал омада, бо зорию тавалло мегӯяд, ки «ман розӣ ҳастам духтари худро ба пасттарин ғуломи ту ба занӣ бидиҳам, вале барои ба Маҷнун додан ҳеҷ розӣ нестам. Дар акси ҳол духтари худро мекушам».

Навфал ноҷор аз ҷанг даст кашида бармегардад. Маҷнун аз кори Навфал ноумед гашта, боз ба дашту биёбонҳо меравад.

Баъди чанд муддат Лайлиро ба Ибни Салом медиҳанд, вале Лайлӣ аз рӯи вафодорӣ ба шавҳараш таслим намешавад.

Падару модари Маҷнун аз ғаму андӯҳи фарзандашон вафот мекунанд.

Дар ин миён Ибни Салом ҳам вафот мекунад. Пас аз чанд вақт Лайлӣ ҳам аз азоби фироқи Маҷнун аз ҳаёт чашм мепӯшад.

Маҷнун бошад, аз ин фоҷиа огоҳ шуда, аз биёбон худро ба сари қабри Лайлӣ мерасонад ва қабри ӯро оғӯш гирифта, ҷон медиҳад. Ҷасади Маҷнунро дар пеши Лайлӣ ба хок месупоранд.

**ОШИҚ ШУДАНИ ЛАЙЛӢ ВА МАҶНУН, БАР ЯКДИГАР**

Ишқ омаду хомҷом дардод,
Ҷоме ба ду хӯйхом дардод.
Мастӣ ба нахустбода сахт аст,
Афтодани нофитода сахт аст.
Чун аз гули меҳр бӯ гирифтанд,
Бо ҳам ҳамарӯза хӯ гирифтанд.
Ин ҷон ба ҷамоли он супурда,
Дил бурдаву лек ҷон набурда,
В-он бар рухи ин назар ниҳода,
Дил додаву коми дил надода.
Ёрон ба ҳисоби илмхонӣ,
Эшон ба ҳисоби меҳрубонӣ;
Ёрон сухан аз луғат сириштанд,

Эшон луғате дигар навиштанд;
Ёрон варақе зи илм хонданд,
Эшон нафасе ба ишқ ронданд;
Ёрон сифате зи қол гуфтанд,
Эшон ҳама ҳасби ҳол гуфтанд.
Ёрон ба шумор пеш буданд,
Эшон ба шумори хеш буданд...

## НОЛИДАНИ ЛАЙЛӢ ДАР ФИРОҚИ МАҶНУН

Бар сабза нишаста хирмани гул,
Нолид чу дар баҳор булбул.
Нолиду ба нола дар ниҳонӣ
Мегуфт зи рӯи меҳрубонӣ,
К-«Эй ёри мувофиқи вафодор!
В-эй чун ману ҳам ба ман сазовор!
Эй сарви ҷавонаи ҷавонмард!
В-эй бо дили гарму бо дами сард!
Ой аз дари он, ки дар чунин боғ
Оию зудой аз дилам доғ.
Бо ман ба муроди дил нишинӣ,
Ман норвану ту сарв бинӣ.
Гирам зи манат фароғи ман нест,
Парвои сарою боғи ман нест,
Охир ба забони некномӣ
Ҳам з-он ки фиристиям паёме!»
Нокарда сухан ҳанӯз парвоз,
К-аз раҳгузаре баромад овоз:
Шахсе ғазале чу дурри макнун,
Мехонд зи гуфтаҳои Маҷнун.
К-«Эй пардадари салоҳи корам,
Уммеди ту бод пардадорам!
Маҷнун ба миёни мавҷи хун аст,
Лайлӣ ба ҳисоби кор чун аст?
Маҷнун ҷигаре ҳамехарошад,
Лайлӣ намак аз кӣ метарошад?...
Маҷнун ба ҳазор навҳа нолад,
Лайлӣ чӣ нишот месиголад?
Маҷнун ҳама дарду доғ дорад,
Лайлӣ чӣ баҳору боғ дорад?
Маҷнун камари ниёз бандад,
Лайлӣ ба рухи кӣ бозхандад?



Маҷнун зи фироқ дилрамидаст,
Лайлӣ ба чӣ роҳат орамидаст?»
Лайлӣ чу самои ин ғазал кард,
Бигристу зи гирья санг ҳал кард.
З-он сарвбунони бӯстонӣ
Медид яке дар ӯ ниҳонӣ,
К-аз дурии дӯст бар чӣ сон аст,
Бар дӯст чигуна меҳрубон аст.
Чун боз шуданд сӯи хона,
Шуд дар садаф он дури ягона.

## РАСИДАНИ НОМАИ ЛАЙЛӢ БА МАҶНУН

Рӯзею чӣ рӯз — оламафрӯз!
Равшан ҳама чашм аз чунон рӯз.
Субҳаш зи биҳишт бардамида,
Бодаш нафаси Масеҳ дида.
Он бахт, ки кор аз ӯ шавад рост,
Он рӯз ба дасти рост бархост.
Давлат зи итоб сер гашта,
Бахт омада гарчи дер гашта.
Маҷнуни машаққатозмуда,
Гул коштаву хасак дуруда,
Он рӯз нишаста буд бар кӯҳ
Гирдаш даду дом гашта анбӯҳ.
Аз парраи дашт сӯи он санг
Гарде бархост тӯтиёранг.
Аз бурқаи он чунон ғуборе
Рухсора намуд шаҳсаворе
Шахсеву чӣ шахс? — Пораи нур,
Пеш омаду шуд пиёда аз дур.
Маҷнун чу шинохт, к-ӯ ҳариф аст,
В-аз гавҳари мардуме шариф аст,
Бар мавкаби он сибоъ зад даст,
То ҷумла шуданд бар замин паст.
Омад бари он савори тозӣ,
Бикшод забон ба дилнавозӣ,
К-«Эй наҷми ямонӣ ин чӣ сайр аст?
Таъҷил ҳамеравӣ, чӣ хайр аст?
Симои ту гарчи дилнавоз аст,
Андешаи ваҳшиён дароз аст.
Тарсам зи расан, ки мор дидам,

Чӣ мор, ки аждаҳо газидам.
З-ин пештарам газофкоре
Дар сина чунон нишонд хоре,
К-аз новаки оҳанини он хор
Рӯяд зи дилам ҳанӯз мисмор.
Гар ту ҳам аз он матоъ дорӣ,
Беҳ гар накунӣ сухангузорӣ!»
Марди сафарӣ зи лутфи рояш,
Чун соя фитод зери пояш,
Гуфт: «Эй шарафи баландномон,
Бар пои дадон кашида домон!
Оҳу ба дили ту меҳр дода,
Бар рони ту шер сар ниҳода,
Соҳибхабарам зи ҳар тарике,
Яъне ба рафиқе аз рафиқе,
Дорам сухане нуҳуфта бо ту,
Он гуна, ки кас нагуфта бо ту.
Гар руҳсати гуфтан аст, гӯям,
В-арна сӯи роҳи хеш пӯям».
Ошиқ чу шунид умедворӣ,
Гуфто, ки биёр то чӣ дорӣ?
Пайғомгузор дод пайғом,
К-«Эй тавсани толеат шуда ром!
Дӣ бар гузари фалон ватангоҳ
Дидам санаме нишаста чун моҳ,
Моҳею чӣ моҳ? — Офтобе,
Бар моҳи вай аз қасаб никобе.
Сарве, на чу сарви боғ бебар,
Боғе, на чу боғи хулд бедар.
Ширинсухане, ки чун сухан гуфт
Бар лафзи чу обаш об мехуфт.
Оҳучашме, ки чашми оҳуш
Медод ба шер хоби харгӯш.
Зулфи сияҳаш ба шакли «чиме»,
Қаддаш чу «алиф», даҳан чу «миме»,
Яъне, ки:-«Чу бо ҳуруфи ҷомам
Шуд ҷоми ҷаҳоннамой номам».
Чашмаш чу ду наргиси пур аз хоб,
Руста ба канори чашмаи об.
Абрӯй ба токи ӯ ба ҳам ҷуфт,
Ҷуфт омада буду «тоқ» мегуфт.
Ҷодуманише ба дил рабудан,
Райҳоннафасе ба атр судан...





Аммо қадаре зи меҳрубонӣ
Пазруфта нишони нотавонӣ:
Тираш сифати камон гирифта,
Ҷазъат зи гуҳар нишон гирифта...
Дар дӯст ба ҷон умед баста,
Бо шӯй зи бими ҷон нишаста.
Бар гул зи мижа гулоб мерехт,
Маҳтоб бар офтоб мебехт.
Азбаски намуд навҳасозӣ,
Бахшуд дилам бар он ниёзӣ,
Гуфтам: «Чӣ касию гирьят аз чист?
Нолидани зорат аз паи кист?»
Бикшод шакар ба заҳрханда,
К-«Эй бар ҷигарам намак фиканда!
Лайлӣ будам, валекин акнун
Маҷнунтарам аз ҳазор Маҷнун.
З-он шефтаи сияҳситора
Ман шефтатар ҳазорбора.
Ӯ гарчи нишонагоҳи дард аст,
Охир на чу ман зан аст, мард аст.
Дар шеваи ишқ ҳаст ҷолок,
К-аз ҳеҷ касе наёядаш бок.
Чун ман ба шиканҷа-дар накоҳад,
Он ҷо қадамаш равад, ки хоҳад.
Мискин мани бекасам, ки як дам
Бо кас назанам даме дар ин ғам.
Тарсам, ки зи бехудию хомӣ
Бегона шавам зи некномӣ...
Аз як тарафам ғами ғарибон,
В-аз сӯи дигар ғами рақибон.
Ман з-ин ду алоқаи қавидаст
Дар кашмакаш уфтода пайваст.
Не дил, ки ба шӯй барситезам,
Не заҳра, ки аз падар гурезам!
Гаҳ ишқ дилам диҳад ки: «Бархез,
З-ин зоғу заған чу кабк бигрез!».
Гаҳ гӯяд ному нанг: «Биншин,
К-аз кабк қавитар аст шоҳин!...»
З-ин ғам чу наметавон буридан
Тан дар додам ба ғам кашидан.
Лекин ҷигарам ба зери хун аст,
К-он ёр, ки бе ман аст, чун аст?
Бе ман вараки кӣ мешуморад?

Айём чигуна мегузорад?...
Ҳамсӯҳбатии кӣ мегузинад?
Ёраш киву бо кӣ менишинад?
Гар ҳастӣ аз он мусофир огоҳ,
Моро хабаре бидеҳ дар ин роҳ!»
Чун ман зи вай ин сухан шунидам,
Хомӯш будан раво надидам.
Он нақш, ки будам аз ту маълум
Бар дил задамаш чу мӯҳр бар мум,
Қ-«Он шефтаи зи худ рамида,
Ҳаст аз ҳама дӯстон бурида.
Бод аст зи ишқи ту ба дасташ,
Гӯр асту гавазн ҳамнишасташ.
Ишқи ту шикаста будаш аз дард,
Марги падараш шикастатар кард...
Гаҳ қиссаи меҳнати ту хонад,
В-аз дида ҳазор сел ронад.
Гаҳ марсияи падар кунад соз,
В-аз санги сияҳ барорад овоз».
В-он гаҳ зи қасоиди ҷалолат,
Қ-омӯхтаам зи ҳасби ҳолат,
Хондам ду-се байт пеши он моҳ,
З-он сон, ки баромад аз дилаш оҳ.
Ларзид ба ҷою сар фурӯ бурд,
Дур аз ту чунон, ки гуфтам ӯ мурд.
Баъд аз нафасе, ки сар баровард,
Охе дигар аз ҷигар баровард.
Бигрист ба ҳой-хою фарьёд,
Қард аз падарат ба навҳа-дар ёд.
В-аз бекасии ту дар чунин дард,
Мегуфту бар он дареғ мех(в)ард.
Чун кард басе хурӯшу зорӣ,
Бинмуд ба аҳдам устуворӣ,
Қ-«Эй покдили ҳалолзода!
Бардор, ки ҳастам уфтода!
Рӯзе, ки аз ин қароргоҳат
Тадбир бувад ба азми роҳат,
Бар хиргаҳи ман гузар кун аз роҳ
В-аз дур ба ман намуд хиргоҳ.
То номае аз ҳисоби корам
Тартиб кунам ба ту супорам.
Ёрет расод, то ниҳонӣ
Ин нома ба ёри ман расонӣ».



Ин гуфту аз он ҳазира бархост,
Ман низ шудам ба роҳи худ рост.
Дирӯз бад-он нишон, ки бинмуд,
Рафтам ба дари вусоқи ӯ зуд,
Дидам-ш, кабуд карда ҷома,
Бӯсиду ба ман супурд нома».
В-он нома чунон, ки буд бикшод,
Бӯсиду сабук ба дасти ӯ дод.
Маҷнун чу суҳои номаро дид,
Чуз нома ҳар он чи буд, бидрид.
Бар пой ниҳод сар чу паргор,
Баргашт ба гирди хеш сад бор.
Афтод чунон, ки уфтад маст,
Ӯ рафта зи дасту нома дар даст.
Омад чу ба ҳуши хештан боз,
Дод аз дили худ шикебро соз.

**НОМАИ МАҶНУН ДАР ҶАВОБИ ЛАЙЛӢ**

Маҷнун қаламе раванда бардошт,
Нақше ба ҳазор нукта бингошт.
Дерина ғаме, ки дар дилаш буд,
Дар мурсалаи сухан баромуд.
Чун нома тамом кард сар баст,
Бифканд ба пеши қосид аз даст.
Қосид ситаду. давид чун бод,
З-он гуна, ки бурд номаро дод.
Лайлӣ чу ба нома-дар назар кард,
Ашкаш бичакиду нома тар кард.
Буд аввали он хуҷистапаргор
Номи малике, ки несташ ёр.
Доное ниҳону ошкоро,
Қ-ӯ дод гуҳар ба санги хоро...
В-онгаҳ зи ҷигаркабобии хеш
Гуфта сухани харобии хеш,
Қ-«Ин нома зи ман, ки беқарорам,
Наздики ту, эй қарори корам!...
Яъне зи мани калид дар санг,
Наздики ту, эй хазина дар чанг!
Ман хоки туам ба дин харобӣ,
Ту оби кӣй, ки равшан обӣ?
Ман дар қадами ту мешавам паст,

Ту дар камари кӣ мезанӣ даст?
Ман дардситони ту ниҳонӣ,
Ту дарди дили кӣ меситонӣ?...
Эй Қаъбаи ман ҷамоли рӯят!
Меҳроби ман остони кӯят!
Эй марҳами сад ҳазор сина!
Дур дар маю май дар обгина!
Эй тоҷ, вале на бар сари ман,
Торочи ту лек бар дари ман!
Эй ганҷ, вале ба дасти ағьёр!
З-он ганҷ ба дасти дӯстон мор!
Эй боғи ирам ба бекалидӣ!
Фирдавси фалак ба нопадидӣ!
Эй банди маро муфаттеҳ аз ту!
Савдои маро муфарреҳ аз ту!..
Бинвоз, маро, мазан, ки хокам,
Афрӯхта кун, ки дарднокам!
В-ар бинвозӣ баҳорат орам,
В-ар захм занӣ ғуборат орам...
Дар пои туам ба сарфишонӣ,
Ҳамсар накунам ба саргаронӣ.
Чун бархезад тариқи озарм
Гардад ҳама шармнок бешарм.
Ҳастам ба ғуломии ту машҳур,
Хасмам кунӣ ар кунӣ зи худ дур.
Ман дар раҳи бандагӣ кашам бор,
Ту пояи хоҷагӣ нигаҳ дор!..
Бар олати хештан мазан санг!
Бо лашкари хештан макун ҷанг.
Чун бар тани хештан занӣ неш,
Андоми дурустро кунӣ реш.
Он кун, ки ба рифқу дилнавозӣ
Озодонро чу банда созӣ!
Ҳастам чу ғуломи ҳалқа дар гӯш,
Медор ба бандагему мафрӯш!
Эй-дар канафи дигар хазида,
Ҷуфте ба муроди худ гузида!
Рӯзам чу шаби сиёҳ кардӣ,
Ҳам захм задӣ, ҳам оҳ кардӣ!
Дар дил ситадан надодиям дод,
Гар ҷон бибарӣ, кай ориям ёд?
Захме ба забон ҳамефурӯшӣ,



Ман сӯхтаам, ту барнаҷӯшӣ!
На ҳар кӣ забон дароз дорад,
Захм аз тани хеш боз дорад...
Ёре, ки бувад маро харидор
Ҳам бар рухи ӯ бувад падидор.
Он ч-аз ғами ту дар ин мақом аст,
Бинмой маро, ки то кадом аст?
Ин аст, ки аҳди ман шикастӣ?
Дар ӯҳдаи дигаре нишастӣ?
Бо ман ба забон фиреб созӣ,
Бо ӯ ба мурод ишқ бозӣ.
Гар ошиқӣ, оҳи содиқат ку?
Бо ман нафаси мувофиқат ку?
Ту фориғ аз он, ки бедиле ҳаст,
В-андӯҳи туро муомиле ҳаст.
Ман дида ба рӯи ту кушода,
Сар бар сари кӯи ту ниҳода,
Бар қуръаи чор ҳадди кӯят
Фоле занам аз барои рӯят.
Осуда касе, ки дар ту бинад,
На он ки ба рӯзи ман нишинад.
Хуррам на маро тавонгареро,
К-ӯ дорад чун ту гавҳареро.
Боғ арчи зи булбулон пуроб аст,
Анҷир наволаи ғуроб аст...
Дерест, ки то ҷаҳон чунин аст,
Мӯхтоҷи ту, ганҷ дар замин аст,
Қай мебинам, ки лаъли гулранг
Берун раҳад аз шиканҷаи санг?
В-он моҳ, к-аз ӯст дидаро нур
Гардад зи даҳони аждаҳо дур?...
З-оина ғубори занг бурда,
Ганҷина ба ҷову мор мурда.
Гар ман шудам аз чароғи ту дур,
Парвонаи ту мабод бенур!
Гар кушт маро ғами маломат,
Бод ибни Саломро саломат!
Эй неку бади мизоҷам аз ту!
Дардам зи туву илоҷам аз ту!
Ҳарчанд ҳисорат оҳанин аст,
Лӯълӯи тарат садафнишин аст.
В-аз ҳалқаи зулфи пуршиканҷат,

Дар домани аждаҳост ганҷат.
Донӣ, ки зи дӯстдории хеш
Бошад дили дӯстон бадандеш.
Бар ман зи ту сад хавас нишинад,
Гар бар ту яке магас нишинад.
З-он ошиқ кӯртар касе нест,
К-ӯро магасе чу каргасе нест.
Чун мӯрча беқарор аз онам,
То он магас аз шакар биронам.
Ин он масал аст, к-он ҷавонмард,
Бе моя ҳисоби суд мекард.
Андуҳи гули начида медошт,
Поси дури нохарида медошт.
Шӯридатарам аз он, ки дидӣ,
Маҷнунтар аз он, ки мешунидӣ.
Бо ту худии ман аз миён рафт,
Ин роҳ ба бехудӣ тавон рафт.
Ишқе, ки дил инчунин наварзад,
Дар мазҳаби ишқ ҷав наярзад!
Аз боғи рухат, ки бод сероб,
Хоҳам рутабе, валек дар хоб.
Ишқи ту рафиқи рози ман бод!
Захми ту чигарнавози ман бод!
Бо захми ту гарчи марҳаме нест,
Чун ту ба саломатӣ, ғаме нест».

### АЗ «ҲАФТ ПАЙКАР»

Достони «Ҳафт пайкар»-и Низомӣ соли 593 ҳиҷрӣ (1196-97 милодӣ) таълиф шудааст. Ин достон 4600 байтро дар бар мегирад.

Мазмуни мухтасари достон ин аст:

Пас аз он ки писари Яздигурди I Баҳром таваллуд мешавад, падараш ӯро ба Яман пеши Нӯъмон мефиристад. Нӯъмон барои тарбият ва нашъунамои шоҳзода қасре месозад, ки онро меъмор ва наққоши забардаст — Симнор бино карда буд. Баҳром дар паҳлавонӣ шӯҳрат пайдо мекунад. Рӯзе ӯ дар ҳангоми тамошои қаср ба ҳуҷрае дохил шуд, ки дар деворҳои он сурати ҳафт духтари хеле зебо ва дар байни онҳо худи Баҳром бо либоси шоҳона кашида шуда буд. Дар зери ин расмҳо «Ҳукми ҳафт ахтар чунин аст, ки чун шоҳзода ба балоғат расад, ин ҳафт духтари зеборо, ки ҳар кадомашон духтарони шоҳи иқлими гуногун мебошанд, ба занӣ гирифта, комронихо кунад», навишта шудааст. Баҳром аз ин кор сармасту шодмон мегардад.



Дере нагузашта падари Баҳром мемирад. Азбаски Яздигурд нисбат ба халқ ҷабру зулмро аз ҳад гузаронида буд, бинобар ин авлоди ӯро ба тахти салтанат роҳ намедиҳанд. Баҳром, ки дар Яман буд, аз ин воқеа бохабар гардида, ба Эрон лашкар мекашад. Ӯ тахти подшоҳиро ба дасти худ гирифта, бар хилофи падар нисбат ба халқ роҳи адлу додро пеш мегирад.

Бо фармони Баҳром қасре бино мекунанд, ки он аз ҳафт гунбади ранго-ранг иборат будааст. Баҳром барои маишат ва ишқварзӣ аз ҳафт иқлим ҳафт духтарро ба занӣ мегирад. Ниҳоят ӯ шабу рӯзро дар гунбадҳо гузаронида, ба айшу нӯш дода мешавад. Атрофиёни Баҳром аз ин истифода бурда, халқро ҳартарафа азоб медиҳанд, ҷабру зулмро аз ҳад мегузаронанд ва мамлакатро ба харобӣ оварда мерасонанд. Вале Баҳром аз ин аҳвол воқиф гардида ба золимон ҷазо медиҳад ва адлу додро аз сари нав барқарор менамояд.

Муддате нагузашта шоҳ ба айшу ишрат дода мешавад. Баҳром то охири маргаш рӯзро бо шикори гӯр ва шабро бо ишқбозӣ мегузаронад.

Ниҳоят Баҳром дар як рӯзи шикор аз дунболи гӯр рафта, ба ғор меафтад ва дар он ҷо нопадид мегардад.

Дар достон инчунин ҳикояҳои ҳафт шоҳдухтар, ҳикояти ҳафт нафар зиндониён, фоҷиаи кушта шудани Симнор аз тарафи Баҳром, нақли пирамарди чӯпон ва ғайраҳо оварда шудаанд, ки ба саргузашти қаҳрамони асосии достон — Баҳром, сахт вобастаанд.

### ЕФТАНИ БАҲРОМ ҲАФТ ПАЙКАРРО

Шоҳ рӯзе расида буд зи дашт,
Дар Хаварнақ, ба хуррамӣ мегашт.
Ҳуҷрае хос дид дарбаста,
Хозин аз ҷустуҷӯи он раста.
Шах дар он ҳуҷра чун ниҳод қадам,
Хосагону хазинадорон ҳам,
Гуфт: «Ин хона қуфлбаста чарост?
Хозини хона ку? — Қалид куҷост?»

Хозин омад, ба шаҳ супурд калид,
Шоҳ чун қуфл баркушод, чӣ дид? —
Хонае дид чун хизонаи ганҷ,
Чашми бинанда з-ӯ ҷавоҳирсанҷ.
Ҳар чӣ дар тарзи хурдакорӣ буд,
Нақши девори он аморӣ буд.
Ҳафтпайкар дар ӯ нигошта хуб,
Ҳар яке з-он ба кишваре мансуб.
Духтаре рои Ҳинд — Нурак ном,
Пайкаре хубтар зи моҳи тамом;
Духти хоқон, ба ном Яғмоноз
Фитнаи лӯъбатони Чину Тароз.
Духти Хоразмшоҳ — Нозпарӣ.
Хушхироме ба сони кабки дарӣ,
Духти Сақлобшоҳ — Насринпӯш,
Турки чинитирози румипӯш,
Духти Кисро, зи насли Қайковус
Дурсати ному хуб чун товус.
Духтари қайсари муборакрой
Ҳам Ҳумоюну ҳам ба ном Ҳумой;
Духтари шоҳи Мағриб — Озарьюн,
Офтобе чу моҳ рӯзафзун» —
Дар яке ҳалқае ҳамоил баст,
Карда ин ҳафтпайкарон як даст,
Ҳар яке бо ҳазор зебоӣ
Гавҳарафрӯзи нури биноӣ.
Дар миён пайкаре нигошта нағз,
К-он ҳама пӯст буду в-ин ҳама мағз...
Ин бутон дида барниҳода бар ӯ,
Ҳар яке дил ба меҳр дода бар ӯ.
Ӯ дар он лӯъбатон шакарханда,
В-он ҳама пеши ӯ парастанда.
Барнавишта дабири пайкари ӯ,
Номи Баҳроми Гӯр бар сари ӯ,
К:-«Он чунон аст ҳукми ҳафтахтар,
К-ин ҷаҳонҷӯй чун барорад сар,
Ҳафт шаҳзодаро зи ҳафт иқлим
Дар канор оварад чу дурри ятим»...
Шоҳ Баҳром, к-ин фасона бихонд,
Дар фусуни фалак шигифт бимонд,
Меҳри он духтарони зеборӯй
Дар дилаш ҷой кард, мӯй ба мӯй...



Шаҳ чу з-он хона рахт берун бурд
Қуфл барзад, ба хозинон биспурд,
Гуфт: «Агар бишнавам, ки ҳеҷ касе
Қуфл аз ин пас ҷудо кунад нафасе,
Ҳам дар он хона хуни ӯ резам,
Сараш аз гарданаш даровезам!»
Ҳамаи хайли хона, аз зану мард
Сӯи он хона кас нигоҳ накард,
Вақт-вақте ки шоҳ гаштӣ маст,
Сӯи хона шудӣ калид ба даст,
Дар кушодию даршудӣ ба биҳишт,
Дидӣ он лӯъбатони хурсиришт.
Монда чун ташна бар баробари об,
Дар таманнои он шудӣ дар хоб,
Муддате инчунин шиораш буд,
Дили он хона ғамгусораш буд.

## НИШАСТАНИ БАҲРОМ РӮЗИ СЕШАНБЕ ДАР ГУНБАЗИ СУРХ ВА АФСОНА ГУФТАНИ ДУХТАРИ ПОДШОҲИ ИҚЛИМИ ЧОРУМ

Рӯзе аз рӯзҳои даймоҳӣ,
Чун шаби тирамоҳ ба кӯтоҳӣ,
Аз дигар рӯзи ҳафта он беҳ буд,
Номи некаш магар сешанбеҳ буд.
Рӯзе Баҳрому, ранги баҳромӣ,
Шоҳ бо ҳарду карда ҳамномӣ.
Сурх дар сурх зеваре дарсохт,
Субҳгаҳ сӯи сурхгунбаз тохт.
Бонуи сурхрӯи сақлобӣ,
Он ба ранг оташе, ба лутф обӣ.
Бар парасторияш миён дарбаст,
Хуш бувад моҳи офтобпараст!
Шаб чу манҷук баркашид баланд,
Тоси хуршедро дарид паранд,
Шоҳ аз он сурхсеби шаҳдомез
Хост афсонае нишотангез.
Нозанин сар натофт аз рояш,
Дур фишонд аз ақиқ дар пояш...

## ҲИКОЯТ

Гуфт, к:«-аз ҷумлаи вилояти Рус
Буд шаҳре ба некӯӣ чу арӯс».
Подшоҳе дар ӯ иморатсоз
Духтаре дошт парварида ба ноз.
Дилфиребе ба ғамза ҷодубанд,
Гулрухе қоматаш чу сарв баланд,
Рух ба хубӣ зи моҳ дилкаштар,
Лаб ба ширинӣ аз шакар хуштар.
Зӯҳрае дил зи муштарӣ бурда,
Шаккару шамъ пеши ӯ мурда.
Тунги шаккар зи тангии шакараш
Тангдилтар зи ҳалқаи камараш...
Қаде афрохта чу сарв ба боғ,
Рӯе афрӯхта чу шамъу чароғ.
Тозарӯиш тозатар зи баҳор,
Хубрангиш хубтар зи нигор.
Ба ҷуз он хубию шакарханӣ,
Дошт пирояи ҳунармандӣ,
Дониш омӯхта зи ҳар насақе,
Дарнавишта зи ҳар фане вараќе
Хонда найрангномаҳои ҷаҳон,
Ҷодуиҳою чизҳои ниҳон.
Даркашида ниқоби зулф ба рӯй,
Саркашида зи борномаи шӯй.
Он ки дар даври хеш тоқ бувад,
Сӯи ҷуфташ кай иттифоқ бувад!
Чун шуд овоза дар ҷаҳон машҳур,
К-омадаст аз биҳишти ризвон ҳур,
Моҳу хуршед баччае зодаст,
Зӯҳра шир аз уторидаш додаст.
Рағбати ҳар касе бад-ӯ шуд гарм,
Омад аз ҳар сӯе шафоату шарм.
Ин ба зар, он ба зӯр мекӯшид;
Ӯ зари худ ба нақд мепӯшид.
Падар аз ҷустуҷӯи номварон,
К-он санамро ризо надид дар он,
Гашт оҷиз, ки чора чун созад,
Нард бо сад ҳариф чун бозад?
Духтари хубрӯи хилватсоз
Дасти хоҳандагон чу дид дароз,



Ҷуст кӯҳе дар он диёр баланд,
Дур чун даври осмон зи газанд,
Дод гардун ба ӯ ҳисоре ҷуст,
Гуфтӣ аз мағзи кӯҳ, кӯҳе руст.
Пӯзиш ангехт в-аз падар дархост,
То кунад барги роҳрафтан рост.
Падари меҳрубон аз он дурӣ
Гарчи ранҷид, дод дастуре,
То чу шаҳдаш зи хона гардад дур,
Дарнаёяд зи бому дар занбӯр.
В-он арӯси ҳисорӣ аз сари ноз
Қард кори ҳисори хеш ба соз.
Чун бад-он маҳкамӣ ҳисоре баст,
Рафту чун ганҷ дар ҳисор нишаст.
Ганҷи ӯ чун дар устуворӣ шуд,
Номи ӯ «Бонуи ҳисорӣ» шуд.
Дузди ганҷ аз ҳисори ӯ оҷиз,
К-оҳанинқалъа шуд чу рӯиндиз...
Роҳ барбаст роҳдононро,
Дӯхта коми комрононро,
Дар ҳама коре он ҳунарпеша
Чорагар буду чобукандеша.
Бар табоеъ тамом ёфта даст,
Роҳи райҳонӣ оварида ба даст.
То зи ҳар хушку тар чӣ шояд кард,
Чун шавад об гарму оташ сард?
Мардумонро чӣ мекунад мардум?
В-анҷуманро чӣ мекунад анҷум?
Ҳар чӣ фарҳангро ба кор ояд,
В-одамизодро биёрояд —
Ҳама оварда буд зери навард
Он ба сурат зану ба маънӣ мард.
Чун шикебанда шуд дар он бора
Дил зи мардум бурид якбора.
Баст дар роҳи он ҳисори баланд
Аз сари зиракӣ тилисме чанд.
Ба яке сӯ тилисм аз оҳану санг,
Ҳар яке зӯҳрае гирифта ба чанг,
Ҳар кӣ рафтӣ бад-он гузаргаҳи бим
Гаштӣ аз захмҳои тег дуним.
Ҷуз яке к-ӯ рақиби он диз буд,
Ҳар кӣ з-он роҳ рафт оҷиз буд
В-он рақибе, ки буд маҳрами кор

Раҳ нарафтӣ, магар ба гоми шумор,
Гар яке пай ғалат шудӣ ба худаш
Уфтодӣ сараш зи колбудаш.
Аз тилисме бад-ӯ расидӣ теғ,
Моҳи умраш ниҳон шудӣ дар меғ.
Ӯ дар он бора, к-осмоне буд
Ҳамчу маҳ дар само, ниҳонӣ буд...
Он парипайкари ҳисорнишин
Буд наққоши корхонаи Чин.
Чун қаламро ба нақш пайвастӣ
Обро чун садаф гиреҳ бастӣ.
Аз саводи қалам чу турраи ҳур
Сояро нақш барзадӣ пурнур...
Хома бардошт, пой то сари хеш
Бар паранде нигошт пайкари хеш.
Бар сари сурати парандсиришт
Ба хате, ҳар чӣ хубтар, бинавишт:
«Дар ҷаҳон ҳар киро ҳавои ман аст,
Бо чунин қалъае, ки ҷои ман аст,
Гӯ, чу парвона аз назораи нур
Пой дарнеҳ, сухан магӯй аз дур!
Дар чунин қалъа мард ёбад бор,
Нест номардро дар ин дар кор!
Ҳар киро ин нигор мебояд,
На яке ҷон, ҳазор мебояд!
Ҳимматаш сӯи роҳ бояд дошт,
Чор шарташ нигоҳ бояд дошт:
Шарти аввал дар ин заношӯӣ
Некномӣ шудасту некӯӣ.
Дуюмин шарт он бувад ки ба рой
Гардад ин роҳро тилисмкушой.
Сеюмин шарт он ки аз пайванд
Чун кушояд тилисмҳоро банд
Дари ин диз нишон диҳад ки кадом,
То зи дар ҷуфти ман шавад, на зи бом.
Чорумин шарт агар баҷо орад,
Раҳ сӯи шаҳр зери по орад,
То ман оям ба боргоҳи падар,
Пурсам аз вай ҳадисҳои ҳунар.
Гар ҷавобам диҳад чунонки сазост,
Хоҳам ӯро чунонки шарти вафост.
Шӯи ман бошад он кироммард,
К-ончи гуфтам тамом бояд кард.



В-он з-ин шарт бигзарад тани ӯ
Хуни бе шарти ӯ ба гардани ӯ!...»
Чун зи тартиби ин варақ пардохт
Пеши он кас ки аҳд буд, андохт,
Гуфт: «Бархез, ин варақ бардор,
В-ин табақпӯш аз ин табақ бардор!
Бар дари шаҳр шав ба ҷои баланд,
Ин варақро ба тоҷгаҳ дарбанд!
То зи шаҳреву лашкаре ҳар кас
Қ-афтадаш бар чу ман арӯс ҳавас,
Ба чунин шарт роҳ баргирад,
Ё шавад мири қалъа ё мирад!».
Шуд парастанда, он варақро бурд,
Печ дар печ роҳро биспурд,
Бар дари шаҳр баст пайкари моҳ,
То дар ӯ ошиқон кунанд нигоҳ...
Чун ба ҳар тахтгиру тоҷваре
З-ин ҳикоят шунида шуд хабаре,
Бар таманнои он ҳадиси гизоф
Рух намуданд мардум аз атроф.
Ҳар кас аз гармии ҷавонии хеш
Дод барбод зиндагонии хеш,
Ҳеҷ кӯшандае ба чораву рой
Нашуд он қалъаро тилисмкушой.
В-он ки лахте намуд чорагарӣ
Ҳам фусунаш зи чора шуд сипарӣ,
Гарчи бикшод бар тилисме банд,
Бар дигарҳо набуд неруманд...
Қас аз он раҳ халос дида набуд,
Ҳама раҳ ҷуз сари бурида набуд.
Ҳар касе, к-аз сарон буридандӣ,
Бар дари шаҳр баркашидандӣ.
То зи бас сар, ки шуд бурида ба қаҳр,
Қалла-бар калла баста шуд дар шаҳр...

* * *

Аз бузургону подшозода
Буд зебоҷавоне озода,
Зираку зӯрманду хубу далер,
Сайди шамшери ӯ чи гургу чи шер.
Рӯзе аз шаҳр шуд ба сӯи шикор,
То шукуфта шавад чу тозабаҳор,

Дид як нӯшнома бар дари шаҳр,
Гирди ӯ сад ҳазор шишаи заҳр.
Пайкаре баста бар саводпаранд,
Пайкаре дилфиребу дидаписанд.
Пайкаре, к-аз ҷамолу зебоӣ
Бурда з-ӯ дар замон шикебоӣ,
«Офарин: — гуфт — бар чунон қаламе,
К-ояд аз нӯги ӯ чунон рақаме!»
Гирди он сурати ҷаҳонорой
Сад сар овехта зи сар то пой.
Гуфт: «Аз ин гавҳари наҳанговез
Чун гурезам, ки нест ҷои гурез?
З-ин ҳаваснома гар бидорам даст
Оварад дар танам шикебу шикаст..
Гар далерӣ кунам ба ҷон суфтан.
Чун тавонам ба тарки ҷон гуфтан?»
Боз гуфт: «Ин парандро париён
Бастаанд аз барои муштариён,
Пеши афсуни ончунон парие
Натавон рафт ҷуз фусунгарие,
Чорае боядам зи хурду бузург
То раҳад гӯсфандам аз дами гург!
Ҳар кӣ дар кор сахтгир шавад,
Назми кораш халалпазир шавад.
Дар тасарруф мабош хурдандеш
То зиёне бузург н-ояд пеш...»
Ин сухан гуфту лахте андӯҳ х(в)ард
В-аз нафас даркашид боде сард.
Ин ҳавасро чунонки буд, нуҳуфт,
Бо кас андешае, ки буд, нагуфт.
Рӯзу шаб буд бо диле пурсӯз.
На шабаш — шаб буду на рӯзаш — рӯз.
Ҳар саҳаргаҳ ба орзуи тамом
То дари шаҳр баргирифтӣ гом.
Дидӣ он пайкари навоинро,
Гӯри Фарҳоду қасри Ширинро.
Он гиреҳро дусад ҳазор калид
Ҷусту сарриштае накард падид.
Риштае дид бо ҳазорон сар,
В-аз сари риштакаш надошт хабар.
Қибр аз он кор дар канор ниҳод,
Рӯй дар ҷустуҷӯи кор ниҳод.
Чорасозе ба ҳар вилоят ҷуст



Ки аз ӯ банди сахт гардад суст.
Гарчи бисьёр тохт аз пасу пеш
Накушод он гиреҳ зи уқдаи хеш.
То хабар ёфт аз хирадманде,
Девбанде, фариштапайванде,
Дар ҳама тавсане кашида лагом,
Ба ҳама донише расида тамом...
Чун ҷавонмард аз он ҷаҳони ҳунар
Аз ҷаҳондидагон шунид хабар,
Пеши Симурғи офтобшукӯҳ
Шуд чу мурғи паранда кӯҳ-ба кӯҳ.
Ёфташ чун шукуфта гулзоре,
Дар куҷо? Дар харобатар ғоре!
Зад ба фитроки ӯ чу савсан даст,
Хизматашро чу гул камар дарбаст.
Чун аз он чашма нӯш ёфт басе,
Барзад аз рои хештан нафасе.
З-он парирӯю в-он ҳисори баланд.
В-он ки з-он халқро расид газанд...
Ҷумла дар пеши файласуф он гуфт
В-ин суханро надошт ҳеҷ нуҳуфт.
Файласуф аз ҳисобҳои нуҳуфт
Ҳар чӣ дархурд буд бо ӯ гуфт.
Чун шуд он чораҷӯй, ҷорашинос,
Боз пас гашт бо ҳазор ҳарос.
Рӯзаке чанд чун гирифт қарор,
Қард бо хештан сиголиши кор.
Олати кор аз он гиреваи санг
Ҳар чӣ боист оварид ба чанг...
Ончунон к-аз қиёси ӯ бархост,
Қард тартиби ҳар тилисме рост.
Аввал аз баҳри он талабгорӣ...
Хост аз тезҳимматон ёрӣ,
Ҷомаро сурх кард, к-ин хун аст,
В-ин тазаллум зи ҷаври гардун аст.
Чун ба дарьёи хун даромад зуд.
Ҷома чун дида кард хунолуд.
Орзуи худ аз миён бархост,
Бонги ташнеъ аз ҷаҳон бархост.
Гуфт: «Ранҷ аз барои худ набарам,
Балки хунхоҳи садҳазор сарам!
Ё зи сарҳо кушоям ин ҷанбар,
Ё сари хештан кунам дар сар!»

Чун бад-ин шуғл чома дар хун зад,
Теғ бардошт, хайма берун зад.
Ҳар кӣ з-ин шуғл ёфт огоҳӣ,
Қ-омад он шердил ба хунхоҳӣ.
Ҳиммати коргар бад-он дарбаст,
Қ-ӯ бад-он кор зуд ёбад даст.
Ҳиммати халқу рои равшани ӯ
Диръи пӯлод баст бар тани ӯ.
В-он гаҳе бар тарики маъзурӣ
Хост аз шахриёр дастуре.
Пас раҳи он ҳисор пеш гирифт,
Паи тадбири кори хеш гирифт.
Чун ба наздики он тилисм расид
Рахнае карду рукьяе бидамид.
Ҳам ба найранги он тилисмбаланд
Баркушод он тилисмро пайванд.
Ҳар тилисме, ки дид бар сари роҳ
Ҳамаро чанбар ӯфиганд ба чоҳ.
Чун зи кӯҳон тилисмро бардошт,
Теғҳоро ба теғи кӯҳ гузошт,
Бар дари он ҳисоб шуд дарҳол,
Духулеро кашид зери дувол.
Он садоро ба орзу мечуст,
Тунд, чун чора карда буд дуруст,
Чун садо рахнаро калид омад,
Аз бари рахна дар падид омад.
З-ин ҳикоят чу ёфт огоҳӣ,
Кас фиристода моҳи хиргоҳӣ.
Гуфт: «Эй рахнабанди роҳкушой,
Давлатат бар мурод роҳнамой!
Чун кушодӣ тилисмро зи нахуст
Дари ганчина ёфтӣ ба дуруст!
Сар сӯи шахр кун чу оби равон,
Собирӣ кун ду рӯз, агар битавон,
То ман ояц ба шахр пеши падар,
Озмоиш кунам туро ба ҳунар
Пурсам аз ту чаҳор чизи нуҳуфт,
Қ-аз нуҳуфта чавоб донӣ гуфт,
Бо туам дӯстӣ ягона шавад,
Шуғлу пайванд бебаҳона шавад!»
Мард чун дид комгории хеш,
Рӯй пас карду раҳ гирифт ба пеш,
Чун ба шахр омад аз ҳисори баланд



Аз дари шаҳр баркушод паранд.
Дарнавишту ба чокаре биспурд:
«Офарин зинда гашту офат мурд!»
Чумла сарҳо, ки буд бар дари шаҳр
Аз расанҳо фурӯ гирифт ба қаҳр,
Дигарон бар вай офарин карданд,
Бо тани куштагон дафин карданд
Шуд сӯи хона бо ҳазор дуруд,
Мутриб овоз баркашид суруд.
Шаҳриёр бар сараш нисорфишон
Ҳама бому дараш нисоркунон.
Ҳама хӯрданд як-ба як савганд,
Ки: «Агар шаҳ насозад ин пайванд.
Шоҳро дар замон табоҳ кунем.
Бар худ инро амиру шоҳ кунем,
Қ-он сари мо буриду сардӣ кард,
В-ин сари мо раҳонду мардӣ кард!»
В-аз дигар сӯ арӯси зеборӯй
Шодмон шуд ба хостгории шӯй.
Чун шаб аз нофаҳои мушки сиёҳ
Ғолия суд бар амории моҳ.
Дар аморӣ нишаст бо дили х(в)аш
Моҳ дар мавкабаш аморикаш.
Сӯи кох омад аз гиреваи кӯҳ,
Қох аз ӯ ёфт ҳамчу кӯҳ шукӯҳ.
Падар аз диданаш чу гул бишкуфт.
Духтар аҳволи худ аз ӯ нануҳуфт.
Ҳар чӣ пеш омадаш зи неку зи бад
Қард бо ӯ ҳама ҳикояти х(в)ад.
З-он саворон, к-аз ӯ пиёда шуданд,
Чоҳ канданду дарфитода шуданд.
То бад-он чо ки он маликзода
Буд якбора дил бад-ӯ дода,
В-он ки омад ба кӯҳу пой фишурд,
Қард як-як тилисмҳоро хурд.
В-онки бар қалъа комгорӣ ёфт,
Аз сари шарти рафта рӯй натофт.
Чун се шарт аз чаҳор шарт намуд,
То чаҳорум чигуна хоҳад буд.
Шоҳ гуфто, ки: — «Шарти чорум чист?
Шарти хубон яке бувад, не бист!»
Нӯшлаб гуфт: — «Чор мушкили сахт
Пурсам аз вай ба раҳнамунии бахт.

Гар бад-ӯ мушкилам кушода шавад,
Тоҷ бар торакаш ниҳода шавад!
В-ар дар ин раҳ хараш фурӯ монад,
Хайма он ҷо занад, ки ӯ донад!...»
Бозиомӯзи лӯъбатони Тароз
Аз паси парда гашт лӯъбатбоз,
Аз баногӯши худ ду лӯълӯи хурд
Даркушоду ба хозине биспурд,
Қ: «-Ин ба меҳмони мо расон ба шитоб,
Чун расонида шуд, биёр ҷавоб!»
Шуд фиристода пеши меҳмон зуд,
Ончи оварда буд, бад-ӯ бинмуд.
Мард лӯълӯйро чу дарсанҷид,
Рози ӯ дар ниҳоди ӯ гунҷид.
З-он ҷавоҳир, ки буд дарх(в)ари он
Сеи дигар ниҳод бар сари он.
Ҳам бад-ин пайки номбар додаш,
Сӯи он номвар фиристодаш.
Сангдил чунки дид лӯълӯ панҷ,
Санг бардошт, гашт гавҳарсанҷ.
Чун каму беш судашон ба иёр,
Ҳам бад-он санг судашон микдор,
Қадаре аз шакар дар он афзуд,
Он дуру он шакар ба якҷоя буд.
Дод то сӯи меҳмон бишитофт,
Меҳмон боз нуктаро дарьёфт.
Аз парастанда хост ҷоме шир,
Ҳарду дар вай фишонду гуфт: — «Бигир!»
Шуд парастанда сӯи бонуи хеш,
В-он раҳовардаро ниҳод ба пеш.
Бону он шир баргирифту бих(в)ард
В-ончи з-ӯ монда буд хамираш кард.
Баркашидаш ба вазн аввал бор
Як сари мӯй кам нагашт иёр,
Ҳолӣ ангуштарӣ кушод зи даст,
Дод то бурд пайки моҳпараст.
Марди бихрад ситад зи дасти каниз,
Пас дар ангушт карду дошт азиз.
Дод якто дуре ҷаҳонафрӯз,
Шабчароғе ба рӯшнои рӯз.
Боз пас шуд канизи хурнажод,
Дурри якто ба лаъли якто дод.
Бону он бар ниҳод бар кафи даст,



Иқди худро зи якдигар бигсаст,
То дуре ёфт ҳамтавилаи он,
Шабчароғе ҳам аз қабилаи он.
Ҳарду дар риштае кашид баҳам,
Ину ин чун яке, на бешу на кам.
Шуд парастанда дур ба дарьё дод,
Балки хуршедро сурайё дод.
Чунки бихрад назар бар-он андохт,
Он ду ҳамиқдро зи ҳам бишинохт.
Ҷуз дуӣ дар миёни дурри хушоб
Ҳеч фарке нашуд ба равнақу об.
Мӯҳрае арзақ аз ғуломон хост,
К-он дуюмро сеюм наёмад рост.
Бар сари дур ниҳода мӯҳраи хурд
Дод, то он ки оварид, бибурд.
Меҳрубон чунки мӯҳра бо дур дид,
Мӯҳр бар лаб ниҳоду хуш хандид.
Ситад он мӯҳраю дур аз сари ҳӯш
Мӯҳра дар даст басту дур дар гӯш.
Бо падар гуфт: «Хезу кор бисоз,
Баски бар бахти хеш кардам ноз!
Бахти ман бин, чигуна ёри ман аст,
Қ-инчунин ёр ихтиёри ман аст!
Ҳамсаре ёфтам ки ҳамсари ӯ
Нест кас дар диёру кишвари ӯ.
Мо ки доно шудему донодӯст
Дониши мо ба зери дониши ӯст!»
Падар аз лафзи он ҳикояти х(в)аш
Бо парӣ гуфт: «Эй фариштаваш!
Ончи ман дидам аз саволу ҷавоб,
Рӯй пӯшида буду зери ниқоб.
Ҳар чӣ рафт аз ҳадисҳои нуҳуфт
Як-ба як бо манат бибоят гуфт!»
Нозпарвардаи ҳазор ниёз
Пардаи рамз баргирифт зи роз,
Гуфт: «Аввал, ки тез кардам кӯш,
Иқди лӯълӯ кашидам аз буни гӯш,
Дар намудори он ду лӯълӯи ноб
Умр — гуфтам,— дурӯза шуд, дарьёб!
Ӯ ки бар ду сеи дигар афзуд.
Гуфт: — агар панҷ бигзарад ҳам, зуд.
Ман, ки шаккар бар ӯ бияфзудам,
В-он дуру он шакар баҳам судам,

Гуфтам:-«Ин умри шаҳватолуда
Чун дуру чун шакар баҳам суда,
Ба фусуну ба кимиё кардан
Кӣ тавонад зи ҳам чудо кардан?
Ӯ ки шире дар он миён андохт
То яке монду дигаре бигдохт»,
Гуфт:-«Шаккар, ки бо дур омезад,
Ба яке қатра шир бархезад!»
Ман, ки хӯрдам шакар зи соғари ӯ,
Ширхоре будам, баробари ӯ.
В-он ки ангуштарӣ фиристодам —
Ба никоҳи худаш ризо додам.
Ӯ ки дод ин гуҳар, ниҳонӣ гуфт,
Ки:-«Чу шавҳар маро наёбӣ ҷуфт?
Ман, ки аз иқд гавҳараш бастам,
Вонамудам ки ҷуфти ӯ ҳастам!»
Ӯ чу дарҷуст мисли он ду гуҳар
Сеюмин дар ҷаҳон надид дигар,
Мӯҳраи азрақ оварид ба даст
Аз паи чашми бад ба эшон баст.
Ман ки мӯҳра ба худ баромудам,
Сарбамӯҳри ризои ӯ будам!...»
Шоҳ чун дид тавсанеро ром,
Рафта хомӣ зи тозиёна тамом...
Базме орост чун бисоти биҳишт,
Базмгаҳро ба мушку уд сиришт.
Қард пирояи арӯсӣ рост,
Сарву гулро нишонду худ бархост.
Ду сабукрӯҳро баҳам биспурд,
Хештанро аз он гаронӣ бурд.
Шоҳзода чу дид дилбари хеш,
Ҳури ҷаннат гирифта ҳамсари хеш.
Гоҳ рух бӯса доду гоҳ лабаш,
Гоҳ нораш газиду гаҳ рутабаш...
Зист бо ӯ ҳаме ба комаи хеш,
Чун рухаш сурх кард ҷомаи хеш,
Қ-аввалин рӯз бар сафедии ҳол
Сурхии ҷомаро гирифт ба фол.
Чун бад-он сурхӣ аз сиёҳӣ раст,
Зевари сурх доштӣ пайваст...
Сурхӣ оройиши навоин аст,
Гавҳари сурхро баҳо ин аст!
Хун, ки омезиши равон дорад
Сурх аз он шуд, ки лутфи ҷон дорад.
Дар касоне, ки некуӣ ҷӯӣ,
Сурхрӯист асли некуӣ!
Чун ба поён шуд ин ҳикояти нағз,
Гашт пурсурхгул ҳаворо мағз.
Рӯи Баҳром аз он гулафшонӣ
Сурх шуд чун раҳиқи райҳонӣ...

## АЗ «ИСКАНДАРНОМА»

Достони «Искандарнома»-и Низомӣ дар байни солҳои 1199 — 1201 навишта шудааст. Ин достон бештар аз 10000 байтро дар бар гирифта, ба ду қисми асосӣ чудо мешавад.

Қисми аввали достонро «Шарафнома» ташкил медиҳад. Мазмуни мухтасари ин қисми достон чунин аст: Искандар, писари Файлақус, дар тарбияти Арасту ба воя расида, пас аз марги падараш ба тахти подшоҳӣ менишинад. Ӯ низ аз вақти ба тахти подшоҳӣ соҳиб шудани худ мисли падар ба подшоҳи Эрон хироҷ медод. Рӯзе мисриён аз ӯ хоҳиш мекунанд, ки дар мубориза онҳо ба муқобили зангиён ёрӣ расонад. Искандар ба ёрии мисриён рафта, зангиёнро шикаст медиҳад ва ғаниматҳои зиёде ба даст медорад. Ӯ қисме аз он ғаниматҳоро ба тариқи ҳадья ба Доро мефиристад.

Шоҳи Эрон — Доро аз ин фатҳи Искандар рашк бурда, дар ивази тӯҳфаи ӯ ҷавобҳои талх медиҳад. Искандар аз ин кори Доро ғамгин мешавад ва аз додани хироҷ даст мекашад. Ниҳоят, ӯ бо қувваи зиёд ба Эрон лашкар мекашад. Дар ин ҷанг Доро кушта мешавад. Искандар тамоми оташкадаҳо, китобхонаҳоро оташ мезанад, шаҳру кишварҳои Бобул, Озарбойҷон, Исфаҳон, Шероз, Хуросон, Гелон, Рай, Ҳирот, Чин, Ҳиндустон, Самарқанд, то кӯҳҳои Албурз забт намуда, ба зери итоати худ медароварад. Искандар баъд аз муддати зиёди ҷаҳонгардӣ ва ҷангҳои тӯлонӣ ба ватанаш бармегардад.

Қисми дуввуми достон аз «Иқболнома» иборат мебошад.

Мундариҷаи асосии ин қисми достон аз лақаби «Зулқарнайн»-ро ба худ гирифтани Искандар, ҳикояти шубон бо Искандар, мубоҳисаи ҳакими Ҳинд бо Искан-

дар, расидани Искандар ба мулки Шимол, афсонаи ноивои бенаво, мубоҳисаҳо ва маҷлисҳои ҳакимони замон, мактубҳои Искандар, вафот ёфтани Искандар ва ғайраҳо иборат аст. Достон ба хатми рӯзгори ҳакимони Юнон: Арасту, Ҳурмис, Афлотун, Волис, Балинос, Суқрот ва дигарҳо ба поён мерасад.

## АЗ «ШАРАФНОМА»
## НАБАРДИ ДОРО ВА ИСКАНДАР

Баромад зи қалби ду лашкар хурӯш,
Расид осмонро қиёмат ба гӯш.
Табира биғуррид чун тундшер,
Даромад ба рақс аждаҳои далер,
Зи шӯридани нолаи карной
Дарафтод табларза бар дасту пой.
Зи фарьёди рӯинхум аз пушти пил,
Нафири наҳангон баромад зи Нил.
Зи бас бонги шайпури заҳрашикоф
Бидаррид заҳра, бупечид ноф.
Зи ғурридани кӯси холидимоғ
Замин ларза уфтод дар кӯҳу роғ.
Даромад зи бӯҳрон сари бедбарг
Кушода бар ӯ равзани диръу тарг,
Зи бас тирборон, ки омад ба ҷӯш
Фиканд абр борони худ зи дӯш.
Гар он тирборон кунун омадӣ,
Ба ҷои нам аз абр хун омадӣ.
Хурӯшидани кӯси рӯинакос,
Нииюшандаро дод бар ҷон ҳарос.
Ҷалочилзанон аз навоҳои занг
Бароварда хун аз дили хорасанг.
Ба ҷунбиш даромад ду дарьёи хун,
Шуд аз мавҷи оташ замин лолагун.
Замин, к-ӯ бисоте шуд ороста,
Ғуборе шуд аз ҷой бархоста.
Ба абрӯ даромад камонро шиканҷ,
Шитобон шуда тир чун мори ганҷ.
Ситезанда аз теғи симобрез,
Чу симоб карда гурезогурез.
Зи пӯлодпайкони пайкаршикан
Тани кӯҳ ларзанда бар хештан.



Зи нӯки синон, чархи дӯлобранг
Зи пар(г)ори гардиш фурӯ монда ланг.
Зи бас захми кӯполи хороситез
Заминро шуда устухон рез-рез.
Зи бас дар даҳан ночах андохтан,
Нафасро на роҳи бурун тохтан.
Синон дар синон раста чун нӯки хор,
Сипар бар сипар баста чун лолазор.
Гурезандагонро дар он растахез
На рӯи раҳой, на роҳи гурез.
Саворон ҳама тир пардохта.
Ғаҳе тиру гаҳ таркаш андохта.
Дар он маслаҳи одамизодагон
Замин гашта кӯҳ аз бас афтодагон.
Ба ҷонбурди худ ҳар касе гашта шод,
Қас аз куштаи худ наёварда ёд.
Надорад касе сӯг дар ҳарбгоҳ,
На кас чуз қазоганд пӯшад сиёҳ.
Сухангӯ сухан сахт покиза ронд,
Қи марги ба анбӯҳро ҷашн хонд.
Чу марг аз яке тан барорад ҳалок,
Шавад шаҳре аз гирья андӯҳнок.
Ба марги ҳама шаҳр аз ин шаҳр дур,
Нагирьяд кас ар чи бувад носабур.
Зи бас кушта бар кушта мардони мард,
Шуда роҳ барбаста бар раҳнаворд.
Бар он Даҷлаи хун баландофтоб
Чу нилуфар афканда заврақ дар об.
Синони Сикандар дар он доварӣ
Сабақ бурда аз ҷашмаи ховарӣ.
Шароре, ки шамшери Доро фиканд,
Тапиш дар дили санги хоро фиканд.
Чу лашкар ба лашкар даромехтанд,
Қиёмат зи гетӣ барангехтанд.
Парокандагӣ дар сипоҳ уфтод,
Буриниш дар озарми шоҳ уфтод.
Сипаҳ чун пароканда шуд сӯи ҷанг,
Фарохӣ даромад ба майдони танг.
Қас аз хосагон пеши Доро набуд,
Қ-аз ӯ дар дили кас мадоро набуд.
Ду сарҳанги ғаддор чун пили маст,
Бар он пилтан баркушоданд даст.
Задандаш яке теғи паҳлӯгузор,

Ки аз хун замин гашт чун лолазор.
Дарафтод Доро бад-он захми тез,
Зи гетӣ баромад яке растахез.
Дарахти каёнӣ даромад ба хок,
Биғалтид дар хун тани захмнок.
Биранҷад тани нозук аз дарду доғ,
Чӣ хешӣ бувад бодро бо чароғ?
Кушанда ду сарҳанги шӯридарой
Ба назди Сикандар, гирифтанд ҷой,
Ки: «Оташ зи душман барангехтем,
Ба иқболи шаҳ хуни ӯ рехтем.
Зи Доро сари тахт пардохтем,
Сари тоҷи Искандар афрохтем.
Ба як захм кардем кораш табоҳ,
Сипурдем ҷонаш ба фитроки шоҳ.
Биё, то бубиниву бовар кунӣ,
Ба хунаш суми борагӣ тар кунӣ.
Чу омад зи мо, он чи кардем рой,
Ту низ он чи гуфтӣ, биёвар ба ҷой.
Ба мо бахш ганҷе, ки пазруфтаӣ,
Вафо кун ба чизе, ки худ гуфтаӣ».
Сикандар чу донист, к-он аблаҳон
Далеранд бар хуни шоҳаншаҳон.
Пушаймон шуд аз карда-паймони хеш,
Ки бархосташ исмат аз ҷони хеш.
Фурӯ мирад уммедворӣ зи мард,
Чу ҳамсолро сар дарояд ба гард.
Нишон ҷуст, к-он кишваророи кай,
Куҷо хобгаҳ дорад аз хуну х(в)ай.
Ду бедодпеша ба пеш андарун
Ба бедоди худ шоҳро раҳнамун,
Чу дар мавкаби қалби Доро расид,
Зи мавкабравон ҳеҷ касро надид.
Тани марзбон дид дар хоку хун,
Кулоҳи каёнӣ шуда сарнагун.
Сулаймоне афтода дар пои мӯр,
Ҳамон пашшае карда бар пил зӯр.
Ба бозӯи Баҳман баромуда мор,
Зи рӯиндиж афтода Исфандиёр.
Баҳори Фаридуну гулзори Ҷам,
Ба боди хазон гашта тороҷи ғам.
Насабномаи давлати Кайкубод
Варақ бар варақ ҳар сӯе бурда бод.



Сикандар фуруд омад аз пушти бӯр.
Даромад ба болини он пилзӯр.
Бифармуд, то он ду сарҳангро,
Ду каҷзахмаи хориҷоҳангро,
Бидоранд, бар ҷои хеш устувор,
Худ аз ҷой ҷунбид шӯридавор.
Ба болингаҳи хаста омад фароз,
Зи дирьи каёнӣ гиреҳ кард боз.
Сари хастаро бар сари рон ниҳод,
Шаби тира бар рӯзи рахшон ниҳод.
Фурӯ баста чашм он тани хобнок,
Бад-ӯ гуфт: «Бархез аз ин хуну хок!
Раҳо кун, ки дар ман раҳоӣ намонд,
Чароғи маро рӯшноӣ намонд.
Сипеҳрам бад-он гуна паҳлу дарид,
Ки шуд дар ҷигар паҳлуям нопадид.
Ту, эй паҳлавон, к-омадӣ сӯи ман,
Нигаҳ дор паҳлу зи паҳлуи ман.
Ки бо он ки паҳлу даридам чу меғ,
Ҳамеояд аз паҳлуям бӯи теғ.
Сари сарваронро раҳо кун зи даст,
Ту машкан, ки моро ҷаҳон худ шикаст.
Чӣ дасте, ки бар мо дарозӣ кунӣ.
Ба тоҷи каён дастьёзӣ кунӣ.
Нигаҳ дор дастат, ки Дорост ин,
На пинҳон, чу рӯз ошкорост ин.
Чу гашт офтоби маро рӯй зард,
Ниқобе ба ман даркаш аз лоҷвард.
Мабин сарвро дар сарафкандагӣ,
Чунон шоҳро дар чунин бандагӣ.
Дар ин бандам аз раҳмат озод кун,
Ба омурзиши эзидам ёд кун.
Заминро манам тоҷи торакнишин,
Маларзон маро, то наларзад замин.
Раҳо кун, ки хоби х(в)ашам мебарад,
Замин обу чарх оташам мебарад.
Магардон сари хуфтаро аз сарир,
Ки гардуни гардон барорад нафир.
Замони ман инак расад бегумон,
Раҳо кун ба хоби хушам як замон.
Агар тоҷ хоҳӣ рабуд аз сарам,
Яке лаҳза бугзор, то бугзарам.
Чу ман з-ин вилоят кушодам камар,

Ту, хох афсар аз ман ситон, хоҳ сар».
Сикандар бинолид, к- «Эй тоҷдор,
Сикандар манам чокари шаҳриёр.
Нахоҳам, ки бар хок будӣ сарат,
На олудаи хун шудӣ пайкарат,
Валекин, чӣ суд аст, к-ин кор буд.
Таассуф надорад дар ин кор суд.
Агар тоҷвар сар барафрохтӣ,
Қамарбанди ӯ чокаре сохтӣ.
Дареғо, ба дарьё кунун омадам,
Ки то сина дар мавҷи хун омадам.
Чаро маркабамро наяфтод сум?
Чаро пай накардам дар ин роҳ гум?
Магар нолаи шоҳ нашнидаме,
На рӯзе бад-ин рӯзро дидаме.
Ба дорои гетиву донои роз,
Ки дорам ба беҳбуди Доро ниёз,
Валекин чу бар шиша афтод санг,
Қалиди дари чора н-ояд ба чанг.
Дареғо, ки аз насли Исфандиёр
Ҳамин буду бас мулкро ёдгор!
Чӣ будӣ, ки марг ошкоро шудӣ,
Сикандар ҳамоғӯши Доро шудӣ.
Чӣ суд аст мурдан нашояд ба зӯр,
Ки пеш аз аҷал рафт натвон ба гӯр.
Ба наздики ман як сари мӯи шоҳ
Гиромитар аз сад ҳазорон кулоҳ.
Гар ин захмро чора донистаме,
Талаб кардаме, то тавонистаме.
На тоҷу на авранги шоҳаншаҳӣ,
Ки монад зи Дорои давлат тиҳӣ.
Чаро хун нагирьям бар он тоҷу тахт,
Ки дорандаро бар дар афканд рахт.
Мабод он гулистон, ки солори ӯ
Бад-ин хастагӣ бошад аз хори ӯ.
Нафир аз ҷаҳоне, ки Дорокуш аст,
Ниҳонпарвару ошкорокуш аст.
Ба чорагарӣ чун надорам тавон,
Кунам навҳа бар зоди сарви ҷавон.
Чӣ тадбир дорӣ, муроди ту чист?
Умед аз кӣ дориву бимат зи кист?
Бигӯ, ҳар чӣ дорӣ ту фармон кунам,
Ба чорагарӣ бо ту паймон кунам!»



Чу Доро шунид ин дами дилнавоз,
Ба хоҳишгарӣ дидаро кард боз
Бад-ӯ гуфт: к-«Эй беҳтарин бахти ман,
Сазовори пирояву тахти ман,
Чӣ пурсӣ зи ҷоне бачономада,
Гуле дар самуми хазон омада?
Ҷаҳон шарбати ҳар кас аз як сиришт,
Ба ҷуз шарбати мо, ки бар як навишт,
Зи беобиям сина сӯзад дарун,
Қадам то сарам ғарқи дарьёи хун.
Чу барқе, ки дар абр дорад шитоб,
Лаб аз об холиву тан ғарқи об.
Сабӯе, ки сӯрох бошад нахуст
Ба муму сирешам нагардад дуруст.
Ҷаҳон ғорат аз ҳар даре мебарад.
Яке оварад, дигаре мебарад.
На з-ӯ эмин инон, ки ҳастанд низ,
На онон, ки рафтанд растанд низ.
Бубин рӯзи ман, ростӣ пеша кун,
Ту низ аз чунин рӯзе андеша кун.
Чу ҳастӣ ба панди ман омӯзгор,
Бад-ин рӯз наншонадат рӯзгор.
На ман беҳ зи Баҳман шудам, к-аждаҳо
Ба хоридани сар накардаш раҳо.
На з-Исфандиёр — он ҷаҳонгири гурд,
Ки аз чашмзахми ҷаҳон ҷон набурд.
Чу дар насли мо куштан омад нахуст,
Кушанда насаб кард бар мо дуруст.
Ту сарсабз бодӣ ба шоҳаншаҳӣ,
Ки ман кардам аз сабза болин тиҳӣ.
Чу дархостӣ, к-орзуи ту чист?
Ба вақте ки бар ман бибояд гирист;
«Се чиз орзу дорам андар ниҳон,
Барояд ба иқболи шоҳи ҷаҳон,
Яке он ки бар куштани бегуноҳ
Ту бошӣ дар ин доварӣ додхоҳ.
Дувум он ки бар тоҷу тахти каён
Чу ҳоким ту бошӣ, наёрӣ зиён.
Дили худ бипардозӣ аз тухми кин,
Напардозӣ аз тухмаи мо замин.
Савум он ки бар зердастони ман
Ҳарам нашканӣ дар шабистони ман.
Ҳамон Равшанакро, ки духти ман аст,

Бад-он нозукӣ дастпухти ман аст.
Ба ҳамхонии худ кунӣ сарбаланд,
Ки хон гардад аз нозукон арҷманд.
Дили равшан аз Равшанак барматоб,
Ки бо равшанӣ беҳ бувад офтоб».
Сикандар пазируфт аз ӯ ҳар чӣ гуфт,
Пазиранда бархост, гӯянда хуфт.

## АЗ «ИҚБОЛНОМА»
## РАСИДАНИ ИСКАНДАР БА ҲАДДИ ШИМОЛ ВА БАСТАНИ САДДИ ЯЪҶУҶ

Чу дар хонаи хеш рафт офтоб,
Зи гармӣ шуд андоми шерон кабоб.
Табишҳои бохурӣ аз дастбурд
Зи рӯи ҳаво чирки таррӣ сутурд.
Гиё дона бикшоду бинвашт барг,
Ба лоласитон андар уфтод марг.
Биҷӯшид дар кӯҳу саҳро бухор,
Шакарханда зад мева бар мевадор.
Зи ҳомун сӯи кӯҳ шуд андалиб,
Ба ғурбат ҳамегуфт чизе ғариб.
Ба гӯш андараш аз ҳавои тамӯз
Навои чаковак наёмад ҳанӯз.
Дурахшанда хуршеди гардуннавард
Зи боди хазон неши ақраб нах(в)ард.
Шабу рӯз мегашт дар Чину Занг,
Ба дудафканӣ ташти оташ ба чанг.
Чу шерон дарид аз сари дастзӯр
Гаҳе соқи гову гаҳе сумми гӯр.
Дар айёми боҳуру гармои гарм,
Ки аз тоби хуршед шуд санг нарм,
Сикандар зи Чин рои Xархез кард,
Дари хобро тангдаҳлез кард.
Раҳо кард ҳоқони Чинро ба ҷой.
Дигарбора сӯи сафар кард рой,
Басе ганҷ дар пеши ҳоқон кашид,
В-аз он ҷо сипаҳ дар биёбон кашид.
Фурӯ кӯфт бар кӯси давлат дувол
Зи машриқ даромад ба ҳадди шимол.
Биёбону реги равон диду бас,
На парранда дар ӯ на ҷунбанда кас.
Басе рафту кас дар биёбон надид,



Ҳамон роҳро низ поён надид.
Замин дид рахшону аз рахна дур,
Дар ӯ реги рахшанда монанди нур.
Ба шаҳ гуфт раҳбар: «Ки ин реги пок
Ҳама нуқра шуд, нуқраи тобнок.
Ба андоза бардор аз ин роҳ ганҷ
На чандон, ки маҳмилкаш ояд ба ранҷ.
Ба лашкар магӯ в-ар на аз ишқи сим
Гаронбор гардандy ёбанд бим.
Ҳама бори шаҳ буд пур зарри ноб,
Бад-он нуқра н-омад дилашро шитоб,
Валей орзу дар маниш кор кард,
Аз ӯ уштуре чандро бор кард.
Бад-он роҳ мерафт чун бод тез,
Ҳаворо надид аз замин гардхез.
Ба як ҳафта наншаст бар ҷома гард,
Ки аз нуқра буд он заминро навард.
Ту гуфтӣ, ки шуд хоку обаш дуним,
Яке нима симобу як нима сим.
На дар симаш ором шоист кард,
На симобро низ шоист х(в)ард.
Зи савдои раҳ, к-он на кам дард буд,
Саводе бад-он сим дарх(в)ард буд.
Кучо чашмае буд монанди нӯш,
Дар он об симобро буд ҷӯш.
Чу шӯраш набудӣ дар оби зулол,
Зи симоб касро набудӣ малол.
Бихӯрдандӣ он обҳоро далер,
Ки об аз забар буду симоб зер.
Чу шӯраш дар об омадӣ пешу пас.
Нахӯрдандӣ он обро ҳеҷ кас.
Ва гар хӯрдӣ аз роҳи ғафлат касе,
Намондӣ дар ӯ зиндагонӣ басе.
Бифармуд шаҳ то чу рой оваранд,
Дар ин об донишба ҷой оваранд.
Чунон баркашанд обро з-обгир,
Ки сокин бувад оби ҷунбишпазир.
Бад-ин гуна як моҳ рафтанд роҳ,
Басе мардум аз ташнагӣ шуд табоҳ.
Расиданд аз он мафраши симсуд,
Ба хоке, к-аз ӯ будашон зодбуд,
Ниҳоданд бар хок рухсори пок,
Ки хокӣ наёсояд илло ба хок!

Падид омад оромгоҳе зи дур,
Чунон к-аз шаби тира тобандахур.
Барафрохта тоқе аз теғи кӯҳ,
Ки аз диданаш дар дил омад шукӯҳ.
Ба болои он тоқи пирӯзаранг
Кашида камар кӯҳе аз хора санг.
Гурӯҳе бар он кӯҳ, динпарварон,
Мусулмону фориғ зи пайғомбарон.
Ба илҳоми яздон зи рӯи қиёс
Дар аҳволи худ гашта яздоншинос,
Чу диданд симои Искандарӣ,
Пазиро шудандаш ба пайғамбарӣ.
Ба таълими ӯ хотир оростанд,
В-аз ӯ донишу дод дархостанд.
Сикандар бар эшон дари дин кушод.
Ба ҷуз дину дониш басе чиз дод.
Чу диданд шоҳе чунон чорасоз,
Ба чорагарӣ дар кушоданд боз,
Ки шафқат бар он довари дастгир,
Бар ин зердастони фармонпазир,
Паси ин гарева дар ин санглох
Яке дашт бинӣ чу дарьё фарох,
Гурӯҳе дар он дашт Яъҷуҷ ном
Чу мо одамизодаву девфом,
Чу девон оҳандил, алмосчанг,
Чу гургон бадгавҳар, ошуфтаранг.
Расида зи сар то қадам мӯяшон,
Набинӣ нишоне ту аз рӯяшон.
Ба чанголу дандон ҳама чун дада,
Ба хун рехтан чангу дандон зада.
Бигиранд ҳангоми так бодро,
Ба нохун бисунбанд пӯлодро.
Ҳама дар хирому хӯриш носипос,
Набинӣ дар эшон кас эзидшинос.
Зи ҳар тӯъмае, к-он бувад ҷустанӣ,
Таоме надоранд ҷуз рустанӣ.
Надоранд ҷуз хобу ҷуз хӯрд кор,
Намирад яке то назояд ҳазор.
Гиёест он ҷо заминхезашон,
Чу пилпил бувад донаи тезашон.
Аз он ҳар шабонрӯз бахре х(в)аранд,
Ҳамон ҷо бихуспанду дарбигзаранд.
Чу бар офтоб афканад моҳ ҷирм,



Виҷӯшанд бар худ ба кирдори кирм.
Хӯранд он чи ёбанд бетарсу бим,
Бад-ин гуна то моҳ гардад дуним.
Чу гирад камӣ моҳи нокоста,
Шара гардад аз ҷумла бархоста.
Фитад сол то сол аз абри сиёҳ
Ситамкора тиннине он ҷойгоҳ.
Ба андозае он-к дар дашту кӯҳ
Аз ӯ сер гарданд чандон гурӯҳ.
Ва уммеди он кӯҳи дарьёситез,
Ки андозадаш абри селобрез,
Чу овози тандур хурӯш оваранд,
Заминро зи дӯзах ба ҷӯш оваранд.
Зи сармастии хуни он аждаҳо
Кунанд обу дона яке маҳ раҳо.
Дигар хӯрдашон нест ҷуз беху барг,
Набошанд бемор то рӯзи марг.
Чу мирад аз эшон яке он гурӯҳ,
Хӯрандаш ҳамон сон дар он дашту кӯҳ.
На мурдор монад дар он хоки шӯр,
На кас мурдае низ бинад, на гӯр.
Ҷуз ин як ҳунар нест, к-он обу хок
Зи мурдор дур асту аз мурда пок.
Ба ҳар муддат оранд бар мо шитоб,
Кунанд ошьёнҳои моро хароб.
Зи мо гӯспандон ба ғорат баранд,
Хӯришҳои мо ҳар чӣ бошад, х(в)аранд.
Зи гург он чунон кам гурезад гала,
К-аз он гургсорони сагмашғала,
Чу дар мо ба куштан ситез оваранд,
Викушшанду бар мо гурез оваранд,
Гурезем аз эшон бар ин кӯҳи сахт,
Ба кирдори паррандагон бар дарахт.
Надоранд пое чунон он гурӯҳ,
Ки моро дароранд аз он теғи кӯҳ,
Ба дафъи чунон сахтпатьёрае
Савобаш бувад, гар кунӣ чорае».
Чу бишнид шаҳ, ҳукми Яъҷуҷро,
Ки пил афканад ҳар яке у(в)ҷро.
Вад-он гуна садде зи пӯлод баст,
Ки то растахезаш набошад шикаст.
Чу толеъ намуд он баландахтарӣ,
Ки шуд сохта Садди Искандарӣ,

Аз он марҳила сӯи шаҳре шитофт,
Ки бисьёр кас ҷусту онро наёфт.
Дигарбора дар кори оламравӣ
Равон шуд саропардаи хусравӣ.
Бар он кор чу муддате баргузашт,
Битозид як моҳ бар кӯҳу дашт.
Падид омад оростаманзиле,
Ки аз диданаш тоза шуд ҳар диле.
Ҷаҳондор бо раҳбасеҷони хеш
Раҳ овард чашм аз раҳоварди пеш.
Дигаргуна дид он заминро сиришт,
Ҳам оби равон дид, ҳам кору кишт.
Ҳама роҳ пурбоғу девор не,
Гала дар гала, кас нигаҳдор не,
Зи лашкар яке даст барзад фароҳ,
К-аз он мевае баркушояд зи шох.
Начида яке меваи тар ҳанӯз
Зи хушкӣ танаш чун камон гашт кӯз.
Саворе дигар гӯспанде гирифт,
Табаш карду з-он кор панде гирифт.
Сикандар чу з-ин ибрат огоҳ гашт,
Зи хушку тараш даст кӯтоҳ гашт.
Бифармуд то ҳар кӣ буд аз сипоҳ,
Зи боғи касон даст дорад нигоҳ.
Чу лахте гироянда шуд дар шитоб,
Гузар кард аз он сабзаву ҷӯи об,
Падидор шуд шаҳре ороста,
Чу фирдавсе аз неъмату хоста.
Чу омад ба дарвозаи шаҳр танг,
Надидаш даре з-оҳану ҷӯбу санг.
Дар он шаҳр шуд бо тане-чанд пир,
Ҳама ғоятандешу ибратпазир.
Дӯконҳо басе ёфт ороста,
Дару қуфл аз ҷумла бархоста.
Муқимони он шаҳри мардумнавоз
Ба пеш омадандаш ба сад узр боз,
Фурӯд оваридандаш аз раҳ ба кох,
Ба кохе чу минӯи мино фароҳ.
Басе хони неъмат бароростанд,
Ниҳоданду худ пеш бархостанд.
Парастиш намуданд бо сад ниёз,
Зиҳӣ мизбонони меҳмоннавоз!
Чу пазруфт шаҳ нузлашонро ба меҳр,



Бад-он хубчеҳрон барафрӯхт чеҳр.
Бипурсидашон, к-«Ин ҷунин беҳарос
Чароеду худро надоред пос?
Бад-ин эминӣ чун зиед аз газанд,
Ки бар дар надорад касе қуфлу банд?
Ҳамон боғбон нест дар боғи кас,
Рама низ ҷӯпон надорад зи пас.
Шубоне наю сад ҳазорон гала,
Гала карда бар кӯҳу саҳро яла,
Чигунасту ин ноҳифозӣ зи чист?
Ҳифози шуморо тавалло ба кист?»
Бузургони он додпарвардиёр
Дуо това карданд бар шаҳрьёр...
Чу пурсидӣ аз ҳоли мо неку бад
Бигӯем шаҳро ҳама ҳоли х(в)ад.
Чунон дон ҳақиқат, ки мо ин гурӯҳ,
Ки ҳастем сокин дар ин дашту кӯҳ,
Гурӯҳе заифони динпарварем,
Сари мӯе аз ростӣ нагзарем.
Надорем бар пардаи каҷ басеҷ,
Ба ҷуз ростбозӣ надорем ҳеҷ.
Дари каҷравӣ бар ҷаҳон бастаем,
Зи дуньё бад-ин ростӣ растаем.
Дурӯғе нагӯем дар ҳеҷ боб,
Ба шаб бозгуна набинем хоб.
Напурсем чизе, к-аз ӯ суд нест,
Ки яздон аз он кор хушнуд нест...
Чу оҷиз бувад ёр, ёрӣ кунем,
Чу сахтӣ расад, бурдборӣ кунем.
Гар аз мо касеро зиёне расад,
В-аз он рахна моро нишоне расад,
Бароремаш аз кисаи хеш ком,
Ба сармояи худ кунемаш тамом.
Надорад зи мо кас зи кас моли беш
Ҳама ростқисмем дар моли хеш.
Шуморем худро ҳама ҳамсарон,
Нахандем бар гирьяи дигарон.
Зи duздон надорем ҳаргиз ҳарос,
На дар шаҳр шаҳна, дар кӯй пос.
Зи дигар касон мо надуздем чиз,
Зи мо дигарон ҳам надузданд низ.
Надорем дар хонаҳо қуфлу банд,
Нигаҳбон на бо гову бо гӯсфанд.

26*

Худо кард хурдони моро бузург,
Сутурони мо фориғ аз шеру гург.
Агар гург бар меши мо дам занад,
Ҳалокаш дар он ҳол барҳам занад.
Гар аз кишти мо кас барад хӯшае,
Расад бар дилаш тире аз гӯшае.
Бикорем дона гаҳи кишту кор
Супорем кишта ба парвардигор.
Нагардем бар гирди говарсу чав
Магар баъди шаш маҳ, ки бошад дарав.
Ба мо з-он чи бар чои х(в)ад мерасад,
Яке донаро хафтсад мерасад...
Суханчинӣ аз кас наёмӯхтем,
Зи ғайби касон дида бардӯхтем.
Гар аз мо касеро расад доварӣ,
Кунемаш сӯи маслиҳат ёварӣ.
Набошем касро ба бад раҳнамун,
Начӯем фитна, нарезем хун,
Ба ғамхории якдигар ғам х(в)арем,
Ба шодӣ ҳамон ёри якдигарем.
Қариби зару симро дар шумор
Наёрему н-ояд касеро ба кор.
Надорем хурде як аз як дареғ,
Нахоҳем чавсанге аз кас ба теғ.
Даду домро нест аз мо гурез,
На моро бар озори эшон ситез.
Ба вақти ниёз охую ғурму гӯр
Зи дарҳо дароянд моро ба зӯр.
Аз он чумла чун дар шикор оварем,
Ба миқдори ҳочат ба кор оварем.
Дигарҳо, ки бошем аз он бениёз
Надоремашон аз дару дашт боз.
На бисьёрхорем чун гову хар,
На лаб низ барбаста аз хушку тар.
Хӯрем он қадар моя аз гарму сард,
Ки чандони дигар тавонем х(в)ард.
Зи мо дар чавонӣ намирад касе,
Магар пир, к-ӯ умр дорад басе.
Чу мирад касе дил надорем танг,
Ки дармони он дард н-ояд ба чанг.
Паси кас нагӯем чизе нуҳуфт,
Ки дар пеши рӯяш биёрем гуфт.
Тачассус насозем, к-ин кас чӣ кард,



Фиғон барнаёрем, к-онро кӣ х(в)ард?
Қасе гирад аз халқ бо мо қарор,
Ки бошад чу мо поку парҳезкор.
Чу аз сирати мо дигаргун шавад,
Зи паргори мо зуд берун шавад».
Сикандар чу дид он чунон расму роҳ,
Фурӯ монд саргашта бар чойгоҳ,
Қ-аз ин хубтар қисса нашнида буд,
На дар номаи хусравон дида буд.
Ба дил гуфт аз ин розҳои шигифт
Агар зиракӣ, панд бояд гирифт.
Нахоҳам дигар дар чаҳон тохтан,
Ба ҳар сайдгаҳ доме андохтан.
Маро бас шуд аз ҳар чӣ андӯхтам,
Ҳисобе, к-аз ин мардум омӯхтам,
Ҳамоно, ки пеши чаҳонозмой
Чаҳон ҳаст аз ин некмардон ба чой.
Бад-эшон гирифтаст олам шукӯҳ,
Ки автоди олам шуданд ин гурӯҳ.
Агар сират ин аст, мо бар чием?
В-агар мардум инанд, пас мо кием?
Фиристодани мо ба дарьёву дашт
Бад-он буд, то бояд инчо гузашт,
Магар сер гардам зи хӯи дадон,
Даромӯзам оини ин бихрадон.
Гар ин қавмро пеш аз ин дидаме,
Ба гирди чаҳон барнагардидаме,
Ба кунче дар аз кӯҳ биншастаме,
Ба эзидпарастӣ миён бастаме.
Аз ин расм нагзаштӣ оини ман,
Чуз ин дин набудӣ дигар дини ман.
Чу дид он чунон дину динпарварӣ,
Накард аз буниҳ ёди пайғамбарӣ.
Чу дар ҳаққи худ дидашон ҳақшинос,
Дуруду дирам додашон беқиёс.
Аз он мамлакат шодмон бозгашт,
Равон кард лашкар чу дарьё ба дашт.
Зи рангин аламҳои дебои Рум
Вашипӯш гашта ҳама марзу бум.
Ба ҳар кӯҳу беша зи шохӯ зи шах
Пароканда лашкар чу мӯру малах.
Ва ҳар чо, ки ӯ тохтӣ борагӣ,
Раҳондӣ басе кас зи бечорагӣ,

## НОМАИ ИСКАНДАР БА МОДАРАШ

Чу бар гул шабехун кунад замҳарир,
Ба тифлӣ шавад шохи гулбарг пир.
Нашояд шудан маргро чорасоз,
Дари чора бар кас накарданд боз.
Таби марг чун қасди мардум кунад,
Илоҷ аз шиносанда пай гум кунад.
Чу шабро гузориш даромад ба зист,
Бихандид хуршеду шабнам гирист.
Ҷаҳондор, ноландатар шуд зи дӯш,
Зи бонги ҷарасҳо баромад хурӯш.
Арасту-ҷаҳондидаи чорасоз
Ба бечорагӣ монд аз он чора боз,
К-умеди беҳӣ дар шаҳаншаҳ надид,
Дар андозаи кори ӯ раҳ надид.
Ба шаҳ гуфт: «Қ-эй шамъи равшанравон,
Ба ту чашмравшан ҳама хусравон...
Нахоҳам, ки мӯет ларзон шавад,
Туро мӯй афтад, маро ҷон шавад,
Валек аз чунин шарбате ногузир
Набошад кас эмин зи барнову пир.
На дил медиҳад гуфтан, ин май бинӯш,
Ки майхорагонро барорад зи хуш.
На гуфтан тавон, к-ин сурохӣ бирез,
Ки дар базми шаҳ кард натвон ситез.
Дарето, чароғе бад-ин равшанӣ
Бихоҳад нишастан зи беравғанӣ.
Мадор аз тиҳиравғанӣ дил ба доғ,
Ки ногаҳ зи пӣ барфурӯзад чароғ».
Ҷаҳондор гуфто:— «Аз ин дар гузар,
Ки омад маро зиндагонӣ ба сар.
Ба фармони ман нест гардонсипеҳр.
На ман додаам гардиши моҳу меҳр.
Кафе хокаму қатрае оби суст,
Зи нармодае офарида нахуст.
Зи парвардагиҳои паравардигор,
Ба он ҷо расидам саранҷоми кор,
Ки чандон, ки шояд шудан пешу пас,
Маро буд бар ҷумлагӣ дастрас.
Дар он вақт кардам ҷаҳонхусравӣ,
Ки ҳам ҷон қавӣ буду ҳам тан қавӣ.
Чу омад кунун нотавонӣ падид,



Ба дигар када рахт бояд кашид.
Мадеҳ беш аз инам шароби ғуруp,
Ки ҳаст оби ҳайвон аз ин ҷоҳ дур.
Зи дӯзах машав ташнаро ҷораҷӯй,
Сухан дар биҳишт асту он ҷор ҷӯй,
Дуоро ба омурзиш овар ба кор,
Магар раҳмате бахшад омурзгор».
Чу рахт аз бари кӯҳ бурд офтоб,
Сари шоҳи шоҳон даромад ба хоб.
Шаб омад, чи шаб, к-аждаҳои сиёҳ
Фурӯ баст зулмат пасу пеши роҳ,
Шабе сахт бе меҳру торикчеҳр,
Ба торикӣ андар, кӣ дидаст меҳр?
Ситора гиреҳ баста бар корҳо,
Фурӯ дӯхта лаб ба мисморҳо...
Дар он шаб бад-онгуна бугдохт шоҳ,
Ки дар бисту ҳафтум шаби хеш моҳ.
Чу аз меҳри модар ба ёд омадаш,
Парешонӣ андар ниҳод омадаш,
Бифармуд, к-аз румиён як дабир,
Ки бошад хирадманду бедору пир.
Ба дуди сиях даркашад хомаро,
Нависад сӯи модараш номаро.
Дар он нома савгандҳои гарон,
Фиребанда чун лобаи модарон,
Ки аз баҳри ман дил надорӣ нажанд,
Накӯшӣ ба фарьёди носудманд.
Дабири забоновар аз гуфти шоҳ,
Ҷаҳон кард бар номахонон сиёҳ.
Душоха сари килк якшох кард,
Фалакро ба фарҳанг сӯрох кард.
Чу бар шуққаи коғаз омад абир,
Шуд андоми коғаз чу мушкинхарир.
Зи паргори маънӣ, ки борик шуд,
Нависандаро чашм торик шуд..,
Ки ин нома аз ман, ки Искандарам:
«Сӯи ҷор модар, на як модарам,
Ки гар қатра шуд чашма падрӯд бод,
Шикастасабӯ бар лаби рӯд бод!
Агар сурхсебе даромад ба гард,
Зи равнақ маяфтод норинҷи зард.
Бар ин зардгул гар ситам кард бод,
Дарахти гули сурх сарсабз бод!

На ин гўям, эй модари меҳрубон,
Ки меҳр аз дил ояд фузун аз забон!
Бисўзӣ яке гар хабар бишнавӣ,
Ки чун шуд ба бод он гули хусравӣ!
Масўз аз паи дастпарварди хеш,
Бинеҳ даст бар сўзиши дарди хеш.
Аз ин сўзат айём дурӣ диҳад,
Худоят дар ин ғам сабурӣ диҳад!
Ба шире, ки хўрдам зи пистони ту,
Ба хоби хушам дар шабистони ту!..
Ба фармонпазирони дуньёву дин,
Ба фармондеҳи осмону замин,
Ба ҳуҷҷатнависони девони хок,
Ба ҷовидмонони минуи пок,
Ба зиндониёни замин зери хишт,
Ба нузҳатнишинони хоки биҳишт,
Ба ҷоне, к-аз ў ҷонвар шуд набот,
Ба ҷондоваре, к-орад аз ғам наҷот,
Ба мавҷе, ки хезад зи дарьёи ҷуд,
Ба амре, к-аз-ў созвар шуд вуҷуд,
Ба он ном, к-аз номҳо бартар аст,
Ба он нақш, к-ороиши пайкар аст,
Ба паргори ҳафт осмони баланд,
Ба феҳристи ҳафт ахтари арҷманд,
Ба огоҳии марди яздоншинос,
Ба тарсоии ақли соҳибқиёс,
Ба ҳар шамъ, к-аз дониш афрўхтанд,
Ба ҳар киса, к-аз файз бардўхтанд,
Ба фарқе, ки давлат ба ў тофтаст,
Ба пое, ки роҳи ризо ёфтаст,
Ба парҳезгорони покизарой,
Ба борикбинони мушкилкушой...
Ба оразми султони дарвешу дўст,
Ба дарвеши қонеъ, ки султон худ ўст,
Ба сарсабзии субҳи ороста,
Ба мақбулии нузли нохоста,
Ба шабзиндадорони бегоҳхез,
Ба хоки ғарибони хунобарез,
Ба шабнолаи талхи зиндониён,
Ба қандили меҳроби рўҳониён,
Ба мўҳтоҷии тифли ташна ба шир,
Ба навмедии дардмандони пир,
Ба зилли ғарибони бемортўш,



Ба ашки ятимони печидагўш,
Ба узлатнишинони саҳрои дард,
Ба нохункабудони сармои сард,
Ба нохуфтагиҳои ғамхорагон,
Ба дармондагиҳои бечогарон,
Ба ранҷе, ки хуспад бар осудагӣ,
Ба ишқе, ки пок аст аз олудагӣ.
Ба пирўзии ақли кўтоҳдаст,
Ба хурсандии зоти хилватпараст,
Ба ҳарфе, ки дар дафтари мардумист,
Ба нақше, ки маҳмилкаши одамист,
Ба дарде, ки захмаш падидор нест,
Ба захме, ки бо марҳамаш кор нест,
Ба сабре, ки дар нокишебо бувад,
Ба шарте, ки дар рўи зебо бувад,
Ба фарьёд-фарьёди он як нафас,
Ки навмед бошад зи фарьёдрас,
Ба сидқе, ки рўяд зи динпарварон,
Ба ваҳйе, ки ояд ба пайғамбарон,
Бад-он раҳ, к-аз ў нест касро гузир,
Бад-он роҳбар, к-ў бувад дастгир,
Ба он дар, к-аз ин дар гузаштан бад-ўст,
Марову туро боз гаштан бад-ўст,
Ба нодидани рўи дамсози ту,
Ба маҳрумии гўш аз овози ту,
Ба он орзу, к-аз манат бас мабод,
Бад-ин оҷизӣ, к-ин чунин кас мабод,
Ба додофарине, ки доранда ўст,
Ҳамон ҷондеҳу, ҷонбароранда ўст,
Ки чун ин васиқат расад сўи ту,
Нагирад гиреҳ тоқи абрўи ту.
Мусибат надорӣ, напўшӣ палос,
Ба ҳинҷори манзил шавӣ раҳшинос.
Напечӣ ба нола, нагардӣ зи роҳ,
Кунӣ дар саранҷоми гетӣ нигоҳ.
Агар монданӣ шуд ҷаҳон бар касе,
Бимон дар ғаму сўгворӣ басе.
В-аз эдун, ки бар кас намонад ҷаҳон,
Ту низ ошно бош бо ҳамраҳон.
Гарат рағбат ояд, ки андўх х(в)арӣ,
Кунӣ сўгвориву мотамгарӣ.
Аз он пеш, к-андўҳ хўри зинҳор
Баророй меҳмонии шоҳвор.

Бихон халқро ҷумла меҳмони хеш,
Мунодӣ барангез бар хони хеш,
Ки он кас хӯрад, ин хӯришҳои пок,
Ки ғоиб набошад варо зери хок.
Агар з-он хӯришҳо хӯрад меҳмон,
Ту низ андӯҳи ман бихӯр дарзамон.
Ва гар кас наёрад назар сӯи хвард,
Ту низ андӯҳи ғоибон дарнавард.
Ғами ман маҳӯр, кори ман даргузашт,
Ба кори ғами хеш кун бозгашт.
Чунон дон, ки ёбам дучандин диранг,
На ҳам пои умрам дароянд ба санг?
Чу бисьёрии умри мо андакест,
Агар даҳ бувад солу гар сад якест,
Чаро тарсам аз рафтани ҳашт боғ,
Ки дар бо калид асту раҳ бо чароғ,
Чаро сар наёрам сӯи он сарир,
Ки ҷовид бошам бар ӯ ҷойгир.
Чаро хуш наронам бад-он субҳгоҳ,
Ки бедуд абр асту бегард роҳ.
Чу бар ман намонд ин сарои фиреб,
Зи ман бод вомондагонро шикеб.
Чу Шабдизи ман ҷаст аз ин тундрӯд,
Зи ман бод бар дӯстдорон дуруд.
Раҳонид моро фалак з-ин ҳисор,
Ки бодо ҳама кас чу мо растагор».
Чу нома ба сар бурду унвон навишт,
Фиристоду худ рафт сӯи биҳишт.
Ба сад меҳнат овард шабро ба рӯз,
Ҳама рӯз нолид бо дарду сӯз.
Дигар шаб, ки шаб рахт бар пил зад,
Замин чун фалак ҷома дар нил зад.
Чу хуршеди гарданда бар гирди рӯй,
Дар он шаб зи нохун баровард мӯй,
Ситора фурӯ рехт нохун зи чанг,
Ҳаво шуд пур аз нохуни симранг.
Зи дида фурӯ бастани рӯи шоҳ,
Ва нохун харошида шуд рӯи моҳ...
Зи тобут фармуда буд шаҳриёр,
Ки як дасти ӯро кунанд ошкор.
Дар он даст хоке тиҳӣ рехта,
Мунодӣ зи ҳар сӯ барангехта,
Ки:— «Фармондеҳи ҳафт кишварзамин,



Ҳамон як тан омад, зи шоҳон ҳамин.
Зи ҳар ганҷи дунъё, ки дар бор баст,
Ба ҷуз хок чизе надорад ба даст»
Шумо низ чун аз ҷаҳон бигзаред,
Аз ин хокдон тирахоке баред.
Ба гетипажӯҳӣ, чӣ поем дер,
Ки дудест болову гардест зер.
Низомӣ, гиреҳ барзан ин бандро,
Матарсу матарсон тане чандро.

### АЗ ҒАЗАЛИЁТ

Маро пурсӣ, ки чунӣ, чунам, эй дӯст!
Ҷигар пурдарду дил пурхунам, эй дӯст!
Ҳадиси ошиқӣ бар ман раҳо кун,
Ту Лайлӣ шав, ки ман Маҷнунам, эй дӯст!
Бафарьёдам зи ту харрӯз фарьёд,
Аз ин фарьёди рӯзафзунам, эй дӯст!
Шунидам ошиқонро менавозӣ,
Магар ман з-он миён берунам, эй дӯст!
Нагуфтӣ гар бияфтӣ гирамат даст,
Аз ин афтодатар, к-акнунам, эй дӯст!
Ғазалҳои Низомӣ бар ту хонам,
Нагирад дар ту ҳеҷ афсунам, эй дӯст!

* * *

Шабе тира, раҳе мушкил, ҷанибтар инон даркаш,
Замоне рахти ҳастиро ба хилватгоҳи ҷон даркаш.
Чу масти хилваташ гаштӣ фалакро хайма дарҳам зан,
Сутуни арш дарҷунбон, таноби осмон даркаш.
Уқобони шақоватро зи боғи унс берун кун,
Ҳумоёни саодатро ба доми имтиҳон даркаш.
Гаронҷонӣ макун, ҷоно, ту дар базми сабукрӯҳон
Чу соқӣ гармрӯ гардад сабук ратли гарон даркаш.
Тариқаш бе қадам мерав, ҳадисаш безабон мегӯ.
Ҷамолаш бе назар мебин, шаробаш бедаҳон даркаш.
Биҳишту дӯзахаш бинӣ, машав машғули ин ҳар ду,
Қадам бар фарқи дӯзах неҳ, хате гирди ҷинон
даркаш.

Чу хосалхоси ӯ гаштӣ, зи сурат пой берун нех,
Ҳазорон шарбати маъни ба якдам ройгон даркаш.
Низомӣ, ин чӣ асрор аст, к-аз хотир бурун додӣ,
Қасе рамзат намедонад, забон даркаш, забон дакаш.

* * *

Нигорино, дилам бурдӣ, фусунхонӣ макун чандин,
Забони ман фурӯ бастӣ, забондонӣ макун чандин.
Чу дил бурдан тамаъ будат ҳама кофирдилӣ кардӣ,
Битарс аз ҷони маҳрумон фусунхонӣ макун чандин.
Раҳо кун то ба озодӣ замоне дар ту мебинам,
На ман дуздам, на ту шаҳна, нигаҳбонӣ макун чандин,
Чу ман дар хидмати зулфат камар чун мӯр барбастам,
Ба ғорат кардани мӯре сулаймонӣ макун чандин.
Чу он бадмаст боз ояд сабукрӯҳона дар базмат,
Низомӣ, бода бар каф нех, гаронҷонӣ макун чандин.

* * *

Фурӯ хон номаи дардам, магар дармони ман созӣ,
Дили маҷрӯҳи ман бинӣ илоҷи дарди ман созӣ.
Ба фармонат камар бастам, тариқи ошиқ ин бошад,
Ту маъшуқӣ, раво набвад, ки худ фармони ман созӣ.
Агар гӯям сабӯҳӣ кун, шароб аз хуни ман резӣ,
В-арат гӯям самоъе, деҳ, наво з-афғони ман созӣ.
Ба васлат ид месозам, валекин нест қурбонам,
Агар раҳме кунӣ бар ман, маро қурбони ман созӣ.
Магар дар ҳаҷрат, эй маҳ, ман ба барги гул
намеарзам.
Ки ҳар хоре, ки мебинӣ нисорафшони ман созӣ.
Чу пайдо шуд, ки дар олам надорам бе ту ҷону дил,
Ҳаромат бод, ҳар айше, ки дар пинҳони ман созӣ.
Чу ман чашми Низомиро тамошогоҳи ту кардам,
Чӣ бошад гар хаёлатро шабе меҳмони ман созӣ.

## АЗ ҚАСОИД

Дар ин чаман, ки зи пирӣ хамида шуд камарам,
Зи шохҳои бақо баъд аз ин чӣ бахра барам.
На сояест зи нахлам, на мевае касро,
Ки тунбоди ҳаводис бирехт баргу барам.



Сипехр бо қади хамгашта меканад лаҳадам
Баёзи мӯй зи кофур медиҳад хабарам.
Зи нофа мушки тар ояд падиду ин аҷаб аст,
Ки нофа гашт аён аз саводи мушки тарам.
Ду ришта пур зи гуҳар буд дар даҳан маро
Ҷафои чарх гусасту бирехт он гуҳарам.
Гуҳар бирехт зи дурҷам ситорасон, ки дамид
Зи савби машриқи хирмон ситораи саҳарам.
Расид рӯз ба охир чу чуғд мехоҳам,
К-аз ин хароба ба маъмураи фано бипарам.
Қадам хамида, сарам сӯи хок моил шуд,
Ки дар ҳадиқаи исмат ниҳоли борварам.
Дуто шудам, ки наёлоядам ба хун доман,
Ки хунфишон шуда чашм аз таровиши ҷигарам.
Нишаст барфи гарон бар сарам зи мӯи сапед,
Зи паст гаштани боми вуҷуд дар хатарам.
Зи қуллае, ки бар ӯ барф бошад, об ояд,
Ҳамин бувад сабаби об, к-ояд аз басарам.
Шудам зи заъф бад-он сон, ки гар чу соя ба хок
Маро кашад, наёбад касе аз он асарам.
Зи ман касе накунад ёд з-он ки натвонам
Зи заъфи ҳол, ки бар хотири касе гузарам.
Камонсифат ба дуто гашт қоматам, гӯӣ
Зи бим тири аҷал рафта дар паси сипарам.
Ба сӯи авҷи фароғат чӣ сон кунам парвоз,
Аз ин ҳазиз, ки бишкаста аст болу парам.
Ба бӯстони ҷаҳон рехт меваи уммед
Зи сангу жола бар ҳар сӯй шохаи шаҷарам.
Ниҳол чун сарам афшонд рост гардад, лек
Хамид нахли қадам чун фишонда шуд саҳарам.
Сарам фурӯ шуда якборагӣ миёни ду дӯш,
Ки аз мухобати шамшери марг бар ҳазарам.
Зи дидаҳои заиф аз муҳаббати аҳбоб,
Ба чеҳра ашк фишонам, ки озими сафарам.
Муқими гӯшаи байтулҳазан шудам, к-аз заъф
Бувад муҳоли гузаштан зи остони дарам.
Бар ин саҳифаам он ҳарфи охири калама,
Ки на вуқуф зи маънист, не хабар зи ҷарам.
Баёзро накунад фарқ дидаам зи савод
Ба чеҳра гарчи фурӯзанд шамъи моху х(в)арам.
Гузашт умру накардам ба ҷуз гунаҳкорӣ,
Миёни мардум аз он рӯй монда пеш сарам.
Чунин ки ларза ба дасташ фитод аз рашъа,

Ба базми дахр чӣ сон соғари нишот х(в)арам.
Ба меҳмониям омад аҷал чӣ чора кунам,
Ки ҷуз ҳаёт насозад қабул моҳазарам.
Ҳаловате набарад коми ҷон зи хони ҳаёт,
Ки таъми захр диҳад ширу шираву шакарам.
Видоъ мекунадам зиндагӣ дар ин манзил,
Хамида гашт қади ман, ки мекашад ба барам.
Зи баски рафтаам аз кор ҳар нафас бим аст,
Ки музмаҳал шавад аҷзо ҳама зи якдигарам.
Ба афту хез чу ангушти ҳосибам дар роҳ
Аҷаб шумар, ки бад-ин ҳол, сол мешумарам.
Дигар насозадам обу ҳавои ин гулшан,
Ки оби хизру дами Исавӣ кунад зарарам.
Чу абр об фишонам зи дидаи ҳасрат,
Ки рафт рӯзи ҷавонӣ чу барқ аз назарам.
Фитода нақди ҷавонии ман зи ман дар раҳ,
Ба қадди хамшуда дар зери пой аз он нигарам.
Чу соя гар накунам эътимод бар девор,
Чӣ эҳтимол, ки бархостан бувад зафарам.
Ба рангу бӯй чу тифли фиребхӯрда, зи даст
Рабуд нақди ҷавонӣ сипеҳри ишвагарам.
Зи мулки хушдилӣ ояд навиди айш, вале
Зи гӯш пунбаи мӯи сафед сохт карам.
Ба афту хез, ки дар раҳ фитодаам паи ризқ
Ба чашми ақл намудор мӯри донабарам.
Ба захми санги ҳаводис паи шикастани қадр
Шикаст ҷавҳарии осмони бадгуҳарам.
Ҳунар нуҳуфт маро зери чашми айбталаб,
Ки бадтар аст зи ҳар айб ҳолиё ҳунарам.
Маро, ки ҳаст дил аз нури маърифат равшан,
Ба қадди ҳалқа намудор ҳолаи қамарам.
Ҳазор укда ба корам фитоду пайдо нест,
К-з ин миён чӣ кушояд зи умри мухтасарам.
Паи фикандани нахли бақо ба гулшани даҳр
Сипеҳри хамшуда бар пой мезанад табарам.
Хабар зи маъниву огоҳиям зи сурат нест,
Ки рафт аз дилу дида маониву суварам.
Гуноҳкорам аз ин сон, ки сокинони ҷаҳим
Зи ман канора кунанд ар сақар шавад мақарам.
Ниҳоли хамшудаи бӯстони исьёнам,
Ки даҳр хушк кунад баҳри оташи сақарам.
Ба ғайри ҳарфи хато нуктае нашуд марқум
Зи нӯки килки қазо бар саҳифаи қадарам.



Дар ин қазья ҳазорест ҳақ ба ҷонибу ман
Зи ҳар чӣ он гузарад дар хаёл аз он батарам.
Ба ҷурми умри талафкарда гар касе кушадам,
Бувад ба фатвии муфтии ақл хун ҳадарам.
Агар забона кушод оташи шарораи ман,
Муҳити чарх ба ҷӯшояд аз тафи шарарам.

* * *

Вақти он аст, ки ин мӯҳра мушашдар гардад,
Қаъбатайни фалак аз руқъа муабтар гардад.
Ин сиёҳиву сапедӣ, ки хати рӯзу шаб аст
Ба бароти ману ту хатти музаввар гардад.
Мӯҳлатэ хаст ҳанӯз ин фалаки гардонро,
Ки инонгардкунон гирди ҷаҳон баргардад.
Кошкӣ бар сари мо чарх сабуктар гаштӣ,
Қ-осиё зудтар истад, чу сабуктар гардад...
Гар ба шери фалакӣ панҷа занад гови замин
Дорад он заҳра, ки бо шер баробар гардад?
Сагдилонанд дар ин мазраа, метарсам аз он-к
Шер баддил шаваду гов диловар гардад.
Мурғи зирак напарад бар сар ин чархи кабуд
К-эй басо бурҷ, ки зиндони кабӯтар гардад.
Хизр шав то чу зи Бағдоди ҷаҳон кӯч кунӣ,
Қадами ту пули ин Даҷлаи ахзар гардад.
Ту худоро шав агар худ ҳама олам дарьёст,
Ба худо гар сари мӯе қадамат тар гардад.
Дар муҳити фалак он кун, ки чу киштӣ ронӣ,
Пой бар ҷодаи таслими ту лангар гардад.
Чашми афъӣ чу зумуррад нигарад, кӯр шавад
Гӯши Иблис чу Қуръон шунавад, кар гардад.
Як қадам рост бинеҳ то шавӣ озод чу сарв,
Ки тарозу ба ҷаве мушк муаттар гардад.
Бармаёвар сар аз он дар, ки дурӯғ ангоранд,
Ҳар куҷо ростие аз ту мушаҳҳар гардад.
Бал чунон зӣ, ки агар низ дурӯғе гӯӣ,
Ростгӯёни ҷаҳонро зи ту бовар гардад.
На диле, к-оҳ кунад, оташи Мусо ёбад,
Ё касе, к-об хӯрад Хизри пайямбар гардад.
Эй басо, талхии дарьё, ки ҳаме бояд дид,
То хушобе ба садаф донаи гавҳар гардад.
Кирми бодома шаву ҳар чӣ хӯрӣ пок барор
То луоби даҳанат бар сарат афсар гардад.

Еварӣ кун ҳамаро то ҳама ёри ту шаванд,
Ту ҳама ёркушӣ, бо ту кӣ ёвар гардад,
Кӯш то шаҳвати худро ба ҷавонӣ шиканӣ,
Қ-аждаҳо гардад море, ки куҳантар гардад.
Фол мезан магар ахтар ба гузаштан бошад
То худ ахтар чӣ бувад, фол ба ахтар гардад.
Курси хуршед дар ин ташти фалак собунест,
Ки аз ӯ ҷомаи арвоҳ мутаҳҳар гардад...
Эй Низомӣ, сар аз ин чанбари азрақ барзан
Пеш, к-аз гӯи гиребони ту чанбар гардад.
Ба сухан ганҷи саодат ба каф овар, ки сухан
Кимиёест, ки бар хок ниҳӣ, зар гардад.
Бодаи табъӣ, агар табъпарастӣ, чӣ аҷаб,
Тифли навхоста пиромуни модар гардад.

## АЗ РУБОИЕТ

Гар дил диҳаме, к-аз ту шикоят кунаме,
Донӣ, ки шикоят ба чӣ ғоят кунаме.
Гар пардадарӣ набошад андар ҳаққи ту,
З-онҳо, ки ту кардай, ҳикоят кунаме.

Дар хӯша магар саркашие медиданд,
З-он рӯй ба оқибат сараш бубриданд.
Ҳам пӯст аз ӯ ба чӯб берун карданд,
Ҳам бар сараш осиё бигардониданд.

Рухсори ту мушк асту сари зулфи ту хун,
Ман ҷуз ба далел н-оям аз ӯҳда бурун,
Рух мушк, вале н-омада дар нофа ҳанӯз,
Хун зулф, вале омада аз нофа бурун.

Адл аст, ки буньёди зафарҳо бошад,
Зулм аст, ки мӯҷиби зарарҳо бошад.
Ҷуд аст, ки пардадори ҳар айб бувад,
Бухл аст, ки сарпӯши ҳунарҳо бошад.

Чун нест умеду умр аз шом ба чошт,
Боре ҳама тухми некуӣ бояд кошт.
Чун оламро ба кас нахоҳанд гузошт,
Боре дили дӯстон нигаҳ бояд дошт.



Онро, ки ғаме бувад, кӣ натвонад гуфт?
Ғам аз дили худ ба гуфт натвонад руфт.
Ин турфа гулест, к-он зи боғи ту шукуфт,
Не ранг тавон намуду не бӯй нуҳуфт.

Он донаи дур, эй санами хурнажод,
К-аз дурҷи ту бирбуд замона ба кӣ дод?
Моно, ки бибурду пеши дарьё бинҳод,
Бинмуд бад-ӯ, ки дур чунин бояд зод.

Гар оҳ кашам, куҷост фарьёдрасе,
В-ар сабр кунам умр намондаст басе.
Бар ёди ту мезанам ба ҳар дам нафасе,
Қасро надиҳад худой савдои касе.

Бе ёр будан азиммушкил коре,
Бечора касе, ки ӯ надорад ёре.
Ин як-ду-се дамро, ки ба ҷон натвон ёфт
Гар дил дорӣ, мадор бедилдоре.

## ЛУҒАТ

### А

*Аблақ* — ало, дуранга.
*Аблаҳа* — номи калисое дар қадим.
*Аброр* — ҷамъи бар(р)-некӯкорон, саховатмандон.
*Абҳар* — гули наргис.
*Авн* — ёрӣ, ҳамкорӣ.
*Авсон* — ҷамъи васан — бутҳо.
*Автод* — ҷамъи ватад — меххо.
*Автон* — ҷамъи ватан — ватанҳо.
*Адан* — номи шаҳрест дар Яман.
*Адил* — баробар, ҳамто, мисл, монанд.
*Азабхона* — хонаи бекас.
*Азб* — ширин.
*Азлол* — ҷамъи зил—сояҳо.
*Азро* — таоми ҳаррӯза, ки ба мӯҳтоҷон дода мешудааст.
*Азфар* — хушбӯ.
*Айба* — ҷавшан, зирех; тирдон ва тиркаш.
*Айтом* — ҷамъи ятим — ятимҳо.
*Айюқ* — номи ситора.
*Алалҳол* — то ин вақт, дар айни замон.
*Алил* — бемор.
*Алфанҷгаҳ* — албонҷгаҳ.
*Алуфа* — ҷамъи алаф.
*Ал-ҳамд* — сӯраи аввали Қуръон.
*Алҳон* — ҷамъи лаҳн — овозҳо, нағмаҳо.
*Амдан* — қасдан.
*Амидзода* — бузургзода.
*Амуд* — гурз.
*Анот* — бадхоҳӣ, бадбинӣ.
*Ангалиун* — (Ангалиюн) — номи яке аз китобҳои мусаввари Монӣ.
*Анд* — миқдор, муддат.
*Анин* — нола.
*Ано* — ранҷу машаққат, азоб.
*Аносир* — ҷамъи унсур — моддаҳо.
*Анӯша* — шароби ангур.
*Араз* — сифати нопойдор ва ғайри табиӣ.
*Арбад* — мори захрнок.
*Арзиз* — қалъагӣ.
*Артанг* — номи китоби Монӣ, ки пур аз нақшу нигорҳои гуногун буд.
*Арҷ* — арзиш; қадру қимат.
*Асаф* — андӯҳ, ғам, таассуф.
*Асир* — олӣ, баланд, сипеҳр, ҳаво.
*Асир* — оби мева.
*Атлол* — ҷамъи тал — баландиҳо.
*Афвоҳ* — ҷамъи фавҳ — даҳанҳо.
*Афан* — бадбӯ.
*Аъмо* — ҷамъи уму — кӯрон,
*Ағонӣ* — ҷамъи уғния — сурудҳо, овозҳо.
*Ақвол* — ҷамъи қавл.
*Ақим* — бетараққӣ, бемаҳсул.
*Аҳмар* — сурх.
*Аҳқод* — ҷамъи ҳукд — кинаҳо, ғаразҳо.
*Аҷалл* — бузургвор.
*Аҷин* — хамир, омехта.
*Аҷром* — ҷамъи ҷирм — ҷисмҳои осмонӣ.



### Б

*Базаҳ* — гуноҳ, хато.
*Базл* — ато, бахшиш, карам.
*Байтор* — духтури ҳайвонот.
*Байат* — аҳду паймон.
*Банаво* — шоиста, босозу барг.
*Банон* — ангуштон, панҷаҳо.
*Банотуннаъш* — ҳафт додарон.
*Бараҳман* — рӯҳонӣ, донишманди оташпарастон ва ҳиндуён.
*Барбат* — номи асбоби мусиқӣ.
*Барг* — асбоб; саранҷом.
*Баргустувон* — зиреҳе, ки дар вақти ҷанг ба асп мепӯшанд.
*Барзан* — кӯча, маҳалла.
*Барзах* — чизе, ки миёни ду ҷинси бегона ҷой гирифта бошад.
*Барот* — иҷозатномаи хаттӣ.
*Бароъ* — одамони пок.
*Барх* — бахш, баҳр, қисмат.
*Басеҷ* — омодагӣ, тайёр будан.
*Басит* — васеъ, фароҳ, кушода.
*Бат* — мурғобӣ; суроҳӣ.
*Батар* — даҳшат.
*Башир* — муждадиҳанда.
*Бақ* — пашша.
*Баҳима* — ҳайвон, ҷорпо
*Баҳманҷанаҳ* — номи ҷашне, ки дар дуюми баҳманмоҳ (23 январь) гузаронда мешавад.
*Бедбарг* — навъе аз тир.
*Бедо* — биёбон.
*Бемар* — беҳисоб, беадад.
*Беғора* — сарзаниш.
*Биамдан* — қасдан.
*Бирҷис* — ситораи Муштарӣ.
*Бобзан* — сихкабоб.
*Бож* — китф.
*Боязид* — Боязиди Бастомӣ — олими машҳур дар тасаввуф.
*Булфузул* — беҳудагӯ, лаққӣ.
*Бум* — ҷо, шаҳр, сарзамин, маҳал.
*Буна* — матоъ, чизу чора, асбоби рӯзгор.
*Бурд* — як навъ матоъ.
*Бурз* — боло, баланд.
*Бирзин* ё Озарбурзин — писари Фаромарз, набераи Рустам.
*Буроқ* — аспи афсонавӣ.
*Бурҳон* — ҳуҷҷат, далел, гувоҳ.
*Буссад* — марҷон
*Буссадин* — сурхранг, марҷонранг.
*Бухтӣ* — шутури калонҷусса.
*Бушро* — ҷамъи башир—башоратдиҳанда, муждарасон.
*Бӯбӯяк* — ҳудҳуд, шонасарак.
*Бӯта* — зарфе, ки дар он, нуқра, тилло ва амсоли он мегудозанд.
*Бӯтимор* — мурғи моҳихӯр.
*Буқ* — қазову қадар, най.

### В

*Вазеъ* — камбағал.
*Валаҳ* — ҳайронӣ, саргаштагӣ.
*Вараъ* — парҳезкорӣ.
*Варой* — он сӯ, он тараф.
*Варза* — барзгар; гови ҷуфтӣ.
*Вард* — гули садбарг.
*Васм* — бадном кардан.
*Вашӣ* — атлас, дебо.
*Вақъ* — қадру қимат, мартабаи баланд.
*Висоқ* — банд, қайд васлшуда, пайвастагӣ.

### Г

*Гинҷ* — сурин; ҷои нармии рон.
*Гироидан* — майл ва қасд кардан.
*Гоз* — анбур.
*Гурза* — мори калон, мори захрнок.
*Гурм* — андӯҳу заҳмат.

### Д

*Давҳа* — дарахти калони сершох; боғи пурмева.
*Дайён* — подошдиҳанда, мукофотдиҳанда, ҳоким.
*Дайёр* — бошанда, сокин.
*Дайлам* — мисрон.
*Дайҳим* — тоҷ ва афсар.
*Далв* — зарфи обкашӣ; номи бурҷи ёздаҳӯм аз дувоздаҳ бурҷи фалак.
*Дамор* — нобуд кардан, нест кардан, дуд баровардан.
*Шарак* — ҷуқурӣ; ҷаҳаннам.
*Дарақа* — сипар.
*Дарвож* — сарнагун
*Дарьюза* — гадой.

*Даскара* — номи яке аз шаҳрҳои Ироқ.
*Дастованҷон* — бозубанд, дастбанди занон.
*Даҳра* — дасткола; шамшери хурд.
*Диръ* — зиреҳ.
*Дисор* — ҷома, челак.
*Дом* — ҳайвони хонагӣ.
*Донг* — воҳиди хурдтарини вазн, шашьяк, ҳисса.
*Доҳия* — мусибат; зирак, хушьёр.
*Дуда* — хонадон, хеш.
*Дужам* — ғазаболуд; ғамгин, андӯҳнок.
*Дужогоҳ* — хашмолуд, бадқаҳр.
*Дурафш* — байрақ.
*Дурроа* — ҷомаи шайхҳо ва зоҳидон.
*Дурроҷ* — номи паррандае, ки ба кабк монанд аст.
*Дурҷ* — сандуқча; халтачаи хурд барои ҷавоҳирот ва чизҳои занона.
*Дуҷо* — торикӣ.

### Е

*Ера* — бозубанд.
*Есаҷ* — тир, тири пайкондор.

### Ж

*Жарф* — чуқур, амиқ.
*Жӯпин* (зӯбин) — найзаи хурд.

### З

*Зав (Зоб)* — подшоҳи маъруфи пешдодӣ.
*Завор* — хидматгор.
*Зайбақ* — симоб; киноя аз оби чашм.
*Займурон* — райҳони даштӣ.
*Заъйат* — киштгоҳ.
*Залифан* — кина, интиқом.
*Залол* — гумроҳӣ.
*Замо* — танагӣ.
*Замҳарир* — сармои сахт, хунукии шиддатнок.
*Зангон* — номи шаҳрест дар Эрон.
*Зарро* — ранҷ.
*Зарроқ* — найрангбоз, фиребгар, риёкор.
*Зафт* — дурушт; бузург, калон, фарбеҳ.
*Заҳро* — дурахшон.
*Зовия* — кунҷ, канора, гӯша.
*Зод* — тӯша.
*Зоир* — зиёраткунанда.

### И

*Ибак* — санам, бут.
*Идрор* — вазифа, рутба.
*Иёр* — андоза; миқдори зари холис дар асбобҳои аз зар сохташуда.
*Изтирор* — сахтӣ, бечорагӣ.
*Иксир* — ҷавҳари афсонавие, ки гӯё ба воситаи он филузотро ба тиллову нуқра бармегардонданд.
*Илтиҳоб* — сӯзиш, ҳарорат.
*Имсок* — мумсикӣ, чашмтангӣ, хасисӣ.
*Инзиво* — гӯшанишинӣ.
*Инқитоъ* — катъ шудан, бурида шудан.
*Иртиҷоҷ* — ларзидан, мавҷ задан.
*Искоф* — кафшдӯз.
*Истионат* — ёрӣ хостан.
*Истихфоф* — кӯтоҳшуда, сабукшуда.
*Истиксор* — дурандешӣ, мӯшикофӣ; кӯшиш ва ҷустуҷӯи зиёд.
*Истофил* — ангур.
*Иқтидо* — пайравӣ кардан.
*Иқтизо* — тақозо, хоҳиш.

### К

*Кавкаба* — ҳашам; дастаи саворон.
*Кайвон* — ситораи Зуҳал.
*Кайд* — макру ҳила.
*Кайл* — паймона.
*Кайфар* — мукофот, подош.
*Калпатра* — сафсатта, суханҳои беҳуда.
*Камтараку* — ояте аз Қуръон.
*Канаф* — ҷониб, канора; соя, паноҳгоҳ.
*Кандманд* — хароба, вайрона.



*Қандо* — доно, ҳаким.
*Қарб* — ғаму ғусса.
*Қархӣ* — яке аз уламои тасаввуф.
*Қатим* — пинҳон.
*Қаш* — бағал, канор; ба маънои хубу хуш ҳам меояд.
*Қаш(ш)* — хурсанд, рӯҳбаланд.
*Қашаф* — сангпушт.
*Қашиш* — пешво ва муаллими тарсоён.
*Қашкин* — нони ҷав.
*Қафча* — кафгир.
*Қиё* — соҳиб.
*Қож* — каҷ.
*Қолбуд* (колбад) — тан, бадан, қолаб.
*Қоно* — аблаҳ.
*Қофур* — доруи хушбӯи сафедранг.
*Қулола* — мӯи печида, кокул.
*Қундовар* — далер, паҳлавон, ҷанговар.
*Қуништ* — оташкада, ибодатгоҳи оташпарастон.
*Қуном* — чарогоҳ; ошьёна.
*Қуноғ* — тори абрешим; тори тортанак.
*Қурм* — ғаму андӯҳ.
*Қусуф* — гирифта шудани офтоб.
*Қӯҳл* — сурма.

### Л

*Лааб* — бозӣ, дилхушӣ.
*Лаал* — эй кош.
*Лабан* — шир.
*Лабиб* — оқил, доно.
*Лакҳан* — рӯзаи ҳиндуҳо.
*Латма* — тарсакӣ.
*Лафҷ* — лаб.
*Лаҳв* — саргармӣ, машғул шудан, вақтгузаронӣ.
*Лаҷоҷ* — якравӣ.
*Лиҳоф* — кӯрпа.
*Лодан* — навъе аз хушбӯиҳо; навъи атр, навъе аз гул.
*Лулаин* — кӯзаи сафолин.
*Лут* — бечора, нотавон, заиф.
*Лутаф* — ҷамъи лутф — лутфҳо.
*Лӯт* (лӯта) — хӯрок, таъом.

### М

*Мабдаъ* — ҷои баромад, асл, сабаб.
*Маврус* — меросӣ.
*Мадеҳ* — ситоиш.
*Мазоқ* — таъм, мазза.
*Маймана* — тарафи рост.
*Майсара* — тарафи чап.
*Макнун* — пинҳон кардашуда, ноёб.
*Макрамат*—карам, бузургӣ, ҷавонмардӣ.
*Максаб*—касбгоҳ; маскани косибон.
*Малеҳ* — намакин; хубрӯ, дилкаш.
*Маллоҳ* — дарьёнавард, киштибон.
*Малҳам* — ҷомаи абрешимӣ.
*Мамарр* — гузаргоҳ.
*Мамзуҷ* — омехта, омехташуда.
*Мансуба* — бозии ҳафтӯм аз бозиҳои шоҳмот.
*Мансул* — аз байн бурдашуда, аз кор баромада.
*Маношъ* — макони парвариш, ҷои нашъунамо.
*Маншур* — фармон, номаи саркушода; нашршуда.
*Манязид* — навъи байъ дар муомилоти савдо.
*Манхул* — шеъри шоиреро ба шоири дигар нисбат додан.
*Манҷуқ* — моҳичаи байрақ.
*Марзангӯш* — навъе аз райҳон.
*Марҷ* — чаман, чарогоҳ, сабзазор.
*Масмӯъ* — шунидашуда.
*Масо* — шаб.
*Масобат* — дараҷа, мақом, поя, манзалат.
*Масофф* — ҷамъи масф — ҷои саф бастан, майдони ҷанг.
*Масрӯъ* — касе ба бемории дарди сар гирифторшуда.
*Мастур* — пӯшидашуда, даруни парда.
*Масҷуд* — сазовори саҷда, саҷдакардашуда.
*Матар* — борон.
*Матмура* — зиндон.
*Матмӯс* — харобшуда, вайрона.
*Матолеъ* — ҷамъи матлаъ—ҷои

тулӯъ, чои ибтидой, чон баромад.
*Матраҳ* — чои афкандан; маҳалли тарҳ кардан ва андохтан.
*Матруд*—рондашуда, дуршуда.
*Мафраш* — чизҳои густурданӣ, аз қабили палос, гилем ва ғайра.
*Маъдалат* — адолат, додрасӣ.
*Маъзул* — бекоркардашуда, аз кор гирифташуда; гӯшанишин.
*Маъҳуд*—аҳд карда шуда; шинохташуда.
*Мағбун* — фиребхӯрда.
*Мақар(р)* — кароргоҳ, чои ист.
*Мақрун* — наздик, наздикшуда.
*Маҳмил* — качова.
*Маҷарра* — роҳи Каҳкашон дар осмон, ки дар вақти тобистон аз шимол ба ҷануб монанди роҳи сафед намоён аст.
*Маҷасс (маҷасса)* — чои санчидани набз.
*Меъҷар*—сарандоз, рӯсарӣ, саргирак.
*Мег* — абр.
*Меҳвар* — тири чарх.
*Меҳргон* — ба ҳисоби шамсӣ, моҳи дуйуми тирамоҳ мутобиқи 25 декабрь.
*Мидба* — ақибронда.
*Минопӯш* — кабудранг.
*Минҳат* — табар.
*Миодгаҳ* — чои мулоқоти якдигар.
*Мирӣ* (мира) — ризку рӯзӣ, садақа.
*Мискан* — муаттар, хушбӯй.
*Мисмор* — мехи оҳанин.
*Мистаба* — чои ҷамъомад ва хурсандии мардум; маҷозан ба маънои манзил, майкада ва харобот низ меоянд.
*Мисқаб* — парма.
*Миғфар* — кулоҳи оҳанин.
*Миқнаа* — чашмбанд.
*Миқнотис* — оҳанрабо.
*Миҳчан* — асои саркаҷ.
*Миҷмар* — оташдон.
*Мозӣ* — гузашта.
*Монӣ*—шахси маъруфе, ки дар замони Шопури аввал зиндагӣ ба сар бурдааст.
*Морид* — гулгун.
*Муаззим* — чодугар, касе, ки машғули азоим бошад.
*Муаккан* — шикамкалон, фарбеҳ.
*Муаттал* — беҳуда, бекора.
*Мубоҳ* — раво будан.
*Мубоҳот* — фахр намудан, нозидан ба чизе.
*Мубтил* — вайронкунанда.
*Мубхил* — бахил, нотавонбин.
*Мувашшаҳ* — зевар дода шуда.
*Мудаббир* — тадбиркунанда, одами зирак.
*Мудбир* — бетолеъ, давлатбаргашта.
*Музаввир* — фиребдиҳанда, назарфиреб.
*Музмар* — пинҳон, пӯшида.
*Музоб*—гудохта, киноя аз ранги сурх.
*Муил* — оиладор, аёлманд.
*Мукаддар* — тира, тирашуда.
*Мукобара* — изҳори кибр ва бузургӣ кардан, худписандӣ.
*Мул* — шароб.
*Мулавван* — рангоранг.
*Мулҳақ* — пайваст.
*Мумайиз* — фарқдиҳанда, хубро аз бад ҷудокунанда.
*Мумаккан* — ҷойгирифта.
*Мумтаҳан* — имтиҳоншаванда, санчидашаванда, озмуда мешудагӣ.
*Мунаққат* — нуқтадор.
*Мунзаҷир* — рондашуда; тарсонида шуда.
*Мункар* — бад, зишт.
*Муодо* — касе, ки дигаре ба ӯ даъво дошта бошад.
*Муодӣ* — душман.
*Муонадат* — бо ҳам ситеза кардан; дурӣ ҷустан.
*Мусаҳҳир* — тағьирдиҳанда.
*Мусиб* — савобьёбанда, ростгӯянда.
*Мусир* — босубот.
*Мусоб* — мусибатдида, андӯҳгин.
*Муставлӣ* — ғолибомада, дастьёфта.
*Муставҷиб* — лоиқ.
*Мустадал* — бо далел исботшуда.
*Мустанир* — нуронӣ, мунаввар.
*Мустаор* — чизи ба орият гирифташуда.
*Мустағнӣ* — беэҳтиёҷ.
*Мустақарр* — барқароршуда.
*Мустаҳил* — амри маҳол ва ғайри мумкин, беохир, бепоён.
*Мустаҳлик* — нестшуда, нобудшуда.
*Муфарриҷ* — шодкунанда, кушоиш ва начотдиҳанда.
*Мушкӯй* — ҳарамсаро, бутхона.
*Мушофаҳа* — гуфтугӯ кардан.
*Муқарнас* — вожгуна; ба шакли камон, камоншакл.
*Муқбил*—соҳибиқбол, хушбахт.
*Муқтанеъ* — қонеъшуда.
*Муҳиб* — ҳайбатнок, хатарнок, хавфнок.
*Муҳобо* — тарс, воҳима.
*Мӯтаъбад*—найрангбоз, бозингар.
*Мӯъраб* — гандумгун.
*Мӯътакиф* — гӯшанишин.
*Мӯътариф* — эътирофкунанда, иқроркунанда.
*Мӯътиён* — атокунандагон.
*Мӯягар* — гирьяву зорикунанда, навҳагар.
*Мӯҳдас* — офаридашуда.
*Мӯҳиш* — ваҳшатнок.

## Н

*Набид* — шароби хурмо.
*Наванд* — қосид; асб ё шутури тезрав.
*Навбова* — наврас, меваи ниҳоли нав.
*Назрат* — сабзӣ ва хуррамии гиёҳ ва дарахт.
*Наммом* — хабаркаш; тӯҳматгар.
*Наснос* — як навъи маймун.
*Наср* — номи яке аз ситораҳо.
*Натъ* — бисот, фарш.
*Наффот* — касе, ки нефтьро истехсол мекунад.
*Нафх* — пуф кардан.
*Наххос* — даллол, ғуломфурӯш.
*Наъоим* — шутурмурғ.
*Наҳиб* — тарс, бим.
*Наҳл* — занбӯри асал.
*Наҳмат* — орзӯ, хоҳиш.
*Наҷд* — баландӣ, пушта, тал.
*Наҷҷор* — дуредгар.
*Нев* — ҷавон.
*Ниёкон* — гузаштагон.
*Ниёиш* — дуо, офарин.
*Никоят* — зарар расонидан.
*Новард* — рафтор, гардиш.
*Новардгар* — ҷангҷӯ.
*Нож* — сарв, маҷозан ба маънои азобу уқубат ҳам меоянд.
*Нолӣ* — най, наи борик.
*Нору* — мурғи хурди хушхон.
*Ношӣ* — навкор, навқалам.
*Ноҷих* — табарзин, найзаи кӯтоҳ.
*Нузл* — бахшиш, эҳсон.
*Нун-ал-қалам* — номи яке аз сураҳои Қуръон.
*Нӯбазан* (Навбатзан) — таблзан, нақорачӣ.
*Нӯъмон* — хун; дар матн ба маънои сурх омадааст.

## О

*Обдастӣ* — тароват, нозук.
*Обистан* — ҳомиладор.
*Обӣ* — биҳӣ.
*Омоҷ* — нишона.
*Оро* — вора, милки дандон.
*Охтан* — баркашидан, берун овардан.
*Оғолиш* — тундӣ, тезӣ.
*Оғор* — наму рутубат.
*Оқча* — пул, рупия (пули нуқра)
*Оҳехтан* — кашидан, баркашидан.
*Оҳу* — нописанд, айб, нуқсон.
*Оҷ* — устухони фил.

## П

*Пала* — дастранҷ, сармояи ночиз.
*Паранд* — порчаи абрешимӣ.
*Парандавор* — шамшери ҷавҳардор, шамшери тез.
*Пилпой* — як навъ олоти ҷанги кадима.
*Пингон* — косаи мисин.
*Пину* — қурут, тарф.
*Пирӯзиш* — узр.

## Р

*Рабун* — байъона ва заре, ки ба мардикор медиханд.
*Раввос* — каллапаз, каллафурӯш.
*Райб* — гардиш, гаштан.
*Рамим* — пӯсида, кӯҳна.
*Ранг* — бузи кӯҳӣ ва гови ваҳшӣ.
*Расад* — нигаҳбон, назорат.
*Расос* — каълагӣ.
*Ратл* — паймона, пиёлаи шароб.
*Раҳиқ* — шароби соф ва холис.
*Раҳл* — полони шутур.
*Раҳӣ* — ғулом, ғариб.
*Ридоъ* — яктах, челак, ҷома.
*Ризво* — номи кӯҳ.
*Род* — сахӣ, *родӣ* — саховатмандӣ.
*Роят* — байрақ.
*Руммон* — нор, киноя аз ёқути сурх.
*Румҳ* — найза.
*Рухом* — санги мармар.
*Руқоқ* — нони тунук, чапотӣ.
*Руҷум* — ҷамъи рачм, ситораҳои паррон ва афтанда.

## С

*Сабал* — сурхие, ки дар чашм аз бехобӣ ё мастӣ пайдо мешавад.
*Сабил* — кӯча, роҳ.
*Садад* — қасд, майл.
*Сайёф* — шамшерсоз, шамшерзан, қотил, хунрез.
*Сайраф* — заршинос, сарроф, пулшинос.
*Салаб* — рабуда; канда шуда; либос.
*Салаф* — гузашта; пешин.
*Салмо* — номи арабзане, ки бисёр хушрӯ будааст; киноя аз маъшуқа.
*Салх* — охири моҳ.
*Самак* — моҳӣ.
*Самин* — гаронбаҳо.
*Самок* — номи ситораҳо.
*Самоъ* — овозу суруд; ваҷду суруд.
*Сандарус* — шилмест зардранг мисли каҳрабо; ранги зард.
*Сарир* — тахт.
*Сарир* — овози қалам, ки вақти навиштан мебарояд.
*Сарро* — роҳат.
*Сарсом* — варами сар, дарди сар, табларза, ҳолати ошуфтагӣ ва парешонхавосӣ; сарсомиён касоне, ки ба ин касал гирифторшуда.
*Сафир* — садо, овоз, хониш.
*Саҳбо* — шароб.
*Сивор* — зиннати занона, дастбанд.
*Сипарам* — матои латиф.
*Сирф* — холис, тоза, беғаш.
*Ситабр* — ғафс, сахт, бошиддат.
*Ситабрақ* — дебо, матои абрешимӣ.
*Ситир* — шонздаҳ мисқол.
*Ситок* — шохи наврастаи бутта ё дарахт.
*Ситом* — зину лаҷоми асп.
*Ситон* — ба пушт афтода, ба пушт хобида.
*Сиръ* — нарх, арзиш.
*Сиқл* — вазнин, бори вазнин.
*Сиқол* — сайқал додан.
*Сиҳар* — бехобӣ.
*Сиҷоф* — парда.
*Соиқа* — барқ.
*Солис* — саввум.
*Сомир* — афсонагӯй.
*Сомӣ* — олӣ, баланд.
*Соро* — холис, покиза.
*Сорӣ* — паррандаест, ки подавонак низ гӯянд.
*Соъ* — паймона.
*Соқа* — пешравони лашкар.
*Судоъ* — дарди сар.
*Сукур* — мастӣ.
*Сулсул* — фохта.
*Сунбидан* — сӯрох кардан, ковидан, суфтан.
*Сунбода*—як навъи маъданиёт, ки бисёр вазнин буда, бо он теғро тез мекунанд.
*Сундус* — як навъи матои латифи абрешимӣ.
*Суруш* — фаришта; пайғом.
*Сурӣ* — сурх, гули сурх.
*Сутудон*—мақбараи зардуштиён.
*Суҳайл* — ситораи дурахшоне, ки дар шабҳои охири тобистон мебарояд.



*Суҳо* — номи ситораи камнур.
*Сӯзиён* — сармоя, мол; шакли кӯтоҳшудаи суду зиён.
*Сӯфор* — даҳони тир, он ҷои тир, ки ба зеҳи камон банд карда мекашанд.
*Сӯъбон* — аждаҳо; наҳанг.

## Т

*Табарзад* — набот; навъе аз ангур.
*Таваққӯъ* — умедворӣ.
*Тагарг* — жола.
*Тайласон* — ҷомаи сиёҳе, ки аз боло мепӯшанд.
*Тайр* — парранда.
*Тайҳ* — ҷоҳ.
*Таковар* — аспи тездав, тезрафтор.
*Тала* — мушгирак.
*Талоя* — пешравони лашкар.
*Талӣ* — ошкор; равғани рӯй, марҳам.
*Танз* — ришханд, истеҳзо, таън.
*Тарг* — кулоҳи оҳанӣ.
*Тартӯш*—номи шаҳрест дар Испания.
*Ташнеъ* — касеро ғайбат кардан.
*Теҳу* (тайҳу) — мурғест кабкмонанд.
*Тин* — дар арабӣ лойро гӯянд.
*Тиннин* — мори калон, аждаҳо.
*Тироз* — нақшу нигори ҷома.
*Тоиб* — тавбакунанда.
*Торам* — гунбад, хонаи чӯбин.
*Туд* — тут.
*Тунг* — кӯза.
*Турб* — ҳамумр, ҳамсол ду бачаи ҳамзод.
*Тӯбӣ* (тӯбо) — дарахти афсонавие, ки гӯё дар биҳишт аст.
*Тӯхта* — фартутшуда.

## У

*Удво* — душманӣ, зулм.
*Унноб* — меваест монанди санчид.
*Урс* — сарви кӯҳӣ.
*Устом* — зин ва дигар асбоби асп.
*Уқлидус*—Евклид, номи муҳандиси машҳури Юнони қадим.

## Ф

*Фадак*—боғи хурмо, ки Муҳаммад ба духтараш дода буд.
*Фажаҳ* — палид.
*Фарвор* — болохона.
*Фах* — дом.
*Фағфур* — номи подшоҳи Хитой.
*Фаҳл* — ситораи Суҳайл.
*Фирьяхон* — баҳонаҷӯй.
*Фисор* — лаҷом.
*Фитрок* — тасма ва чарми борике, ки аз зини асп меовезанд.
*Фустуқ* — писта.

## Х

*Хаббоз* — нонвой, нонпаз.
*Хаварнақ* — номи қасре, ки бо амри Нуъмон бинни Манзар барои Баҳроми Гӯр сохта шуда буд.
*Хад(д)* — рухсора.
*Хаз(з)* — матои абрешимӣ.
*Хазро* — сабз.
*Хай* (х(в)ай) — арақи ҷабин.
*Хайзурон* — номи дарахт.
*Халоб* — лой.
*Халхол* — ҳалқаи оҳанине, ки занон дар вақти рақсидан ба соқи по меандозанд.
*Харзаҳра* — як навъи буттае, ки гулҳои сафед ва қирмизӣ дошта, баргаш ба барги бед монанд ва таъми талх дорад.
*Харос* — харе, ки осиёро ба ҳаракат медарорад; осиё.
*Харроз* — мӯҳрафурӯш; дарздӯз.
*Хафтон* — либоси ҷангӣ.
*Хизлон* — хорӣ, дармондагӣ.
*Хишт* — найзаи хурде, ки ба ҷониби душман мепартоянд.
*Ход* — калхот.
*Хазин* — ҷамъи хазан — нигаҳбон, хазинадор.
*Хол* — тағоӣ.
*Хосабаг* — раис, девонбегӣ.
*Хузар* — сабз.
*Хумоҳан* — мӯҳраи сиёҳ, санги сиёҳ.

## Ч

*Чалипо* — салиб.
*Чамона* — бо нозу карашма роҳ рафтан.
*Чандал* *(сандал)* — як навъи дарахт аст, ки ӯро ба об соида ҳамчун дору барои рафъи дарди сар истеъмол мекунанд.
*Чархушт* (чархишт) — чое, ки ангурро кӯбида оби онро ҷудо мекунанд.
*Чафта* — хамгашта, хамида.
*Чахидан* — дам задан, кӯшидан, давр задан.
*Чағз* — ҷароҳате, ки ҳанӯз сарбаста аст.

## Ш

*Шааф* — хурсандӣ, хушҳолӣ, шодмонӣ, хушдилӣ.
*Шаир* — ҷав.
*Шаман* — бутпараст.
*Шамар* — ҳавз, обгир.
*Шаммома* — дастамбӯ, харбузаи хушбӯй.
*Шамотат* — шодӣ кардан ба ғаму ранҷи касе; сарзаниш.
*Шарза* — хашмнок, бадқаҳр.
*Шат* — дарьёи калон.
*Шеъро* — номи ситораи равшане, ки баъди моҳи июнь мебарояд; маҷозан равшан.
*Шибрам* — як навъ алафест, ки ҳамчун дору истифода мешудааст.
*Шорак* — як навъ мурғи хурди хушхон.
*Шурфа* — айвон.

## Ю

*Юза* — паланг.
*Юфӣ* — ҳарзагӯ, лофзан.

## Э

*Эъҷоб* — худписандӣ, такаббур; тааҷҷуб кардан.
*Эҳтироқ* — сӯзиш, дарду алам.

## Я

*Яд* — даст.
*Язак* — чилавдор, пешрави сипоҳ, қаровул.
*Ял* — паҳлавон.

## Ғ

*Ғадир* — обгир, кӯлмак.
*Ғайба* — тирдон.
*Ғайз* — бадқаҳрӣ.
*Ғаливож* — калхот.
*Ғамом* — абр.
*Ғанҷ* — нозу карашма.
*Ғарм* (ғурм) — оҳу.
*Ғиёр* — порчаи матои зарде, ки дар гузашта яҳудиён бар миёнашон мебастаанд.
*Ғиш* — омезиши чизи камбаҳо дар зар ва нуқра.
*Ғолиякаш* — ғулом, чокар; рӯсарӣ.
*Ғулла* — кӯзаест, ки барои аз мардум ҷамъ кардани зар кор фармуда мешавад.
*Ғуроб* — зоғ.
*Ғурра* — аввали моҳ.

## Қ

*Қаввол* — гӯянда, хонанда, сурудхон.
*Қаймоз* — каниз, хидматгор.
*Қаллош* — ҳилагар, бекора, беномус.
*Қантара* — пул, кӯпрук.
*Қароб* — ғилофи шамшер.
*Қасвара* — шер.
*Қасил* — буттаи ҷав ё гандуми норасида.
*Қирон* — наздикшавӣ, наздик шудани ду чиз бо якдигар.
*Қифор* — ҷамъи қафр — замини бе обу алаф, биёбон, замини хушку хокӣ.
*Қор* — қир, сиёҳ.
*Қоқум* — ҳайвони пӯсташ гаронбаҳое монанди санҷоб.
*Қубла* — бӯса.
*Қумор* (қамор) — номи шаҳрест дар Ҳиндустон, ки бо ӯду анбар ва товуси зебояш машҳур будааст.
*Қустой* — китоби динии оташпарастӣ.

## Ҳ

*Ҳанут* — хушбӯиҳое, ки ба кафани мурда мепошанд.
*Ҳанҷор* — тариқ, тавр, навъ.
*Ҳараҷ* — гуноҳ.



*Ҳабар* — тару тоза.
*Ҳаббазо* — таҳсин, офарин, зиҳӣ, хуб ва некӯ.
*Ҳабо* — гарду ғубор, пуч, бебаҳо.
*Ҳабр* — пешвои рӯҳониёни яҳудиҳо.
*Ҳавдаҷ* — каҷова.
*Ҳаввос* — гандумкӯб, осиёббон.
*Ҳавосил* — мурғи сафеди обӣ, қу.
*Ҳаддод* — оҳангар.
*Ҳайиз* — ҳудуд, ҷой, макон.
*Ҳал-ато* — яке аз сураҳои Қуръон.
*Ҳаллол* — ҳалкунанда, кушоянда.
*Ҳало* — ҳушьёр бош, огоҳ шав.
*Ҳамбар* — ғамбаранда.
*Ҳамбарзан* — ҳамкӯй, ҳамкӯча.
*Ҳанзал* — меваест талх.
*Ҳарба* — шамшер, ханҷар, олати ҷанг.
*Ҳасб* — мувофиқи майл ва хоҳиш.
*Ҳасир* — бӯрьё.
*Ҳасо* — сангрезаҳо.
*Ҳасрам* — ғӯра.
*Ҳашв* — нодаркор, зиёдатӣ.
*Ҳаюло* — модда.
*Ҳаюн* — шутур ва асп.
*Ҳаҷар* — санг.
*Ҳаҷла* — хонаи ороста барои арӯсу домод.
*Ҳаҷҷом* — хунгир.
*Ҳизабр* (ҳижабр) — дарранда, ба маънои шер ҳам меояд.
*Ҳисн* — қалъа, бинои мустаҳкам.
*Ҳиқд* — кина.
*Ҳож* — ҳайрон.
*Ҳорис* — нигаҳбон, ҳифзкунанда.
*Ҳоҷо* — ҷанг, задухӯрд.
*Ҳубло* — зани дуҷон, ҳомиладор.
*Ҳудо* — росткорӣ; роҳнамоӣ.
*Ҳулла* — ҷома, либоси нав.
*Ҳуммом* — марди бузург, далер, бахшанда.
*Ҳурро* — овози ваҳмнок.
*Ҳусом* — теғ, шамшер.

## Ҷ

*Ҷаворӣ* — канизакон, духтарони дӯшиза; ҳамсоя; ба маънии киштӣ ҳам меояд.
*Ҷаврихор* — ситамдида; майнӯш.
*Ҷавф* — ковокӣ.
*Ҷазаъ* — нола, зорӣ.
*Ҷазъ* — мӯҳраи яманӣ, санги сиёҳи дорои холҳои сафед; киноя аз чашм.
*Ҷазъ* — танаи дарахт; киноя аз қомати маъшуқа.
*Ҷазӯъ* — бе сабру тоқат, ноором.
*Ҷайш* — лашкар.
*Ҷалис* — ҳамнишин, ҳамсӯҳбат.
*Ҷамод* — ҷисми беҷон ва беҳаракат.
*Ҷамра* — ахгар, шарора.
*Ҷаноҳ* — бол; паҳлу, тараф.
*Ҷарид* — малах.
*Ҷаррора* — як навъ каждум; киноя аз зулфи маъшуқа.
*Ҷарӣ* — далерӣ.
*Ҷобулқо ва Ҷобулсо* — киноя аз ғарб ва шарқ; номҳои шаҳрҳои афсонавӣ.
*Ҷубба* — як навъ пӯшок аст, ки аз болои пӯшокҳои дигар мепӯшанд.
*Ҷурра* — бози шикорӣ.

## АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА


Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ. **Осори Рӯдакӣ. Дар зери таҳрири А. Мирзоев.** Сталинобод, 1957.

Абулмаҷди Саной. **Девони ашъор. Бо саъй ва эҳтимоми** Мударриси Разавӣ. Теҳрон, 1333 ш.

Абулмаҷди Саной. **Ҳадиққат-ул-ҳақиқат, Ҳинд, чопи** сангӣ, бидуни таърих.

Абулфараҷи Рунӣ. **Девон,** Дастхати **рақами 655 ганҷинаи** дастнависҳои шарқии АФ Тоҷикистон.

Абулқосими Унсурӣ. **Девони** ашъор. Бо **эҳтимом ва** тасҳеҳ **ва** муқаддимаи Яҳъё Қариб, Теҳрон, 1328 ш.

**Абулқосими Унсурӣ. Вомиқ ва Узро.** Бо **муқаддима ва** тасҳеҳу таҳшияи Муҳаммад Шафеъ, Лоҳур, 1967.

Абулқосими Фирдавсӣ, **Шоҳнома,** ҷилди IV, Душанбе, 1965.

Адиб Собири Тирмизӣ. **Девони ашъор.** Теҳрон, 1334 ҳ.

Азрақии Ҳиравӣ. **Девон.** Дастхати **рақами 853 ганҷинаи** дастнависҳои шарқии АФ Тоҷикистон.

**Айнӣ С. Намунаи адабиёти тоҷик. Москва, 1926.**

Айюқӣ. **Варқа ва Гулшоҳ.** Бо эҳтимоми Забеҳулло **Сафо,** Теҳрон, 1343 ш.

Амир Муиззӣ. **Девони ашъор.** Бо саъй ва эҳтимоми Аббос Иқболи Оштиёнӣ, Теҳрон, 1318 ш.

Амъақи Бухороӣ. **Девони ашъор.** Бо **тасҳеҳи Саид Нафисӣ,** Теҳрон, 1339 ш.

Анварии Абевардӣ. **Девони ашъор.** Бо эҳтимоми Мударриси Разавӣ, ҷилди I ва II. Теҳрон, 1337 ш.

Анварии Абевардӣ. **Девон.** Дастхатҳои **рақами 92 ва 495** ганҷинаи дастнависҳои шарқии АФ Тоҷикистон.

Асадии Тӯсӣ. **Гаршоспнома.** Бо эҳтимоми Ҳабиби Яғмой, Теҳрон, 1317 ш.

**Афсаҳзод Аълохон. Қиссаи Вомиқ ва Узро, маҷаллаи** «Садои Шарқ», соли 1970, № 10.

**Ашъори ҳамасрони Рӯдакӣ,** Сталинобод, 1958.

Бадеъуззамони Хуросонӣ. **Сухан ва суханварон,** ҷилди I. Теҳрон, 1312 ш. ҷилди II. Теҳрон, 1318 ш.

**Бертельс, Е. Э. История персидско-таджикской литературы.** Избранные труды, т. I, Москва, 1960.

Бертельс, Е. Э. **Низами и Фузули.** Избранные труды, т. II, Москва, 1961.





Бобо Тоҳири Урьён. **Девони ашъор.** Бо тасҳеҳи Ваҳиди Дастгардӣ, Теҳрон, 1333 ш.

**Ганҷинаи Ганҷавӣ,** Бо тасҳеҳи Ваҳиди Дастгардӣ, Теҳрон, 1318 ш.

Давлатшоҳи Самарқандӣ. **Тазкират-уш-шуаро.** Бо тасҳеҳи Э. Броун, Лондон, 1901.

Забеҳулло Сафо. **Ганҷи сухан,** ҷилдҳои I-II-III, Теҳрон, 1333 ш.

Ибни Сино. **Маҷмӯаи ашъор.** Сталинобод, 1953.

Имомии Ҳиравӣ. **Девони ашъор.** Дастхати рақами 506. ганҷинаи дастнависҳои шарқии АФ Тоҷикистон.

**Лабибӣ ва ашъори ӯ.** Гирдоваранда **Муҳаммад** Дабири Саёқӣ, Теҳрон, 1332 ш.

Манучеҳрии Домуғонӣ. **Девон.** Дастхати рақами 869 ганҷинаи дастнависҳои шарқии АФ Тоҷикистон.

Манучеҳрии Домуғонӣ. **Девони ашъор.** Бо тасҳеҳ ва таҳшияи Муҳаммадҳусайни Наҳовандӣ, Теҳрон, 1339 ш.

Масъуди Саъди Салмон. **Куллиёт.** Дастхатҳои рақамҳои 60, 108 ганҷинаи дастнависҳои шарқии АФ Тоҷикистон.

Маҳдӣ Ҳамидӣ. **Биҳишти сухан,** ҷилдҳои I-II, Теҳрон, 1338 ш.

Муҳаммад Авфии Бухороӣ. **Лубоб-ул-албоб,** ҷилди I, Лондон-Лейден, 1906, ҷилди II, Лондон-Лейден, 1908.

**Намунаҳои адабиёти тоҷик.** Сталинобод, 1940 (бо ҳуруфи лотинӣ).

Низомии Ганҷавӣ. **Хамса.** Дастнависи рақами 793 китобхонаи республикавии давлатии РСС Тоҷикистон ба номи Абулқосими Фирдавсӣ.

Низомии Ганҷавӣ. **Махзан-ул-асрор.** Бо тасҳеҳ ва эҳтимоми Ваҳиди Дастгардӣ, Теҳрон, 1337 ш.

Низомии Ганҷавӣ. **Хусрав ва Ширин.** Тартибдиҳандаи матни илмӣ-интиқодӣ Л. А. Хетагуров, Боку, 1960.

Низомии Ганҷавӣ. **Хусрав ва Ширин.** Бо тасҳеҳи Ваҳиди Дастгардӣ, Теҳрон, 1338.

Низомии Ганҷавӣ. **Лайлӣ ва Маҷнун.** Ба чоп тайёркунанда А. Деҳотӣ, Сталинобод, 1948.

Низомии Ганҷавӣ. **Ҳафт пайкар.** Бо тасҳеҳи Ян Рипка ва Риттер, Истанбул, 1935.

Низомии Ганҷавӣ. **Ҳафт пайкар.** Ба чоп тайёркунанда С. Айнӣ ва А. Деҳотӣ, Сталинобод, 1944.

Низомии Ганҷавӣ. **Шарафнома.** Бо тасҳеҳ ва эҳтимоми Ваҳиди Дастгардӣ, Теҳрон, 1337 ш.

Низомии Ганҷавӣ. **Иқболнома.** Бо тасҳеҳ ва эҳтимоми Ваҳиди Дастгардӣ, Теҳрон, 1337 ш.

Носири Хисрав. **Гулчине аз девони ашъор.** Ба чоп тайёркунанда Қ. Айнӣ, Сталинобод, 1957.

Ризоқулихони Ҳидоят. **Маҷмаъ-ал-фусаҳо,** ҷилди I, Теҳрон, 1295 ҳ.

Саид Нафисӣ. **Зиндагиву кор ва андешаву рӯзгори Пури Сино,** Теҳрон, 1333 ш.

Сӯзании Самарқандӣ. **Девон,** Дастхати рақами 869 ганҷинаи дастнависҳои шарқии АФ Тоҷикистон.

Сӯзании Самарқандӣ. **Девони ашъор.** Бо тасҳеҳ ва муқаддимаи Носириддин Шоҳҳусайнӣ, Теҳрон, 1338 ш.

**Умари Хайём Рубоиёт,** Теҳрон, 1337 ш.

Фаррухии Сиистонӣ. **Девони ашъор.** Бо тасҳеҳ, таҳшия ва таъликоти Алӣ Абдурасулӣ, Теҳрон, 1311 ш.

Фахриддини Гургонӣ. **Вис ва Ромин.** Ба тасҳеҳи Магалӣ Тодуа ва Александр Гваҳария; таҳти назари Қамол Айнӣ, Теҳрон, 1349 ш.

Хоқонии Шервонӣ. **Куллиёт.** Бо тасҳеҳ ва таҳшия ва таъликоти Алӣ Абдурасулӣ, Теҳрон, 1316 ҳ.

Хоқонии Шервонӣ. **Тӯҳфат-ул-Ироқайн.** Дастхати раками 1201 ганҷинаи дастнависҳои шарқии АФ Тоҷикистон.

Ҳушанг Муставфӣ. **Шуарои бузурги Эрон,** Теҳрон 1334 ш.

**Луғатҳо ва фарҳангҳои мутааддид.**

## МУНДАРИҶА

Дебоча . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 5
Рӯдакӣ . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 9
Дақиқӣ . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 20
Робеаи Балхӣ . . . . . . . . . . . . . . . . . . 27
Абулқосими Фирдавсӣ . . . . . . . . . . . . . . 29
Айюқӣ . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 78
Унсурӣ . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 88
Фаррухӣ . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 99
Лабибӣ . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 107
Абӯ Алӣ Ибни Сино . . . . . . . . . . . . . . . 109
Ғазоирии Розӣ . . . . . . . . . . . . . . . . . 113
Манучеҳрӣ . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 114
Асҷадӣ . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 121
Абӯсаид Абулхайр . . . . . . . . . . . . . . . . 123
Бобо Тоҳири Урьён . . . . . . . . . . . . . . . 126
Фахриддини Гургонӣ . . . . . . . . . . . . . . . 129
Асадии Тӯсӣ . . . . . . . . . . . . . . . . . . 135
Азрақии Ҳиравӣ . . . . . . . . . . . . . . . . . 157
Носири Хусрав . . . . . . . . . . . . . . . . . 161
Қатрони Табрезӣ . . . . . . . . . . . . . . . . 176
Абдулфараҷи Рунӣ . . . . . . . . . . . . . . . . 179
Ҳаким Эроншоҳ . . . . . . . . . . . . . . . . . 182
Масъуди Саъди Салмон . . . . . . . . . . . . . . 188
Умари Хайём . . . . . . . . . . . . . . . . . . 205
Амир Муиззӣ . . . . . . . . . . . . . . . . . . 210
Амъақи Бухороӣ . . . . . . . . . . . . . . . . . 219
Ҳаким Саноӣ . . . . . . . . . . . . . . . . . . 227
Адиб Собири Тирмизӣ . . . . . . . . . . . . . . 244
Абдулвосеи Ҷабалӣ . . . . . . . . . . . . . . . 256
Сӯзанӣ . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 264
Саид Ҳасани Ғазнавӣ . . . . . . . . . . . . . . 271
Қавомии Розӣ . . . . . . . . . . . . . . . . . . 276
Рашидуддини Ватвот . . . . . . . . . . . . . . . 279
Асириддини Ахсикатӣ . . . . . . . . . . . . . . 282
Имодӣ . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 291
Муҷириддини Байлақонӣ . . . . . . . . . . . . . 299
Фалакии Шервонӣ . . . . . . . . . . . . . . . . 302
Ҷамолиддини Исфаҳонӣ . . . . . . . . . . . . . . 306
Анварии Абевардӣ . . . . . . . . . . . . . . . . 315

Захири Форьёбӣ . . . . . . . . . . . . . . . . . 329
Хоконии Шервонӣ . . . . . . . . . . . . . . . . . 333
Низомии Ганчавӣ . . . . . . . . . . . . . . . . . 350
Луғат . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 418
Адабиёти истифодашуда . . . . . . . . . . . . . . 428

**Цветник поэзии**

**(на таджикском языке)**

**Том 1**

Муҳаррирон *Қ. Кирам, З. Аҳрорӣ*
Рассом *Г. Серебрянская*
Муҳаррири расмҳо *Т. Королева*
Муҳаррири техникӣ *И. Сунчелеева*
Мусаҳҳеҳ *Ю. Аҳмадов*

Ба матбаа 27/IV-1973 супурда шуд. Ба чопаш 28/VIII-1974 имзо шуд. Қоғази №
Формати 84X108$^1/_{32}$. Ҷузъи чопӣ 13,5. Ҷузъи нашрию ҳисобӣ 22,28. Адади на
25000. ҚЛ 04481. Супориши № 827. Нархаш бо муқован № 7 84 тин бо № 5 80 т

Душанбе, нашриёти «Ирфон» Кӯчаи Шевченко, 10.

Комбинати полиграфии Комитети давлатии назди Совети Вазирони
РСС Тоҷикистон оид ба корҳои нашриёт, полиграфия ва савдои китоб.